**АСКАР ҲАКИМ**

# АНВОИ ШЕЪРИ ҒИНОӢ

**(нимаи дувуми садаи XX)**

**Муқарризон: Умар Сафар, доктори илмҳои филологӣ, профессор**

**Шамсиддин Муҳаммадиев, номзади илмҳои филологӣ, дотсент**

**Нашриёти «Дониш»**

**Душанбе**

**Аскар Ҳаким. Анвои шеъри ғиноӣ (нимаи дувуми садаи XX)**– Душанбе: Дониш, 2019. – сах.

**© Аскар Ҳаким, 2019**

**Ба таваҷҷуҳи хонандагон!**

Дар асари тадқиқотии “Анвои шеъри ғиноӣ (нимаи дувуми садаи XX)” -и доктори илмҳои филологӣ Аскар Ҳаким яке аз муҳимтарину печидатарин масъалаҳои шеъри ғиноӣ, ки тақсимбандии анвои он мебошад, аз назари тоза ба таҳлил гирифта шудааст, ки дар навъи худ иқдоми аввалин аст. Дар он анвои шеъри ғиноии марҳалаи мазкур, ки воқеан аз ҳама пурмуҳтавотарину гуногунрангтарин ва саршори андешаҳои амиқу эҳсосоту таассуроти фарогир мебошад, аз ҷиҳати назариявӣ, таърихию адабӣ, мафкуравию муҳтавоӣ, ҳамзамон бо зебошинохтию сохторӣ ва сабку шакл тадқиқ карда шудааст. Маводи шеъри ғиноӣ аз андешаву эҳсосот, таассуроти ҷаҳони ботин, аносири олами ашё, тавсифу тасвир ва ёдмону ёдовариҳо ба ҳам меоянд, ки дар ин замина онҳо асосан ба панҷ навъ тақсимбандӣ ва ба баррасӣ гирифта шудаанд: 1. Шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ. 2. Шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ. 3. Шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ. 4. Шеъри ғиноии шахсиятӣ. 5. Шеъри ғиноии ҳикоятӣ. Ашъори ғиноии дурахшонтарин чеҳраҳои ин марҳала – Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ ва дигарон тибқи ҳамин тақсимбандӣ ба тадқиқ омада, бад-ин васила асолати шеъри ғиноӣ, мухтассоти он, фардият ва умумияти эҷодиёти ин шоирон бо таҳлили амиқу нозукбинона, бурҳоноварӣ ва назардошти ҷараёни умумии шеъри муосири тоҷик муайян карда шудааст. Маълум аст, фарохии доманаи мавзӯъ тақозо мекунад, ки дар он ашъори шоирони дигар ҳам аз ҷиҳати назарияву амалия, муҳтаво ва хусусиятҳои бадеӣ ҳамаҷониба таҳлил карда, ҷараёнҳои асосӣ ва маҷмӯи қонуниятҳои мафкуравию зебошинохтиро ҳамчун ҳодисаи гуногунҷабҳаи адабӣ ба эътибор гирифта, таърихи мукамммалтари шеъри ин марҳала ба вуҷуд оварда шавад. Кор дар ин самт давом дошта, ин тадқиқот яке аз ҷилдҳои “Аз таърихи адабиёти муосири тоҷик” маҳсуб мешавад.

**Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ**

Абдуҷаббор Раҳмонзода, академики АИ ҶТ, доктори илмҳои филологӣ, профессор

# ПАДИДАИ НОДИРИ АДАБИЁТШИНОСӢ

Дар атрофи шеъри ғиноии муосири тоҷик ва навъҳои он аз ҷониби донишмандони адабиёт ва муҳаққиқон осори зиёде таълиф шуда бошад ҳам, дар адабиётшиносии имрӯза асари алоҳидаву комиле ба мисли рисолаи устод Аскар Ҳаким «Анвои шеъри ғиноӣ (нимаи дувуми садаи XX» мавҷуд нест. Муҳаққиқи фозил талош варзидааст, ки дар заминаи таҳқиқу ҷустуҷӯҳои анҷомшуда оид ба шеъри муосири тоҷик як асари фарогири дорои ҳамаи ҷанбаҳои назариро таълиф намояд. Мавсуф қабл аз вуруд ба масъалаи аслӣ бо диди муҳаққиқона ҷанбаҳои назарӣ ва истилоҳии масъаларо дар асоси дид ва андешаи назарияпардозони пешину муосир мавриди таҳлил қарор медиҳад. Баъдан ба шинохту нақди шеър гузашта, мушкилоти дар ин самт мавҷударо ба муҳокима мегирад. Ба андешаи муҳаққиқ, адабиётшиносии муосири тоҷик дар қиёс бо адабиётшиносии ҷаҳон дар бахши назарияи шеър, шеваву тарзҳои нақду таҳлили он каме қафо мондааст. Бинобар ин пешниҳод менамояд, ки ба нақду баррасии шеър ҷиддӣ муносибат карда шавад.

Мушкили дигаре, ки зимни нақду таҳлили шеър мунаққид эҳсос мекунад, дуруст истифода карда натавонистани истилоҳоти адабӣ дар жанрҳои ғиноӣ мебошад. Дар адабиётшиносии тоҷик замони тӯлонӣ танҳо аз истилоҳи «қаҳрамони лирикӣ» истифода мекарданд, ки он ҳам бар асари тарҷума аз адабиётшиносии рус буд. Вале бо мурури замон маълум гардид, ки дар матни як шеъри ғиноӣ гоҳо чанд чеҳра зуҳур мекунад, ки шинохти шахсият ва эҳсоси андешаи онҳо осон набуда, танҳо ҳангоми ворид гардидан ба умқи шеър ва андешаи шоир имкони муайян кардани онҳо муяссар мешавад. Ҳамин ва дигар масъалаҳои назариву методологии назми муосири тоҷик пояи таҳқиқоти устод Аскар Ҳакимро ташкил медиҳад.

Дар боби нахустини рисола «Шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ» осори шоирони насли аввал, дувум ва сеюми тоҷик интихоб шуда, дар оғози фасл доир ба хусусиятҳои шеъри ғиноӣ, шеваи шаклгирӣ ва тафовути он аз дигар анвои шеърӣ ишораҳои кӯтоҳ баён гардида, пасон бо мисолҳои мушаххас ҷанбаҳои мухталифи шеъри ғиноӣ таҳлил мешавад. Муҳаққиқ барҳақ хотирнишон месозад, ки шеъри ғиноӣ ҳарчанд инъикоси андешаву эҳсосоти фардист, вале дар як чаҳорчӯба боқӣ намемонад, балки бо муҳити иҷтимоӣ якҷо пеш меравад.

Мавзӯи дигаре, ки рӯйи он таъкиди бештар шудааст, аз таъсири сиёсати замон берун баромада натавонистани адибони ин давра мебошад. Дар ин замон оҳанги иҷтимоӣ ва сиёсии шеър боло рафта, тасвири ҳиссу андеша заиф гардидааст. Ҳамин ҷиҳати масъаларо муҳаққиқ бо далелҳои равшан таҳқиқ

карда, камбудиҳои назми мосири тоҷикро пай дар пай ошкор кардааст. Ба андешаи донишманд, бар асари сиёсати давр, шеър тарзи тасвири худро тағйир дод, бештар оҳанги иҷтимоӣ ва сиёсӣ касб намуд ва ба шеъри мавзӯӣ табдил ёфт. Ин ҳолат шеърро аз заминаҳои худӣ, аз суннатҳои устувору комил дур кард ва ҷанбаи тасвирию оҳанги бадеии онро заиф гардонид.

Ба андешаи пажӯҳанда, аз нимаи дуюми солҳои панҷоҳум дар шеър таҳаввулоти сифатӣ оғоз шудааст. Дар сурудаҳои устод М. Турсунзода, Ғ.Мирзо, А.Шукӯҳӣ, баъдан дар ашъори М.Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ, Бозор Собир ва Фарзона шахсияти ғиноӣ ва ё фарди ғиноӣ бештар ба баёни ҳолату ҳиссиёти ботинии инсон рӯ оварда, дунёи отифии ӯро зери таҳқиқи бадеӣ гирифтааст. Ин ҷиҳати масъала дар мисоли ашъори шоирони фавқуззикр ба таври густарда таҳқиқ шудааст.

Аскар Ҳаким дар рисолааш бар ин назар аст, ки шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ метавонад ақлгароёна ё ҳисгароёна бошад. Дар робита ба ин мунаққид ашъори шодравон А. Шукӯҳиро, ки ҷанбаи нерӯманди ҳисгароёна дорад, дар муқоиса бо ашъори шоирони ҳамзамонаш ба таври васеъ таҳлил менамояд.

Мавзӯи шахсияти ғиноӣ дар ашъори Ғаффор Мирзо ва Муъмин Қаноат низ аз ҷониби Аскар Ҳаким амиқу ҳамаҷониба дар пояи баҳсу пажӯҳишҳои адабиётшиносони муосири точик мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Диди муҳаққиқ дар таъйину шинохти шахсияти ғиноӣ дар шеъри муосир ниҳоят фароху доманадор аст. Масалан, зимни таҳлили ҷойгоҳи шахсияти ғиноӣ дар ашъори Ғаффор Мирзо ба унсурҳои забонии шахсияти ғиноӣ ишорат намуда, мунаққиди нуктасанҷ чунин изҳор медорад: «Ин шахсияти ғиноӣ, ки худро забони адолати мардум медонад, табиист, ки бештар ба забони мардум суҳбат мекунад «дар баъзе маврид забон ва шеваи баёни ӯ ба ширинӣ ва шевоии забони мардум мерасад". Шахсияти ғиноӣ ба ақидаи донишманд дар шеъри Муъмин Қаноат, бар хилофи Ғаффор Мирзо, вижагиҳои дигар дорад. Ин шоир дар шеърҳои ғиноии хеш бештар ба ҷаҳони ашё такя карда, дунёи ботинии инсонро рангин бозтоб менамояд, ки мисолаш дар ашъори ин адиби соҳибзавқ хеле зиёд аст.

Донишманд дар шинохти назарии шеъри ғиноии отифӣ, нақши тасвир дар он, инчунин масъалаи истифодаи мафҳум ва истилоҳоти шеъри ғиноӣ бо бисёр донишмандони рус ва тоҷику эронӣ ба баҳс даромада, хулосаҳои худро нисбат ба истилоҳоти шеъри муосир васеъ ва асоснок баён кардааст. Ба пиндошти мо, вақти он расидааст, ки адабиётшиносон ва мунаққидони тоҷик дар асоси заминаҳои илмӣ тарзи корбурди истилоҳоти ғиноиро дар шеъри нав муайян намоянд ва ҷойи онро барои нақди адабӣ равшан созанд.

Ба ақидаи Аскар Ҳаким, дар баёну инъикоси андешаҳои отифии шахсияти ғиноӣ тарзи тасвир низ нақши муҳим мебозад. Зеро дар зеҳни инсон ҷаҳони ашё, олами рангини табиат дар ҳаракату робита буда, бо ин роҳ тасвирҳо зода мешаванд. Ин тасвирҳо, ки аз ҷаҳону воқеияти айнӣ гирифта мешаванд, андешаи

отифии фарди ғиноиро дилкашу ҷозиб месозанд. Дар боби дувуми рисола ҳамин ҷиҳати масъала мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ дар мисоли ашъори шоирони шинохтаи тоҷик, бахусус Муъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Фарзона ва дигарон қувват гирифтани шеъри андешаро дар назми муосири тоҷик таҳлил карда, бо мисолҳои равшан таҳаввули онро воқеъбинона таҳқиқ менамояд.

Устод Аскар Ҳаким пажӯҳиши худро ҷамъбаст карда, ба хулосае меояд, ки «дар шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ фарди ғиноӣ на фақат эҳсосот ва андешаҳои отифии худро баён медорад, балки ба олами хориҷ рӯй оварда, аз он ашё ҷузъиётеро интихоб намуда, барои ифодаи маҳсусу малмуси он эҳсososту андеша ба кор мебарад. Ин ашё ва ҷузъиёт заминаи воқеии шеърро муҳайё намуда, тарҳи олами ҳастиеро, ки дар он фарди ғиноӣ эҳсосу андешаву зиндагӣ мекунад, ба вуҷуд меорад”.  Паҳлуҳои мухталифи масъалаи мазкур дар асоси ашъори М. Турсунзода, А. Шукуҳӣ, Ғ. Мирзо, М. Қаноат, Б. Собир, Лоиқ ва Фарзона таҳлилу арзёбӣ гардидаанд.

Ба ақидаи устод Аскар Ҳаким, дар шеъри ғиноӣ инчунин тавсифу тасвири унсурҳои воқеияти айнӣ мақому ҷойгоҳи хосро доро мебошад. Дар чунин ашъор ҳузури фарди шеър замоне эҳсос мешавад, ки мо ба тавсифу тасвирҳои мавҷуд дар матни шеър сару кор мегирем. Аслан масъалаи тасвир дар шеър яке аз мавзӯъҳои доманадоре мебошад, ки вобаста ба он дар адабиёти классикии тоҷикӣ маводи фаровон вуҷуд дорад. Муҳаққиқи арҷманд дар доираи тадқиқоти анҷомшуда масъалаи мазкурро баррасӣ карда, аз пажӯҳандагони шеър ишораҳои кӯтоҳ оварда, дар доираи баҳсу муҳокимаронӣ оид ба усулҳои тасвир ва диди шоирон ба он хулосаҳои зарурӣ пешниҳод намудааст.

Дар идомаи рисола, дар боби чаҳорум, сухан аз навъи дигари шеъри ғиноӣ, яъне шеъри ғиноии шахсиятӣ меравад. Ин мафҳумро, ки тарҷумаи комили истилоҳи русӣ мебошад, донишманд шаҳр дода, корбарии онро дар нақди адабии тоҷикӣ қобили қабул донистааст. Ба ақидаи муҳаққиқ шеъри ғиноии шахсиятӣ ашъорест, ки шоирон ба шахсиятҳои муайяну номдори замони худ бахшидаанд. Дар ин бахш таърихи таҳаввули шеъри ғиноии шахсиятӣ таҳлил шуда, мисолҳо аз адабиёти халқҳои гуногун, аз ҷумла осори адабии шоирони классик пешниҳод гардидаанд. Барои бозтобу баёни шеъри ғиноии шахсиятӣ мунаққид инчунин аз эҷодиёти шоирони муосир М. Турсунзода, Ғ. Мирзо, М. Қаноат, Қ. Киром, Л. Шералӣ, Б. Собир, Фарзона намунаҳо оварда, бо мисолҳои мушаххас таҳаввули ин навъи шеърро дар назми муосири тоҷик таҳлил намудааст.

Тадқиқи ҷанбаҳои шеъри ғиноии ҳикоятӣ мавзӯи боби панҷуми рисолаи мазкур аст. Дар адабиётшиносии рус ашъори мазкурро навъи алоҳидаи шеъри ғиноӣ шинохтаанд. Манзур аз чунин навъи шеър эътирофи унсурҳои ривоятӣ ё ҳикоятӣ дар шеъри ғиноӣ аст. Албатта дар ашъори ҳамосӣ вуҷуди ривоят ҳодисаи

маъмул аст. Вале сабки ҳикоятӣ дар ашъори ғиноӣ ба андозае нест, ки битавонад вижагиҳои ғиноӣ ё ҷанбаҳои ҳиссӣ-отифии онро аз байн бибарад.

Ба ақидаи муаллифи рисола «онҳо (яъне, аносири ривоӣ) дар ин навъи асарҳо инкишоф наёфта, сурати комили фардӣ пайдо намекунанд ва танҳо ҳамчун тарҳ монда, барои ибрози андешаву эҳсосоти муҳтавои асар мадад расонида, нақши ёридиҳанда доранд. Ба замми ин дар асарҳои навъи ғиноии ҳикоятӣ бо вуҷуди ҷой доштани нақлу ҳикоят, шахсиятҳои гуногун, ҳамеша мақоми андешаву эҳсосот бештар аст». Дар рисола анъанаи шеъри ғиноии ҳикоятӣ ба таври васеъ таҳқиқ шуда, ҳамзамон такъид мегардад, ки шоирон зимни эҷоди чунин навъи шеърӣ бо сабаби ёфтани қофияҳои мувофиқ бештар тарзи қофиябандии маснавиро истифода менамоянд. Ҳамзамон муаллиф доир ба тафовути шеваи баёни ривоят ё ҳикоят дар осори ҳамосӣ ва шеъри ғиноии ҳикоятӣ изҳори назар карда, дар ин навъи шеър бардошти ҷомеъи отифиву ҳиссиро муҳим мешуморад. Муҳаққиқ қувват гирифтани ин навъи шеърро ба даҳаи шастуми қарни бистум мансуб дониста, хусусиятҳои сабкиву услубӣ, бадеиву тасвирии онро то охири аср мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Дар хулосаи рисола устод Аскар Ҳаким андешаҳои назарии хешро доир ба таҳаввули шеъри муосири тоҷик дар нимаи дувуми асри ХХ баён карда, аз нигоҳи сифатӣ ташаккул ёфтани баъзе навъҳои шеърро воқеъбинона муайян намудааст. Дар баробари ин сари истилоҳоти навъҳои шеъри муосир андеша баён карда, хусусиятҳои тасвирию бадеии онро дар муқоиса бо далелҳои илмию адабӣ дуруст нишон додааст.

Рисолаи устод Аскар Ҳаким «Анвои шеъри ғиноӣ (нимаи дувуми садаи ХХ» дар ҳақиқат падидаи нодири адабиётшиносии тоҷик мебошад, ки ҳамчун як ҷузви “Таърихи адабиёти муосири тоҷик” ба хонандагони гиромӣ пешниҳод мешавад. Нақши он дар шинохти таърихи раванди зуҳуру шаклгирии шеъри муосир, гироишҳои тозаи он ниҳоят судманду пураҳаммият аст.

**МУҚАДДИМА**

Тадқиқи вижагиҳои анвои шеъри ғиноӣ аз мураккабтарин масъалаҳои адабиётшиносист, ки дар марҳилаҳои охири инкишофи шеър, бо сабаби ба ҳам даромехтани навъҳову жанрҳо, боз ҳам мушкилтар шудааст. Барои иҷрои ин кор қаблан зарур аст, ки дар бораи худ шеър чист, пайдоишаш чӣ гуна аст ва чӣ тавр ба ғиноию ҳамосӣ тақсимбандӣ гаштааст, мухтасаран маълумот дода шавад, зеро вижагиҳои ҳар навъ дар моҳияти аввалияи он нуҳуфтааст.

Оид ба зуҳури шеър назарҳои мухталиф мавҷуданд, ки онҳоро метавон тақрибан назарҳои мазҳабӣ ва моддию мантиқӣ номид. Назари аввалӣ аз худи офариниши олам сарчашма мегирад, ки дар «Китоби муқаддас» дар «Аҳди атиқ» мехонем: «Ва Худо гуфт рӯшноӣ шавад ва рӯшноӣ шуд... Ва Худо рӯшноиро рӯз номид ва торикиро шаб номид» [197,     1-5]. Аз ин ояҳои Таврот чунин хулоса бармеояд, ки шеър гуфтан бо тамоми гуногунии сабку муҳтаво, андешаю отифа, мафоҳиму мазомин дар ниҳоят эҷод ва номгузорӣ ба он аст, ки Худованд мекунад. Шоир низ айни ҳамин корро ба ҷо меорад, дар худ ҳиссиёте, таассуроте, ҳолате, андешаи отифиеро эҷод мекунад ва аз ҳамаи воситаҳои ифодаву тасвир – рамзу маҷозу истиора, ибҳому иҳом, муболиғаю иғроқ – хулоса аз ҳамаи имконоти мавҷудаи тасвир ва баёни андешаю эҳсосот истифода мебарад, то ба он эҷоди зеҳнию рӯҳияш номи муносиб ва тару тозае медиҳад ва он мешавад Шеър.

Дар «Тарҷумаи тафсири Табарӣ», ки тарҷумаву тафсири Қуръони Маҷид мебошад, дар ривояти бо дасти Қобили маъшум кушта шудани Ҳобили маъсум гуфта мешавад, ки: «... Одам аз баҳри Ҳобил сахт андӯҳгин шуда буд ва чаҳор байт шеър андар марсиаи Ҳобил бигуфт» [212, 169].

Шеър эҷоди сухан аст. Истифодаи сухан кори маъмулиест, ки ҳар инсони суханвар мекунад, аммо эҷоди сухан корест, ки танҳо бар уҳдаи шоир аст, зеро сухан бар асари халлоқияти шоир аз нав эҷод мешавад ва ҳарфе, ки дар шеър аст, на он ҳарфест, ки дар фарҳангҳост, он ҳарфест, ки бо эҳёи худ фазову муҳити тозае падид овардааст.

Қадимтарин назарияи пайдоиши моддию мантиқии шеър, ки ба мо маълум аст, ба файласуфи Юнон Арасту тааллуқ дорад, ки бештар аз 2000 сол муқаддам дар асари ӯ «Фанни шеър» баён шудааст. Ӯ асоси пайдоиши ҳунарро муҳокот ба зиндагӣ маънидод карда, навиштааст: «Шеъри ҳамосӣ ва фоҷиавӣ, ҳамчунин мазҳака ва мадҳия, қисмати бузурги авлетика ва кифаристика – кулли онон, умуман гирем, ҳунарҳои муҳокотӣ ҳастанд» [13, 40]. Дар ин тақсимбандии аввалини назарӣ, ки аз ҷониби донишманди ғарбӣ рӯи кор омадааст, ба се навъи ҳунари шеър, яъне адабиёт ишора шудааст, ки аз рӯи адабиётшиносии муосир онон адабиёти ҳамосӣ (фоҷиавӣ ҳам ба он дохил мешавад, зеро асли онҳо ягона буда, ҳар ду ҳам ба навъи услуби олӣ тааллуқ доранд. – А. Ҳ.), мазҳакию мадҳия, ғиноӣ – лирикӣ ном гирифтаанд. Авлетика, ной ва кифара асбоби мусиқист, ки бо замзамаи онон ашъори ғиноӣ хонда мешуд ва он минбаъд дар замони эллинии инкишофи адабиёти Юнони бостон (дар асрҳои III ва нимаи аввали II то солшумории милодӣ) лирика номида шуд.

Арасту ҳарчанд дар «Фанни шеър» аз ҷинси лирикии адабиёт махсус бо ин ном сухан намеронад, аммо дар тақсимбандие, ки аз рӯи тарзи муҳокот ба зиндагӣ мекунад, хусусиятҳоеро зикр менамояд, ки ба адабиёти лирикӣ тааллуқ мегиранд. Ӯ менависад: «Муҳокот ба як чиз ва маҳз ба як чиз ҳангоме имкон дорад, ки дар бораи ҳодисае, ҳамчун чизе аз худ ҷудо, ҳамчунонки Ҳумер мекунад, ҳикоя карда шавад ва ё ба тарзе ки муқаллид ҳамчунонки ҳаст, чеҳраи худро тағйир надода, бо худии худ мемонад ва ё ҳамаи ашхоси тасвиршавандаро ҳамчун афроди омил ва фаъол мунъакис менамояд» [13, 45]. Дар хусусияти дувуме, ки муайян шудааст, яъне тақлидгар ҳамчунонки ҳаст, чеҳраи худро тағйир надода бо худии худ мемонад, асосан сифати адабиёти лирикӣ баён гаштааст, ки зиндагиро бо андешаи ҳиссиётманд ва таассуроти ҳаяҷонангез, ки аз он бармедорад, ба тасвир мекашад. Ҳамчунонки адабиётшинос Г. Н. Поспелов дар таҳқиқоти хеш зери унвони «Лирика» дар боби «Гегел дар бораи фарқиятҳои эпос ва лирика» [157, 23-30] баён намудааст, ин таърифи Арасту аз шеъре, ки баъдан номи лирикиро гирифтааст, имрӯз ба назар хеле умумист, вале воқеияти адабии он замонро ифода кардааст.

Назарияи аз муҳокоти ҳастӣ оғоз гирифтани ҳунар дар илми шеъри шарқ, масалан дар рисолаҳои Форобӣ [245], Ибни Сино[64], Насираддини Тӯсӣ [241] ва дигарон низ акси возеҳи худро андохтааст, ки натиҷаи тарҷума, тафсир ва таъсири «Фанни шеър»-и Арасту мебошад. Дар таълифоти ин муҳаққиқон, ки бештар донишмандони мантиқӣ буданд, ба моҳияти шеър назари мантиқӣ ҷой дошта, дар баробари таъкиди лавозимоти шаклии он – вазну қофия ва саноеи лафзию маънавӣ – дар бораи хусусияти муҳтаво низ изҳори ақида карда шудааст, ки бисёр куллӣ ба назар мерасад.

Абӯ Алӣ ибни Сино дар «Фанни шеър» чунин менависад: «Шеър сухане аст хаёлангез, ки аз суханоне мавзуну баробар сохта шуда ва назди арабҳо дорои қофия ҳам бошад… ва мухайялу шӯрангез сухане аст, ки нафс ба он мутеъ шавад ва бе ҳеҷ гуна тааммулу андеша ва ихтиёр аз умуре шоду хурсанд шавад ё аз умури дигар гирифта ва андӯҳгин гардад. Хулоса, инфиол ва таъсири нафсонӣ ва на аз рӯйи фикр дар ӯ ҳосил шавад, хоҳ онро бовар кунад ё накунад» [64, 72-73]. Ва дар идома ӯ «шеър сухане аст хаёлангез»-ро чунон шарҳ медиҳад, ки он хусусияти тасвирии адабиётро ҳам дар бар мегирад. Ба замми ин, ӯ боз дар бораи меъёри таносуби ҳақиқати бадеӣ бо ҳақиқати воқеӣ, яъне дар бораи ду тарзи тасвир, ки яке «намоиши дурӯғи чизе ва ҳикоят аз он чӣ хеле ки ҳаст…бо ин ки ба дурӯғ вонамуд шудааст» ва дигаре «тавсифи он дар шакле, ки воқеан ҳаст» [64, 73] сухан ронда, ҷанбаи намоишӣ ва муҳокотии шеърро, ки бо вуҷуди аз ҳодисаву воқеоти олами моддӣ ибтидо гирифтан нусхаи холиси он набуда, хаёлоти бадеии муаллифро низ бо худ дорад, таъкид менамояд, ки ин нукта ҳаммаънои андешаҳои Арасту дар «Фанни шеър» аст.

Донишмандони фанни шеър, ки дар масъалаҳои хусусияти он андеша рондаанд, бештар ҷиҳатҳои шаклии онро мавриди таҳқиқ қарор додаанд, вале мантиқиён оид ба яке аз сифатҳои аслии муҳтаво, ки тахайюлист, низ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, ки тасдиқи ин фикр дар «Асос-ал-иқтибос»-и Хоҷа Насираддини Тӯсӣ пайдо мешавад: «Моддаи шеър сухан аст ва сураташ ба наздики мутааххирон вазн ва қофия ва ба наздики мантиқиён – тахайюл» [241, 259].

Он равияи тадқиқи шеър, ки аз ҷониби донишмандони улуми адабӣ ба кор гирифта шуда буд, асосан ба баррасии саноеи бадеӣ, анвои шеърӣ ва забони он машғул мешуд. Он низ арзиши баланди таҳқиқотӣ дошт, зеро ба махсустарин ҷиҳатҳои шеър ҳамчун санъати нафиса дахл карда, зебоиҳои хосаи онро нишон медод. Барои дарёфти ин зебоӣ завқи салими бадеӣ зарур буд, ки маҳсули ин кор дар навбати худ ба тарбияи завқи зебошиносӣ мадад мекард.

Дар улуми адабӣ таълифот ва рисолаҳои Муҳаммад ибни Умар-ар-Родуёнӣ («Тарҷумон-ул-балоға») [175], Рашидаддини Ватвот («Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър») [39], Аҳмад бинни Умар ибни Алӣ Низомии Арӯзии Самарқандӣ («Чаҳор мақола») [83], Шамсиддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ («Ал-мӯъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам») [176], Амир Бурҳониддин Атоуллоҳ ибни Маҳмуди Ҳусайнӣ («Бадоеъ-ус-саноеъ») [309] ва дигарон, ки дар ҳамин равия эҷод шудаанд, сифати суханшиносиву зебошиносӣ доранд. Аксари тазкираҳои замонҳои пешин ҳам ба замми дар бораи шуаро маълумоти гуногун доданашон аз ҳамин гуна сифатҳои таҳқиқоти суханшинсонаи шеър бархурдоранд, ки тазкираҳои «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ [7], «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ [183] аз ҷумлаи беҳтаринҳои онҳоянд. Дар ҳамин асос Абдунабӣ Сатторзода, ки дар ин бора зери унвони «Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷик» тадқиқоти махсус анҷом додааст, комилан дуруст қайд мекунад, ки «мавзӯи баҳси аксарияти улуми адабӣ забон ва муаммоҳои гуногуни он буда, ба адабиёт аз назари ҷиҳатҳои забонии он муносибат доранд ва поэтикаи форсӣ - тоҷикӣ ба мисли поэтикаи арабӣ, ҳиндӣ ва дигар халқҳои Шарқ дар аввал асли лингвистиро ба худ асос намуда будааст» [185, 33].

Дар таҳқиқоти арзишманди Худоӣ Шарифов, ки дар асоси омӯхтан ва баррасии сарчашма ва таълифоти бисёри илмии қудамо оид ба насри форсӣ-тоҷикӣ эҷод шудааст, ҳангоми баҳс аз кутуби шеършиносӣ чунин нукта қайд мешавад, ки «… масоили санъати бадеӣ аз таҳқиқу шинохти қонуниятҳои шеърӣ ба махсусияти сабкии шеър, ба васоити муқаррар кардани сохтмони шеър табдил ёфтанд» [337, 225], ки ин ҳам аз ҷониби дигар дар асоси лингвистӣ қарор гирифтани фанни шеъри форсӣ-тоҷикиро таъкид менамояд.

Адабиётшиносони муосир сабаби ин равияро дар таълифоти пешиниён ба таври гуногун шарҳ додаанд. Аз ҷумла И. С. Брагинский менависад, ки «анъанаи ин гуна муносибат ба калом ибтидои худро аз замонҳои хеле қадим, аз эътиқоди қадимиён ба қудрати эҷодкоронаи калом (дар Авесто: «Мантра апента» каломи таъсирбахш, каломи муқаддас) мегирад» [161, 8; 17, 39]. Худоӣ Шарифов ҳам дар таҳқиқоти зикршуда ба чунин хулоса мерасад, ки дар гузашта, ҳатто дар асри X мелодӣ «…эҷоди китоб на ҳамчун ҷараёни кори эҷодӣ, маънавию фикрӣ ва сирф ҳунарӣ, балки чун ваҳйи осмонӣ тасаввур мешавад» [337, 21]. Ин гуна ақида дар бораи ҷанбаи илоҳӣ доштани қудрати эҷоди бадеӣ дар асрҳои баъдӣ ҳам давом дошт. Муҳаққиқи адабиёти классикӣ Ш. Ҳусейнзода дар мақолаи «Шеър ва шоирӣ аз назари Ҷомӣ» зимни баррасии ин масъала чунин хулоса мегирад: «Аз нуқтаи назари ӯ каломи бадеӣ, истеъдод ва қобилияти шоирӣ аз неъматҳои қудрати илоҳӣ мебошанд» [314, 296]. Аллома Абдулҳусайни Зарринкӯб, ки дар бораи таърихи такомули нақди адабӣ тадқиқоти арзишманде ба анҷом расонидааст, низ дар ин бора ақидаи ба ҳамин монандеро баён ва дар назди баъзе милал амри илҳомӣ ва қудсӣ доштани шеърро қайд карда, сабаби нақди маънию мазмун нашудани онро дар ҳамин мебинад ва нақди онҳоро асосан луғавию наҳвӣ ҳисобида, оғози нақди мазмуну маъниро чунин шарҳ медиҳад: «Аз вақте ки маънӣ ва мазмуни шеър ҷанбаи қудсӣ ва илҳомии худро аз даст дод, нақди мазмун ва маънӣ низ ривоҷ ёфт ва дар қатори нақди луғавӣ қарор гирифт» [61, 49].

Вале илми адабии форсӣ-тоҷикӣ то расидан ба ривоҷи нақди мазмуну муҳтаво дар инҳисори таҳқиқи асосан шаклӣ боқӣ монда, доманаи тадқиқи масъалаҳои бунёдии шеърро густариш дода натавонист. Ҳол он ки решаи асосии ба ин ё он навъ ва жанри адабӣ тааллуқ гирифтани асарро хусусияти муҳтаво, тарзи тафаккур ва эҳсосот, таносуби олами шахсӣ ва шайъӣ, тариқи тасвир ва баёни таассурот таъйин менамояд. Ин камбуд аз ҷониби муҳаққиқони имрӯзини улуми адабии пешин қайд карда шудааст, аз ҷумла дар асари мазкури Абдунабӣ Сатторзода: «Диққати онҳоро (донишмандони улуми адабии қуруни X-XV – А. Ҳ.) асосан хусусиятҳои шаклии асарҳои бадеӣ ба худ ҷалб намудааст… Ин гуна муносибати яктарафа ба асарҳои бадеӣ боиси маҳдудияти назариёти адабии онҳо

гардидааст» [185, 33]. Худой Шарифов ҳам баъди таҳқиқи маводи фаровони илмии гузашта ба натиҷае мерасад, ки «…тасаввури хеле умумии хаёл далолат ба хаёли муҷаррад дошта, бо ин сабаб барои ӯ (манзур Амир Хусрави Деҳлавӣ – А. Ҳ.) ва дигар муаллифони замонаш масъалаи мазмун ҳамчун хосияти адабиёт дар мавқеи сонӣ ҷойгир мешавад» [337, 130].

Ин ҷо матраҳ шудани суоле, ки чаро ин ҳолат бо улуми адабии пешини форсӣ-тоҷикӣ рух додаст, комилан табиист ва ба он дар таълифоти мазкур ва суханҳои иқтибосшудаи Абдулҳусайни Зарринкӯб [61], И. Брагинский [33], Худой Шарифов [337], Ш. Ҳусейнзода [314], Абдунабӣ Сатторзода [186] камобеш ҷавоб ҷой дорад. Ду муҳаққиқи аввал сабаби онро дар тасаввури пешиниён ҷанбаи қудсӣ доштани калом дар шеър ва аз ин рӯ, фаротар аз наққодӣ будани он дониста, муҳаққиқи охир сабаби бештар ба таҳқиқи шаклӣ машғул шудани онҳоро кӯшиши бунёд гузоштани «низоми нави афкори адабӣ ва эстетикии форсии тоҷикӣ» маънидод мекунад, ки ҳамаи ин гуфтаҳо ҳақиқат доранд ва яқин аст, ки таҳқиқоти оянда боз ҷиҳатҳои дигари онро муайян хоҳанд намуд. Вале ҳоло яке аз сабабҳои асосии онро аз қавли Ибни Сино дар «Фанни шеър» мешавад дарёфт, ки дар фарқияти шеъри юнонӣ бо арабӣ, яъне ба фаҳмиши имрӯзии мо дар фарқияти шеъри ғарбӣ аз шарқӣ мегӯяд: «…онҳо (яъне юнониён ва арабҳо – А. Ҳ.) ба ду манзур шеър месуруданд: Яке он ки нафсро аз чизе мутаассир созанд ва онро барои феъле ва инфиоле омода кунанд. Дувум, барои тааҷҷуб ва шигифтии танҳо, ки ҳар чизеро ташбеҳ мекарданд, то бар асари ҳамон ташбеҳ дар шигифт шаванд. Вале юнониён мехостанд бо гуфтор мардумро ба сӯйи кирдоре барангезанд ва ё аз он боздоранд» [64, 83].

Гумони ғолиб меравад, ки яке аз хусусияти фарққунандаи адабиёти бадеии шарқ, аз ҷумла шеъри форсӣ-тоҷикӣ ва ҳамчунин улуми адабии он аз адабиёти ғарб ва илми он дар ҳамин нуктаи борикбинона қайд кардаи Ибни Синост, ки арабҳо шеърро «барои тааҷҷуб ва шигифтии танҳо» месуруданд, юнониён «мехостанд бо гуфтор мардумро ба сӯйи кирдоре барангезанд ва ё аз он боздоранд». Решаи масъала ин ҷост, адабиёти шарқ, яъне арабӣ, ки форсӣ-тоҷикӣ дар роҳи камолот аз он таъсири муайяне бардоштааст, аз аввал рӯй ба манзури

«ҳунар барои ҳунар» ва адабиёти Юнон, ки ба ташаккул ва ривоҷи аксари адабиёти халқҳои ғарб таъсири чашмрас гузоштааст, ба манзури «ҳунар барои иҷтимоъ» рӯй оварда будааст. Ҳарчанд чунин ба назар мерасад, ки Абӯ Алӣ ибни Сино дар ин мавзӯъ ба шеваи хоси худ сахт қотеъона ҳукм мекунад, зеро мо дар намунаҳои барҷастаи адабиёти шарқ, масалан, дар осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Носири Хусрав ва беҳтарини онҳое, ки дар қуруни баъдӣ эҷод кардаанд, майли «ҳунар барои иҷтимоъ»-ро низ пайдо мекунем, аммо агар дар маҷмӯъ бигирем, бешубҳа, ҳақ ба ҷониби Ибни Синост, ки бештарини онҳо «барои тааҷҷуб ва шигифтии танҳо»-ст. Ва адабиёт чӣ гуна, илми он ҳам ҳамон гуна аст ва ин яке аз иллатҳои асосист, ки улуми адабии форсӣ-тоҷикӣ ғолибан ба таҳқиқи шаклӣ, саноеи бадеӣ пардохта, ба тадқиқи муҳтаво ва маводи он камтар мароқ зоҳир намудааст.

Вале дар назар бояд дошт, ки дар таълифоти оид ба шеъру шоирӣ ва адабиёти қадим ҳам баъзе таъкидотро, ки ба пайванди шеъру адаб бо ҷомеа ишорат мекунанд, пайдо кардан мумкин аст. Худоӣ Шарифов ҳангоми таҳқиқи «Муқаддима»-и «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ баъд аз таъкиди ӯ, ки дониши қудамо «Шоҳнома» ном дорад ва он «ҳам ба гӯшу ҳам ба кӯшиш хуш ояд», ба натиҷае мерасад, ки «… муаллифи «Муқаддима» ба фаҳми моҳияти дарки адабии воқеият ва маънии иҷтимоии он хеле наздик аст» [337, 123].

Аз ҳамин қабил Амир Унсурмаолии Кайковус ҳам дар «Қобуснома»-и худ дар боби «Андар расми шоирӣ ва ойини он» менависад, ки «…шеър аз баҳри мардумон гӯянд, на аз баҳри хеш» [70, 209], вале дар ин нукта ҳам муаллиф бештар ҷиҳати шаклӣ, возеҳӣ ва дорои саноеи дилчасп будани шеърро дар назар дорад, то «мардумро хуш ояд». Ва дар ҷое ки дар бораи мадҳу мамдуҳ андеша меронад, гӯшзад менамояд, ки ба қадри ҳоли мамдуҳ, яъне наздик ба воқеияти ҳоли ӯ сухан бояд гуфт. Ин роҳнамоӣ дар муайян кардани назари донишманди қадим оид ба таносуби хаёлоти бадеӣ ва воқеият дар асари бадеӣ, ки яке аз масъалаҳои бунёдии адабиёт – чигунагии муҳтаворо дар назар дорад, хеле арзишманд аст.

Таносуби воқеияти тасвиршаванда ва хаёлоти бадеӣ бо он ки заминаи реалии шеърро барқарор карда, чигунагии муҳтаворо таъмин менамояд, низ баъзан мавриди назари адибони пешина қарор гирифтааст. Масалан, Ш. Ҳусейнзода дар мақолаи зикршуда дар бораи мавқеи Ҷомӣ оид ба мазмунҳои аз фаҳму идрок дури баъзе шоирони шаклпараст изҳори ақида намуда, ин воқеаи ибратбахшро меорад: «Боре Амиршайхам Суҳайлӣ, ки аз умарои султон Ҳусайн буда, завқи шеър дошт, дар як маҷлисе, ки Ҷомӣ низ ҳузур дошт, байти зеринро хонд:

Шаби ғам гирдбодаш оҳам аз ҷо бурд гардунро,
Фурӯ хӯрд аждаҳои сели ашкам рубъи маскунро.

Ин байти ваҳмангез боиси эътирози сахти Ҷомӣ гардида ва Ҷомӣ пурсида будааст, ки «Шумо шеър мегӯед, ё мардумро метарсонед?!» [314, 296].

Вале ин гуна равияи моҳиятҷӯй, ки таҳлили муҳтаворо дар мадди аввал гузошта бошад, дар улуми адабии пешин ба андозаи зарурӣ доман нагустардааст ва ин ба замми он сабабҳое, ки дар боло зикрашон рафт, сабаби айнии дигаре ҳам дошт, ки дар он даврон ба қадри кофӣ фароҳам набудани замина барои рушди муносибатҳои ҳамаҷонибаи фард бо ҷомеа буд. Назари фарох ва воқеъбинона ба адабиёт, ки хусусиятҳои муҳтаво ва ҳунари онро баробар ба таҳлил гирад, дараҷаи муайяни инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва илми ҷомеашиносиро талаб дошт, ки бо сабаби ба андозаи зарурӣ тараққӣ надоштани онҳо улуми адабии қарнҳои миёнаи форсӣ-тоҷикӣ ҳам ғолибан хусусияти шаклӣ гирифта, бар моҳияти муҳтаво камтар аҳамият додааст.

Хулласи калом, дар илми эҷоди бадеъ ду назарияи куллӣ мавҷуд аст, ки яке зуҳури онро ба сарчашмаи илоҳию мазҳабӣ ва дигаре моддию мантиқӣ мансуб медонад ва ин се намуди калом – ҳамосӣ, ғиноӣ ва драмавӣ мебошад, ки ба таъбири адабиётшиносии имрӯзаи тоҷикӣ – се ҷинси адабӣ ном дорад, вале онҳо дар ин тадқиқот се навъи адабӣ номида хоҳанд шуд, ки дар адабиётшиносии кишварҳои ҳамзабонамон Эрону Афғонистон низ ин истилоҳ истифода мешавад.

Сифатҳои ҳамосӣ, ғиноӣ ва драмавӣ хусусияти муҳтаворо ифода мекунанд, зеро онҳо аз назари шакл метавонанд насрӣ ва назмӣ бошанд. Ҳоло мавриди таҳқиқи мо яке аз ин навъҳои адабӣ лирика мебошад, ки дар чигунагии он иҳотаи мабдаи шахсӣ, андешаву эҳсосоти отифӣ, тавсифу тасвир ва аносири олами шайъӣ аҳамияти аз ҳама бештаре дорад. Ин навъи шеър дар адабиётшиносии муосири тоҷик бештар ба номи ашъори лирикӣ ё ғиноӣ зикр мешавад.

Ҳамчунонки маълум аст, решаи калимаи лирика аз номи асбоби тории мизробӣ – лира мебошад, ки дар зери навои он юнониёни бостон суруд мехонданд. Баъдтар дар замони эллинии инкишофи ҳунар он дар забони юнониён шакли «люрикэ» гирифта, навъи шеърро, ки ғайриҳамосӣ бошад, ифода мекард. Бо вуҷуди он ки ин унвони шеър аз номи асбоби мусиқист ва пайванди онро бо мусиқӣ таъкид мекунад, аммо ташаккули он асосан ба муҳтавою мундариҷааш вобаста аст, зеро он яке аз анвои ҳунарест, ки ашёяш на зарби оҳангнок, балки сухан аст, ки расонандаи маъност.

Вале бо вуҷуди ин, бояд дар назар дошт, аксари муҳаққиқоне, ки оид ба шеъри ғиноӣ тадқиқот анҷом додаанд, аз пайванди аслии он бо мусиқӣ сухан гуфтаанд. Онҳо ин пайвандро на танҳо дар мавзунии дилнишин доштани шеъри ғиноӣ, ки решапайвандии онро бо зарби оҳангноки мусиқӣ тасбит менамояд, балки шакли мавзуни онро ифодаи зоҳирии махсусияти муҳтавои ғиноии он, ба қавли Н. Берковский «асбоби шеъри ғиноӣ» [160, 10] донистаанд. Аз ин бармеояд, ки ифодаи ягонагии мусиқӣ ва шеъри ғиноӣ, ки дувумӣ ҳунари каломист, на фақат дар шакли зоҳирии онҳо, яъне оҳангнокӣ, балки дар ботин – дар муҳтавои ғиноии онҳо низ нуҳуфтааст, ки шеъри ғиноӣ онро тавассути вожагон намоён месозад. Ҳамин вижагӣ сабаби нафосат, дилчаспӣ ва хушоҳангии ин навъи эҷоди бадеӣ шудааст.

Ин қазия дар таърихи шеъри беш аз ҳазорсолаи форсӣ-тоҷикӣ низ тасдиқ мешавад. Қадимтарин ва серистеъмолтарин навъҳо чун дубайтӣ, рубоӣ ва ғазал бо савту оҳанг ва мусиқӣ пайванди аз ҳама бештаре дошта, аз маҳбубтарин анвои шеъранд. Ин анвоъ, аз ҷумла дубайтӣ ва рубоӣ, дар эҷодиёти шифоҳии мардум ба мақоми аввалдараҷа доро бошанд, масалан, ба шеваҳои гуногун ва хоса «фалак»

хонда шаванд, ғазал асоси маводи шеърии силсилаи «Шашмақом»-и оламшумул, мусиқии касбиро ташкил додааст. Онҳо дар баробари суруд буданашон намунаҳои олии эҷоди бадеиянд.

Навъи асоситарин ва зеботарин будани шеъри ғиноӣ қариб дар адабиёти ҳамаи халқҳо ба назар мерасад. В. Г. Белинский дар ин маврид менависад, ки: «Лирика ҳаёт ва рӯҳи ҳама гуна шеър аст: лирика афзали шеър аст, шеъри шеър аст» [24, 14]. Ин навъи шеър маҳз барои ифода намудани муҳтавои ғиноӣ ба вуҷуд омада, то имрӯз барои он муносибтарин боқӣ мондааст.

Муҳтавою мундариҷа ва маъное, ки шеъри ғиноӣ (лирикӣ) мерасонад, чӣ гуна аст ва тариқи ифодаи он аз шеъри ҳамосӣ (эпикӣ) бо чӣ хусусияте фарқ мекунад? Дар ин ҷо, аввал, махсус ба чигунагии муҳтаво, мундариҷаю маъно ва, сониян, ба услуби ифода ҷалби таваҷҷуҳ карда мешавад, зеро роҳи дурусти расидан ба мақсад – таҳқиқи махсусияти на танҳо навъи ғиноии ашъор, балки тамоми анвои эҷоди бадеист. Муҳтаво муайян мекунад, ки он дар чӣ навъ – эпос, лирика, драма, дар чӣ шакл – ҳамосӣ, лирикӣ, драмавӣ ва дар чӣ жанр – маснавӣ, ғазал, қасида, шеъри нав ва ғайра рехта шавад. Дар ин ҷо дар байни эпос, лирика, драма, ки анвои адабӣ ҳастанд, яъне исманд ва ҳамосӣ (эпикӣ), лирикӣ ва драмавӣ, ки хусусияти анвои адабиянд, яъне сифатанд, махсус фарқ гузошта шудааст, зеро онон метавонанд яке ба дигаре нисбат дошта бошанд. Масалан, эпос метавонад ҷо-ҷо сифати лирикӣ ва лирика сифати эпикӣ дошта бошад, вале асоси муҳтаво бар кадом навъ, ки бошад, мансубияти навъии он низ аз ҳамон назар таъйин мешавад.

Хусусияте, ки ашъори ғиноиро аз ҳамосӣ фарқ мекунонад, қабл аз ҳама дар муҳтавост. Аммо муҳтавои гуногунро, ки дар як асар метавонад ба ҳам даромехта бошад, чӣ гуна ташхис бояд дод, ки ғиноист ё ҳамосӣ?

Ташхиси чигунагии муҳтаво дар таълимоти Гегел чунин омадааст, ки муҳтавои ҳамосӣ олами айнӣ (объективӣ) ва муҳтавои ғиноӣ олами зеҳнӣ (субъективӣ)-ро ифода мекунад. Ӯ менависад: «Муҳтавои он (лирика – А. Ҳ.) - тамоми олами шахсӣ, ҷаҳони ботинӣ, қалби андешаманд ва ҳассосест, ки ба амал нагузашта, худро дар сифати ҳаёти ботинӣ дар худ нигоҳ медорад ва аз ин рӯ,

худифшоии баёнии шахсиро ба сифати шакли ягона ва мақсади ниҳоии худ мепазирад» [47, 420]. Аз ин бармеояд, ки муҳтавои ашъори ғиноӣ ҷаҳони ботинӣ ва қалби андешаманду ҳассосе мебошад, ки худифшоиро ба ҷои амал мепазирад. Дар ҷои дигар Гегел изофа мекунад, ки ба ин қалби андешаманди ҳассос худро дар «ҳастии воқеии худ» ҳам намудор кардан мухолиф нест: «Умуман бигӯем, дар ҳолате, ки шоир (шоири лирикӣ – А. Ҳ.) худро тасвир мекунад, шарт нест, ки фақат бо ҷаҳони ботинӣ маҳдуд бишавад – ҳангоме ки шоир худро дар ҳастии шахсӣ ва воқеии худ нишон медиҳад, чун томияти зоҳирӣ ва дақиқ зуҳур карда метавонад» [47, 501]. Аз ин ва дигар навиштаҳои Гегел бармеояд, ки ӯ ҳарчанд барои барҷастатар нишон додани махсусияти шеъри ғиноӣ ва ҳамосӣ ҷиҳатҳои мутафовити онҳоро аз ҳад беш бо ҳам муқобил мегузорад, аммо дар шеъри ғиноӣ ҳам тасвири олами айнӣ ва шайъиро тамоман рад намекунад. Назарияи муназзаму фалсафии Гегел, ки бар қонуни диалектикии ҳастӣ асос ёфтааст, дар таълимоти эстетикии ӯ низ пайдост. Ӯ, ки назарияи худро дар бораи шеъри ҳамосию ғиноӣ дар муқобилгузории ду мафҳуми асосии фалсафӣ – айният ва зеҳният месозад, ҳангоми аз ҷониби субъект дарёфти ҷаҳони объективӣ нақши ҷаҳони объективиро дар субъект ба эътибор мегирад. Гегел нисбат ба Арасту бисёртар маводи бадеиро дар даст дошт ва табиист, ки таълимоти ӯ дар бораи анвои адабӣ, дар айни ҳол эпос ва лирика, хеле мукаммал ва дақиқ ба назар мерасад.

Бо вуҷуди ин, ҳангоме ки Гегел назарияи ҳунари нафисаи худро меофарид, дар даҳсолаҳои аввали асри XIX, таҷрибаи бадеӣ нисбат ба замони Арасту ғанӣ, фарқияти анвои адабӣ низ хеле назаррас гашта, эпос ва лирика ҳам махсусиятҳои бештаре пайдо карда буданд, ки аз назари муҳаққиқ набояд барканор мемонданд. Аммо Гегел ба таҷрибаи классикии ҳунари Юнони қадим бештар такя карда, аз таҷрибаи асри миёна, замони эҳё, классисизм, равшангароӣ камтар истифода кардааст. Ин корро муҳаққиқони баъдина ба ҷо оварданд. В. Г. Белинский дар мақолаи машҳураш дар бораи таснифи адабиёт ба анвою шаклҳои адабӣ таҷрибаи бештари адабиро ба тааммуқ гирифта, назарияи Гегелро инкишоф медиҳад ва менависад, ки муҳтавои ашъори ғиноиро «худи субъект ва ҳамаи он

чизе, ки аз ӯ мегузарад, ташкил медиҳад» [21, 45]. Дар ин ҷо ба объект – ба ҳамаи он чизе, ки аз субъект мегузарад, низ аҳамияти зарурӣ дода шудааст.

Минбаъд дар таҳқиқи шеъри ғиноӣ ҳалли масъалаи субъект зарур мешуд, зеро дар адабиёти ғарбӣ ва русӣ махсусан, аз солҳои 20-30-уми асри XIX равияи хаёлпардозона (романтикӣ) қавитар гашта, дар он мавқеи инсони замон аҳамияти бузург пайдо мекард. Ғояи шахс ва паҳлуҳои ҳаёти шахсият аз табу тоби инқилобӣ то фурӯ рафтан ба умқи ҳаёти худ, ки роҳи ягонаи такомули маънавӣ дониста мешуд, дар таълимоти маънавию ахлоқӣ, илмию фалсафӣ, иҷтимоию фарҳангӣ доман мегустурд. Амиқ сар фурӯ бурдан ба таҳқиқи ин масъала дар маҷоли ин кор нест, аммо ба таври иҷмолӣ қайд бояд кард, ки ҳарчанд равияи хаёлпардозона (романтизм) дар адабиёти халқҳои гуногун шаклҳои мухталиф ва фарқиятҳои чашмгире дошт, дар масъалаи асосӣ – ғояи шахсият ба ҳамдигар монанд буд. Ин шахсият, ки оламро асосан аз рӯи қонунияти метафизикӣ дарк карда, ҳодисаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқиву маънавиро новобаста аз робитаи байниҳамдигарӣ ва муборизаи доимии баҳамзидҳо мулоҳиза мекард, ба худ арзишҳои фавқушшахсият, арзишҳое, ки аз рӯҳи мутлақ мерасанд, қоил буд. Аз ин рӯ, дар ин адабиёт ҳатто тимсоли одамони муқаррарӣ дар уфуқҳои бузурги оламгир ба қалам меомад, пас чӣ ҷои сухан буд аз шахси шоир, ки нигаҳдорандаи ҷовидонатарин арзишҳои башарӣ шинохта мешуд. Бинобар, шеъри ғиноӣ ҳомили муҳимтарин ғоя, ғояи шахсият мешуд, ки дар сурати шахси шоир ба зуҳур меомад ва илми адабӣ ҳам ба таҳқиқаш кӯшида, онро бо номҳое аз қабили «субъекти лирикӣ», «ман»-и шоир, «персонажи лирикӣ», «муаллиф» муаррифӣ мекард. Ин дар адабиёти ғарб буд, аммо дар шарқ ва аз ҷумла, дар адабиёти тоҷик, таҳқиқ асосан аз рӯи саноеи лафзию маънавӣ ва меъёрҳои шаклию жанрӣ ба ҷо оварда мешуд, ки барои ба даст овардани ҷамъбастҳои фарохи тадқиқӣ камтар имкон медод.

Олами инсон, шахсияти шоир дар адабиёти тоҷик, ки таҷрибаи чандинасраи классикии ифодаи онро дошт, вобаста ба рӯҳияи ӯ гоҳе бо рангу равғани хаёлпардозона ва гоҳе бо ҳолу ҳавои вуқӯъгароёна ба тасвир меомад, бо авзои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа вобаста буд. Ин ҷараён дар адабиёти

классикии тоҷик собиқаи дуру дарозе дошт. Масалан, қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и устод Рӯдакӣ намунаи беҳтарини тасвири ботин ва ҳолати рӯҳии инсонро, ки дар айни ҳол рӯҳияи шахси шоир аст, ба мо мерасонад. Ин қасида достони даврони пирӣ – рӯзгори ғамангези шоирест, ки замоне сарбаланду озодбахт буда, акнун аз наҳси кайвон (таваҷҷуҳ шавад, на аз бадкирдориҳои рақибон, балки аз наҳси кайвон) менолад, зеро шахсияти ӯ дар дастхуши одамиён нест, балки ҳисобаш танҳо бо қувваҳои осмонист. Аммо тасвирҳои устод дар ниҳояти маҳсусӣ ва табиатгароиянд, қисматаш бо осмон ва вуҷудаш бо замин пайванд гирифтааст. Шахсияти шоир дар байналҷонибайни ин ду муҳит ба назар мерасад.

Аз ин бармеояд, ба навъи шеъри ғиноӣ на фақат ифодаи таассуроти фардӣ, балки ифодаи кулли таассуроте, ки аз олами воқеъ ва шайъӣ дар олами фардӣ пайдо мешавад, низ тааллуқ мегирад, ки ин маънӣ аз ҷониби В. Г. Белинский низ таъкид шудааст: «Ҳамаи кулл, ҳамаи ҷавҳар, ҳамаи ғоя, ҳамаи тафаккур – муҳаррикони асосии олам ва ҳаёт – метавонанд, ки муҳтавои ашъори ғиноиро ташкил бидиҳанд, фақат ба шарте ки кулл ба дастоварди асили фард мубаддал ва ба эҳсосоти ӯ дохил гашта, на ба як ё ягон ҷиҳат, балки ба кулли ҳастии ӯ тааллуқ гирифта бошад» [21, 45].

Андешаҳое, ки то ба ин ҷо баён шуданд, хусусияти шеъри ғиноиро муайян намуда, таъкид бар он мекунанд, ки асоси онро тариқи идроки шоир аз ҷаҳони шахсию воқеӣ ва шайъӣ таъйин хоҳад кард, агар ин идрок бо нақши куллии олам ва шахсияти шоир ба қалам омада, ҳамчун таҷрибаи шахсии ӯ шинохта шавад, ин навъ шеър ба ҷинси ғиноӣ мансубият пайдо менамояд.

Ҳамчунонки қайд шуда буд, тадқиқи шеър дар улуми адабии пешинаи форсӣ-тоҷикӣ аз ин ҷиҳат – тариқи идроки шоир аз ҷаҳони шахсӣ, воқеӣ ва шайъӣ, ки мансубияти навъии шеърро таъйин мекунад, анҷом дода нашуда, он асосан аз ҷиҳати саноеи бадеӣ ва хеле ба нудрат анвои шеър, яъне жанр сурат гирифтааст. Вале баъзан донишмандони куҳан ҳам ҳангоми муайян кардани моҳияти шеър ва шоирӣ андешаҳое баён намудаанд, ки ба чигунагии мундариҷаи он дахл карда, хусусияти аслии кори шоирро нишон додаанд, ки то имрӯз пурарзиш боқӣ мондаанд. Ин ақидаи Низомии Арӯзии Самарқандӣ аз ҷумлаи онҳост: «Шоирӣ

санъатест, ки шоир бад-он иттисоқи муқаддамоти мавҷуда кунад ва илтиъоми қиёсот мунтаҷеҳ бар он ваҷҳ, ки маънии хурдро бузург гардонад ва маънии бузургро хурд ва некӯро дар хилъати зишт боз намояд ва зиштро дар сурати некӯ ҷилва кунад ва ба иҳом қувватҳои ғазабонӣ ва шаҳвониро барангезад, то бад-он иҳом тибоъро инқибозе ва инбисоте бувад ва умури аъзамро дар назми олам сабаб шавад» [184, 50].

Дар ин суханон ду нукта муҳим аст. Аввал он аст, ки муаллиф истиқлоли шоирро таъкид мекунад, ки ӯ бо ихтиёри худ метавонад «маънии хурдро бузург гардонад ва маънии бузургро хурд ва некӯро дар хилъати зишт боз намояд ва зиштро дар сурати некӯ ҷилва кунад», ки ин яке аз сифатҳои аслии шеъри ғиноист, зеро дар он муҳимтар аз ҳама мақсаду мароми шоир, яъне зеҳнияти ӯст дар гуфтани ин ё он шеър, вале дар шеъри ҳамосӣ, ӯ ба ҳар ҳол, айнияти воқеаю ҳодиса ва шайъеро, ки ба тасвир мегирад, муроот бояд бикунад. Дувум он аст, ки муҳаққиқ қайд мекунад: «шоир… ба иҳом қувватҳои ғазабонӣ ва шаҳвониро барангезад, то бад-он иҳом тибоъро инқибозе ва инбисоте бувад ва умури аъзамро дар назми олам сабаб шавад», яъне шоир бо таъсири шеъри худ ва барангехтани қувваҳои нафсонӣ ва шаҳвонии гурӯҳе, ки фаро гирифта, онро дар ҳолати ғамгинӣ ва ё шодмонӣ қарор медиҳад, кори бузургеро дар назми олам – воқеият ва зиндагӣ сабаб мешавад. Дар ин суханон ҳам таъсири шеър ба назми олам – ҷаҳони ҳастӣ ва ҳам асари шахсияти шоир ба олами иҷтимоъ баён карда шудааст, ки хеле муҳим мебошад, зеро он таъкид менамояд, ки шеър қудрати иҷтимоист, на танҳо ҳунарест барои ҳунар ва шахсияти шоир ҳам дар дигаргун сохтани ҷомеа тавоноии зарурӣ дорад.

Ин маънӣ баъд аз ҳафт қарн дар тадқиқоти зикргаштаи В. Г. Белинский оид ба тақсимбандии шеър ҳамчун яке аз сифатҳои асосии ашъори ғиноӣ таъкид шудааст: «Шайъ дар ин ҷо ба сари худ арзиш надорад, ҳама аз он вобаста аст, ки фард ба он чӣ аҳамияте медиҳад, ҳама аз он ҳолу ҳавое, он рӯҳе вобастааст, ки шайъ бо он хаёлот ва эҳсосот фаро гирифта мешавад» [21, 45]. Агар дар таъйин кардани шеъри ҳамосӣ чигунагии ҳолат ва шахсияти шоир аҳамият надошта

бошад, дар шинохти шеъри ғиноӣ «… шахсияти шоир дар мақоми аввал аст ва мо маҳз ба воситаи ӯ, ҳамаро қабул ва дарк менамоем» [21, 7].

Маълум шуд, ки дар шеъри ғиноӣ шахсияти шоир «мақоми аввал» дорад, пас дар ҳама таҳқиқоти он шахси шоир дар мадди аввал ба эътибор гирифта шавад, зеро ин ё он тавр шакл гирифтани ин навъи шеър ба чӣ гуна ифода гаштани ҳамин мақом вобаста аст.

Дар ҳамаи асарҳои таҳқиқотӣ оид ба шеър таъкид мешавад, ки дар шеъри ғиноӣ андеша ва эҳсосоти маҳз худи шоир, ки аз ин ё он ҳодиса ва ё шайъи олами ашёъ бардоштааст, вале дар шеъри ҳамосӣ тасвири олами шайъӣ ҷудо аз шахсияти шоир ба қалам меояд.

Муаллифоне, ки дар асри гузашта оид ба ин масъала таҳқиқот кардаанд, махсусан, адабиётшиносони рус М. М. Бахтин [19], Л. И. Тимофеев [219], Г. Л. Абрамович [4], Ф. М. Головенченко [50] ва адабиётшиносони тоҷик ҳам аз ҷумла, М. Шукуров [253], Р. Ҳодизода [253], С. Табаров [213], Х. Отахонова [149], А. Сайфуллоев [180] низ ҳамин ақидаро таъкид намудаанд.

Шеъри ҳазорсолаи тоҷик ғояи инсон, камолоти ӯро дар ҳар шакле, хоҳ дар ситоиши ахлоқи ҳамида ва хоҳ дар мазамммати нуқсони ботин, ҳамеша дар мадди назар дошт. Муҳимтарин равияи шеър инсонгароӣ ва қадру қимати бештаре пайдо кардани тасвири олами ботинӣ, ҷилваи паҳлуҳои шахсият буд ва он дар нимаи дувуми қарни XX вобаста ба авзои замону дигаргуниҳои иҷтимоӣ хусусиятҳои тоза пайдо кард.

Илми адабӣ барои таҳқиқи шахсияти инсон дар шеъри ғиноӣ аз истилоҳҳои гуногун истифода мекард ва ҳар муҳаққиқ назарияи худро дар асоси таҷрибаи бадеӣ аз ин ё он ҷиҳат асоснок месохт. Танқиду адабиётшиносии нави тоҷик бинои худро асосан дар заминаи илми адабиётшиносии русӣ ва ғарбӣ мегузошт. Адабиёт, ки навъи ҳунари башарист, истифодаи таҷрибаи илмияш ҳам, агар ба табиати миллии он мухолиф набошад, барои баррасии махсусиятҳои он хидмат хоҳад кард.

Дар танқиду адабиётшиносии тоҷик барои тадқиқи симои инсон дар шеъри ғиноӣ асосан истилоҳҳои қаҳрамони лирикӣ ва баъзан «ман»-и шоир истифода

шудааст, ки натиҷаи таъсири илми адабии ғарбӣ ва русист, аммо онҳо истилоҳи «оварда» ва безамина набуда, барои таҳқиқи махсусияте, ки шеъри асри XX тоҷик дошт, созгор буданд. Ба вуҷуд омадан ва ё пазируфтани истилоҳи тоза, агар ба он эҳтиёҷ ва заминаи воқеӣ бошад, дарак аз он медиҳад, ки давраи бисёр муҳиме дар адабиёт оғоз мешавад. Ҳамин гуна ҳолат бо «қаҳрамон» ва «ман»-и шеъри ғиноӣ низ рух дод, ки махсусияти идроки тоза ва сабкро дар шеъри асри XX муайян намуда, ҳатто барои тадқиқи чигунагии тасвири инсон дар ашъори қуруни пешин ҳам ба кор гирифта шуд. Табиист, ки дар давраҳои гуногун, на танҳо дар замонҳои тӯлонии шеъри пешин, балки дар даҳсолаҳои асри навин низ мушаххасоти маънои он, ки аз таҳлили ашъори замони мо ба даст меояд, аз замони мозӣ фарқ мекунад. Масалан, худи фаҳмиши имрӯзӣ, ки мо аз ашъори ғиноӣ дорем, аз шинохти Гегел, ки ашъори ғиноиро бояд ҳофиз «ҳамчун чизе, ки ӯ худ онро эҳсос кардааст», бисарояд ва ин сурудан бояд ҷилваҳои гуногуни овоз, ҳамовозии созҳои мусиқӣ ва монанди инҳоро тақозо карда бошад, дигаргунӣ дорад. Ин махсусият, ки ашъори ғиноӣ бояд суруда шавад, таълимоти Гегелро нисбат ба замони мо, бештар ба давраҳои антиқа мепайвандад, зеро ҳоло замон аз ашъори ғиноӣ на фақат ин талаботро надорад, балки мекӯшад, ҷиҳати ғиноии онро маҳдудтар кунад. Бешубҳа, ин хусусияти нав дар мундариҷаи субъекти лирика – фарди шеъри ғиноӣ, ки аз рӯи назарияи Гегел дар худ фаъолияти айниро ҷо надода, танҳо таассуроти зеҳниро ифода мекунад, ки дар он «ҳиссиёт ва рефлексия ҷаҳони мавҷударо дар худ мегунҷонад», ҷиҳати тозае мекушояд, ки маънои дар он ифода шудани амал ва афкори айниро низ дорад.

Дар шеъри ғиноӣ амал, андеша, ҳиссиёту таассуроти шахсиятҳои гуногун баён шуданаш мумкин аст. Ин ашхос дар илми таҳқиқи шеъри ғиноӣ вобаста ба чигунагии мавқеъ ва моҳияти онҳо субъекти лирикӣ – фарди ғиноӣ, персонажи лирикӣ – шахси ғиноӣ, қаҳрамони ғиноӣ, шахсияти ғиноӣ, шахси шоир, муаллиф, ровӣ ва монанди инҳо унвон  мешаванд, ки дар мавридҳои муайян аз ҳамдигар тафовутҳое доранд. Дар таҳқиқи шеъри муосири тоҷикӣ бештар истилоҳи қаҳрамони лирикӣ ё ғиноӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Аммо ин истилоҳ, ки аз илми адабиётшиносии рус ба илми адабиётшиносии тоҷик ворид

шудааст, мавриди махсуси истифодаи худро дорад, ки на ҳамеша ба эътибор гирифта мешавад ва шахсияти ҳар шеъри ғиноӣ қаҳрамони ғиноӣ унвон мегирад. Ин ҳудуди муайяни истифодаи онро аз байн мебарад.

Дар бораи зуҳуроти гуногуни мабдаи шахсӣ дар ашъори ғиноӣ, ки нисбат ба дигар анвои адабиёт сахт тамаркуз дода мешавад, М. М. Бахтин чунин менависад: «Истилоҳи «қаҳрамони лирикӣ» марказӣ ва бештар аз ҳама серистифода мемонад, ҳарчанд он ҳудуди муайяни худро дорад ва шакли ягонаи зуҳуроти фаъолиятмандии муаллиф дар шеъри ғиноӣ нест. Мудаққиқони гуногун дар бораи муаллифи ровӣ, маҳз муаллиф, қаҳрамони лирикӣ ва қаҳрамони шеъри ғиноии ривоятӣ (Б. О. Корман), дар бораи «ман»-и ғиноӣ ва куллан дар бораи «фарди ғиноӣ» сухан меронанд» (С.Н. Бройтман)» [19, 297-325, 421-23].

Ҳамчунонки қайд шуд, истилоҳи қаҳрамони лирикиро на ҳамеша ба ҳамон мафҳуме, ки бояд ифода кунад, дуруст истифода кардаанду мекунанд, онро баъзан тамоман бо «ман»-и шоир як донанд, дар баъзе мавриди дигар онро тамоман аз он ҷудо донистаанд, ки ҳар ду ҳам дуруст нест. Ин ҳолатро Л. Гинзбург ҳам қайд карда чунин навиштааст: «Аз истилоҳи қаҳрамони лирикӣ бешубҳа сӯйистифода мекарданд. Зимни мақулаи ягонаи қаҳрамони лирикӣ воситаҳои гуногунтарини ифодаи шуури муаллиф шомил карда мешуд, ки дар натиҷа махсусият ва моҳияти маърифатии онҳо аз байн мерафт. Дар шеъри ғиноии асил шахсияти шоир ҳамеша ҳузур дорад, вале аз қаҳрамони лирикӣ сухан гуфтан он вақт дуруст аст, ки он бо тарҳи устувори тарҷумаиҳолӣ ва сужавӣ фаро гирифта шуда бошад» [48, 155].

Л. Гинзбург тахмин мекунад, ки истилоҳи қаҳрамони лирикӣ дар таҳқиқи шеъри русӣ аввалин бор шояд аз ҷониби Ю. Н. Тынянов ҳангоми баррасии ашъори А. Блок истифода шудааст. Дар воқеъ, дар ин баррасӣ нуктаи бисёр муҳиме дар бораи мавзӯъву муҳтавои шеъри ғиноӣ ва қаҳрамони он мавҷуд аст: «…Блок – мавзӯи ғиноии бузургтарини Блок аст… Ҳоло дар бораи ҳамин қаҳрамони лирикӣ сухан меронанд. Он зарур буд, онро афсона фаро гирифтааст… Дар ин тимсол ҳамаи ҳунари Блокро мушаххас менамоянд; ҳангоме ки дар бораи шеъри ӯ ҳарф мезананд, қариб ҳамеша дар зимни он беихтиёр

чеҳраи инсониро қарор медиҳанд – ва ҳама чеҳраро дӯст доштанд, на ҳунарро» [243, 512-13].

Аз ин суханон чунон маъно бояд бардошт, ки симои инсони шеър на дар як шеър, балки аз рӯи силсилаи ашъор ё тамоми осори шоир шинохта мешавад, ки баррасиаш низ бояд ҳамин гуна бошад. Дар шеъри ғиноӣ на дар ҳама маврид «ман» шахси шоир ва ё қаҳрамони лирикӣ мебошад, онҳо ба ҳам тафовути чашмрасе дошта метавонанд.

Шеъри ғиноӣ пеш аз ҳама навъи адабӣ, ҳунар аст, ки мабҳаси тасвирашро ба тарзи эҷодӣ таъмим (типӣ) месозад. Бинобар ин, таассуроте, ки қаҳрамони лирикӣ ифода менамояд, танҳо мансуби шахси ӯ набуда, таассуроти таъмимшудаи гурӯҳ ё табақаи ҷамъиятие мебошад, ки дар зимни ҳаёти ботинии он дар як замони таърихӣ вуҷуд доштааст. Чӣ гуна шакл гирифтани ин таассурот ба мавқеи ғоявии шоир вобастааст, ки онро дар тимсоли фарди ғинонияш нишон медиҳад.

Дар адабиёт бисёр мешавад, ки зиндагӣ ва фаъолияти қаҳрамони лирикӣ бо ҳаёти воқеии шоир ҳамсон нестанд ва ё ҳатто мавқеъҳои ғоявиашон ҳам аз ҳам мутафарриқ мебошад. Бинобар ин, сурати ин ҳар дуро ба ҳам як донистан ва ҷустани мушобеҳати рӯирост дар байни тарҷумаи ҳоли шоир бо ҳаёти қаҳрамони лирикиаш на ҳамеша натиҷаи дилхоҳ дода метавонад. Ин маъниро шоири рус Андрей Белый бисёр эътимодбахш баён намудааст. Ӯ дар сарсухани маҷмӯаи шеърҳояш «Хокистар» соли 1928 навишта буд: «… оҳанги девонагӣ ва худсарӣ (анархизм) дар ин «Фоҷиа»-и «Оворагард»-и ман ҳаққонӣ инъикос карда шудааст.

…Аз хонандагон хоҳишмандам, ки маро бо ӯ наомезанд: «ман»-и лирикӣ ифодагари шуури тасвиршудаи «мо» мебошад, ҳаргиз на худи «ман» Б. Н. Бугаев (Андрей Белый), ки соли 1908 дар марғзорҳо намедавид, балки масъалаҳои мантиқ ва назмшиносиро меомӯхт» [26, 7].

Дар садаи бист дар адабиётшиносӣ ва нақди адабии русӣ ҳангоми тадқиқи шеъри ғиноӣ ва тимсоли инсон дар он аз истилоҳи қаҳрамони лирикӣ фаровон истифода мекарданд ва то чӣ андоза пурбории ин навъи шеърро аз пурбории олами маънавию рӯҳонии у вобаста медонистанд [27; 127, 63-142; 51, 21, 75, 102, 129; 45, 161, 193, 200; 53, 13, 16-19, 40-41, 182-183; 257, 22-45]. Адабиётшиносӣ ва

накди адабии тоҷик ҳам, ки асосан дар ҳамон равия пеш мерафт, ин таҷрибаро истифода менамуд. Ва дар ин ҷараён қариб ҳамаи «ман»-ҳо дар ашъори ғиноӣ қаҳрамони лирикӣ дониста шуданд. Ба аксари ин «ман»-ҳо, ки ифодакунандаи ғояҳои музаффари замон буданд, истилоҳи қаҳрамони лирикӣ илҳоқ мешуд. Бинобар ин, чунин ба назар мерасад, ки дар қабул шудан ва истифодаи фаровони ин истилоҳ саҳми қаҳрамонӣ ва барҷастагии фармудаи ғоявӣ бар инсони замон кам набуд. Аз ин рӯ, барои баррасии ҳақиқии симои инсон, ки қаблан бар ӯ ин ё он гуна табиат фармуда, аз ӯ тақозо карда, ё дар назар дошта нашавад, истилоҳи шахсияти ғиноӣ ба ҷои қаҳрамони лирикӣ истифода шавад, муносибтар менамояд. Дар айни ҳол, дар мавридҳои зарурӣ аз истилоҳҳои фарди шеър, шахсияти шоир, муаллиф, ровӣ, «ман»-и ғиноӣ, қаҳрамони шеъри ғиноии ривоятӣ ва монанди инҳо ҳам истифода кардан шояд ба мақсад мувофиқ бошад, зеро мақому мавқеи шахс дар шеъри ғиноӣ ба як меъёру маром набуда, хеле гуногун аст. Дар ин ҳолат, агар умуман ҳузури шахс, инсон дар шеъри ғиноӣ дар назар дошта шавад, бе муайян кардани чигунагии ин ҳузур, аз истилоҳи фарди ғиноӣ истифода кардан ба назар муносибтар мерасад. Дар ҳолате ки чигунагии ин ҳузур бо мухтассоти худ муайян карда мешавад, он гоҳ дар ин асос онро дақиқтар, масалан, шахсияти ғиноӣ, шахси шоир, «ман»-и ғиноӣ, муаллиф, ровӣ метавон унвон кард, ки дар ин таҳқиқот ҳамин усул пеш гирифта шудааст.

Истилоҳи шахсияти ғиноӣ нисбат ба қаҳрамони лирикӣ боз аз он ҷиҳат муносибтар менамояд, ки дар истилоҳи дувум, ҳамчунонки қайд шуд, калимаи қаҳрамон як андоза тобиш ва маънои барҷастагӣ дорад, ки на ҳамеша ба шахсе, ки дар шеъри ғиноӣ тасвир мешавад, дуруст меояд, махсусан, агар ӯ, фаразан, шахси ночиз, нофаъол, манфӣ бошад, ҳарчанд ҳангоми чун истилоҳ ба кор рафтани калима аз баъзе тобишҳои он чашм пӯшида мешавад. Аммо, ба ҳар ҳол, вожаи қаҳрамон тобиши бисёр ҳам олӣ дорад, ки аз он сарфи назар набояд кард. Гегель, Белинский ва бисёри дигарон ҳам дар мавриди таҳқиқи шеъри ғиноӣ ҳамеша аз истилоҳи субъект истифода мекарданд, ки муодили он дар забони тоҷикӣ шахс, фард аст. В. Белинский вожаи «герой» – қаҳрамонро дар мақолаи «Ашъори Апполон Майков» чунин шарҳ медиҳад: «Қаҳрамон зуҳури олитарин ва

наҷибтарин… рӯҳи ҳаёти ҷаҳонист; шахсияти ӯ мавриди парастиши башарият аст, ки ба ӯ аз мармару мис муҷассамаҳои абадӣ бино карда, гӯё дар ин тимсолҳои боазамат худро парастиш менамояд; қаҳрамон тамоми ҳайрат, тамоми ваҷд, тамоми муҳаббати башариятро бедор мекунад; тимсоли ӯ дар башарият эътиқоди олиро бар бузургӣ, ҳаққоният ва шуҷоатмандии зиндагӣ пуштибонӣ карда, дар зулмати ҳаррӯза ва тасодуфӣ чароғи абадии ақлро равшан нигоҳ медорад» [22, 203].

Ҳарчанд ин тафсиру тавсиф дар мавриди қаҳрамони фоҷиаҳо гуфта шудааст, аммо дар назар бояд дошт, ки ҳангоми ҳамчун истилоҳ ба кор рафтани калима на ҳамеша маънои луғавии он аз зеҳн зудуда мешавад. Бинобар ин, истилоҳи шахсият ба ҷойи қаҳрамон мувофиқтар ба назар мерасад, ки ин истилоҳ ба ин маъно дар адабиётшиносии Эрон ҳам роиҷ мебошад. Аз ин пас, дар ин тадқиқот шахс ба ҷойи субъект, шахсияти ғиноӣ ба ҷойи қаҳрамони ғиноӣ истифода мешавад ва агар шахс мавриди тасвир қарор гирифта бошад, маънои объектро дорад.

Дар бораи муносибии истилоҳи шахс ба ҷои субъект сухан рафт ва дар бораи маънои объектро, яъне тамоми ҳастӣ ва табиатро ифода карда тавонистани шайъ ба зернавишти мақолаи Ризо Бароҳанӣ «Шеър ва ашёъ» рӯй оварда мешавад: «Шояд калимаи «шайъ» аз ин дидгоҳ ҷанбаи густардатар аз табиат дошта бошад. Агар мошини имрӯзаро ҳам ҷузъи табиат ба шумор биоварем, бояд ҳамеша аз калимаи «шайъ» истифода кунем, чаро ки «шайъ» шомили тамоми чизҳои мавҷуд хоҳад буд. Дар ин сурат инсон низ дохили таърифи «шайъ» хоҳад гунҷид, манзур аз «шайъ» «объект» аст» [16, 49]. Ин далелҳо кофӣ мебошанд, ки шайъ ба ҷои объект истифода шавад, вале ба он боз афзуда шавад, ки агар адабиётшиносии ҳамрешаи Тоҷикистону Эрону Афғонистон на аз истилоҳҳои гуногун, балки ягона истифода кунанд, барои баррасии масъалаҳои илмӣ мадад карда, тавофуқе дар илми муштараки форсӣ -тоҷикӣ ба бор хоҳад овард, ки ин ниёз мавҷуд аст.

Ҳоло тариқи тадқиқи шеъри ғиноӣ, ки асосаш бар тимсоли шахс ва ҳар он чизе, ки аз ӯ мегузарад, таъйин шуда бошад ҳам, он роҳи ягона нест, зеро дар шеъри ғиноӣ суратҳои шайъӣ ҳам ҳастанд ва муқаддамии яке аз онҳоро муайян

намудан на саҳл корест. Таҳқиқи он истилоҳоти дақиқи илмӣ ва ҳам завқи борикбини шеърро дархост дорад, ки ҳаракати ҳарлаҳзаинаи паллаҳои ноаёни тарозуи суханро эҳсос карда тавонад.

Хуллас, аз рӯи назария дар шеъри ғиноӣ ҳам суратҳои шахсию воқеӣ ва ҳам суратҳои шайъӣ ҷой доранд, ки суратҳои шахсӣ бештар дар натиҷаи ифодаи ангеза ва андешаҳои дарунӣ, суратҳои воқеӣ ва шайъӣ аз тасвири амали берунӣ ба зуҳур меоянд. Аз рӯи чигунагии мавқеи шахс ва шайъ дар шеър он ақидаи маълум бори дигар собит мешавад, ки дар шеъри ғиноӣ ифодаи шуури иҷтимоӣ ва дар шеъри ҳамосӣ тасвири ҳастии иҷтимоӣ ҷои асосиро ишғол мекунад. Ҳоло на фақат ашъори ҳамосӣ хусусиятҳои ҳиссиётангези пуртаассурот пайдо карданд, балки шаклҳои жанрӣ ҳам ба ҳам даромехтанд, ки дар натиҷа шеъри ғиноӣ низ дорои сифатҳои тоза шуд.

## БОБИ 1.
## ШЕЪРИ ҒИНОИИ АНДЕШАҲОИ ОТИФӢ

Дар аксари асарҳои таҳқиқотӣ оид ба анвои адабӣ, масалан, дар тадқиқоти Г. Л. Абрамович [4, 259], Ф. М. Головенченко [98, 260], Г. Н. Поспелов [158, 105] таъкид мешавад, шеъри ғиноӣ асосан шеърест, ки андешаву эҳсосоти шахсиро бевосита ифода менамояд. Ҳоло мавриди таҳқиқ ашъори ғиноие қарор мегиранд, ки дар онҳо андешаву эҳсосоти шахсӣ, ки маҳсули ҳаёти ботинии шоир ва ё шахсиятҳои шеър мебошанд, мавқеи таъйинкунанда доранд. Ин ҳарфҳо чунин маъно мешаванд, ки маҳз чигунагии ҳамин андешаву эҳсосоти шахсӣ ва тарзи баёни онҳо, чӣ навъ шакл гирифтани ин ё он шеъри ғиноиро таъйин мекунанд.

Ҳамоса ё шеъри ҳамосӣ ҳаёт, яъне ҳастии мардумро бевосита ба тасвир мегирад, зеро мавриди маърифат ва дарки он ҳастии иҷтимоӣ мебошад. Шоири ғиноӣ барои маърифати олам ғолибан ба ҷаҳони ботинии хеш рӯй меорад ва онро вобаста ба он андешаву эҳсосоте, ки дар ӯ ҳангоми бо он муносибат кардан пайдо мешавад, маърифат мекунад. Ин ҷаҳони ботинии як шахс дар баробари он ҷаҳони воқеӣ ва ботинии мардум, ки шоири ҳамосӣ дар ихтиёр дорад, хеле маҳдуд ба

назар мерасад ва дар натиҷа чунин тасаввуроте пайдо шуданаш мумкин аст, ки шоири ғиноӣ барои ифода ва тасвири андешаву эҳсосот имкони камтаре дорад. Аммо ин тасаввур дуруст нест, зеро шеъри ғиноӣ ҳам ба монанди дигар анвои адабӣ навъи ҳунарест, ки зиндагиро ба таври таъмимӣ (типӣ) нишон медиҳад. Бинобар ин, шоири ғиноӣ ҳам дорои имкони беохир аст ва гуногунтарин андешаву эҳсосот, таассуротро вобаста ба муҳтавои интихобнамудааш ифода карда метавонад. Ин гуна хусусият доштани лирикаро Л. И. Тимофеев воқеъбинона чунин қайд менамояд: «...аксаран гумон мекунанд, ки лирика маънои тасвири ҷаҳони ботинии инсонро дорад. Вале дар асл доираи он беандоза фарох аст. Он, ҳамчун умуман кулли адабиёт, зиндагиро бо тамоми гуногуншаклияш инъикос менамояд... Аз ин ҷост, ки... дар лирика мо ҳам муҳимтарин хусусиятҳои инъикоси бадеии ҳаётро пайдо мекунем... ҳам аниқӣ (конкретӣ)... ҳам умумиятдиҳӣ, яъне махсусияти маҳз ҳамон таассуротеро, ки ба доираи муайяни одамоне дода шудааст, ки дар шароити муайяни зиндагӣ ҳастанд» [219, 352].

Тасаввуроти нодуруст оид ба маҳдудии фарогирии шеъри ғиноӣ шояд аз он сар мезанад, ки он ҷаҳони ботинӣ ва онро ҳам асосан ба воситаи фарди шеър, аз ҷумла, шахси шоир, шахсияти ғиноӣ, ровӣ ва ё монанди инҳо ифода менамояд. Ҳоло маълум шуд, ки мавриди инъикоси шеъри ғиноӣ танҳо олами ботин набуда, олами воқеъ ҳам мебошад, зеро он ҳангоми таъмими андешаву эҳсосот ва таассурот таҷрибаи гурӯҳи муайяни одамонро низ ба эътибор мегирад. Дар ин ҳол фарде, ки онро иброз менамояд, аз доираи як шахсияти худ берун меравад. Дар ин бора В. Белинский чунин менависад: «Шоири бузург дар бораи «ман»-и худ сухан гуфта, дар бораи умум – дар бораи башарият сухан мегӯяд, зеро дар сиришти вай ҳама он чӣ ки бо он башарият мезияд, ҷой дорад. Ва бинобар ин ҳар кас дар ғами ӯ ғами худро мешиносад, дар ҷони ӯ ҷони худро ҳам мешиносад ва дар ӯ на танҳо ш о и р, балки и н с о н, бародари худро дар башарият мебинад. Ӯро мавҷуди беандоза аз худ боло эътироф карда, дар айни ҳол ҳар кас қаробати худро бо ӯ дарк менамояд» [25, 65].

Дар шеъри ғиноӣ дар шуури фарди шеър олами шуур инъикос меёбад, ба он маъно, ки шуури фардиро, агар он шуури шахси эҷодкор бошад, шуури як нафар донистан дуруст набуда, шууре бояд донист, ки он шуури иҷтимоъро низ фаро мегирад. Зеро на ҳамеша, ҳамчунонки донишманди сиришти ҳунар Л. С. Выготский қайд мекунад, «...иҷтимоиро на фақат ҳамчун ҷамъиятӣ, ҳамчун мавҷуд будани одамони бисёр бояд фаҳмид. Иҷтимоӣ дар он ҷое ҳам, ки як нафар одам ва таассуроти шахсии ӯ ҳаст, ҷой дорад» [75, 314].

Шуури шахси эҷодкор дар интихоби мавзӯи асар, бо табу тоб тасвир ва ё баён кардани он, оҳанги сухани ӯ ҳам инъикос мешавад. Гуногунии ашё ва ҳодисоти олами ботину зоҳир гуногунии мавзӯи шеъри ғиноро таъмин менамоянд. Тариқи муносибат ба мавзӯъ, тарзи идроку маърифати он, ба воситаи андешаву таассурот ифода намудан ва ё ба воситаи тасвир нигоштани он навъҳои гуногуни шеъри ғиноиро ба вуҷуд меорад.

Дар асарҳои адабиётшиносони ғарбӣ ва русӣ масъалаи махсусияти навъии шеъри ғиноӣ каму беш мавриди баррасӣ қарор гирифта, баъзе меъёрҳои таҳқиқи он муайян гаштааст. Аммо азбаски ин кор дар асоси маводи шеъри ғарбию русӣ ба ҷо оварда шудааст, на ҳамеша ба таҷрибаи шеъри форсии тоҷикӣ, ки сифатҳои хоси худро дорад, мувофиқ меояд. Масалан, дар тадқиқоти амиқ ва арзишманди Л. И. Тимофеев чунин меояд: «Тафовути шакли жанрҳои лирикӣ асосан бар нуқтаи назари мавзуӣ қарор гирифтааст. Ҳамин тавр аст лирикаи ишқӣ, фалсафӣ, сиёсӣ ва ғайра вобаста аз он тамоюлҳои мавзуӣ, ки ба давраи муайян, услуби муайян ва ғайра хос мебошанд» [219, 365].

Вале ин меъёри мавзӯиро барои шинохт ва баррасии шеъри тоҷикӣ, масалан, ба ғазал татбиқ кардан имкон надорад, зеро намунаҳои олии он дар осори гузаштагон, аз ҷумла, Ҳофизи Шерозию Камоли Хуҷандӣ ва муосирон ҳам, масалан, Муҳаммад Иқболу Абулқосим Лоҳутӣ, Лоиқ Шералию Фарзонаи Хуҷандӣ аксаран аз байтҳое ба ҳам омадаанд, ки ҳар яке истиқлоли маъноӣ доранд, яъне агар байте ишқӣ бошад, дигаре фалсафӣ, сеюмӣ иҷтимоӣ ва чаҳорумӣ ҳасби ҳолӣ, панҷумӣ ахлоқӣ ва монанди инҳо.

Ҳоло ба исботи ин ҳақиқати маълум дода нашуда, танҳо ҳикояти ҷолибе оварда мешавад, ки ба ғазалҳои устоди беназири он Ҳофизи Шерозӣ таалluқ дорад. Дар «Ҳабибуссияр»-и Хондамир омадааст:

«Рӯзе Шоҳшуҷоъ ба забони эътироз Хоҷа Ҳофизро мухотаб сохта, гуфт:

– Абёти ҳеҷ як ғазали шумо аз матлаъ то мақтаъ бар як минвол воқеъ нашуда, балки аз ҳар ғазале се-чаҳор байт дар таърифи шароб аст ва ду-се байт дар тасаввуф ва як байт дар сифати маҳбуб. Ва талаввун дар як ғазал хилофи тариқаи булағост.

Хоҷа гуфт:

– Он чи бар забони муборaки шумо мегузарад, айни сидқ ва савоби маҳз аст. Аммо мааззолик шеъри Ҳофиз дар атрофи офоқ иштиҳор ёфта ва назми ҳарифони дигар пой аз дарвозаи Шероз берун намениҳад. Бино бар ин кинояти Шоҳшуҷоъ дар мақоми изои Хоҷа Ҳофиз шуда» [136, 84].

Дар ин ҳикоят на фақат шуҳрати ғазали Ҳофиз, балки аз навъи беҳтарин будани ғазали ӯ, ки байтҳояш аксаран мустақилмаъност, низ таъкид гаштааст, ки айни ҳақиқат мебошад.

Дар ин маврид давраи аввали инкишофи ғазал, ки ба садаи даҳу ёздаҳ рост омада, дар он ғазал бештар дар атрофи як мавзӯъ гуфта мешуд, низ аз назар соқит нест. Аммо ин навъ ғазал дар баробари он мероси бузурги боқимонда фоизи камеро ташкил медиҳад. Дар баробари ин бояд ба эътибор гирифт, ки дар замони охир майли тоза кардани ғазал дар эҷодиёти баъзе шоирон боз баргаштан ба якмавзӯии ғазалро ба миён овардааст.

Пас, тариқ ва меъёрҳои таҳқиқ бевосита дар асоси маводи тадқиқ муайян шуда, онҳо чунон бояд бошанд, ки бо онҳо муносибати байниҳамдигарии инсони шеър ва шайъи тасвиру ифодаро бо тамоми мураккабӣ ва нозукиаш баррасӣ карда шавад, то масъала ба содагии таҳлили мавзӯъ оид нагардад. Дар ин маврид шеъри ғиноиро аввал аз тариқи андешаву эҳсосоти отифие, ки фарди ғиноӣ иброз мекунад, тадқиқ кардан зарур мебошад. Ин навъи шеъри ғиноиро баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла Г. Н. Поспелов лирикаи медитативӣ (медитация – аз лотинӣ омада, маънояш тафаккури ҳиссиётангез, андеша, муроқиба мебошад) номида,

махсусияти онро чунин қайд кардааст: «Махсусияти муҳтавои лирикаи медитативӣ умуман ҳамчун навъи асосии эҷоди лирикӣ ба он хулоса мешавад, ки дар он шуури иҷтимоии хусусияти ғоявӣ доштаи шоир дар як вақт ҳам фарди маърифатии онтологӣ ва ҳам гносеологӣ қарор мегирад» [157, 68].

Дар ин гуфтаҳо хусусияти бисёр муҳими шеъри ғиноӣ қайд шудааст, ки дар он шоир дар як вақт он таассуротро, ки мехоҳад ифода намояд, худ ҳам таҷриба мекунад, месанҷад. Дар ин таассурот нақши замон, хусусиятҳои таърихӣ ва ғоявии он таъсири муайян доранд ва шоир ҳар қадар масъалаҳои мубрами онро амиқтар ва ҳамаҷонибатар маърифат менамояд, ин нақш дурахшону мушаххастар ба назар мерасад. Ин таассурот ҳарчанд шахсию фардӣ мебошад, аммо маҳсули ҳаёти иҷтимоӣ, муносибатҳои мураккаб ва гуногуни таърихие мебошад, ки онро фарди ғиноӣ аз сар гузаронида, маърифат кардааст. Аз ин бармеояд, ки шоир дар як вақт таассуроти шахсии худро ба мулоҳиза гирифта, онро бо олами хориҷ ҳам месанҷад, яъне ӯ дар як вақт ҳам манбаи таассурот ва ҳам санҷишгари он мебошад. Дар натиҷа ӯ то чӣ андоза хосиятнок будани таассуроти худро муайян менамояд ва  ба он табу тоби зарурӣ дода, бо сабки мувофиқ ба қалам меорад.

Дар лирикаи медитативӣ, ки дар ин тадқиқот шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ номида мешавад, сухан асосан аз номи шахсияти ғиноӣ, шахси шоир ва ё «ман» – ғиноӣ ба забон меояд ва таассуроте, ки ифода мешавад, низ ба онҳо нисбат мегирад. Болотар қайд шуда буд, ки ин навъи шеър ва намунаҳои олии он дар адабиёти классикии мо дар мисоли ғазал фаровон мавҷуд аст. Аммо воқеияти адабӣ дар шеъри тоҷикии садаи бистуми аҳди шӯравӣ чунон сурат гирифт, ки дар он шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ мавқеи пешинаи худро қариб тамоман аз даст дод. Ин сабабҳои бисёре дошт, ки на фақат ба таваҷҷуҳи шахсӣ, тамоюли эҷодӣ ва қобилиятҳои адиб, балки ба сиёсати иҷтимоӣ, ғоявӣ ва фарҳангии давлати шӯроҳо вобаста буд. Ҳоло ба баёни тафсилоти ин рухдод машғул нагашта, танҳо ба чанд нуктаи он ишора  мешавад, ки боиси то солҳои шасту ҳафтоди садаи бист аз назар афтодани шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ шудааст.

Сиёсати адабии замон талаб дошт, ки дастовардҳои ҷомеаи нав воқеӣ нишон дода шавад ва воқеият он дониста мешуд, ки инсони замон – бунёдкори ҷомеаи

нав, дар ҳама ҳолат дар роҳи мубориза ва ғолибият ба даст овардан аст. Дар ниҳоди ӯ ҳамеша як андеша – ғолибияти мафкуравии ӯ бар ҳама фикру ақидаҳои дигар мавҷ мезанад, мисли он ки ӯ ҳамеша дар фаъолияти иҷтимоист, фаъолияте, ки барои андеша ва тааммуқ бар авзоу шахсияти хеш ҷое намегузорад. Шеър ҳам гӯё тамом шеъри фаъолият мешавад, на андешаҳои отифии шахсиву эҳсосот. Вале азбаски он фаъолият ҳам на бо тааммуқ ва нишон додани мураккабиву мушкилот, балки рӯякӣ ва қолабӣ ифода мешуд, бештар шиороҳанг ба гӯш мерасид. Шахсияти шоир ҳам гӯё дар вуҷуди иҷтимоъ маҳлул шуда буд ва, агар ҳам гоҳ-гоҳ рух менамуд, танҳо ба сурати шахсе, ки бунёдкори ҷомеаи нав асту саропо тавоноист ва, агар ҷаҳони ботин дошта бошад, дар он фақат шодию сурур ҳаст ва, агар нафрате ҳаст, фақат ба душманони сохти нав.

Ин гуна дастури ғоявӣ шаклҳои шеърии худро тақозо дошт, ки ба он шеъри ҳомили андешаву эҳсосоти худӣ созгор набуд. Аз ин рӯ, шеър бештар мавзуӣ шуд, ки он ҳам мавзӯъҳои иҷтимоӣ буд, аммо на ба он мазмун, онро чунонки ҳаст, бо мураккабию ҳолати воқеъиаш ба тасвир гирад, балки бо мавқеъгирии қаблии ғоявӣ, ки чӣ навъ ҳал шудани мавзӯъ пешакӣ маълум аст.

Шеъри мавзуӣ дар адабиёти классикии тоҷикӣ собиқаи дуру дарозе дорад, аммо он дар замони нав махсусиятҳои худро дошт, ки дар интихоб ва сабки ифодаву баёни он зоҳир мегашт. Масалан, бештар мушаххас шудани мавзӯъ, дар гирди як воқеа, шайъ шохистар чархидани шеър аз хусусиятҳои тозаи он буд. Ин таҷриба аз шеъри русӣ ва тарҷумаҳои шеъри ғарбӣ, ки дар забони русӣ мавҷуд буданд ва шоирони тоҷик бо онҳо ошноӣ пайдо мекарданд, ба шеъри тоҷик ворид мешуд. Ин ашъор, ки бештар хусусияти вуқӯъгароёна доштанд, барои омӯхтани тарзу тариқи шеъри мавзуӣ мадад мекарданд, зеро дар шеъри мавзуӣ заминаи вуқӯъгароиву шайъӣ густардатар мебошад. Бинобар, ин навъ шеъри мавзуӣ дар он давра барои адабиёти мо то андозае нав маҳсуб мешуд.

Азбаски шоирони тоҷик дар гуфтани шеъри мавзуӣ таҷрибаи кофӣ надоштанд ва аз таҷрибаи пешини шеъри русӣ ҳам камтар воқиф буда, бештар бо шеъри русии замони шӯравӣ ва он ҳам на бо намунаҳои воқеан хуби он, балки бо

рӯзмарраву камҳунаронаи он, ки бисёртар таблиғ мешуданд, ошно буданд, шеъри мавзӯиро дар пояи пасте мегуфтанд.

Чунин хусусият пайдо кардани шеъри тоҷикиро дар аввали садаи бист Х. Шарифов ҳам қайд карда, навиштааст: «Аз охири солҳои бистум ва сиюми садаи гузашта шеъри тоҷикӣ равиши мавзӯӣ ва иҷтимоӣ гирифт. Албатта, шеър ҳама вақт дар мавзӯе гуфта мешавад, аммо мавзӯъҳои суннатӣ, ишқ, мадҳ, ҳаҷв, рисо, наъту муноҷот, мавъиза, ҳикмат ва назири онҳо аз рӯҳия ва хоҳишҳои отифӣ бархоста ба даъво ва ормонҳои фардӣ пайвастагӣ доштанд. Мавзӯи замони нав дар марҳилаи аввал рӯйдод ё мушоҳидаи воқеият аст, аз мавқеи иҷтимоӣ ва мафкуравӣ ва устодон Турсунзода ва Миршакар ба ҳамин равия то муддате шеър гуфтаанд» [339, 328].

Дар адабиёт ҳамеша мавзӯъ (объект)-и маърифат инсон, муносибати гуногунҷиҳат ва мураккаби ӯ бо воқеият ва таассуроте мебошад, ки ӯ аз бархӯрд бо он ҳосил мекунад. Ҳамчунонки ҳар инсон фарди нотакрор буда, эҳсосоту андеша ва хусусиятҳои мухталиф дорад, бардошташ ҳам аз воқеият ҳамин гуна бояд бошад. Аз ин рӯ, мавзӯи иҷтимоъ дар шеъри ғиноӣ, ки воқеиятро аз дарун, ба воситаи нишон додани ҷаҳони ботинии инсон ва таассуроти ӯ ба ҷо меорад, бо рангомезиҳои шахсияте, ки онро маърифат мекунад, бояд ба қалам ояд, зеро фаъолияти иҷтимоии инсон танҳо як шохаи ҳаёти ӯ набуда, балки тамоми соҳаҳои ҳастии ӯро фаро мегирад ва дар он нақши худро мегузорад. Зеро инсон мавҷуди бошуур аст, дар таассуроти аз ин ё он ҳодиса бардоштааш ҳам нақши ин шуур мавҷуд аст. Бинобар ин, андешаву эҳсосот ва таассуроте, ки ба воситаи фарди ғиноӣ баён мегардад, хусусияти таъмимӣ пайдо мекунад.

Дар баробари ин, дар назар бояд дошт, ки инсон ҳарчанд бо таъбири Арасту махлуқи иҷтимоист, аммо мавҷуди мураккабтарини фардӣ ҳам ҳаст ва ҷилваҳои ин ҷиҳати ҳастии ӯро ҳам ҳамеша бояд ба эътибор гирифт, то ҷаҳони мураккаб, пурпечу хами ӯ оддӣ ва ростхатту ҳамвор ангошта нашавад. Дар шеъри ғиноӣ, ки андешаҳои отифӣ аз забони фард баён карда мешавад, низ ҳамин мураккабӣ, чандпаҳлуӣ, ба самти дарун ва ё бурун ҳаракат кардани он ҷой дорад.

Иртиботи инсон бо ҷаҳон, ҳамчунонки равоншиносони ҷаҳонӣ, аз ҷумла Карл Густав Юнг таъкид мекунад ва дигарон ҳам ин ақидаи ӯро таъид менамоянд, ба ду тариқ сурат мегирад – дарунгаро ва бурунгаро, ки аввалӣ инсонро ба олами дарун, рӯҳу равон ва дуюмӣ ба олами берун, сӯи иҷтимоъ мебарад. «Тақобули дигар дар назарияи Юнг, – менависад равоншиноси бузурги муосир Лоуренс А. Первин, – байни дарунгароӣ ва бурунгароӣ аст. Ҳар кас дар асл ба яке аз ин ду тариқ бо ҷаҳон иртибот барқарор мекунад; агарчи ҷиҳати дигар низ ҳамеша барои фард боқӣ мемонад. Дар ҳолати дарунгароӣ, ҷиҳатгирии аслии фард ба дарун ва ҷониби хештан аст. Фарди дарунгаро, дудил, мутафаккир ва муҳтот аст; фарди бурунгаро ба берун, ба ҷаҳони хориҷ гаройиш дорад. Аз назари иҷтимоӣ, даргир мешавад ва фаъолу мутаҳаввир (далер, бебок… А. Ҳ.) аст. Ҳар кас вазифа дорад, ки ваҳдати хештанро пайдо кунад» [154, 174]. Шубҳае нест, ки тимсоли инсон дар шеър ҳам, дар нишон додани ваҳдати ин ду амал, дар амиқ рафтан ба олами дарун, яъне дарёфтани фардияти худ ва иртиботи густарда доштан бо олами берун, яъне мавқеъ ёфтан дар иҷтимоъ ба зуҳур меояд.

Аз нимаи дуюми садаи XX андешаву эҳсосот ва чеҳраи шахсияти ғиноӣ дар шаър фардитар шудан гирифт, ки ин ба воқеитар, гаронмоятар шудани шахси инсон дар ҷомеа вобаста буд. Дар нимаи аввали аср сурати инсони ормонии замон, ки аз таълимоти сотсиалистӣ сиришта шуда буд, оинаи сифатҳои ҷамъиятӣ буда, хусусиятҳои фардӣ, зиндагии шахсии ӯро хеле ба хирагӣ инъикос мекард. Чеҳраи шахсӣ дар баробари симои ҷамъиятии инсон қадру қимат надошт ва ин таъсири манфии худро ба фарди ғиноии шеър низ гузошта буд, ки ҳама қариб бо як сифат – ҷорчии ғояҳои фармудаи замон зуҳур менамуданд. Дар ин ҷараён фардият пайдо кардани фарди ғиноӣ сахт душвор буд, вале ба ҳар ҳол шоироне, ки ба олами даруни хеш сар фурӯ бурда, на фақат даъвати инсони ормонии замонро, балки садои дили худро ҳам шуниданд, андешаву эҳсосоти шахсии худро ифода карда тавонистанд.

Фарди ғиноии шеъри М. Турсунзода бо фаъолияту андешаҳои иҷтимоии худ бештар аз ҳама ба инсони ормонии замони сотсиалистӣ наздик буд, вале бо сабаби дар он мақоми муҳим доштани фардияти эҷодкор чеҳраи мушаххас дошт, ки дар

аксари ҳолат чеҳраи худи Турсунзодаи шоир буд. Агар то охири солҳои панҷоҳ фарди ғиноии шеъри Турсунзода ҳам камтар хусусияти фардӣ дошт, баъдҳо иштиёқ ба ҷаҳони ботинӣ, фурӯ рафтан ба олами маънавият, арзиши асил қоил шудан ба мабдаи шахсият ӯро бештар фардӣ ва қобили таваҷҷуҳ гардонданд. Ҳоло ба муқоисаи муфассали ин ду давраи эҷодиёти М. Турсунзода ва ҳамнаслони ӯ, ки дар он тафовути ибрози андешаву эҳсосоти шахсияти ғиноӣ нишон дода шавад, машғул нашуда, зеро тадқиқи ин масъала дар маҷоли ин рисола нест, бо муқоисаи як-ду ибрози андешаву эҳсосоти фарди ғиноӣ дар ашъори ин ду давраи М. Турсунзода иктифо карда мешавад.

Дар ду шеъри «Суруди ман» ва «Бахти ҷовидон», ки мутаносибан солҳои 1946 ва 1947 навишта шудааст, шоир гӯё андешаву эҳсосоти худро дар атрофи мавзӯъҳои барояш бисёр азизу муҳим – эҷодиёт барои эҷодкор ва бахт барои одамӣ баён кардан мехоҳад, ки агар воқеан ба мавзӯъ андешида шавад, мавзӯест, ки барои ифодаи фардитарин таассурот ва башаритарин андешаҳои амиқ имкон доданаш мумкин мебошад. Аммо дар ҳар дуи ин шеър ҷои баёни андеша ва таассуротро тавсифҳои сатҳии бетаъсир гирифтаанд, ки аз онҳо на моҳияти асари эҷодӣ, на чеҳраи шоир ва на чигунагии вазъу хушбахтии инсон ба мушоҳида мерасад. Масалан, шоир ба суруд, шеъраш руҷӯъ карда мегӯяд:

Сурудам – ҳофизи рози дили ман,
Аниси булбуловози дили ман.
Уқоби тезпарвози дили ман,
Адиби нуктапардози дили ман [223, 33].

Ва як зарра гармие, ки дар мисраи аввали ин шеър ҳаст, бо вуҷуди аз оламҳои дигар-дигар будани мисраъҳо, дар бандҳои минбаъда аз байн рафта, шеър на танҳо андешаву таассуротеро, ки бояд ифода менамуд, надорад, балки чӣ гуна инсон будани эҷодкори худро ҳам ба мо намудор намесозад:

Туро медонам, эй мурғи ғазалхон,

Ки озодона дар ин давру даврон,
Дурахшида мисоли дурри ғалтон,
Равонӣ мисли оби ҷӯйборон… [223, 33].

Ва ба ин монанд мисраъҳои дигар, ки на андеша доранду на эҳсосот ва на фардияти эҷодкорро нишон медиҳанд. Шеъри дигар ҳам аз ҳамин қабил аст, ки чунин мисраъҳо дорад:

Чӣ ғам дорам, диёри хубтар аз бӯстон дорам,
Падар монанди Сталину халқи қаҳрамон дорам.
Ба болои сарам мурғи саодат мекунад парвоз,
Замини сабзу хуррам, обҳои зарфишон дорам [223, 26].

Ин шеърҳо дар ин ҷо на ҳамчун мисолҳои бад аз шеърҳои он замон махсус ҷудо карда шудаанд, ки масъала ба исбот расад, на, балки онҳо аз шеърҳои хуби он давраанд, ки шоири хуби замонаш гуфтааст. Он вақт М. Турсунзода яке аз шоирони машҳури Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Собиқ ва барои силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» барандаи Ҷоизаи давлатии ИҶШС дар соҳаи адабиёт шуда буд. Пас, набудани андешаи амиқ, эҳсосоти фарогир ва чеҳраи фардии инсонӣ дар шеъри ғиноӣ нуқси умумии шеъри он замон мебошад.

Сурати инсони ормонии замон дар натиҷаи дарёфти илмӣ, фалсафӣ, сиёсӣ, маънавию ахлоқии ӯ ҳосил мешавад, ки шеъри ғиноӣ ҳамчун яке аз шохаҳои ҳунар хусусиятҳои асосии инро, на бо мафҳумҳои муҷаррад, балки ба воситаи таассуроти фарди ғиноии хеш инъикос менамояд. Дар ин ҷо қонунияти мутазоде амал мекунад, ҳар қадар шахсияти эҷодии шоир фардитар аст, фарди ғиноии ашъораш ҳамон қадар бештар ба сурати инсони ормонии замон наздиктар аст, яъне инсон ҳар қадар фардитар аст, симои инсони иҷтимоиро ҳамон қадар возеҳтар падидор месозад.

Дар ин давра дар бархе аз шеърҳо ва манзумаҳои М. Турсунзода, масалан, достони ғиноии «Ҷони ширин» (с. 1959), шеърҳои «Ватан» (с. 1965), «Замин» (с.

1965), «Афсӯс, ки накардӣ имтиҳонам»« (с. 1966) андешаву таассуроти шахсии ӯ, ки бо ормонҳои иҷтимоияш ҳамоҳанганд, низ ба гӯш мерасанд.

Мавзӯи асосии шоири ғиноӣ шахси худи ӯ, ҷаҳони ботин ва шуури ӯст, ки дар натиҷаи муносибатҳои гуногуни иҷтимоию маънавияш бо олами хориҷ ва дигарон шакл мегирад. Чашми ӯ на фақат ба чашмаи дили худ, балки бо чашмаи дили дигарон низ нигариста, акси худро меҷӯяд ва агар меёбад, шеъраш ба ҷаҳон сурати ошноӣ мегирад ва агар намеёбад, эҳсоси ғурбат ва бегонагӣ мекунад.

Ин назари ботинбин, ки андешаҳои отифии худтаҳлилии дарунгароро ба бор меорад, ба авзои рӯҳии шоир, ниёзҳои иҷтимоию маънавии ӯ сахт вобастааст. Ашъоре, ки асоси онҳо андешаҳои отифии худтаҳлилии дарунгаро бошад, дар эҷодиёти М.Турсунзода андак аст, зеро дар фарди ғиноии шеъраш ҷанбаи иҷтимоии ҷаҳоншиносӣ нуфузи бузург дорад. Дар ин навъи ашъораш ҳам, ба монанди шеърҳои «Офарин, дил!» (с. 1967), «Шеъри ман» (с. 1972), «Сайри қитъаҳо» (с. 1975), «Гуфтугӯ бо худ» (с. 1977) ҳамон таъйиноти иҷтимоӣ, ки ҳастии фард барои ҷомеа аст, таъкид мешавад ва андешаву эҳсосот на ба дарун, балки ба бурун равона мегардад. Дар ин ҳолат танҳо ғинояте, ки ба табиати шоирии М. Турсунзода хос аст, ин таъйинотро аз даъвати хушку берӯҳ шудан халос карда, ба он самимият мебахшад.

Ашъори М. Турсунзода бо таҷрибаи зиндагиаш пайванди ногусастанӣ дорад. Ӯ, ки дар мақомҳои баланди Давлати Шуравӣ хидмат мекард, намояндаи мардум дар Шурои Олии ИҶШС, Раиси Кумитаи якдилии кишварҳои Осиёву Африқо буда, мартабаи як шахси олии мамлакатро дар дохилу хориҷи кишвар дошт, маънии зиндагии хешро дар ташвиқу тарғиби ғояҳои музаффари замони худ, талқини бунёдкорӣ, бахту саодат ва ҳамдилии мардум медид. Вақте ки аз зовияи маънии зиндагии шоир ба эҷодиёташ назар карда мешавад, дар он ҳолат дуруст дарёфтан мумкин аст, ки ӯ чаро маҳз ба ҳамин мавзӯъҳо рӯй меоварад ва чаро маҳз ҳамин гуна менависад.

Шоири асил ва махсусан, шоири ғиноӣ наметавонад, ки дар зиндагӣ як навъ ақида дошта, дар эҷодиёташ ба тариқи дигар зуҳур кунад. Бинобар ин, номи ҳар як шоири бузург дар зеҳни хонанда мавзӯъ ва мафкураеро падидор менамояд, ки

на танҳо ашъораш, балки шахсияташ ҳам бо он даромехтааст. Шахсият ва эҷодиёти М. Турсунзода ҳам ҳамин гуна мебошад. Аз ин рӯ, дар ашъори ғиноии андешаҳои отифиаш ҳам ҳамеша рӯҳияи шод ва фаъол доштани шахсияти ғиноии ӯ набояд мавриди нофаҳмӣ қарор гирад. Ва чунин ибрози замири худ аз ҷониби шахси шоир дар шеъри «Замин» дар матни эҷодиёти М. Турсунзода комилан табиӣ ба гӯш мерасад:

Зинда кардам дар замин ман шӯълаи хомӯшро,
Бо сухан дар ҷӯш овардам дили беҷӯшро,
Ман ба ҳар як тифли аз модар ба дунё омада,
Боз кардам аз сари ишқу вафо оғӯшро [238, 122].

Ҳамин тариқ, дар шеъри «Офарин, дил!» ҳам, ки мухотабаш дили шоир, яъне худи шоир аст, ягонагии фарди эҷодкорро бо олам, бо мардум, ки дар аксари ашъори ғиноии гузаштагон ноҷӯру фоҷиаомез буд, мутаносиб ва ҳампайванд нишон медиҳад.

Офарин, дил, занги аввалро надодастӣ ҳанӯз,
Дар мақомат бетанаффус истодастӣ ҳанӯз.
Мехӯрӣ ғамҳои оламрову шод астӣ ҳанӯз,
Андаруни оташӣ, оҳанниҳодастӣ ҳанӯз [238, 135].

Як андоза кайфияти шодмонии фармуда доштани шахсияти ғиноӣ, ки аз сиришти инсони ормонии замони сотсиалистӣ бармеояд, қариб дар ашъори ҳамаи насли шуаро, аз М.Турсунзода то Лоиқ, эҳсос мешавад. Дар ин ҷо он нукта низ тасдиқи худро пайдо менамояд, ки тимсоли «ман» -и ғиноӣ дар баробари ифодакунандаи шуури шахсии шоир буданаш шуури иҷтимоиро низ ифода мекунад ва яке аз сабабҳои дар шахсияти ғиноии ин шуаро ҷой доштани ҳамон кайфияти шодмонӣ дар шуури иҷтимоии замон мавҷуд будани он мебошад. Дар тимсоли «ман» -и ғиноӣ ифода ёфтани шуури иҷтимоиро аксари муҳаққиқони ин

масъала, аз ҷумла В. В. Виноградов ҳам қайд кардаанд. Ӯ менависад: «Мани ғиноӣ – ин танҳо тимсоли муаллиф нест, он – дар баробари ин намояндаи ҷамъияти бузурги инсонист» [40, 113]. Бинобар ин, дар ашъори шоирони гуногун аломатҳои баҳаммонанди шуур доштани «ман» -ҳо ва ё шахсиятҳои ғиноӣ дар аксар ҳолатҳо табиӣ ба назар мерасад.

Ин ҳолат дар ин пораи шеъри «Офарин, дил!»-и М. Турсунзода, ки дар охири солҳои шаст навишта шудааст, низ ҳаст: «Меҳӯрӣ ғамҳои оламрову шод астӣ ҳанӯз», ин оҳанг дар солҳои чиҳилум дар силсилаи «Қиссаи Ҳиндустон» дар шеъри «Бозгашт» низ ба гӯш расида буд: «Шодам, аммо меҳурам ғамҳои халқи дигаре» [238, 225].

Ҳарчанд дар ин рисола дар эҷодиёти шуарои наслҳои мазкур ва баъзеи дигари нимаи дуюми аср ба як андоза оҳанги фармуда доштани шодиву хушбахтӣ ва сарфарозиҳои шахсияти ғиноӣ дар ашъори андешаҳои отфиашон ишора мешавад, аммо бо нияти хурдагирӣ нест, зеро ин оҳанг аз марому мақсади зиндагии онон бармеомад, ки ба тасвири ҳақиқати зиндагӣ камтар майл намуда, имрӯз ва фардоро аз рӯи ормон (идеал)-и худ, ки чӣ тавр бояд бошад, бештар ситоиш мекарданд. Ба замми ин, махсусан, аз ҷониби шуарои насли М. Турсунзодаву М. Миршакар, ки дар пешрафти ҷумҳурии ҷавони Тоҷикистон иштирок карда, дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ ба дастовардҳои чашмраси иҷтимоию иқтисодӣ ноил шудани кишварро дидаанд, бо шефтагии ғолибиятҳо бештар тавсифи музаффарият карданашон камтар аҷобат дорад. Аммо, ба ҳар ҳол бояд қайд кард, ки танҳо бо тавсифи шефтагиву музаффариятҳо ҷаҳони шахсияти шеър амиқтар, серпаҳлутар, воқеитар намешавад ва тазодҳои замон, зиддияти муносибатҳои фарду ҷомеа ва муборизаи шадиди неку бад, ки дар ботини инсон ҳамеша ҷараён дорад, аз назари тааммуқ дур мемонад.

Дар эҷодиёти М. Турсунзода ва дигар шоирони ҳамнасли ӯ ашъори ғиноии андешаҳои отифӣ, ки дар онҳо фарди ғиноӣ ба тафаккуроти худтаҳлилии дарунгаро машғул бошад, ками дар кам ба назар мерасад. Ин бо ҳама он мероси бузурги шеъри ҳазорсола, ки дар он андешаҳои худтаҳлилӣ ба дараҷае амиқ ва серпаҳлу буданд, ки яке аз сабабҳои асосии оламгир шудани он гаштанд. Ин

андешаҳои отифии худтаҳлилӣ асосан реша дар тазвиҷи ирфон ва шеър доштанд ва азбаски ғояи бунёди инсони нав бо мероси маънавии гузашта созгор набуд, шоироне, ки шеърашонро ба хидмати сохтани ин гуна инсон гузошта буданд, аз истифодаи он таҷриба эҳтироз мекарданд. Ва сиёсати адабӣ ҳам ба ин кор ҳаргиз рӯи хуш намедод. Бо вуҷуди ин, шахсияти ғиноии ашъори М. Турсунзода дар андешаҳои отифии худтаҳлилиаш нисбат ба дигарон ҷолибтар ба назар мерасад, зеро баробари хидматгузори ғоя буданаш бандаи дил ва ҳиссиёт ҳам ҳаст ва ғояи иҷтимоияшро ҳам дар кӯраи дил гудохта, бо гармии он як ҷо берун меорад, ки ба дилҳо гармӣ медиҳад.

Дар мавридҳое, ки шахсияти ғиноӣ дучори ночорӣ ва дар рӯҳияаш ғаму ғусса боло гирифтанӣ мешавад, ӯ мақсад, ғояи асосии зиндагиашро ёд оварда таскин меёбад. Ин дар ашъоре рух медиҳад, ки дар онҳо авзои рӯҳии шахсияти ғиноӣ бо ҳамаи мураккабию зиддиятҳояш, бо ҳиссиёти ғамангезу суруромезаш, ки баъзан оҳанги фоҷиавӣ ҳам дорад, ба тасвир меояд. Дар шеъри «Ватан» шахсияти ғиноӣ бо сабки сода ва ба дил наздик сухан оғоз мекунад, ки ба лаҳни суҳбат қаробат дошта бошад ҳам, шоирона аст:

Баҳор омад, зи умрам боз як соли дигар бигзашт,
Тамоми зиндагӣ оҳиста аз пеши назар бигзашт.
Ба мисли гӯшту нохун ҳамеша бо Ватан будам,
Агарчи нисфи умри беҳтаринам дар сафар бигзашт [238, 121].

Вақте ки ӯ дар бораи дар сафар гузаштани нисфи беҳтарини умр, дур аз ёру диёр ғуссаманд буданаш сухан мегӯяд, баробари ин боз чизҳоеро гӯшзад мекунад, ки вазнинии ин ғуссаро сабук месозад: ӯ доимо дар ёд дорад, ки мисли гӯшту нохун бо ватан пайвастааст ва ҳатто аз он сӯи укёнус ба гӯши ӯ садои ватан мерасад, ин ҳиссиёт бар ғуссаи ӯ ғолиб омада, шеърро ҷамъбаст мекунад, ки ҳамаи ин дарди ҷудоӣ ба хотири мақсади асосии зиндагист:

Агарчи борҳо афтодам аз ёру диёрам дур,

Ба сайёҳӣ маро карданд гарчи дӯстон машҳур,

Вале ман дар ҳама ҷо, дар ҳама кунҷу канори даҳр,

Ҳамеша бо ватан будам, ҳамеша бо ватан масрур [238, 121].

Бешубҳа, ин дарде нест, ки ҷонкоҳ бошад ва мақсади шоир ҳам сухани дардовар гуфтан нест, балки изҳори муҳаббати Ватан аст, ки ҳамеша дар дили ӯ ҳаст, ҳам дар ғурбат, ҳам дар диёр. Дар ин андешаҳои худтаҳлилии отифӣ ҳам дида мешавад, ки назари шоир бештар бурунгарост, то дарунгаро.

Ҳамин тариқ, ин ангезаи рӯҳӣ, ки аз омадани баҳору дур аз ватан дар сафарҳо гузаштани боз як соли умри азиз суҳбат мекард, ба шеъре мубаддал гашт, ки баёнгари андешаи отифӣ ва розу ниёзҳои шоир шуд. Вале асоси он ангезаи рӯҳӣ, ки дар воқеияти зиндагии шоир ҷой дошт, аз мафҳуми як санади ҳаётию маишии худ фаротар рафта, барои ифодаи ҳолати рӯҳии таъмимшудае, ки муҳаббати ватанро барои ҳама муассир ифода карда тавонад, қобил гашт.

Дар шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ шуури фардӣ, ки ба воситаи шахсияти ғиноӣ ифода мешавад, вобаста ба тамоюли эҷодиии шоир ду навъ хусусият пайдо менамояд, ки баъзан ақлгароёна ва баъзан ҳисгароёна мебошад. Агар он бештар хусусияти ақлгароёна дошта бошад, дар он ҷузъиёти ҳаёти моддию маишии шоир камтар ба назар мерасад, агар бештар ҳисгароёна бошад, ҳамчунонки шеъри А.Шукуҳӣ ҳамин гуна хусусият дорад, дар он тасвири ҷузъиёти ҳаёти моддию маишӣ ва рӯҳии шоир мақоми бештаре пайдо менамояд. Ин ҳолат чеҳраи шахсияти ғиноиро, ҳарчанд ки ӯ шуури таъмимшудаи иҷтимоиро ифода мекунад, мушаххас ва гарм ба назар ҷилвагар месозад.

Дар аксари шеърҳои А.Шукӯҳӣ, ки шуури иҷтимоии таъмимшуда ифода мешавад, шахсияти ғиноӣ ҳамин гуна хусусият дорад. Ӯ андешаҳои отифии худтаҳлилии худро ба воситаи ҷузъиёти ҳаёти моддию маишии худ ва бо ибрози муҳаббат ва самимияте, ки дигарон ҳам дар ин маврид доштанашон мумкин аст, баён менамояд. А. Шукуҳӣ, ки асосан шоири ишқу муҳаббат аст, шахсияти ғиноии ӯ андешаҳои отифиашро дар мавзӯъҳои иҷтимоӣ ҳам, чунонки дар шеъри «Ёди Ватан» ҳаст, бо лаҳни ошиқона ба забон меорад:

Кунам ҳар ҷо агар ёди ватанро,
Давам чун бод саҳрои суханро.
Агар дар сӯхтан бошад муҳаббат,
Зи ман омӯз доим сӯхтанро.

Ватанро беҳтар аз ҷон ёд кардам,
Ба мисли ҷону ҷонон ёд кардам.
Агар борон биёяд дон, ки ман ҳам
Варо бо чашми гирён ёд кардам [370, 33].

Дар ин пора сухан аз мавзӯи иҷтимоӣ, аз меҳру муҳаббати Ватан аст, аммо он бо калимаву ибораҳое, ки маҳзи ашъори ошиқона аст, ба монанди сӯхтан, муҳаббат, ёд кардан, борон, чашми гирён ва ғайра изҳор шуда, оҳанги муҳаббат ҷӯр мекунад. Ин хусусият дар аксари ашъори А.Шукӯҳӣ, аз ҷумла дар шеърҳои «Ба рухи поки Ватан дилбандам», «Қувваи парвоз», «Эй суруди ман», «Сафири ишқбозон» нақши равшане дошта, симои шоирӣ ва сабки эҷодии ӯро фардият мебахшад.

Ҳамин тариқ, хостарин хислати шахсияти ғиноии ашъори А.Шукӯҳӣ дар он зоҳир мешавад, ки ӯ дар мавзӯъҳои бузурги иҷтимоӣ ва шаҳрвандӣ ҳам самимонаю ошиқона сухан мегӯяд. Ин шеъри иҷтимоӣ ва шаҳрвандии ӯро аз мутантании қолабии шеърҳои солҳои чиҳилу панҷоҳи қарни бист халос карда, тариқи дигари ифодаи воқеитар ва таъсирбахштари мазмунҳои иҷтимоию шаҳрвандиро нишон медиҳад. Агар сухан ва сабк ҳамеша якмаром корбаст шавад, тарзи ифодаро ба қолаб медарорад. Дар адабиёт ҳар чизе ки ба қолаб даромад, бояд шикаста шавад. А.Шукӯҳӣ қолаби баёни ҳарфию хитобиро дар мавзӯъҳои иҷтимоӣ мешиканад ва бори иҷтимоиро бар дӯши ишқи худ мегузорад ва онро, ҳамчунонки дар шеъри «Ишқи ман» ҳаст, самимона мекашад:

Нест ишқи ман ба мисли нотиқи минбарпараст,

То сухан гӯяд фақат аз бахри изҳори вуҷуд.
Вай хамӯшона заминро дошта бар рӯи даст,
Мезанад чашмак ба сӯи осмони каб-кабуд [370, 94].

Дар ин ҷо чунин мешавад хулоса кард, ки шахсияти ғиноии А.Шукӯҳӣ дар ашъори андешаҳои отифии худтаҳлилиаш ҳам чун ошиқ намудор гашта, бо ҷомеа ва ҳаёти иҷтимоӣ аз роҳи ишқ муносибати созгор дорад.

Дар эҷодиёти ғиноии Ғ. Мирзо ҳам шеърҳое, ки дар онҳо шахсияти ғиноӣ ба андешаҳои отифии худтаҳлилии дарунгаро машғул бошад, мавқеъ надоранд. Аммо дар баъзе шеърҳо, аз ҷумла «Андеша» (с. 1965), «Ман накунам, кӣ мекунад?» (с. 1965) шахси шоир ҳангоми андешаҳои худтаҳлилӣ ба назар мерасад, вале нигоҳи ӯ на ба дарун, балки ба берун равона шудааст. Дар ин шеърҳо ӯ гӯё бо ҷомеа ихтилоф дорад, ҳарчанд ғояи асосии эҷодиёти Ғ. Мирзо асосан ситоиши замон ва ҷомеаи сотсиалистист. Дар шеъри «Ман накунам, кӣ мекунад?», ки мақсади асосии он парвариши эҳсоси ифтихор аз Ватани советист, шахси шоир ҷо-ҷо ба бадӣ ва носозгориҳо, ки дар он вуҷуд доранд, рӯякию нӯгизабонӣ бошад ҳам, ишораҳое мекунад.

Дил ба ғами Ватан фигор
Ман накунам, кӣ мекунад?
Ҷон ба раҳи Ватан нисор
Ман накунам, кӣ мекунад?
Дар баду неки ӯ шарик
Ман нашавам, кӣ мешавад?
Ҳифзу вафои ӯ шиор
Ман накунам, кӣ мекунад? [126, 57]

Дар ин шеър мисраъҳое чун «Ҷони ба зулм мондаро // Ман нахарам, кӣ мехарад? // «Марги ситамгарони дад // Ман надиҳам, кӣ медиҳад?» // «Ҳифзи ситамкашони хор // Ман накунам, кӣ мекунад?» [126, 57] ҳастанд, аммо

намешавад гуфт, ки онҳоро шоир дар бораи воқеияти кишвари худ гуфта бошад, зеро кулли эҷодиёти ӯ далолат мекунанд, ки ӯ фақат дар бораи кишварҳои хориҷӣ метавонад ин тавр бигӯяд.

Дар шеъри «Андеша», «ман» шахси худи шоир буда, аз ҳолати ногуворе сухан мегӯяд, ки аз носозгориҳои замон ба сараш омада буд. Ин шеър аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки қариб аввалин бор дар шеъри солҳои шаст дар эҷодиёти Ғ. Мирзо шахси шоир дар ҳолате ба қалам омад, ки бо авзои ҷомеа, ҷузъӣ ва ҷудогона бошад ҳам, ноҷӯрӣ пайдо кардааст. Ҳарчанд дар шеър ба ин ҳолат умумият дода нашудааст, вале бо ҷудогонагии худ ҳам қобили таваҷҷуҳ аст, зеро дар байни он ҳама пирӯзию хушбахтию шодбошиҳо як лаҳзаи зиндагии мушкили инсон аз ҷониби шоире ифода шуд, ки ин чиз дар мароми эҷодияш истисноӣ буд.

Мешавам дилгир гоҳ
Аз таънаҳои дӯстон,
Гаҳ зи дилсӯзии бемавқеашон
Сил мешавам.
Зӯри биссёрам, ки омад,
Чун сабукборони давр
Як нафас
Дар фикри дигар ҷою манзил мешавам [126, 114].

Шахси шоир ҳарчанд дар ин шеър аз «таънаҳои дӯстон», «дилсӯзиҳои бемавқеашон» дилгир ва «як нафас дар фикри дигар ҷою манзил мешавад», аммо мушкили ӯ беилоҷ намебошад, зеро, аввалан, мақсади тоифаи ғаразнок «кирои он қадар оворагӣ» ҳам нест, ки мехоҳад ӯро нороҳат кунад, сониян, ӯ соҳиби ватани бузург (собиқ ИҶШС) аст, ки рӯзи ӯ «дар ҳар куҷои ин ватан хоҳад гузашт», вале меҳри Тоҷикистон имконаш намедиҳад, ки ҳиҷрат кунад. Яъне ин рӯҳияи нороҳатӣ яклаҳзаӣ, бархӯрди шоир бо атрофиёнаш дар сари масъалаи ҷузъист ва ӯ дар баробари рақибони худ пуштибони муқтадир дорад, ки Ватани бузургаш аст. Лекин ба ҳар ҳол азоби рӯҳии «ман»-и шоир касро ба худ ҳамдард карда,

сурати хулосаи шеър дар хотир, ҳасраташ дар дил менишинад. Шоири ғиноӣ, Ғаффор Мирзо, ки хидмати сиёсат ва тавсифу таҳсини ҳизби коммунист ва сарварони онро карда, зиндагиро бештар бо рангҳои фармудаи муҷалло ба тасвир гирифта, ҳамеша рӯҳияи ғолибона мепарварид, ҳамин ки ноҷӯрие дар зиндагиаш ворид шуд, ночор ба ҳоли воқеии дилаш гӯш дод:

Дӯстон дар ҳукми токам,
Токи дар авҷи камол,
Дар гумон дар ҷои нав
Ин хел бор оварданам,
Сад қаламча метавонам дод
Аз ҳар хадраам,
Лек шуд, бигзашт
Фасли ҷойгардон карданам [126, 116].

Дар ин ҷо вобаста ба «ман»-и шоир ва муносибати он бо «шахсияти ғиноӣ» он чизро бояд қайд кард, ки дар баробари на ҳамеша «шахсияти ғиноӣ» шудани «ман»-и шоир, ҳамчунонки дар ин шеъри «Андеша»-и Ғ. Мирзо «ман»-и шоир «шахсияти ғиноӣ» набуда, худи шоир аст, на ҳамеша ҳар воқеаи тарҷумаҳолии ӯ низ ба воқеаи бадеии асар табдил мешавад. Дар айни ҳол сабаби ба вуҷуд омадани шеъри «Андеша» ва чанд шеъри дигари Ғ. Мирзо, ки дар онҳо шоир бо шикоят аз вазъи ноҷӯри муваққатии зиндагиаш сухан мегӯяд, он аст, ки ӯ дар солҳои шастум бар асари кашмакашҳои адабие, ки дар байни адибон ва Иттифоқи нависандагон ҷой дошт, як муддат аз узвияти Ҳизби Коммунист хориҷ карда шуда, боз аз нав пазируфта шуд, ба он маъно, ки Кумитаи Марказии Партияи Коммунистии ИҶШС қарори КМ ПК Тоҷикистонро дар бораи аз узвияти ПК хориҷ кардани Ғ. Мирзо тасдиқ накарда, ӯро дар сафи ҳизб бозгузошт. Аммо, ба ҳар ҳол, ин барои махсусан, Ғ. Мирзо, ки тамоми ҳастии худро ба Ҳизби Коммунист пайванд медид, зарбаи сахти маънавӣ буд. Ин воқеаи тарҷумаҳолии шоир дар чанд шеъраш акс андохт.

Андешаҳои шахсияти ғиноӣ дар ашъори худтаҳлилии Ғ. Мирзо, ҳамчунонки қайд шуд, бештар бурунгарост. Яке аз шеърҳое, ки Ғ. Мирзо дар ин солҳо навиштааст «Чашм сӯи ботинам бино будам» (с. 1975) ном дорад ва номаш ҳатто ишора ба он мекунад, ки дар он андешаву ҷаҳони ботинии шоир бояд ифода шавад. Ҳарчанд дар байти аввал шахси шоир «Ман намедидам муҳити хешро, // Чашм сӯи ботинам бино будам» [125, 92] мегӯяд, вале дар байти дуюм суханаш ба сӯи олами бурун меравад: «Обу оташ нописандам буд, ки худ // Обшору сӯхторосо будам» [125, 92]. Ва ҳамин тариқ, дар бандҳои дигар ҳам, ки маҳсули ангезаҳои ҳиссӣ мебошанд, сабки сухан бурунгарост ва баъзан оҳанги зарофату писханд ҳам мегирад, ба монанди ин: «Бо шиносоии осоне ба як // Кӯчаи гӯсолагарди Ховалинг // З-ин ҳазор(?)[1] хона гузаштан хостам // Чингулингу сабзу тар чун бодиринг» [125, 93].

Маълум мешавад, ки дар ин шеър чашм сӯи ботини худ бино будан, яъне назар бар ботини худ доштан на ба маънои андаррасидан ба моҳияти инсонии хеш, балки ба маънои надидани фиребу норосткориҳои дигарон истифода шудааст: «Бинам, он рӯшодию он ростӣ // Бо усули ман намеояд ба кор. // Дар намак, бинам, шакар андохтан // Касб гардидаст дар гуфтугузор» [125, 93]. Чашм сӯи ботин доштан, яъне ба ботини худ нигаристану надидани воқеияти рӯзгор ба кас имкони зиндагии беғамона, ноогоҳонаро медиҳад, ки дар охири шеър шахси шоир ин хулосаро эълом медорад:

Бо надидан баҳр то зону будаст,
Осмон аз бом як гаврон будаст [125, 93].

Чунонки аз ин шеъри ба ифодаи ҷаҳони ботинӣ ишора дошта дида шуд, он ҳам ба олами берун тааллуқ гирифт ва аз масъалаҳои иҷтимоӣ бештар суҳбат кард, то рӯҳиву шахсӣ. Ғояи ин шеър, ки хушбахтӣ дар ноогоҳона зистан хулоса

[1] Ҳар ҷо ин аломат ҳаст, вазни шеър нуқсе дорад.

мешавад, албатта, “хушбахтиест”, ки ҳеҷ инсони хирадманд қабулаш надорад ва онро шоир бо киноя ифода кардааст.

Шахсияти ғиноии Ғаффор Мирзо, ҳарчанд андешаву эҳсосоти худро бо воситаи ташбеҳу истиорот, яъне ҷузъиёте, ки аз олами ашёст, иброз медорад, суханаш нисбат ба бори андешамандӣ, бештар табу тоби публисистӣ пайдо мекунад. Ин хусусият ба тору пуди равияи эҷодии шоир печида, дар аксари ашъори ӯ, аз ҷумла дар шеърҳои «Мумкин, ки шодимарг шавам», «Аз рӯзгор то шиор» (с. 1975) бармало ба назар мерасад. Муҳтавои ин шеърҳо аз рӯҳияи шоир мебошанд, ки ба ҷаҳони ботин вобастаанд, вале бо вуҷуди ин, дар онҳо хусусияти публисистӣ бештар аст ва дар ин ҳол табиист, ки дар ашъори оид ба мавзӯъҳои иҷтимоию сиёсӣ буда, ин хусусият бештар аст.

Дар ҳамон солҳо шахсияти ғиноӣ дар ашъори Ғ. Мирзо на фақат ба оҳангҳои сиёсию иҷтимоӣ, балки бо навоҳои худии дили шоир, ки бештар аз ҳисси ҳаёт ҳамчун эҳдои табиат вобаста буда, дар он на танҳо доим шодӣ, балки ғаму ғусса ҳам ҳаст, низ гӯш медиҳад, ки он дар шеърҳои «Мумкин, ки шодимарг шавам» (с. 1974), «Фикр мекардам» (с. 1974), «Суҳбат бо марг» (с. 1974), «Баъд аз ин» (с. 1975», “Шукри худои шеър” (1995), «Ба ҷуз як ғам» (с. 1996), «Қисмат чӣ накӯ карду чӣ бад кард» (с. 1996) танин меандозад. Дар ду шеъри охир, махсусан дар шеъри “Ба ҷуз як ғам”, рӯҳияи дарду ҳасрат аз қисмати носозгор хеле амиқу асаргузор ифода шудааст. Ин шеър аз забони шахси шоир буда, дарду ғамҳои ӯро, ки асосан ба гузаштаи ҳаёти ӯ тааллуқ доранд, зеро онҳо бештар замони бачагиву наврасии шоирро фаро мегиранд, ҳарчанд даврони баркамолияш ҳам истисно нест, бағоят шадид, ба обу тоб, пуртаъсир ифода кардааст. Ранҷу азоби бачагӣ ва наврасияш бештар моддӣ ва бо сабаби ятимӣ аз меҳрубонии волидайн бенасиб мондани ӯро бозгӯ мекунад, вале ғаму дарди баркамолияш ғолибан рӯҳию равонист. Андешаҳои отифии шоир дар ин шеър асосан бо воситаҳои забонӣ, бе руҷӯъ ба воситаҳои тасвир, болои ҳам ифода мешаванд, аз ин рӯ сахт ташдид мегиранд, ки бар таъсири онҳо меафзоянд. Сохтори шеър ҳам, аз назари ба пораҳо ҷудо кардани он, ба чунин хусусият гирифтани шеър корсоз мебошад, зеро ҳар пора бо як оғоз шудан чаҳор байтро фаро мегирад, ки дар онҳо зикри

матлаб пайдарҳам давом карда, танҳо дар байти чаҳоруму мисраи ҳаштум ба охир ва нуқтаи таммат мерасад. Мусаллам аст, ки чунин сохтор баёни андешаву эҳсосотро сахт шадид мекунад, ки пораи аввал ҳам мисоли равшани он аст:

Чу ба аслу насл омӣ, чу на нозпарварам ман,
Чу ба модарандари бахт ҳамагӣ писандарам ман,
Чу ба мурғакию ғомук, ба ҷугорӣ (?) гуфтаам ман,
Нафаси гуруснагиро ба алаф гирифтаам ман,
Чу ба ҳар камиям омӯхт, ба фурӯтаниям омӯхт,
Чу ба обу ордобу лаби арзаниям омӯхт,
Набувад на доғи ҳасрат, на ғами кабоби мурғам,
На хумори тухми моҳӣ, на ғами шароби сурхам [126, 152-153].

Дар байти аввал ташдиди баёни андеша ба воситаи тазоди забонӣ – омиву нозпарвар, модарандару писарандар ҳосил мешавад. Махсусан дар мисраи дувум тазоду ҳусни баён қавист. Шоир бахтро, ки ба худ модарандар мехонад, маълум аст, ки бо ин муносибати бахтро ба худ гуфтааст, аммо ӯ бо ин қонеъ намешавад ва бар замми он худро писарандари модарандар меномад, ки номеҳрубонии бахтро бар ӯ як бар чанд бештар баён мекунад. Бо алафу ҷувориву ордобу лаби нони арзанӣ гуруснагии худро таскин додани шоир вазъи замони ятимии бачагияшро ифода месозад, ки як умр дар хотирааш боқист ва ёд овардани он дард меорад. Ин қадар маҳрумият ба хислати шахс асари сахт боқӣ гузошта, ӯро ба фурӯтаниву қаноатпешагӣ одат медиҳад, ки ӯ ҳасрати кабоби мурғу тухми моҳиву майи сурх намекунад. Аз ҷиҳати сохтор мисраъҳоро ба ду қисмат тақсим кардан низ, ки ба афоили вазн ҳам мутобиқ меояд (фаилоту фоилотун // фаилоту фоилотун) шадидии таъсири баёнро меафзояд. Ба ҳамин тариқ, дар се пораи ҳаштмисраии ин шеър аз аҳволи тоқатфарсои пешини худ, ки дар ашъори он замон эҷодкардааш аз он бо шодию сурур ва ифтихору шукр сухан мегуфт, ин дафъа бо ҳасрату надомат ёд меоварад, зеро шоир ҳақ дорад ҳар дафъа вобаста ба мароми мақсади муайяни эҷодиаш аз ҳолатҳои мухталифи зиндагӣ ва рӯҳию

равонияш суҳбат кунад. Андешаи шоир, ки “зи ҳабси нестиҳо” раҳо шуда “ба умед” “ба ҳастии ноз “ расидааст, низ барбод меравад, ки ба замони дигари иҷтимоӣ рост меояд. Ин маънӣ дар пораи ҷамъбасти шеър чунин ифода шудааст:

Чу зи ҳабси нестиҳо шудаам ба ҳастии ноз
Ба умеду бо муроди ҳавасу ҳавои парвоз,
Чӣ кунам, ки ҳабси дигар будааст ин кушодӣ,
Батамом ҳабси рӯҳу хираду шууру шодӣ,
Чӣ кунам, ягона умрам ба азоби гӯр бигзашт,
Ба малоли нотавонӣ паси симтӯр бигзашт,
Чӣ кунам, вуҷуди мискин ба замони кост омад,
Ва ҳуҷуми костиҳо ба камина рост омад [126, 153].

Андешаи ва эҳсосоти шоир аз ин замон низ ба ду гуна аст, ки аз хусусияти замон ҳам бармеояд. Бо аз байн рафтани сохти иҷтимоии пешин кишвар ба истиқлол расид, ки ба рушд ёфтани эҳсосоту андешаи боланда замина мегузорад, аммо он азбаски бо ноороминву вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ ҳамроҳ омад, низ, ҳамчунонки дар пораи иқтисбосшуда ҳаст, аз паси пардаи ҳузну малоли хотир дида мешавад. Андешаву эҳсосоти шахсияти шеър дар бисёр ҳолатҳо омехта ба ҳузн аст, ки ба хотири ҳамингунагии вазъи замон як амри табиист ва андешаву эҳсосоти отифии шахсияти шеъри ғиноии Ғаффор Мирзо ҳам, ки пеш аз ин давра асосан болидарӯҳона буд, дар ин замон аз оҳанги шодмонаи худ хеле кост.

Барои офаридани тимсоли шахсияти ғиноӣ ҳар қадар аз воқеаҳои тарҷумаиҳолии шоир истифода шавад, ҳамон қадар аз тахайюлот ҳам ба кор гирифта шуданаш мумкин аст. Бинобар он, шахсияти ғиноӣ ҳам як навъ тимсоли инсон аст, ки бо усулҳои гуногуни бадеӣ офарида шуда, ба ин ё он табақаи ҷамъият тааллуқ гирифта, хулқу атвор, рафтору гуфтор ва шуури иҷтимоии ӯро дар худ таҷассум менамояд. Дар ин маврид барои тавсифи ӯ на фақат муҳтавои амал, балки сабки баён ва чигунагии хазинаи вожагоне, ки шоир ба кор мебарад,

низ ахамияти махсусе пайдо мекунад. Ҳамчунонки аз мисолҳои фавқ бармеояд, шахсияти ғиноии Ғаффор Мирзо худро як ҷузви халқи заҳматкаш меҳисобад, ки дар ахлоқаш покизагиву ҳамидагӣ, ростиву адолат мавқеи муҳим дорад. Ӯ худро забони адолати мардум медонад ва табиист, ки бештар ба забони мардум суҳбат ва аз луғати ӯ истифода мекунад. Дар баъзе маврид забон ва шеваи баёни ӯ ба ширинӣ ва шевоии забони мардум мерасад, вале на ҳама вақт ба он тароват ва инсиҷоме, ки дар сабки забони мардум ҳаст, дастёб мешавад. Ин ҳолат дар ашъоре, ки шахсияти ғиноӣ аз масъалаҳои иҷтимоӣ суҳбат мекунад, бештар зоҳир мешавад.

Забони баёни шахсияти ғиноӣ дар ашъори андешаҳои отифии худтаҳлилӣ забони худи шоир аст, ки яке аз унсурҳои асосии шаклдиҳандаи сабки ӯст. Ба Ғаффор Мирзо зарур буд, ки сабки сухани худро бо сабки сухани шеъри классик, ки дар даврони нав шеваи тозаи истифода дошта, бештар асолат ва инсиҷоми онро ба кор мегирифт, пайванд диҳад, то ашъораш на фақат бо мухтавову шуури иҷтимоӣ, балки бо сабку забонаш ҳам намоёнгари хуби фарҳанги забони замон бошад.

Шеъри ғиноӣ дар нимаи дуюми садаи бист аз назари мухтаво, олами фард ва сабку баёни андешаву эҳсосот сол ба сол пурмаъанову муаассир ва фардитар мешуд. Дар байни ба арсаи адабиёт ворид шудани Ғ. Мирзо ва М. Қаноат ҳамагӣ камтар аз даҳ сол фосила вуҷуд дорад, аммо аз назари кайфияти шеър дар эҷодиёти онҳо тафовутҳои чашмрасе мавҷуд аст, ки на фақат ба қобилиятҳои фардии онҳо вобаста аст, ҳарчанд ки онҳо аз ҷиҳати хусусияти истеъдод ба ҳамдигар фарқиятҳои шохис доранд. Масъала дар сари як андоза бозтар шудани фазои сиёсиву фарҳангии мамлакат буд, ки дар натиҷаи он истифодаи эҷодкоронаи суннатҳои пурбори шеъри классикии ҳазорсола имконпазир гашт. Яке аз фарқиятҳои асосӣ, ки дар байни ашъори Ғ. Мирзо ва М. Қаноат мавҷуд аст, дар ҳамин мебошад, ки М. Қаноат истеъдоди худро дар заминаи шеъри классикӣ парвариш дода, ба гуфтани шеъри замон омода сохт.

Нигоҳи М. Қаноат ҳам дар ашъори ғиноияш бештар бурунгаро, то дарунгарост. Шахси шоир дар шеърҳои ӯ ба шайъ, ки мавриди тасвир, андеша,

эҳсосот ва таассурот қарор мегирад, ворид гашта, ё аз забони худи он шайъ ва ё ҳамчун ровӣ аз забони шахси севум сухан мегӯяд. Аммо дар ҳама ҳолат ин андеша ва эҳсосоту таассуроти худи шоир аст, ки аз ҳодиса ё шайъ бардоштааст. Бинобар ин, шеъри ӯ ҳарчанд ғиноист, бештар рӯ ба олами хориҷу шайъист, то рӯ ба олами даруну андешаҳои худтаҳлилӣ. Дар фарди шеъри ӯ он хоҳ шахсияти ғиноӣ, хоҳ шахси шоир ва хоҳ ровӣ бошад, ҳамон нигоҳи бурунгаро бартарӣ дорад, ки хосияти инсони иҷтимоан фаъол аст. Сабаби дар эҷодиёти М. Қаноат ва дар ашъори ғинояш ҳам афзалият доштани мавзӯъву муҳтавои иҷтимоӣ ҳам дар ҳамин аст. Вай дар шеъри ғинояш ҳам, агар бар олами дарун меравад, ба воситаи аносири олами хориҷ ба дарун меравад.

Дар эҷодиёти М. Қаноат ашъоре, ки дар онҳо фарди ғиноӣ бевосита аз олами дарун, аз эҳсосоту таассуроти худии худ суҳбат кунад, хеле ба нудрат ба чашм мерасад, вале, ба ҳар ҳол, ӯ ҳангоми муроҷиат ба шайъ, шахс ва ё ба ёд овардани ҳодисае, ки дар шеър тафсир мешавад, аз ангезаи ҷаҳони рӯҳии хеш низ сухан мегӯяд. Масалан, дар шеърҳои «Дури ноёб меёбад» (с. 1964), «Ману шабҳои бехобӣ» (с. 1966) ва «Суруди охирин» (с. 1971), ки сеюмӣ аз силсилаи «Созҳои Шероз» мебошад, ин андеша тасдиқи худро меёбад.

Мавриди баёни таассурот ва эҳсосоти ошиқонаи ҳар дуи ин шеър маҳбуба аст ва «ман»-и ғиноӣ, ки шахси шоир аст, розу ниёзи худро бо муроҷиат ба маҳбуба ифшо менамояд. Ҳарчанд шеъри «Ману шабҳои бехобӣ» бо чунин мисраъ оғоз мешавад: «Ба ёди мӯи шабранги ту // Шабро то саҳар бурдам» [98, 118], ки гӯё бевосита ба маҳбуба муроҷиат мекарда бошад, аммо ҳангоми саропо хондани шеър маълум мешавад, ки ҳузури маҳбуба ҳамчун мабҳаси муроҷиат зарурат надорад, зеро шоир хотироти ошиқонаи худро ба худ мегӯяд. Бинобар ин, ҳамаи он ба ёд овардани маҳбубаву орзуҳои «ман»-и шоир арзи ҳоли дил кардан ба танҳоии худ аст:

Ки шояд дар лаби дарё
Туро ёбам тани танҳо
Бигӯям бо лаби хомӯш дар гӯшат

Диламро – достонамро,

Супорам дар таҳи боли ту ҷонамро… [98, 118].

Тасдиқи ин нукта дар охиртари шеър, ҳангоме ки «ман»-и шоир баъд аз мисраъҳои «Парӣ гаштӣ, Паридӣ, аз сарам рафтӣ» мегӯяд, равшантар ба назар мерасад:

Вале дидам:

Маро дар пой занҷир аст,

Садо бархост аз занҷири тиллоӣ:

Магар овози занҷир аст,

Ё овози тақдир аст?.. [98, 118].

Ин занҷир, ки ба шоир имкони аз паси маҳбубаи худ парвоз карданро намедиҳад, чист? Ва чаро ин занҷир тиллоӣ, яъне сахт арзишманд аст. Оё ин занҷирест, ки ишқи пешин бар пои ӯ андохтааст, занҷири хонавода? Он ҳар чӣ занҷире бошад, вале дақиқ аст, ки агар маҳбуба дар баробари ошиқ ҳузур медошту мухотаб қарор мегирифт, ин ҳарфҳо бар забони фарди ошиқ намерафт, танҳо ғоиб будани маҳбуба ва ба худ суҳбат кардани ӯ имкон медиҳад, ки ин суханҳо гуфта шаванд. Аз ин чунин бармеояд, ки дар шеъри ғиноӣ дар баъзе маврид шоир, агарчи ба касе бо руҷӯъ сухан мегӯяд, аммо дар он ҳолат низ танҳо бо худ суҳбат карданаш мумкин аст. Дар ин гуна ашъор ӯ ҳарими дили худро барои худ мекушояд, гӯё аз ёд мебарад, ки ба каси дигар муроҷиат мекард ва бо ҳамин маҳрамона ва гӯё бехабарона рози дил карданаш бештар дар дил менишинад.

Шеъри «Суруди охирин» бо ангезаи рӯҳии шахсияти ғиноӣ оғоз мешавад, ки аз ёдоварии хотироти ошиқии бештар хаёлпардозона, то вуқӯъгароёна сурат гирифтааст. Агарчи дар ин шеър ҳам шахсияти ғиноӣ ба маҳбуба муроҷиат карда, чунин мегӯяд:

Ба тундӣ хашми дарёям,
Ба тамкин сабри саҳроям,
Ба нармӣ чун дили ошиқ,
ба сахтӣ санги хороям,
Ба савдо рафта дунё чун Самарқанду Бухороям,
Макун дигар ту савдоям [98, 149].

Вале ҳузури маҳбуба ҷой надорад, бинобар он шахсияти ғиноӣ дар ин шеър ҳам хотироташро ба худ мегӯяд, яъне будан ва ё набудани мухотаб аҳамият надорад. Ба замми ин, чунин ба назар мерасад, ки маҳбуба рамзист, то воқеӣ, зеро сухани шахсияти ғиноӣ, ки ошиқона ба забон меояд, дар бораи ӯ на чун дар бораи маҳбубае, ки ҷисман вуҷуд дорад, балки дар бораи маҳбубае мебошад, ки бештар тимсол аст. Аз ин рӯ, ин шеър ҳамчун розу ниёзи шахсияти ғиноӣ, ки ба шоир қаробат дорад, қабул мегардад. Ин қаробат аз он ҷиҳат аст, ки шоир М. Қаноат воқеан ба Шероз сафар дошт ва ин шеър ба ин воқеияти тарҷумаиҳолӣ гӯё пайванде дорад, аммо на бештар. Зеро андешаву таассуроте, ки шахсияти ғиноӣ ифода менамояд, асосан пештар дар ниҳоди ӯ вуҷуд дошта, ҳоло онро ба сабаби дил бурдани маҳбубаи тимсолиаш ба забон меорад. Ин на танҳо аз мазмуни байти аввали банди дуюми шеър бармеояд, ки мегӯяд:

Ки дар савдои ту аз даст додам сусту сахтамро,
Ки Доро будаму аз даст додам тоҷу тахтамро [98, 149].

Ва дар забони банди саввуми шеър дар шоир пеш аз ин воқеа вуҷуд доштани таассуроти баёншаванда равшан мушҳида мешавад, зеро феълҳо дар замони гузаштаи ҳикоятӣ ҳастанд.

Туро бо зевари лафзи дарӣ парвоз медодам,
Сукути сарду урёни туро овоз медодам [98, 149].

Дар ин шеър шахсияти ғиноӣ шуури муаллифро иброз менамояд, зеро ҳарфҳое аз қабили «Ба савдо рафта дунё чун Самарқанду Бухороям, // Ки Доро будаму аз даст додам тоҷу тахтамро» ҳарфҳое ҳастанд, ки дар матни мафкураи М. Қаноат ҷой дошта, дар шеърҳои дигараш ҳам ба рангу бори дигар аксандозӣ кардаанд. Аз ҳафт шеъре, ки силсилаи «Созҳои Шероз»-ро фароҳам овардааст, ҳамин шеъри «Суруди охирин» бештар дар атрофи андешаву таассуроти шахсияти ғиноӣ мечархад, шеърҳои дигари он бо муроҷиат ба дигарон ва ё шайъ гуфта шудаанд, ки ин ҳам бештар ба олами хориҷ таваҷҷуҳ доштани М. Қаноатро собит менамояд.

Силсилаи шеърҳои «Созҳои Шероз» соли 1971 навишта шудааст, вале бо мармузии худ дар матни шеъри тоҷикии он айём, ки бештар сода буданд, гунҷоиш надошт. Аз ин рӯ, ҳамчунонки худи М. Қаноат дар суҳбаташ бо Р. Мусулмониён «Лузуми посухи шоирона ба ниёзҳои маънавии мардум дар Тоҷикистон» дар маҷаллаи эронии «Номаи порсӣ» қайд кардааст, он аз ҷониби нақди замон сахт зери танқид қарор гирифт. М. Қаноат ба суоли Р. Мусулмониён «Баҳои Шумо ба интиқодҳои устод Табаруф чӣ гуна аст?..», аз ҷумла чунин посух гуфтааст: «…дар соли 1350 (1972 – А. Ҳ.) дар маҷлиси Раёсати Иттиҳодияи нависандагон силсилаи шеърҳои «Созҳои Шероз»-ро зери тозиёнаи танқид гирифт ва ба эронпарастӣ ва космополитизм (инкори арзишҳои миллӣ) муттаҳам кард ва устод М. Турсунзода ҳам ӯро ҷонибдорӣ кард. Баъд аз ин Соҳиб Табаруф дар бораи ман чизе навишта бошад, муҳим набуд ва дар ёд надорам» [132, 242].

Ин танқид аз ҷониби С. Табаров ҳам шоҳиди он аст, ки на танҳо дар адабиёти бадеӣ ва шуури адибон, балки дар нақд ҳам ҳамон мафкураи яктарафаи иҷтимоӣ ҳукфармо буд. Вагарна, дар ин силсилаи шеърҳо на аломате аз эронпарастӣ ҳасту на аз космополитизм – инкори арзишҳои миллӣ. Баръакс, он чизе ки дар бораи Эрон гуфта шудааст, арзишҳои миллиест, ки моли муштараки ҳар дуи ин халқ – тоҷикону эрониён мебошад ва агар М. Қаноат аз онҳо ифтихор мекунад, ин ифтихори шоири тоҷик аст аз арзишҳои миллии халқи худ. Аммо ҳамин чиз ҳам дар маҳдудаи шуури иҷтимоии он замон гунҷоиш надошт. Дар давоми ин суҳбат М. Қаноат ба суоли дигари Р. Мусулмониён, аз ҷумла чунин

мегӯяд: «Инро ҳам бояд гуфт, ки он солҳо устод Табаруф монанди бештар мунаққидин ба бори замонӣ ва иҷтимоии адабиёт эътибор медоданд, на ба умқи он» [132, 242]. «Бори замонӣ ва иҷтимоӣ» ин ҳамон шуури яктарафаву сатҳист, вагарна бори замонӣ ва иҷтимоӣ ҳаргиз умқи адабиётро истисно намекунад, баръакс ҳамаи асарҳои олие, ки то имрӯз зиндаанд, дар баробари амиқиашон бори замонӣ ва иҷтимоӣ ҳам доранд.

Вале ба ҳамаи онҳое, ки шуури иҷтимоиашон ин гуна яктарафаву сатҳист, ҳамеша ба тарзи намоишкорона аз манфиати шахсӣ боло донистани манфиати ҷамъиятӣ, рӯҳияи ғолибият бар ғаму андӯҳ, мафтунӣ аз воқеияти зиндагӣ хос аст, ки ба ҳар шева, вале ба як мароми ғоявӣ ифода меёбад. Ҳарчанд шахси шоир, шахсияти ғиноӣ дар шеъри классикии ҳазорсолаи мо, ба ҷуз шеъри дарбору қасидаву мадҳияҳо, қариб ҳамеша бо ҷомеа ва замон муносибати шадид ва ноҷӯр дошт, баъди Инқилоби Октябр сиёсати сахти ҳизбӣ ва манфиатҷӯии ғоявӣ аз шеър имкон надод, ки бо вуҷуди дар ҷамъият ҷой доштани ихтилофи ҷомеа ва шахс, он мухолифат нишон дода шавад. Шеър ин ҷиҳати дарки муносибати фардро бо ҷомеа тамом ба фаромӯшӣ дод, зеро агар дар даҳсолаҳои аввали инқилоб инъикоси он барои шоир хатари ҷон дошта бошад, баъд хатари таъқиби мафкуравию маъмурӣ дошт. Ин масъала чунон равшан аст, ки ҳеҷ ниёз ба далелу исботи иловагӣ надорад, дар ин бора бисёр навиштанду боз менависанд, вале як нуктаро бояд таъкид кард, ки ин аст: ба замми он сонсури давлатӣ, ки ба адабиёт буд, сонсури дигари бештар хафакунандае дар худи эҷодкор нишаста буд, ки ҳамеша бар ҳадди мумкину мамнӯъ назорат мекард. Бинобар ин, бо вуҷуди шахсиятҳои гуногун будани шуаро, сифатҳо, қобилиятҳо, хулқу атвор табиати мухталиф ва ҳатто дониш ва таҷрибаи мутафовити рӯзгор доштан, онҳо дар ҳадди гуфтани мумкину мамнӯъ ба ҳамдигар монанд мешуданд. Дар асл, масъала сари гуфтан ё нагуфтани дарду нуқси ҷомеа, танқиди замон ва замондорон нест, масъала сари озодона, бе фармудагӣ ва сохтакорӣ баён намудани муносибати худ аст ба онҳо.

Шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ, ки дар он ибрози эҳсосоту андеша нисбат ба дигар анвои шеър мақоми муқаддам  дорад, назари шоирро ба воқеият ва

авзои замон бештар аз ҳама равшантар намудор месозад. Дар даҳсолаи охири садаи ХХ аз Муъмин Қаноат камтар шеъри ғиноӣ ба қалам омадааст, аммо дар ғазалҳои “Шикаст” (с.1991), «Бигирям» (с. 1993), “Намерасад”, ки аз ҷумлаи ашъори ғиноии андешаҳои отифӣ мебошанд, бардошти ӯ аз воқеоти сиёсиву иҷтимоӣ ба сароҳат эҳсос мешавад. Ин бардошт вобаста ба замони муташанниҷ, ноосудаву фоҷиаомез асосан норизоёнаву ноумедона ва пур аз яъсу ҳузн аст, ҳамчунон ки дар ин байтҳои ғазали “Шикаст” ҷой дорад:

Қасри булӯр бар асари бефарӣ шикаст,
Қасри зуҳур – мояи беҷавҳарӣ шикаст.
Ботин харобу ҷилваи зоҳир ҷаҳон гирифт,
Даври қасида бо қалами Анварӣ шикаст.
Дил аз забон ҷудову забон аз сифоти ҳақ,
Аз дасти раҳравон пару боли парӣ шикаст [103, 106].

Махсусан дар мисраъҳои аввал, севум ва байти охири ин иқтибос муносибати шоир ба вазъи иҷтимои замон, ки, мутаассифона, ноҳинҷор буд, бо истифодаи сувари хаёли муносиб ва тазод, масалан, бар асари бефарӣ шикаста шудани қасри булӯр, ки истиора аст, ботину зоҳир, раҳравону парӣ хуб баён шудааст. Аммо мисраи дувум бо мазмуни мисраъҳои дигар мухолифат дорад, ки набояд ин тавр гуфта мешуд, зеро дар ин ҷо амалҳо бо тазод бо ҳам оварда мешаванд: қасри булӯрро шикастани бефарӣ, ботини харобу ҷилваи зоҳир... , яъне азбаски вазъи замон одилона нест, хуб аз ҷониби бад шикаста мешавад, аммо мисраи “қасри зуҳур – мояи беҷавҳарӣ шикаст” чунин маъно медиҳад, ки бад аз ҷониби бад шикаста шудааст, ки амали хуб аст, аз он набояд шиква кард. Ба замми ин, агар “қасри зуҳур – мояи беҷавҳарӣ” шикаста шуд, дар мисраи дигар “ҷилваи зоҳир ҷаҳон” гирифтанаш имкон надорад. Бо истисноИ ин халали баёну мантиқи андеша дар ин байтҳо андешаву эҳсосоти отифии шоир аз вазъи замон бо истеҳкому бадеъ ифода шудааст. Ғазали “Намерасад” низ дар асоси ҳамин гуна андешаву эҳсосоти мухолифат ба вазъи замон ба қалам омадааст, ки дар он ҳам аз

сувари хаёли муносиб ва махсусан аз тазоду муқобала бештар истифода шудааст. Ду байти аввали он ба тасдиқи ин қазия оварда мешавад, ки дар он ҳам муқобалати андешаву амалҳо, ҳамчун даст надодану нарасидани даст ва тазоди мафҳумҳою ашё, ҳамчун водии маърифату воҳаи хунфишон ва раҳраву раҳзан манзури шоирро ба хубӣ ифода намудаанд.

Даст намедиҳӣ ба мо, даст ба мо намерасад,
Садди миёни одамон то ба само намерасад.
Водии маърифат куҷо, воҳаи хунфишон куҷо?
Раҳраву раҳзанон ба ҳам сӯи Худо намерасад [103, 111].

Ғазалҳои "Бигирям" (с.1993), «Лофи Ватан» (с. 1993), «Ватан» (с. 1996) ҳам аз андешаву эҳсосоти ғамангезу фоҷиабор, ки дар солҳои аввали Истиқлоли кишвар бо сабаби ҷанги шаҳрвандӣ ба вуҷуд омада, дар замири шоир доман густурда буд, фароҳам омадаанд. Дар ғазали "Бигирям" ҳиссиёту таассуроти пур аз яъсу ноумедӣ, ки вобастаи вазъи ватан аст, ба оҳанги ниҳоят муносиби он ба забон оварда мешавад. Оҳанги ғазал ба муҳтавои он, ки гиряи бардавоми шоирро аз ҳоли ватан бозгӯ мекунад, хеле созгор аст, он мисли гиряи бардавоми кашишдор ба гӯш мерасад. Ҳарчанд дар ин ғазал вожаи "ватан" ба кор нарафтааст, аммо ибораи "дар пои ту" бешубҳа ишора ба он аст:

Дар пои ту бо чашми гули хор бигирям,
Дур металабӣ, дар сари бозор бигирям.
Сад дор дарахт аст, агар нест аналҳақ,
Мансур, сало зан, ки ба ҳар дор дигирям...
Дарёи алам мегузарад аз дили тангам,
Бо рӯди равон ҳамдаму ҳамвор бигирям [103, 112].

Сахтии дарди ватан шоирро водор месозад, ки ба намоди фаҷеътарини таърихи кишвар – Ҳаллоҷ рӯй биёрад ва ҳоли худро ба ҳоли он мушобеҳ бубинад.

Дар ғазали “Ватан” фоҷиаи ҷанги шаҳрвандӣ аз ин ҳам шадиду решасӯзтар ба қалам оварда мешавад. Андешаи шоир дар он мутазод аст, бо тамоми муҳаббаташ ба ватан аз он гоҳ бо шикоят, гоҳ бо таҳайюр ва сӯзу алам сухан меронад, ки ҳама дар ҷои худ қобили таъсиру барангезиши сахти рӯҳӣ мебошанд. Байти аввали он воқеан ҳусни матлаъ аст, ба истиснои сактаи малеҳе, ки дар калимаи “медӯзӣ” дорад:

Чун синаи садчоки ялонӣ, Ватани ман,
Ман зиндаю медӯзӣ ту аз гул кафани ман...
Бо ин ҳама худсӯзӣ (?) туро боз парастам,
Қутби ману Маздои ману Аҳримани ман...
Як қофилаи ишқи ман аз роҳ рабуданд,
Ман ҳеҷ надонам, кӣ бувад роҳзани ман...
Хубон ҳама оҳу шудаю кӯҳ ба кӯҳанд,
Як ҷав нахарад нофаи моро Хутани ман [103, 122].

Дар ин ҷо “синаи садчоки ялон” ба Ватан ва вазъи онвақтааш ташбеҳи муносиби дарднокест, дар ҳоли зиндагӣ ба шахс аз гул дӯхтани кафан, ки гулгункафаниро дар назар дорад ва он ба маънои шаҳид шудан аст, вазъи Ватанро, ки ба шоираш ин амалро раво мебинад, ба ниҳояти дараҷа фоҷиавӣ нишон медиҳад. Ин ҳама шаҳодат бар он медиҳад, ки Ватан дар вазъияти ногуворест ва худ ҳам роҳи раҳоӣ аз онро надида, шоирро ба андешаҳои мутазод мерасонад, ки ӯ Ватанро “Қутби ману Маздои ману Аҳримани ман” меномад. Сабку забон дар ҳар дуи ғазал равону корхӯрда ва тозаву тар мебошад, вазнаш ҳам мувофиқи муҳтаво интихоб шудааст, ки аз афоилҳои мафъӯлу мафоӣлу мафоӣлу фаӯлун ба ҳам омада, савти дарду ғамро танинандоз менамояд. Дар ҳар дуи ин ғазал дарди бузурги Ватан ҳамчун дарди дили шоир зуҳур карда, сахт таъсирбахшанд, зеро ҳангоме ки дарди бузурги Ватан дарди як нафар мешавад, он ниҳоят шадид гашта, асараш ҳам ба маротиб меафзояд.

Дар нимаи дуюми садаи бист ҷаҳони ҳастӣ барои шоирон дигар ба ду тарафи ба ҳам муқобил – неку бад, сиёҳу сафед, оливу паст ҷудо нашуда, он воқеиятест, ки дар он ин сифатҳо ба ҳам омехтаанд ва онҳоро вобаста ба шароити таърихӣ ва зуҳури онҳо бояд диду муайян кард. Шахсияти ғиноии шеъри ин замон воқеиятро бо назари иҷтимоию ахлоқӣ месанҷаду баҳо медиҳад, зеро барои шоир маҳз ҳамин воқеият сарчашмае мебошад, ки ӯ аз он маводи эҷоди худро мегирад ва онро аз рӯи матлабаш аз нав бозофаринӣ мекунад. Бинобар он, маҷмӯи ҳодисот ва таассуроти гуногун, ки дар ҷаҳони ҳастию маънавии инсон рух медиҳанд, арзишмандии отифиву шоирона пайдо менамоянд.

Дар андешаҳои шахсияти ғиноӣ кам-кам ҳамроҳ омадани ғаму шодӣ, хандаю нола, умеду ноумедӣ нақш пайдо мекунад, ки танҳо аломати аз нав зинда шудани назарияи фалсафии дуалистӣ намебошад, ки дар шеъри классикии мо дар сурати муборизаи неку бад вуҷуд дошт. Ин ҷо яқин аст, ки эҳсоси дард, беморӣ, нуқси иҷтимоӣ аз ҷониби эҷодкорон, ки қисмати ҳассостарини ҷомеа ҳастанд, дар аввалҳо дақиқ набошад ҳам, ба таври умумӣ ва шуҳудӣ зуҳур мекард ва ифодаи худро дар нишон додани мубориза ва ҳамбастагии хайру шар меҷуст. Аз ин рӯ, ин ҳаргиз танҳо пайравӣ аз ин қабил осори пешиниён набуда, замина ва сабабҳои иҷтимоӣ дошт. Дар эҷодиёти Қутбӣ Киром шеърҳои ғиноии андешаҳои отифии худтаҳлилӣ камтар ба назар расанд ҳам ашъоре, ки дар асоси ангезаҳои отифӣ суруда шудаанд, ҷой доранд. Ин ангезаҳо ба сурати таассуроти мутазод зуҳур мекунанд.

Қутбӣ Киром, баъд аз он ки сонетҳои Шекспирро ба тоҷикӣ тарҷума кард, чанд шеър дар он равия гуфта, сонет ном гузошт, ки онҳо агарчи аз сонет аз назари жанр – адади мисраъ ва тарзи қофиябандӣ фарқ доштанд, аммо тамоман беқаробат ҳам набуданд, ки ин номгузории шоирро қобили қабул мегардонданд. Асли масъала дар ин ҷо на дар шакли жанрӣ, балки дар навъи андешаҳои ҳиссиётангези шахсияти ғиноист, ки мояаш бар тазод буда, мавзӯи шеърро ташкил мекунанд.

Шуд сари бесар, дили бедил насибам аз ҳаёт,
Хандаҳоям нола дорад, нолаҳоям хандае.
Ман чӣ мегӯям, чӣ мепурсам, чӣ месозам ба худ,
Гӯӣ (?) дар ин рӯзгорон ҳам шаҳам, ҳам бандае [75, 30].

Ангезаи рӯҳӣ, ки аз шоҳ ё банда будани шахсияти ғиноии шоир оғоз мешавад, андешаҳои мутазодро бор меоварад, зеро аз як сӯ шоҳ ва аз дигар сӯ банда ҳолатҳои бо ҳам зид доранд. Шахсияти ғиноӣ рӯзе, ки байтҳояшро рӯи коғаз кашида метавонад, худро шоҳ ва гоҳе, ки рӯзҳояшро бесуд барбод медиҳад, худро банда мепиндорад, вале дар охир дармеёбад, ки на ин асту на он, ӯ касест, ки ин ҳар дуст, ду инсони мутазод дар як инсон, ду олами мухталиф дар як олам, ки олами шоир аст:

Узр, ёрон, шоирам ман, на шаҳам, на бандае,
Хандаҳоям нола дорад, нолаҳоям хандае [75, 31].

Дар ғазали «Кистам?» -и Қутбӣ Киром ин мавзӯъ – ҳар лаҳза дигар шудани инсон давом ёфта, дар андешаҳои шоир, ки ҳосили ангезаи рӯҳӣ мебошад, хусусияти худтаҳлилӣ эҳсос мешавад. Ин ғазал дар ташреҳи байти Мирзо Турсунзода, ки ҳамчун эпиграф омадааст, гуфта шудааст:

В-арна гар шоирӣ ҷунунат ку?
Дили ҳассосу гарм хунат ку?

Дар ҷавоби ин байт ғазал гуфтани Қутбӣ Киром як амри табиист, зеро дар шахсияти инсонии ӯ чунуни шоириву гармхунӣ сифати аз ҳама қавитар буд, бинобар он ҳар лаҳза худро дар сифат ва мақоми дигар тасаввур кардан барои ӯ аҷобате надошт. Аз ин рӯ мегӯяд:

Ҳар рӯз ман дар аҳди худ сад бор дигар мешавам,

Гоҳе ҳамоҳанги замин, гаҳ ёри ахтар мешавам.
Гоҳе чу Сирдарё ҳазор асрор дар дил меравам,
Гоҳе Зарафшонвор дар анҷоми худ зар мешавам...
Гоҳе қаноат мекунам бо резаҳои нони хушк,
Гоҳе барои зарра бо хуршед ҳамсар мешавам [75, 79].

Ҳар лаҳза дигаршавии авзои ӯ аз рӯи тазод сурат мегирад, ӯ худро лаҳзае пурасрор – ошкор, шарори оташ – баҳри беканор, шаҳбоз – кафтар ва ҳатто монанди мурғи афсонавии Самандар меангорад, вале дар ҳамин ҳангом ҳам аз ҳастии иҷтимоии худ сарфи назар намекунад ва мегӯяд: “Гоҳе қаноат мекунам бо резаҳои нони хушк”, ки ин маънӣ ифодагари зиндагии замони бачагии ӯст, ки дар силсилаи шеъри “Бӯи нон”-и ӯ аз он муфассал сухан меравад.

Ҳамин тариқ, тамоми ҳодисоту ашё, ки аз ҷониби шоир маърифат мешаванд, имкон пайдо мекунанд, ки мабҳаси шеър қарор бигиранд. Вале баробари ин шоир он воқеаву ашё ва таассуротеро ба тасвир мегираду ифода менамояд, ки ба мароми эҷодии ӯ мутобиқ ва баёнгари мафкураи иҷтимоияш ҳам бошад. Шеъри андешаҳои отифии Қутбӣ Киром аз ҳама бештар ҷиҳатҳои иҷтимоии зиндагиро фаро гирифтаанд, ки ин хусусият аз давраҳои аввали эҷодиёташ оғоз шуда, то давраҳои охир давом карда, ӯро ҳамчун як шоири иҷтимоигаро муаррифӣ менамояд. Доираи андешаҳои ӯ сол ба сол фарохтар мешавад, дар давраҳои аввали эҷодиёташ андешаву эҳсосоти отифии ӯ дар бораи асосан ҳаёти шахсии худи ӯст, вале марҳала ба марҳала ҳаёти шоир зиндагии дигаронро ҳам бештар фаро мегирад. Тассуроти ӯ аз зиндагӣ аксаран рӯҳбаландона аст, махсусан дар давраҳои аввали эҷодиёташ. Чунончи аз маҷмӯаи нахустини ӯ “Парвози меҳр” (с. 1963) шеърҳои “Шодам”, “Парвоз дод”, “Дӯст медорам шаби бехобро”, “Одами хому раҳомад нестам”, “Чун назар пок асту дил” андешаву эҳсосоти рӯҳи болидаи ӯро ифода намудаанд. Худи зиндагӣ барои ӯ мояи хушбахтист, бинобар ин дар андешаҳои ӯ, ки гуногунтарин соҳаҳои зиндагиро дар бар мегиранд, ҳамеша оҳанги саодат ҷой дорад. Дар шеъри “Одами хому раҳомад нестам”, андешаву

эҳсосоти шоир дар бораи шахсияти худи ӯ ва муносибаташ бо зиндагӣ баён мешавад, ки на ҳамеша ҳамвору осон будааст:

Одами хому раҳомад нестам,
Нағз медонам, ки ман худ кистам.
То ба даст орам диле дар зиндагӣ,
Борҳо афтида, аз нав хестам [73, 102].

Ва дар банди охири шеър шоир изҳор медорад, ки на танҳо “худ гул аз боғи саодат” чидааст, балки “ҳар садои хандаи имрӯзро... аз кӯдакӣ” бишнидааст:

Одами хому раҳомад нестам,
Нағз медонам, ки ман худ кистам.
Ҳар садои хандаи имрӯзро
Ман ҳанӯз аз кӯдакӣ бишнидаам [73, 102].

Шеъри ғиноӣ умуман ва шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ махсусан ифодагари шахсият ва ҷаҳони ботинии эҷодкораш аст, аз ин рӯ он чи андешаву эҳсосоте, ки ифода мешавад, аввалан аз замири худи эҷодкораш берун меояд, сониян, метавонад маҳсули барномаи эҷодии ӯ бошад, ки барои худ муқаррар кардааст. Дар мавриди болидарӯҳии шеъри Қутбӣ Кином, бояд қайд кард, ки он ҳам дар шахсияти шоир вуҷуд дорад ва ҳам дар барномаи эҷодиаш, бинобар ҳамин ҳам табиӣ ба ҳам омада, сохтаву фармуда ба назар намерасад. Дар маҷмӯаҳои минбаъдаи ӯ “Бӯи нон” (с. 1965), “Илҳом”(с. 1968), “Рези кӯҳсор” (с. 1970) доираи андешаҳои отифии шоир густарда гашта, аз мавзӯъҳои шахсӣ ба иҷтимоӣ гароиш мекунад, ки ин тамоюл дар шеърҳои “Бӯи нон”, , “Суҳбати фарзандон”, “Ёди куллаҳо”, “Суруди Одам”, “Пайғом ба Мирзо Турсунзода” ва дигарҳо ба возеҳият намудор аст. Дар шеъри “ Суруди Одам” манзури иҷтимоии худро чунин баён медорад:

Хатти сарнавиштамро пок аз ҷабин кардам,
Рӯ ба ҷониби мардум, такя бар замин кардам [74, 33].

Дар ин байт моҳияти диди шоир Қутбӣ Киром аз инсон, аз зиндагии худ ва эҷодиёташ баён шудааст. Ӯ рисолати инсонро дар он мебинад, ки сарнавишти худро ба даст бигирад, фаъол бошад, қисмати худро ба дасти худ бисозад ва вазифаи худро ҳамчун шоир дар ҳамроҳӣ бо мардум – иҷтимоъ ва такя бар воқеият доштан маънидод мекунад. Дар асл ҳам андешаву эҳсосоти отифии Қутбӣ Киром бо ҳамаи болу пар доштану баландпарвозиҳояш ҳамеша такя бар воқеият дорад, ки заминаи вуқӯъгароёнаи (реалистии) сабки ӯро таъин мекунад, ки дар ин байт аз он сухан мегӯяд. Бо андешаи мардум зистан ҳикмати зиндагии мардумиро ба андешаҳои шоир ворид мекунад. Андешаву эҳсосоти отифӣ дар шеъри “Агар ман қад фарозам...” моҳияти зиндагии мардумро, ки ба бетамау сарфарозона зистан, ҳамеша ростиву ҳақиқатро пеша кардан ва ба мададгори ҳам будан талқин мекунад, ба тарзи бадеъ баён намуда, ба хулосаи ҳикматноке мерасад:

Агар ман қад фарозам, по ба доман мекашам чун кӯҳ,
Агар ман хам шавам, афтодае аз хок бардорам! [76, 84]

Дар мисраи аввали ин мақтаи пурмаъно аз мисраи Ҳасрати Ҳисорӣ “Баландӣ ёфт кӯҳ аз пой дар доман кашиданҳо” чошние гирифта шуда, мисраи хотима андешаи инсонпарваронаеро хеле хуб ба силки баён кашидааст.

Яке аз сифатҳои шеъри ғиноӣ ва махсусан ғиноии андешаҳои отифӣ дар мухтасарии он аст, зеро дар он на воқеаву ҳодисаҳо, балки шираи андешаҳо баён карда мешавад, дар ин ҷо ҳамон қонуни фалсафии гузаштан аз камият ба кайфият амал мекунад. Ҳар мабҳасе, ки дар маърази андешаи отифии шоир қарор мегирад, на бо ҷузъиёти дақиқу муфассалаш, балки бо хосияти умумияш ифода меёбад, вале дар ин ҳолат ҳам он бо рӯҳияи шахси шоир фаро гирифта мешавад, ки онро аз ҳарфи рӯзномавӣ шудан наҷот дода, моли шеъри ғиноӣ мекунад. Андешаҳои муҷаррад ҳам, ки дар ин навъи шеър бештар мавқеъ доранд, маҳз бо

доштани рӯҳияи шахси шоир марғубияту самимият пайдо мекунанд. Дар шеърҳои “Пайғом ба Мирзо Турсунзода”, “Кӣ гуфт?”, “Дар роҳи айём” аз маҷмӯаи “Остони баланд” (с. 1972) андешаҳои отифие баён мешаванд, ки дар натиҷаи ҷаҳони ботини худро ҷустуҷӯ кардани шоир ба миён меоянд, то бозофаринии ҳодисоти ҷаҳони берун, яъне андешаҳо анфусианд то офоқӣ. Мояи шеъри “Кӣ гуфт?” ҳамин гуна аст. Ҳоло он пурра оварда мешавад, то ин сифати шеъри ғиноии андешаҳои отифии муҷаррад возеҳ аён гардад.

Зиндагиро кӣ гуфт номард аст?
Ҳар кӣ гуфтаст, то куҷо мард аст?
Зиндагӣ марду мард мехоҳад,
Сари болою дард мехоҳад.
Дарди дар роҳи ёр мурданҳо,
Олам оварда, хас набурданҳо.
Дарди шоир Ҳисомӣ, ки бо санг
Нагирифтӣ ҳазор Темурланг.
Дарди Чӯтак Урози з-оташи тар
Монда аммо нагашта хокистар,
Дарди дар сина роз парвардан,
Ғами мардум ба ноз парвардан.
Дарди Нозим – суруди оламгир,
Дарди Лоҳутиҳои лотасхир,
Дарди аз ҷони хеш бигзаштан,
Баҳри як нешу нӯши хори Ватан.
Зиндагиро кӣ гуфт номард аст?
Ҳар кӣ гуфтаст, сахт бедард аст! [77, 44].

Дар ин шеър андешаҳои муҷарради шоир оид ба олами берун, ба зиндагии воқеист, ки хосияти умумӣ дошта, фардӣ кунонида нашудаанд, бинобар ин мухтасаранд ва ҳамин мухтасарӣ ва рӯҳияву самимияти худи шоир аст, ки онро

моли бадеият, шеър кардааст ва агар он кашол ёбад, аз бадеияти худ коста, ба моли публисистика бадал мегардад. Рӯҳияи шоир дар назари болидарӯҳонаи ӯ ба олам ва ҳодисоти зиндагӣ аён мешавад, ки дар ин ҷо ҳам ҳамин тавр аст. Масалан, дар худи байти матлаъ:

Зиндагиро кӣ гуфт номард аст?
Ҳар кӣ гуфтаст, то куҷо мард аст?

Вақте бо чунин суол мурочиат мешавад, маълум аст, ки назари шоир ба зиндагӣ мусбат аст, манзур таъкиди он аст, ки зиндагӣ мард аст, ки мард буданро тақозо дорад. Байтҳои дувуму севум низ бо ҳамин рӯҳия гуфта шуда, ҳамин маъниро боз таъйид мекунанд. Дар байти севум мисраи “Олам оварда, хас набурданҳо” хеле муҷазу хуб гуфта шудааст, махсусан таъбири “хас набурдан” бисёр ҳам ҷо афтодааст. Дар байтҳои чаҳоруму панҷум шоир мехоҳад, ки “дард”-ро мушаххас кунад, аммо чунин ба назар мерасад, ки ин ҳоҷат надошт, зеро андешаро бо мисол шохчабандӣ мекунад, ки зиёдатист. Ба замми ин, ин ду байт аз ҷиҳати сабки баён ва вазни шеър ҳам нуқсон дорад: дар истифодаи номи шоир “Ҳисомӣ” дар ҳиҷои охир, ки ба ҷои ҳиҷои кӯтоҳ ва дар “Темурланг” дар ҳиҷои дувум, ки якуним ҳиҷо буда, ба ҷои як ҳиҷо оварда шудааст, сакта ҳаст; баён ҳам муғлақ аст, зеро маъноe, ки дар назар аст, яъне шоир Ҳисомиро ба гардан санг бандонда дар дарё ғарқ кардани Темурланг аз ин байт ба хубӣ дарк карда намешавад. Байти панҷум ҳам ҳамин гуна нуқси баён дорад. Бинобар ин, бо ихтисори ин байтҳо ва ҳамчунин байти ҳафтум ин шеър дар инсиҷом ва бадеияту яклухтии худ бурд хоҳад кард ва намунаи хуби шеъри ғиноӣ хоҳад шуд. Бешубҳа, ин шеърро шояд аз ин ҳам муфассалтар ва бо инсиҷом гуфтан имкон дорад, ки ба маҳорати шоир вобаста аст, аммо дар ҳамин шакл ва бо ин нуқсони  мавҷуд дар байтҳо, беҳтар аст, ки дар ин сурат бошад:

Зиндагиро кӣ гуфт номард аст?
Ҳар кӣ гуфтаст, то куҷо мард аст?

Зиндагӣ марду мард мехоҳад,
Сари болою дард мехоҳад.
Дарди дар роҳи ёр мурданҳо,
Олам оварда, хас набурданҳо.
Дарди дар сина роз парвардан,
Ғами мардум ба ноз парвардан.
Дарди аз ҷони хеш бигзаштан,
Баҳри як нешу нӯши хори Ватан.
Зиндагиро кӣ гуфт номард аст?
Ҳар кӣ гуфтаст, сахт бедард аст!

Фикру таассуроти шоирона, ки аз бархӯрд бо воқеоту ҳодисоти мухталифи замону рӯзгор ва мулоҳизаи онҳо дар шахси шоир пайдо мешавад, шеъри андешаҳои отифии солҳои ҳаштоди ӯро низ доманфарох сохтаанд. Азбаски мавзӯи ашъор хеле гуногун аст, андешаву эҳсосот низ ҳамон гуна гуногун буда, аз тамҷиду тамҳид, ифтихору сарбаландӣ, умеду растагорӣ то танқиду накӯҳиш, тавозуу хоксорӣ, изтиробу хавотирӣ ба ҳам меояд. Дар шеърҳои “Ватан”, “Остони шоир”, “Тавозуъ”, “Харсанг”, “Ба ҷуз ҳақ”, “Одам аз по фитод, бардораш”, “Мор” (аз маҷмӯаи “Дили бародар” с. 1985) ва дигарон, ки дар ҳамон айём ба қалам омадаанд, ҳис мешавад, ки андешаҳои отифии шоир акнун бештар ба олами ботин ва шахс фурӯ мераванд, дар натиҷа ибрози эҳсосот ҳам як андоза бо таҳаммулу тааммул сурат мегирад. Аз як ҷиҳат дар ин ашъор ифтихору садоқат ба Ватан ва мардум садо медиҳад, ҳамчунон ки дар шеъри “Ватан” ҳаст:

Имрӯз маънии Ватан дар мағз-мағзи ман
Бо решаҳои сабзу тар эҳсос мешавад.
Ҳар як ҳуҷайра дар танам алмос мешавад,
Ҳар як сухан ба васфи ӯ шаҳбоз мешавад [83, 9].

Аз ҷиҳати дигар, ҳамчунон ки дар шеъри "Харсанг" ҳаст, дар андешаҳои шоир аз замон ва мардум оҳанги хавфу хавотирӣ ҳис мешавад. Дар эпиграфи ин шеър чунин ҷумла омадааст: "Ҳанӯз баъзе урфу одатҳои боию феодалӣ садди ташаббус ва навовариҳо мегарданд", аммо доираи андешаи ин шеър фарохтар аз ин гуфтаҳо буда, чунин ба назар мерасад, ки онро шоир барои сензураи ҳамонвақта овардааст, ки ба ӯ хурдагирӣ накунанд. Манзури шоир як қишри мардум мебошад, ки он ба қисмати ҷомеа ва халқу ватан бепарво буда, аз арзишҳои он пуштибонӣ намекунад, ки ин беалоқагӣ аломати бемории иҷтимоист. Шоирро ин ҳолат ба хавотирӣ меорад ва ӯ дар аншаҳои хаёлангези худ чунин мегӯяд:

Хаёлам, ки ба фарқам мезанӣ ногоҳ,
Хаёлам баъди ту дигар набошад роҳ.
Ту дар роҳи нафас истодаӣ чун воҳ,
Ғуборафзои дилҳои ғамин, ман аз ту метарсам [83, 17].

Ин шеър, ки аз шаш банди чаҳорпораӣ иборат мебошад, дар охири ҳар банд ба такрор омадани радифи "ман аз ту метарсам" далели сахт дар хавфу хатар будани шоир аст, ки рӯҳияи як қисми бедори ҷомеаро ифода мекунад. Андешаву эҳсосоти шоир дар ашъори индаврааш ҳамроҳ бо изтиробу нигаронист, ки дар эҷодиёти замони пешини ӯ ба нудрат ба чашм мерасид. Аз ин ҷиҳат шеъри "Мор" қобили зикр аст, ки аз се банди чаҳорпораи иборат буда, аз он мухтасар дар бораи хислати мор, ки заминҷунбиро қаблан ҳис карда, аз хонаи худ берун меравад, сухан гуфта, дар охир чунин андеша баён карда мешавад:

Ҳамчу морони заҳрзан лекин,
Ман набигрезам ар бало ояд.
Дар ҷаҳон, чун ниҳон шавам, эй халқ,
Гар дигарро ба сар бало ояд! [83, 53]

Соли 1991 кишвар ба Истиқлол расид, аммо ин ҳодисаи муҳимми таърихӣ фоҷеаи ҷанги шаҳрвандиро аз пай овард. Он нигарониҳои шуҳудии шоир аз вазъи замон ба ин сурат воқеъ шуд. Акнун орзуҳои баландпарвози шоир аз оянда фурӯ нишастанд, андешаву эҳсосотро яъсу маҳзунӣ фаро гирифт. Таассуроти шоир аз ин воқеот ба ин гуна ғаму дард бурун омад, ки дар шеъри “Истиқлол” (с. 1990-1995) мунъакис шудааст:

Оби истиқлол хун шуд,
Ошиқиҳоям забун шуд.
Аспи мастам роҳгум зад,
Шаҳсавори ман забун шуд.
Орзу аз дил бадар рафт,
Нолаҳои ман дарун шуд [83, 53].

Дар солҳои навад, дар замони ҷанги шаҳрвандӣ, масъалаи пайванди ахлоқию маънавии ҷомеа бо суннатҳои неки ниёкон аҳамияти махсус пайдо кард, зеро яке аз сабабҳои оғози ин фоҷиа дар суст шудани ҳамин пайванд дида мешуд. Табиист, ки он дар меҳвари шеър ва, аз ҷумла, шеъри Қутбӣ Кином ҳам қарор гирифта, ба шаклу тарзҳои гуногун ифода гашт, ки як навъи он ҳамин шеъри андешаҳои отифӣ бо нақши муҳими шахси шеър буд. Дар шеърҳои «Ману додрасӣ», «Наврӯзӣ» (с. 1993), «Эй, камонбардаст» (с. 1993), «Умед кунед» (с. 1993) андешаҳои суннатии ахлоқии ҷомеа, ба монанди гиромӣ доштани одаму одамгарӣ, додраси мардум будан, эҳтирому икроми ҳуқуқи зан, ҳамиятнокию фурӯтанӣ ва ҳамеша ба умеди некӣ зистан мавриди ифодаи ҳиссиётманди шоир қарор гирифтанд. Андеша ва ҳиссиёту таассуроти ғиноӣ дар баъзе ин шеърҳо, масалан, “Боғи паррандаҳои Урметан” ҳамроҳ бо тасвир ба қалам омада бошад, дар баъзе дигар, масалан, «Ману додрасӣ», “Хизр медид, асоям мекард”, “Ҳавас”, «Умед кунед» бештар ба воситаи унсурҳои ташреҳиву баёнӣ ифода шудаанд. Вале ҳамаи ин шеърҳо аз самимияти амиқ, меҳри гарм, ҳиссиёти ғамшарикии асил, такрими некию накӯкорӣ, умеди офияти фардо саршоранд, ки дар дарозои таърих

беҳтарин суннатҳои ахлоқу одоб ва фалсафаи зиндагии мардуми тоҷикро ташкил додаанд.

Дар шеъри «Умед кунед» андешаҳои отифие баён мешаванд, ки бо вуҷуди ба шахси худ ишора накардани шоир ба ӯ тааллуқ доштани он аён буда, беҳтарин ва зиндагисозтарин суннатҳои ахлоқи аҷдодӣ, ҳамчун умед кардан, «кинаву бухлро» дур афкандан, «рафтаҳоро ба некӣ ёд» кардан, ба қадри «мондаҳо» (зиндаҳо) расиданро фаро мегиранд ва дар дил ба онҳо эҳсоси гиромидошт парварида, рушду нумуви ояндаи онҳоро асоси рӯзу рӯшноии мардум медонанд. Шеър бо чунин як мурочиати самимона оғоз шуда, то ба охир гармии ибрози андешаву эҳсосот нигоҳ дошта мешавад.

Дӯстон, дӯстон, умед кунед,
Ҳаваси як дами саид кунед.
Мерасад накҳати гули Наврӯз,
Хонаҳоро макони ид кунед [86, 35].

Дар замони фоҷиаҳо маъмулан инсон ба ёди гузаштаи осудааш меравад ва онро ба ёд оварда худро таскин доданӣ мешавад, ки аз ин гуна хотираҳо ҳамеша оҳанги яъсу маҳзунӣ ба гӯш мерасад. Дар ашъори солҳои аввали Истиқлоли кишвар низ ифодаи ҳамин ҳолат ҷой дорад, ки ашъори Қутбӣ Киром ҳам истисно нест, аммо бо вуҷуди ин, ҳамчунон ки дар шеъри боло ҳаст, ӯро умеду орзу аз оянда тарк намекунад. Дар ин гуна андешаву эҳсосот сирати шахсияти ғиноӣ, махсусияти ҳаёти маънавии замон ва табақоти иҷтимоӣ ҳам каму беш инъикос мешавад. Азбаски ин умеду орзу бештар дар натиҷаи рӯй овардан ба масъалаҳои иҷтимоӣ ба миён меоянд, ба шеъри Қ. Киром хусусияти маърифатбахшӣ медиҳанд. Ин далели он аст, ки ашёву ҳодисоти олами воқеъро фаро гирифтани шеъри Қ. Киром мушаххасан ва шеъри ғиноӣ умуман, нисбат ба он ки тасаввур мешавад, хеле фарохтар мебошад.

Ҳар шоири муқтадир тасаввуроти худро аз олам ба услуби худ пешниҳод карда, водор месозад, ки биниш, тарзи таассурот ва бозгӯи ӯ қабул гардад ва агар ба ин даст ёбад, он чун махсусияти истеъдоди ӯ шинохта мешавад. Бинобар ин, хусусиятҳое, ки дар эҷодиёти як шоир ба назари мо табиӣ мерасад, масалан, бархӯрди шадиди таассуроти мутазод дар Лоиқ, дар шоири дигар, агар он аз тарзи ҷаҳоншиносии ӯ барнаояд, ғайритабиӣ, сохта намуданаш мумкин аст.

Ҳар воқеа, андешаву таассуротро дар тазоду муқобила дидан дар махсусияти нигоҳи Лоиқ ба олами ботину зоҳир мебошад. Дарки ӯ аз олам дуҷиҳата аст: ҳаёт – мамот, хайр – шарр, адолат – разолат, садоқат – хиёнат ва ба ҳамин тариқа. Фарди ғиноӣ ботини худро дар муборизаи баҳамзидҳо во менамояд. Дар шеъри тоҷик ин тариқи дарк ва тасвири олами моддию маънавӣ собиқаи дарози адабӣ дорад, вале азбаски дар шеъри Лоиқ тарзи тасвир тоза аст, кӯҳнаю забонзад нест. Қаблан, дар шеъри нимаи аввали қарни XX, ин қувваю таассурот ба шахсони алоҳида нисбат дода шуда, дар ниҳоди як шахс ба ҳам барнамехӯрданд (агар бархӯранд ҳам ками дар кам буд) ва чун қувваву таассуроти ашхоси гуногун зоҳир мешуданд. Ин боис буд, ки олами фард, аксаран яктарафа, бо ранги фақат сиёҳ ё сафед ба тасвир мерасид.

Аммо дар шеъри Лоиқ таассурот, сифатҳо ва дилбастагиҳои мухталифи ӯ ифода шуда, паҳлуҳои гуногуни хулқу атвори фарди ғиноиро аён менамоянд. Ин усули тасвир ва ифодаи андешаву эҳсосоти инсон дар эҷодиёти Лоиқ махсусан, дар шеърҳои «Нӯшбод» (с.1965), «Тарона» (с.1968), «Боз як рӯзам гузашт» (с.1968), «Користон» (с. 1971) ба хубӣ корбаст шудааст. Шахсияти ғиноии ӯ дар ҳар падидаи зиндагӣ осори абадият ва силсилаи ногусастанӣ, дар ҳар ҷузъ ғояти куллро мебинад, гузаштаро бо ҳоли ҳозир ва ҳолоро бо оянда мепайвандад. Чунин мароми дунёшиносӣ ба андешаҳои ҳиссиётангези шахсияти ғиноӣ рангу равғани фалсафӣ медиҳад. Дар «Нӯшбод»-е, ки ӯ ба дасташ ҷоми хайёмӣ мегӯяд, маънии зиндагӣ дар силсилаи ногусастании талхию шириниҳо, васлу ҷудоиҳо, сарафкандагию сарфарозиҳо ифода мешавад:

Ва донистам, ки дар талхии май

ширинии дунёст,

Ва донистам, ки дарди ишқ подоши ҷудоиҳост,

Ва донистам, ки холигоҳи мобайни замину осмон бар мо

Барои сарфарозиҳост;

Ва донистам, ки паҳнои замин дар зиндагии кӯтаҳи одам

Барои бениёзиҳост,

Паёпай бода менӯшам [357, 186].

Шахсияти ғиноӣ дар шеъри Лоиқ на фақат шахси худи шоир аст, балки дар баъзе маврид он сурати инсони ҷомеъ аст, ки таҷассуми абадияти зиндагӣ ва қудратмандии инсон мебошад. Агар шахсияти ғиноӣ сифатҳои инсони ҷомеъро дар худ ғунҷонида, дар айни ҳол фардияти худро аз даст надиҳад, ӯ инсони тавоноест. Дар шеърҳои «Боз як рӯзам гузашт», «Руҷӯи достоне, ки наметавонам навишт» (с. 1968) шахсияти ғиноӣ ҳамин гуна инсони ҷомеест, ки худро дар ҷаҳон чун дар хонаи худ ҳис мекунад ва ҷаҳон ҳам хонаи ишқҳо ва сурудҳои ӯст. Дар чашмаш субҳҳои нодамида, дар насибаш роҳҳои носипарда, дар дилаш ишқҳои новарзида, дар ниҳодаш қудрати бунёдҳост, ки бо он ҳама ӯ дар дӯши замин асту замин бар дӯши ӯст, чунин аст шахсияти ғиноӣ дар шеъри «Боз як рӯзам гузашт», ки шеъри ангезаи рӯҳӣ буда, авзои ӯро ҳар лаҳза дигаргун нишон медиҳад.

Дар солҳои шаст дар эҷодиёти Лоиқ ва шуарое, ки баъд аз ӯ ба адабиёт ворид мешуданд, тамоюлу тасвири серпаҳлуи инсон ва баёни андешаҳои мутазоди ӯ густардатар мегашт. Акнун эҳсосот ва таассурот аз зиндагӣ якранг набуд, тазод дошт ва он усули идроки шахсияти ғиноӣ гашта, ба маҳаки ҷаҳоншиносиаш мубаддал мешуд:

То дар ин дунёи навбат ҳаққи навбат бо ман аст,

Сулҳу ҷангам бо тамоми Ҳурмузу Аҳриман аст [357, 218].

Ҷанги қувваҳои ҳурмузиву аҳриманӣ, ки дар ангезаҳои рӯҳии шахсияти ғиноӣ ба вуқӯъ меояд, мавзӯи бисёр шеърҳои Лоиқро ташкил медиҳад, ки дар зимни ин

ё он ҳодиса ба вуқӯъ наомада, аз ғояи муборизаи неку бад зуҳур мекунад. Се шеър, ки зери унвони «Користон» (с. 1971) аст, ин қазияро тасдиқ мекунад, ки ангезаи рӯҳии шахсияти ғиноӣ мавзӯи шеърро ташкил карда, ӯро чун арсагоҳи муборизаҳои шадиди маънавӣ намудор месозад. Шахсияти ғиноӣ, ки аз гирудору кашокаши қалбиаш ба ҷон меояд, аввал аз ду лашкаре, ки дар ӯ ҷангу шӯриш дорад, сухан мегӯяд, пасонтар аз ин ҳам мегузарад ва мегӯяд, ки дар ниҳодам ду дил метапад, ки бо ҳам номуросою дар тазоди ҳамешагст. Ин далели бар ангезаи рӯҳӣ қарор доштани мавзӯи шеър аст, зеро андеша бе вуқӯи ҳодисае дар натиҷаи тапиши дигар пайдо кардани ангезаи рӯҳӣ метавонад ҳар лаҳза нав шавад.

Дар ниҳодам ду дил тапад доим,
Байни онҳо ягон муросо нест.
Дар яке аҷз, дар дигар уммед,
Дар дили ман тазоди якумрист.
Он яке доимост заҳматкаш,
Дигаре нозиру тамошогар.
Он яке ҳар нафас кашад ташвиш,
Дигаре беғам асту бемазҳар [357, 197].

Аз солҳои ҳафтод дар тасвири инсони шеъри Лоиқ он ягонагии мақсадноке, ки дар шуарои насли пешин ҷой дошт, яъне муборизи ҳамешагии бешакку гумони ҷаҳони нав будан кам-кам дигаргун шуда, дар андешаҳои ӯ оҳанги дуӣ, гумон дар баробари яқин, нотавонӣ дар баробари тавоноӣ, яъс дар баробари умед ба гӯш мерасад. Ягонагии мақсадноки шахсият халалдор мешавад, ки аломати дар зимни ҷомеа пайдо шудани дигаргуниҳои иҷтимоӣ, равиши тозаест, ки ба муносибати байни фард ва ҷомеа таъсир мегузорад, саҳеҳтараш ин муносибатро аз вобастагии сахти сиёсӣ озодтар дидан мехоҳад. Ин дар аввалҳо эҳтимол ғайриихтиёр, бешуурона рух медод ва шоирон бар асари ҳассосии иҷтимоияшон тағйир хӯрдани авзои ҷомеаро шуҳудӣ ҳис мекарданд. Аз як тараф, аз забони

шахсияти ғиноӣ даъвату шиорҳои пешбарандаи ҷамъият, аз сӯи дигар, оҳанги сар фурӯ бурдан ба олами худтаҳлилӣ ва шакку гумонҳо низ ба гӯш мерасид.

Вале дар назар бояд дошт, шахсияти ғиноие, ки дар эҷодиёти бархе аз шоирон аз ин равзанаи дуӣ ба назар меомад, аксаран дар маърази пешбарандагони ҷомеа низ шиор мезад, яъне худ низ дар ҳолати дуӣ буд. Ӯ, аз як ҷиҳат, ба бенуқсу сохтакорона будани ҷомеа, ки норасоиҳояшро дар зери шиорҳо ва вонамудкориҳояш пинҳон медошт, шубҳа кунад, аз ҷиҳати дигар, онро боз чун ҷомеаи якдилӣ, ҳамризоӣ ва монанди инҳо месутуд. Аз ҷумла Лоиқ дар «Ҳамосаи бародарӣ» (с. 1974) менавишт:

Мо – узвҳои як тан, мо – чашмҳои як сар,
Мо – ганҷи як хазина, мо – шӯълаи як ахтар,
Мо – аскарони як саф, мо – рукнҳои лашкар,
Аз модари замона фарзанди тавъамонем,
Ҳамширу ҳамризоӣ – ёру бародаронем! [357, 384].

Вале бояд қайд кард, ки шахсияти ғиноӣ ҳам дар ибрози андешаҳои танқидӣ ва ҳам таҳсиниаш нисбат ба солҳои пешин озодтар, самимитар, неку бадашро аз хонанда пинҳон накарда сухан мегӯяд ва ба ҳамдилии ӯ бовар мекунад. Ин хусусият ба андозае ба шахсиятҳои ғиноии шоирони нимаи дуюми қарн муштарак буда, тобишҳои дигаргуна ҳам дорад, ки аз табиати инсонӣ ва эҷодии шоирон бармеояд.

Бунёди шеъри ғиноӣ бар ҳиссиёти фардӣ ва таассуроти нотакрор аст, ки тобиш ва рангомезиҳои гуногун дорад. Аз ин ҷиҳат, масири шеъри Лоиқ аз роҳҳои асосии инкишофи шеъри муосир аст, ки олами ӯ ва шахсияти ғиноиро дар бархӯрдҳои тунду тез, аёну ноаёнаш ба тасвир мегирад.

Дар шеъри «Тарона» андешаҳои отифии шахсияти ғиноӣ бештар ба инсони маҳсус нисбат дорад ва ин инсон азбаски дар заминаи ҳиссиёту таассуроти шахсӣ рози дил мекунад, ҳарчанд иддаои бузург дорад, ҳарфаш бештар ба дил менишинад.

Ман аз бар мекунам рӯзе суруди обшоронро,
Забон мебахшам охир ман сукути кӯҳсоронро.
Ман охир рӯдҳоро раҳнамоӣ мекунам рӯзе,
Паёми об меорам ҷавори даштзоронро [358, 193].

Ва махсусан, баъд аз ин банд, ки шахсияти ғиноӣ аз бачаҳои деҳотӣ, мактабхониҳо, ошиқиҳои бачагию ҷавонӣ ва ҳолатҳои воқеии ва аз сар гузаронидаи хеш ҳарф мезанад, ки онҳо паллаҳои мизони услуби вуқӯъгаро ва хаёлпардозонаро баробар нигоҳ дошта, шеърро мақбули хотир мегардонанд.

Валекин дар тани деворҳои мактаби деҳа
Нахустин шеърҳои ошиқии хешро дигар намеёбам,
Дигар дар нӯки мӯи духтарони ҳамдабистонам
Ба тарсу ларз мактуби муҳаббат ҳам намебандам.
Раҳо шуд кокули онҳо зи дастонам,
Раҳо шуд номаи ман ҳам [358, 193].

Вақте ки ин ду банд ва шеър куллан зери назар гирифта мешавад, аён мегардад, ки дар ин ҷо консепсияи шахсият, шахсияти ғиноие, ки шоир меофарад, асосан хаёлпардозона мебошад, ки унсурҳои вуқӯъгароӣ ҳам дорад. Ин махсусан, дар банди боло назаррас аст: аз бар кардани суруди обшорон, забон бахшидан ба сукути кӯҳсорон, раҳнамоӣ кардани рӯдҳо, паёми об овардан ба ҷавори даштзорон, ҳама аз таъбирҳое ҳастанд, ки дар олами дарки хаёлпардозонаи воқеият ҷой доранд. Аммо дар банди поёнӣ таъбирҳои дар тани деворҳои мактаб навиштани шеърҳои ошиқона, ба нӯки мӯи духтарони ҳамдабистон бастани мактуби муҳаббат таъбирҳое ҳастанд, ки дар асоси зиндагии деҳотӣ ба миён омада, ба сабки вуқӯъгаро тааллуқ мегиранд. Дар асл, ҳар дуи ин сабк – ҳам вуқӯъгаро ҳам хаёлпардоз – вақте ки дар шеъри ғиноӣ истифода мешавад,

махсусиятҳои худро пайдо мекунад, ки ба эътибор нагирифтани онҳо масъаларо сатҳӣ тасаввур кардан аст.

Вақте ки Лоиқ ғазал мегӯяд, суннати қавии ғазали классик ӯро бо худ мебарад, ӯ худро дар олами хаёлпардозона мебинад, зеро ҷаҳони ғазали классикии мо асосан хаёлпардозона аст. Барои исботи ин ба ғазале, ки матлааш ин аст, рӯй овардан кофист:

Ин ҳама оғозҳо аз хоки бунёди ман аст,
Ин ҳама парвозҳо аз файзи иршоди ман аст [358, 112].

Ин ғазал, ки аз олами маънавӣ суҳбат мекунад, ба ҳамон услуби хаёлпардозӣ гуфта шуда, шахсияти ғиноӣ ҳам шахсияти фавқултабиӣ ба назар мерасад, ки ҳатто осмонро як сафҳа аз девони худ, худоро ҳам дар офариниш аз худ оҷизтар дониста, ҳатто ҷаҳони ҳастиро, ки мафҳуми моддист, ба мафҳуми маънавӣ, яъне ба ёду хотира мубаддал мекунад. Ин аз хусусияти жанр, услуб ва муҳтавои хаёлпардозонае, ки шоир барои баёни он мекӯшад, ба миён омадааст, ки дар ин ҷо мақбул ба назар мерасад.

Ҷанбаи хаёлпардозона дар шеърҳои ба сабки нав ҳам гуфтаи Лоиқ кам нестанд. Масалан, дар «Шеъре, ки хоб дидам»-и Лоиқ муҳтаво ва тимсолҳо аз ин ё он ҷиҳат ба осмон, олами хаёлпардозона тааллуқ мегиранд, шахсияти ғиноӣ, ки шоир аст, дар бораи сарчашмаи яке аз шеърҳояш бо ҳавои хаёлпардозӣ, аввал аз Экзюперӣ, нависандаи хаёлпардози фаронсавӣ, ки халабон буд ва баъдан аз Зӯҳраи чангӣ, фалакпаймо Гагарин, Орфеи лирадаст ва шоирони хаёлпардози мубориз Петефӣ ва Лорка ёд карда, дар банди охир тасаввуроти шабонгоҳиашро ба ин зайл ҷамъбаст мекунад:

Худовандо!
Намедонам, чӣ фол асту чӣ тадбире,
Ки ман ин шеърро
Дар хоб дидам вақти шабгире,

Ки худ парвоз мекардам

ба сӯи осмони дур,

Ки худ парвоз мекардам ба сӯи ахтарони дур... [358, 233].

Ин таассурот ва андешаҳои отифии шахсияти ғиноӣ, бешакку шубҳа, ҷанбаи хаёлпардозӣ дорад ва ҳатто маҳалли он – роҳи парвоз ба сӯи осмон ва ахтарони дурро таъкид мекунад, ки сарчашмаи ин шеър аст. Ва дар шеъри дигараш «Ҷавонмаргони шеъру шоирӣ», ки низ дар сабки хаёлпардозист, шахсиятҳои дурахшонеро чун Рафаэллову Лермонтов, Дақиқию Шоҳин, Маяковскию Байрону Лоркаро ба хотир оварда, аз марги нобаҳангоми ҳамаи онҳо таассуф мехӯрад ва дар охир хулоса мегирад:

Гар, эй исторaҳои аз фалак афтода,

дар хоки сияҳ мурда!

Ба рӯи ин замини беситора ҷамъ мегаштед,

Замин кайҳо баланду покрӯ чун осмон мешуд [358, 105].

Дар ин хулоса ҳам ҳамон таъйиноти хаёлпардозона – баландию покии осмон, олами улвӣ ва пастиву нопокии замин – олами сифлӣ баён гаштааст. Барои услуби сирф хаёлпардозона сарчашмаи илҳоми шоир дар осмон аст, он заминро бо ҳамаи ташвишҳои рӯзмарраaш боиси костагӣ, нобудии илҳому шоир медонад, аммо дар эҷодиёти Лоиқ ҳар дуи ин муҳит – осмону замин, ҳамчун сарчашмаи шеър шинохта мешаванд. Масалан, дар шеъри чаҳорпораи «Тақлиди Мавлавӣ» (с. 1982) шахсияти ғиноӣ дар аввал ҳамчун як олами бузургу комил ва дар айни ҳол пурихтилоф, ки арзишҳои худро бо худ дорад, бо услуби романтикӣ ба сухан меояд: «Ман ошиқи дарёстам, // Пуршӯру пурсавдостам. // То навбати дунё марост, // Дунёстам, дунёстам» [358, 235]…

Ин шеър, ки дар пайравии Мавлавӣ гуфта шудааст, бардоште аз олами шоири ориф дорад, ки дар он муборизаи баҳамзидҳо мавқеи муҳим дошта, оламу одам дар натиҷаи ҳамин мубориза ва роҳи расидан ба ҳақ ҳам ба ҳамин васила

шинохта мешавад. Бо вуҷуди ин, ҷанбаҳои вуқӯъгароӣ ва хаёлпардозонаи олами шахсияти ғиноӣ вобаста ба мавзӯъ ва услуби ин ё он шеър ба ҳамдигар афзалият пайдо мекунанд. Дар ин ҷо ҳам, ки андешаҳои худтаҳлилии отифии шахсияти ғиноӣ асосан рӯҳи хаёлпардозона дорад, ҷо-ҷо аз ҷузъиёти маишии зиндагӣ, яъне аз олами пасти ҳастӣ, масалан, аз он ки дар диёри хеш муҳтоҷи як манзил шудааст, низ ёд оварда мешавад. Баъдан шахсияти ғиноӣ банохост, ғайриихтиёр ба олами сифлӣ, арзиш қоил шуда, ба он миннатгузорӣ менамояд, ки аз майли ҷаҳоншиносии моддигароёнаи ӯ бармеояд: «Ман ифтихори ҳастиям, // Ман эътибори ҳастиям. // Бо ҷумла бори меҳнаташ, // Миннатгузори ҳастиям» [358, 235-236].

Ин гуна нигоҳ ба масъулияти шоир, ки моҳияти андешамандӣ ҳам дорад, то ба қалам омадани «Руҷӯи достоне, ки ҳаргиз наметавонам навишт», «То дар ин дунёи навбат ҳаққи навбат бо ман аст», «Ман аз ин қофияпардозиҳо бисёр дилгирам» ва як қатор ғазалҳои Лоиқ, ки дар ин мавзӯъ суҳбат мекунанд, дар шеъри садаи бисти тоҷик нодир буд. Ҳамин тариқ, дар ашъори Лоиқ талоши пурмаҳсули ба ҳам даромехтани мабдаъҳои вуқӯъгароёна ва хаёлпардозона аз ҳама қавиву густардатар ба назар мерасад.

Дар шеъри «Намаки халқ» таъкиди он ақидаи вуқӯъгаро ҷой дорад, ки маҳалли зиндагӣ ва эҷоди шоир дар байни халқ, дар замин буда, ризқаш ҳам аз дасти пинадори ӯст ва ҳатто бартар аз ин худи меҳнати халқ чун пахтакорию зироатпарварӣ, ки дар сабки хаёлпардозонаи тасвир аксаран шоистаи таваҷҷуҳи шоир нестанд, ҳамчун шеъре, ки беҳ аз шеър аст, ситоиш мешавад. Ақидаи масъулият доштани шахсияти ғиноӣ дар назди халқ дар баъзе шеърҳои Лоиқ ба такрор меояд, ки далели пайвастагии шоир ба ҳаёти иҷтимоист.

Шахсияти ғиноии Лоиқ дар баробари аз худ чеҳраи хаёлпардозона ва шахсияти ягонаи мақсаднок зоҳир карданаш, қариб дар саропои эҷодиёташ аз худ чеҳраи инсони худтаҳлил, худҷӯй дар олами ботинро, ки аз сабки декаданс аст, низ нишон медиҳад. Ин сабк ҳам, агар ба меъёр истифода шавад, ҳеҷ бадие надошта, балки барои гуногунтар, саҳеҳтар нишон додани ҷаҳони ботинии инсон мадад мерасонад ва махсусан, дар шеъри ғиноӣ, ки муҳтавои асосиаш олами

дарун аст. Ин ду сифат, яъне сифатҳои шахсияти мақсадноки хаёлпардозона ва шахсияти дудила, худтаҳлилу худҷӯй дар ашъори Лоиқ дар бисёр ҳолат ҳамроҳ ба назар мерасад. Ҳамчунонки дар ин ғазал ҳаст:

Бевафоии ҳаёт аз бевафоии ман аст,
Норасоиҳои бахт аз норасоии ман аст.
Гар ба мақсад мерасидам, роҳи ман кӯтоҳ буд,
Ин қадар раҳҳо дароз аз роҳпоии ман аст [358, 116]...

Ё дар ғазали дигар, бо ин матлаъ: «Сад баҳрро гузаштаму дар соҳилам ҳанӯз, // Сад боғ мева чидаму беҳосилам ҳанӯз» [358, 277] шахсияти ғиноӣ ба ҳамон услуби норизоӣ ва шиква аз хеш рози дил мекунад. Умуман бояд қайд кард, ки шахсияти ғиноии Лоиқ на фақат дар шеъру ғазалҳои ҷудогона, балки дар як ғазал ҳам дар байтҳои гуногун метавонад аз худ ба ду мазмун – мазмуни шахсияти мақсадноки хаёлпардозона ва шахсияти худтаҳлили декадансӣ сухан гӯяд. Масалан, дар ғазали «Он лаъли дилхунро бигӯ, Лоиқ видоят карду рафт» шахси шоир дар асоси тазоду муқобала ба ҳамин мазмун дарди дилашро баён менамояд:

Озори дунё дар дилам аз реги ҳомун беш буд,
Он реги ҳомунро бигӯ, Лоиқ видоят карду рафт.
Дил додаам, дил бурдаам, ҷоми паёпай хӯрдаам,
Он ҷоми ворунро бигӯ, Лоиқ видоят карду рафт [358, 154].

Дар ин байтҳо озори дунё кашидан, ворун шудани ҷом ҳиссиёти шикваю рӯҳафтодагист, вале дар байти мақтаъ шахсияти ғиноӣ ба олами эҳсоси хаёлпардозона меравад ва мухотабаш дигар шахс ё мавҷуди заминӣ не, балки худи чархи гардун аст, ки фақат он метавонад дар баробари ӯ бошад:

Ин дафтари шеъру ғазал чун ман намирад аз аҷал,
Рав чархи гардунро бигӯ, Лоиқ видоят карду рафт [358, 154].

Андешаҳои отифии шахсияти ғиноии Лоиқ ҷиҳатҳои маънавӣ, фалсафӣ, иҷтимоии зиндагиро дар бар мегиранд. Бо вуҷуди дар заминаи хаёлпардозона ифода шудани ин маъниҳо ва бештар шахсияти хаёлпардоз будани шахсияти ғиноии ӯ шахсияти сирф хаёлпардозона нест, ки ягонагии мақсадноки ботинӣ аломати асосии ин гуна шахсият аст, дар ӯ ҳам хусусиятҳои шахсияти вуқӯъгаро, ки бар воқеияти зиндагӣ такя дорад, ба ҳам омехта ба назар мерасанд. Таносуби ин хусусиятҳоро муайян кардан мушкил буда, он дар ҳар шеър метавонад ба эътибори мавзӯъ ва сабки пешгирифтаи шоир гуногун бошад, бинобар ин онро дар ҳар ҳолат вобаста ба шеъри мавриди таҳлил баррасӣ бояд кард.

Лоиқ шоири табъан ғиноист. Олами шахсияти ғиноии ӯ вобаста ба доманадории тафаккур, амиқии андеша ва таъсирбахшии таассуроти шахси шоир сиришта мешавад. Андешаҳои худтаҳлилию ҳиссиётангези шахсияти ғиноӣ, ки дар натиҷаи бо назари санҷиш нигаристан ба зиндагии худ ва дигарон ҳосил мешавад, ба воситаи тасвири муҳимтарин ҷузъиёт, ки хусусияти таъмимӣ дорад, баён мегардад. Шеъри ғиноӣ ба муъҷизае қодир аст, ки дар фосилаи як-ду байт инсонро метавонад инсон аз замин ба осмонҳо бибарад ва ё аз авҷи осмон сарнагун оварда, фарши замин созад. Ин авҷи осмон ва ё фарши замин шуданҳо, албатта, ба замон ва аз он чӣ гуна эҳсос бардоштанҳои шахсияти ғиноӣ вобаста аст.

Дар асл агар мулоҳиза шавад, шоирон маъмулан аз замон неш мехӯранд, вале аксаран онро ба ҷои нӯш меангоранд, ки ин ҳам шеваи ҳазорсола аст, ки ҳанӯз Абӯсаиди Абулхайр гуфта буд:

Зишт бояд диду ангорид хуб,
Заҳр бояд хӯрду ангорид қанд [88].

Ва Лоиқ ҳам дар ғазали «Лаҳзаҳое, ки ғазал мегӯям» ин нуктаро пас аз ҳазор сол такрору таъкид мекунад:

Зиндагӣ чун ҳама заҳру асал аст,

Заҳрро хӯрда асал мегӯям... [352, 79].

Вале вазъи ноҷӯри замон шоирро водор ба он мекунад, ки дар мавриди зарурӣ "заҳр"-ро заҳр ҳам гӯяд. Бинобар ҳамин ҳам агар шахсияти ғиноии Лоиқ дар солҳои ҳаштод дар ғазали «Чу як пири хирад мирад, бимирад ҷумла осорам» агар ин гуна шукру сипоси даврон ба Ватан карда бошад:

Агар як лаҳза ношукри ҳамин давру замон бошам,

Сияҳбахтам, сияҳрӯзам, сияҳрӯям, сияҳкорам!

Ба ғурбат дида, эй бас беватанҳои ҳақиру зор,

Ҳазорон шукр кардам, ки Ватан дорам, Ватан дорам! [358, 337].

Дар солҳои навадум, ки ҷомеа ба буҳрон, ҷанги бародаркуш ва Ватан ба бадбахтиҳо рӯ ба рӯ шуд, шахсиятии ғиноӣ дар бораи замон ва Ватан дар ғазали «Кушед ин замонаро, ки мекушад таронаро» чунин мегӯяд:

Кушед ин замонаро, ки мекушад таронаро,

Даруни чашм мекушад нигоҳи шоиронаро.

Замонаи ҳаринае чу кафши серпинае,

Ба пинае намехарад нубӯғи ҷовидонаро [358, 71].

Ва ё дар ғазали дигар «Сухан вирди забонҳо буд, имрӯз аз даҳан мондаст», шикваашро чунин изҳор медорад: «Чу ман мирам, дилам як зарраи ин хок хоҳад шуд, // Агарчанде дилам имрӯз аз ин халқу Ватан мондаст» [358, 134].

Ин гуна дигар шудани назари шахсияти ғиноӣ ба ашё, арзишҳо ва мафҳумҳо дар ашъоре, ки заминаи муҳтаво ва эҳсосашон бар иҷтимоъ аст, бештар рух медиҳад, зеро иҷтимоъ бисёр мутаҳаррик ва тағйирпазир аст ва шоир ҳам ба ҳайси ҳассостарин фарди ҷомеа дарди дил ва ё шодмонии худро аз он тағйирот ба забон меорад. Дар ин давр шахсияти ғиноӣ аз худ чеҳраи бештар фаъоли иҷтимоӣ

зоҳир карда, дар бораи масъалаҳои муҳими ҷамъият адолат ва разолат, озодӣ ва маҳкумӣ, истиқлол ва истибдод ва монанди инҳо андеша ронда, дар бораи марҳалаҳои таърихӣ, ашхос ва ҳодисаҳои мухталифи он назари тозаи худро мегӯяд, ки баъзан ба чизе, ки қаблан гуфта буд, мухолиф аст.

Дар ашъоре, ки дар онҳо шахсияти ғиноӣ камтар аз ҳақиқати воқеии зиндагӣ ва бештар аз зафарҳои даврон, адолати сохти иҷтимоӣ, гулгулшукуфӣ ва ҳамин гуна мавзӯъҳо сухан мегуфт, вазифашиносии сиёсии ӯ муқаддам буд, зеро дар байни ҳақиқати зиндагӣ ва вазифаи сиёсӣ, ки қариб дар ҳамаи давру замонҳо шахси эҷодкор, мутассифона, ҷабран ба зимма мегирифт ва дар замони сотсиалистӣ ҳам ҳамин тавр буд, ноҷӯрӣ вуҷуд дошт. Ин ноҷӯрӣ дар нимаи дуюми қарни ХХ дар андешаҳои фарди ғиноии шоироне, монанди Қутбӣ Киром, Лоиқ, Гулназар кам-кам зоҳир мешуда бошад, дар эҷодиёти Бозор Собир, ки нисбат ба дигарон аз вазифашиносии сотсиалистӣ озодтар буд, бисёртар ба назар мерасид. Бинобар ин, фарди ғиноӣ, ки дар ашъори Бозор Собир арзи вуҷуд мекард, маънии ҳастии худро дар тааллуқоти дигар медид, ки бештар дар дилбастагии ӯ ба арзишҳои маънавии миллӣ, ки дар деҳот боқӣ мондаанд, зоҳир мешуд. Пайванди Бозор Собир бо ҳаёти деҳ, ки аз деҳотӣ будани худи шоир бармеояд, боз ба иҷрои ҳамин мақсад, ки шеърашро аз кашидани вазифаи сиёсӣ озод кунад, хидмат мекард.

Агар, аз як тараф, дар ашъори ин солҳо фарди ғиноӣ, ки фикру зикраш, кӯшишу ҳаракаташ барои амалӣ шудани дархостҳои иҷтимоии замон равона шудааст, мавқеи муҳим дошт, аз тарафи дигар, тимсоли инсоне ба зуҳур меомад, ки бештар паи баровардани ниёзҳои зиндагии фардии худ буда, муносибаташ бо иҷтимои замон аз рӯи меъёрҳои дигар сурат мегирифт. Ӯ ба ҳар инсон, новобаста аз тааллуқоти иҷтимоияш, ҳамчун ҳалқаи пайванди силсилаи инсоният қимат қоил буд, озодии фардии ӯро шарти асосии эътибори инсонияш медонист. Ин фарди ғиноӣ дар ҳар сурат зуҳур кунад, хоҳ дар сурати шахсияти ғиноӣ, шахси шоир, ровӣ ва ё чун мабҳаси шеър, озодии комили худро тақозо мекард ва бар зидди ҳама гуна маҳдудияти озодӣ ва ё камтарин зӯроварӣ кардан ба шахсияти ӯ,

хоҳ аз ҷониби сохти иҷтимоӣ бошад ва хоҳ аз ҷониби қонуниятҳои асосии низоми олам, садои эътирози худро ба гӯш мерасонид.

Акнун инсон на фақат ҳамчун ифодакунандаи ин ё он мафкураи иҷтимоию сиёсӣ, балки ҳамчун гаронбаҳотарин офаридаи табиат, ки баъзан аз рангу бори мазҳабӣ ҳам орӣ набуд, шинохтаву тасвир карда мешуд. Ин ҳама аз он шаҳодат медод, ки дар шуури иҷтимоии солҳои ҳафтоду ҳаштод ва махсусан, навадум зиддиятҳое вуҷуд дошт, ки барои аз байн рафтани ғояи қаблии инсони шӯравӣ замина гузошта, барои давроне, ки асоси фаҳмиши тозаро дар мавриди муносибати инсону ҷомеа фароҳам меовард, роҳ мекушод. Яъне бунёди таълимоти муносибати инсони қаблӣ бо ҷомеа тарак хӯрда, барои эҷоди навин ҳоло замина фароҳам набуд. Дар ин даврон маъмулан дар адабиёт, махсусан, дар шеъри ғиноӣ, ангезаҳои рӯҳӣ, ки боиси андешаҳои худтаҳлилӣ ва сар фурӯ бурдан ба олами фардии худ мешаванд, мавқеъ пайдо мекунанд. В. Белинский зуҳури шахсиятро дар ин гуна айёми ҷомеа хеле дақиқ баён карда буд: «Ин ҳолати даргузари рӯҳ аст, ки дар он барои инсон ҳама чизи кӯҳна хароб шуда, вале нав ҳоло пайдо нест... Дар ҳолати ангезаи рӯҳӣ инсон ба ду қисмат ҷудо шуда, яке аз он зиндагӣ ба сар мебарад, дигараш ӯро назорат ва дар бораи ӯ ҳукм мекунад... Ҳамин ки дар инсон ҳиссиёте, азме, фаъолияте сар зад, дарҳол ким-кадом ҳамон душмани дар худ ниҳони ӯ он тухмаро аз назар мегузаронад, таҳлил, тадқиқ мекунад, ки оё он андеша дурусту ҳақ аст, оё он ҳиссиёт воқеист, оё он азм қонунист ва онҳоро чӣ мақсад буда ва чӣ маҳсуле медиҳанд...» [23, 253]. Таҳқиқи ангезаи рӯҳӣ, ки В. Белинский кардааст, дар мақолааш дар бораи «Қаҳрамони даврони мо» буда, ба солҳои сиюми асри XIX тааллуқ дошт, аммо асос ва моҳияти он хеле дақиқ дида шуда, имрӯз ҳам аҳамияти худро аз даст надодааст. Ҳарчанд дар он мақола ва махсусан, дар солҳои баъд В. Белинский бар мазаммати ангезаи рӯҳӣ дар адабиёт сухан гуфта буд, вале агар аз он ба маврид ва ба меъёри мувофиқ истифода шавад, онро барои худтаҳлилии фарди ғиноӣ маҳсулнок ба кор андохтан мумкин аст.

Фарди ғиноии шеъри Бозор Собир дар солҳои аввали эҷодиёташ, махсусан, дар маҷмӯаи «Пайванд» (с.1971), бештар андешаҳояшро дар ҳолати ангезаҳои

рӯҳӣ баён мекард, вале бо ин фарқ аз дигарон, ки ин ангезаҳо қариб ҳамеша бо табиат мепайвастанд ва ё маҳз табиат ба пайдоиши онон сабаб мешуд. Вай шеъри маромномааш «Орзуи зинда»-ро ҳам бо таъкиди маҳз ҳамин пайванд оғоз карда буд:

Кӯдаки сангаму аз оғуши кухсор кунун
Ҳамраҳи бӯи баҳор,
Ҳамраҳи нолаи мурғони саҳар,
Ман ба овози дигар
Меравам сӯи ту, эй шеъри Аҷам [197, 7].

Дар ин пора ба ду нукта бояд таваҷҷуҳ кард, ки дар он шоир аз «нолаи мурғони саҳар» сухан мегӯяд ва оҳанги дард доштани шеваи шоирии худро гӯшрас карда, ҳамчунин бо ибораи «ба овози дигар», аз дигарон фарқ доштани лаҳни худро паём медиҳад, ки баъдҳо собит ҳам мешавад.

Дар солҳои шасту ҳафтод на фақат Бозор Собир, балки шуарои дигаре ҳам ба табиат рӯй оварда, ба ин тариқ барои тару тозагӣ ва маҳсусияти шеъри худ, ки аз он на фақат ақл, балки ҳисси панҷгонаи инсон ҳам кайфияте барад, истифода карданд. Ин ҷустуҷӯ буд, ки бар табиияти шеър афзуда, онро аз маснӯият ва муҷаррадӣ наҷот медод. Аз ин рӯ, фарди ғиноӣ дар эҷодиёти М. Турсунзода, А.Шукӯҳӣ, М. Қаноат, Кутбӣ Киром, Лоиқ, Гулназар, Гулрухсор ва дигарон ба табиат бештар гароиш дошта, онро дар ибрози ҳиссиёт ва тассуроти хеш ба кор меандохт. Ин аз як ҷиҳат, аз ҷиҳати дигар пайдо шудани ин ҳолат ба вусъати инқилоби илмию техникӣ ҳам вобаста буд, ки ҳамчун тарзи махсуси вокуниш зуҳур карда, ёдовар мешуд, ки бо вуҷуди зиндагиро фаро гирифтани он пайванди инсон бо табиат аз он ҳам муҳимтар мебошад.

Дар давраҳои аввали эҷодиёти Бозор Собир фарди ғиноӣ дар оғӯши табиат бештар ба он машғул аст, ки хотироти бачагии худро боз орад ё аз меҳру муҳаббати ҷавонии худ, ҳамчунонки дар шеърҳои «Ҷавонӣ», «Кудакӣ ку?», «Бачаҳои деҳотӣ» ва ғайра ҳаст, сухан гӯяд.

Баъзан дар ашъори Бозор Собир, ҳамчунонки дар осори Лоиқ ҳам ҳаст, шахсияти ғиноӣ дар андешаҳои отифиаш мехоҳад сурати инсони ҷомеъро ба худ бигирад, тамоми таърихи инсонро дар худ муҷассам бикунад ва то он ҷо, ки хусусияти инсони фард бар инсони ҷомеъ афзалият дорад, шахсияти ғиноӣ ҷозибаи худро гум намекунад, ҷаҳони ӯ, ба монанди он ки дар шеърҳои «Орзу», «Эй замин!», «Рӯзи дигар», «Меҳр» ҳаст, шавқангез ба назар мерасад. Ӯ баръакси онҳое, ки осмону заминро дар гирди худ ва ё шахсияти ғиноии худ мегардонанд, ки барои сабки хаёлпардозона як амри табиист, дар шеъри «Меҳр» чунин мегӯяд: «Каҳкашон гирди ман намегардад, // Дар раҳи он на каҳкашонам ман. // Руй бар паҳнаи замин дорам, //Гарчи дар фикри осмонам ман» [197, 36].

Вале вақте ки ӯ инсони воқеӣ будани худро ба фаромӯшӣ месупорад, чунонки дар шеъри «Симои ман» рух дода ва ба фалсафафурӯшӣ мепардозад, ҳарчанд мекӯшад, ки бо арзи воқеоти ҳайратангез қобили таваҷҷуҳ бошад, бештар мавриди нофаҳмӣ ва бегонагӣ қарор гирифта, иштиёқи хонандаро ба худ мекоҳад. Ӯ дар ин шеър, аз ҷумла изҳор дорад, ки гӯё дар сӣ соли умри хештан солҳои бешуморе зиндагӣ карда, ӯро пеш аз ин ҳам модароне таваллуд кардаанд, осори ӯ дар барзану кӯҳҳо, биёбонҳову қалъаҳо, дар дарёҳои чуқуру дар мурдобҳову зиндонҳо ва монанди ин булъаҷабиҳои дигар мавҷуд аст ва ҳатто ба ҳаминҳо ҳам қаноат накарда, барои тамоман моту мабҳут кардани хонанда мегӯяд:

Лошахорон борҳо биншаста рӯи мурдаам,
Аз барои лошаи ман ҷанг барпо кардаанд... [197, 40].

Маълум аст, ки шоир бо ҳамаи ин суханҳо гирдгардонии гардунро, ки ҳазор сол пештар устод Рудакӣ хеле шоирона ба таври эҷоз баён карда буд [79, 55-56], мехоҳад дар пирояи дигар бозгӯ кунад, аммо риоя нашудани меъёр дар кашидани тарҳи шахсияти ғиноӣ, ки сурати инсони ҷомеъро ба худ гирифтанист, сухани ӯро мавриди нофаҳмию номақбулӣ қарор медиҳад.

Тимсолҳои табиат ҷузъи таркибии олами бадеиву рӯҳии Бозор Собиранд. Дар даҳсолаи аввали эҷодиёти шоир қариб ҳамаи ашё, мавҷудот ва ҳодисот аз рӯи

таассурот ва андешаҳои отифии шахсияти ғиноӣ ва ё шахси шоир ба қалам кашида мешуд. Дар аксари ҳолат шахсияти ғиноӣ худи шоир буд, ки бештар ба худшиносӣ ва худифшоӣ мекӯшид ва табиат ҳам барои амалӣ шудани ин мақсад созгорӣ мекард. Таассуроти шоир ҳамзоди авзои табиат буд, ки гоҳ рӯҳпарвару босурур ва гоҳ ҳузновару малолангез ифода мегашт.

Шахсияти ғиноии Бозор Собир дар андешаҳои худтаҳлилиаш ҳам худро камтар ба ҷониби иҷтимоъ, балки бештар ба оғӯши табиат бурда, ба он пайванд медиҳад. Ин маънӣ дар шеъри «Реша»-и ӯ, ки дар зимни табиат ва ҷузъиёти он гуфта шуда, номи шеър – «Реша» ҳам далели он аст, чунин баён гаштааст:

Чӣ гӯям?
Дастомӯзи худовандони фарҳангам,
Ва одат кардаам ман бар навозишҳо,
Ситоишҳо...
... Вале бо ин мани хушбахт,
Мане ҳам ҳаст,
«Мани ваҳшӣ», «мани саҳроие» ҳам ҳаст,
Ки ӯро мондаам дар пои минбарҳо... [199, 63].

Шахси шоир дар ин шеър банди ангезаҳои ҳиссӣ мебошад, дар ӯ ду инсон ба ҳам муборизa дорад: якум – «дастомӯзи худовандони фарҳанг» ва «одат карда... бар навозишҳо... ситоишҳо», дуюм – «ваҳшӣ», «саҳроӣ», вале ҳамин дуюмӣ, ки ба садҳо чашмаи сероб наздик аст, решаи аввалист ва ӯро сабз медорад, ҳиссиёти болонишинӣ ва шуҳратхоҳии ӯро қонеъ менамояд. Шоирро иззатталабии дуюмӣ он қадар хушоянд нест, баръакс «мани ваҳшӣ»-и ӯ мавриди нигоҳи хушбини ӯст, зеро маълум мешавад, табардастоне ҳастанд, ки қасди дарахти шуҳрати шоирро доранд ва ӯ ба рағми онҳо мегӯяд:

Табардастон, чӣ мегӯед?
Бе ин решаи «ваҳшӣ»

Дарахти сарбаланди шуҳрати ман
ташна хоҳад монд,
Мани болонишин дар қуллаҳои
осмонбӯси бузургӣ ташна
хоҳам мурд [199, 64].

Яке аз муҳимтарин фарқиятҳои шеъри андешаҳои отифии Бозор Собир аз ҳамсолонаш дар ҳамин аст, ки андешаҳои Бозор Собир бештар дар намои табиат, бо тимсолҳо, ҷузъиёти он маҳсус ба қалам омада, ҳискардаи эҳсоси панҷгонаи вай ҳастанд. Шахсияти ғиноии ӯ суханро муҷаррад нагуфта, қариб ҳамеша ҳискардагӯст. Номи яке аз маҷмӯаҳояш инро махсус таъкид ҳам мекунад, ки «Бо чамидан, бо чашидан...» аст. Дар шеъре ҳам, ки «Бо чамидан, бо шамидан, бо чашидан...» ном дорад, шахси шоир бунёди ҳастӣ ва пайванди худро бо Ватан дар ҳамин ҳисси панҷгона, яъне ҳисси комили худ мебинад.

Ман Ватанро аз қафои пода таҳсис кардаам,
Рӯзу шаб бо панҷ ҳисси зотиам ҳис кардаам.
Бо забону чашму гӯшу бо димоғу дасту по,
Бо чамидан, бо чашидан, бо шамидан, бо садо [201, 26].

Ва ё дар шеъри «Баданам аз қаламам нест ҷудо» низ маъниеро таъкид мекунад, ки шеъраш ҷамъкардаи лабу чашму забон ва дасту пои ӯст, яъне маҳсус аст ва бофтаи муҳокимаронеиҳои зеҳнӣ нест.

Андешаҳои худтаҳлилии шахсияти ғиноӣ дар шеърҳои «Хонаи мӯр», «Ҳар саҳар аз хандаи хуршед», «Такрор» ҳамин гуна аз табиат бармеоянд ва ё вобаста ба табиат иброз мешаванд, ки маъниҳои муҳими иҷтимоӣ доранд. Ба ин шеърҳо ҷузъиёти зиндагии шаҳрӣ ҳам дохил шуда, мақсадро ба тарзи тасвири тазоду муқобала барҷастатар ифода менамояд. Дар шеъри «Хонаи мӯр», ки асосан аз тимсолҳои зиндагии деҳ ва табиат ба ҳам омадааст, шахси шоир худро ба тугмаи садои дар, ки ҷузъи зиндагии шаҳрист, нисбат дода, мазмуни амиқи иҷтимоиро

баён мекунад, ба ман ҳар қадар фишор биёранд, ман ҳамон қадар баландтар занг мезанам, яъне садо дармедиҳам, эътироз менамоям:

Ман тугмаи садоям
Дар пушти ин дари танг,
Ҳар қадр мефишоранд,
Он қадр мезанам занг [201, 37].

Ва банди хотимаи шеър даъвоест ба зиндагӣ, ба назми дунё ва ҷомеа, дуруст аст, ки як андоза умумӣ, вале агар банди болотари он дар ёд дошта шавад, маҳз ба ноҷӯрии замони шоир муносибат доштани он собит мешавад. Бо панҷаи фишурда ба дунё омада, боз бо панҷаи фишурда намурда аз дунё рафтан маҷозест, ки маънии ҳамеша ба задани мушти ҷавобӣ омода будани ӯро барои ҳамаи он беадолатиҳое, ки кашидааст, бисёр хуб ифода намудааст:

Бо панҷаи фишурда
Ман омадам ба дунё,
Бо панҷаи фишурда
Ман меравам намурда [201, 38].

Ин оҳанги кинҷӯии шахсияти ғиноӣ аз давру замон, ки дар мақтаи шеър ифода шудааст, дар охири солҳои ҳаштоду навад дар ашъори Бозор Собир боз ҳам пурқувваттар ба гӯш мерасад. Ҳамчунонки дида мешавад, дар шеъри «Хонаи мӯр» шахси шоир инсони воқеист, яъне фардию ҷолиб рух намуда, мафкураи як табақаи ҷамъиятро, ки воқеан нобаробарии иҷтимоиро дар худ эҳсос мекард, ба тарзи таъмимӣ инъикос кардааст. Вале, мутаассифона, дар баъзе шеърҳояш боз ҳамон нуқси пештара, ки мехоҳад ба шахсияти ғиноӣ сифатҳои фавқулбашарӣ ва ё ҳайратангезро нисбат дода, онро тимсоли инсони комил ва ҷомеъ бисозад, роҳ меёбад ва тарҳи фардияти онро аз байн бурда, номарғуб мегардонад. Масалан, ин камбуд дар шеъри «Ман худамро кушта-кушта...» ба назар мерасад. Шахсияти

ғиноӣ дар ин шеър инсони ҷомеъ аст, ки дар банди якуму дуюм аз ҳастии иҷтимоӣ ва пайвандаш ба табиат сухан мегӯяд, вале баъд ба муҳокимарониҳои зеҳнии пайдарҳам аз сохтану сӯхтан, пардохтану бохтан, ҷабрфармоию ҷафокашиҳо бо овардани ному воқеаҳои бисёри таърихӣ машғул шуда, барои ҳастии худро изҳор кардан имкон намеёбад ва дар натиҷа сурати инсони умумиро гирифта, суханҳои маъмул мегӯяд, ки мароқангезиаш аз байн меравад:

Оташафшон низ ман будам, дар оташ низ ман,
Ҷабрфармо низ ман будам, ҷафокаш низ ман.
Номусулмон низ ман будам, мусулмон низ ман,
Балки шайтон низ ман будам
Ва яздон низ ман.
Дод аз ман, дод аз ман,
Аламон, фарёд аз ман.
Бӯалиро аз Бухорои шариф(?) ман карда берун,
Тирмизиро ман фикандам дӯш дар дарёи Ҷайҳун.
Барҳадар хуни Низомулмулкро ман рехтам,
Балки хуни мулкро ман рехтам [201, 118].

Ва монанди ин шахсияту воқеа ва сифатҳои мутазодро паи ҳам овардан мегирад, ки охираш «Вой бар ман, вой бар ман, Эй худо, бахшой бар ман!» [201, 119] ҳасту тамом. Шеър, ки рӯихати маҷмӯи воқеаҳои таърихӣ нест, балки дид ва бофти шоиронаи таърих аст, ки аз он ҳикмати бадеие берун оварда шавад ва шахсияти ғиноӣ ҳам танҳо барои иҷрои ҳамин вазифа ба кӯрароҳи таърих ворид бояд шавад.

Дар ашъоре, ки шахсияти ғиноӣ андешаҳои муҳими иҷтимоӣ, таърихиашро дар заминаи ҳиссиёти шахсӣ, ҳамчун мавзӯе менигорад, ки ранҷу азоб ва шодию нишотҳои зиндагии ӯро бор овардаанд, ҳам шахсияташро амиқу пурмаънотар воменамояд ва ҳам андешаҳояшро ба ҳиссиёти тару тоза баён мекунад, ки шеърҳои «Тоҷикистон», «Бухоро», «Дар оғӯши кӯҳистон» маҳсули ҳамин шеваи

дарёфти мавзӯъ мебошанд. Масалан, дар шеъри «Бухоро» ҳам аз шахсияту воқеаҳои бисёри таърихӣ ёд оварда мешаванд, аммо дар сухани шахсияти ғиноӣ, ки гармӣ ҳасту ӯ онҳоро ҳамчун як ҷузъи таърихи ҳастии худ ба забон меорад, таъсиргузор дармеояд.

Бухорои адабпарвар,
Нигоҳи гарми ман аз фарқи кӯҳистон
Ба сӯят чун Зарафшон рӯзу шаб ҷорист,
Ҳамехоҳам чу пайвандат,
Ду чашмам мисли рӯде тар кунад рӯи заминатро,
Нагардад то парешон пас аз ин хоки барӯмандат [201, 114].

Ҳамин тариқ, пайвастагии тимсоли фарди ғиноӣ ва шоир дар ашъори Бозор Собир, ҳамчунонки умуман дар шеъри ғиноӣ ҳаст, бисёр ноаён мебошад. Ин махсусан, боз дар ҳолатҳое ноаёнтар аст, ки тимсоли шахсияти ғиноӣ бештар айният пайдо карда бошад. Аммо дар шеъри Бозор Собир шахсияти ғиноӣ бештар зеҳният дошта, ба худи шоир пайванд мегирад, ки аломати аксаран дар маркази таваҷҷуҳ қарор доштани шахси ӯст.

Баробари фароху пургунҷоиш, пурандешаю пурмаъниӣ шудани олами шоир ҷаҳони шахсияти ғиноӣ низ амиқу пуртафаккур ба назар мерасад. Шубҳае нест, ки дар камолоти шоир чигунагии дараҷаи мафкураи иҷтимоии замон таъсири муҳим ва муайянкунанда дорад. Бинобар ин, агар дар аввали нимаи садаи бист дар эҷодиёти беҳтарин шоиронаш ҳам як андоза тафаккури содалавҳона оид ба қонуниятҳои инкишофи таърих, фарду ҷамъият, олами ботинии шахс, ҷаҳони воқеият ва монанди инҳо акс андохта бошад, ки хоси мафкураи иҷтимоии замон буд, дар охири сада ин мафкура на танҳо рангу тобиши нав гирифт, балки аз реша дигаргунӣ пайдо кард. Аз ҷумла, назари таҳқиқӣ на фақат ба давраҳои таърихи куҳан, балки ба таърихи навтарин ҳам дигар шуд, ки ҳақиқати онро ҳамчунонки дар воқеъ ҳаст, на балки аз рӯи меъёрҳои пешакии мафкуравӣ муайян бояд намояд. Ҳамчунин дар муносибати фарду ҷомеа ҳамаи он мураккабӣ ва

мухолифатҳое, ки мавҷуд буд, дигар ба содагӣ талаққӣ намешуд. Ҳамаи ин аз шоири замони нав, ки на фақат фозилу соҳибҳунар, балки намояндаи қишри аз ҳама бедору соҳибҳуши ҷомеа низ мебошад, талаб дорад, ки пешрави равшанфикрони замон ҳам бошад. Табиист, ки тамоми ин дигаргуниҳо дар шеъри ғиноӣ пеш аз ҳама дар андешаҳои отифии шоир ва шахсияти ғиноии шеър мунъакис мешаванд.

Аз ин рӯ, дар шеъри андешаҳои отифии насли ҷавонтар, ҳамчун Фарзона, Сиёвуш, Адибаи Хуҷандӣ, Сурӯш дар баробари баёни орзую умедҳои ҷавонӣ, ки хоси синну солашон аст, боз андешаҳои пухта оид ба воқеият, таърих, иҷтимоъ ва авзои замон вуҷуд дорад, ки хос ва зодаи маҳз ҳамон даврони наванд.

Фарзона, ки яке аз соҳибистеъдодтарин намояндаи шоирони ин насл мебошад, дар осораш низ боризтарин махсусиятҳои шеъри он инъикос гаштааст. Ҳоло сухан танҳо аз ашъори ғиноии андешаҳои отифии ӯст ва ҳамин ҷо бояд таъкид кард, ки яке аз махсусиятҳои зотии шеъри ӯ саршори отифат будани онҳост. Отифат, на фақат дар ашъори андешаҳои отифӣ, балки дар ҳамаи анвои шеъри ӯ бар андешаву тасвир афзалият дорад, ки ба онҳо гармиву самимият мебахшад. Аксари ашъори ӯ маҳсули ангезаи таассуроти мусалсал мебошад, ки бо гармӣ ва тару тозагии отифат фаро гирифта мешавад. Анвои гуногуни шеъри ғиноӣ бо махсусиятҳои навъии худ беш аз ҳама дар эҷодиёти Фарзона дурахшон ба зуҳур омада, ӯро яке аз ғиноитарин шоирони муосир муаррифӣ менамояд. Чунин хусусият пайдо кардани ашъори Фарзона омилҳои айнӣ ва зеҳнӣ дорад, ки аввалӣ ба авзои тозаи иҷтимоии замон ва бардошта шудани сонсури сахти мавҷуда дар соҳаи адабиёт ва дуюмӣ ба сиришти сирф ғиноии фарди шоир – худи Фарзона бастагӣ дорад. Ашъори Фарзонаро бо он ковишҳои дарунӣ, ки бар шахсияти худ ва дигарон дорад, дар матни ашъори даҳаҳои аввали нимаи дуюми садаи бист, масалан, солҳои шасту ҳафтод тасаввур кардан имкон надорад. Зеро он, аз як ҷиҳат, бо фазои пирӯзгаронаи он замон мутобиқат надошта бошад, аз ҷиҳати дигар, агар ҳамин гуна ашъор пайдо ҳам мешуд, аз ҷониби сиёсати ғолиби адабии замон зуд саркӯб мегашт ва маҷоли рушду такомул ҳам намеёфт. Фарзона дар замоне зуҳур кард, ки имкони таърихан зуҳур ва инкишофу нумув кардан

дошт ва бинобар ин, дар ашъораш аз ҳамаи имконоти шеъри ғиноӣ дар амиқбурди ковишҳои ботинии инсон, ки бо воқеияти ӯро фарогирифта нисбату ягонагӣ дошта бошад, истифода карда тавонист.

Дар эҷодиёти ӯ шеъри ғиноии андешаҳои отифии дарунгаро, ки яке аз навъҳои муҳимтарини шакли ковишҳои ботинии инсон мебошад, вале, мутаассифона, дар эҷодиёти шоироне, ки мавриди баррасӣ ҳастанд, хеле кам дучор меояд, нисбат ба эҷодиёти дигарон бештар ва амиқтар ба назар мерасад. Ин навъи шеъри ғиноӣ ҳам дар байни ғазалҳо ва ҳам шеърҳои ҷудогонаи ӯ, ки аз давраҳои аввали эҷодиёташ то имрӯзро фаро мегиранд, дида мешавад. Шеърҳои «Афсонаофарин», «Инчунин мебигзарад», «Дар хилвати хаёл» (Ояти ишқ, с.1994.), «Рафтан чӣ лаззатест», «Ношинос» (Меъроҷи шабнам, с. 1999) аз ҷумлаи ҳамин гуна ашъори ғиноии андешаҳои отифии дарунгаро мебошанд, ки дар онҳо ибрози ҷараёни ҳаёти ботинии шахсияти ғиноӣ афзалият дошта, андешаҳои отифии ӯ моҳияти мустақилӣ ва комилан ҷамъбасткунанда доранд. Дар онҳо шахсияти ғиноӣ андешаҳои худро ба воситаи руҷӯъҳое баён менамояд, ки маҳз ба ин ё он воқеияти мавҷуда, яъне макону ашёи муаяйн вобастагӣ надошта, хусусияти ҷудогонагӣ ва дар айни ҳол таъмимӣ доранд.

Масалан, дар шеъри «Ношинос»-аш, ки дар рӯ ба рӯи талотумгоҳи ҷаҳон худро нозиндаву азёдрафта мебинад, на фақат тоифаи мардуми хайрушарношинос, балки ҳатто ҷаҳонро ҳам, агар арзишҳои башарӣ, аз ҷумла, савобу гуноҳ, шароби аслу шароби маҷоз, яъне ишқи инсонию илоҳиро аз ҳам ҷудо ва алоҳида арҷгузорӣ карда натавонад, ношиносу нопазируфтанӣ мебинаду мегӯяд:

Ҷаҳон чу раҳгузари ношинос метобад,
Ки бинамаш ҳама рӯзеву боз нашносам [250, 362].

Аммо бояд қайд кард, ки дар баробари ашхос, ҳодисот ва қувваҳои манфию нописандида беқудрат будан ва ё қудрати қабули онҳоро надоштан худ як навъи

қудратмандист, ки мақоми баландтари қудратро дорад. Ҳамчунонки дар ин байти классикӣ ҳаст:

Ман аз бозуи худ дорам басе шукр,
«Ки зӯри мардумозорӣ надорам» [122, 192].

Бинобар он, дар аксар маврид беқудратии зоҳирии шахсияти ғиноии шеъри Фарзона дар ашъори андешаҳои отифии худтаҳлилии дарунгарояш маънои баръакс пайдо карда, ҳамчун аломати қудратмандӣ, назокати занона ва муносибати поку ошиқонаи ӯ бар ҷаҳони ҳастӣ ҷилвагар мегардад.

Дар ҳамин ашъори андешаҳои худтаҳлилии отифии Фарзона боз як хусусияти фарққунандаи шахсияти ғиноии ӯ аз шоирони дигар зоҳир мешавад, ки агар шахсияти ғиноии шоирони дигар дар назди худ вазифаҳои бузурги иҷтимоӣ гузоранд, шахсияти ғиноии Фарзона бо шикастанафсии тамом, ки гӯё ба ҳеҷ амали арзишманде қодир набошад, сухан мегӯяд. Масалан, дар шеъри зикраш рафтаи «Ношинос»:

Чунон хамӯш шудам, к-андар ин талотумгоҳ,
Ба зинда будани худ бовundefined[250, 362].

Шеъри дигарашро рӯирост ба ҳамин маъно «Ба ҳеҷ будан иқрорам» унвон мегузорад, ки дар он шоир аз авзои худ ба чунин суханҳо ҳикоят мекунад:

Дигар зи қудрати нобудаам паём надеҳ,
Дигар гарон манамо дӯшбори умрамро,
Ки нотавонаму бар хеш эътимодам нест.
Ман он фирефтаам, к-аз шиноварӣ ғофил
Дар орзуи гуҳар хешро ба баҳр задам.
Дареғи кӯшиши ботил, ки дурр ба каф н - омад,
Чӣ сон раҳам, ки дигар соҳили муродам нест [249, 296].

Вақте ки ин суханҳои шахсияти ғиноӣ аз нотавонию бекудратию беэътимодии хеш бо суханҳои шахсияти ғиноии шеъри «Ман намемирам»-и Лоиқ ва дигарон муқоиса мешавад, то чӣ андоза баландоҳангу бодаъво ва ҳатто фароинсонӣ будани сухани Лоиқ ва то чӣ андоза хафифу шикастанафсона будани сухани Фарзона аён мегардад, ки дар мавқеъҳои мухталиф будани шахсиятҳои ғиноии ин ду шоирро нишон медиҳад:

То наорояд ҷавониам ҷаҳони пирро,
То набандам бо сурудам пеши роҳи тирро,
То нагирам бо қалам пеши дами шамшерро,
То набинвисам зи нав ман номаи тақдирро,
Ман намемирам,
Ман нахоҳам мурд! [357, 190].

Албатта, ҳангоми муқоисаи ин ду навъи муносибат ба ҷаҳони ҳастӣ ва ифодаи мавқеи худ ба замми чигунагии шахсиятҳои шоирон, навъи ҷаҳонбинӣ ва сабки эҷодии онҳо, боз замони навишта шудани ин шеърҳоро ба эътибор бояд гирифт. Дар он ҳолат дақиқ мешавад, ки оҳанги тавоноию қудратмандӣ дар шеъри Лоиқ бо он рӯҳияи пирӯзгаронаи солҳои ҳафтоди садаи гузашта ва худи шоир ҳам, ки дар айни ҷавонӣ ва дастовардҳои ҳаётиаш буд, созгорӣ дорад. Аммо замони эҷоди шеъри Фарзона ба даврае рост омад, ки сохти мавҷудаи иҷтимоӣ шикаста шуда, сохти иҷтимоии нав батамом ташаккул наёфта буд. Ин даврон дар тӯли таърих маъмулан замони душвориҳои сахти иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад, ки бори камаршикан бар дӯш дорад. Гаронии ин бор дар ин ҳолатҳо ҳамеша бештар аз ҳама бар дӯши табақаи зиёӣ, ки ҳассостарин ва камҳимояттарин қишри ҷомеа мебошад, фуруд меояд. Фарзона ҳамчун шоири бедори миллат гаронии ин бори камаршиканро бештар аз дигарон эҳсос мекунад ва вобаста ба чигунагии рӯҳияи худ, онро ҳар дафъа ба ҳар рангу оҳанг иброз менамояд.

Агар бар рӯҳияи шоир Фарзона тааммуқ шавад, чунин бардоште ҳосил мешавад, ки сухани ӯ ҳангоми рӯй овардан ба зиндагии ҳаррӯза оҳанги маҳзун гирифта, бештар вуқӯъгароёна аст, вале вақте ки ӯ ба олами орзуҳояш меравад, суханаш лаҳни шодиву хаёлпардозона мегирад. Ин хусусият дар ашъори андешаҳои отифии худтаҳлилии дарунгарояш чашмрас аст, ки дар он бештар аз ҳама ҷаҳони ботинии шоир ифода мегардад. Нигоҳи воқеъбинона ва хаёлпардозона на танҳо дар шеърҳои ҷудогона алоҳида-алоҳида ҷой доранд, балки дар як шеър ҳам рӯ ба рӯи ҳам дида мешаванд, ки намунааш дар шеъри «Дар хилвати хаёл» мавҷуд аст. Шахсияти ғиноӣ дар ин шеър, агар дар мисраъе аз олами зиндагии мағшуши ҳаррӯза сухан гӯяд, дар мисраи дигар ба олами зебои ҳастӣ ва ё хаёлоташ меравад, ки тазоди онҳоро равшантар намоён созад. Шеър бо ин банд оғоз мешавад:

Ман дида бастам аз ҳамаву ғӯтавар шудам
Дар мавҷи навбаҳори пур аз атри ёсамин.
Шайтони порсояму карданд ғайбатам
Дар маҳфили малоики бадгашти шабнишин [249, 314].

«Ман дида бастам…» мегӯяд шахсияти ғиноӣ, ки мехоҳад аз чизҳои ноарзандаи зиндагӣ қатъи назар намуданашро ба мо гӯшзад намояд ва дар мисраи дигар ба навбаҳори пур аз ёсамини хаёлоташ меравад, аммо воқеият ӯро ба ҷаҳони ҳастӣ, ба маҳфили бадгашту шабнишинон боз меорад. Ин банд бо талмеҳ ба қиссаи қуръонии Шайтон низ ишорае дошта [98, 7-8], таъкид менамояд, ки бад кардани некрафторон аз ҷониби бадрафторон аз азал ҷой дорад. Дар бандҳои минбаъда ҳам ӯ ҳамин тариқа худро ба унсурҳои дигари зиндагии ҳаррӯза муқобил мегузорад, ки ба онҳо бо назари танқиду тамасхур нигаристан ва қабул надоштани ӯ бааралло намоён аст. Масалан:

Ман побараҳна меравам аз кӯчаҳои шаҳр,
Эй тоҷирони фазлфурӯши кулоҳпӯш.

Аммо на бар маломати гунги нигоҳатон,
Балки диҳам ба замзамаи сабзазор гӯш [249, 314].

Шахсияти ғиноӣ, ки аз дурӯғу худнеквонамудсозиҳои «малоики бадгашти шабнишин» ба ҷон омадааст, даъвигароёна ба рафторҳои ба назар мақбули онҳо аз кӯчаҳои шаҳр побараҳна меравад, ки маломати онҳоро ба амал орад, вале бар маломати онҳо эътиборе надодани худро ба онҳо муқобил гузошта, тамоман беарзишу пуч буданашонро гӯшзад менамояд. Гурезгоҳи шахсияти ғиноии ашъори Фарзона дар чунин ҳолатҳо ҳамеша ё олами хаёлоташ, ё олами табиат мебошад, ки дар ин банди шеър дуюмӣ буда, ҳамчун замзамаи сабзазор ёд мешавад. Ба олами хаёлоташ рафтани шоир ба шеъри ӯ лаҳни хаёлпардозона ато сохта, ба фаросӯҳои ҳастӣ бибарад, ба ҷаҳони табиат рӯй овардан ба шеъраш тару тозагию маҳсусӣ бахшида, ба қалбу рӯҳ қарин месозад. Аммо ин ҳама тарзи нигоҳ ва ошноӣ гузидану бегонагӣ кардан бо олами хаёлоту ҳастӣ ба хотири гуфтани ҳақиқате мебошад, ки дар рӯзгори шоир мавҷуд буда, мутаассифона, на ҳамеша ширин, балки бештар талх аст, ҳамчунонки дар ин шеър ба назар мерасад:

Шабҳои пур зи муъҷиза
дар хилвати хаёл
Ман бо ситорагони само сайр мекунам.
Бонуи абр мешаваму оби дидаро
Бар рӯдҳои ташнаҷигар хайр мекунам.

Ман духтари насимаму ворастаам зи худ,
Чун тифли гоҳвора наям дасту пойбанд... [249, 314].

Дар ин мисраъҳои шеър шахсияти ғиноӣ аввал дар олами хаёлпардозона буда, дар само бо ситорагон сайр мекунаду бонуи абр мешаваду борон ва дар банди дуюм аз озодагии ҳамчун насим ва ҳамчун

тифли гоҳвора дасту пойбанд набудани худ ёд оварда, риштаи суханро якбора ба сӯи дигар мекашаду бо ҳамин тамом мекунад:

Балки тамоми арзи ман аз асли ман ҷудост,

Он сон, ки кандааст зи таҳрешааш Хуҷанд» [249, 314].

Аз ин шеър чунин маъно бармеояд, ки шахсияти ғиноӣ ҳам на он сон аст, ки дар тӯли ин шеър аз худ сухан мегӯяд, зеро арзи ӯ – ҳарфаш, арзишаш, эътибораш аз аслаш – моҳияти ҳастиаш ҷудо мебошад, ҳамчунонки Хуҷанд ҳам аз таҳрешааш кандааст. Ин як ҷаҳишест аз маҷрои муқаррарии шеър ба тарафи дигар, ки огоҳона карда шудааст, зеро он хонандаро такон дода, барои дарки муаассиртари шеър мадад мекунад. Дар ҳарфи шахсияти ғиноӣ, ки аввал худро чун ҳавои тозаву қатрае зи минбари гул ва бонуи абру духтари насим дар сурати хубу дилпазире нишон медод, пайдо шудани маънои инкори онҳо, ки асли ман онҳо нестанд, яъне ман фурӯтар аз онҳо ҳастам, ин ҳамон шикастанафсӣ ва фурӯтании шоир аст, ки дар бораи он дар мисоли шеърҳои дигари Фарзона дар болотар сухан гуфта шуда буд. Дар баробари ин, таъкиди он ки ман ҳам мисли Хуҷанд аз таҳрешаам кандаам, ҳолати фоҷиавии шахсияти ғиноиро умумият дода, шадидтар месозад, ҳол он ки худ аз реша ҷудо будан барои инсони фарҳангӣ, ки дар ин ҷо тимсоли шоир аст, сахттарин фоҷиа мебошад. Ба ин боз фоҷиаи шаҳре, ки ӯро фаро гирифта, аз решаи аслии фарҳангии худ дур гаштааст, зам мешавад. Вақте ки бар сангинии ин бор ва оне, ки ин борро мардона мекашаду дар асл зан аст, андешида мешавад, эътибори он, табиист, ки бештар гашта, рӯҳияи занона ва қудрати мардона доштани шеъру шахсияти ғиноии онро боз ҳам пурқувваттар нишон медиҳад. Ба замми эҳсоси нозуку зариф доштани ин шеър, ки аз рӯҳияи занонаи он бармеояд, худро бонуи абру духтари насим хондани шахсияти ғиноӣ таъкиди бевоситаи он аст, ки ҳомили ин бор зан асту пешаи мардонае дорад, агар мардон тавони кашидани ин борро дошта бошанд. Воқеан дар ин ҷо ба маврид аст, қайд шавад, ки агар шеър

мардонаву занона дорад, он маҳз дар ҳамин рӯҳияаш бояд бошад ва шахсиятҳои ғиноӣ ҳам, агар аз якдигар фарқ мекунанд, маҳз бо ҳамин рӯҳияи хоси худ аз якдигар фарқ бояд кунанд. Ин матлабро шоираи афғон, ки мавриди баҳси занона будан ё набудани шеъраш қарор гирифтааст, дар сарсухани яке аз маҷмӯаҳои ашъораш чунин баён намудааст: «Ман ҳамеша наметавонам бе далел дар шеърҳоям зарф бишӯям ва хона ҷорӯб кунам. Аммо инро метавонам бигӯям, ки дар шеърҳоям бештар бо ситамҳое, ки дар дарозои таърих ва дар рӯзгори ман бар занон раво дошта шудаанд, ба мубориза бархостаам ва дар лояҳои шеърам диде, ки аз ман аст, нигариста мешавад…мехоҳам…бигӯям шоире монанди ман, ки аз ҷинси зан аст ва имрӯз месарояд, дар куллияти шеъраш дорои рӯҳе занона аст. Пас ҳамин кофӣ аст» [256, с-н]. Дар мавриди занонагии шеъри Фарзона ҳам маҳз дар бораи ҳамин гуна рӯҳи занонаи он суҳбат бояд кард, ки баробари қавӣ буданаш, нозуку меҳрубонона ҳам ҳаст.

Шахсияти ғиноии шеъри Фарзона дар ифодаи ҳама гуна ҳиссиёти хеш, он хоҳ ҳиссиёти ифтихору шодмонӣ, хоҳ пушаймониву маҳзунӣ, хоҳ саргармиҳои ишқу ҷавонӣ ва хоҳ дилсардиҳо аз бемуҳаббатӣ бошад, ҳамеша ҳамин гуна рӯҳияи занона ва маъсумона дошта, айни шахсияти шоира ва ё ба ӯ бисёр наздик аст. Чунонки мулоҳиза шуд, аз забони ӯ он хоҳишу ниятҳои баландоҳангу пурдабдаба ва аксаран пирӯзгарона, ки дар забони шахсияти ғиноии солҳои шасту ҳафтод буд, қариб шунида намешавад, баръакс шахсияти ғиноии ӯ дар андешаҳои отифии худтаҳлилиаш гоҳе маҳзун ва нобовар ба тавони худ ба назар мерасад, яъне ӯ ҳам заъф дораду ҳам тавоноӣ, ҳам умеду ноумедӣ, ҳам ғам дораду шодмонӣ, яъне чун одами хокӣ зиста, ба сар ҳолу ҳавои воқеӣ дошта, нисбат ба дигарон бештар ҳассос ва ҳамдилу ҳамдарди дардмандон аст. Андешаҳои худтаҳлилии шахсияти ғиноӣ дар шеърҳои «Таронаи ҷавонӣ», «Танҳо», «Иқрор», «Талош» низ ҳамин гунаанд, ки болотар баррасӣ шуданд. Масалан, ин пораи шеъри охир низ ҳамон хулосаи қаблиро, ки шахсияти ғиноӣ дар ашъори Фарзона бештар шикастанафс ва гӯё нобовар ба қудрати худ ба чашм мерасад, бо ҳарфу лаҳни дигар таъид менамояд.

Мастӣ куҷо? Даме ки ба қолаб нишастаам,

Тундӣ чаро? Гаҳе ки фурӯмонда дар худам.

Оне, ки сар ба зер бияфканда мегирист

Аз ҳарзаҳои мардуми беҳуда,

man будам [249, 211].

Бояд қайд кард, ки шахсияти ғиноӣ дар баробари аз нотавонии вонамудшавандаи худ сухан гуфтан дар баъзе мавридҳое, ки агар инкори он нотавонӣ шикастанафсиашро зери шубҳа нагузорад, худ онро рад намуда, аз худ дархостҳое мекунад, ки далели қудрату тавоноии ӯ мебошанд. Ҳамин гуна дар охиртари ин шеър ҳам сухан аз итминон ва талқини хеш дар устуворӣ ва пирӯзӣ бар душвориҳои зиндагӣ рафта, ба нолаи ноумедии он оҳанги умед мебахшад ва онҳоро бо ҳам мутасовӣ мекунад.

Тимсоли шахсияти ғиноӣ, ки ба воситаи андешаҳои худтаҳлилии дарунгаро офарида мешавад, яке аз суратҳои бисёри ӯст. Дар ин ҳолат шахсияти ғиноӣ оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, маънавӣ, фалсафӣ андеша мекунад, ки тафаккуроташ аз ҷаҳони худии ӯ буда, боз ба ҳамин ҷаҳони худӣ равона мешавад. «Ман» -е, ки дар ин шеърҳо сухан мегӯяд, суханашро боз ба ҳамон «ман» -и худ мегӯяд, бинобар ин истифодаи ангезаҳои рӯҳӣ барои ифшои андешаҳои худтаҳлилӣ яке аз воситаҳои мувофиқест.

Аз баррасии ашъори ғиноии андешаҳои отифии ин давра хулосае ба даст меояд, ки бархӯрдҳои шуаро бо олами ҳастӣ ва ҳодисот, ки бо гуногунтарин тарзҳо воқеъ шуданашон мумкин аст, ҳамон гуна эҳсосоту андешаҳои мухталифро бор оварда, дар эҷодиёти онҳо аз забони шахсияти ғиноӣ, шоир, ровӣ ва ё ашхоси дигар баён мешаванд., ки сифати отифии онҳо аз ҳама бартар аст. Аз ин рӯ, онҳо ашъори ғиноии андешаҳои отифӣ унвон мешаванд. Баъд аз солҳои панҷоҳуми садаи бист, дар натиҷаи як андоза бозтар шудани фазои сиёсии давр ва мартабаи дигар пайдо кардани шахс дар ҷомеа, дар ин навъ ашъор

таваҷҷуҳ ба олами рӯҳӣ амиқтар рафта, инсон бо хусусиятҳои хос, мушаххас ва фардитар ба қалам меояд. Ин тамоюл чи дар эҷодиёти шуарои насли калонсол Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо ва чи насли ҷавонтар Муъмин Қаноат, Қутбӣ Кором ва дигарон рушд карда, шеъри ин давраро аз ҷиҳати фарогирии муҳтаво, ифодаи ҷаҳони ботинии инсон, худҷӯиву худтаҳлилии он марғубу пурмаънотар менамояд. Дар шеъри ғиноӣ, ки махсусияти навъии он дар ифодаи шуури шахсияти шеър хулоса мешавад, даруннигарӣ дар баробари буруннигарӣ оҳиста-оҳиста барои худ ҷои бештареро ишғол менамояд.

Аз ашъори Лоиқ ва пасон Бозор Собир, Фарзона ва дигарон ҷаҳони ботинии инсон, таассуроти мухталифи ӯ ҳамаҷонибатар ифода гашта, мазмуну муҳтавои андеша амиқ ва таъсири эҳсосоти ӯ фарогиртар мешавад. Шахсияти ғиноӣ дар ашъори Лоиқ махсусан бо гуногунтарин паҳлуҳои ҳастии худ ба тасвир меояд, ки он баъзан инсони фаъоли мақсаднок ва гоҳе хаёлпардозест, ки ҳар лаҳза худро меҷӯяду ба худтаҳлилӣ машғул аст. Дар ӯ сифатҳои инсони вуқӯъгаро ва хаёлпардоз ба ҳам омехта, моҳияти инсонияш дар муборизаи қувваҳои неку бад санҷида мешавад. Дар ашъори ба анвои суннатӣ гуфтаи Лоиқ, махсусан дар ғазал, андеша ва эҳсосоту таассуроти шахсияти ғиноии ӯ бештар ба олами хаёлпардозона ва дар анвои шеъри нави ӯ ба ҷаҳони воқеъ нисбат мегиранд. Аммо ин махсусият қатъӣ набуда, метавонад тағийр хӯрад.

Дар ашъори андешаҳои отифии Бозор Собир шахсияти ғиноӣ чеҳраи худро бештар дар вобастагиҳояш бо арзишҳое, ки дар деҳ боқӣ мондаанд, намоён месозад. Дар давраҳои аввали эҷодиёташ ин арзишҳо дар зимни мавзӯъҳое, ки ба замони бачагӣ тааллуқ мегиранд, ифода мешаванд. Баъдтар дар шуури шахсияти ғиноии ӯ масъалаҳои бузурги таърихиву фарҳангӣ бозтоб пайдо мекунанд. Муҳимтарин фазилате, ки андешаҳои отифии ӯро аз дигарон мутамоиз мекунад, бо аносири табиат пайваста будани онҳост. Ин сифат сол ба сол дар ӯ густардатар гашта, олами андешаҳои отифии ӯро бештар шайъиву маҳсус месозад.

Шеъри ғиноии андешаҳои отифие, ки бисёртар назари дарунгаро дошта бошад, дар эҷодиёти Фарзона мақом дорад. Шахсияти ғиноии ӯ эҳсосоту

андешаҳои отифии худро асосан ба ду навъ баён месозад – ё ба воситаи шайъ, ҳодисаи муайян ва ё ба шайъ ва ҳодисае, ки моҳияти таъмимӣ доранд. Дар ҳар ду ҳолат ҳам онҳо оканда бо меҳру отифат буда, ба воситаҳои тозаи тасвир, ки заминаи шайъиву ҳиссиашон пурбор аст, ифода мешаванд. Агар шахсияти ғиноии ӯ аз нобасомониҳои рӯзгори воқеӣ ба танг меояд, ба олами рӯъёву ормонҳои худ рӯй меорад, ки тазоди онҳоро хубтар нишон диҳад, вале баъзан ин барои ба даст овардани тавозуни андешаҳо ба истифода меравад. Агар дар андешаҳои отифии шахсияти ғиноии Фарзона гоҳо оҳанги нотавонӣ ба гӯш мерасад, он нотавонӣ дар напазируфтани бадиҳо буда, дар зимн тавоноии рӯҳро бо худ дорад.

Ҳамин тариқ, дар осори шуаро, ки дар нимаи дуюми қарни бист эҷод шудааст, аз шуарои машҳуру баркамол то ҷавононе, ки дар даҳсолаи охир ба адабиёт ворид шудаанд, шахсияти ғиноӣ бо андешаҳои худтаҳлилии гуногун ва чеҳраҳои мутафаррика арзи вуҷуд мекунад. Уфуқҳои зуҳури он хеле фарох, то ҳадде, ки ба қутбҳои ба ҳам муқобил мерасад – агар дар ашъори шоироне монанди Мирзо Турсунзода ва Аминҷон Шукуҳӣ муносибати ҳамҷӯри ӯ бо ҷомеа ва ғояҳои иҷтимоии он меъёри ҳастии шаҳрвандии ӯ буд, дар шеърҳои солҳои охири Бозор Собир ихтилофи ӯ бо ҷомеа арзиши инсонӣ ва шаҳрвандӣ пайдо мекунад. Ҳақиқати ин зуҳурот ҳамон вақт ба равшанӣ таъйин мегардад, ки дар таҳқиқи он авзои замон ба назари эътибор гирифта шавад.

## БОБИ 2.
## ШЕЪРИ ҒИНОИИ АНДЕШАҲОИ ОТИФИИ ТАСВИРӢ

Навъи дигари шеъри ғиноӣ, ки дар он низ андешаҳои отифии фарди ғиноӣ мақом дорад, навъест, ки дар он андешаҳои отифӣ на фақат ба воситаҳои забонӣ баён мешаванд, балки дар баёни онҳо унсурҳои тасвир низ ширкат менамоянд. Ин навъ шеърро олими назарияи адабиёт Г. Н. Поспелов шеъри ғиноии тасвирӣ номида, хусусияти онро чунин нишон медиҳад, ки он: «...дар худ ҷаҳони хусусии ашёвии тасвирро инкишоф медиҳад, ки баъзан ғаниву гуногунранг мебошад»

[157, 102]. Табиист, ки ин навъи шеъри ғиноӣ нисбат ба навъи холиси андешаҳои отифӣ бештар мебошад, зеро он ба хусусияти идроки инсон аз олами ҳастӣ асос мегирад. Инсон ҳангоми ифодаи андешаҳои отифии худ ба олами хориҷ рӯй меорад, ки ба он қиёс, монандӣ ё тасвире пайдо намуда, онро ҳар чӣ маҳсустар баён кунад. Дар натиҷа олами ботинии инсон бо олами хориҷ ба ҳам мерасад ва ин олами хориҷ ба воситаи ҳодисаҳою воқеаҳо, муносибатҳои байниҳамдигарии инсонҳо ва шароите, ки дар он шоир зиндагӣ ба сар мебарад, ба ӯ таъсири муайяни худро мегузорад. Таассурот ва тасаввуроте, ки шоир аз бархӯрдаш бо олами ҳастию ҳодис ҳосил мекунад, дар сурати тимсолҳои аёнӣ, шайъию малмус дар хотира ва шуури ӯ захира мешаванд.

Ҳар ҳиссиёту таассуроте, ки шоири ғиноӣ ифода мекунад, дар зимн тасаввурот, андеша, шинохти ӯро аз ҷаҳони ҳастӣ ба мо мерасонад. Тимсолҳое, ки ӯ аз олами хориҷ барои ифодаи андешаҳои отифии худ интихоб менамояд, аксаран моҳияти таъмимӣ пайдо мекунанд, зеро онҳо, хоҳ худогоҳ ва хоҳ нохудогоҳ, барои ифодаи манзуре интихоб мешаванд, ки нияти эҷодии шоир тақозо мекунад. Масъалаи мураккаб дар ин ҷо муайян намудани меъёри ба ҳам даромехтагии эҳсосоту андешаи отифии эҷодкор ва олами ҳастӣ мебошад, ки аз он тимсолҳо гирифта мешаванд. Дар ин бора ақидаи ҳунаршиноси немис Хорст Редекер қобили қайд мебошад, ки навиштааст: «Воқеият, пеш аз он ки тимсол шавад, аз олами эҷодкор бояд бигзарад», зеро ҷараёни зиндагии эҷодкор «унсури моҳиятноки муҳтавои асари бадеӣ» [171, 58] мебошад.

Вақте ки тимсол аз олами бадеии эҷодкор мегузарад, барои инъикоси ғояи бадеӣ қобил мешавад. Ҳамчунонки маълум аст, андеша асосан номаҳсус, муҷаррад ва мантиқӣ сурат мегирад, дар ин ҳолат унсурҳои олами ашё, агар истифода шаванд ҳам, ифодакунандаи танҳо ашё буда, тимсол нестанд ва андеша ҳам бадеӣ набуда, мантиқист. Чизе, ки андешаро бадеӣ мекунад, отифат аст ва чизе, ки шайъро ба тимсол бадал месозад, нигоҳи бадеии эҷодкор аст, ки ба он сифат бахшида, дақиқ менамояд ва дар айни ҳол барои ифодаи мазмуни фарохтар ва таъмимӣ омода мекунад. Масалан, вақте ки «дарахт», «осмон», «рӯд» гуфта мешавад, умуман дарахт, осмон, рӯд дар назар аст, ки онҳо ҳеҷ гуна сифате

надоранд ва барои расонидани ҳеҷ гуна ҳиссиёту таассуроте, ба ҷуз мафҳуми умумиашон, қобил нестанд, вале ҳангоме ки шоир ба онҳо сифат дода, ба тимсол табдил медиҳад, онҳо ифодакунандаи мафҳуми сабзиву шукуфоӣ, фарохию баландӣ, ҷӯшу хурӯш шуданашон мумкин аст. Дар ин ҳолат «…аксаран мо ба воситаи тавсифи чизи аниқ ва фардӣ мекӯшем, ки мафҳуми бузургу куллӣ, сифат ва ё ҳодисаи умумиро ифода намоем. Дар ин ҳолатҳо мо тимсолнок меандешем» [95, 15].

Ҳамин тариқ, дар шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ андеша бо тасвир ба ҳам омада, андешаи бадеии тимсолиро ба вуҷуд меорад, ки мафҳуми умумиро ба воситаи шайъи алоҳида, яъне ҷудогонагӣ ифода менамояд. Ин хусусияти умумии шеър аст, аммо дараҷаи истифодаи он дар ҳар шоир ба меъёри истеъдоди бадеии ӯ гуногун мебошад. Шоир ҳар қадар мушоҳидакор аст, ҳамон қадар зуҳуроти ягона ва фардию нотакрорро амиқтар мебинад ва дар асоси таҷрибаи зиндагии воқеӣ ва эҷодиаш ба он хусусияти фарохтар ва таъмимитар медиҳад. Шайъе, ки бо чашми тимсолсози шоир дида мешавад, аз олами андешаҳои отифӣ ва шуури фардии ӯ гузашта, ташаккулу тобиши дигар пайдо мекунад ва аз мафҳуми холиси шайъии худ фаротар рафта, хусусияти тозаи тимсолӣ, бадеӣ ва имкони ба вуҷуд овардани таассуроти мусалсал (ассосиативӣ) -ро касб менамояд. Вале ба ҳар ҳол, дар шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ андешаи отифӣ бар тасвир бартарӣ дорад ва онро тобеи худ нигоҳ медорад, зеро дар ин гуна шеър мақоми шуур ва шахсияти шоир дар ҷои аввал аст. Аммо ба олами шайъ рӯй оварда, аз унсурҳои он тимсол сохтани шоир имкони ӯро дар ибрози андешаҳои отифиаш хеле фарох менамояд. Аз ин рӯ, навъи шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ нисбат ба шеъри танҳо андешаҳои отифӣ хеле зиёдтар мебошад, чунки ба олами ашё рӯй овардан барои тасвиру ифодаи ҷаҳони ботину хориҷи фарди ғиноӣ имкони ба маротиб бештаре медиҳад.

Дар ин навъи шеър ҳаёти ботинӣ, андешаҳои отифии шоир ба воситаи ҳар шахсияте, ки ифода шавад, хоҳ «ман» -и шоир, шахсияти ғиноӣ, муаллиф, ровӣ дар ҳама ҳолат мақоми муайянкунанда доранд, зеро онҳо аз муносибати ӯ бо оламу одам ва унсурҳои ҷаҳони ҳастӣ ба амал омадаанд. Ҳар қадар ҳаёти ботинӣ

ва андешаҳои отифии шоир ғанитаранд, онҳо ҳамон қадар олами ашёро фароху дақиқ ва бо рангомезиҳои гуногунаш фаро гирифта, ҳақиқати бадеии олами ӯ ва тимсолҳои офаридаашро бештар ба назар мучассам менамоянд. Дар шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ фарди ғиноӣ на фақат эҳсосот ва андешаҳои отифии худро баён медорад, балки ба олами хорич рӯй оварда, аз он ашё, чузъиётеро интихоб намуда, барои ифодаи маҳсусу малмуси он эҳсososту андеша ба кор мебарад. Ин ашё ва чузъиёт заминаи воқеии шеърро муҳайё намуда, тарҳи олами ҳастиеро, ки дар он фарди ғиноӣ эҳсосу андешаву зиндагӣ мекунад, ба вучуд меорад.

Ашё, чузъиёти олами моддию маишӣ ва табиат, ки дар омезиш бо андешаҳои отифӣ мавриди тасвиру ифода қарор мегиранд, дар таркиби бадеии ҳар шеър вобаста ба мақсаду мароми шоир ҳар дафъа таносуби гуногун доштанашон мумкин аст. Онҳо худ усулан мустақилият надошта, барои мукаммал ва возеҳу маҳсустар ифода кардани андеша ва эҳсососту таассуроти фарди ғиноӣ истифода мешаванд.

Дар ин чо бамаврид аст, қайд карда шавад, ки бо истифода аз анвои гуногуни сувари хаёл – мачозу ташбеҳу истиораву кинояву ташхис ва монанди инҳо сухан гуфтану мақсуди худро баён намудани инсон аз давраҳои хеле қадим оғоз гаштааст, ки ҳанӯз ҳеч анвои адабиёти бадеъ шакл нагирифта буд. Ҳамчунонки фарҳангшиноси маъруф Э. Тейлор қайд мекунад: «Шоири муосир то ҳол ҳам барои тасвиркорӣ аз мачозҳое истифода мекунад, ки дар забони барбар барои ифодаи фикри ӯ мададгори ҳақиқӣ буданд» [217, 163], зеро ӯ худро он вақт аз муҳити фарогирифтааш чудо тасаввур карда наметавонист ва аз мачозҳое, ки «аз табиат гирифта шудаанд, на ба хотири баёни пурҳаячони шоирона, балки танҳо барои пайдо кардани суханҳои аз ҳама равшантар барои ифодаи афкори худ» [217, 163] истифода мекард. Бинобар ҳамин ҳам ҳар қадар ба давраи қадимтари адабиёт ручӯъ карда шавад, сухан ҳамон қадар мачозӣ ва саршори сувари хаёл аст, зеро ин гуна сухан гуфтанро худи ҳаёти мардуми ибтидоӣ тақозо мекард ва аз ин рӯ, дар илми забоншиносӣ таъкид мешавад, ки дар аввал муносибати байни тафаккуру забон чунон наздик буд, ки забон бо шеър қариб ҳамсон буд. Аз анвои

сувари хаёл, ки ҳам дар тахайюлоти бадеии инсони бостон, дар фаҳлавиёти ӯ вуҷуд дошт ва ҳам имрӯз дар адабиёти мактуб аз ҳама бештар мақом дорад, ташхис мебошад, ки дар шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ ҳам ба тарзи густарда истифода мешавад.

Дар тасаввуроти инсони ҷамъиятҳои ибтидоӣ, ки бо табиат қарибтарин пайванди ҳастиро дошт, табиат ва ашёву ҳодисаҳои он зиндаву ҷондор ба шумор меомад. Ин гуна идроки ҳастӣ дар устураҳо, афсонаҳо, пасонтар дар китоби аввалини динии башар Авесто ва фаҳлавиёти мардум равшан падидор аст. Масалан, дар Авесто, дар дафтари дуюм, дар боби Ясна, дар Ҳотҳо, ки аз беҳтарин сурудаҳои шоиронаи башарист, аз ҷумла, дар Ҳоти 63 ба обҳову заминҳову гиёҳон бо чунин суханон муроҷиат ва ниёиш карда мешавад:

«Эй обҳо! Эй заминҳо! Эй гиёҳон!
Эй Амшоспандон, шаҳриёрони неки хубкуниш!...
Эй ашаванон! Эй беҳтарин бахшандагон!
Ин бахшишро аз ҳамаи (шумо) изадон хосторам:…

Он чӣ бузургтар аз ин аст, он чӣ беҳтар аз ин аст, он чӣ зеботар аз ин аст ва он чӣ арзишмандтар аз ин аст, маро арзонӣ доред, эй изадони ашаван!» [6, 63] Дар ин сурудаи беназири шоирона ҳамаи мавҷудоти ҳастӣ ҷондору зиндаанд ва барои шод зистани одам офарида шудаанд, онҳо на фақат бо одам дӯстиву ёриву мададгорӣ доранд, балки байни ҳамдигар ҳам меҳру муҳаббат меварзанд. Зардушт ин меҳрубониро дар 6 Хуршед-яшт дар пораи 5 бо чунин суханони ҷовидона меситояду месарояд:

«Дӯстиро меситоям: беҳтарин дӯстиро, ки дар миёни Хуршеду Моҳ барпост» [6, 185].

Ин ниёишҳои пок бар мавҷудоти ташхисшуда бо ситоишҳои самимии ғиноӣ ва тасвирҳои то имрӯз пуртаровату зинда ба ҳам меоянд, мисли ин ки дар Кардаи панҷум, 12 Рашн-яшт, дар пораи 23 ҳаст:

«Эй Рашни ашаван!

Агар ту бар фарози кӯҳсорони дурахшону бисёрриштаи Албурз ҳам бошӣ, Албурзе, ки аз ситеғи он моҳ барнахезад – он ҷо, ки на шаб ҳасту на торикӣ, на боди сарду на боди гарм, на нохушии кушанда ва на олоиши девофарида – мо туро ба ёрӣ ҳамехонем» [6, 233].

Бояд мусаллам бошад, ин гуна ниёишҳо, ки як навъи ифшои андеша ва розу ниёзи ғиноӣ мебошанд, дар фаҳлавиёти мардум аз аввал бо ашё ва тасвирҳои олами ҳастӣ ҳамроҳ меомаданд, ки аз рӯи ҷаҳоншинохтии онҳо зиндаву ҷондор буда, ташхисонида мешуданд. Ин суннати деринаумр аст, ки дар зеҳни мардум решаи амиқу густарда рондааст ва аз ин рӯ, мазмуну маънои ин гуна ашъор, ки дар онҳо ашёи олами ҳастӣ ташхисонида шуда, ба онҳо мурожиати бевосита карда мешавад, зуд бар эҳсосоту андешаи инсон нуфуз мекунад. Ин усули ибрози андешаву эҳсосот ба воситаи ташхисонидани ҷузъиёти табиат, махсусан, ба василаи мурожиати бевосита, ки онро ба сурати ташхисиву ҷондор ба назар меорад, дар фаҳлавиёти мардум фаровон истифода мешавад. Дар суруду рубоиву дубайтиву байтҳои мардумӣ ба ашёи олами табиат, аз ҷумла, ба дарахту мурғу парандаву дарёву кӯҳу дашт ва монанди инҳо мурожиат карда, яъне онҳоро ташхисонида, рӯҳу равон бахшида, рози дил гуфтани шахсияти ғиноӣ як амри маъмулист. Масалан, дар ин рубоӣ:

Эй беди баланд, нукакот қуббаи нур,
Ман бай тура чӣ роӣ кунум, ёраки дур.
Не аспи даванд дорум, не хотири зур,
Оҳ ай дили садпораю ҷавр ай раҳи дур [12, 70].

Ё дар суруди «Резабороне, меборӣ, бибор»:

Резабороне, меборӣ, бибор,
Шави маҳтовай, дилбар ба канор
Шом омадаям, намози шом омадаям,
Резабороне, меборӣ, бибор… [254, 207].

Ин суннати ташхисонидани ашёву авзои табиат, ки ба зуҳуроти гуногуни он шахсият мебахшид, ба адабиёти мактуб интиқол ёфт, ки дар шеъри ҳазорсолаи тоҷик бо гуногунтарин шеваҳо рухнамоӣ мекунад. Он дар шеъри муосир ҳам корбурди фаровон дорад ва дар осори шоироне ҳам ба назар мерасад, ки сабки фардиашон бештар дар заминаи сабки шеъри классик то сабки фаҳлавиёти мардум шакл гирифтааст.

Дар шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ, ки фарди ғиноӣ барои ибрози андешаву ҳиссиёту таассуроташ ба олами табиат ва ашёву ҳодис рӯй оварда, онҳоро шахсият мебахшад, дар байни ҷараёнҳои ҳолати рӯҳӣ ва ҳодисаву ҳастии олами хориҷ иртибот барқарор мекунад. Дар нимаи дуюми қарни XX фарди ғиноӣ дар эҷодиёти М. Турсунзода, А. Шукуҳӣ, Ғ. Мирзо ва дигарон ҳам дар ашъори андешаҳои отифии худтаҳлилӣ ва ҳам дар ашъоре, ки бо мурочиат ба шайъи ташхисонида гуфта мешавад, сурат ва сирати худро намоён сохта, баробари хусусиятҳои иҷтимоии худ хислатҳои ботинӣ ва шахсиашро низ бештар мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳад. Вале ин нукта чунин маъно надорад, ки ифодаи ҳиссиёти шахсии инсон, фитрат ва олами маънавии ӯ то ин солҳо тамоман сарфи назар мешуда, маҳз дар нимаи дуюми қарн ва дар эҷодиёти танҳо ҳамин шоирон ба назар мерасида бошад. Албатта, ин тавр нест. Дар ашъори ғиноии даҳсолаҳои пеш аз ин ҳам таассуроти рӯҳии фарди ғиноӣ ба қалам меомад, аммо он аҳамиятеро, ки дар ин давра дар шинохти инсон пайдо кард, қаблан надошт. Бинобар ин, агарчи дар эҷодиёти М. Турсунзода ва А.Шукӯҳӣ намунаҳои хуби ифодаи ҳаёти фардӣ мавҷуд буд, аммо он дар баробари таассуроте, ки аз фаъолияти иҷтимоии шахс бардошта мешуд, дорои аҳамияти махсус ба назар намеомад.

Ҳангоме ки шоир ба шайъе мурочиат ва ё онро тасвир карда, андеша ва ё таассурោташро баён менамояд, барои шайъитар, маҳсустар, воқеитар гуфтани мазмун имконияти бештар пайдо мекунад. Дар ин навъ шеър андеша ва ё таассуроти ӯ на фақат зикр, балки тасвир ҳам мешавад. Шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ дар эҷодиёти М. Турсунзода дар баробари ибрози эҳсосоти

самимиву фардӣ барои ифодаи ғояҳои иҷтимоӣ ҳам моҳирона ба кор андохта мешавад.

Фарди шеъри ӯ ба унсурҳои олами ҳастӣ, масалан, ба рӯд, кӯҳ, замин, дарахт ва монанди ин аҷзои табиат мурочиат карда, ба онҳо рӯҳ мебахшад, ташхис мекунад ва таассуроти худро аз номи онҳо ва ё ба воситаи онҳо ба забон оварда, мақсадашро дар либоси суханони мусаввар меорояд. Аз ин бармеояд, ки барои барҷаставу муаассир ва маҳсус ифода кардани муҳтавои шеър ташхисонидан, яъне ҷон ва шахсият бахшидан ба аносири олами ҳастӣ ва ашё яке аз воситаҳои маҳсулноки эҷоди бадеӣ мебошад.

Интихоби мавзӯи мурочиат мавқеи ғоявию бадеии шоирро намудор сохта, барои барҷастатар ифода шудани фикраш мадад мерасонад. Масалан, дар эҷодиёти М. Турсунзода дар чанд шеър, аз ҷумла «Рӯди Ганг» (с. 1947), «Рӯди кӯҳӣ» (с. 1959), «Оби Душанбе» (с. 1963), «Таронаи рӯд» (с. 1968), «Рӯди ман» (с. 1971), ки дар онҳо рӯд ташхисонида шудааст, шахси шоир бо руҷӯъ ба рӯд, таассуроташро баён мекунад, ки бесабаб нест, зеро рӯд тимсоли ҳаракати ҳаёт, навшавии он буда, яке аз ғояҳои асосии ашъори ӯро барҷаста ифода менамояд.

Дар шеъри "Рӯди ман" ташхисонидани рӯд дар мисраи аввал ҷой дошта, тасвираш ба воситаи мурочиати шоир ба ҷо оварда мешавад. Маҳз рӯдро ба маҳзари тасвир кашидани шоир ба ҳамон манзури ӯ, ки зиндагии халқу кишварашро ҳамеша дар ҷараёни пешравӣ мебинад, бастагӣ дорад. Ин худ далели ҳузури мафкура дар шеъри ғиноии андешаҳои отифии тавсифию тасвирист, ки интихоби маҳз ҳамин манзараро амалӣ намудааст. Аммо ҳамин манзара метавонад дар шоири дигаре, ки мавқеи дигари мафкуравӣ дорад, дигаргуна идрок шавад ва маънои тамоман мухталифро ифода кунад. Дар ин ҳолат тасвири манзара дар шеър на танҳо хусусияти мавзуӣ, балки хусусияти масъалавӣ пайдо мекунад, ки дар асоси баррасии он чигунагии ҷаҳонбинии муаллиф муайян мешавад.

Ҳоло шеъри "Рӯди ман"-и Мирзо Турсунзода зери назар аст, ки дар он шоир бо руҷӯъ ба он андешаҳои шаҳрвандии худро иброз медорад. Шахсияти ғиноӣ ба рӯд нукта мегирад, ки давру замон дигар ва "сарзаминат пурсамар шуд", яъне ба

дастовардҳои шоёни таҳсин ноил гашт, вале ту то ҳол ҳамон сон ки будӣ, ҳастӣ. Дар ин нукта ғояи иҷтимоии шоир, ки пирӯзиҳои даврони нави зиндагии кишварашро таъкид мекунад, баён шудааст. Азбаски ин манзур на рӯирост, балки ба воситаи гуфтугӯ бо рӯд ба забон меояд, ба зеҳн ҳамчун таблиғот барнахӯрда, табиӣ садо медиҳад:

Рӯди ман олам дигар шуд,
Ту ҳамон астӣ, ҳамон,
Сарзаминат пурсамар шуд,
Ту ҳамон астӣ, ҳамон.
Даври ман даври ҳунар шуд,
Ту ҳамон астӣ, ҳамон,
Дидаю дил пуршарар шуд,
Ту ҳамон астӣ, ҳамон [238, 149].

Шоир барои он ки андешаҳои иҷтимоияшро аз ибтидо муассир баён созад, ба рӯд муроҷиат карда, онро ҷондор меангорад ва бо он чун бо инсон гуфтугӯ мекунад. Ин воситаи услубӣ дар фаҳлавиёти халқ фаровон ба назар мерасад, Мирзо Турсунзода ҳам бар асари гароиши бисёр доштанаш ба ин адабиёт, аз он барои ифодаи барҷаставу дилчаспи манзури бадеияш истифода мекунад. Танҳо баъд аз ин гуфтугӯи худ бо рӯд, шоир ба нигориши он шурӯъ менамояд:

Осмон дар синаи ту аксандозӣ кунад,
Бо ҷамоли ту ситора шӯхиву бозӣ кунад,
Оламеро ҳусни ту аз хештан розӣ кунад,
Моҳи гардун дар дили шаб гарданафрозӣ кунад [238, 149].

Шоир, аз як ҷиҳат, ба рӯд барои «ҳамонасту ҳамон» монданаш нукта мегирифта бошад, аз ҷиҳати дигар, мафтунӣ ва муҳаббату ифтихорашро аз рӯде,

ки дар синаи он осмон аксандозӣ, ситора бо ҷамоли ӯ шӯхию бозӣ ва моҳ дар дили ӯ гарданфарозӣ мекунад, баён намуда, онро бо суратҳои дилфиреб ба қалам кашида, бо ҳавои ишқу муҳаббат фаро мегирад. Дар ин шеър воситаҳои тасвир яке дигареро пайдарҳам инкишоф надода, балки пушти ҳам омада, пайваст мешаванд, масалан, сар ба сангҳо задан, чун уштури маст ҷавлон кардан, қатраҳоро ба кӯҳ пош додани рӯд олами ашёвии тасвирро ғанӣ ва манзараро ба назар манзур намуда, андешаю таассуроти шахсияти ғиноиро муассир ифода месозанд.

Тасвири рӯд асосан дар банди сеюми шеър сурат мегирад, ки шоир онро дар "давидану сар ба сангон" ва ҳамчун "уштури маст" ҷавлон задан мебинад ва дар банди чаҳорум боз ба тавсифи лаҳзаҳои дар канори он хуш гузаронидани як дами зиндагӣ пардохта, дар банди панҷум ба тасвиру тавсифи рӯд баргашта, оби онро "тезтар, бурротар…аз дами шамшер", "софтар аз оби чашми тифли бетақсир" «пурзиётар аз рухи хуршеди оламгир" ва "тундтар аз бод ҳам, аз бодпо нахчир ҳам" ба қалам медиҳад:

Як назар кун, рӯди ман, атрофи ту тағйир ёфт,
Аз дами ту дашти бирён чораву тадбир ёфт,
Гарчи бепарво дили ман раҳ ба сӯят дер ёфт,
Ҳарчи бошад ҳусни ту дар шеъри ман тасвир ёфт… [238, 150].

Ҳамчунонки ба назар мерасад, манзури шоир таҳсини пешрафти иҷтимоии зиндагӣ дар сарзаминаш аст, ки ҳатто рӯдро ҳампои он намебинад, вале мисраи дуюми байт бо ин ғараз созиш надорад, зеро "аз дами ту дашти бирён чораву тадбир ёфт" чунин маъно медиҳад, ки рӯд дар тадбири дашти бирён, яъне обшору қобили зиндагӣ кардани он ҳамдастӣ кардааст, пас дар пешрафту дигар шудани сарзамин ҳамроҳ будаасту саҳм доштааст.

Дар ҳар шеър ташхисонидани шайъи мавриди тасвир ва ё суҳбат ба воситаҳои гуногуни забониву баёнӣ ва ифода ба иҷро расиданаш мумкин аст. Дар панҷ шеъре, ки болотар зикраш рафт, ба ҷуз шеъри «Оби Душанбе», дар чаҳортои

он шайъи мавриди тасвир – рӯд, ба воситаи «ту» – ҷонишини шахсӣ, ки шоир ба онҳо муроҷиат мекунад, ташхисонида шудааст. Дар шеъри «Рӯди ман» рӯд ба тариқи муроҷиати рӯёрӯй – «ту ҳамон астӣ, ҳамон», яъне ба воситаи ҷонишини «ту» ва феъли замони ҳозира «ҳамон астӣ» ташхисонида шудааст, ки ҳангоми хондани шеър дар хонанда тасаввуроти суҳбати ҳаминзамонаи бевоситаро ба вуҷуд меоранд. Бешубҳа, таъсири ин шакли ташхис бештар мебошад, зеро хонанда худро рукни тарафи дигари суҳбат ҳис карда, алоқааш ба он бештар мегардад ва ноаёну беихтиёр ба ҷараёни таассурот ва андешаҳои шоир дода мешавад. Бинобар ин, ғояи шеър ҳамчун таблиғот ба гӯш нарасида, балки монанди ҳарфҳое, ки худи хонанда мегӯяд, қабул шуданашон мумкин аст.

Шоир ва мутафаккири бузурги немис Иоҳан Волфҳан Ҳӯте изҳор дошта буд, ки барои хуб шинохтани шоир ба ватани ӯ сафар бояд кард. Манзур он буд, қайд кунад, ки дар эҷодиёти шоир на фақат хусусиятҳои миллӣ, суннатҳои адабию фарҳангии мардуми ватанаш, балки табиати он, ки дар оғӯши он шахсияти эҷодии шоир шакл мегирад, инъикоси худро хоҳанд ёфт. Воқеан ҳам чунин аст. Вале, аз ҷиҳати дигар, агар шоир парвардаи асили хоку оби ватанаш бошад, табаиати он, ки заминаи рушду камоли шоир мебошад, бо ҳар роҳ дар осори ӯ арзи вуҷуд хоҳад кард ва аз рӯи он ҳам ватан ва ҳам шахсияти шоирро бештару хубтар шинохта мешавад. Ин фикр дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода ҳам тасдиқи худро пайдо мекунад. Табиати кишварҳои гуногун бо вуҷуди аз ҳамдигар фарқҳо доштанашон ба ҳам шабоҳатҳо ҳам доранд. Махсусияти фардии осори шоирон бештар дар тасвир ва ифодаи ҳамин шабоҳатҳо зоҳир мешавад. Масалан, дар кишварҳои осиёӣ ва махсусан, дар Осиёи Марказиву Қафқоз кӯҳу кӯҳсорон на фақат аксари масоҳати ин кишварҳоро ишғол кардаанд, балки дар сарзамини шеъру адабашон ҳам фарох доман густарда, сар ба осмонҳо судаанд.

Дар ашъори Мирзо Турсунзода дигар аз унсури табиат, ки шахсияти ғиноии шеъраш ба он муроҷиат карда, таассуроти тасвириашро баён месозад, кӯҳу кӯҳистон аст, ки барои шоири тоҷик ҳеҷ аҷобате набояд дошта бошад, ҳадди ақал барои он ки шоири тоҷик чашм кушода, кӯҳро мебинад, зеро, ҳамчунонки маълум аст, наваду се дар сади ин сарзаминро кӯҳсор ташкил медиҳад. Ин маънӣ дар яке

аз шеърҳои Мирзо Турсунзода «Суруди кӯҳистон» (с. 1975) чунин баён карда шудааст:

Ман, ки аз модар таваллуд гашта дидам кӯҳро,
Меҳри дил бахшидаму бо ҷон харидам кӯҳро [238, 163].

Кӯҳу куҳистон ҳамчун унсури тасвир ва ё ҳамчун мавзӯъ, ки ба воситаи он шахсияти ғиноӣ андешаҳои отифии тасвириашро ифода мекунад, аз давраҳои аввали эҷодиёти Мирзо Турсунзода, масалан, дар шеърҳои «Ба кӯҳсори тоҷик» (с. 1940), «Ба посбони ганҷинаҳо» (с. 1946), «Бадахшон» (с. 1947) ва дигарҳо ба назар мерасад. Вале ҳақиқат ин аст, шеърҳои хуби ӯ дар ин бора дар замони баркамолии шоир, дар нимаи дуюми садаи бист эҷод шудаанд, ки шеърҳои «Дурахшон қуллаҳо» (с. 1959), «Инсон ва кӯҳ» (с. 1967), «Суруди кӯҳистон» (с. 1975) аз ҷумлаи онҳо буда, нигоҳи амиқтар, тасвири ҷондору тааccуроти самимонатаре доранд ва ифодаи ин мавзӯъро дар эҷодиёти ӯ пураҳмияттар менамоянд.

Комилан табиист, сохтори ашъоре, ки номашон дар боло зикр шуд, ба ҳамдигар фарқ дорад, яке бо тасвири бевоситаи кӯҳ оғоз гашта, дигаре бо ҳикояти шахси шоир ва се дигар бо мурoҷиати шахсияти ғиноӣ ба кӯҳ ва ҳамин тариқ усулҳои гуногунро ба истифода гирифтаанд, аммо дар онҳо як чиз умумист, ки ҳамаи кӯҳҳо ташхисонида шудаанд. Дар шеъри «Дурахшон қуллаҳо», ки аз сухан гуфтани шахсияти ғиноӣ бо рафиқ оғоз мешавад:

Дар миёни кӯҳсоронам рафиқ!
Дар баландӣ ошён монам рафиқ! [224, 249] –

дар байти ҳаштум ва нуҳум шоир ба тариқи ҳикоят кӯҳро ташхис карда мегӯяд:

Бишнавам аз кӯҳ то акси садо,

Гӯядам, шояд, ки «–Фарзандам, биё!
Андаке мавзӯъро тағйир кун,
Ин бузургии маро тасвир кун [224, 249].

Дар шеърҳои дигар ҳам ба тарзу тариқи гуногун кӯҳҳо ташхисонида, ба онҳо сифати одамӣ дода мешавад.

Дар ашъори ғиноии андешаҳои отифии тавсифию тасвирии Мирзо Турсунзода дар баробари рӯду кӯҳ боз аносири дигари олами табиат, аз ҷумла, уқобу дарахту мурғи саҳар ва монанди инҳо ҷой доранд, ки ҳар яке ба манзури муайяни адабию бадеӣ ба кор рафта, заминаи шайъии осори ӯро пурбортар кардаанд. Ба ғайр аз ин, дар олами шеър боз ашёе ҳастанд, ки маҳсули дасти одаманд, онҳо низ барои тасвирдору ашёвӣ баён намудани андешаҳои отифӣ истифода карда мешаванд, ки дар ашъори Мирзо Турсунзода ҳам маъмуланд. Масалан, қалам дар шеъри ҳамноми «Қалам» (с. 1975), ки ташхисонида шудааст ва дар он шахсияти ғиноӣ худро пинҳон дошта, ҳамчун шахси сеюм розу ниёзи қаламро бозгӯ мекунад, ки он ба шахсияти ғиноӣ ҳам тааллуқ мегирад:

Қалам гӯяд, ки асбоби шарифам,
Ба ҳар дасти зарифе ман зарифам…
Қалам гӯяд, ки инсонро яроқам,
Яроқи иттифоқам ҳам нифоқам [238, 157].

Ба ҳамин минвол, қалам розу ниёзи худро давом дода, таъкид бар он дорад, ки агар ба «дасти ҳақшиносон» афтад хизмат ба инсон мекунад ва агар ба «дасти нохалаф» афтад, ҷабр бар инсон ва ҷаҳонро чун зиндон торик намуданаш мумкин аст. Дар ин шеър ҳам қалам ташхисонида шуда, сухан мегӯяд ва назари шахсияти ғиноии шеърро баён месозад, ки асосан маънои ахлоқиву иҷтимоӣ дорад.

Дар нимаи дуюми аср бештар чунин хусусият пайдо кардани ашъори Мирзо Турсунзодаро Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ қайд карда, чунин навиштааст: “Дар ин давра (солҳои 1960-70 А .Ҳ.) майле ба сӯи ҷамъбасти бадеии фалсафӣ то

андозае ранги панду ҳикмати классикиро гирифт. Баъзе хусусиятҳои андарзу ҳикмат дар шеъри Турсунзода ба даҳаи шастум қувват гирифт ва дар шеъრҳои “Шоиро!” (1962), «Ошёни баланд» (1968), «Қалам» (1975), «Дӯстонро гум макун” (1975) ва монанди инҳо дида мешавад. Меҳри андарзу ҳикмат шеъри Турсунзодаро ба усули ҷамъбандии классикии воқеияти иҷтимоӣ наздик бурд. Ба ин тариқ Турсунзода дар охири умр аз сиёсатгароӣ ба сари арзишҳои ҳамагонии башарӣ омад» [322, 422-23].

Панду насиҳат ҳам, агар он бо муроҷиати шахсияти ғиноӣ ба шайъ баён карда шавад, барои амиқбурди дарёфти фалсафии зиндагӣ ва ҷамъбастҳои фарохи воқеияти иҷтимоӣ имкон фароҳам оварданаш мумкин аст.

Назари Мирзо Турсунзода ҳамчун шоири ғиноии иҷтимоӣ бештар ба олами ҳодисаҳои бурунист ва аз ин рӯ, дар сабкаш ҳам назари бурунгаро мавқеи муҳим дорад, ки ашъораш аксаран бо муроҷиат ба мухотаб ва ё аз забони шайъи мавриди тасвир гуфта мешавад.

Муроҷиат ба олами хориҷ ба шеъри ғиноӣ суратҳои ҳамосиро ворид карда, имкони онро дар фаро гирифтани ҳодисоти ҷаҳони мавҷуд меафзояд. Агар шоир бо ҷараёни ҳаёти ҷомеа меравад, шахсияти ғиноӣ ба идеали инсони замон, ки баёнгари мафкураи замон ва муносибатҳои сиёсию иҷтимоист, қаробати наздик пайдо мекунад. Сурати инсони ормонӣ ҳамон гуна аст, ки хислатҳои ба талаботи ғоявии замон ҷавобгӯи он барҷаста, бузург, пурранг нишон дода шуда, аз сифатҳои дигаре, ки ба ин дархостҳо созгор набошад, сарфи назар карда мешавад. Адабиёти асил ва махсусан, шеъри ғиноӣ бо сурати қаблан фармудаи инсон табиатан мухолиф аст. Симои инсони адабиёт дар ҳар асар вобаста ба мавзӯъву мундариҷае, ки дорад, нав, бесобиқа, махсуси замон ва макон, парваридаи шароити хоси таърихию табиӣ ва қареҳаи эҷодкори худ бояд офарида шавад.

Дар тадқиқотҳое, ки дар бораи ашъори ғиноии шаҳрвандии Мирзо Турсунзода навишта шудаанд, қайд гаштааст, ки дар сурати шахсияти шеъри ӯ тимсоли инсони ормонии замон – ватанпарвар, мубориզи роҳи сулҳу озодӣ, бунёдкор, хулоса, шаҳрванди асил нисбат ба дигарон бештар таҷассум гаштааст.

Худи Мирзо Турсунзода ҳам дар мақола ва суханрониҳояш ин маъниро таъкид карда, ҳатто вазифаи сиёсат ва шеърро як медонист. Вале, бо вуҷуди ин, шахсияти ғиноии ӯ нисбат ба шоирони ҳамнасл ва шеъри нимаи дуюми қарн ҳам яке аз марғубтаринҳост, ки ҷаҳони пурмаъно ва пур аз ҳиссиётҳои наҷиб дошта, мавриди маҳбубияти хонандагон гаштааст.

Яке аз сабабҳои асосии марғубию маҳбубии шахсияти ғиноии Мирзо Турсунзода дар он аст, ки баробари тарғибгари ғояҳои сиёсию иҷтимоӣ буданаш инсони воқеӣ, ҳассос, самимӣ, ҳамдард, ошиқпеша, меҳрубон ҳам ҳаст. Шахсияти ғиноии ӯ бетакаллуф, дилнишин суҳбат карда, масъалаҳои бузурги ахлоқӣ, сиёсию иҷтимоиро бе таъкиди махсус, балки ҳамчун як ҷузви рӯзгори худ самимона ба забон меорад.

Мирзо Турсунзода аз ин усул дар шеърҳои ошиқонааш ҳам бомаҳорат истифода карда, ба афкори шаҳрвандияш самимияти ошиқона мебахшад, ки шеъри «Ҳамин кофист?» намунаи хуби ин гуна омезиш аст. Дар ин шеър дар ифшои рози шахсияти ғиноӣ, ки бо муроҷиат ба маҳбуби дилаш мекунад, на фақат ҳиссиёт, ангезаҳои рӯҳии фард, балки изҳори фаъолияти шаҳрвандӣ, ҳамчун муборизаю озодихоҳӣ, аҳамияти муҳим дорад. Таваҷҷуҳи шахсияти ғиноӣ ба зуҳуроти олами ошиқонаи худ бошад ҳам, масъалаҳои бузурги умумиҷаҳонӣ аз он барканор намемонанд, дақиқтараш, онҳо аз дидгоҳи ошиқона ба тасвир меоянд, ки дар натиҷа ҳангоми ифодаи фардитарин ҳиссиёти худ ҳам шоир акси садои замон аст. Шахсияти ғиноӣ, ки дар мисраи аввал «Туро сад бор гуфтам, ки ғуломат ман, ҳамин кофист?», гӯён ба маҳбуба изҳори ишқ мекунад, дар мисраъҳои баъд ин иқрори куллиро ба воҳидҳои наҳвӣ тақсим карда, алоҳида-алоҳида, бо таъкид ба забон меорад, ки таъсирашро дучандон меафзояд:

Туро сад бор гуфтам, ки ғуломат ман, ҳамин кофист?
Фидои як каломат, як саломат ман, ҳамин кофист?
Навиштам, пахш кардам мӯҳр, мондам даст бегуфтор,
Ҳаётамро, мамотамро ба номат ман, ҳамин кофист? [238, 117].

Тимсоли ғуломи суннатӣ, ошиқ, ки дар шеъри ҳазорсолаи мо офарида шудааст, дар банди дуюм баногоҳ дигаргун мешавад, он ғуломе мешавад, ки шӯру исён мехоҳад, озодӣ мехоҳад, аз худ сифатҳое зоҳир мекунад, ки хоси инсони шаҳрванд, инсони ҳуқуқшинохтааст. Азбаски шоир Мирзо Турсунзода дар зеҳни ҳамзамонон чун муборизи роҳи озодӣ ҷой гирифта буд, ин гуна сифат гирифтани ғулом, ки барои озодиаш мубориза мекунад, ба шахсияти ғиноии шеъри ӯ номуносиб ба назар намерасад. Донистани таҷрибаи зиндагии шоир барои дарёфти комили шеър мадад карда, мухтаворо муҳимтар ба назар ҷилва медиҳад.

Ту донӣ, феълу атвори ғуломон шӯру исён аст,
Шикастан, пора кардан кундаву занҷири зиндон аст.
Чу рӯди кӯҳ ҷӯшида, хурӯшида бурун рафтан
Зи қаъри тангно омоли озодипарастон аст [238, 117].

Дар ду банди баъдина шахсияти ғиноӣ ба маҳбуба ғуломи ошиқ будан ва на фақат шӯру исён накардан, балки аз ӯ дур нашудан ва дигар рафтори худро, ки ҳама муҳаббати беназир ва дар вафо обу адо шудани дили ӯро собит мекунанд, баён намуда, ибтидои худро ба номи ӯ вобаста медонад:

Агарчи ибтидои ошиқон дар ишқ ҳар ранг аст,
Вале бо номи ту ман ибтидо кардам, ҳамин кофист? [238, 118].

Шахсияти ғиноӣ дар ашъори ошиқонаи М.Турсунзода иҷтимоан фаъол аст, вале ошиқи нозукхаёлест, ки аз ҷудоии маҳбуба маҳзун мешавад ва онро, ҳамчунонки дар шеъри «Ситора наздик» аст, бо лаҳни дилнишине бозгӯ мекунад. Дар ин шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ, ки розу ниёзи шахсияти ғиноӣ дар атрофи маҳбубаи монанди ситора дурахшон, валекин дур мечархад, аносири олами ҳастӣ, аз ҷумла, кӯҳ, қулла, бом, маҳ, осмон, рӯд, кабк ҳузур доранд, ки ҳар яке аз ин ё он ҷиҳат барои шайъию мусаввар ва махсус баён

намудани таассуроти ошиқонаи ғиноӣ истифода шудаанд. Аксари ин аносири олами ҳастӣ аз олами шеъранд, на ба маънои он ки ба қолаб даромадаанд, балки ба он маъно, ки ба рангу равған ва тобишҳои гуногун, бисёр ба кор рафта, дар матни шеър бегонагӣ намекунанд, яъне истифодаи онҳо дар шеър ба суннат даромадааст. Аммо дар осори Мирзо Турсунзода ашёе ҳам ҳастанд, ки ба шеър бори аввал ворид нашуда бошанд ҳам, яке аз аввалин бор воридшудагон мебошанд. Масалан, пошна. Ин шайъро муаллифи ин рисола дар шеъри муосир аввал дар шеъри «Аз ҳазл то муҳаббат» (с. 1965)-и Ғаффор Мирзо дар ин банд дида буд: «Чашм бипӯшида ба амри ризо, // Рӯй ба пеши назарам дошта, // Пошнаи қолиби ҷон – кафшро // Як сараки мӯй бубардошта» [121, 121]. Дар ин шеър пошна ҳамчун шайъе, ки ба кафши дилбар тааллуқ дорад, мувофиқи ниёзи шоир танҳо зикр шудааст у бас, зеро мавзӯи шеър дар атрофи чизи дигаре мечархад, аммо дар шеъри «Садои пошна» (с. 1967)-и Мирзо Турсунзода он дар маркази ҳодиса ва таассуроти ғиноӣ қарор гирифтааст. Пошна, як шайъи оддӣ, дар суннати шеъри ошиқонаи тоҷикию форсӣ на чандон маъмул мебошад, ки дар ин шеър киноя аз маҳбуба гашта, садои он барои эҷоди шароити ғиноӣ ва ифодаи эҳсосоти ошиқона хидмат кардааст. Бо вуҷуди як чизи моддии аз ҷузъи пойафзол ва дар шеъри тоҷикӣ ғайрисуннатӣ будани пошна, ки дар меҳвари шеър ҷой дорад, сабки сухани шоир хаёлпардозонаву суннатист, зеро киноя аз маҳбуба гаштааст. Ин сифат дар саросари шеър вуҷуд дорад, ки банди аввали он намуна мебошад:

Дар хиёбон чун ба гӯш омад садои пошна,  
Дил ба рақсидан даромад дар ҳавои пошна.  
По ниҳодам беҳушона бо нидои пошна,  
Нақши поро дидаму тасдиқ кардам, ки туӣ [238, 129].

Чунонки дар ин банд бо шунидани як садои пошна дили шахсияти ғиноӣ ба рақсидан медарояду ӯ беҳушона ба қадаммонӣ сар мекунад, дар бандҳои дигар ҳам аз қадаммонии маҳбуба на фақат шаҳр, балки соҳили дарёву кӯлу наҳр ва

ҳатто даҳр гул-гул мешукуфад, ки ин ҳама бо иғроқҳои ошиқона сухан гуфтан аз суннати ҳазорсолаи шеъри тоҷикию форсист. Бинобар ин ҳарчанд дар ин шеър шайъи тоза ворид шуда, киноями наве сохтааст, аммо баёни эҳсосоту таассуроти шахсияти ғиноӣ ба тариқи суннатӣ сурат гирифтааст.

Ҳамин тариқ, дар ашъори Мирзо Турсунзода ҳодисаву воқеаҳои рӯзмарраи зиндагӣ, ашёи маишат бемамониат ворид гашта, барои воқеъитар шудани андешаҳои отифии шахсияти ғиноӣ ва пурбору шайъитар шудани заминаи тасвирии шеър мадад мерасонад. Аксари шеърҳои М. Турсунзода маҳсули ангезиши ҳиссиёт азягон воқеа, шайъ ва ё ҳолати рӯҳии ӯ буда, нуқтаи оғози муайян доранд, ки шеърҳои «Ҳалқаи заррин» (с. 1952), «Гарди роҳ» (с. 1965), «Ватан» (с. 1965) аз ҷумлаи онҳоянд. Аз ин рӯ, мутаносибии вазъи шахсияти ғиноӣ бо воқеияте, ки ӯро фаро мегирад, на аз рӯи нақшаи пешакӣ, балки ҳар дафъа бо тарзи хос, бо нишон додани чигунагии ин муносибат ба даст меояд, ки аломати табиӣ ва ба тақозои ҳол гуфта шудани шеър мебошад.

Дар баробари ашъоре, ки дар заминаи ҳолати муайяни отифӣ ва ангезаҳои рӯҳӣ гуфта шуда, дар онҳо ашё ва тасвир вуҷуд дорад, боз навъи дигари ашъори андешаҳои ғиноӣ мавҷуд аст, ки дар онҳо андешаҳо бештар муҷаррад баён мешаванд, то шайъию тасвирию ҳиссиётангез. Ин навъи шеър дар осори классикии тоҷику форс бештар дар шакли қасида, мадҳияҳо ривоҷ дошт, ки бо талаботи тозаи замон аз шеър, ки аз мадҳи хориқулмеъёру муҷаррад иҷтиноб мекунад, кам - кам мақоми пешинаи худро аз даст медиҳад. Сабки қасидаву мадҳияҳо, ки мамдуҳи худро ба таърифу тавсиф ва бардоштҳои пуриғроқ ба шахсияти фароинсонӣ табдил медоданд, дар шеъри замон дигар пазируфташаванда нест. Аммо ин сабк гоҳ-гоҳ барои ифодаи ғояҳои бузурги сиёсиву иҷтимоӣ, ки дар шакли ибрози андешаҳои муҷаррад рух менамояд, дар шеъри муосир, аз ҷумла, дар осори Мирзо Турсунзода ҳам ба назар мерасад, ки мисоли равшанаш ғазали «Асри ман» (с. 1972) аст.

Дар ин шеър ғояҳои ҷомеаи шӯравӣ, ки даъвову итминон дошт бо ташаккули худ ба макону замон сифати тоза ворид сохта, онро ба хидмати инсони заҳматкаш водор кард, ситоиш мешавад. Вақте ки Мирзо Турсунзода асри худро

чунин тавсиф мекунад: «Шиквае аз ту надорам, асри ман, // Чун туӣ омӯзгорам, асри ман. // Бахти хоболуди ман ҷунбондаӣ, // Соҳибэъҷозат шуморам, асри ман» [238, 151] татбиқи ҳамон ғояҳоро дар назар дорад, ки ташкили хирадмандонаи ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти шаҳрвандӣ, давлатӣ ва ҷамъиятию фарҳангиро таъмин мекарданд. Чунин тавсифҳои болохонадор ба унвони ҳизби коммунист, роҳбарони он дар бисёр шеърҳо ҷой дошта, гӯё дастовардҳои беназири ононро арҷгузорӣ менамоянд, ки аксаран ба иллати аз ҳад зиёд муболиғанок ва дур аз воқеияту самимӣ набуданашон асаргузор нестанд. Як андоза гармӣ доштани ин шеър дар он аст, ки шоир андешаҳои худро самимона иброз дошта, дар ситоиши аср, ки киноя аз замони ҳукумати шӯравист, аз ҳадди эътидол намегузарад. Ба замми ин ба аср бевосита бо лаҳни суҳбат муроҷиат кардани ӯ ва дар ғазал ба сифати радиф омадани ибораи «асри ман» бар баёни андешаҳои муҷаррад самимият мебахшад. Ин хусусият набудани тасвири ашёиро талофӣ менамояд. Ба ин дар навъи маҳбуби ғазал суруда шудани шеър ҳам созгор омадааст, ки ҳаҷми калонро истисно мекунад, вагарна ин гуна ибрози андешаҳои муҷаррад шеърро аз шеърият фуруд оварда, ба моли публисистика – адабиёти иҷтимоиву сиёсӣ табдил медиҳад. Вале азбаски мароми шоир дар ин навъи ашъор ва, аз ҷумла, дар «Асри ман» танҳо дар шунидани оҳанги пирӯзӣ ва хушбахтиҳо дар кишвараш мебошад, пас ашъори ӯро бо назардошти ҳамин маром таҳлил бояд кард, ки ҳақиқаташ аён шавад, вале то чӣ андоза дуруст ё нодурустии маромро низ аз назар набояд соқит кард. Чигунагии муносибати ӯ бо ҷаҳони хориҷ ва замон аз моҳияти онҳо бармеояд, агар ин ҳар ду сотсиалистӣ бошанд, ҷӯру мутаносиб аст ва азбаски ашъори ғиноии Турсунзода баъд аз солҳои шастум асосан аз ситоиши ин ҷаҳону замон иборат аст, муҳимтарин хусусияташ ҳам дар ҳамин мутаносибат ба зуҳур меояд.

Ҳамин тавр, агар шахсияти ғиноӣ дар ашъори шуарои гуногун дар натиҷаи майлҳои ягонаи ғиноиву иҷтимоӣ чеҳраҳои монанд пайдо кунад, дар натиҷаи таъсири хусусиятҳои фардии эҷодӣ тарҳҳоеро аён менамояд, ки аз якдигар тафовут ҳам дорад. Дар ҳамаи ин зуҳуроти ботин ва зоҳири шахсияти шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ нақш ва мақоми ашё ва тасвир бузург аст, зеро худи асл,

навъи шеъри ғиноӣ бар мабнои андешаву таассурот ва ашёву тасвир қарор дорад. Аз ин рӯ, ҳар дуи ин масъала – дигаргунии назар бар шахсияти шеър ба дигаргунии назар бар олами ашё, ки асоси тасвир аст, дигаргунии нигоҳ бар олами ашё ба дигаргунии нигоҳ бар олами шахсият, ки мабнои эҳсososту андеша аст, мерасонад.

Бо мурочиат ба ғайри худ андешаву таассуроташро баён кардани шахсияти шеър дар як вақт ду тимсол – тимсоли шахсияти шеър ва тимсоли шайъе, ки ба он мурочиат мешавад, офарида мешавад. Ин усулест, ки ба ашъори ғиноӣ имкони беҳудуди ифодаи андеша ва нигориши шайъро медиҳад ва ақидаеро, ки гӯё ашъори ғиноӣ дар фарогирии соҳаҳои гуногуни зиндагӣ нисбат ба насру дром зарфияти камтар дошта бошад, барҳам мезанад. Масъала дар қудрати эҷодии шоир аст, на дар имкони навъ, ки воқеан беохир аст, зеро шахсияти ғиноӣ бе ҳеҷ маҳдудият метавонад ба ҳар шайъе дар ҳар замону макон мурочиат карда, сурату сират ва мавзӯи руҷӯи худро ба ҳар рангу равған ва ҳолу ҳавас, ки зарур аст, баён кунад. Агар ҳангоми баёни андешаҳои худтаҳлилӣ шоир бештар ба тариқи баён ба воситаи сухан, яъне бештар сухани маънӣ ва муҷаррад сари кор дошта бошад, ҳангоми мурочиатиаш ба шайъ – объект, бештар аз сухане, ки қобили тасвир, ҳаракат аст, истифода мекунад.

Ин усули худифшоии шахсияти ғиноӣ, ки бо руҷӯъ ба мухотаб сурат мепазирад, дар нимаи дуюми қарни бист нисбат ба усули бо андешаҳои худтаҳлилӣ арзи андом кардани он фаровон ба назар мерасад, зеро ба шахсият барои рӯй овардан ба олами хориҷ бештар имкон медиҳад, ки онро назарияи шеъри реализми сотсиалистӣ ҳам хосатан тақозо мекард. Ин, бешубҳа, ҳеҷ бадие надорад, аммо ашъореро, ки аз андешаҳои худтаҳлилии шахсияти ғиноӣ ба ҳам омада бошад, ночизу кам дида, чунон тасаввур кардан, ки шоир дар ин навъи шеър дар олами худ маҳдуд мемонад, низ на ҳамеша дуруст аст. Зеро, аввалан, ҳар дуи ин олам таҳлил ва арзиши он бояд таҳқиқ гардад, на ин ки танҳо ба сабаби он ки яке аз ин олам худифшоӣ ва дигаре ифшои ҷаҳони хориҷ мебошад, яке бар дигаре тарҷеҳ дода шавад.

Дар олами эҷодии Аминҷон Шукӯҳӣ инъикоси ҷаҳони айнӣ ва зеҳнӣ мутаносиб ба назар мерасад. Тимсоли шахсияти шеъри ӯ ҳар касе бошад, хоҳ шахсияти ғиноӣ, хоҳ худи шоир ё ровӣ шахсияти худро бар ҷаҳони ҳастӣ муқобил намегузорад, балки мавқеи худро дар байни зуҳуроти гуногуни он муайян менамояд. Азбаски дар шеъри А.Шукӯҳӣ ҷаҳони ҳастӣ ҳамеша дар баробари ҷаҳони рӯҳӣ вуҷуд дорад, бинобар ин ҷаҳони шахсии ғиноӣ ҳодисаву воқеа, азобу изтироб, шодиву хурсандӣ, хуллас, зуҳуроти мухталифи ҷаҳони берунаро низ фаро мегирад. Табиист, ки ҳангоми тавозун доштани вуҷуди олами рӯҳию олами ҳастӣ дар эҷодиёти шоир хусусияти вуқӯъгароии шеъри ӯ фарохтар гашта, авзои мураккабу мутазод ва ҳақиқати эҳсосоти шахсияти шеърро мукаммалу возеҳтар намоён месозад. Дар ин гуна ашъор шоир ба худ як намуди ғайривоқеию ғайрисамимӣ нагирифта, бо ҳақиқати ҳастии худ зуҳур мекунад ва ба умқи ҷаҳони рӯҳии инсон мерасад.

Дар шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ ҷузъиёти олами ашё ҳар қадар мувофиқи зарурат истифода шуда бошад, ҳамон қадар барои пурбор шудани шеър ва дар айни ҳол барои табиӣ ва боварибахш ифода кардани эҳсосоту таассуроти шахсияти он хидмат мекунад. Дар ин ҳолат ҷараёни муҳими эҷодӣ сурат мегирад, ки дар натиҷаи он шайъ шахситар ва шахс шайъитар мегардад ва ин сифати асосии шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ ва шахсияти он мебошад. Чунин хулоса дар натиҷаи мутолиаи комили шеър гирифта мешавад, вале баъзан дар чанд мисраъ ва ё банди шеър ҳам онро мушоҳида кардан имкон дорад. Ин хусусият дар ашъори ба мавзӯъҳои гуногун навиштаи шоир, аз ҷумла, ишқу ошиқӣ, сиёсию иҷтимоӣ, маънавию ахлоқӣ доман густурд, ки дар шеърҳои «Баҳор дар зимистон», «Аз сайёраи сабз», «Абрҳои сафед», «Пардаҳои тиреза», «То ба рӯзи боздид» ва дигарҳо равшан ба мушоҳида мерасад.

Дар шеъри «Пардаҳои тиреза», ки андешаву эҳсосот ва таассуроти пасазҷангии (Ҷанги Бузурги Ватанӣ, солҳои 1941-1945) шахсияти ғиноиро инъикос менамояд, мавзӯи асосии тасвири шеър пардаи тиреза мебошад, ки ба воситаи он заминаи вуқӯъгароёнаи шеър гузошта мешавад. Ин шеър аз даҳ банди чаҳормисраӣ иборат буда, дар вазни ҳазаҷи мусаммани ахрабу макфуфу мақсур –

**мафъулу мафойлу мафойлу мафойл**, бо қофиябандии **абаб** суруда шудааст, ки ба эътибори дароз – чаҳордаҳҳиҷоӣ будани мисраъҳо ва чаҳормисраӣ будани бандҳояш барои ибрози эҳсосоту таассуроти вуқӯъгароёна мусоидат менамояд. Дар банди аввал манзараи солҳои шастуми асри гузашта, ки замони оромиву осудагӣ ва фароғатноки зиндагӣ буд, ба воситаи тасвири дар тирезаҳои хонаҳо мавҷ задани пардаҳои «зебову саморанг» ва ба онҳо «бо панҷаи тиллоӣ чанг» задани хуршед, ғояи шеър, ки аз тарғиби тарзи ҳаёти шӯравӣ ва бо сулҳу салоҳ зистан иборат мебошад, ифода карда мешавад.

Вақте ки ба тирезаи ҳар хона шабу рӯз
Алвонҷ занад пардаи зебои саморанг,
Хуршед ба ин рамзи ҳаёти хушу фирӯз
Бо панҷаи тиллоӣ(?) занад завқкунон чанг [370, 52].

Пас аз ин шоир дар як банди дигар бораи вазъи пардаҳо ва аз ҳоли дили мардуми хона «шоду парафшон» будани онҳо сухан гуфта, ба соҳибсаодатии халқ ишорат мекунад. Тасвири пардаи тиреза, ки мавзӯи шеър буд, дар меҳвар қарор гирифта, ба тимсоли шеър мубаддал мешавад. Пас, ангезаи ҳиссиёт шоирро ба арсаи меҳнати бунёдкоронаи мардум, ки «хирмани «тиллои сафед», «моҳи маснӯи фалакгард», «кӯчаю…шаҳри чароғон» офаридааст, мебарад ва ӯ дар банди чаҳоруми шеър дастҳоеро ситоиш менамояд, ки ангишт мекананду хишт мерезанд.

Он даст, ки ангишт канад, хишт бирезад,
Гулро бикунад низ ба хурсандӣ(?) навозиш [370, 52]…

Шоир аз меҳнати сиёҳ ва шайъҳои ғайришоиронаи ангишт ва хишт гурез накарда, баръакс онҳоро дар маркази шеър қарор дода, шоирона месозад. Дар ин шеър на фақат масъалаи иҷтимоӣ – солҳои баъди ҷанг ба шарофати меҳнати

ҳалолу бунёдкорона ба зиндагии беҳтар расидани халқ, балки масъалаи ахлоқӣ низ матраҳ аст, ки ба ин тарз ифодаи худро ёфтааст:

Он кас, ки ба найранг зи меҳнат бигурезад,
Ҳаргиз набарад лаззате аз иду намоиш [370, 52].

Дар ин байт ва баъзе бандҳои дигари ин шеър оҳанги публисистию таблиғотӣ урёнтар ба назар расад ҳам, заминаи вуқӯъгароёна ва шайъию бадеии шеър устувор барҷо мемонад, зеро шоир мекӯшад, ки меъёри таблиғотӣ аз ҳадди эътидол нагузарад. Масалан, дар банди шашум, байти аввал шайъию бадеӣ бошад, байти дуюм оҳанги таблиғотӣ касб мекунад:

Чун муғчаи фарбеҳшудаи шохи ниҳолон
Вақте ки расад вақти камолоту шукуфтан,
Дил ҳукм кунад: хез, баро зуд ба майдон,
Ин қарзи ҳама, нест варо ҳоҷати гуфтан [370, 53].

Ба ҳамин тарз дар бандҳои дигар ҳам ин мувозинат нигоҳ дошта мешавад. Банди ҳафтум, ки баршумории майдонҳои меҳнат: «заминҳои наву боғи шакаррез», «чарогоҳу… оғуши саноат», «вароқи шоири ҳассосу саҳархез» мебошад, асосан таблиғотист, вале пас аз он дар бандҳои дигар ин оҳанг тамоман хафиф буда, шеър дар заминаи тасвири шайъиву таассуроти ғиноии таъсиргузор давом меёбад. Дар банди ҳаштум сухан аз он аст, ки мо, яъне шоир ва халқи ӯ барои «пардаи ҳар хона гулобӣ» шудан «ҷон додаву хун рехта» «ғолибшудагон» ҳастанд ва ин банд барои ба миён омадани банди нуҳум, ки чи гуна будани ҳоли мардумро дар солҳои ҷанг ифода менамояд, замина ҳозир мекунад.

Дорем ба ёд он ки чи сон чун пари зоғе,
Мо парда ба тирезаи ҳар хона кашидем,
То хасм набинад рухи хандони чароғе,

Аз ҷоми шаби тор басе ҷуръа чашидем [370, 53].

Намоди парда вобаста ба шароити зиндагӣ ранг дигар мекунад, дар замони осоиштагии зиндагӣ ранги гулобӣ ва дар замони ҷанг ранги пари зоғ гирифта, ифодакунандаи вазъи шоир ва мардум мегардад. Банди даҳум, ки банди охир мебошад, оҳанги суханро ба оҳанги банди аввал, ки шодию сурур дошт, баргардонида, ба сохтмони шеър шакли «ҳалқа» медиҳад. Баргаштан ба оҳанги аввалу ҳалқабандӣ кардани шеър, ки бар сохтмони он камолоту тамомият мебахшад, таъсири ҳиссии онро низ бештар месозад. Дар ин шеър усули тасвиргарӣ бо усули ибрози андешаҳои отифӣ ба ҳам даромехта, ягонагии заруриро ба вуҷуд овардааст. Дар олами тасвиргарӣ ва шайъии он на фақат аҷзои табиат, ҳамчун хуршеду дарёву шаршара, балки маҳсули дасти инсон ҳам, ҳамчун хонаву пардаву моҳи маснуъ, ки ҷузъиёти зиндагии мадании ӯ мебошанд, ҳузур дошта, замони эҳсосоту таассуроти шоирро мушаххас менамоянд.

Дар эҷодиёти Ғаффор Мирзо шеърҳои «Бозори гулфурӯшон» (с. 1956), «Ёди ёри меҳрубон» (с. 1960), «Раъду барқ» (с. 1960), “Ба назми рус” (с. 1960), «Санг аз дараи Хинг» (с. 1974), «Ҷолаи соли 1975» (с. 1975), «Таҷрибаи пири ситамгар» (с. 1995) низ аз ҷумлаи ашъори андешаҳои отифии тасвирӣ мебошанд, ки дар онҳо тимсоли шахсияти шеър ҳам мақом дорад. Дар баъзе аз ин шеърҳо ибрози ҳиссиёт ва андешаву таассурот бештар ҷой дошта бошад, дар баъзеи дигар тасвир ва ё ҳикоят бештар аст. Аз ин шеърҳо «Бозори гулфурӯшон», ки бо тарзи гуфтугӯ сохта шудааст, махсусияти ибрози андеша ва забону сабки худро дорад, ки онро аз бисёр ҷиҳат аз шеърҳои дигари шоир мутафовит месозад. Дар оғози шеър шоир, ки худро ба сурати шахси сеюм даровардааст, ба хонанда бо мурочиати саволомез чунин мегӯяд:

Надонам, дидаӣ ё не
Ту, эй хонандаи ҷонӣ,
Ки дар наврӯз аз кӯҳсор
Ҷавону пир дар бозор

Биёрад гул, фурӯшад гул,
Чу дар бозор ҷӯшад гул.
Биё, бозори онон бин,
Ту ҳоли гулфурӯшон бин [123, 71].

Ин гуна мурочиати бевоситаи саволомези шоир хонандаро якбора ба доираи таассуроти ӯ ворид мекунад, хонанда аз лаҳзаи аввал самимияти шоирро, ки меховад хонандаро ҳамсуҳбати худ созад, ҳис мекунад. Ин яке аз шартҳои нахустини шеър ва шоири ғиноист, ки хонандаро бар самимияти ҳарфҳои худ бовар кунонида тавонад. Азбаски вазни шеър ҳам асосан ба баҳри ҳазаҷи мураббаъ, ки аз такрори **мафоӣлун мафоӣлун** таркиб ёфта, аз ҳашт ҳиҷо иборат мебошад, бо кӯтоҳии худ аз назари ҳиҷо ба оҳанги сухбат пайдо кардани шеър мусоид меояд. Интихоби вожаву таъбирҳо ҳам ҳамин гуна аз доираи услуби суҳбат мебошанд, ки мисоли равшанашон, аз ҷумла, вожаву таъбирҳои «надонам», «дидаӣ ё не», «хонандаи ҷонӣ», «ҷавону пир», «ҷӯшад гул» буда, истифодаи онҳо ба шеър оҳанги суҳбати табииро додааст. Пас аз банди ҳаштмисраъгии аввал банди чаҳомисраъгии дуюм меояд, ки дар он шоир худро дар сурати шахси гулфурӯш даровардa, аз забони ӯ сифати гулашро мекунад:

– Гули наврӯз сар бар кард,
Ҷаҳонеро муаттар кард.
Нигаҳ кун, панҷадор аст ин,
Арӯси навбаҳор аст ин [123, 71].

Гулфурӯшони гуногун дар бандҳои минбаъдаи шеър ҳамин тавр сифати гулашонро карданӣ мешаванд ва табиист, ки барои ҳар чӣ тару тоза ва зебову дурахшонтар нишон додани гулҳояшон ба олами ашё ва ҳастии табиат рӯй меоранд, ки ташбеҳу истиораву иғроқҳои мувофиқ пайдо карда тавонанд. Ин заминаи ашёвӣ ва тасвирии шеърро густардатар намуда, баёни андешаву таассуротро самимӣ ва пуртаъсиртар месозад. Гулфурӯшон дар баробари он ки

гулҳояшонро сифат карда, харидоронро даъват менамоянд, бо суханҳое, ки ба онҳо мурочиат мекунанд, хулқу атвори худро низ ҳувайдо месозанд. Ин бо як тир ду нишон задан аст, ки шоир хеле муваффақона истифода мекунад. Бо ду се ҳарф як характери аҷибе дар тасаввури хонанда тарҳи худро намоён месозад, ки комилан халқист. Масалан, дар ин банд:

– Гули сияҳгӯш ҳафранг аст,
Хӯроки кабки дилтанг аст.
Бигардон, эй санам, рӯят,
Шавам мироби абрӯят [123, 71].

Ҳамчунонки дида мешавад, дар байти авали банд тавсифи гули сияҳгӯш ва дар байти дувум, ки гулфурӯш мехоҳад таваҷҷуҳи хонумеро ба гулаш ҷалб кунад, чӣ андоза бо шӯхии зарофатомез ва ширину дилчаспи халқӣ сухан мегӯяд, ки як марди ҳассосу ошиқпеша ва зарофатгӯ будани ӯро нишон медиҳад. Дар банди баъдии шеър, ки боз бештар ба оҳанги суҳбати халқӣ гуфта шудааст, ин хусусиятро истифодаи вожаву таъбирҳои «як қабза», «мардак», «алолам» (ба маънои ба хаёлам), «сағера» (ба маънои ҷавон), ки дар шеваи кӯлобиён роиҷ аст, ба вуҷуд оварда, тарҳи характери гулфурӯши дигареро намудор кардаанд, ки деҳотиву дасткушод буда, агар касе сахт эҳтиёҷманди гул ва пул надошта бошад, тайёр аст, гулашро бепул ҳам бидиҳад. Ин як хусусияти асили мардуми тоҷик аст, ки онҳоро аз дигарон мутамайиз менамояд:

– Гули зардак, гули зардак,
Биё як қабза хар, мардак…
Алолам, ту надорӣ пул,
Сағера, ма гули бепул [123, 71].

Ба ҳамин тариқ, дар як шеъри на чандон тӯлонии ғиноӣ, ки дар асоси таассуроти отифӣ ва тасвири ашёвӣ сохта шудааст, тарҳи чанд характери аҷиби

мардумиро пайдо мекунем, ки бо камтарин васила, яъне ҳамагӣ бо чанд калима офарида шуда, қимати баландӣ бадеӣ доранд. Аз ҷумла, дар ин ду байти минбаъда тарҳи ду характери дигар, ки яке каме нотарошидаву дуруштсуҳбат ва аз одоби хариду фурӯш бехабар ва дигаре мулоимсухану аз одоби тиҷорат огоҳ офарида мешавад, ки дар тазоди ҳамдигар хеле ҷолиб ба назар мерасанд:

– Агар дар кокулат гул нест,
Ба сар дум ҳаст – кокул нест. –
Гапи хуш гӯй, эй нодон,
Ки савдоят шавад осон [123, 72].

Ҳамчунонки болотар ишора шуда буд, ин шеър ба сабки гуфтугӯӣ, диалог сохта шудааст, аммо ин равиш барои ба шеър озодона дохил шудани ашёи олами ҳастӣ монеъ нашуда, баръакс барои ҳар чӣ бештар баёну тасвир шудани онҳо мадад расонидааст. Аз ҷумла, танҳо зикри худи номи гулҳо – гули наврӯз, гули сияҳгӯш, гули зардак, паи зоғак, паи гурба ва ниҳоят гули лола, ки рамзи омадани баҳор мебошад, дар тасаввури хонанда як олами рангу бӯи баҳорро падидор месозад, ки аз хотир зудуда нахоҳад шуд. Саросари ин шеър пур аз рангу бӯ, садои суҳбату даъватҳо, таҳаррук ва ҷӯшу хурӯши эҳсосот мебошад, ки дар банди охир ба авҷи аълои худ мерасад. Шоир барои он ки тамоми он ҷӯшу хурӯши бозори гул ва эҳсосоту таассуроти худро ифода карда тавонад, мисраъҳои банди охирро якрукнӣ месозад, ки бар ҷараёни шеър суръат меафзояд:

«Бирав, гул бин, // Бирав, гул бин: // Ба пеши бар, // Ба тори сар, // Таги тоқӣ, // Лаби локӣ // Ба ҳар тӯше, // Баногӯше, // Ба дастон ҳам, // Гиребон ҳам, // Ба кокул – гул, // Ҳама – гул… гул…» [123, 73].

Дар ин шеъри Ғаффор Мирзо сабки шеъри ғиноии халқӣ, ки ӯ дар эҷодиёташ ба он такя дорад, ба тарзи беҳтарин корбаст шуда, барои ифодаи шуур ва хусусияти характери халқӣ хидмат намуда, дар айни ҳол намунаи хуби омезиши усули ибрози андешаву таассуроти отифӣ ва тасвири ашёвиро ба вуҷуд овардааст.

Шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирии «Ба назми рус» хусусияти хосе дорад. Он аз унвонаш ҳам пайдост, ки ба назми рус бахшида шудааст, аммо тарзи тасвири мавзӯъ қобили таваҷҷуҳ мебошад. Назм мафҳуми ғайримаҳсусу ғайримоддист, аз ин рӯ, тимсоли онро ба воситаи суратҳои моддӣ кашидан тахайюлоти рангину ғаниву воқеие мехоҳад, ки онро дар шакли тасаввуршавандаву боварбахш таҷассум карда тавонад. Ҳамин талабот шоирро водор мекунад, ки ӯ воситаҳои баён – ташбеҳу тавсифу истиораҳоро аз муҳити табиӣ ва зиндагии мардум ва сарзамини рус бигирад, ки шеър ҳам аз ҳамон сарчашмаҳо об мехӯрад ва, билохира, онҳоро муҷассам менамояд. Ин беҳтарин василаест, ки бо он мафҳуми маънавии ғайримаҳсус маҳсусу ашёвӣ ба қалам оварда мешавад. Бинобар ҳамин, Ғаффор Мирзо шеъри русро ба «нони гандуми шӯхак», «дастаи гули шодоб», «чормағзи сафеди коғотӣ», «себи сурхи тари газиданбоб» ва монанди инҳо ташбеҳ мекунад, ки ҳам тару тоза, ҳам намоёнгари хусусияти муҳити сарзамини рус ва ҳам сифати вуқӯъгароёнаи шеъри он мебошад:

Марҳабо, нони гандуми шӯхак,
Марҳабо, дастаи гули шодоб,
Чормағзи сафеди коғотӣ,
Себи сурхи тари газиданбоб!

Марҳабо, эй насими бешаву дашт,
Бӯи хоку ҳавои барфу суруд,
Эй кушодии даштҳои сабз,
Эй чуқурии баҳрҳои кабуд! [123, 168].

Дар бораи ин навъи тасвир бояд қайд кард, ки он аз тасвири ашъори манзаравӣ ва ё чеҳранигорӣ фарқ дорад, зеро дар он мабҳаси тасвир, ки ғайримаҳсусу ғайримоддист, барои дигаргун шудани тарзи тасвир замина мегузорад. Масалан, ҳамон ташбеҳҳое, ки асоси ба вуҷуд овардани тимсоли

назми русро гузоштаанд, ҳамчун «нони гандуми шӯхак», «дастаи гули шодоб», «чормағзи сафеди коғотӣ», «себи сурхи газиданбоб» якдигарро такмил намедиҳанд, зеро аз соҳаҳои гуногунанд, бинобар дар паҳлуи ҳам ҷой гирифта, ҳар кадоме яке аз сифатҳои мабҳаси тасвир – назми русро муаррифӣ мекунанд. Аммо, дар маҷмӯъ, онҳо тасвирро пурра ва вусъатнок менамоянд. Дар банди сеюм низ тавсифоти ташбеҳии назми рус давом карда, он ба «фазилати сода», «хиради саҳли мумтанеъ», «ҳусни бе холу хат, ҷавонии шӯх» ва…, ки аз олами ғайримаҳсус мебошанд, монанд карда мешавад, ки онро худи ғайримаҳсус будани мабҳаси тасвир тақозо дорад, зеро азбаски назм дорои моҳияти маънавист, дар шеъре, ки ба он бахшида мешавад, ин ҷиҳат ҳам бояд ифодаи худро ёбад. Шоир Ғаффор Мирзо дар зимни ин тасвиру тавсиф, ки аз сифатҳои баргузидаи моддӣ ва маънавӣ таркиб ёфта, тимсоли назми русро меофарад, дар банди мақтаи шеър муҳаббати худро ба халқи рус баён менамояд ва назми онро «пири ман, муаллими ман» мехонаад. Дар ҳақиқат ҳам яке аз манбаъҳои омӯзиш ва таъсиргузори шеъри ӯ назми русӣ мебошад, ки ӯ дар ин бора чунин изҳори сипос мекунад:

Марҳабо, пири ман, муаллими ман,
Қаламам сарфи достони ту бод,
Марҳабо, назми рус, хоҳари ҷон,
Пешгоҳи дил остони ту бод! [123, 168].

Аз хусусиёти сабкии ин шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ онро бояд қайд кард, ки дар саросари чаҳор банди чаҳорпорагии он, танҳо дар банди чаҳорум ду феъл (бод, бод) истифода шудааст, ки ин далели бисёр суръат (динамика) доштани сужаи ғиноии он мебошад.

Ғаффор Мирзо дар замони Истиқлоли кишвар чанд шеъре навишт, ки ба мавзӯъҳои Истиқлол, Озодӣ, Демократия оид буданд, ки онҳоро ҳам мешавад дар шумули ашъори ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ шинохт, зеро дар ин шеърҳо ин мафҳумҳо бо андешаҳои шоир дар бораи онҳо ва ва ҷо-ҷо ба мадади аносири сувари хаёл, вале бештар муҷаррад ва бо оҳанги хитоба мабҳаси ифодаву

нигориш қарор гирифтаанд. Соли 1992 барои Суруди миллии Республикаи Тоҷикистон озмун эълон шуд ва Ғаффор Мирзо ҳам дар он ширкат варзида, баъдҳо дар бораи иштирокаш чунин навиштааст: “...Понздаҳ матн навишта фиристодам... Ҳар кадоми ин шеърҳо ба матни гимни Республикаи Тоҷикистон шудан наарзанд ҳам, ба асари бадеӣ шудан ҳаққи ҳалол доранд, зеро ҳиссиёт, тафаккур ва тасаввури ҳамонрӯзаи қаҳрамони лирикии маро бо уммеду боварӣ ва шакку шубҳаи ӯ равшан ва рангин ифода менамоянд” [126, 117]. Ин понздаҳ шеър воқеъан ҳам андешаву эҳсосоти онвақтаи шоирро аз авзои замон ва таҳаввулоте, ки дар ҷомеа рух медод, дар пардаҳои гуногун ифода кардаанд. Шеъри аввал “Киноя” (с.1992) унвон шуда, ба унвони худ мувофиқ аст, зеро баъзе урфу одатҳои номақбули даврони пешинро, ки дар он солҳо аз нав дар ҷомеа падидор мешуданд, мазаммат мекунад. Аз ҷумла, гурӯҳе зери мафҳуми Истиқлолу Озодиву Демократия баргаштан ба асли худро тақозо карда, он аслро ҷудо аз хусусият ва талаботи замон нав ба кор андохтанӣ мешуданд, ки мавриди танзи шоир қарор мегиранд. Ин шеър дар заминаи андешаву эҳсосоти танзомез гуфта шуда, дар он муболиға ва оҳанги ҳаҷву истеҳзо баланд аст. Аз ҷумла дар ин байтҳо:

Мо ҳама баргашта аз сар носкаш хоҳем шуд,
Боз чоруқпӯшаки боришу фаш хоҳем шуд.
Боз мегардем мо дар кӯчаву бозори худ
Бо кадуи нос зери нифаи эзори худ,
Куфу суфу туфи(?) мулло боз арзон мешавад,
Лоҳазу бемори моро кор осон мешавад.
Ё Раб, истиқлолбозонат басо бозингаранд,
Дар қимори хеш мардумро куҷоҳо мебаранд! [126, 117-118]

Солҳои аввали Истиқлолият дар кишвар шомили ҳамин гуна тасаввуроти ботил буд, ки шоир онро радду ҳаҷв мекард. Мутаассифона, кор бо ҳамин гуна фикру зикри нораво аз истиқлолу озодиву демократия барин мафҳумҳои волои ҷомеаи башарӣ анҷом напазируфта, ба ҷанги шаҳрвандӣ расонид, ки он ба

ашъори ба ин мавзӯъ гуфтаи шоир акс наандохта намонд. Бинобар ин дар баъзеи ин понздаҳ шеъри Ғаффор Мирзо ҳам дар баробари оҳанги умедвориву шукуфоии оянда лаҳни яъсу навмедӣ низ ба гӯш мерасад, ки шеърҳои "Чандест сарозерем", "Тоҷикистонро Худо дорад нигоҳ!" (с. 1992) аз қабили онҳост. Ин воқеияте буд, ки дар таассуроти аксари аҳли ҷомеа ҷой дошт ва дар ашъори ба тавсифи озодиву истиқлол сурудаи шоир Ғаффор Мирзо ҳам мавҷуд будани он амри табиист. Аммо дар андешаҳои отифии шахсияти ғиноии шеъри Ғаффор Мирзо ҳамеша асосан рӯҳияи болhistorically болантагиву созандагӣ бартарӣ дошт, аз ин рӯ бо вуҷуди дар ин давраи фоҷиавии таърихи халқи тоҷик бештар шудани ғаму андӯҳ ва яъсу ноумедӣ, ӯро умеду эҳсосоти зиндагисоз тарк намекунад, ки дар шеърҳои "Иттифоқи ростию дӯстӣ", "Мардуми тоҷик, бар зан остин", "Дари дигар кушода шуд", "Суруди дигар дар мақоми дигар" (с. 1992) ба хубӣ зуҳур кардааст. Аз ҷумла дар шеъри "Маслиҳатро гӯш кун" (с. 1992) чунин мегӯяд:

Тоҷикистони азизам, дӯст медорам туро,
Қисмати фарзанди ту пайванд бо иқболи ту.
Рӯҳи озодию истиқлол дорӣ, зиндаӣ,
Ҷон фидои рӯҳи озодию истиқлоли ту [126, 120].

Ашъори ғиноии андешаҳои отифии тасвирии Ғаффор Мирзо аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво, доманаи фарогирии мавзӯъ, шаклҳои тасвиру ифодаи он, истифодаи сувари хаёл, захираи вожагонии забон ва анвои жанру авзони арӯзӣ хеле фарох буда, дар баъзеи онҳо оҳанги публисистӣ боло гирифта, аз бадеияти онҳо коҳиш диҳад, баъзеи дигар намунаи беҳтарини ин навъи ашъор, ки бадеияти асил доранд, шинохта мешаванд.

Ашъори андешаҳои отифии Муъмин Қаноат аксаран аз санадҳои воқеии зиндагиии шахсиаш фаротар рафта, бо муҳтавои амиқ ва тасвиркорӣ имтиёз доранд, ки дар онҳо ин ду навъи сифати шеър – андешамандии ҳиссиётангез ва тасвиркории ашёвӣ хеле хуб ба ҳам омезиш ёфта, корбаст шудааст. Масалан, аз эҷодиёти солҳои шастуми ӯ шеърҳои «Ситораи замини ман», «Бузургӣ ва

хоксорӣ» аз силсилаи «Ситораҳои Замин» (с. 1962), «Мавҷи пӯлод», «Мавҷи суруд» аз достони лирикии «Мавҷҳои Днепр» (с. 1963), «Обшор» (с. 1965), «Исфара» (с. 1966), «Нарав, қуи сафеди ман» (с. 1966), «Парандаҳои навбаҳор» (с. 1987) ҳамин гуна сифати андешамандии ҳиссиётангезу тасвиркории ашёвӣ доранд, ки дар онҳо ин ё он зуҳури табиат ва ё шайъ мавриди ифшои розу ниёзи шахсияти ғиноии шеър қарор мегирад. Дар ин гуна шеърҳо андешаҳои отифии шахсияти шеър ба воситаи истифодаи тимсолҳое баён мегарданд, ки дар саросари он ҳузур доранд. Дар натиҷа ҳиссиёт, таассуроту андешаҳои отифӣ на фақат ба тариқи баёнӣ зикр, балки бештар ба воситаи тимсолҳо бо тамоми маҳсусӣ, назокату зебоӣ ва шиддату тазодаш тасвиру ифода мешаванд.

Эҷод ва ё истифодаи тимсолҳое, ки дар меҳвари шеър қарор мегиранд, ғояи шеърро ба сурати шайъӣ тасаввуршаванда муҷассам менамоянд. Онҳо вобаста ба тақозои шакл ва муҳтавои шеър, аз ҳар ҷиҳат тасвир, рангу равған ва обу тоб дода мешаванд. Баъзан ин тимсолҳо бевосита ба ифодаи муҳтавое, ки шоир мехоҳад ифода кунад, қобил нестанд, вале шоир онҳоро бо афзудани хосиятҳое, ки барои ифодаи манзури эҷодии ӯ мувофиқ бошад, омода месозад. Ин тарзи истифодаи тимсол, ки дар он обу тоб ва ҳиссиётангезӣ ба дараҷаи баланд аст, дар шеъри «Обшор» ҷой дорад. Шахсияти ғиноӣ дар ин шеър ҳиссиёту таассуроти ошиқонаи худро бевосита на ба худи маҳбуба, балки ба обшоре, ки дар он тимсол ва гувоҳи муҳаббати аввалини худро мебинад, баён менамояд. Ин тарзи ибрози муҳаббат барои бо тамоми ҳиссиёт, назокат ва меҳрубонӣ изҳор кардани ишқи бачагӣ имкон медиҳад, зеро на ҳамеша дар рӯ ба рӯи маҳбуба ошиқ метавонад ҳамаи гармиву самимияти дилдодагии худро, ҳамчунонки дарвоқеъ ҳаст, ба ӯ изҳор кунад. Дар ин ибрози бавоситаи ҳиссиёт шахсияти ғиноӣ ҳам худро озод ҳис мекунад ва ҳам имкон дорад, ки аз ҳамаи хусусиятҳое, ки обшор дорад, барои ифодаи шайъӣ ва маҳсусу тасаввуршавандаи ишқу муҳаббаташ истифода барад. Ин таъсири шеърро дучандон меафзояд. Шеър аз муроҷиати шахсияти ғиноӣ бар обшор оғоз мeёбад, яъне аз аввалин ҳарф обшор ташхисонида шуда, ба он беҳтарин сифатҳо, ба монанди ҳамдиливу ҳамрозӣ, меҳрубониву ғамгусорӣ, ки хоси инсон мебошад, дода мешавад:

Эй обшор!

Оинаи беғубори ман,

Ёри замони кӯдакии беқарори ман,

Аз рӯзҳои рафта туӣ ёдгори ман [103, 54].

Тимсоли ташхисонидашудаи обшор ба шоир имкон медиҳад, ки ба он ҳамчун ба воситае, ки ҳиссиёту таассуроти ошиқонаи ӯро бо тамоми нозукӣ ва покию шириниаш ифода мекунад, муносибат намояд. Обшор дар дилу ҷони ошиқ «оҳангҳои кӯҳнаро такрор», «ёди бахобрафтаро бедор» ва «рози» варо «ба лафзи худ изҳор» карда, барои тасвири маҳбубаи дилрабои наврас замина омода месозад. Аз банди севуми шеър, ки аз «дорӣ ба ёд лаҳзае» – муроҷиати бевоситаи дуюмбораи шахсияти ғиноӣ ба обшор оғоз меёбад, кам-кам тарҳи дилрабои духтараки наврас бо сифатҳои «куртапарпарӣ» ва «пои бараҳна рӯи гул» чун «чӯҷаи парӣ» омаданаш кашида мешавад. Банди чаҳорум бар тарҳи маҳбуба тарҳҳои тоза меафзояд, ки ӯ бо «мӯи сиёҳ»-у «қади мавзун чу обшор», «чашме чу чашмаи сафо, рӯе чу навбаҳор» ва «қадде ба мисли шаршара ларзону беғубор» дар пеши назар ҷилвагар мегардад ва аз ин банд маълум мешавад, ки чаро шоир барои ифодаи эҳсосоти ошиқонааш тимсоли маҳз обшорро интихоб кардааст. Аз як ҷиҳат, обшор гувоҳи муҳаббати поку беғаши наврасии онҳо буда, аз ҷиҳати дигар, он ҳамчун мӯи маҳбубаи ӯ парешону резон ва мисли қади ӯ «ларзону беғубор» аст. Азбаски обшор барои ташбеҳи қаду қомати маҳбуба хуб мувофиқат мекунад, сифатҳое, ки шоир барои тавсифу тасвири онҳо меорад, дар як вақт ба ҳар дуи онҳо нисбат гирифта, тарҳи тимсоли ҳар дуро дар назар дилрабову комилтар намудор месозад. То ин ҷо шеър аз муроҷиат ва рози дил гуфтани шахсияти ғиноӣ бар обшор ва тасвири маҳбуба иборат буд, ҳарчанд дар банди севум аз субҳдам пои бараҳна барои об омадани маҳбуба сухане ҳаст, аммо тасвири амалу ҳаракат асосан дар банди панҷум вусъат мегирад:

Гулхандае ме(?)карду гул(?) дар об мефиканд,

Тифле ба об гавҳари ноёб мефиканд,
Сӯзе ба ҷони баччаи бетоб мефиканд.

Мерафту рангу равнаҷи гулзор мешикаст,
Меомаду аз омадаш(?) хуммор мешикаст,
Лабташнагии ташнаи дидор мешикаст [103, 54].

Бо ин ҳарфҳо, ки шоир тасвир ва тавсифи маҳбубаро ба дараҷаи зарурӣ мерасонад, дар банди шаш ба тарзи дигари баёни ҳиссиёт мегузарад ва барои муайян кардани чигунагии муҳаббати баччагӣ аз санъати таҷоҳули ориф истифода карда, аз худ суолҳое ба монанди «Он духтарак кӣ буд? Нишоне зи хоҳарам, Ё …дилбарам, Ё ҳампарам?» мекунад, ки бо ҷавоб муайян кардани кӣ будани он зарурате надорад, зеро: «Ҳар кас, ки буд, // Ӯ маро(?) аз ҷон азиз буд, // Ҷонам зи ҷоми шарбати ӯ рез-рез буд» [103, 55], ҷавоби он аст. Ҳамчунонки дида мешавад, баёни ҳиссиёту таассурот аз пешина, ки асосан тавсифӣ буд, бештар самимонаю таъсирбахштар шудааст. Дар ҳамин лаҳзаи нуқтаи авҷи ифодаи ишқу муҳаббат, ки «аз ҷон азиз» -тар будани он «кабӯтари сафед»-и «ҳампар» маълум шуд, шоир гурезе мекунад ва ба баёни ба чӣ анҷомидани ин муҳаббат мепардозад, ки фоҷиаомез аст. Аз нуқтаи олии ширинӣ якбора ба нуқтаи зерини талхӣ фуруд омадан тазод ва шиддати ин ду навъи ҳиссиётро дучандон меафзояд. Банди нуҳум банди иртифои ифодаи таассуроти отифист, ки бо беҳтарин ваҷҳ адо карда шудааст. Дар он ташбеҳу истиора ва маҷозҳое, ки истифода шудаанд, аз олами табиат буда, ҳама ниҳоятан муносибу мувофиқанд. Ба ду соҳил ташбеҳ кардани ду дилдода, ки бо вуҷуди дар байнашон ҷорӣ будани як дарё – ҳатто дарёи ишқ – наметавонанд ба ҳамдигар бирасанд, вазъи рӯҳии фоҷианоки ошиқро хеле муассир баён менамояд. Бояд қайд кард, ки шоир дар баёни эҳсосоти ошиқонаи ин ду маҳбуб хеле бо назокат рафтор мекунад, дар саросари шеър сухан танҳо аз ишқу муҳаббати ошиқ буда, чигунагии муносибати маҳбуба ба ин масъала ноаён аст ва фақат дар банди нуҳум ҳамин гуна муҳаббат доштани «он чӯҷаи парӣ» низ маълум мешавад, ки он ҳам на бо баён, балки дар

зимни тасвир ифода ёфтааст. «Чун ду соҳили дарё ҷудо», «дарё садо намудаю мо бесадо» ва «дар торҳои шаршара ҳар ду наво шудем» ишора ба ҳамин маъност Ин ниҳояти нигоҳ доштани шарму ҳаё ва расму одоби миллист.

Рӯзе, ки чун ду соҳили дарё ҷудо шудем,
Дарё садо намудаю мо бесадо шудем,
Дар торҳои шаршара ҳарду наво шудем [103, 55].

Ҳиссиёт ва таассуроти отифие, ки шахсияти ин шеър баён мекунад, ба шахси шоир тааллуқ мегирад, вале азбаски эҳсосоти ишқи аввал қариб ба ҳар касе ошност, доираи таъсири он фарохтар гашта, ҳар ошиқи номурод дар он бозгӯи рози ишқи нокоми худро меёбад. Дар ду банди дигари шеър шахсияти ғиноӣ аз «монанди об» ва «чун кабки рав» ноаёну пуршитоб рафтани баччагӣ бо ҳасрат ҳикоят карда, аз обшор хоҳиш дорад, ки боз як бори дигар дар канори ӯ биёяд ва «он тарона» -ро «чун ёдгор»-и ӯ бинавозаду «сурати он навбаҳор»-и варо ба ӯ бинамояд.

Ҳамчунонки ба мушоҳида мерасад, тимсоли обшор дар меҳвари шеър қарор гирифта, тимсоли дигар, ки ҳамаи эҳсосоту таассуроти ошиқонаи шахсияти шеър ба он – духтараки куртапарпарӣ – тааллуқ дорад, дар пардаи пиндори шахсияти шеър ба ҳам меомезад, гоҳ обшор таҷассуми маҳбуба мешаваду гоҳ маҳбуба таҷассуми обшор, ки ошиқ муҳаббати ҳар дуи онҳоро дар дил дорад. Ин муҳаббат ба воситаи рамзу маҷоз ва ташбеҳу истиороти дилчаспи табииву ашёвӣ ифода мешавад, ки бинобар маҳсусу тасаввуршаванда буданашон ба хубӣ қобили дарку қабули хотир мешаванд. Ба ин навъи шеър ҳам, ки мусаллас – ҳар бандаш аз се мисраи қофиядор иборат буда, аз аз ёздаҳ банд нуҳ банди он радиф ҳам дорад, бо хушоҳангию дилнишиниаш хеле мусоидат кардааст. Банди ҳаштум аз навъи мусаллас хориҷ гашта, ба навъи маснавӣ, як байти қофиядор омадааст, ки агар ба навъи интихобшудаи мусаллас мебуд, беҳтар буд. Ин шеър дар вазни музореи ахрабу макфуфу мақсур, ки аз **мафъӯлу фоилоту мафоӣлу фоилон** ба ҳам меояду нақшааш чунин аст:– – у/– у – у / у – – у / – у – гуфта шудааст. Аммо он дар

даҳ мисрааш, асосан дар ҳиҷои ҳаштум, ки ҳиҷои кӯтоҳ асту ба ҷояш дароз оварда шудааст (мисраъҳои 4, 5, 11, 13, 17, 20, 21, 26, 27, 29), нуқсони вазн дорад. Дар мисраи 13 ба ғайр аз ҳиҷои ҳаштум дар ҳиҷои панҷум ҳам ғалат ҳаст, ба ҷои ҳиҷои кӯтоҳ дароз омадааст. Агар шеър ин нуқсҳоро намедошт, яке аз беҳтарин ошиқонаҳои Муъмин Қаноат дар навъи шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ маҳсуб мешуд.

Дар шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ навъҳои гуногуни андеша ва тасвир ҷой доштанаш мумкин аст. Масалан, дар он андешаҳои фалсафӣ, ирфонӣ, ҳикматомез, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, маънавӣ, ошиқона ва монанди инҳо баён шуда, тасвир ҳам вобаста ба мавзӯъву муҳтаво сокин, дар ҳаракат, симоӣ, пайкаранигорона, манзаравӣ ба қалам меояд. Дар ашъори андешаҳои отифии тасвирии Муъмин Қаноат ин навъи андешаву таассурот ва тасвиркориҳо мақоми муҳим доранд. Ӯ аз давраҳои аввали эҷодиёташ андешаро бо тасвиркорӣ пайвастааст. Ҳамчунонки қайд шуд, дар силсилаҳои солҳои ҷавониаш – «Ситораҳои замин», «Силсилаҳои Карпат» (с. 1962), «Мавҷҳои Днепр» ибрози андешаву таассуроти шахси шеър ва ё шахсияти ғиноӣ ҳамеша бо тасвири олами табиат ва ё ашё ҳамроҳ аст. Ин хусусияти ашъори Муъмин Қаноат, аз ҷумла силсилаи шеърҳои «Ситораҳои замин» -ро дар вақташ Муҳаммадҷон Шукуров ба сароҳат дарёфта, дуруст навишта буд, ки «ҳар як шеъри ин силсила як портрет аст ва ҳар кадоми ин портретҳо ба тарзи дигаре тасвир ёфтааст» [117, 416].

Тозакории Муъмин Қаноат, дар солҳои шасти қарни бист, ҳангоме ки чеҳраи хоси худро дар шеъри муосир муайян мекард, пеш аз ҳама, дар диди тозаи ӯ аз воқеият буд, ки ифодаи муносиби худро мехост ва он сухани тасвиркоронаи ӯ буд. Ин сухан моҳиятан ду хусусияти бориз дошт; яке он буд, ки асолат дошт, яъне аз назари таркиб ва сохтмон дар дараҷаи сухани меъёри шеъри ҳазорсолаи форсӣ-тоҷикӣ буд ва дигар он ки урён набуду андешаву эҳсосоту таассуротро дар либоси бадеъи тасвир меорост.

Тасвир дар шеъри андешаҳои отифӣ вобаста ба муҳтавои он шаклҳои гуногун мегирад. Дар ашъори андешаҳои отифии тасвирии Муъмин Қаноат, ки дар онҳо шахси шеър мавҷуд аст, шайъ ва ё воқеа аксаран бо ҳаракату амалиёти

шахс якҷоя тасвир мешавад. Дар ин шеърҳо вазъу ҳолати шахси шеър мавриди таваҷҷуҳи асосӣ буда, дигар шудани намои тасвир бар рӯҳияи шахс вобаста мебошад, ки эҳсосоту таассуроти худро ба забон оварда, замири худро боз менамояд. Ҳар ҳаракат ва тағйироте, ки дар эҳсосу таассуроти шахс ба амал меояд, ҳамоно ҳамчун як тарҳи (штрих) тоза бар тасвир зам мешавад. Дар шеърҳои «Мавҷи суруд», «Мавҷи ханда» аз достони лирикии «Мавҷҳои Днепр», «Нарав, қуи сафеди ман» тасвир ҳамин гуна хусусият дошта, бо ҷунбише дар рӯҳияи шахс ба он тарҳи тозае афзуда мешавад. Ҳамин тариқ, тасвир аз оғоз то анҷоми баёни эҳсосоту таассурот, дар саросари шеър, давом карда, ба намои тасвирӣ ва ё ашёвии эҳсосоту таассурот бадал мешавад. Ин гуна омезиши амалу ҳаракат ва рӯҳияи шахси шеър бо тасвир дар шеъри «Нарав, қуи сафеди ман» хуб корбаст шуда, ибрози эҳсосоту таассуротро дар шиддат (динамика) нигоҳ дошта, ягонагии шаклу муҳтаворо ба вуҷуд овардааст, ки тасвири шахсияти балети «Кӯли қувон»-и П. И. Чайковский онро талаб дошт. Ин шеър ба раққосаи беназири балет Малика Собирова, ки нақши Одетта – қуи сафедро дар ин балет мерақсид, бахшида шуда, таассуроти шахсияти ғиноиро аз рақси ӯ, ки бештар ба ибрози ишқу муҳаббат бадал гаштааст, дар ниҳояти назокат ва зебоиву муаассирӣ ифода намудааст.

Навоҳо об мегардад,
Ҳаме бар саҳна мерезад,
Садо аз мавҷҳои реза мехезад.
Ба нармӣ қуи зебое
Ба рӯи мавҷ обӣ шуд,
Ба пояш зарраҳо ҳавзи гулобӣ шуд.
Гаҳе аз нармрафторӣ,
Гули дар об мегардад,
Гаҳе дар гирди худ гирдоб мегардад.
Гаҳе аз ишқ меболад,
Гаҳе хомӯш менолад,

Чӣ хомӯшӣ, ки ҳар мӯяш забон дорад! [103, 56].

Оғози шеър саҳнаи оромеро пеши назар меорад, сабки сухан ҳам ҳикоятист. Дар он тасвир ҳам ҳолати мӯътадил дораду таассуроти шахсияти ғиноӣ ҳам. Вожаву ибораҳое, ки истифода шудаанд, ҳам бо маънои луғавӣ ва ҳам бо маънои маҷозии худ, масалан, «навоҳо об мегардад», «бар саҳна мерезад», «ба нармӣ», «обӣ шуд», «нармрафторӣ», «гули дар об» ҳама ҳолати ҳаракати оромонаро пеши назар меоранд, ки таассуроти шахсияти ғиноӣ ҳам муодили онҳост. Ҳикоят пас аз он ки шоир раққосаро ба «гули дар об» шиновар монанд мекунад, якбора оҳанги дигари шадид мегирад, ки дар саҳна сиву ду чарх (фуэте)-и босуръату пуршиддати ӯро дар гирди худ ифода карда тавонад ва мегӯяд: «Гаҳе дар гирди худ гирдоб мегардад», ки олист. Аз ҳамин мисраъ оҳанги сухан дигар ҳикоятӣ нест, пур аз табу тобу шиддату таҳарруку драматикист: «Гаҳе аз ишқ меболад, // Гаҳе хомӯш менолад, // Чӣ хомӯшӣ, ки ҳар мӯяш забон дорад» [103, 56]. Дар ин мисраъҳо тасвир аз ҳолати фоҷиавии маҳбуба, шахсияти балет – Одетта, ки қувваи сиёҳ ӯро сеҳр мекунад, сухан мегӯяд. Эҳсосоту таассуроти фоҷиавии раққоса шоирро саропо фаро мегирад.

Пас аз ин, дар бандҳои дигар тасвири «рақси қуи афсунгар», ки «ба афсуне ҳақиқатро» «афсона» сохта, шоирро «аз хештан бегона месозад» меояд, ки баробари тасвири рақси қу ҳолати тамошобинонро, ки бо «ҳазорон чашмҳо»-и «чун ҳавзи пуроб» рақсро тамошо доранд, пеши назар меорад. Агар тамошобинонро чунин ҳиссиёти риққатовар фаро гирифта бошад, пас эҳсосоту таассуроти онеро, ки ба ин қу дил додааст, тасаввур бояд кард, ки чӣ гуна аст. Бинобар илтиҷои ӯ на фақат аз қу, балки дар як замон аз қисмат ҳам мебошад, ки ин қуро, ҳамчунонки дар афсонаи он аст, аз ӯ набарад:

Нарав, эй лаҳзаи ширин,
Машав хомӯш, эй оҳанг,
Ки умри бебаҳоям меравад аз чанг! [103, 57].

Бандҳои минбаъдаи шеър ҳам то интиҳо ҳамин маъниро бо сухан ва лаҳну оҳангҳои дигар мукаррараан таъкид мекунанд, ки таъсири илтиҷоро афзуда, барои хулоса кардани шеъру таассуроти шоир замина омода месозанд. Шоир ҳеҷ намехоҳад, ки нотакрории лаҳза, як бор будани ҳастиро қабул кунад. Шоир ин ҷо комилан таҳти таъсири рақсу мусиқист, ки моҳияти онҳо ҳам ҳамчун шеър боз баргардонидани лаҳзаҳои умр мебошад, ки гузаштанду акнун танҳо дар хотир мемонанд. Муъмин Қаноат чораи баргардондани онро дар гуфтани шеъре мебинад, ки баробари он лаҳза муассиру ҳаяҷонбарангезу зебо бошад. Шеъри «Нарав, қуи сафеди ман» бо тақозои ҳамин гуна лаҳза ва бо ҳамин манзур гуфта шудааст, ки яке аз шеъртарин, хушоҳангтарин ва покизатарин шеърҳои ошиқонаи ӯст. Дар ин ҷо навъи шеър, ки мусалласи тоза буда, қофияаш дар дохили банд бо тақозои мазмун ва зарбу оҳанги шеър ба тариқи гуногун баста мешавад, на фақат барои хушоҳангии шеър, балки барои дар байти зарурӣ таъкид кардани тамомияти мантиқии баёни ҳиссиёт, мадад кардааст. Шеър дар баҳри ҳазаҷ гуфта шудааст, ки дар ду мисраи аввал дар ҳар мисраъ ду бор мафоӣлун ва дар мисраи сеюм се бор мафоӣлун меояд, ки мисраи ҷамъбастии банд мебошад. Ба ин тарз, як рукн зиёд омадани мисраи сеюм табиист, зеро ду мисраи аввал, ки кӯтоҳанд, ниёз ба он доранд, ки мисраи сеюм дарозтар омада, муҳтавои ду мисраи кӯтоҳи пешинро хулоса кунад. Ин шеър аз дувоздаҳ банд иборат буда, дар даҳ банди он мисраи сеюм бо мисраи дуюм ва ё ҳар ду мисраи пешинаи банд ҳамқофия оварда шудааст, ки ин баробари бандро ниҳоят хушоҳанг сохтан, ба он тамомияти савтию мантиқӣ ҳам мебахшад. Ҳамаи ин унсурҳои шаклу муҳтаво ба манзури ифода ва тасвири муносиби эҳсосоту таассуроти ғиноие, ки аз «рақси қуи афсунгар» дар вуҷуди шоир ба ғалаён меояд, моҳирона корбаст шуда, шеъреро ба бор овардаанд, ки дар он лаҳзаи гузаро бо тамоми зебоию афсонавӣ ва ҳузнагезию ширинияш дар пирояи бадеъ тасвир гашта, мондагор шудааст.

Ашъори ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ, ки Муъмин Қаноат дар даҳсолаи охири садаи XX навиштааст, на фақат аз ҷиҳати муҳтавову сувари хаёл, балки аз ҷиҳати сохтор ҳам ҷолиб ба назар меояд. Муҳтавои ин ашъор асосан иҷтимоӣ буда, аз андешаҳои шикоятӣ, интиқодӣ, ғамангез ба ҳам омадааст, зеро

шоир худ шоҳиди ҳодисаҳои фалокатхези солҳои ҷанги шаҳрвандӣ буд ва дарди онро дар ҷони худ кашида, чанд муддат дар ҳиҷрат аз ватан ҳам ба сар бурд. Дар шеърҳои “Мири шикор” (с.1991), “Тарҳи Зобул” (с. 1995), “То Рустами замона” (с. 1996), “Нахл мегиряд” (с.1996) ҳамин гуна андешаву эҳсосоти отифии дарднок бо истифодаи ҷузъиёти олами ашё, ки заминаи тасвирии баёнро фароҳам овардаанд, ифода шудаанд. Шеъри “Мири шикор” саҳнаи пурдарду фоҷиабори ҷанги шаҳрвандиро, ки дар натиҷа як тарафи муқобил маҷбур мешавад, тарки ватан карда, ба кишвари ҳамсоя паноҳ барад, суварнигорона, бо корбурди сувари хаёл ва нумодҳои суннатӣ, муаассиру хотирнишин нигориш менамояд. Ғизол истиораи тарафе мебошад, ки тарки ватан мекунад ва он аз дасти таъқибгарон ба канори дарё мерасад, ки дар ин ҳолат барои амон ёфтан ҷуз худро ба дарё афканда, дар он соҳил паноҳ бурдан чораи дигар нест. Ин саҳнаи таъқиби ғизол бо ҷузъиёти олами ашё – кӯҳу камару ғизолу чашми ғизол ва сафи savору сагони шикориву гиру дор хеле муъҷаз, мухтасар, шадид ба қалам оварда мешавад, ки он баробари инъикоси саҳнаи амал ба ҳамон дараҷа ғалаёни эҳсосоти ботинро низ ифода месозад. Азбаски дар ин шеър воситаҳои сувари хаёл суннатӣ ҳастанд, вале ба онҳо мазмуни тоза дода шудааст, дарки онҳо мустақиман амиқ меравад ва муаассиртар мешавад.

Камар-камар ҳама тиру камону нишона як нахчир,
Раҳи халос дигар нест ҷуз раҳи тақдир.
Чу ҳалқа танг шуд, оҳуи мо ба дарё ҷаст,
Гузашту рафт чу оҳу ба он канораи руд,
Кашид нола, ки сайёду дому дад, падруд! [103, 107].

Ҳарчанд андешаву эҳсосоти шоир сахт дарднок аст, зеро ҳоло ғизоли ӯ – пайвандони ӯ аз марзи ватан берун меҷаҳанд, аммо ӯ андоза нигоҳ медорад ва ҳамаи дарди дарунро бо як ибора – “кашид нола” ифода месозад ва ба сайёду дому дади худ низ ба ҷуз “падруд”, ки ин вожа дар ин ҷо маънову оҳанги ҳасрат дорад, ҳарфи дигаре намегӯяд. Ин шеър аз назари инсиҷом, сабку забон бисёр

мустаҳкаму пухтааст ва сохтори қолиб ҳам дорад. Он дар вазни муҷтаси мусаммани арӯзу зарб махбуни маҳзуф, ки аз афоилҳои **мафоилун фаилотун мафоилун фаилун (ё фаълун)** ба ҳам меояд, эҷод шудааст, ки дар ин вазн маъмулан бештар ғазалу қасида навишта мешавад, аммо ин шеър тарзи қофиябандии маснавӣ дорад — **аа**, **бб**... ва аз 8 байт иборат мебошад. Ҳамин тариқ, он аз назари ҳаҷму вазн ва сабки баён ба ғазал монанд аст, вале аз ҷиҳати тарзи қофиябандӣ маснавӣ мебошад. Бешубҳа, муҳиммии масъала дар чигунагии ифодаи муҳтавост, ки он мутаносиб ба сохтор ба хубии хубӣ ба ҷо оварда шудааст, танҳо бояд қайд кард, ки дар мисраи аввал "Баҳору манъи шикору замони висол" барои комил шудани вазн баъд аз калимаи "шикор" ва ё "замони" ду ҳиҷо намерасад, ки бедалел аст, яъне он бояд бошад. Масалан, ҳадди ақал ин тавр: Баҳору манъи шикору замони **ишқу** висол. Ба ин монанд нақс дар мирсаи шашум "Яке ғизолу чунон гиру дор бубин" низ вуҷуд дорад, ки пас аз калимаи "чунон" ё "гиру" ду ҳиҷо мехоҳад. Масалан, ин ҳам бояд ақаллан чунин таҳрир мешуд: Яке ғизолу чунон **ҷӯши** гиру дор бубин. Ба истиснои ин ду нақс шеъри "Мири шикор" аз бадеътарин ашъори ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ мебошад, ки аз фоҷиаи солҳои ҷанги шаҳрвандии кишвар суварнигорона сухан мегӯяд.

Дар ғазали "Тарҳи Зобул", мусалласи "То Рустами замона" ва маснавии панҷбайтаи "Нахл мегиряд" андешаву эҳсосоти ба ҳамин монанд, ки аз вазъи ҷангзадаи кишвари тоҷику афғон дар шоир зуҳур мекунад, бо истифодаи ҷузъиёти олами ашё ва қалами суварнигорӣ ифода карда шудаанд.

Шеъри "Як чаман сухан" (с. 1997) андешаву эҳсосоти шоирро оид ба мақому манзалат ва сифатҳои баргузидаи сухан, ки шеър шохаи шукуфову рангинтарини он аст, бо зикр ва тавсифи ҷузъиёти олами ашё ва аносири тасвир баён менамояд ва қасам мехӯрад, ки онро ба тарзи аъло истифода хоҳад кард. Ин як навъ маромномаи шоирона аст, ки ин гуна шеърро шоирон маъмулан дар давраҳои аввали эҷодиёташон менависанд, аммо онро Муъмин Қаноат дар шасту панҷсолагиаш навиштааст. Дар ду даҳсолаи охири умраш аз Муъмин Қаноат камтар асар ба қалам омад ва ӯ худ ҳам инро ҳис мекарду медонист ва сабаби ин

шеърро навиштанаш шояд дар он бошад, эълом дорад, ки ҳоло ман боз дар шеър ин корҳоро хоҳам кард, ки аз ҷумла иброз мекунад:

Қасам ба чашмаки* хуршед,
Қасам ба боди сари шохҳои баланд,
Қасам ба хок
Ва оби зулоли синаи ток,
Ки замҳарири заминро шукуфазор кунам [103, 107].

Ҳамин тариқ, ӯ ба хандаи оташу гиряи шамъ, ба равзани рӯзу тавсани шаб ва монанди инҳо қасам ёд мекунад, ки мутаносиби онҳо сухани шеърро ҳамон гуна зебову ба нур интишор хоҳад кард. Ба ин манзур баъзе ҷузъиёти олами ашё – хок, Каҳкашон, кӯҳу дашту даман танҳо зикр мешаванд, ки заминаи шайъии шеърро таъмин месозанд ва қисми дигар бо тавсиф меоянд, ки барои тасвир мадад мекунанд, ҳамчун чашмаи хуршед, боди сари шохҳои баланд, оби зулоли синаи ток, хандаи оташ, гиряи шамъ ва монанди инҳо. Дар ин шеър тасвир доманадор нест, тавсиф бештар ҷойи онро мегирад, дар ҳамин пораи мисол оварда низ ин хусусият аён аст, ки аз мухтассоти шеъри ғиноии андешаҳои отифии тавсифию тасвирӣ мебошад. Пораҳои дигар ҳам ҳамин гуна хусусият доранд. Сохтори шеър нимоист, ки аз чаҳор пораи чаҳорпора иборат буда, мисраъҳо дар пораҳо бо тақозои баёни андешаву эҳсосот ва тавсиф бешу кам оварда мешаванд. Ҳар чаҳор пора бо вожаҳои “қасам ба...” оғоз шуда, ба ҷуз мисраи аввали байти аввал, дар дигар пораҳо мисраи нахуст аз назари вазн шакли комил дошта, ба ду тақсим шудааст. Дар пораи аввал ин таъбир дар се мисраъ ба такрор меояд, дар пораи дувуму севум ду борӣ:

Қасам ба хандаи оташ,
Қасам ба гиряи шамъ...

Дар пораи севум:

Қасам ба равзани рӯзу
Қасам ба тавсани шаб...

Маълум аст, ки ин такрорҳо барои таъкид ва шиддати манзуре, ки шоир барои ба амал овардани он қасам ёд мекунад, ба ҷо оварда шудаанд. Онҳо ба ғайр аз ин боз

*Бояд “чашмаи” бошад, шояд хатои чоп аст.

шеърро бештар мусиқӣ ва оҳангинтар мекунанд. Бояд қайд кард, ки Муъмин Қаноат ҳамеша ба хушоҳангии шеър таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад ва ин яке аз мухтассоти сабкии шеъри ӯ мебошад, ки онро аз шеъри дигарон мутамоиз менамояд. Он дар натиҷаи истифодаи вожаву таъбирҳои ҳамвазну ҳамоҳанг, хушсадо, такрори ҳиҷоҳо ва ҳуруф ба даст меояд. Дар ин шеър низ намунаи чунин хушово сохтани шеър мавҷуд аст, ки таъбирҳои “қасам ба хандаи...” – “қасам ба гиряи...”, қасам ба равзани...” – “қасам ба тавсани...”, ки дар мисраъҳои аввали пораҳои дувуму севум омадаанд, шоҳид мебошанд. Ба ғайр аз ин, дар дохили мисраъҳо ҳам таъбирҳои ҳамвазну ҳамоҳанг, ба монанди “зи Каҳкашон” – “ба хаскашон”, “дашту даман” –“як чаман” ба кор рафтаанд, ки шеърро бештар хушоҳангу мусиқӣ мекунанд. Бо ин унсурҳои хушоҳангсози шеър андешаву эҳсосоти отифӣ, ки худ як навъ хаёлпардозона буд ва он аз ҳамон пораи аввал, ки болотар иқтибос шуд, равшан падидор аст, боз ҳам бештар хусусияти рӯъёиву хаёлпардозона мегирад. Дар банди охир аз андешаву эҳсосоти наврӯзӣ сухан меравад, ки онҳо низ вобаста ба савганди шоир буда, дар баробари Наврӯз ваъдаи дар кӯҳу даман як чаман сухан сабз карданро медиҳанд. Дар ин пора аз сабзаву гандуму майса ва монанди онҳо сухан меравад, ки ҳама аз аносире мебошанд, ки ба Наврӯз ва ҷашн гирифтани он иртибот доранд.

Қасам ба сабзии сахро,
Ба рӯи гандумгун,
Ба майсаи лаби ҷӯи лабони хубонаш,
Барои зиннати домони духтари наврӯз
Ба кӯҳу дашту даман
Як чаман
Сухан бисабзонам [103, 107].

Ин шеъри нимоӣ дар вазни муҷтаси мусаммани арӯзу зарб махбуни маҳзуф, ки аз афоилҳои **мафоилун фаилотун мафоилун фаилун (ё фаълун)** тартиб меёбад, гуфта шудааст. Мисраъҳоро дарозу кӯтоҳ овардан, мувофиқи матлаб ҷойи қофияҳоро дигар кардан дар ихтиёрдории шоир аст, ки ин кор дар шеъри муосир маъмул шудааст, аммо вақте ки мисраъ дар вазни комил оварда мешавад, он бояд ба талаби вазн пурра ҷавоб диҳад, яъне вайрон набошад. Дар мисраъҳои дувум "Қасам ба боди сари шоххои баланд", мисраъҳои шонздаҳуму ҳабдаҳум "Ба хаскашони хиёбони шаҳри сармоӣ", "Зи гарди ситора шароразор кунам" ин қоидаи ҳатмӣ риоя намешавад, ки хатои вазн ба ҳисоб меравад. Вале таҷрибае, ки дар пораи охир вуҷуд дорад, мақбул аст, зеро дар он як мисраъ ба чанд тақтеъ ҷудо карда шуда, дар якҷоягӣ аз вазни комил хориҷ бошад ҳам, бинобар алоҳида омаданаш ноҷӯрии оҳанг эҷод намекунад.

Ба кӯҳу дашту даман
Як чаман
Сухан бисабзонам.

Ҳамин тариқ, шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ дар эҷодиёти Муъмин Қаноат аз даврахои аввал то охир мавҷуд буда, ин андешаҳо мавзӯъҳои ошиқона, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳикамиро фаро гирифта, дар шаклҳои бадеъ ва марғуб, бо истифодаи сувари хаёли суннатӣ ва тоза, ки аз ибтикороти худи шоир мебошанд, ифода шудаанд.

Ашъори андешаҳои отифии тасвирӣ дар эҷодиёти аксари шуарои ғиноӣ нисбат ба анвои дигари шеъри ғиноӣ бештар ба назар мерасад, зеро шоир ҳар қадар дар андешаҳои отифӣ ба худ фурӯ равад, боз бисёртар ниёз ба он дорад, ки ин андешаҳоро шакли махсусу тасаввуршаванда диҳад. Ин ниёз ӯро аз олами андешаҳои дарунӣ ба олами берун меорад, ки аз рамзу маҷозу ташхису ташбеҳу истиора, хуллас, аз тамоми анвои воситаҳои тасвир истифода карда, андешаи

худро муассиру ашёвӣ ифода намояд. Тамоюли андешаҳои отифии дарунгаро ва ё бурунгаро доштани шоир аз сиришти инсонӣ ва шоирии ӯ бармеояд, аммо чунин ҳам шуданаш мумкин аст, ки ин тамоюл дар давраҳои гуногуни зиндагии шоир мақоми худро бо якдигар иваз кунанд; дар як давраи зиндагӣ дар эҷодиёти шоир андешаҳои отифии бурунгаро мақоми бештаре дошта бошад, дар давраи дигар андешаҳои отифии дарунгаро ба ин мақом соҳиб мешавад. Ҳамин гуна ҳолат дар эҷодиёти Қутбӣ Кdirect Киром ба мушоҳида мерасад.

Аввалин навиштаҳои Қутбӣ Киром дар солҳои панҷоҳи асри гузашта ба чоп расиданд, вале мавқеъ гирифтани ӯ дар шеъри муосири тоҷик асосан аз солҳои шаст, бо ашъори андешаҳои отифии тасвирӣ шурӯъ шуд. Масалан, шеъpҳои «Баҳория» (с. 1964), «Анҷоми зимистон» (с. 1967), «Оташ» (с. 1968), «Остони баланд» (с. 1969) аз ҷумлаи шеъpҳои хуби шоир буданд. Домани андешаҳои отифии шоир Қутбӣ Киром хеле фарох аст, шояд дар байни ҳамнаслонаш аз ҳама фарохтар бошад. Ин андешаҳои отифӣ ошиқона, инсонгароёна ва аз ҳама бештар иҷтимоӣ мебошанд. Шахсияти шеъри ӯ ҳамеша дар талоши он аст, ки муҳимтарин хусусиятҳои замони худро ифода намояд. Он қариб ҳамеша усулан фаъол, на танҳо некбину болидарӯҳ, балки зиндагисоз аст, ки ин сифатҳо аз сиришти инсонии худи шоир бармеояд. Бинобар нуқсу камоли шеъри Қутбӣ Киром нуқсу камоли шахсияти ӯст.

Ҷузъиёти олами шайъӣ дар шеъри ғиноӣ ба манзури гуногун – барои ифодаи шайъии мазмун, барои воқеият бахшидан ба ҳолати ғиноӣ, ки эҳсосоту таассурот баён мешавад, барои бо тасвиркорӣ ифода кардани ғояи муаллиф истифода шуданаш мумкин аст. Агар дар шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ кадоме аз ин манзурҳо муқаддам аст, ҷузъиёти олами шайъӣ ба он манзур хидмат хоҳад кард. Шеъpҳои андешаҳои отифии тасвирие ҳам ҳастанд, ки дар онҳо ҷузъиёти олами ашё дар як вақт ба манзури ин вазифаҳои гуногун ба истифода рафтаанд. Ҷузъиёти олами ашё ҳам дар шеъpҳои асосашон бар ангезаи андешаҳои ҳиссӣ, ки мавзӯашон маҳсусу тасаввуршавандааст ва ҳам дар шеъpҳои андешаҳои отифии муҷаррад, ки ифодакунандаи ғояҳо мебошанд, барои ифодаи пурбору таъсирбахши мазмун ба кор гирифта мешаванд. Дар шеъри андешаҳои отифии

тасвирии Қутбӣ Киром, масалан, дар силсилаҳои «Дафтари Яғноб» (с. 1975), «Дафтари Пориж» (с. 1978), «Зани тоҷик» (с. 1993), «Ёр меояд» (с. 1993) чанд навъи истифодаи ҷузъиёти олами шайъӣ ба назар мерасад, ки барои ифодаи гуногуни муҳтаво ва фардӣ кунонидани шакл хидмат кардаанд.

Силсилаи «Дафтари Яғноб» дар эҷодиёти Қутбӣ Киром аз лиҳози мавзӯъву муҳтаво ва шакли ифода мақоми хос дорад, ки дар он чанд шеър ба навъи шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ тааллуқ мегирад. Ин силсила дар бораи аз кӯҳистони Яғноб ба дашти Мирзочӯл кӯч бастан, ва ё саҳеҳтараш, аз ҷониби ҳукумати вақт – Ҷумҳурии шӯравии Тоҷикистон кӯч бандондани мардум дар солҳои ҳафтодуми асри гузашта аст, яъне мавзӯъ – кӯч бастан; андешидан дар бораи ҷиҳатҳои маънавию ахлоқии ин кӯч бастан – масъалаи ин силсила буда, қабул ва пуштибониву тасдиқи  рӯҳбаландӣ (пафос)-и он аст.

Дар ин силсила ҳар шеър аз лиҳози мавзӯъ истиқлол дошта, танҳо аз рӯи масъала ва ғоя ба ҳам иртибот пайдо мекунад. Ҳоло ду шеъри ин силсила «Духтари яғнобӣ» ва «Руҷӯи яғнобиписар»-ро аз лиҳози истифодаи мақсадноки унсурҳои олами ашё аз назар гузаронида мешавад.

Ҳамчунонки ишора шуд, ғояи силсилаи «Дафтари Яғноб» мардуми дар оғӯши кӯҳистон ҷудомондаро ба водӣ фуроварда, ба зиндагии иҷтимоии пешрафта ҳамроҳ кардан аст, ки ҳукумати вақт тасмим гирифта буд. Ин ҳам маълум аст, ки адабиёт дар он замон ихтиёри мухолифатро ба сиёсати ҳоким надошт, аз ҷумла Қутбӣ Киром ҳам. Эҳсоси рӯҳбаландонаи ҳаёт, махсусан, дар асарҳое, ки Қутбӣ Киром то солҳои шикасти ИҶШС ва ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон эҷод кардааст, нақши бартар дорад ва ин, агар, аз як ҷиҳат, хусусияти сириштии шахси шоир ҳамчун инсон бошад, аз ҷиҳати дигар, тақозои сиёсати фармудаи замон ҳам буд, ки шоир онро худогоҳу нохудогоҳ таблиғ мекард. Аммо дар ин силсила ҳангоми тасвиру ифодаи мавзӯъ ҳолатҳое ҳам ба назар мерасанд, ки бо ғояи музаффарият ва таассуроти рӯҳбаландонаи зиндагӣ мувофиқат намекунанд, зеро худи ин воқеа – кӯч бандондани мардуми Яғноб аз кӯҳистон ба биёбон – дар зимн ҳар қадар моҳияти мусбат дошта бошад, на камтар аз он моҳияти манфӣ ҳам дошт. Ҷиҳати мусбати он, ҳамчунонки болотар қайд шуд, дар

ҳамроҳ шудани ин мардум ба ҷараёни зиндагии замонавии водист, ки тақозои воқеияти объективӣ буд, ҷиҳати манфии он аз марзу буми бобоӣ канда шуда, суннатҳои чандинасраи зиндагиро аз даст додан буд, ки хусусияти субъективӣ дошт. Ба ин боз шароити тамоман носозгори зиндагӣ дар биёбон, ки ҳар нафасаш домангири марг буд, зам мешуд. Бинобар ин, бо вуҷуди ҳар қадар назари мусбат доштан ба ин рӯйдод шоир беихтиёр дар тазодҳои муҷарради ғулувомез ин ду ҷиҳати онро ба ҳам муқобил мегузорад, вале зуд ҷиҳати мусбати онро таъкиду таъйид мекунад. Масалан, силсила бо ин байтҳо оғоз мешавад:

Раъду барқ(?) чун саворае дар зин,
Задӣ(?) бар рӯи осмон қамчин.
Пайкари сарди кӯҳ аз ӯ ларзид,
Ҳар кучо соя буд, аз ӯ хандид… [86, 191].

Ҳолати ғулувомез, ки дар ин банд аз оғози кӯчбандӣ хабар медиҳад, махсусан, дар байти аввал – ғурридани раъду ҷаҳидани барқ, ки ба қамчин задани савора ба рӯи осмон монанд карда шудааст, хоҳу ноҳоҳ асари фоҷиавӣ дорад. Ин ибрози ангезаи ҳиссиётест, ки бар шоир ғалаба дошт, вале ӯ зуд дармеёбад, ки он ба ғояи рӯҳбаландонаи дар назар доштааш созгор нест ва ҷилави суханро ба дигар тараф мекашад ва мегӯяд: «Пайкари сарди кӯҳ аз ӯ ларзид, // Ҳар куҷо соя буд, аз ӯ хандид…». Азбаски соя дар шеър маъмулан намоди тирагӣ, беравнақӣ, ноаслӣ буда, дар муқобили нуру равшанӣ ва аслият қарор дорад, хандидан ба он маънои ба нуру равшанӣ бадал шуданро дода, мафҳуми бандро ба ғояи дарназардоштаи шоир муносиб мегардонад. Ё дар ду банди аввали шеъри «Кӯч» ҳолати деҳи кӯчбастаро ба тасвир оварда, аз ҷумла «қуллаҳо»-ро «мадҳушу ҳайрон», «чашмаҳо»-ро «аз худ гурезон», «шохаҳо»-ро «дастони холӣ» ва «шӯхаҳо»-ро «лаб зери дандон» нишон медиҳад, ки ҳама намоёнгари вазъи фоҷиаборанд. Дар банди дуюм шеваи тасвиркориро канор гузошта, ба ифодаи бевоситаи баёнии андеша мегузарад ва мегӯяд, ки мардум кӯч бастанд «аз куҳистон бар биёбон»:

Бар биёбоне, ки боди тундрав,
Дид ҷони зинда, ғорат мекунад.
Хокаш оташбору ҳавраш решасӯз,
Марг дар он ҷо иморат мекунад... [86, 191].

Оё мардум ба ҳамин гуна ҷое, ҳарчанд «орзу дар ҷон» -ашон «аз дусад маргу аҷал боло» гирад ҳам, бо ихтиёри худ кӯч бастанашон мумкин аст?! Ва табиист, ки шоир дар ин ҳолат дар байни ду андеша ва таассуроти мутазод мемонад ва ҳангоми тасвир, ки бештар хусусияти воқеӣ дорад, мафҳуми манфӣ ва ғамангези ҳодиса боло мегирад, вале ҳангоми баёни бевоситаи андеша, иродаи шоир, ки бар таблиғоти ғояи рӯҳбаландист, афзалият пайдо мекунад. Дар натиҷа бартарии кӯч бастан ва зиндагӣ дар водӣ, ки ҳосилаш «синаро партав» додани «боғи орзу» -ву «ниҳоли навдамида»-ву «ғунчаҳои навшукуфта»-ву «чун ҳубоб» нест гаштани «кинаҳои солхӯрда» ва монанди ин дастовардҳо мебошад, ба забон оварда мешавад. Зиёда аз ин қайд мешавад, ки дар натиҷаи зиндагӣ дар водӣ «дар миёни кӯчиён» «Эътиқоду мардию одамгарӣ, // Эҳтироми хоҳарию додарӣ...» болонишин гашта» ниҳоят «Чашмаҳои кӯҳсорони баланд // Дар биёбони бало дарё шаванд...» [86,192]. Ин намунаи ибрози андешаҳои муҷарради ғиноӣ мебошад, ки асоси ғоявии сиёсати муҳоҷиратро ифода мекунад.

Шеъри «Руҷӯи яғнобиписар» аз хосиятноктарин шеъри ин силсила мебошад, ки андешаҳои отифии ғиноиро бештар тасвирӣ ба қалам меорад. Ин шеър гармтарин ва пуртаъсиртарин эҳсосоту таассуроти ғиноии шоирро ба воситаи тимсолҳои шайъӣ ифода менамояд, ки баъзе аз хазинаи пешинаи шеър гирифта шуда бошанд ҳам, дар айни табу тоб ба кор гирифта шуда, муассирии тоза пайдо кардаанд ва баъзеи дигар комилан нав буда, маҳсули тафаккури хаёлангези Қутбӣ Киром мебошанд.

Дар шеъри «Руҷӯи яғнобиписар» андешаҳои отифии ғиноӣ, ҳарчанд аз забони шахси аввал – яғнобиписар баён мешавад, аммо ба худи шахси шоир тааллуқ доштани он тардиде надорад, зеро ҳамаи иборапардозӣ ва сабки сухан

комилан хоси шеваи худи шоир аст. Ӯ на андешаҳои отифии яғнобиписарро аз забони худи ӯ, балки эҳсосоту таассуроти худро аз забони ӯ мегӯяд. Вале бегонагии ин тарзи ифодаи эҳсосот ба яғнобиписар эҳсос намешавад, зеро, аввалан, дар тимсоли яғнобиписар ибрози таассурот кардани шоир пай бурда шавад, сониян, яғнобиписари Қутбӣ Киром ба ҳеҷ ваҷҳ дигар тарз ибрози андешаву таассурот карда наметавонист, зеро шоир ӯро бо худ як медонад, яғнобиписар Қутбист ва Қутбӣ яғнобиписар аст. Зиёда аз ин, дар тамоми шеърҳои ин дафтар ҳамаи таассуроти ғиноии ғаму шодӣ, ки аз воқеаи кӯч бастани яғнобиён тасвиру баён мешавад, таассуроти шахси шоир аст, ки аз реша бо яғнобиён пайванд дошта, худро аз онҳо ҷудо тасаввур карда наметавонад. Асоси ҳамаи сӯзу сози андеша ва шиддати эҳсосоту таассуроти ин силсила дар ҳамин аст. Он дар шеъри «Руҷӯи яғнобиписар» дурахшонтар аз ҳама баён гаштааст. Ғояи ин шеър дар тарғиби андешаи муҷаррад – меҳри ватан аст, ки баёни он аз барангезиши ҳиссӣ бо ибораи «ин ҷо ватани ман» оғоз шуда, дар оғози шаш банд аз ҳашт банду як байти мақтаи шеър ба такрор омада, вазифаи дар як сатҳу оҳанг нигоҳ доштани баёнро иҷро менамояд. Дар банди якуму дуюм яғнобиписар ватани худро «сари …шӯхаи сарсахт», ки хумории «шабнаму» «зарраи хуршед» аст ва «қуллаи паст» -ин онро «сар монда ба зонуи маҳ» хонда, дар банди севум, махсусан, дар байти аввали он бо рамзу маҷоз аз амале сухан мегӯяд, ки маънои пандомӯзе дошта, ба адолат ва ҳиммати баланди мардуми кӯҳистон далолат мекунад:

Ин ҷо Ватани ман,
ки уқобони шикорӣ
Номус кунанд аз задани кабку кабӯтар [86, 213].

Дар ин ҷо уқобони шикорӣ киноя аз мардуми кӯҳистон аст, ки аз рӯи шеваи ҷавонмардӣ ҳаргиз ба заифтароне аз худ, ки бо киноя кабку кабӯтар гуфта шудаанд, тааддию зӯровариро раво нахоҳанд донист. Дар шеърҳои силсилаи «Дафтари Яғноб» дар андешаҳои отифии шахси шеър дар муносибат ба воқеаи

кӯч бастан, дугонагӣ вуҷуд дорад, ки ҳангоми рӯ ба рӯ омадан бо масъалаи ахлоқӣ зоҳир мешавад. Аз як тараф, шоир ҷонибдори кӯч бастан ва ба ҷараёни ҳаёти нав пайвастани кӯҳистониён аст, аз тарафи дигар, аз кӯҳистон чун аз «остони бобоӣ» ва «уммедгоҳи модарзод» дил канда наметавонад. Ҳамин муҳаббати решадор дар баёни андешаҳои отифии яғнобиписар бештар аз ҳама доман густардааст, ки ӯ онро дар ҳар банди шеър ба мисолу масали дигар ба забон меорад. Дар ӯ эҳсоси ягонагии комили худ бо олами табиат аз ҳама ҳиссиётҳои дигар боло мегирад, ки ӯ «ҳар чашма» -ро «афсонасаро»-и «гӯшаю манзил» -аш ва «ҳар нахл»-ро «додари зоидаю пурдил»-аш мехонад. Дар шеърҳои ин дафтар, чунонки дар шеъри асили ғиноӣ ҳаст, «... ҳамаи аносири олами ҳастӣ, ки дар шеъри ғиноӣ ҷой меёбанд, қисмате аз ҷону тани қаҳрамони ғиноӣ мебошанд ва ногузиру якзайл сурати ӯро чи бо ҷиҳатҳои улвӣ ва чи бо ҷиҳатҳои сифлии худ оро медиҳанд» [86,99]. Бо эҷодиёти Қутбӣ Киром умуман, ва махсусан, бо силсилаи «Дафтари Яғноб», тасвири мавзӯи кӯҳистон ва зиндагии мардуми он фарохӣ ва маънову хусусияти тоза пайдо кард, ки дарки ягонагии инсону табиат яке аз сифатҳои асосии он аст. Андешаҳои отифӣ, ки аз забони яғнобиписар садо медиҳанд, зодаи муҳите ҳастанд, ки дар он иртиботи инсону табиат бештар маншаи инсонсозӣ дорад, зеро инсон ҳар қадар ки бо табиат наздиктар бошад, ҳамон қадар ба маъно ва рисолати инсонии худ наздиктар хоҳад буд. Дар андешаҳои яғнобиписар инсон на фақат саробону сарпарасти олами табиат, балки табиат ҳам ҳамдилу ҳамнафаси инсон буда, ҳатто «гули испанду ҳазора» -аш таърихи ӯро дар ёд дораду бозгӯ мекунад:

Ин ҷо Ватани ман.
Зи нахустин қадами хеш
Ман дардшарики гули тар,
майсаи навхез,
Ман нозкаши тармапару сели ҷафокор,
Ман нашъабари барқаму борони сафорез.

Ин ҷо Ватани ман.

Гули испанду ҳазора,

Аз хоки ниёкон зада сар қисса бигӯяд.

Дил гум зада бар ёди падарҳои сарафроз,

Акси рухашон аз нигаҳи қулла бичуяд [86, 213].

Андешаи яғнобиписар аз муҳити бакамолрасидааш, аз олами табиати кӯҳистон сар мезанад, ки ҷанбаи шайъияш қавист. Бинобар ин, ҳангоми баёни андешаву таассуроташ ҷузъиёти олами шайъии он озодона ба забонаш рафта, дар таркиби луғавии шеър нақши назаррас мегузоранд, ки шӯха, бурс, тундар, тарма, теға, қулла, уқоб, ғизол, пайроҳа, чашма, шахдара, шаҳбоз аз ҷумлаи онҳо буда, аз лиҳози шакл хидмати мушаххас кардани сабкро ба ҷо оварда, аз лиҳози муҳтаво аз сарчашмаи худ канда нашудани решаи шахсияти ғиноиро таъкид мекунанд.

Шеъри «Зани тоҷик» аз муроҷиати бевоситаи шоир ба зан оғоз шуда, бо ситоиши муболиғаомез ӯро ба мартабаҳои осмонӣ мебардорад, ки дар сабки Қутбӣ Киром як амри табиист, зеро зан дар тасвиру дарёфти ӯ дар улвият назире надорад, ӯ Каҳкашонест, ки ҳамаи бузургӣ ва зебоиҳо – Зӯҳраву Моҳро бо хеш дорад:

Эй зан, эй ҷавҳари худовандӣ,

Ҳама Офоқу бар ту побандӣ,

Зӯҳраву Моҳу Каҳкашон дорӣ,

Хокиро(?) нест бо ту монандӣ [86,159].

Банди аввал таассуроти шоирро аз мабҳаси шеър – зани тоҷик бо болу пари осмонӣ ифода карда, дар улвият қарор медиҳад, аз банди дувум тасвиру тавсифи ӯ оғоз мешавад, ки дар ҳамон сабки олӣ давом ёфта, ҳатто шоир барои ба сухани

худ бовар пайдо кунонидани зан қасам ёд мекунад. Дар ин ва дар банди севум ҳам тавсифу тасвири зан давом карда, ба лабон – Масеҳи кайҳонӣ, зулф – хатти дар гул навиштаи Монӣ, нигаҳ – чашмаи рӯҳафзо, пайкар – гавҳар, қаду қомат – себу нок ташбеҳу истиороти нозуку зебову муносиб ба истифода меравад, ки ҷиҳати тасвирии шеърро комил менамояд. Зан ба нумоди сарчашмаи ҳусну зебоӣ ва меҳру муҳаббати бемонанд мубаддал мешавад:

Нест, валлаҳ, ки нест, гар донӣ,
Чун лабонат масеҳи кайҳонӣ.
Нарасад бар латофати зулфат
Хатти дар гул навиштаи Монӣ.

Нигаҳат чашмаест рӯҳафзо,
Пайкарат гавҳари таги дарё,
Дил накандам зи себу ноки қадат,
Гарчи дидам ҳазор ҷабру ҷафо [86,159].

Аз ин ташбеҳу истиорот "хатти дар гул навиштаи Монӣ", ки шабеҳи зулфи зан омадааст, зебост, зеро зулфро ба хат, ки бо ранги сиёҳ навишта мешавад ва буни гуши зан – қисмати кунҷ ва болои рӯйро, ки дар он зулф мепечад, ба гул ташбеҳ мекунад ва ин ҳама бисёр мухтасар гуфта шудааст. Аммо дар мисраи "Нигаҳат чашмаест рӯҳафзо" ба ҷои "нигаҳат" "чашми ту" меомад, ҷоафтодатар буд, зеро нигоҳ чашмандозӣ барои дидан аст, на худи чашм, дар мисраи "Пайкарат гавҳари таги дарё" овардани "таги" ҳашв аст, зеро маълум аст, ки гавҳар на дар рӯи дарё, балки дар таги дарё мешавад. Баъди ин тавсифу тасвирҳо дар банди чаҳорум боз таассуроти шоир ба қалам оварда мешавад, ки дар он ӯ суханро на аз забони ровӣ ва шоир, балки аз номи шахси худ – Қутбӣ мегӯяд, то тамоми мафтунию муҳаббату гиромидории худро ба зани тоҷик ифода карда тавонад. Ҳамин тариқ, ифодаи таассурот ва тавсифу тасвир ба ҳам мепечанд.

Ман ҳамон Қутбиам, ки аз гардун
Баҳри побӯсии ту афтодам.
Дар ҳавоят баҳорҳо дидам,
Аз навоят чу ғунча бикшудам [86,159].

Дар охир аз он таассуроти пурҳиссиёт аз зебоии зоҳиру ботини зани тоҷик ва эҳтирому гиромидошти шоир аз ӯ хулосае гирифта мешавад, ки муносибат ва нигоҳу баҳои Қутбӣ Киромро ба вазъи замон ва ашхосе, ки арзишҳои асили ҳаёти инсониро бадал карданӣ ҳастанд, ифода менамояд. Ӯ ба онҳое ки ба ҷойи шинохтани чунин зебоӣ ва қадрдонӣ кардани он ба даст камон гирифта, оташи ҷанг дар медиҳанду ӯро аз ишқу муҳаббат ва зиндагии шодмона бенасиб месозанд, «Нест бод аз ҷаҳон сари пасте, // Ки туро бо камон бадал созад» [86, 159] мегӯяду маҳкум мекунад.

Азбаски шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ яке аз серистифодатарин ва пурҳиссиёттарин анвои шеъри ғиноӣ ва умуман адабиёт мебошад, ба дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоӣ ва маънавию фарҳангии ҷомеа зудтар ҳамоҳанг гашта, муҳимтарин хусусиятҳои онро инъикос менамояд. Ин дар мисоли эҷодиёти беҳтарин шоирони даврае, ки дар он дигаргуниҳо сурат гирифтаанд, тасдиқи худро меёбад.

Солҳои шастуми қарни гузашта дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии ИҶШС, ки Тоҷикистон ҳам як ҷузъи он буд, ҳамин гунае даврае буд, ки дар он дар идораи ҷомеа як муддат меъёрҳои мардумсолорӣ густариш ёфта, бунёди инсонгароёнаи адабиёт ва махсусан, шеъри ғиноӣ ҳам тақвият пайдо кард. Ҳарчанд дар таърихи шеъри ҷаҳон мисолҳое вуҷуд доранд, ки на ҳамеша ба ҳам мувофиқ рушд кардани

ҳаёти иҷтимоӣ ва шеърро ба исбот мерасонанд, аммо ба ҳар ҳол, мисолҳое бештаранд, ки ба ҳамдигар иртибот доштани инкишофи онҳоро таъйид менамоянд. Солҳои шасти қарни бист барои тамоми шеъри кишвари шӯроҳо, аз ҷумла шеъри муосири тоҷик ҳамин гуна давраи боло рафтани фаъолияти иҷтимоӣ ва шуури худшиносии миллӣ буд, ки онро на фақат ҷомеашиносон, балки адабиётшиносон ва зиёда аз ин шеършиносон ҳам, ки қисмати боз ҳам махсустари ҳаёти фарҳангии ҷомеаро ташкил медиҳанд, низ қайд кардаанд. Аз ҷумла муҳаққиқи шеъри ғиноӣ В. Д. Сквозников ин иртиботро дар шеъри муосири рус таҳқиқ карда, «ин гуна навбат ба навбат табдил шудани давраи болоравии шуури инсони иҷтимоиро ҳамчун шахсият дар марҳилаҳои мушаххаси таърихӣ» [218, 190] мушоҳида кардан мумкин аст, менависад, ки барои рушди ин давраи шеъри муосири тоҷик ҳам хос мебошад.

Табиист, ки дар ин давра баробари афзудани таваҷҷуҳи шоирон ба ҳастии мушаххаси инсон, яъне шароити зиндагии иҷтимоӣ, таваҷҷуҳ ба ҳаёти рӯҳӣ, ба масъалаҳои мураккаб ва нозуки ҷаҳони маънавии ӯ ҳам мақоми хоса пайдо кард, ки боиси амиқрафти шинохти инсон гашта, воситаҳои ифодаи муносиби худро тақозо дошт. Шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ, ки мавзӯи худро бештар аз умқ ва хурдтарин дигаргуниҳои ҳаёти рӯҳии инсон мегирад, дар инъикоси он нисбат ба дигар анвои адабӣ пешрав буд. Тақвияти бунёди инсонгароёнаи адабиёт андешаи ягонаву нотакрор будани ҳар фарди башариятро дар шуури бадеии миллӣ густариш медод. Ин тамоюл дар тамоми шеъри солҳои шасти халқҳои шӯравӣ эҳсос мешуд, ки яке аз пешгомони он шеъри русӣ буд. Масалан, яке аз шоиру нависандагони забардасти рус В. Солоухин оид ба ин масъала менавишт, ки «ҳар инсон як кайҳони комилест, ки қонунҳо, таваҷҷуҳот, иктишофот, кохҳои шараф ва гӯрканҳои худро дорад» [208, 49]. Дар ҳамин раванд нигоҳ ба тимсоли «одами одӣ» дигаргун мешуд, акнун ӯ як «мурватчаи ҷамъият» набуда, як кайҳоне буд, ки қонуниятҳои мавҷудияти худро дошт. Ҳамин гуна ақидаҳо дар адабиёти муосири тоҷик ҳам на танҳо баён мешуданд, балки таҷассуми бадеии худро ҳам меёфтанд. Мавқеъ пайдо кардани Лоиқ ҳамчун шоир дар шеъри замон маҳз ба

ҳамин даврон ва такопӯи бо назари нав нигаристан ба мақоми «одами одӣ» дар ҷомеа рост омад.

Муҳимтарин ашъори андешаҳои отифии тасвирӣ, ки Лоиқ дар солҳои шасти қарни гузашта гуфт, аз ҷумла «Зарафшон» (с. 1960), «Меҳр ва зар» (с. 1961), «Фарзанди кӯҳсор» (с. 1965), «Ба модарам» (с. 1965) асосан ҳамин масъаларо аз ҷиҳатҳои мухталиф зимни мавзӯъҳои гуногун ба риштаи тасвири бадеӣ кашидаанд. Дар ду шеъри аввал «Зарафшон» ва «Меҳр ва зар», ки аз шеърҳои ибтидоии Лоиқанд, аз орзуву умеди як ҷавони дилбастаи шеъру шоирӣ ва донишҷӯи ошиқ сухан меравад, ки бо вуҷуди шогирдона буданашон дар онҳо самимияти асил, эҳсосоте, ки маҳз худи шоир таҷриба карда, барои ифодаи он вожаву таъбир ва тасовири тоза пайдо намудааст, ҷой доранд.оянда як олами рангину пурмаъние дар замири онҳо ташаккул меёбад.

Дар байни ин шеърҳо ва шеърҳои «Фарзанди кӯҳсор» ва «Ба модарам» чаҳор сол фосилаи вакт аст, вале аз лиҳози ғанои андеша, амиқии эҳсосоту таассурот ва такомули забону воситаҳои тасвир шеърҳои охир бар пешина хеле бартарӣ доранд. Агар шеъри «Фарзанди кӯҳсор» аз назари таркиб, сохтмон, забон ва сабк корхӯрда буда, эҳсосоти пазмонии шоирро бар кӯҳсорон гарму нарм бо маҷоз ва ташбеҳу истиораҳои тоза, ба монанди, «кунам тазмин…зи шеъри обдори обшорон», «кашам аз кокули сабзи дарахтон», «шавам ҳамболи занбӯрони гулҷӯй» содаву сабукпарвоз ифода карда бошад, шеъри «Ба модарам» тамоман ба сабки дигар гуфта шудааст. Аввалан, шеъри «Фарзанди кӯҳсор» аз навъи чаҳорпора буда, бо қофияи якдармиён – **абвб** дар вазни ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф – **мафоӣлун мафоӣлун фаӯлун** гуфта шуда, шеъри «Ба модарам» ба истилоҳ шакли нимоӣ дошта, мисраъҳо дар пораҳо бо тақозои муҳтаво каму беш оварда мешаванд, ки камтарини онҳо аз панҷ мисраъ ва бештаринашон аз ёздаҳ мисраъ иборатанд. Тарзи қофиябандии онҳо асосан якдармиён **абвб** буда, дар баъзе пораҳо ба иқтизои мазмуну оҳанг дигаргун мешавад, вазни шеър дар асоси ҳазаҷи мусаммани солим – **мафоӣлун мафоӣлун мафоӣлун мафоӣлун** сурат гирифта, он дар мисраъҳо каму беш карда шуда, бештаринаш аз шаш рукн ва камтаринаш аз ду рукн иборат аст. Аз назари муҳтаво ин яке аз пурбортарин шеърҳои

андешаҳои отифии тасвирии Лоиқ ба шумор рафта, дар матни шеъри солҳои шас-ти тоҷик тамоман нав ба назар меомад, зеро дар он солҳо ашъори оид ба мавзӯи модар эҷодшуда аксаран умумию сатҳӣ буданд.

Дар адабиёт ба вуҷуд омадани асаре, ки назари тоза ба мавзӯи ҷовидона дошта бошад, ҳатман ба омилҳои айниву зеҳнӣ бастагӣ дорад, ки онро дар мавриди ба вуҷуд омадани шеъри «Ба модарам»-и Лоиқ ҳам метавон мушоҳида кард. Омили айнӣ тағйири назар ба масъалаи инсон ва мавқеи он дар ҷамъият буд, ки дигар ӯро «одию» «мурватча» ба ҳисоб наоварда, дар ӯ дидани ҳамбастагии мураккабтарин масъалаҳои ҳастии иҷтимоӣ ва кайҳони маънавиро тақозо дошт. Бинобар ин, як модари одии дар кунҷи кӯҳистон ба сар баранда, танҳо зане набуд, ки ба иқтизои табиат насл меовариду мепарварид, акнун ӯ давомдиҳандаи на фақат насли башарият, балки давомдиҳандаи тамоми таърихи моддию маънавии он буда, дар одитарин ва шахситарин орзую омолаш наҷибтарин умедҳои инсониятро муҷассам менамуд. Ин омили айние буд, ки барои аз ин дидгоҳ ба мавзӯи мазкур нигаристан замина ҳозир карда буд. Омили зеҳнӣ дар он буд, ки, аввалан, Лоиқ худ шоири ҷӯё ва пӯё буд ва мекӯшид ба ҳар мавзӯъ, ки рӯй орад, онро ба қадри имкон тозаву моҳиятбинона ифодаву тасвир намояд, сониян, ӯ ҳангоми тарҷумаи ашъори шоири бузурги рус Сергей Есенин намунаи хуби инъикоси ин мавзӯъро дар эҷодиёти ӯ омӯхта, таҷрибаи ӯро ба кор гирифта буд. Ҳамаи инҳо заминаи ба тарзи тоза гуфта шудани шеъри «Ба модарам» -и Лоикро фароҳам оварда буданд.

Дар байни эҳсосоту таассуроти фардӣ ва эҳсосоту таассуроти бузурги иҷтимоӣ иртибот барқарор кунонидан, ки онҳо дар ҷаҳони ботиниии инсон ба ҳамдигар мухолифат накарда, инсонро на фақат дар ҳаёти шахсӣ табиию маҳрами розҳои одамӣ, балки аз лиҳози ҷамъиятӣ ҳам муҳиму муътабар нишон диҳанд, барои шоир аз мушкилтарин корҳо ба ҳисоб меравад. Ҳар қадар ин иртибот қавию табиист, ҳамон қадар дараҷаи нуфузи асар ба ҳаёти иҷтимоию фардӣ густарда ва амиқтар мешавад. Чунин ба назар мерасад, ки муҳимтарин дастоварди Лоиқ дар шеъри «Ба модарам» ҳамин ба ҳам иртибот дода

тавонистани маънии зиндагии як зани одии кӯҳистон, ки гӯё дур аз иҷтимои ҷаҳонӣ умр ба сар мебарад, бо масъалаҳои бузурги умумибашарӣ мебошад.

Ин шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ аз муроҷиати хаёлии шахсияти ғиноӣ ба модари пираш, ки шояд «ба кунҷи сандалӣ биншаста шабҳо» барои ӯ «ба сад нийят» «ҷомаи домодӣ» медӯзад, оғоз мешавад, ки бо як худи ҳамин таваҷҷуҳро ба худ мекашад, зеро то ин шеър ин тарзи тасвири воқеъбинонаи модар дар шеъри муосири тоҷик ҷой надошт. Аҷобати масъала дар ҳамин аст, ки ин воқеиятест, ки ҳар шоири тоҷик онро дидааст, аммо касе онро ба қалам наоварда, ва ҳатто ҳамин таъбирҳое, ки иқтибос шуданд, дар шеъри аср, ба эҳтимоли қавӣ, шояд аввалин бор ба кор рафта буданд. Ин, шеърро дар худи зиндагӣ кашф кардан буд.

Ба кунҷи сандалӣ биншаста шабҳо, модари пирам,
Ту шояд ҷомаи домодӣ(?) медӯзӣ ба сад нийят,
Ки рӯзи тӯй дида бар қади ман бишканӣ армон,
Бубинӣ то ба ранги нав, ба ҳусни нав ҷавонияt,
Ба он дастони ларзони шарафмандат бимирам ман!
[357, 128].

Шеър аз баёни шайъии ҷузъиёти ҳаёти зани тоҷик дар деҳи кӯҳистон, ҳамчун сандалӣ, ки хоси деҳ буда, ҷойи пой гарм карда нишастан мебошад, оғоз гашта, бо муроҷиати хаёлии меҳрубононае ба модари пир ва зикри амал ва орзуву нийяти ӯ, ки ҳама аз умқи зиндагии моддию маънавии халқ реша гирифта, беҳтарин хусусиятҳои миллии ӯро таҷассум менамоянд, давом меёбад. Пораи дуюм ҳолати модари пирро, ки «чашми камбин»-аш «ба ҷустан чашми сӯзанро» наёфта, «дасти пурэъҷози» ӯ «дар қабзаи пирӣ» меларзад, вале ӯ боз ба дӯхтани «дастурхони гулдӯзӣ» машғул аст, «ки рӯзи маърака дар байни мардум обрӯ гир»-ад, ба тасвир оварда, ҷиҳатҳои дигари расму оини фарҳанги миллиро баён менамояд ва бандро бо ифодаи таҳайюри офариномез: «Чи дунёест дунёи умеди ту, // Аё модар, ё модар!» [357, 128] ба охир расонида, ду рукни охири хитоб ба

модарро дар ҳашт банди дигар ба такрор меоварад, ки шеърро аз назари зарбу оҳанг ҳалқабандӣ мекунад. Дар банди севуму чаҳорум тафсилоти зиндагии модар, ки «дар гуселу пешвоз» тай шуда, вале худи модар «бурун аз деҳа норафта», «ба гирди хеш гӯё чарх гашт»-а «зиндагӣ кард»-а аст, бо ҷузъиёти он муҳиту зиндагӣ, ҳамчун қарси сафеди модару домони гардуни гӯё ба гирди русто часпида, баён карда мешавад, ки тимсоли модар ва манзараи буду боши ӯ пурратар ба назар падид ояд. Банди панҷум, ки пурбортарин банди шеър аст, бо ангезаи ҳиссии ғиноӣ оғоз мешавад, ки ба худи модар тааллуқ дошта, аз забони шоир баён мегардад. Бори маъние, ки ин банд мекашад, тақозо кардааст, ки шоир онро то ёздаҳ мисраъ тӯл дода, ифодаи амалу таассуротро дар дохили банд яклахт созад. Ин банд шоистаи иқтибоси пурра аст, то ҳам чигунагии бори маъни ва ба ҳамомехтагии таассуроти ғиноӣ ва тасвири шайъӣ мушоҳида шавад.

Худо гуфтию оят хондию таъбирҳо ҷустӣ,
Ту доим «Ҳафтяк» мондӣ ба зери болиши кӯдак,
Ки шояд тифл бебоку далеру қаҳрамон гардад.
Дили пайғамбарон гунҷад даруни синаи кӯчак…
Даруни кулбаи пасти назарногири пур аз дуд,
Ба ҳукми қарзи инсонӣ ҷаҳонеро бигунҷондӣ,
Шабонгаҳ мижжа таҳ нокарда, пухтӣ кулчаи ширӣ,
Саҳар фарзандҳоятро ба майдонҳо гуселондӣ,
Шараф андӯхтӣ аз ҷонфишониҳои фарзандон,
Аё модар, аё модар! [357, 128].

Дар ин банд ҷузъиёти шайъӣ, аз қабили «Ҳафтяк», болиш, кулба, дуд, кулча на танҳо ҳамчун шайъ барои пурра сохтани заминаи шайъии шеър ва таҷассум сохтани муҳити зиндагии модар, балки барои ифодаи ҷиҳати маънавии зиндагии ӯ ҳам хидмат кардаанд. Масалан, ба зери болиши кӯдак «Ҳафтяк» мондани модар, ки аз суннатҳои мардуми тоҷик аст, далели ба фарҳанги исломӣ арҷ гузоштани ӯ мебошад. Бо кулча фарзандҳоро гусел кардани модар далели соф ба

фарҳанги мардумии ниёкони худ эътиқод доштани ӯст, ки нонро дорои қувваи ҷозибае медонад, ки рафтагонро ба дудмон зиндаву саломат боз бармегардонад. Ин ҳама тарҳи доираи зиндагии маънавию фарҳангии ӯро ба назар ҷилвагар сохта, сурати модарро ба тимсоле табдил медиҳад, ки дар он таъриху фарҳанги халқаш инъикос мешаванд. Ба замми ин, дар ҳамин банд пас аз мисраи «Саҳар фарзандҳоятро ба майдонҳо гуселондӣ» тимсоли модар ноаён аз модари шахсии шоир ба модари халқ табдил мешавад, зеро то ин ҷо маводи шеър метавонист, ки маводи тарҷумаҳолии худи шоир бошад, аммо пас аз он мавод аз зиндагии шахси шоир фаротар рафта, ҳаёти тамоми ҳамнаслони ӯ ва ё ҳатто пеш аз ӯро дар бар мегирад. Ҳамчунонки маълум аст, соли таваллуди шоир Лоиқ Шералӣ 1941 мебошад ва ӯ бародарони дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941–1945) қурбоншуда надошт, бинобар ин «Саҳар фарзандҳоятро ба майдонҳо гуселондӣ, // Шараф андӯхтӣ аз ҷонфишониҳои фарзандон, // Аё модар, аё модар!» гуфтани ӯ шеърро аз доираи маводи тарҷумаиҳолии шоир фаротар бурда, ба таърихи халқ пайванд медиҳад, ки фарзандонаш дар он ҷанг «ҷонфишониҳо» карда буданд. Дар банди шашум мисраи «Бубинӣ хоб шаб фарзандҳои мурдаи худро» низ ба ҳамон маънои «ҷонфишониҳо» кардани фарзандон, яъне бо аҷали худ намурда, ҷон ба қурбон додани онҳо далолат мекунад:

Бубинӣ хоб шаб фарзандҳои мурдаи худро,
Биёбӣ саҳнаи дидорбиниҳои рӯҳонӣ.
Ба назди остонат дом монад сояи маргат,
Туро хонад ба сӯи олами торику зулмонӣ.
Матарс аз марг, охир безаволӣ ту,
Аё модар, аё модар! [357, 128].

Дар банди ҳафтум ҳамон маъное, ки «фарзандҳои мурда» қурбониён ҳастанд, боз сареҳтар гӯшзад мешавад. Дар ин ҷо «ҳамон сайёдҳои сайдгашта – рафтагонат» ҳамон ҷавонмардони тоҷик ҳастанд, ки дар ҷанги мазкур қурбон гаштаанд, пас тимсоли модар пас аз ин тимсоли модари шахсӣ набуда, тимсоли

таъмимии модари тоҷик аст. Чун ин табдил сурат гирифт, шахси шоир ҳам ба яке аз фарзандони модар мубаддал шуда, ба худ чеҳраи таъмимии шахсияти ғиноиро касб мекунад. Ин шахсияти ғиноӣ шоир аст, ки ба номи модар «дафтаре бикшод»-у «дуои хайр»-и модарро хоҳиш дорад. Дар банди нуҳум «зи лабҳои фурӯрафта, зи ожанги пурасрор»-и модар маънӣ бардоштани шоир, ки онҳоро аломати зиндагӣ барои дигарон медонад, баён мегардад, ки ба назар шиддати ҳаракати амудии таассуротро андаке боз дошта, ба уфуқӣ наздик меорад, ки дар ин маврид матлуб нест. Ба ғайр аз ин, маънии на танҳо барои худ, балки барои дигарон ҳам заҳмат кашидани модар, ки дар ин банд талқин мешавад, дар бандҳои пешина, масалан, дар ин мисраъҳо «Даруни кулбаи пасти назарногири пур аз дуд, // Ба ҳукми қарзи инсонӣ ҷаҳонеро бигунҷондӣ» ва дар ин мисраъҳои банди пасини даҳум «Дурахши охирини чашми худро дар дили шабҳо // Барои субҳи фардо ҳадя месозию менозӣ» [357, 129] бо суханҳои дигар ифодаи хуби худро ёфтааст. Бинобар, бе банди нуҳум меҳвари амудии шеър қоимтар ба назар мерасад. Банди ёздаҳум, мақтаи шеър, боз бо мурожиати ғиноии шахсияти шеър оғоз шуда, таманнои ӯро ба модар дар бар мегирад, ки мазмуни на танҳо иртиботи модарро, балки шахсияти ғиноиро ҳам бо дигарон таъкид мекунад. Шеър бо ҳамин ҷамъбасти комили худро меёбад, ки аз мантиқи андеша ва эҳсосоту таассуроти ифодашуда бармеояд:

Суруди хузнангези қадимиро махон, модар!
Дилатро бо суруди аввалини ман даме афрӯз!
Агар дасторхону ҷомаи нав дӯзӣ бо уммед,
На танҳо бахри ман,
Бахри ҳама фардоиён ҳам дӯз!
Ғанимат дон насиби вопасинатро, саломат бош,
Аё модар, аё модар! [357, 129].

Дар эҷодиёти Лоиқ навъҳои гуногуни шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ мавҷуданд. Дар баъзеи онҳо андешаҳои отифӣ ҳамроҳ бо тасвири собит

ва ё сайёр, ташреҳу тасвир, ташхису ҷондорангорӣ, мурочиати шахс ба шайъ ва монанди инҳо фаровон истифода гаштаанд. Ин гуна ашъор шояд қисмати бузургтарини эҷодиёти Лоиқро ташкил диҳанд, ки ғайримунтазира ҳам нест, зеро дар ашъори ӯ ҳар матлаб бештар ба воситаи шайъ, тимсол ифода мешавад, ифодаи шайъию тимсолӣ дар навбати худ истифода аз маҷозу истиора ва ташбеҳу ташхис барин санъатҳои бадеъро тақозо дорад, ки бештар аз олами ҳастӣ гирифта мешаванд. Инҳо омилҳое ҳастанд, ки шоирро ба эҷоди ашъори андешаҳои отифии тасвирӣ водор месозанд.

Дар байни ашъоре, ки Лоиқ дар солҳои ҳафтоди қарни бист сурудааст, низ шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ нисбат ба ашъори навъи дигар мақоми бартар дорад. Шеърҳои «Баҳорон буду як шомеву борон» (с. 1970), «Хонаҳои баланду шаҳроро» (с. 1970), «Ало, эй дилбари дар бехудӣ гум кардаам, боз о!» (с. 1972), «Бачагиям бекасу танҳо гузашт» (с. 1974), «Дар Варзоб» (с. 1975), «Рез, борон, рез» (с. 1976), «Сабзаи сӯхтаи манзараҳо» (с. 1979) аз ҷумлаи шеърҳои хуби андешаҳои отифии тасвирие ҳастанд, ки ба навъҳои гуногуни он тааллуқ дошта, муҳтавои ғиноиро ба воситаҳои мухталифи тасвир ва ҷузъиёти олами ашё ифода кардаанд. Онҳо бо такомули худ аз назари истифодаи захираи луғавии забон, вожаҳои тоза ва камдастхӯрда, санъатҳои бадеӣ, маҳорат ва сабки баён аз ашъори даҳсолаи пешини Лоиқ фарқи назаррасе доранд. Маълум аст, ки шоир роҳи камолоти ҳунарии худро паймудааст. Шеърҳое, ки дар боло зикр шуданд, ҳар яке дорои хусусиятҳои шохисе мебошанд, ки якеро бар дигаре комилан мутафовит месозанд. Ин далели бебаҳси бою ҳарранг шудани маҷмӯи воситаҳои бадеию тасвирии шоир мебошад. Масалан, шеъри «Баҳорон буду як шомеву борон», ки аз ангезаи хаёлоти ҳиссӣ оғоз шуда, андешаи отифии ошиқонаи шоирро дар бар гирифтааст, муҳтаворо дар ниҳояти хубӣ, нармию равонӣ ва хушрангии табиии бо ташбеҳу истиораҳои тоза баён мекунад. Махсусан, банди аввали он қобили қайд аст:

Баҳорон буду як шомеву борон
Ҳамешорид ҳамчун обшорон.

Висолат бӯстони пургуле буд,

Канорат ҳамчу оғӯши баҳорон [357, 568].

Аввалин сифати ин пора ҳусни мусиқоии он аст, ки сомеаро навохта, ҳисро мутеъи худ месозад. Ин гӯшнавозӣ аз истифодаи моҳиронаи вожаҳое, ки ҳиҷову ҳарфҳои ҳамсону ҳамоҳанг, ҳиҷои рон (4 адад), садоноки о (15 адад), ҳамсадои р (7 адад) ва н (7 адад) доранд, ҳосил шуда, мусиқии дилнишинро эҷод мекунанд. Сониян, барои дар пеши назар муҷассам сохтани лаҳзаи ғиноӣ аз воситаҳои бадеъ маҷозу ташбеҳу ташхис хуб истифода шудааст, ки баъзеи он нав набошад ҳам, дар ҳамбастагӣ бо вожаву таъбирҳои дигар, масалан, ташбеҳи канори маҳбуба ба баҳор собиқаи истифода дорад, вале дар ин матн тарзи корбурдаш, ки тоза аст, кӯҳна ба назар намерасад. Ҳамин тариқ, лаҳзаи эҳсосоти отифии ошиқона дар пирояи бадеӣ бо истифодаи ҷузъиёти олами шайъ ва ҳунари тасвиркорӣ чунон нигориш шудааст, ки ҳам манзара диданӣ ва ҳам таассурот ҳис карданист.

Шеъри «Ало, эй дилбари дар бехудӣ гум кардаам, боз о!» ба навъи дигари шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ тааллуқ дорад, ки аз мурочиати шахсияти шеър ба ёди шайъ, маҳбуба оғоз гашта, таассуротро якбора дар айни шиддаташ бо илтиҷо ба забон меорад:

Ало, эй дилбари дар бехудӣ гум кардаам, боз о!

Ало, эй ҳамдили дар орзу парвардаам, боз о!

Мисоли сурати бахти ман аз пеши дарам бигзар,

Чу руъёеву хобеву хаёле аз сарам бигзар.

Даме дар чашми ман бингар, ки дар он ҷои ту холист,

Нигоҳаш кунду бешавқе чу мурғи бепару болест [358, 584].

Ин шеър аз дувоздаҳ байт иборат аст, ки дар шакли маснавӣ ва дар вазни ҳазаҷи мусаммани солим **мафоӣлун мафоӣлун мафоӣлун мафоӣлун** гуфта шудааст.

Дар ин шакл ва ба ин вазн гуфтани шеъри андешаҳои отифии тасвирии ошиқона кам иттифоқ меафтад. Вале дар ин шеър интихоби чунин шаклу чунин вазн, ки нисбатан дароз буда, ҳар мисрааш аз 16 ҳиҷо иборат аст, барои тасвири ҳолат ва баёни таассуроти ғиноӣ, ки асосан аз илтиҷои ошиқ барои баргардонидани маъшуқаи аз даст додааш ба ҳам омадааст, мувофиқ мебошад. Зеро илтиҷои таъсирнок мисраи дарозтар мехоҳад, ки пуртабу тобтар баён шавад ва шакли маснавӣ барои дар ҳар байт аз нав такрор шудани он созгорӣ мекунад. Ба ин васила илтиҷо дар ҳар байт ба тафсил ва такрор ифода гашта, манзури шахсияти ғиноиро, ки аз нав ёфтани маъшуқаи гум кардааш мебошад, бадеъу муаассир ифода менамояд. Дар баробари ин, шоир барои маҳсусу шайъӣ ва хушоҳангу дилрас баён сохтани эҳсосоту таассуроти ҳиҷрони ошиқонааш аз санъатҳои маънавию лафзӣ, ҳамчун истиора, ташбеҳ, такрор мадад меҷӯяд. Маъшуқаро ба сурати бахт, ба рӯъёву хобу хаёл ва нигоҳи чашми бе сурати маъшуқаи худро ба мурғи бепару бол монанд карда, дар аввал ҳамчун хитоб «ало, эй» ва дар охир «боз о» ва «бигзар»-ро ба такрор, ҳамчун радиф овардан, ба илтиҷо тобиши бештаре дода, ифодаи муҳтавои шеърро шайъӣ ва оҳанги баёнро шадидтар месозад. Дар ҳашт байти дигар низ шахсияти ғиноӣ бо ҳамин оҳанг илтиҷои баргаштан аз ёри рафта карда, аз рӯзҳову шабҳои бе ёди дилбар ба сар бурдааш таассуф мехӯрад ва байти аввалро бо тағйири ҷои мисраъҳо дар охир меорад, ки дар мақоми мақтаъ бештар ҷо афтад.

Шеъри «Баччагиям бекасу танҳо гузашт» -и Лоиқ ҳам аз ҷумлаи ҳамин гуна шеърҳост, ки бо вуҷуди дар мавзӯи собиқадор – гузаронии замони бачагӣ – буданаш, тару тозааст. Ин ҷо ҳамон қазияи маълум, ки дар адабиёт мавзӯи наву кӯҳна нест, балки нигоҳи наву кӯҳна ҳаст, боз як бори дигар тасдиқ мешавад. Азбаски мавзӯи бачагӣ аз ҷониби ҳар шахс фардӣ таҷриба мешавад, шоирон ҳам эҳсосоту таассуроти онро бо ҷузъиёти олами шайъияш аксаран аз забони худ ифроз медоранд, ки дар натиҷа шеър ба навъи шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ тааллуқ мегирад. Шеъри «Баччагиям бекасу танҳо гузашт» аз лиҳози баёни ҳиссиёту таассуроти ғиноӣ яке аз ҳунаритарин ва сабукпарвозтарин шеърҳои Лоиқ мебошад. Ин шеър дар ҳадди шеъри ноб аст, ки аз ҷиҳати ифрози муҳтаво

марғуб, ифодаи эҳсосот муаасиру дилнишин, тасвир зебову шаффофу рангомез, баён хушоҳангу мусиқӣ адо карда шудааст. Дар мавриди шеъри ноб бояд қайд кард, ки ин таъбир на фақат маънои тавсифӣ, яъне шеъри олӣ, балки дар сабкшиносии шеър маънои истилоҳӣ дорад, ки дар ин бора донишманди эронӣ Сируси Шамисо дар таҳқиқоти худ «Сабкшиносии шеър» чунин менависад: «Дар истилоҳоти нақди адабии ғарб шеъри ноб ё маҳз Pure Poetry шеъре аст, ки раҳо аз фикр ба тарафи мусиқӣ ҳаракат мекунад, албатта шеър наметавонад аз мафҳум ё ироаи эҳсосе холӣ бошад. Дар шеъри ноб луғот ва мафҳум дар ҷиҳати оҳанг ва садоҳои шеър ҳаракат мекунанд. Ҳарчанд шеър фурме аз мусиқӣ хоҳад буд, аммо лубби тафаккур ва тахайюли шоирро ҳам мунтақил хоҳад кард. …Шеъри ноб дар муқобили шеъри шоибадор аст. Шеъри ноб шеъре аст, ки фақат дар баёни эҳсосе суруда шуда бошад. Ҳол он ки шеъри шоибадор дар садади баёни мафҳуме аз мадҳу ҳаҷву таълим… аст. …Шеъри ноб дар адабиёти имрузӣ бештар аз адабиёти куҳан намуна дорад» [325, 372-374]. Ба назар чунин мерасад, ки дар ин маънидоди шеъри ноб, агар ба тафаккур ва тахайюли бадеӣ ҳам, ҳамчунонки бар баёни эҳсосӣ ва мусиқоии он аҳамият қоил шудааст, арзиши баробар қоил шавад, таъриф дуруту комил хоҳад буд, зеро дар ҳама ҳолат мақсуд аз шеър пеш аз ҳама муҳтавост. Аз ин дидгоҳ ҳам шеъри «Баччагиям бекасу танҳо гузашт» -и Лоиқ шеъри ноб аст, ки дар он паллаҳои тарозуи муҳтаво, тасвир ва баёни мусиқӣ ба ҳам мувозӣ ҳастанд.

Ин шеър асосан дар қолаби мусаммати мусаллас гуфта шудааст, ки ҳар банди он аз се мисраъ иборат буда, дар банди аввал ҳар се мисраъ ба ҳам қофия баста шудааст, вале дар мусаммати суннатии классикӣ мисраи сеюм аз қофияи ду мисраи аввал озод буда, ҳар мисраи сеюми бандҳои баъдӣ бо он ҳамқофия оварда мешавад, ки ин мисраъро риштаи мусаммат ё мисраи тасмит меноманд. Дар шеъри «Баччагиям бекасу танҳо гузашт» мисраи тасмити банди аввал ҳам бо ду мисраи пешин ҳамқофия омадааст, ки бар хушоҳангии банд афзудааст. Ин мисраи тасмит бо ҳафт мисраи сеюми ҳафт банди баъдӣ қофия баста шуда, мусамматро ҳалқабандӣ мекунад. Вазни шеър дар асоси рамали мусаддаси мақсур **фоилотун фоилотун фоилот** буда, дар мисраи тасмит, сеюми ҳар банд, як рукни

фоилотун зиёд карда мешавад, ки аз тозакориҳои шоир аст, зеро мисраъҳои мусамммати классикӣ ҳама дар як вазн гуфта мешуданд. Як рукн зиёд овардани мисраи тасмит ба шоир барои аз ду мисраи болоӣ хулосаи комил гирифтан имкони хубе фароҳам овардааст.

Баччагиям бекасу танҳо гузашт,
Бо дарав, бо хӯшичиниҳо гузашт.
Доманаш аз хӯша пур аз домани саҳро гузашт.

Дар сари санге ҳама рӯз интизор
Мешумурдам турнаҳоро ҳар баҳор,
Баччагиям бо қатори турнаҳо як ҷо гузашт.

Шаст меандохтам бар рӯди маст,
То биафтад моҳии тилло ба шаст.
Баччагиям бо умеди моҳии тилло гузашт [357, 278].

Шоир дар ҳар банд, ки таассуроти отифиашро аз гузаштани бачагиаш баён мекунад, онро бо амал, ҳолат ва ё шайъе, ки хоси олами бачагист, пайванд медиҳад, то манзараи ҷаҳони бачагиро пеши назар муҷассам намуда, андешаи ғиноии худро ҳам ба муассирӣ ифода карда тавонад. Ҳамчунонки дар бандҳои иқтибосшуда дида мешавад, амалҳои дарав, хӯшачинӣ, турнашуморӣ, шастандозӣ ҳолатҳои бекасию танҳоӣ, интизорӣ, боумедӣ ва ашёи хӯша, доман, саҳро, санг, турна, шаст, рӯд, моҳӣ ҳама бори вазифаеро кашидаанд, ки авзои шахси шеърро дар олами бачагиаш воқеъбинона ифодаву тасвир намоянд. Эҳсосоти шоир дар ин шеър рӯҳафзо, вале каме омехта бо ҳузни ширин аст, агар фараҳмандии он аз ёд овардани лаҳзаҳои сурурбахши баччагияш, мисли он аст, ки дар ин банд мегӯяд:

Ханда мекардам ба сӯи шаршара,

Ханда меомад зи санги ҳар дара –

Баччагиям ханда бар лаб лаб-лаби дарё гузашт [357, 278].

– ҳузнаш аз он аст, ки баччагияш дар бекасию хӯшачинӣ, яъне на дар дороию рифоҳ гузаштааст. Аммо ба ҳар ҳол баччагӣ бо аввалин эҳсосоти бачагона дилбохтанҳо, ки як умр дар хотир боқӣ мемонад, дар замири шоир ёди ширине бедор мекунад. Дар таассуроти ғиноии шоир аз бачагӣ ҳама чиз зиндаву ҷондор аст, бинобар он ӯ ба сӯи шаршара механдад, зеро онро зиндаву ҷондор меангорад, санги дара ҳам хандаи ӯро шунида, дар ҷавоб ба ӯ ҳам механдад, ки хеле шоирона аст, на акси садо медиҳад, балки механдад, зеро ҷондор ангорида шудааст. Ҳамаи ин зебоӣ ва зинда нигоштани ҳолатро шоир ба воситаи бетаъкид ва ноаён ташхисонидани ҷузъиёти олами табиат – шаршара, дараву сангҳои он ба даст овардааст. Эҳсосоти ошиқонаи бачагии шахсияти ғиноӣ беҷавоб мемонад, зеро ба «номаҳо» -и «беҳисоб» «аз он сӯ намеомад ҷавоб» ва аз ин қиёси хубе гирифта мешавад, ки: «Баччагӣ чун номае бар ёри бепарво гузашт» [357, 278]. Дар панҷ банди боло, ба ҷуз банди аввал, дар ду мисраи нахуст аз амали шахсияти ғиноӣ ва дар мисраи тасмит вобаста ба он чӣ гуна гузаштани баччагӣ ифода карда мешуд, аммо дар банди шашуму ҳафтум мубтадои ҳамаи амалҳо бачагист, зеро шоир мехоҳад, ки меҳвари амудии шеърро қоимтар сохта, шиддати баёни таассуроти даргузарии бачагиро ба нуқтаи авҷаш бирасонад. Феълҳоро ҳам ба ҳамин манзури шиддат бахшидани баён ҳамчун радиф – рехт, рехт, – набуд, набуд – ба такрор меорад:

Баччагӣ чун шохборон рехт, рехт,

Баччагӣ чун обшорон рехт, рехт.

Ё мисоли шохнам аз дашти бопаҳно гузашт.

Баччагӣ гӯё буду гӯё набуд,

Баччагӣ аз мо буду аз мо набуд,

Бехабар мондем, то дидем фарсаххо гузашт [357, 278].

Дар банди шашум ду вожаи зебои шохборон ва шохнам, ки аз навъҳои гуногуни борон – резаборону селборон ҳастанду аз забони маҳал омада, дар забони адабӣ истеъмол дошта бошанд ҳам, ҳоло тозагии худро гум накардаанд, ба шеваи баён таровот бахшидаанд. Дар чаҳор мисраи ғайри мисраи тасмити ин ду банд ҳамаи таъбиру вожаҳо, махсусан, дар банди ҳафтум «Баччагӣ гӯё буду гӯё набуд, // Баччагӣ аз мо буду аз мо набуд» ба ҳам мувозӣ, ба шакли тарсеъ омада, шеърро ба ниҳояти мусиқоӣ расонидаанд. Шоир дар банди ҳаштум, ки мақтаи шеър мебошад, ҳамон санъати тарсеъ ва мусиқоии байтҳоро нигоҳ дошта, ба тасвиркорӣ рӯй меорад ва бачагиро ташбеҳи зебои хаёлпардозона медиҳад:

Баччагӣ – гулгуни зарринёли ман,
Баччагӣ – гулгуни зарринболи ман –
Ёлу болаш ғарқи гул аз роҳи умри мо гузашт [357, 278].

Гулгун, ба маънои асп, вожаи зебои классикист, ки дар забони имрӯз истифодаи фаровон надорад, аммо месазад, ки вожае ба ин зебоӣ дар ёд бошад. Шоир гулгунро бо сифати зарринёлу зарринбол оварда, ба он тобиши бештари хаёлпардозона медиҳад, ки ба рӯҳияи умумии хаёлпардозонаи шеър биафзояд. Мисраи тасмити охир воқеан ҳусни мақтаъ буда, ёлу боли заррини хаёлангезро ғарқи гул ҳам месозад, ки дар охирин хайрбод бо ҳамон зебоии афсонавияш дар хотир бимонад ва пасон чун ҳар боре ба ёд оварда мешавад, боз бо ҳамон зебоияш ҷилвагар гардад. Дар мисраи тасмит омадани вожаи гул, ки дар ҳиҷои аввали вожаи гулгун дар ду мисраи аввали банд ду бор ҷой дошт, ҳусни дигаре бар мусиқоии шеър афзудааст.

Шеъри «Баччагиям бекасу танҳо гузашт» ва шеъри «Ба модарам», ки ҳар ду ҳам ба шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ тааллуқ дошта, дар ин ҷо аз ҷиҳати муҳтаво ва тарзи ифода таҳқиқ карда шуданд, на танҳо далели фарохии ҳудуди гуногунии сабки шоире, ҳамчун Лоиқ, балки вусъати имкони ҳаррангии шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ ҳам мебошанд.

Шоир, ҳар қадар ба камол мерасад, ҳамон қадар мекӯшад, ки ягонагии диалектикии оламу одамро баёниву тасвирӣ ба қалам орад ва барои амалӣ кардани ин манзур аз воситаҳои ифодаи тоза ба тозаи бадеӣ ва ҳолатҳои рӯҳу равонӣ суд меҷӯяд. Лоиқ ҳам, ки дар ашъораш рангомезиҳои оламу одамро дар гуногунтарин зуҳуроташ дақиқ ва бадеъу шоирона ба тасвир мегирад, барои он ки тарзу тариқи ибрози андешаву эҳсосот ва маърифати шоиронааш аз ҷаҳони ҳастӣ якнавохту якранг намонад, роҳҳои тозаи идрок ва ифодаи онро ҷустуҷӯ мекунад. Ӯ чун шоири ғинои ба олами дилҳо ва пеш аз ҳама ба ҷаҳони ботинии худ фурӯ меравад ва ба савту навои дилаш, ки гоҳ аз розу ниёзҳои ошиқиву гоҳ аз шебу фарозҳои зиндагии иҷтимоӣ бармехезад, ба таваҷҷуҳи хоса гӯш медиҳад. Шеърҳои андешаву эҳсосоти отифии тасвирӣ, аз ҷумла «Баҳоре буду маҷнунбеди навбарг» (с. 1982), «Ниҳеб» (с. 1984), «Ду раҳсозему раҳпаймо – ману дарё, ману дарё» (с. 1986), «Аз куҷо омадӣ, эй чашмаи нур» (с. 1986), «Боз дарёву боз кӯҳаи мавҷ» (с. 1988) аз ҳамин гуна шеърҳоеанд, ки дар онҳо шоир бо ҳодисоти ҷаҳони ҳастиву рӯҳӣ на фақат бархӯрди яклаҳзаина дорад, балки он воқеотро ҳамчун як ҷузъи том аз ҳаёти шахсии худ ва ё воқеияти мавҷуда ба қалам меорад. Дар баробари он ки шоир ба савту навои дили худ гӯш дода, акси садои онро дар ҳодисоти олами хориҷ меҷӯяд, ӯ дар навъи дигари шеърҳояш олами берунро мушоҳидаву мулоҳиза карда, дили худро гӯш медиҳад, ки аз он дар ҷавоб чӣ садое бармехезад.

Изтиробе, ки дар ашъори андешаҳои отифии тасвирии Лоиқ оид ба эътибори зарурӣ надодан ба масъалаҳои ҳаёти маънавию ахлоқӣ, ки дар тӯли асрҳо меъёри одаму одамият гаштаанд, дар солҳои навадум – даврони бухрони сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва маънавию ахлоқӣ дар ҷомеаи кишвар бо тамоми талхию дарду ғам ва ҳасрату воасафоҳо дар саросари навиштаҳояш садо дод. Дар аввалҳо шоир агар бемаънавиятиву костагии ахлоқи иҷтимоиро як-як медида бошад, дар солҳои навадум бо он дар ҳар сари қадам бармехӯрд, зеро он акнун ба тамоми қишрҳои ҷомеа нуфуз карда буд. Нигоҳдошти арзишҳои маънавӣ дигар масъалае набуд, ки дар маҳдудаи ҳаёти шахсӣ ва таассуроти ахлоқию зебошинохтӣ боқӣ бимонад, он ба масъалае мубаддал гашта буд, ки ҳастии

минбаъдаи миллат ба он бастагӣ дошт. Ва Лоиқ ҳамчун яке аз бедортарин фарзанди миллат наметавонист хомӯш бошад ва ё онро нодида бигирад. Аз ин рӯ, дар ин даҳсола ҳушдор додани миллат, ки ба решаи худ табар назанад, бо гуногунтарин рангу оҳангҳо дар ашъори ӯ баёну ифода шуданд. Барои ибрози чунин муҳтаво ӯ бештар ба қолаби ғазал рӯй овард, ки аз жанрҳои маҳбуби шеъри классикист, зеро мехост маҳбубияти ғазал ҳам барои зудтару беҳтар расонидани манзури ватанпарастиаш мадад карда, таваҷҷуҳи хонандаро бештар ба худ кашад ва доираи интишори онро фарохтар намояд, ки ҳамин тавр ҳам шуд. Бояд ба хотир овард, ки аксари беҳтарин ашъори ватанпарастонаи Лоҳутӣ ҳам дар қолаби ғазал гуфта шудаанд. Аз ин метавон чунин хулоса гирифт, ки ҳангоми бузургию муҳиммии муҳтаво мадад ҷустан аз шаклҳои суннатии озмудаву маҳбуб як қонунияти адабӣ ҳам ҳаст, ки дар мавриди зарурӣ ба амал медарояд. Ғазалҳои «Мулк сангистону мо бесангарем» (с. 1990), «Чӣ ҷои шукри шукуфа, баҳор хунин аст» (с. 1992), «Худойгоно, худойгоно, зи одамият куҷо нишоно?» (с. 1994), «Худовандо, ки дар зотат раҳимӣ ҳасту раҳмонӣ» (с. 1994), «Шаҳри шикастаҳо, шаҳри фитодаҳо» (с. 1994), «Ҷон ба қурбони ту, эй меҳани хунинкафанам» (с. 1996), «Беғам ҳама ғамхорҳо, бесар ҳама сардорҳо» (с. 1996), «Чӣ хабар? Чӣ ҷангу даъво? Ту напурсу ман нагӯям» (с. 1997), «Як наъраи шерона, эй миллати шеравжан» (с. 1997) аз ҷумлаи ҳамон ғазалҳо ҳастанд, ки андешаву эҳсосоти оганда аз дарду ранҷи миллатро, ки дар ниҳоди шоир ба туғён меоянд, ба воситаи тасвирҳои ашёвӣ ва баёни муаасиру фарогир ифода менамоянд. Ин ғазалҳо ба анвои гуногуни шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ тааллуқ доранд, ки яке бештар ҳисгароёна дигаре ақлгароёна, яке бештар тасвирӣ дигаре ташреҳӣ, яке бо мурочиат ба шайъ дигаре бо розу ниёз ба худии худ, яке бо саволу ҷавоб дигаре бо хитобу таҳайюр ва монанди инҳо гуфта шудаанд, ки аз гуногунии тарзу тариқ ва воситаҳои тасвиру баёни шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ ва ҳамчунин аз қудрати шоир, ки аз он ҳама имконот устодона истифода карда тавонистааст, шаҳодат медиҳанд.

Ғазали «Худойгоно, худойгоно, зи одамият куҷо нишоно?» аз барангезиши ҳиссӣ, ки аз мурочиат ба Худованд иборат аст, оғоз шуда, таҳайюри шоирро аз

авзои фоҷиабарангези замон бо табу тоби баланд изҳор менамояд ва хонандаро аз байтҳои аввал якбора ба таҳти нуфузи худ мегирад. Шахси шоир, ки дар ин ғазал сухан аз забони ӯст, дар муҳити пурфоҷиа низ ҳамчун шахсияти фоҷиавӣ ба назар меояд, зеро ӯ, ки ҳамеша худро на танҳо ҳамқисмат, балки масъули қисмати халқ ҳам медонист, дар ин ҳол бетараф буда наметавонист. Бинобар, ҳамаи он ишқу муҳаббате, ки ӯ ба озодию ободӣ дошт ва халқи худро накӯкору ободгар мешинохт, дар вуҷудаш ба туғён омада, ба азобу изтироб, хашму ғазаб, инкору идбор мубаддал шуда, дар ҳар мисраъ ба оҳанги дилмондагию дилшикастагӣ ва танҳоию ноумедӣ танин меандозад, ки, аз ҷумла дар ин байтҳои оғозин ҳам шунида мешавад:

Худойгоно, худойгоно, зи одамият куҷо нишоно?
Чаро ба гӯшам зи ҳар забоно расад ғирево, расад
фиғоно?
Бубин ту хасро шуда Сикандар, бубин магасро шуда
самандар,
Ба рағми ино, алайҳи оно куҷост тобо, куҷо тавоно?
Ҳама разолат шуда рисолат, ҳама фалокат шуда
кафолат,
Ки корд акнун расида то бун ба мағзи ҷоно, ба
устухоно [358, 79].

Ин ва байтҳои дигари ин ғазал, ҳарчанд баъзе ба шакли саволиянд, аммо умуман ба монанди монологи инкоркунанда, яъне гуфтугӯе, ки шоир бо худ дорад ва он чизеро, ки аз авзои замон мегӯяд, худ ҳаргиз қабул надорад, бо табу тоби баланд баён менамоянд. Шахси шоир як-ду даҳсола пештар дар чеҳраи фарзандони ҳамин халқ онҳоеро медид, ки ормонҳои маънавию иҷтимоии ӯро ба амал татбиқ хоҳанд кард, акнун ки бархе аз онҳо теша ба решаи миллат мезананд, дарду ғам ва ҳасрату надомати шоир аз ин фоҷиа бо муассиртарин ва шадидтарин воситаҳои бадеӣ ва баёнӣ иброз мешавад. Аз мисраи аввал сабки сухан табу тоби баланде дорад, зеро шоир бо «худойгогоно, худойгоно, зи

одамият куҷо нишоно?» гуфтани худ ҷавобе намехоҳад ва мафҳуми одамият намондаастро, ки хабарии одист, дар шакли «зи одамият куҷо нишоно?» овардан маъниро ба воситаи баёнӣ ба маротиб муассиру шадид ифода кардан аст.

Чунин ба назар мерасад, ки бунёди фалсафии ин ғазал бар муборизаи ду қувва – эҳсоси инкори он чизе, ки шахси шоир дар айни ҳол дар рӯ ба рӯяш мебинад ва дар зимни он ҳисси ҳасрат аз чизҳое, ки қаблан буду ҳоло аз байн рафтааст, гузошта шудааст, вале ин ноаён ва бетаъкиду табиӣ ба ҷо оварда мешавад. Масалан, дар ҳамон иқтибоси боло дар байти сеюм ҳангоме ки «Ҳама разолат шуда рисолат, ҳама фалокат шуда кафолат, // Ки корд акнун расида то бун ба мағзи ҷоно, ба устухоно» гуфта шуда, ба разолат ва ба фалокат табдил шудани рисолат ва кафолат таъкид ва қабули он инкор мегардад, дар як вақт ҳисси таассуф аз нобуд шудани рисолат ва кафолате, ки қаблан буд, ба зуҳур меояд. Ин ба як воситаи сабкӣ баён кардани ду навъи ҳиссиёт аст. Ин хусусият дар байти чаҳорум низ ба мушоҳида мерасад:

Шудаст мазҳаб фидои мансаб, шудаст мансаб фидои
матлаб,
Касе надорад ғами раият на хаскашоно, на
шахкамоно [358, 79].

Ҳамин тариқ, аз эҳсоси дуҷиҳатаи воқеият, яъне эҳсоси инкории воқеияти айнизамонӣ ва эҳсоси аздастдодагии воқеияти пешин тимсоли ягонаи воқеияти мавҷудаи кишвар пеши назар меояд, ки барои ҳар фарди ҷомеа ошно буда, дар як вақт фарохои воқеияти таърихиро дар бар мегирад. Шахси шоир, ки дар муҳити ин воқеият қарор дорад, наметавонад аз он бар канор бошад ва ба ӯ, чун ба фарди огоҳи иҷтимоӣ зарур меояд, ки муносибати худро ба он муайян намояд. Бинобар ин, дар идроку эҳсоси сиёсиву иҷтимоии ӯ ин муҳит ба ду замон ҷудо мешавад, яке бар гузашта, ки аз рафтани он афсӯс мехӯрад, дигаре ҳозира, ки онро бо тамоми қудрати шоириаш мазаммат ва инкор мекунад.

Дар ин ва ғазалҳои дигаре, ки Лоиқ дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ бар муқобили он навиштааст, тарҳи шахсияти фардии ӯ рангу равғани баланде касб карда, ба шахсияти таъмимии иҷтимоӣ мубаддал мешавад, ки дар ин асос дар бораи дар ин ғазалҳо арзи вуҷуд кардани шахсияти ғиноӣ сухан рондан мумкин аст. Зеро дар ин ғазалҳо шахси шоир дигар танҳо шахси ӯ набуда, тимсоли зиёиёни ватандӯст аст, ки аз фоҷиаи ватан ранҷу азоби гӯшношида мекашад ва сабабгорони онро аз хавфи ҷони худ наҳаросида, бо тамоми имконоти доштааш нафрин ва маҳкум мекунад. Дар асоси тасвири инкори ҷанги ҳамватанӣ ва мазаммати боло донистани манфиатҳои шахсию гурӯҳии худ аз манфиатҳои миллӣ тимсоли шахсияте офарида мешавад, ки дар саросари ин ғазалҳо арзи андом карда, дар баробари изҳори нафрин ва ҳатто дилмондагии худ «аз ин халқу Ватан» [358, 134], аммо дар умқи дил ҳамеша ватандӯсту ватанпарвари асил боқӣ мемонад. Чунин шахсияти бадеӣ дорои хусусиятҳое мебошад, ки ӯро ҳамчун қаҳрамони ғиноӣ дар шеър муаррифӣ карда метавонад.

Шахсияти ғиноӣ дар ин ва ин гуна ғазалҳои Лоиқ, ҳамчунонки дида мешавад, шуури интиқодӣ дорад, ки дар асоси мушоҳида ва қабул карда натавонистани воқеияти мавҷуда, ки хатари аз байн бурдани ягонагии миллатро ба амал оварда буд, шакл гирифта, оганда бо изҳори таассуфу ҳасрат ва дарду ғам ба забон меояд. Аммо бо вуҷуди ҳар қадар сахту шадид будани ин шуури интиқодӣ он хусусияти муҳимтари дигаре дорад, ки эҳсоси ватандӯстии асил аст ва ин эҳсос махсуси қишри солими ҷомеа мебошад, ки манфиати мардум ва миллатро ҳамеша болотар аз манфиатҳои дигар медонад. Бинобар он, дар шуури шахсияти ғиноии ин ғазалҳо дар фаҷеътарин ҳолатҳо ҳам партаве аз умед ва ғояи ҳаётдӯстӣ ба назар мерасад, ки дар байти мақтаи ин ғазал ҳам мавҷуд аст:

Дар ин замино, дар ин замоно бидеҳ шаҳомат ба
точиконо,
Тамомбино, тамомдоно, худойгоно, худойгоно! [358, 80].

Ин ғазал аз лиҳози сохтор, бадеият ва баён ҳам хусусиятҳое дорад, ки онро аз ғазалҳои дигари Лоиқ мутамайиз месозад ва далели бо камоли маҳорати шоирӣ суруда шудани он мебошад. Вазни ғазал бар мутақорибиби мақбузи аслам асос дорад, ки аз чаҳор бор такрор омадани рукнҳои **фаӯлу фаълун** дар як байт ҳосил мешавад, аммо дар ин ғазал он ду баробар афзуда, ҳар як мисраъ ба 20 ҳиҷо расонида шудааст, ки дар таҷрибаи истифодаи ин вазн кам ба назар мерасад. Масалан, аз пешиниён дар ашъори Исмати Бухороӣ [36, 273] ва аз муосирин дар Нодири Нодирпур ҳамин гуна намуна ҷой дорад. Махсусан, ғазали Нодирпур, ки дар Тоҷикистон ҳам ба нашр расида буд, дар байни мухлисони шеър иштиҳори зиёд дошт, ки Лоиқ ҳам аз он огоҳ буд. Онро ҳофизи мардумӣ Одина Ҳошим ба оҳанги зебое ҳам месуруд.

Куҳан диёро, диёри ёро! Дил аз ту кандам, вале надонам
Ки гар гурезам, куҷо гурезам, в-агар бимонам, куҷо бимонам
На пойи рафтан, на тоби мондан, чӣ гуна гӯям, дарахти хушкам
Аҷаб набошад, агар табарзан, тамаъ бубандад дар устухонам [140, 721].

Сабаби асосии шухрат ёфтани ин ғазал дар Тоҷикистон ҳамоҳангии он бо вазъи рӯҳии мардуми кишвар дар он замон буд. Ва тардиде нест, ки Лоиқ ҳангоми эҷоди ғазали худ ба ин ғазали Нодирпур назар доштааст, аммо дафъатан мунсифона бояд гуфт, ки ин ғазал комилан мустақил аст ва зиёда аз ин бо муҳтавои амиқу муҳим ва ифодаи муассиру баёни рехтаву маҳкам бар бисёр ғазалҳои муосир руҷҳон дорад.

Дар ғазали Лоиқ афзудани рукнҳои вазн ба тақозои гунҷонидани мазмун сурат гирифта, аз назари сабк барои ифодаи пурбору лангардори муҳтаво хидмат кардааст. Ҳар байт ба замми қофияи маъмулӣ, ки дар охир меояд, дар дохил ҳам қофияҳои дарунӣ дорад, ки рукнҳоро ҳамоҳанг месозад:

Бубин ту хасро шуда Сикандар, бубин магасро шуда самандар,
Ба рағми ино, алайҳи оно куҷост тобо, куҷо тавоно? [358, 79]

Дар ин байт дар мисраи аввал калимаҳои хас бо магас, Сикандар бо самандар ва дар мисраи дуюм ино бо оно ва тобо бо тавоно бар иловаи қофияи маъмулии ғазал ба ҳам ҳамқофия оварда шудаанд, ки баёнро хушоҳанг сохта, ҳарорат ва табу тоби ифодаро ба ниҳоят мерасонанд. Дар ин ҷо дар мисраи аввал рукни дуюм бо рукни шашум ва рукни чаҳорум бо ҳаштум қофия баста шудааст, вале дар баъзе мисраъҳо ҳар чаҳор рукни фаӯлу фаълун, ба монанди ин мисраъ, ҳама қофиядор сохта шудаанд: «Шудаст мазҳаб фидои мансаб, шудаст мансаб фидои матлаб» [358, 79], ки шиддати баёнро боз бештар меафзоянд. Дар ин ғазал навъҳои дигари қофиябандии дарунӣ, ба мисли «Камаршикаста, асошикаста ба раҳгузори худо нишаста» [358, 79] низ вуҷуд дорад, ки далели дар ҳар маврид ба тақозои мазмун, савту оҳанг ва задаи мантиқии рукн каму беш овардани онҳо мебошад.

Лоиқ дар ин ғазал на фақат аз ҳунари баён, балки аз воситаҳои бадеъ ҳам фаровон ва ба камоли устодӣ истифода кардааст. Масалан, дар мисраи «Бубин ту хасро шуда Сикандар, бубин магасро шуда самандар» чандин воситаи бадеъро моҳирона ба кор бурдааст, ки киноя, ташбеҳ, талмеҳ, ташхису ҷондорангорӣ, муболиға аз ҷумлаи онҳост. Хас, киноя аз афроди ночиз аст, ки ба воситаи ташбеҳу талмеҳ, муболиғаву тазод ва ташхису ҷондорангорӣ ба Сикандар ва магас ҳам ба ҳамин тарз ба самандар монанд карда шудааст. Ин қадар воситаҳои бадеъро, ки заминаи ҳунарӣ ва ашёвии шеърро пурбор месозанд, ба ин афшурдагӣ дар як мисраъ истифода кардан камоли ҳунар аст.

Ҳамчунонки қайд шуд, шахсияти ғиноӣ дар ин ғазал асосан бо интиқод ва инкору таассуф сухан меронад, аммо дар мавридҳои зарурӣ аз воситаҳои дигари сабкӣ, масалан, аз ришханду мазоҳ ҳам истифода мекунад, ки байтҳои ғазал тобишҳои гуногун дошта бошанд. Масалан, дар ин байт хулқу атвори баъзе афроди ночизу ношоиста бо киноя ҳаҷву мазоҳи тунду тезе карда шудааст:

Ҳазор пиле ба пашша ҷондор, ҳазор гурба ба муш ғамхор,
Ба ҳифзи мардум зи дасти ҳар шум на посдоро, на посбоно [358, 80].

Ифодаи манзури шоир дар ин ғазал дар баъзе байтҳо ба мартабаи шоҳбайтӣ паҳлу мезанад, ҳамчунонки дар ин байт ҳаст:

На роҳи равшан, на моҳи равшан, на нони хӯрдан, на ҷони мурдан,
Касе наёрад зи кас бипурсад, чаро чунино, чаро чуноно? [358, 80]

Дар ғазалҳои солҳои навадуми Лоиқ тимсоли таъмимшудаи Ватани тоҷик ба назар мерасад, ки бо вуҷуди гирифтори фоҷиаи маҳалбозию гурӯҳбозиҳо буданаш, вале боз ҳам ягона дарк мешавад, ки тамоми фикру зикри шахсияти ғиноӣ, новобаста аз интиқоду ҳаҷви тезу тундаш, сарфи аз нав ба роҳи саломат даровардани он мебошад. Дар натиҷа тимсоли шахсияти ғиноии ин ғазалҳо ҳам ба монанди ҷузъе аз тимсоли таъмимшудаи ватан намудор мешавад, ки дар муҳити воқеъии он амал мекунад. Андешаҳои отифии тасвирии ӯ ба ҳар навъе, ки баён шаванд, хоҳ бештар тасвирию маҳсус, хоҳ ақгароёнаву муҷаррад, хоҳ ба тариқи танқид ва хоҳ ба тарзи таҳсин, дар ҳама ҳолат аз таҳти дилу ҷон буда, оғуштаи муҳаббати самимонаи шоире мебошанд, ки дил ба обу хоки ватан, мардуми шариф ва суннатҳои асили ҳаётбахшаш бастааст.

Бозор Собир аз аввалин маҷмӯаи худ «Пайванд» (с. 1971) шоири баркамол ба назар мерасид, зеро ҳам аз ҷиҳати синну солу зиндагӣ (он вақт ӯ сиву се сол дошт) ва ҳам аз назари эҷодӣ таҷрибаи муайяне андӯхта буд. То нашри маҷмӯаи аввалаш ӯ дар Афғонистон як сол ба сифати тарҷумон хидмат карда, бо шеъри форсии муосири Афғонистону Эрон ошноӣ дошт, ки ин шеър дар он солҳо бо сабаби бастагии сарҳадҳо ва ночиз будани иртиботи фарҳангӣ бо ин кишварҳо ба шоирони тоҷик кам дастрас буд. Шеъри ин кишварҳо дар он айём аз шеъри тоҷикӣ аз назари муҳтавову сабк, забону баён ва ифодаи шайъии эҳсосоту таассурот бештар дастовард дошт, ки Бозор Собир он таҷрибаро эҷодкорона омӯхта буд. Бинобар он, ашъори маҷмӯаи аввали ӯ нисбат ба маҷмӯаҳои аввали шоирони дигар, ки дар он замон ба арсаи адабиёт ворид мешуданд, аз ҷиҳати

муҳтаво, ифодаи бадеиву шайъӣ ва тасвир пурбору ҳунармандонатар ба шумор меомад.

Маълум аст, ки барои адабиёт ва хосса шеър, тарзи умумӣ ва корхӯрдаи тасвири эҳсосот ва воқеият роиҷ буда наметавонад, зеро қариб ҳазор сол қабл аз ин “сухан нав ор, ки навро ҳаловатест дигар” гуфтаанд ва дар масъалаи талаби тозагӣ аз шеър ҷойи ҳеҷ баҳсу талоше нест. Ҳар шаклу василаи бадеие, ки умумиву дастхӯрда шудааст, парвози озодонаи тахайюлотро маҳдуд сохта, имкон намедиҳад, ки эҳсосоту таасурот бо ҳамон тару тозагӣ ва шадидиаш, ки дар ботини шахсияти шеър ба ғалаён меояд, ифода карда шавад.

Вале дар назар бояд дошт, ки шеъри ҳар давра ва ё муҳити адабӣ аз як меъёри шахсӣ фаротар меравад ва шинохтану истифодаи он ба шоир имкон доданаш мумкин аст, ки ба дастовардҳои муҳими бадеӣ ноил шавад. Бозор Собир ба таҷрибаи шеъри кишварҳои ҳамзабон маҳз ба ҳамин меъёри фарошахсӣ рӯй меовард, ки бо вуҷуди аз ҷониби шоирони ин кишварҳо истифода шуданашон моли сабки шахсии ҳеҷ яки онҳо набуд. Дар ин замина ӯ фардияти сабки худро нигоҳ дошта, ҷаҳони ботинии худро ҳамчун шахсияти бадеӣ пурра нишон дода метавонист.

Аз шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ, ки Бозор Собир дар солҳои шаст навиштааст, шеърҳои «Ҳавас», «Бозгашт», «Ёдгори рӯзҳои даргузар» ҷолибанд, ки дар онҳо сифатҳои асосии истеъдоди шоирии ӯ – самимона розу ниёз карда, на танҳо хонанда, балки муҳит ва олами ашёро ҳам ба худ ҳамдилу ҳамсуҳбат донистан, ба таври зарурӣ зоҳир шудаанд. Аз ин рӯ, дар ин шеърҳо эҳсосоту таассурот камтар баёни ҳарфӣ, вале бештар тасвиру ифода гашта, таъсири амиқи бадеӣ боқӣ мегузоранд. Дар ин радиф шеъри «Ҳавас» ҷолиби диққат аст, ки на фақат орзуи инсонии шоирро ифода менамояд, балки ба чӣ ҷаҳоне майл доштани нигоҳи шоиронаи ӯро нишон медиҳад:

Боз овораи айёми тамуз,
Боз хоҳони ҳавоҳои дигар
Ба ҳаво мегузаред аз назарам

Достакҳо, ҳама рӯз,

Ҳама пуршӯртар аз хотири ман.

Хоҳам имрӯз ба ҳамроҳи шумо,

синасафедони баҳор,

Бикушоям пару бол,

Равам он ҷо, ки маро шому саҳар

Нигаҳе мекобад,

Мезанад бӯса раҳи омаданамро ба умед… [197, 24]

Сужаи ғиноии ин шеър бевосита аз ҳолате, ки шоир дорад, аз дидани парвози достакҳои болои сараш оғоз шуда, хаёлоти ӯро бо худ мебарад. Сужа дар шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ на танҳо ба мафҳуми инкишофи ҳодисаҳо, балки ҳамчун инкишоф, ҷараёни андеша, таассурот, эҳсосот бештар мавқеъ дорад, ки дар ин маврид ҳам ҳамин тавр аст. Як дидани парвози достакҳо хаёлоти шоирро бо худ бурда, хоҳишҳоеро, ки дар ниҳонхонаи дили ӯ хуфтаанд, бедор мекунад, яъне як амали дидан барои оғоз шудани силсилаи таассурот сабаб мешавад ва баъд аз ин сужаи шеър ба роҳи ифодаи эҳсосоту таассурот давом меёбад. Ин гуна аз як воқеа, ҳолат ва ё сужае, ки шоир барои ифодаи муҳтавои бадеияш месозад, ибтидо гирифтани шеър имкон медиҳад, ки ҷараёни эҳсосоти мусалсал ба пуррагӣ ифода карда шавад. Дар ин ҳолат ҳодиса танҳо васила аст, мақсад ва сужаи ҳақиқии шеър дарк, муносибат ва таассуротест, ки шоир аз он бармедорад. Муҳиммии масъала на дар ҳодиса, балки дар чигунагии идроки шоир аст, ки онро эҷодкоронаву хаёлангез мебинад ва ин ҳолат дар ӯ эҳсосоту таассуроти мусалсалро ба вуҷуд оварда, хусусияти воқеанигории шеър маҳдуд ва заминаи таассуротии онро фарох месозад. Ҷараёни инкишофи муносибати шахсияти шеър ба ҳодиса ва ё шайъ бештар мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад. Сужаи асосӣ ҳам аз ҳамин ҷараёни эҷодкорона дидан, дарк кардан, эҳсосоту таассуроти худро бо табу тоби баланд ба он пайванд дода тавонистан иборат мешавад, ки дар натиҷа шеърро мухтасар, вале пурбору пургунҷоиш менамояд.

Ҳамин тариқ, дар шеъри «Ҳавас» ҳам фақат як дидани парвози достакҳо дар шахси шеър хоҳишҳоеро ба вуҷуд меорад, ки ба бачагии деҳотиаш вобаста буда, дар замираш ҷой доштааст. Ва он ин тавр ба забон оварда мешавад:

Сипарам роҳи дароз,
Биравам деҳи шинос,
Бинишинам ба лаби боми падар,
Бинишинам ба сари дастниҳоли падарӣ,
Кашам овоз ба монанди шумо
Ва дар он гӯшаи сабз
Лонае аз гилу хошок кунам [197, 24].

Ин як шеъри содаест, ки шоир дар ибтидои эҷодиёташ гуфтааст, аммо намоёнгари хусусиятҳои умдаи ашъори ӯст. Чанде аз хусусиятҳои он, ки ба сужаи ғиноӣ, муносибати шоир ба он, афзалияти эҳсосоту таассурот бар ҳодисаи сужа ва ё шайъи мавриди тасвир дахл доштанд, болотар зикр шуданд, ки минбаъд дар эҷодиёти шоир тавсиа хоҳанд ёфт. Дар ин радиф нишон додани хусусияти сохтори шеър ҳам зарур аст, зеро сохтор дар ифодаи озодонаи андешаи отифӣ ва пуррагии тасвир нақши муҳим дорад. Ин шеър дар қолаби арӯзи озод ё ин ки навъи нимоӣ гуфта шуда, вазнаш бар рамали (мусаддас, мусамман…) махбуни маҳзуф (мақсур, аслам) асос дорад, ки аз рукнҳои фоилотун фаилотун фаилун (фаилон, фаълон) ташкил ёфта, дар ҳар мисраъ ба талаби мазмуну оҳанг каму беш оварда мешаванд. Баъзан рукни аввал ба шакли махбун фаилотун ҳам меояд. Дарозтарин мисраи он «хоҳам имрӯз ба ҳамроҳи шумо, синасафедони баҳор» аз панҷ рукн, ки нуздаҳ ҳиҷои арӯзӣ ва кӯтоҳтарини он «нигаҳе мекобад» аз ду рукн, ки шаш ҳиҷои арӯзиро ташкил медиҳад, иборат мебошад. Адади мисраъҳо дар пора ба тамом ифода шудани ҷузъи андешаву эҳсосот вобастааст. Ин шеър, ки 17 мисраъ дорад, ба се пора ҷудо мешавад, ки мутаносибан аз панҷ, панҷ ва ҳафт мисраъ иборат мебошад. Ҷойи қофия дар он муайян нест, танҳо дар банди аввал мисраи якум бо чаҳорум ҳамқофия омада, дар дохили бандҳои дигар қофия вуҷуд

надорад, аммо дар баъзе мисраъҳои ҳар се банд ҳам калимаҳои дигар, саҳар, падар дар охир омадаанд, ки ҳамқофияанд, вале азбаски онҳо аз ҳам хеле дур афтодаанд, вазифаи махсуси қофиявӣ надоранд. Ин ҳама далели он аст, ки шакли шеър аз қавонини пешакӣ озод буда, дар ҳар банд ба тақозои ифодаи комили мазмуну оҳанг сурат мегирад. Ҳар се пора аз мисраъҳои дарозу кӯтоҳ ба ҳам омадаанд, вале бо хотири ба эътибор гирифтани тамомияти маъноиву мантиқии баёни фикру эҳсосот ва зарбу лаҳни сухан равону хушоҳанганд. Аммо ҳар пора аз ҷиҳати ифодаи андешаву эҳсосот ва лаҳну оҳанг тамомшудаву комил аст. Пораи аввали шеър аз назару аз хотири шахси шеър парвозкунон гузаштани достакҳо, пораи дуюм асари ин диданро, ки боиси пайдо шудани хоҳиши ҳамроҳи онҳо парвоз карда рафтан ва пораи севум давоми амалеро, ки барои расидан ба маҳалли хоҳиш, яъне деҳу хонаи падарӣ зарур аст, ифода намудааст. Парвози достакҳо заминаи тасвирӣ ва зикри ҷузъиёти муҳит пару бол, роҳ, деҳ, лаби бом, дастниҳол, гӯшаи сабз, лона, гилу хошок заминаи ашёвии шеърро ташкил дода, ифодаи андешаву эҳсосотро маҳсусу тасаввуршаванда сохтаанд.

Дар ин ҷо оид ба таносуби сужа ва ё шайъи тасвир бо эҳсосоту таассуроти шоир бояд қайд кард, ки ҳамин сужа ва ашёе, ки дар заминаи шеър қарор гирифтаанд, бедоркунандаи маҳз ҳамон эҳсосоту таассуроте нестанд, ки баён шудаанд, пас аз ин бармеояд, ки дар айни ҳол муносибати шоир бо онҳо муҳим мебошад. Шоир аст, ки бо чигунагии муносибати худ ин сужа ва ашёро барои ифодаи манзури худ мувофиқ месозад, вагарна на дар ҳама кас ва на дар ҳама ҳолат тамошои фақат парвози достакҳо ба чунин ҷараёни андеша ва эҳсосоти мусалсал расониданаш мумкин аст. Бинобар сужаи асосии ин шеър ва ашъори дигари аз ҳамин қабили Бозор Собир на ҳодиса ва ашё, балки муносибати шахси шоир ба онҳо мебошад, ки дар натиҷаи дарки эҷодкоронаву озодонаи онҳо риштаи эҳсосоти мусалсал пайдо мешавад.

Дар баробари ин дар эҷодиёти Бозор Собир навъи дигари ашъори андешаҳои отифии тасвирӣ низ мавҷуданд, ки дар онҳо ҳодиса ва ё шайъ дар мақоми аввал буда, шахси шеър дар зимни онҳо арзи вуҷуд менамояд. Дар ин ҳолат, шахси шоир ба олами шахсе, ки дар шеър ба ҷойи субъект қарор

гирифтааст, ворид шуда, эҳсосоту таассуротро аз забони ӯ баён мекунад. Дар маҷмӯаи дуюми Бозор Собир «Оташбарг» (с. 1974) шеърҳои «Антигона» (Илҳом аз муҷассамаи «Модари Литва»), «Пирамард» аз ҳамин навъи ашъори андешаҳои отифии ғиноиянд. Дар ҳар дуи ин шеър муҷассама ва пирмард ҳам мавзӯъ (объект) ва ҳам шахс (субъект) -и шеър ҳастанд, ки шоир ба забони онҳо сухан мегӯяд. Азбаски эҳсосоту таассурот ба шайъ, дар айни ҳол субъекти ҷудо аз шоир вобастааст, он воқеӣ, обективӣ ифода мешавад. Дар шеъри «Антигона», ки эҳсосоти модарони дар ҷанги меҳанӣ фарзандгумкарда баён мешавад, аз забони ҳайкали модар чунин суханҳо садо медиҳанд, ки ҳамсанги бузургиҳои ӯ ҳастанд:

Ман модарам, маломати дунё кашидаам,
Ман модарам, ба кулфати дунё гиристаам.
Ҳар чанд ман санг бастаам, ман зиндаам ҳанӯз,
Ҳар чанд сангҳайкалам, ман нола мекунам [198, 5].

Ҳарчанд Бозор Собир худ аз шоирони насли ҷанг нест, аммо сахтиҳои онро дар бачагии худ кашидааст, бинобар он дарди модари литвонӣ ба ӯ шинос аст, зеро дар ранҷу азоби ӯ ранҷу азоби модари тоҷик, модари худро ҳам мебинад. Чизе, ки дар хотираи модари литвонӣ мондааст, хотираи башарият аст аз ҳамаи ҷангҳо, ки чунин бо табу тоб ва эҳсоси шадид ҳушдор медиҳад:

Бо он ки санг бастаам, ман боз зиндаам,
Аз ашки ман ҳанӯз
Тар мешавад замин,
В-аз хашми ман ҳисори худо ларза мекунад [198, 6].

Дар шеъри «Пирамард» ҳам таассуроти марде, ки иштирокчии ҷанг будааст, ба қалам оварда шудааст. Ду шеъре, ки дар эҷодиёти Бозор Собир дар нимаи дуюми садаи бист ба назар мерасад ва дар онҳо шоир ба тимсоли дигарон ворид шуда, аз номи онҳо сухан мегӯяд, ҳар ду ҳам шахсиятҳои замони ҷанганд. Яке

зан, тимсоли сангпайкари модар ва дигаре пирмард, собиқ иштирокчии ҷанг, ки бо як байт тамоми даҳшати ҷанг ва зиндагии пасазҷангии худро чунин баён мекунад:

Ман як шаҳиди зиндаам аз арсаҳои ҷанг,
Дар байни зиндаҳову шаҳидони кишварам [198, 22].

Ҳар дуи ин тимсол на фақат аз ҷанг хотироти мудҳиш мегӯянд, балки худ ҳам хотираи ҷанг ҳастанд ва шоир ҳам ба вуҷуди онҳо аз роҳи хотира ворид мешавад, ки ҳикмат дорад, зеро хотира танҳо моли гузашта нест, балки ҳушдордиҳандаи имрӯзу ҳимоятгари фардост. Дар ин шеърҳо воқеияти объективӣ аз забони объект, ки худ субъект ҳам ҳаст, баён мешавад, ки дар он нақши шахси шоир намоён нест. Аммо Бозор Собир шеърҳое ҳам дорад, ки дар онҳо воқеияте, ки як замон мавҷуд буд, дар хотирааш нақш бастаанд ва ӯ онҳоро бо нақши равшани идроки шахсии худ ифода менамояд. Шеъри «Асп» намунаи барҷастаи ин тарзи ифодаи воқеият аст. Аз аввали шеър тимсоли асп дар байни воқеият ва хаёлот қарор дошта, ба ду тарз – хаёлпардозона ва вуқӯънигорона ба тасвир гирифта шудааст, ки онро серпаҳлу менамояд:

Аз рӯй-рӯйи хотираҳои ҷавониам,
Балки аз он диёр, ки гум кардаам падар,
Аспе ҳанӯз медаваду медавад ҳанӯз,
Аспе, ки ҷуз ба хоб намебинамаш дигар.

Пояш сафеду гардану пешониаш сафед,
Соқаш дарозу тахтаи пушташ дарозтар,
Зери шикам ба тахтаи пушташ кашида сахт,
Чашмаш мисоли лахчаи сӯзанда дар назар [204,48].

Тимсоли асп дар ин шеър, ки ба он ҷавониҳои падари шахси шеър, бачагиҳои худи ӯ, кулбаи падар, деҳу пуштаҳои дур, хулоса ҳамаи он чизе, ки бачагии шоирро фаро гирифта буд, иртиботи қавӣ дошта, ҳамаи онҳоро дар худ муҷассам намуда, дар хотираи шоир аз нав зинда мекунад ва аз тимсол фаротар рафта, ба самбул, намод бадал мешавад. Ҳамчунонки Тақии Пурномдориён менависад: “Намод баёнгари куллиёт ва мафоҳими бузург ба василаи мавзуоти ҷузъӣ аст, аммо ин мавзуот ва тасовири ҷузъӣ чунон зинда ва ҷондоранд, ки зеҳнро тасхир мекунанд” [74, 161]. Дар ин ҷо ҳам асп васила ҷузъист, аммо азбаски пайванди қавӣ ва густарда бо бачагагии шоир пайдо кардааст, мафҳуми на танҳо асп, балки падари ҷавондаргузаштаи азиз, бачагии ятимона, хаёлҳои зебои тифлӣ, деҳаи чун орзу ширини шоир ва боз чизҳои дигарро ифода мекунад. Тимсолро ба дараҷаи намод расонидан тахайюлоти ғаниву қавии шоирона мехоҳад, ки дар ин шеъри Бозор Собир зуҳур кардааст. Вақте ки шайъ, дар айни ҳол, асп ба намод бадал мешавад, вай танҳо шайъ нест ва ҳамчунонки Чадвик Чарлз менависад: “Ашё фақат шайъе нестанд, намодҳое аз шаклҳои ормонианд, ки дар паси онҳо пинҳонанд” [315, 17]. Ва асп ҳам баёнгари шаклҳои ормонии бачагии шоир гаштааст.

Маълум аст, ки намодҳоро иҷмолан ба ду гурӯҳи куллӣ тақсим кардан мумкин аст: намодҳои аслӣ ва ғайри аслӣ. Ба намодҳои дастаи аслӣ онҳое дохил мешаванд, ки дар дарозои таърихи зиндагии башар ғайри ихтиёри ӯ аз калима ва ё таркибҳои забоние ба вуҷуд омадаанд, ки ифодакунандаи шайъ ё мафҳуме буда, дар асл маънои ба намодии хеш наздике доштаанд ва тадриҷан ғайри ихтиёри инсон ба худ маънои намодӣ гирифтаанд. Масалан, намоди “хурӯс”, ки маънои бедорӣ аз хоби ғафлат, даъват барои озодиро медиҳад, аз ҷумлаи онҳо буда, ин аз асл, аз табиати худи хурӯс, ки бо бонги субҳонаи худ бедоркунанда аз хоб мебошад, ба вуҷуд омадааст [69, 245-62]. Дастаи дигари намодҳо эҷоди тахайюлоти шоирона аст, ки асп дар шеъри мазкури Бозор Собир аз ин навъи намодҳост. Дар ин ҷо мавридаш аст, ёд оварда шавад, ки: «Асб ё асп... дар фарҳанги Эрон бавижа асбу гардуна аз замонҳои куҳан мавриди истифода будаанд... Равонкобон асбро намоди равони нохудогоҳ ва ғайрибашарӣ

медонанд. Боварҳои қавмӣ ва асотирии фаровоне дар мавриди асб дар миёни милал роиҷ аст ва сабаб шуда, то маънии самбулики фаровоне аз қабили озодӣ, андоми зебо, энержии хуршед, бахшандагӣ, пойдорӣ, пирӯзӣ, қадрдонӣ, суръат, фаҳмидагиву фаросат, нерӯмандӣ, ҳуш, хирасарӣ, сарсахтӣ ва ғурур дар ҳунару андешаи адабӣ ва фарҳангӣ табалвур ёбанд» [52, 64-65]. Аммо ин намодро дар ин шеър эҷоди Бозор Собир хондан бад он сабаб аст, ки шоир онро сар то сари шеър қарор дода, тадриҷан сифат афзуда, такмил медиҳад ва ниҳоят ба ифодаи мафҳуми фарохи мушаххасе қобил месозад, ки манзури ӯст .Дар натиҷа ин намод ва ин гуна намодҳо танҳо дар ҳамон асар маънои мушаххаси намодӣ пайдо карда, далели халлоқият ва тахайюли қудратманди шоир мегарданд ва ба номи ӯ боқӣ мемонанд. Ҳоло бояд аз шеъри шоири эронӣ Манучеҳри Оташӣ “Ханҷарҳо, бӯсаҳову паймонҳо” [150, 26-30] ҳам ёд оварда шавад, ки дар он ҳам намоди асп офарида шуда, доманаи мафҳуми намодии он хеле фароху пургунҷоиш ва пурбортар аз шеъри «Асп»-и Бозор Собир мебошад. Вале он намоди мафҳумҳои дигар аст.

Шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ боз навъе дорад, ки воқеияти объективӣ, хоҳ ҳодиса бошад, хоҳ шайъ, гӯё бо ҳамон воқеияти вуҷуддоштааш аз забони шахси шеър ва ё шоир ифода мешавад. Дар ин гуна шеърҳо маҳалли идрок на дар ботини шоир, балки дар олами хориҷ аст, бинобар таассурот ҳам аз он бештар объективӣ мебошад. Андешаҳои отифии тасвирӣ дар шеърҳои «Ватан», «Дар оғӯши кӯҳистон», «Бухоро», «Забони Ватан» (Гули хор с. 1978) ҳамин гуна домани фарох дошта, мавзӯъҳои муҳимми зиндагии инсон, таърих, озодӣ, тақдири халқ, адолат ва фарҳангро фаро гирифтаанд. Дар ин навъ ашъори Бозор Собир, ки дар онҳо инкишофи афкору эҳсосоти ғиноӣ на муттасил, яке аз дигаре бурун наомада, балки ба болои ҳам зам мешаванд, барангезиши ғиноӣ нақши муҳим дошта, барои эҷоди тимсолҳои пуртаъсир, ифодаи дурахшони андеша ва шадиди эҳсосот хидмат мекунад.

Ашъори андешаҳои отифии тасвирии Бозор Собир аксаран муфассал буда, он муҷазию мухтасарбаёниро, ки ба ин навъи шеър хос аст, надоранд, аммо бо вуҷуди ин дар онҳо на ҳамеша пурҳарфӣ эҳсос мешавад, зеро сухан муҷаррад

набуда, ашёвист. Андешаҳои ӯ, ки аз барангезиши ғиноӣ ва ё ягон санад, ҳодиса ва манзараи табиат оғоз мегиранд, озодона ин ё он тимсол ва ё шабоҳатҳои дигарро ба доираи худ кашида, хонандаро дар асоси ин барангезиши ҳиссӣ ноаён ба хулосаи зарурии ҳикматнок баровардан омода мекунанд.

Ашъори пас аз ин, дар солҳои гуногун навиштаи Бозор Собир, аз ҷумла «Тирамоҳ», «Номаҳо», «Абрҳо», «Дарахти садда шуд дар пушта модар», «Кӯҳи лолагардан», «Навбаҳор устоди марҳамбанд» низ ҳамин гуна хусусият доранд, зеро дар онҳо низ нақши асосии сужасозро на ҳодисаву ашё, балки таассуроти аз онҳо бардоштаи шоир, ки бештар на ба он ҳодисаву ашё, балки ба ҷараёни андешаву эҳсосот ва раъйи шоир вобастаанд, ташкил медиҳанд. Азбаски ин эҳсосот аз ҳам канда набуда, мусалсаланд, онҳо ба ҳамдигар пайванд гирифта, ягонагии сужаи ғиноиро таъмин менамоянд. Аз ин ҷиҳат шеъри «Кӯҳи лолагардан» (Чашми сафедор с. 1991) ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Ин шеър пасон дар маҷмӯаҳои «Симхор» (с. 1999) ва «Аз «Гули хор» то «Симхор» (с. 2003) бо номи «Фасли занона» бо таҳрирҳои сахте ба нашр расидааст, ки дар ин ҷо таҳрири охирин мавриди назар аст. Дар ин шеър, ки аз барангезиши ғиноӣ оғоз мешавад, даҳ тимсоли асосӣ бо риштаи эҳсоси мусалсал ба ҳам пайванд мегирад. Онҳо «чашма», «лолазори гулчӯш», «бед», «борон», «рангинкамон», «бунафша», «сафедор», «шохи гул», «боғи ношумурда», «ҳавои борон» мебошанд, ки ҷараёни муносибати шахси шеър ба онҳо сужаи ғиноии шеърро ташкил додааст.

Як лаҳза тарки раҳ кун,
Ин чашмаро нигаҳ кун,
Ин чашма мезанад чашм,
Чашми занона дорад;
Аз ташнагии чашме
Як чашмаро бинӯшӣ,
Узру баҳона дорад.

Ин лолазори гулчӯш

Сурхида то баногӯш,
Инро макун фаромӯш,
Хунаш, ки мезанад ҷӯш,
Шарми занона дорад…[204,84].

Бозор Собир дар ин шеър аз ашёи гуногун, ки дар назари аввал ба ҳам камтар наздикию шабоҳат доранд, сифатҳоеро меҷӯяд, ки ба ҳам монанд бошанд ва дар ин асос онҳоро сифатҳои «занона» меномад. Ба ҳамин тариқ, чашма «мезанад чашм» -у «чашми занона», «лолазори гулҷӯш сурхида то баногӯш» «шарми занона», «бед…остин метаконад»-у «дасти занона», «борон» «атри занона», «рангинкамон шукуфта…рахти занона» дорад, ва ашёи дигар ҳам монандиҳои занонаро пайдо мекунанд. Ӯ ин ашёро, ки дар онҳо ба ҳам монандӣ меҷӯяд, бо диққати тамом аз назар мегузаронад, паҳлу мегардонад ва сифатеро меёбад, ки онро барои ба зан шабоҳат додан қобил менамояд. Азбаски таваҷҷуҳи асосӣ барои пайдо кардани шабоҳат ҷалб карда шуда, ба як шайъ – зан, тааллуқ дорад, ин ашё ба ҳамдигар зуд робита пайдо мекунанд ва дилчаспу боназокат ба ҷилва омада, тару тозаву шоирона идрок мешаванд. Қувваи ҷозибаи марказшитоб дар ин навъ шеърҳо нисбат ба қувваи марказгурез шадидтар амал карда, ҷузъиётро аз ҳам парокандаву тасодуфӣ нишон надода, барои ифодаи ягонагии мақсадноки андешаву эҳсосот ва ба ҳам пайвастагии онҳо хидмат мекунад.

Дар ашъори андешаҳои отифии тасвирии «Кӯлоби як баёзи пур аз сураи намоз» (с. 1992), «Чашмҳои дурбинҳо кӯр бодо, кӯр!» (с. 1994), «Навбаҳор устои марҳамбанд» (с. 1997) ва як қатор шеърҳои дигари Бозор Собир, ки сохтмони шеър бар асоси эҳсосу андешаи мусалсал қарор мегирад, низ ҳамин навъи ба ҳам вобаста намудани ашёву суратҳои гуногун ба кор бурда мешавад. Шоир дар онҳо як шайъро бо шайъи дигар ва як суратро бо сурати дигар бо устодӣ ба ҳам пайванд дода, онро аз оғози шеър то ба охир мебарад, дар натиҷа истиораву маҷозҳое, ки истифода шудаанд, зерматни заруриро ба вуҷуд оварда, барои равшантар дарк шудани якдигар хидмат мекунанд. Азбаски ҳар шеъри шоир

ҳадафи муайян дорад, ҳеҷ шайъу сурате, ки ба кор рафтааст, камаҳаммият нест. Ҳадафмандии шеър ва ба охир расидани як ҷузъи андешаву эҳсосоти ғиноӣ баъзан ба воситаи такрорҳои сабкӣ таъид мешаванд. Ин ҳама бар идроки воқеъии ҳастӣ бастагӣ дорад, ки ҷанбаи ҷаҳоншинохтии Бозор Собирро ташкил додааст. Ин шоир дар ҷаҳоншинохтии худ на фақат бештар назар бар деҳ дошта, балки онро дар маркази назари худ қарор додааст, ки ҳусну қубҳаш ҳам дар ҳамин зоҳир мешавад.

На фақат шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ, балки ҳама гуна шеър, андешаву эҳсосотро ба тариқи урён ифода накарда, онро бо отифа ва ҳузури олами ашё дар пироҳани сувари хаёл печида арза мекунад. Ҳар шеър аз ҳиссиёте, андешае, ҳодисае сарчашма мегирад ва шоир то имкон дорад онҳоро бо гуногунтарин, аз кӯчактарин то бузургтарин зуҳуроташон, ба ниёзи баёни манзури бадеияш истифода мекунад, зеро ҳар шеър сарчашмаи худро бояд фаро гирифта бошад, ки он аз куҷо сар задааст ва чаро маҳз бо ҳамин тарз баён мешавад. Ҳамчунонки қайд шуд, ин сарчашма метавонад шайъ, ҳодиса, муносибати байни ду шахс ва ё ҳар чизи дигар бошад, аммо чизи муҳимтарин он аст, ки он бо чӣ отифате огандааст, масалан, ғаму шодӣ, меҳрубониву дуруштӣ, умеду ноумедӣ, ифтихору сарафкандагӣ ва монанди инҳо, зеро бе ҳузури отифат онҳо моли шеър нахоҳанд шуд. Бо отифат фарогирифта шудани олами ашё ва ҳодис ба чигунагии шахсият, ба характери инсон вобастааст, ки зотӣ мебошад, зеро инсоне ҳаст, ки камтарин зуҳуроти олами ҳастӣ ӯро ба шавқу ҳаяҷон оварда, дар ӯ як олам ҳиссиёти ғам ё шодиро бедор мекунад ва инсоне ҳам ҳаст, ки бузургтарин воқеаву ҳодиса дар ӯ таъсире нагузошта, ба таассуроте водор намесозад ва ё асароте гузорад ҳам на ба он дараҷаест, ки бунёди шахсияти навъи аввал аз он ба тазалзул меояд. Шеъри ғиноӣ ана ҳамин зилзилаи ҷаҳони шахсиятро, ки аз олами ашё ва ё ҳодис рух медиҳад ва бо ғаму шодӣ, хашму ғазаб, меҳрубониву дӯстдорӣ, қабулу инкор ва монанди инҳо ҳамроҳ буда, отифат ном дорад, баён менамояд. Дар асоси отифат ҳамеша олами ҳастӣ, эҳсосот ва андеша қарор дорад, ки барои чигунагии зуҳури он сабаб мешавад. Вақте ки шоире, дар айни ҳол, Фарзона яке аз отифитарин шоирони замон хонда мешавад, қабл аз

ҳама манзур он аст, ки дар ашъори ин шоир олами ҳастӣ ва ҳодис ҳамеша то он ҷо, ки имкон дорад, бо густардатарин шаклаш ҳузур дошта, ҷузъиёте, ки мавриди тасвир ва ифода қарор мегирад, дар ӯ ин ё он навъи ҳиссиёти амиқу сӯзонро бедор карда, таассуроти фарогири шахсро ба бор меорад.

Дарки ҳар инсон аз ҷаҳон ва воқеияте, ки ӯро фаро гирифтааст, шахсӣ ва ягона мебошад. Фардияти инсон маҳз ба воситаи ҳамин идроки ӯ аз оламу воқеият шакл мегирад. Инсонҳо ба муҳит ва воқеият аз рӯи ҳамон дарке, ки кардаанд, вокуниш нишон медиҳанд. Ин вокунишҳо баъзан нохудогоҳ ва баъзан худогоҳу ҳушёрона сурат мегиранд, аммо дар шахси шоир ҳамеша бо отифат ҳамроҳ мебошанд. Агар ба ин вокунишҳои инсонҳо бо чашми худи онҳо нигариста шавад, моҳияти онҳо дарк шуда, чигунагии муҳит низ ба назар хоҳад омад. Ба ин маънӣ муҳит дар сохтани фардият низ сахт асаргузор мебошад, ҳарчанд муҳит ҳам ба дасти худи инсонҳо сохта мешавад. Аммо нуктаи муҳим ин ҷост, ки муҳит аз ҷониби маҷмӯи инсонҳо дар дастаҷамъӣ сохта шуда,  инсон аз он дар ягонагӣ таъсир мегирад. Ин таъсир ба иллати хусусиёти фардии ҳар инсон гуногун, агар ӯ пурҳиссиёт аст, амиқу ҳаяҷонбахш аст, ки шахсияти Фарзона намунаи беҳтарини он мебошад.

Ин ақида бар он асос дорад, ки аввалин маҷмӯаҳои Фарзона «Тулуи хандарез» (с. 1987), «Шабохуни барқ» (с. 1989) аз ашъоре фароҳам омада буданд, ки дар онҳо баъзе камбудҳои фаннию ҳунарӣ бошад ҳам, ки дар давраҳои аввали эҷодиёти аксари шоирони муосири тоҷик ба назар мерасад, дар бунёди худ баҳраи фаровон аз отифат доштанд. Шеъри Фарзона бо ҳамин хусусияти шохиси худ, ки ҳамеша олами ашё ва ҳодисро бо худ дошта, эҳсосоту таассуроташ аз он сарчашма мегирад ва ба таври маҳсусу ашёвӣ ва бо отифа ифода мешавад, ба зудӣ дар арсаи шеъри муосири тоҷик барои худ ҷой боз кард. Шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ, ки аз роиҷтарин навъи шеъри ғиноӣ мебошад, дар эҷодиёти Фарзона низ аз ҳама бештар мақом дорад, зеро андешаи ӯ қариб ҳеҷ гоҳ муҷаррад набуда, дар асоси олами ашёву ҳодис буруз мекунад, ҳамеша бо ҳиссиёту таассуроти самимона фаро гирифта, бо сабки мувофиқу забони тару тоза баён мешавад. Шеърҳои «Эҷоди тасаввур», «Таронаи оғоз» (Тулуи хандарез с. 1987),

«Дар ибтидои ҷода», «Баргпайванд», «Хезу гулбонг зан», «Куҷо нуре дар ин водии эман», «Ба бӯи субҳ» (Шабохуни барқ с. 1989) аз ҷумлаи ашъори андешаҳои отифии тасвирӣ буда, дар онҳо ин ё он унсури олами ҳастӣ, ки мавриди идрок ва таассурот қарор гирифта, ангезаи ҳиссиётро ба вуҷуд меоранд, бунёди шеърро ташкил медиҳанд. Эҳсосоту андешаи отифие, ки дар бархӯрд бо унсури олами ҳастӣ ба вуҷуд меоянд, дар давоми шеър ба нуқтаи ниҳоии инкишофи худ расида, барои гирифтани хулосаи зарурӣ замина омода менамоянд. Ин эҳсосоту андеша маъмулан аз ҷузъ ба кулл, аз олами хориҷ ба олами ботин, аз ҳодисае, ки дар зиндагӣ рух дода, хусусияти воқеӣ дорад, ба ҷаҳони таассуроти қалбии ғиноӣ ҳаракат мекунанд. Дар онҳо ҳамеша, новобаста ба он ки шоир аз забони «ман»-и ғиноии худ сухан мегӯяд ва ё аз забони шахси дигар ва ё ҳатто он эҳсосот бешахс ба ифода расад ҳам, ҳузури шоир дарк мешавад, зеро воқеият, ҳиссиёт ва андешае, ки сужаи шеърро ташкил медиҳанд, мавриди таассурот ва таҷрибаи шахсии ӯ будаанд.

Шахсияти шоир Фарзона дар меҳвари ашъори андешаҳои отифии тасвириаш қарор дорад, аммо тарҳи он қаблан маълум нест, он ҳар дафъа, дар ҳар шеър, вобаста ба мавзӯъву муҳтаво ва инкишофи сужаи ғиноии шеър, боз офарида мешавад, аммо ягона сифате, ки дар ҳамаи зуҳуроти гуногуни ӯ доимӣ маҳсус аст, саршори отифат ва дар давраҳои аввал як андоза аз олами хаёлпардозона будани ӯст. Дар шеъри «Дар ибтидои ҷода», ки яке аз хосиятноктарин шеърҳои давраи аввали эҷодиёти Фарзона аст, ин сифатҳоро метавон ба мушоҳида гирифт. Ин шеър аз ангезаи ҳиссӣ оғоз мешавад:

Дар он баҳоргаҳ, ки ниҳолони наврасаш
Бо нашъаи фараҳ нафаси сабз мекашанд.
Он ҷо, ки мурғакони шакархои шодком
Аз ширавори суфраи хурдод мечашанд,
Мову ту, эй азиз,
Афсонаҳои сабзтарин офаридаем.
Зангӯла гаштаему танин офаридаем [249, 83].

Дар чаҳор мисраи аввали ин шеър аз баҳори зебое ёд мешавад, ки дар он «ниҳолони наврасаш… нафаси сабз мекашанд»-у «мурғакони шакархои шодкомаш… аз ширавори суфраи хурдод мечашанд», яъне шоир ба воситаи ангеза додани ҳиссиёт дар худ замон ва хотиротеро зинда мекунад, ки мазмуни зиндагии ӯро дар худ таҷассум намудаанд. Асоси ин ангезаи ҳиссиро ҳарчанд хотирот ташкил медиҳад, аммо он аз аввал бо ҷузъиёти олами ҳастӣ – баҳоргаҳ, ниҳолони наврас, мурғакони шакархо ҳамроҳ меояд, ки дар сохтмони шеър ҳамчун ҷузъиёти олами маҳсус аҳамият дорад. Зеро андешаи отифии шоир ҳамеша бо олами ҳастӣ пайванд дошта, унсурҳои ҳар дуи онҳо ба ҳамдигар таъсири мутақобила гузошта, инкишоф меёбанд ва ҷараёни сужаи ғиноии шеърро таъмин менамоянд. Шоир, ки шеърро аз ёд овардани манзараи хотирот аз табиат оғоз карда буд, ба воситаи муроҷиати «мову ту, эй азиз» ноаён ба олами ботин, ҳис руҷӯъ мекунад ва дар баробари он олами зебои ҳастӣ зебоии дигаре дар олами ботин меофарад: «Мову ту, эй азиз, // Афсонаҳои сабзтарин офаридаем. // Зангӯла гаштаему танин офаридаем». Дар ин пора чӣ гуна ба ҳамдигар иртибот доштан, таъсир гузоштан ва дар ниҳоят муҷиби халқи мазмуни тозаи шоирона шудани унсурҳои олами ҳастӣ ва эҳсосу андеша равшан ба назар мерасад. Натиҷагирии шоир дар ин маврид хеле мувофиқу муносиб аст, зеро «афсонаҳои сабзтарин» ба баҳоргаҳу ниҳолони наврасу нафаси сабз ва «зангӯлаву… танин», «мурғакони шакархо» таносуб ва пайванди решагиву маъноӣ доранд. Дар ин шеър ду шахсият ҳузур дорад, шахсияти аввал бо муроҷиат ба шахси дувум ибрози андешаву эҳсосот мекунад ва ин иброз, ки сужаи ғиноии шеърро ҳаракат медиҳад, бо олами ҳастӣ пайванд буда, ҳамзамон ба тимсоли шахсиятҳои шеър тарҳҳои тоза ба тоза илова менамояд:

Бо бодҳои ринд
Раҳ бурдаем сӯи чаманҳои нозбӯ…
Чун субҳи фарвадин
Мо пок будаем зи ранги гуноҳҳо…

Шод бод он шабон, ки олами барфисириштро

Бо ҳаври оташини нафас об кардаем.

Дар бозувони рӯд

Наззораи тапидани маҳтоб кардаем [249, 83].

Дар ин шеър дар ҷараёни инкишофи сужаи ғиноӣ, ки бо «бо бодҳои ринд» роҳ бурданро ба чаманҳои нозбӯ, «чун субҳи фарвадин» пок будан ва бо «ҳаври оташини нафас об» кардани «олами барфисириштро» дар бар дорад, тимсоли шахсияти шеър кам-кам мушаххас мешавад, ки ба муносибати ӯ ба аносири олами ҳастӣ вобаста аст. Вақте ки ӯ «Бо бодҳои ринд// Раҳ бурдаем сӯи чаманҳои нозбӯ» мегӯяд, ташбеҳи изофии риндии бод, ки сифати тоза ва ифодакунандаи ҷӯшу хурӯш ва бепарвоию лоуболии ҷавонист, ба тарҳи тимсоли шахсиятҳои шеър низ афзуда шуда, онҳоро мушаххастар менамояд. Ҳангоми аз «субҳи фарвадин» ва «олами барфисиришт» ёд овардан ҳам, тарҳҳои тоза ба сурати шахсиятҳои шеър зам мешавад, ки ҷаҳони ботинии онҳоро ба назар комилтар менамоёнад. Дар натиҷа ҳар ду шахсияти шеър, ки анбози ҳамдигар ҳастанд, бо сифатҳое, ки аз аносири олами ҳастӣ, аз баҳору мурғакон ва бодҳои ринду субҳи фарвадин мегиранд, афсонасозиву танинофаринӣ ва роҳнавардиву поктинатиро касб мекунанд. Дар мисраъҳои «Дар бозувони рӯд // Наззораи тапидани маҳтоб кардаем» ва то ин ҳам шахсияти ғиноии шеър аз амалҳое суҳбат мекард, ки ӯ ва «азиз»-и ӯ, ҳар ду дар он шарик буданд, пас аз ин шахсияти ғиноии шоир ба шахси “азиз” муроҷиати бевосита ва хоҳишу илтиҷо мекунад:

Инак, ки зиндагӣ ба туям вогузошта,

Афсонаи муҳаббати дерина зинда дор [249, 83].

Дар банди мақтаъ ҳам шахсияти шеър, ки зан буданаш аён аст, хоҳиши худро бо сухани ашёвии суратнок, ба сурати ташбеҳҳои изофӣ баён карда, илтиҷо дорад, ки маҳбуб ҳангоми вазидани «тундбоди хашм» «аз насими биҳиштии боғи ишқ» ёд орад ва нагузорад, ки «бо вазидани боди сияҳнафас» «дар хонаҳои

чашми» ӯ «мирад чароғи ишқ». Бо ин тарзи тасвир эҳсосот бо ҷаҳони ҳастӣ пайванди бештар гирифта, маҳсусу муаассиртар ифода мешавад. Аз ин шеър ба воситаи истифодаи аносири олами ашё ба хусусиятҳои шахсиятҳои шеър, мушаххас набошад ҳам, умуман пай бурда мешавад, зеро офаридани хусусияти шахсияти мушаххас бо таъйиноти, масалан, синну солу мансубияти иҷтимоиву дигар тавсифот манзури шеъри ғиноӣ набуда, офаридани намои хулқу атвор ва дилу ҷони ӯст, ки дар ин шеър ба тарзи аҳсан ба ҷо оварда шудааст.

Олами ашё ба шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ бо роҳҳои гуногун ворид мешавад, ки қаблан муайян намудани он душвор аст, зеро он ба чигунагии сужаи ғиноӣ ва инкишофи он вобаста аст. Сужаи ғиноӣ ҳам дар асоси маводи мухталифи ҳаёти воқеӣ, маънавӣ, рӯҳию ҳиссӣ, ахлоқию иҷтимоӣ ва монанди инҳо сурат гирифтанаш мумкин аст ва бад-ин ваҷҳ он барои ривоҷ ва ба нуқтаи такомул расидани худ аз аносири мухталифи ҷаҳони ҳастӣ истифода мекунад. Муносибати байни сужаи ғиноӣ, шахсияти шеър ва аносири олами ашё ба хусусияти фардии ҳар эҷодкор вобаста буда, на танҳо дар эҷодиёти як шоир аз шоири дигар, балки дар ҳар шеъри як шоир ҳам ба ҳам мутафовит буда метавонад. Дар ин ҷо ҳеҷ қонунияте доимӣ набуда, як навъи муносибат танҳо дар як шеър як бор ба кор рафтанаш ҳам мумкин асту бас. Масалан, ҳамин гуна муносибати гуногуни сужаи ғиноӣ, шахсиятҳои шеър ва аносири олами ашё ва табиатро дар шеърҳои «Дар пас баҳор монд», «Зане радифи ранҷҳои ҷовидон» (Ояти ишқ, с. 1994), «Пӯпаки тилло», «Шаҳри ваҳшӣ», «Офтобе соз дар ин нимашаб», «Фасли шодии зоғҳо», «Дар муҳосираи абр», «Номаи даъват» (Меъроҷи шабнам, с. 1999) метавон ба мушоҳида гирифт.

Ҳоло ин муносибат дар шеъри «Дар муҳосираи абр» ба баррасӣ гирифта мешавад. Ин шеър аз доираи таассуроти шахсӣ фаро рафта, бештар моҳияти иҷтимоӣ дорад. Дар он шайъе, ки аз аввал то охири сужаи ғиноӣ эҳсосоту таассуроти шахсияти ғиноиро ба ҳам пайванд медода бошад, ҳузур надошта, онҳо дар радифи ҳамдигар меоянд. Мисраи «Абр бо шампуни борон // мӯи шаб мешӯяд», [250, 392] ки шеър бо он оғоз шуда, дар охир пеш аз мақтаъ низ ба такрор меояд, хидмати пайванд додани таассуроти ашхоси шеърро надошта,

барои ҳалқабандӣ кардани сохти шеър ва дар охир боз таъкид кардани давоми фазое, ки шеър аз он оғоз шуда буд, омадааст, яъне барои таъкиди он ки ҳеҷ чиз тағйир наёфтааст. Дар ин шеър шахсияти ғиноӣ ҳам, ки бо истифодаи ҷонишини «ман» аз худ сухан гӯяд, мавҷуд набуда, ҳарф аз забони «мо» гуфта мешавад. Ин ба манзури шоир, ки мехоҳад аз масъалаҳое суҳбат кунад, ки аҳамияти ҳамагонӣ, иҷтимоӣ дошта бошанд, мувофиқ меояд. Аз назари жанр ин шеъри сапед аст, ки бидуни қофия ва вазни арӯз гуфта шуда, пораҳояш ба иқтизои тамомияти ифодаи як ҷузъи андешаву эҳсосот шакл мегирад. Инак пораи аввал:

Абр бо шампуни борон
мӯи шаб мешӯяд.
Мо дар паноҳи абри дигар мехобем
(дар хаймаи ҳарири пашшахона).
Борон намегузорад, ки ин киштии сапед
бар соҳили мунаввари сапеда расад [250, 392].

Дар ин ҷо ҷузъиёти олами ашё ва табиат, аз ҷумла абр, шампун, борон, шаб, пашшахона номбар шудаанд, ки баъзеи онҳо, ҳамчун шампуни борон, мӯи шаб, ба ҳамдигар иртибот гирифта, ташбеҳоти изофиро ташкил додаанд. Дар ин дебоча, ки оҳанги минбаъдаи шеърро муайян менамояд, мисраи «Борон намегузорад, ки ин киштии сапед//бар соҳили мунаввари сапеда расад» аз назари мантиқ ҷо наафтодааст, зеро дар ин пора чун «мо дар паноҳи абри дигар мехобем» гуфта шудааст, ки лаҳни мусбат дорад (ин лаҳн дар вожаҳои паноҳ ва мехобем шунида мешавад), ба абру борон сифати манфӣ илҳоқ нагаштааст, ки монеи расидани киштии сапед, яъне киштии умед ба соҳили мунаввари сапеда хонда шаванд. Пораи дуюми шеър, ки аз тавсифи шаби борон шурӯъ мешавад, низ он мисраъро рад мекунад:

Шаби борон чи бадеист,
Ин бадеияти зеборо

бархурди таштҳову сатилҳо
ва фарёди зани ҳамсоя
ва дашноми шавҳари масташ мешиканад [250, 392].

Умуман, ба ҷуз дар унвони шеър, ки «Дар муҳосираи абр» аст ва дар вожаи «муҳосира» тобиши манфӣ ҷой доштанаш мумкин аст, дар ҳеҷ ҷои дигари шеър ба борон сифати манфӣ дода нашудааст, бинобар он танҳо ҳамчун ҳодисаи табиӣ, ки баръакс маншаи бадеияти зебост, қабул мешавад. Ба ин бадеияти зебои табиӣ дағаливу дуруштии иҷтимоӣ, ки як намунааш «дашноми шавҳари маст» -и «зани ҳамсоя» аст, муқобил гузошта мешавад. Пораи минбаъдаи шеър батамом мазмуни иҷтимоӣ мегирад, ки бо бадеияти зебои табиат ва меҳрубоние, ки дар замири шахсияти шеър мавҷуд аст, мухолифат дорад:

Оҳ, меандешам. Эй меҳрубонӣ! Ту бар маҳаллаи
бадқаҳрон кай меоӣ.
Бар маҳаллае, ки мардҳои бекораш
дар сари кӯча субҳ то шом
гапи бемағз мефурӯшанд.
Занону кӯдаконаш
дар кӯлбори вазнин
бори ҳақорати худро
сӯи бозор мебаранд [250, 392].

Агар то ин пора дашноми шавҳари масти зани ҳамсояро ҳамчун ҳодисаи ҷузъии зиндагии шахсӣ талаққӣ кардан мумкин буд, баъди истифодаи таъбири «мардҳои бекор» дигар ҳамаи ин нуқсҳо хусусияти иҷтимоӣ пайдо мекунанд, зеро на мардҳо кор кардан намехоҳанд, балки онҳо кор надоранд ва ин камбуди иҷтимоӣ боиси ба вуҷуд омадани чунин муҳиту чунин ахлоқ гаштааст, ки «занону кӯдаконаш // дар кӯлбори вазнин // бори ҳақорати худро // сӯи бозор мебаранд». Ин баҳои манфии шоирро бар муҳити мавҷуда асоснок менамояд, аммо, бо

вуҷуди ин, нигоҳи шоир ба ҷомеа ва вазъи ноҳинҷори иҷтимоии он ноумедона нест ва меҳрубониро даъват мекунад, ки биёяду муждаи Наврӯз биёрад. Албатта, ин даъват хаёлпардозона аст дар баробари он вазъи воқеъии тасвиршуда, аммо ин шеър аст ва шеър имкон медиҳад, ки қутбҳои муқобили нигоҳ дар як фосилаи кӯтоҳ ба ҳам биёянд:

Ай меҳрубонӣ! Биё!
Дар чашмҳои кӯдаке биё, ки ҳар саҳар
ба дари мо шир меорад.
Ҳастии ӯ чу гули ҷурғотӣ
муждаи омадани Наврӯз аст.
Зиндагӣ пири фалаҷ нест.
Як рӯз зиндагӣ аз ҷо бармехезад ва самти худро
тағйир медиҳад
ба сӯи Ишқ, бар кишвари Некӯӣ,
бар шаҳри Шарофат [250, 392-93].

Ҳарчанд дар ин даъват ҳам, махсусан, дар мисраи «дар чашмҳои кӯдаке биё, ки ҳар саҳар ба дари мо шир меорад» вазъи комилан саломати иҷтимоӣ дар назар нест, лекин ба ҳар ҳол беҳтар аз он аст, ки дар айни ҳол аст. Ҳамаи саҳнаҳои ғиноӣ, ки дар ин шеър, масалан, дар «маҳаллаи бадқаҳрон» «бархурди таштҳову сатилҳо», «фарёди зани ҳамсоя», «дашноми шавҳари маст» ва дар «кӯлбори вазнин» «бори ҳақорати худро сӯи бозор» бурдани «занону кӯдакон» бо ширкати ашё ва дар доираи вазъи маҳз мутааллиқи он муҳит офарида шудаанд, далели нигоҳи воқеъбинонаи шоир бар воқеияти мавҷуда аст. Умедиислоҳи ин вазъ ва нуқси иҷтимоъ аз олами хаёлпардозона ҷуста мешавад ва дар ин ҳол як амали одии ба тифлони худ бастанӣ овардани ҳамсоя низ ҳамчун рамзи ба зиндагии солим ва осудаҳолона расидани ҷомеа ба назар меояд. Ин далели он аст, ки аносири олами мавҷуд дар шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ дар баробари заминаи ашёвии шеърро фароҳам оварда, дар сохтмони сужаи он

ширкат кардан, ба куллӣ аз эҳсосоту таассуроти шахсияти шеър вобастаанд, ки ба онҳо бо чӣ нигоҳе менигарад ва ба чӣ манзуре истифода мекунад.

Як рӯз ҳамсояи мо низ
  ба тифлони навозишнадидааш бастанӣ меорад
    ва мегӯяд: Биёед, дар боғча гул мекорем.
Лек ҳоло абр бо шампуни борон
    мӯи шаб мешӯяд…
Лек ҳоло
    зиндагӣ абрист… [250, 393]

Ин хулоса, ки ба хушии зиндагии оянда умед мебахшад, дар асоси инкишофи сужаи ғиноӣ баъд аз «Ай меҳрубонӣ! Биё!...» ва хусусан «Зиндагӣ пири фалаҷ нест. Як рӯз…» гуфтани шахсияти шеър омода шудааст. Бо вуҷуди он ки Фарзона дар бисёр шеърҳояш ба вазъи иҷтимоии мавҷуда нигоҳи интиқодӣ дорад, аммо муҳаббати ҳаёт, ки дар вуҷуди ӯ талотум мекунад, варо водор месозад, ки ба оянда бо чашми умед нигарад, ки дар ин шеър ҳам ҳамин ҳолат рух додаст. Аммо шояд ҷой дошта бошад, қайд шавад, ки мисраи «Биёед, дар боғча гул мекорем» ба ёд шеърҳои Фурӯғ Фаррухзод, аз ҷумла, «Дилам барои боғча месӯзад», «Таваллуде дигар» (Дастҳоятро дӯст медорам, // Дастҳоямро дар боғча мекорам) [361, 161-62] ва мисраи «Лек ҳоло // зиндагӣ абрист…» шеъри Нимо Юшиҷ «Хонаам абрист» (Хонаам абрист, Яксара рӯи замин абрист бо он) [361, 97]-ро ба ёд мерасонад, ки далели бар ашъори онҳо назар доштани Фарзона мебошад. Аммо дар маҷмӯъ шеъри «Дар муҳосираи абр», ки шоираш онро дар заминаи воқеияти замон ва макони муайяни зиндагӣ ва эҳсосоту таассуроти комилан худӣ гуфтааст, шеъри мустақил бо мазмуну муҳтаво ва шаклу сабки худ мебошад, ки ин муҳим аст, зеро мушобеҳатҳои ҷузъӣ ва зоҳирӣ баёнгари ҳатман дар зери таъсири он асар будани муаллифи баъдӣ нест, ҳамчунонки дар ин ҳолат ҳаст.

Навъи дигари шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ, ки бисёр ҳам роиҷ буда, дар эҷодиёти Фарзона ҳам мақоми муҳим дорад, шеърест, ки дар он

шахсияти шеър андешаву эҳсосот ва таассуроташро бо мурочиат ба шайъ – инсон ва ё ягон мабҳаси дигар баён мекунад. Ин тарзи ифодаи андешаву эҳсосот, яъне рози дил кардани шахсияти шеър, ба мабҳаси дуюм, ки тарафи дигар маҳсуб мешавад, дар хонанда ҳиссиёти бовармандиро ба вучуд меорад. Азбаски ин бовармандӣ дучониба рух медиҳад, аз чониби муаллиф ба мабҳасе, ки ба он рози дил мекушояд ва бовар дорад, ки ӯ ба дарк ва қабули он хоҳад расид ва аз чониби хонанда, ки худро дар чои он мабҳаси мавриди мурочиат тасаввур карда, (зеро ифшои розро, ки дар шеър карда мешавад, ӯ хоҳад хонд) ҳамрози ӯ мебинад, дар байни ду тараф алоқаи самимонае барқарор месозад. Табиист, ки дар натичаи ин навъи ифодаи андешаву эҳсосот, агар он шахсиву маҳрамона бошад, аз чониби хонанда таъмимӣ қабул хоҳад шуд ва агар чанбаи ичтимоиву ахлоқӣ дошта бошад, бештар фардӣ дарк карда мешавад.

Олами ашё ва ҳодис, ки дар зуҳуроти худ беохир аст, мурочиати шоир ба онҳо ва имкони ибрози андешаву эҳсосоти ғиноӣ низ метавонад беохир бошад. Фарзона дар бисёр шеърҳои худ, чи дар шеърҳое, ки ба мавзӯъҳои гуногуни зиндагии шахсӣ ва чи дар шеърҳое, ки ба масъалаҳои мухталифи ичтимоӣ бахшида шудаанд, аз ин навъи изҳори андешаву эҳсосоти отифии ғиноӣ, ки бо мурочиат ба шахс ва ё шайъ сурат мегирад, фаровон истифода мебарад. Азбаски қариб дар ҳамаи шеърҳои шоир олами ашёву ҳодис ба ин ё он тарз ҳузур дорад, домани муҳтаво ва андешаву таассурот фарох гашта, барои ғановати мачмӯи воситаҳои бадеӣ ва тасвирӣ хидмат мекунад. Аз чумла, дар шеърҳои «Оҳи заифон», «Муждаи сабзи маро мешунавӣ», (Ояти ишқ с. 1994), «Биё, субҳро начот диҳем», «Як қафас озодӣ» (То бекаронаҳо с. 1998), «Мояи лутфи офтоб», «Оре, ҳанӯз зистанам бояд», «Паёми мунир», «Дар орзуи раҳоӣ» (Меърочи шабнам с. 1999), «Ғулувви нур», «Растухези таслим», «Хотироти подарахтӣ», «Дар чустучӯи кӯчаи ҳақиқат», «Лолае дар ғор», «Маро хулоса накун, эй ишқ!» (Қатрае аз Мӯлиён, чилди сеюм, с. 2003) шоир бо мурочиат ба ашхосу ашёву эҳсосоту ҳодисоти мухталиф ибрози таассурот карда, ҳар ду заминаи шеър, ҳам ашёвӣ ва ҳам ҳиссии онро пурбор аз кор дармеорад. Ҳоло ду шеър, аввалин ва охирин аз ин номгӯ мавриди баррасии мухтасар қарор мегиранд, ки намоёнгари ду навъи

нигоҳи шоир ба воқеияти мавҷуда мебошад. Шеъри «Оҳи заифон» аз интиқоди шадид ва радди «пайкараҳои сияҳи ҷаҳл», ки дар ҷомеаи имрӯза мавҷуданд, сухан мегӯяд:

Эй шумо, пайкараҳои сияҳи ҷаҳл!
Дар шумо меҳру сахову шафқат
Ҳама дар хизмати нафс аст.
Метавонед ба подоши аламҳои зане
Баҳри худ шодии як лаҳза харед.
Метавонед ба покии худованд тамасхур(?)кунон
Пои иблис бибӯседу ба ӯ саҷда баред [249, 306].

Шахсияти шеър дар ин ҷо худи шоир аст, ки зан аст, ба ин унвони шеър ҳам ишорат мекунад, зеро вожаи «заиф» дар он на фақат ба маънои суст, камқувват, оҷиз, нотавон, балки ба маънои маҷозии ифодакунандаи зан ҳам омадааст, ки зери фишори қувватмандии мард қарор дорад. Ин зан, шахсияти шеър, дар ҷомеае, ки гурӯҳе аз мардони он бо манзалати баробарии зану мард мухолифанду онро ба эътибор намегиранд, зиндагӣ дорад, бинобар онро қабул карда наметавонад, зеро ин тарзи муносибат ба ӯ ҳуввияти шахсияташро аз байн мебарад. «Пайкараҳои сияҳи ҷаҳл», ки шоир ба онҳо бо хашму ғазаб ва нафрат муроҷиат карда сухан мегӯяд, на танҳо одобу қавонини ҷомеа, ҳатто расму оини Худованд фармударо ба тамасхур гирифта, зери по мекунанд. Ҳарчанд шахсияти шеър равшан баён намесозад, ки бо худи ӯ ҳам ҳамин гуна ҷабр мегузарад, аммо ӯ ин нуқси ҳаёти иҷтимоиро чунон нишон медиҳад, ки хусусияти таъмимӣ мегирад ва ба ҳолати аксари занон мутааллиқ мешавад. Ӯ барои возеҳ нишон додани номардии мардоне, ки ба рӯй ниқоби мардӣ кашида, рафторе мекунанд, ки нанг ба номи мард меорад, онҳоро ба тимсолҳои олами вуҳуш шеру рӯбоҳ монанд мекунад, вале онҳо дар асл ҳамин тавр ҳам нестанд, зеро «пеши харгӯш» «хешро шер» метарошанду «пеши шере» «дар ҷомаи рӯбоҳ» ба «ҷилва» меоянд. Ин тимсолҳо, ки дар забони халқ маъмуланд, таассуроти шахси шоирро, ки сахт

нафратангез аст, ба тариқи тазод муаассир ва ҳамафарогир ифода менамоянд. Ин таассурот, ҳарчанд ҳамчун таассуроти шахси шоир баён мешавад, аммо таассуроти таъмимии як табақаи занони ҷомеа мебошад, зеро дар он гунаи як ҷиҳати сурати ҷомеаи муосир шинохта мешавад.

Шояд инсоф ҳамин аст,
Ки шумо роҳравон дар дами мурдоби гунаҳ меафтед
Ва зане ҷомаи олудаатонро
Андар оби чашмаш
Пок мешӯяду ҷуз шукр намегӯяд [249, 306-07].

Ҷомаи олудаи гуноҳи мардро дар оби чашм шустан ҳарфи маҷозии пургунҷоишест, ки ҳоли тоқатфарсои зани қонунан баробари мард, вале дар амал зери асорати ӯро хуб бозгӯ мекунад. Шояд зарурат надошта бошад, таъкид шавад, ки ин амал – ҷомаи олудаи мардро шустани зан тарҳи на як амали маишист, балки амали сахт зиддиҷтимоист, ки дар ҷомеаи иҷтимоӣ ҷой дорад. Зимни ин гуна тасвиру ифодаҳои шадиди интиқодӣ, ки оҳанги ҳаҷв ҳам доранд, шоир аз олами иҷтимоии мавҷуда ба олами илоҳӣ рӯй меорад, аммо қисмати аввал бештар пурарзиш аст, зеро бар воқеияти ҳастӣ устувор аст, то қисмати дуюм, ки бар хаёлот.

Ман чӣ созам, ки Худо хостааст
К-аз азал мард беҳ аз зан бошад.
Гарчи он тиратар аз мурдоб,
гарчи ин тозатар аз чашмаи рӯшан бошад [249, 307].

Дар баробари он тангназарии дақёнусӣ, ки аз ҷониби мард бар ҷинси зан мавҷуд аст, ба олами хаёлии илоҳӣ руҷӯъ кардани шоир муносибати ду олам – олами ҳастӣ ва илоҳиро оид ба мавқеи зан дар ҷомеа рӯ ба рӯи ҳам қарор медиҳад, ки аз ҳам кам фарқ дорад. Бо ин роҳ шоир аз воқеаи ҷузъӣ ба сӯи кулл

меравад, ки ин ҳам яке аз далели на шахсӣ, балки иҷтимоӣ будани муҳтавои ин шеър аст.

Ман чӣ созам, ки Худованд накӯ медонад
Бо кӣ чун бояд буд.
Зиндагӣ, маъзарат аз ту, ки зи худ менолам
Андар ин фосилаи байни салому падруд [249, 307].

Дар ин шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ, ки бо муроҷиат ба ашё гуфта шудааст, тимсолҳои олами ҳастӣ ва рӯҳонӣ, аз ҷумла, мард, зан, харгӯш, шер, ҷома ва монанди инҳо дар ифодаи эҳсосоту таассурот ва умуман муҳтаво, нақши муҳиме бозидаанд, зеро онҳо барои тасвири муҳите, ки воқеа мегузарад, заминаи заруриро ҳозир кардаанд. Аммо муҳиммтар аз зикр ва тасвиру ташреҳи ашёвии онҳо сифатҳое мебошанд, ки шоир бо онҳо ба ашёи мавриди тасвир шахсият мебахшад, ҳамчун «тамасхуркунон», «лофзанон», «тарошеду биғурред», «тиратар аз мурдоб», «тозатар аз чашмаи равшан» ва муносибати худро бо онҳо муайян менамояд. Дар натиҷа, мақоми ҷиҳати ашёвию воқеии шеър ба мартабаи поинтар фуромада, ҷои онро муносибати шоир ба ин ашё ва ҳодиса мегирад, ки моҳияти сужаи рӯҳию равонии шеърро ташкил медиҳад. Ин сужа таърихи муносибати ғайриодилонаи мардро бо зан, ки аз азал то имрӯз давом дорад, фаро мегирад ва онро шоир бо таъбири мувофиқу бадеъ аз зиндагӣ аз ҳамчун фосилаи кӯтаҳи «байни салому падруд», яъне ба ҷаҳон омадану рафтани инсон, ба охир мерасонад, яъне мегӯяд, ки дар ин фосилаи кӯтоҳ бечораи зан чӣ азобҳои тоқатфарсо ва дуру дарозеро таҳаммул мекунад.

Шеъри «Маро хулоса накун, эй ишқ!» аз муроҷиати илтиҷоомези пайдарҳам ба се мабҳас (объект) ишқ, дунё, лаҳзаи ғуруб (марг) оғоз мешавад, ки ин пайдарҳамии муроҷиатҳо натиҷаи дар ҳолати сахт ҳиссиётбарангез будани шахсияти шеър аст, ки хонандаро ҳам якбора фаро мегирад. Бо истифода аз санъати такрор овардани калимаву ибораҳое, ки оҳанги илтиҷо доранд, сабки суханро бештар ғиноӣ ва ифодаро муаассир месозад.

Инак, маро хулоса кун, эй ишқ,
Инак, маро хулоса кун, эй дунё.
Инак, маро хулоса кун, эй лаҳзаи ғуруб,
Эй марг!
Гули обон мерезад дар ҳошияи фикрҳои
бетаровати ман
барг, барг, барг [251, 327].

Дар мисраъҳо ба такрор омадани ибораҳои «инак, маро хулоса кун, эй…» ва хусусан се бор такрор шудани вожаи «барг» вазъиятеро эҷод мекунанд, ки баёнгари таассуроти амиқ ва маҳзунонаи шахсияти ғиноист. Мабҳаси гуногуни муроҷиат ишқ, дунё, марг ба василаи эҳсосоти шахсияти шеър ба ҳам иртибот гирифта, ягонагии фазои ғиноии шеърро ба вуҷуд овардаанд. Ҳар яки ин муроҷиатҳо – ба ишқ, ба дунё, ба лаҳзаи ғуруб, ҳарчанд ба сари худ алоҳидаанд, аммо ташдиди баёни эҳсосотро зина ба зина боло мебаранд, то чун ба хитоби «эй марг» мерасанд ва баъд аз он мисраъе меояд, ки ҳолати шахсияти илтиҷокунандаро бо шабоҳати ашёвӣ ифода мекунад: «Гули обон мерезад дар ҳошияи фикрҳои бетаровати ман // барг, барг, барг». Таъбири «гули обон» дар асоси тазод сохта шудааст, зеро дар обон – моҳи дуюми пойиз гулҳо асосан хазон мешаванд ва гуле ҳам боқӣ бошад, шабеҳи «фикрҳои бетаровати» шахсияти шеър аст, ки он ҳам барг-барг мерезаду аломати замони пойизи ӯст. Ин таассуроти ғамангез бо расидани қосиде, ки «хатти наҷот» - и охирин меорад, коҳиш ёфта, оҳанги умед ба зиндагӣ пайдо мекунад. Шахсияти шеър илтиҷои худро ба мабҳаси муроҷиат бо ҳарфҳои «эй тасаллои охирин», «эй садое, ки…», «эй нигоҳе, ки…», «эй вуҷуде, ки…» оғоз мекунад, ки ҳама ба як шайъ, маҳбубе, ки «ягонатар аз хуршед» аст, тааллуқ мегиранд ва ин такрорҳои хитобии чида низ ба лаҳни розгӯии андешамандона ва ғинояти шеър меафзоянд. Аз ин ҷо ба шеър оҳанги умед ворид мешавад, аммо ин умед ҳам ҳузномез аст, ки онро дар оғози ҳафт

мисраъ ва дар охири он паиҳам се бор ба такрор омадани «кош» ба гӯш мерасонад:

Кош, ин салом ҳеҷ гаҳ падруд намедошт,
Кош, ин садои шодоб
зи гӯши ташнаи мо дур намерафт…
……………
Кош, кош, кош… [251, 328]

Дар мисраъҳои баъдӣ тафсири фазилатҳои ин маҳбуби «ягонатар аз хуршед» дода мешавад, ки аз «будани хуршедии» ӯ «гирд гаштани замин маънӣ» пайдо мекунад, «ҳаракоти ҳуҷайраҳо… одамонро ба авҷи рушд» мебарад, «мурғаки хуфта… нағмасаро» мегардад, «ишқ… барои самоъу ваҷд само» меёбад ва монанди инҳо. Дар ин ҷо ба он чиз таваҷҷуҳ бояд кард, ҳар амале, ки аз ин маҳбуб сар мезанад, ҳосили маънавӣ меорад:

Будани хуршедии нафаре кофист,
Ки гирд гаштани замин маънӣ дошта бошад…
Паёми субҳ – паёми таваллуди нур
дар қалбҳои тираи мо гардад [251, 328] –

Ин шеър яке аз намунаҳои он аст, ки шоир нозуктарин зуҳуроти ҳиссиёти шахсиро муҳимтарин омили шеър қарор дода, ҳангоми баёни бархӯрдҳои ҳиссӣ дар олами ботин, ки эҳсосоти лаҳзаинаи он таассуроти амиқеро ба бор меоварад, низ иртиботи худро аз олами ашё намеканад. Шоир аносири олами моддиро барои роҳ бурдан ба олами андешаҳои маънавӣ истифода карда, аз он хулосаҳои ҳикматноки шоирона мегирад. Олами ашё дар шеъри Фарзона ҳар дафъа вобаста ба манзури ӯ ҳам барои нишон додани улвияти ҷаҳони рӯҳӣ ва ҳам сифлияти ҷаҳони моддии инсон хидмат мекунад, ки дар ҳар ду ҳолат ҳам ба унсури бадеъ мубаддал гашта, ғинояти шеъри ӯро махсус ва муаассир ҷилва медиҳад. Аз назари

сохт ин шеър, аввал, ҳамчун муроҷиати илтиҷомез оғоз гашта, баъд тафсири ҳолати шахсияти шеър, вуруди маҳбуб ва шарҳи фазилатҳои ӯ, орзуи ҳузномези мондагории маҳбуб аз ҷониби шахсияти шеър, дар охир даъват аз ӯ ва ҳамчунин аз ишқу дунёву марг, баръакси илтиҷои саршавии шеър, ки ҳаётро хулоса кардан мехост, барои аз нав дубора ибтидо додани зиндагӣ шакл гирифтааст. Ҳоло қисмати охири шеърро зери назар гирифта мешавад:

Биё, фазоро полоем.
Биё, ҳар бор худро
чу китоби нохонда бикшоем.
Биё, сабзтарин ҳарфҳои оламро
ба ҳам нисор кунем.
Дар зимистони замҳарир навбаҳор кунем.
Биё, зиндагонии башарро ба самти нур барем.
Ба дили ғамкашидаи мардуми офоқ
муждаи рустани сурур барем.
Маро хулоса накун, эй ишқ!
Маро хулоса накун, эй дунё.
Маро хулоса накун, эй ғуруби нурбарандоз!
Маро дубора бикун оғоз! [251, 329]

Дар ин ҷо равшан дида мешавад, ки шоир лаҳзае ҳам андешаи фурӯ гузоштани ҳақиқати олами ҳастӣ ва хурдтарин зуҳуроти ашёи онро надошта, баръакс онро бо «китоби нахонда» ва «сабзтарин» баҳору «зимистони замҳарир» -аш ифода мекунад. Ин исботи он аст, ки ӯ хурдтарин ҷунбиш ва таассуротро дар олами ботин инъикоси партави нозуктарин ва назарногиртарин зуҳуроте медонад, ки дар олами ҳастӣ ба вуҷуд омадааст. Шахсияти ғиноӣ, дар шеъри андешаҳои отифии тасвирии Фарзона, ки бо муроҷиат ба ашёи гуногун гуфта мешавад, ҳамеша аз маҳдудаи зиндагии шахсӣ ба вусъати зиндагии иҷтимоъ, аз ғаму ноумедӣ ба сӯи шодию сурур ва ҳатто аз остонаи марг ба сӯи оғози дубораи

зиндагӣ қадам мебардорад. Тамоми нозуку пурасрор ва амиқтарин ҳиссиёту таассуроти шахсияти ғиноии шеъри ӯ, ба ин ё он зуҳуроти ҷаҳони ҳастӣ, манзара, фасли сол, ашё, ҳодиса вобаста буда, ӯ худро ҳамчун шахсияти ғиноӣ на танҳо дар олами таассуроти ботинӣ, балки дар зуҳуроти мухталифи олами ҳастӣ, ки бо рӯҳи ӯ ҳамоҳанг аст, дармеёбад. Бинобар ин шеъри ӯ аз ҷиҳати ашёву ҳодиса пурбор ва аз ҷиҳати ибрози андешаҳои отифӣ ғаниву гуногунранг аст. Аносири олами ашё, ки дар фазои шеъри Фарзона ҷой мегиранд, на танҳо барои ифодаи чигунагии эҳсосоту таассуроти шахсияти шеър хидмат мекунанд, балки моҳияти аслии худро ошкор намуда, на фақат дар муҳити табиии худ, балки дар олами шеър ҳам ба эътибору арзишмандии тоза соҳиб мешаванд. Олами ҳастиро аз нав сохтани шеър шеър ҳам ба ҳамин маъност.

Ба ҳамин тариқ, навъи дуюме, ки дар ин фасл баррасӣ шуд, шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ мебошад, ки дар он андешаву эҳсосоти ботинӣ ба воситаи аносири олами хориҷ ифодаву тасвир карда мешавад, аммо мақоми аввал бар ифода буда, тасвир хусусияти ёрирасон дорад. Унсури олами ашё, ки мавриди диди бадеии шоир қарор мегирад, бар асари эҳсосоту таассуроти ӯ мафҳуми шайъии худро коста, рангу тобиши тоза пайдо карда, ба сувари хаёл табдил мешавад. Интихоби ин ё он унсури олами ашё – рӯд, кӯҳ, чашма, дарахт, уқоб... ва барои ифодаи кадом маъно истифода шудани онҳо, на танҳо махсусияти мавзӯӣ, балки вежагии масъалаҳои эҷодиёти шоирро таъин менамоянд, ки намунаҳои он дар ашъори М. Турсунзода, А. Шукӯҳӣ, Ғ. Мирзо, М. Қаноат мавҷуданд. Аносири олами ашё дар ин маврид бештар барои сохтани ташбеҳу истиора ва ташхису муболиға ба кор гирифта мешаванд, ки андешаву эҳсосоти шоирро шайъиву махсус ифода мекунанд. Ба ин васила ҷаҳони ҳастӣ бо ҷаҳони рӯҳӣ ба ҳам меомезанд ва олами шахсияти ғиноии шеър ҳам ҳар чи бештар аносири ҳастӣ, ҳолатҳои гуногуни рӯҳияи инсонро фаро гирифта, ғаму шодӣ, умеду ноумедӣ, шакку бовар, хулоса, зуҳуроти мухталифи олами дарун ва берунро ифодаву тасвир менамояд. Дар ин навъи шеър аносири табиат инсонитар ва инсон табиитар ба назар меояд.

Нигоҳи вусъатноки шоир ба ҷаҳони ҳастӣ ба фарохии андешаҳои отифӣ мерасонад, ки ин вежагӣ дар ашъори Ғ. Мирзо, М. Қаноат ва Қ. Киром бештар ба зуҳур омадааст. Андешаву эҳсосоти шахсияти ғиноӣ дар ашъори онҳо моҳияти иҷтимоӣ ва оҳанги ҳаётдӯстона дошта, бо рӯҳияи шод фаро гирифта шудаанд. Ин шахсият вобаста ба воқеоти фоҷиавии солҳои ҷанги шаҳрвандӣ оид ба қисмати халқ, суннатҳои ахлоқии ӯ, шаъну шараф, нангу номус ва фурӯтанию накӯкорӣ ба андеша меравад ва шоирон барои ифодаву тасвири маҳсусу малмуси он гуногунтарин ашёи олами ҳастиро ба кор мегиранд.

Аз солҳои шастуми садаи бист ба баъд дар андешаву эҳсосоти шахсиятҳои ғиноии ашъори Лоиқ, Бозор Собир ва Фарзона фаъолии иҷтимоӣ боло мегирад ва онҳо масъалаҳоеро ҳамчун худогоҳию худшиносии миллӣ меҳвари ҳастии худ қарор медиҳанд. Дар ин росто, ба муҳимтарин воқеот ва шахсиятҳои таърихиву фарҳангӣ назари нав андохта шуда, симои онҳо бо воситаҳои тозаи сувари хаёл, ки мазмуни ҳастии онҳоро бадеӣ муҷассам месозад, ба қалам оварда мешаванд. Дар баробари ин, сабаб ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, ки низ як марҳалаи фоҷиабори таърихи нави халқро ташкил медиҳанд, мабҳаси андешаву эҳсосоти шахсияти ғиноӣ қарор гирифта, тарзи муносиби инъикоси худро пайдо мекунанд, ки дар эҷодиёти ҳар шоир махсусияти худро доранд.

Шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ бо маводи гуногуни худ – бо сюҷаи ғиноӣ, бо муроҷиати бевосита ба мабҳаси андешаву эҳсосот ва ё бидуни он, бо ҳаракат ва ё дар шакли сокини ашё, дар асоси намоди суннатӣ ва ё тоза сохтаи худи шоир, хулоса, бо шаклҳои мухталифи худ яке аз анвои пурмаҳсули шеъри ин давраро ташкил медиҳад.

## БОБИ 3.
## ШЕЪРИ ҒИНОИИ ТАВСИФИВУ ТАСВИРӢ

Дар шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ аносири олами ашё, манзараҳои табиат, воқеияти мавҷуда нисбат ба дигар анвои шеъри ғиноӣ мақоми муҳимм доранд, ки мавзӯъву муҳтавои шеър қарор гирифта, ин ё он рӯҳия ва ё андешаеро

ифода менамоянд. Он ҳам бо ҳузур ва ҳам бе ҳузури фаъоли шахсияти шеър буданаш мумкин аст. Агар дар шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ шахсияти шеър мавҷуд бошад ҳам, дар он мабҳаси тасвир – аносири олами ашёву табиат мақоми бартаре дошта, фаъолияти шахс ба воситаи тавсифу тасвир нишон дода мешавад.

Дар шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ мавқеи олами ашё бо зуҳуроти гуногуни худ, хоҳ дар шакли манзараҳои табиат ва хоҳ воқеияти навофаридашуда, масалан, намои шаҳру сохтмонҳо, муҳиммтар гашта, маҳз онҳо дар шахсияти шеър пайдо шудани ин ё он гуна эҳсосоту таассуроти ғиноиро муайян менамоянд. Аносир ва зуҳуроти гуногуни воқеияти мавҷуда, ки дар рӯ ба рӯи ҷаҳони ботинии шахсияти шеър қарор мегиранд, маншаи чигунагии идроки ӯ аз олами ҳастӣ мебошанд, ки ба он рангу тобиши гуногун – воқеӣ, хаёлпардозона, масарратомез ва ё ҳузнангез медиҳанд. Дар ин ҳолат олами ашёву воқеият арзиши маънавӣ пайдо карда, маводи шеъри ғиноӣ мешавад, зеро шеъри ғиноӣ махзани арзишҳоест, ки шахсияти он аз маърифати зуҳуроти мухталифи ҷаҳони ҳастӣ ҳосил менамояд. Дар баробари ин, ҳамчунонки қайд шуд, ҳамаи ин вазифаро шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ бе вуҷуди шахсияти шеър ҳам иҷро карданаш мумкин аст. Дар он ҳолат фикру ақида ва эҳсосоту таассуроте, ки шоир мехоҳад ифода кунад, дар интихоби аносири олами ашё, тарзи тасвири манзара, яъне дар зимни мабҳаси тасвир ҷойгузин мешавад.

Нигориши олами ашё дар шеър маъмулан дар шакли манзаранигорӣ, пейзаж, сурат мегирад, ки на фақат зуҳуроти алоҳидаи табиат, балки ҳамроҳи он тамоми намое, ки онро фаро гирифтааст, масалан, обу замин, осмону абр, набототу ҳайвонот, парандагону хазандагон, хулоса, ҳамаи чизеро, ки ба назар меояд, фаро гирифтанаш мумкин аст. Манзаранигорӣ дар шеъри форсии тоҷикӣ решаҳои ҳазорсола дорад, ки дар ин ҷо маҷоли тавсифи пурраи он нест, аммо ҳамин қадар бояд қайд кард, сунннатҳои шукуфо ва пурбори он, ки дар давраҳои аввал дар эҷодиёти шоирони сабки хуросонӣ фаровон ба назар мерасанд, баъд тадриҷан ҷойи худро ба дигар аносири шеър медиҳанд, ки натиҷаи тағйир хӯрдани талабот аз шеър ва муҳтавову бадеияти он мебошад. Шеъри манзара, ки сувари хаёлу тасвиркориро бо андешаву отифа бо худ дорад ва табиату манзара дар он

зиндаву гӯё ба қалам омада, намунаҳои олияш дар осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Фаррухии Сиистонӣ, Мунучеҳрии Домғонӣ ва баъзеи дигарон мавҷуд аст, минбаъд ба шеъре бадал мешавад, ки ба қавли шоир ва донишманди эронӣ Шафеии Кадканӣ, ки дар ин бора таҳқиқоти муфассалу арзишманде анҷом додааст, хусусияти «тасаннуию» (сохтагӣ) «тазйинӣ» (ороишӣ) касб мекунад. Ӯ, аз ҷумла, дар ин бора менависад: «…аз қарни чаҳорум (ҳиҷрӣ) ба баъд зиндагии мардум навъе зиндагии тасаннуӣ аст ва ифроту тафрит бар он фармонравост. Шоирони ин давра тасвирро василае барои илқои маонии зеҳнии худ намедонанд, балки навъе тазйин ба ҳисоб меоваранд, ки дар ҳар мадеҳае бояд аз он тазйин суд ҷуст, монанди ранге, ки бояд бар деворе ё даре ба кор равад, бе он ки таваҷҷуҳ шавад ба ин ки оё дар сохтмони ин девор ё ин дар чӣ моя ба ранг ниёз ҳаст ва агар ҳаст, чӣ навъ ранге ва чӣ андоза» [68, 146].

Бояд ба эътибор гирифт, манзаранигорие, ки дар шеъри классикии форсии тоҷикӣ, масалан, дар қисмати тағаззули қасидаҳо, насибу ташбиб [323, 36-39] ва ё умуман қасидаҳои баҳория, ки тасвиру тавсифи манзараҳои баҳор ва ё қасидаҳое, ки ба тасвири фаслҳои дигари сол бахшида шудаанд, ҷой дорад, бар мафҳуми шеъри тасвирӣ ё манзара, ки дар асри мо маъмул аст, мутафовит аст. Дар шеъри пешин тасвири манзара ва ё аносири олами ашё аксаран ҳамчун воситаи ёрирасон барои ифодаи пурратари мазмуну муҳтавои асар истифода мешуд, ки дар ин бора донишманди улуми адабӣ Ризо Бароҳанӣ чунин менависад «…табиат мисли ҳар чизи дигаре васила қарор мегирад, ҳамон тавре ки дар ашъори гузаштаи мо, гаҳ-гоҳ табиат василаи мадҳи мамдуҳ, ё ишқи маъшуқ бо парастиши маъбуд шудааст. Ба ҳамин далел шеъри гузаштаи мо, зиёд ҳам васфӣ набудааст, ҷуз дар баъзе аз ташбибҳову тағаззулҳо, баъзе ғазалҳо ва пораҳое аз маснавиҳо» [16, 125]. Аммо манзара дар шеъри замони муосир на василае барои ифодаи маънои муҷаррад, балки мафҳумеро ифода менамояд, ки маъно аз худи маводи тасвир берун меояд ва ин ҳолат бар мустақилияти он таъкид дорад. Ба вуҷуд омадани чунин шеъри манзара дараҷаи муайяни инкишофу тараққии ҷамъиятро тақозо мекунад, ки дар он сатҳи шуури афроди ҷомеа баланд рафта, на танҳо афкору андеша ва фаъолияти инсон, балки ҳастии табиат ҳам маншаи такомули ҷаҳоншинохтӣ ва

озодии маънавии ӯ шинохта мешавад. Ба замми ин, барои ба вуҷуд омадани шеъри мустақили манзара ташдиди зиддияти муносибатҳои иҷтимоӣ ҳам зарур буд, ки дар ин бора Г. Н. Поспелов чунин навиштааст: «Зарур буд, ки мухолифати ҷамъиятӣ шадид шуда, дар шуури мардум норозигии амиқ аз тамоми сохти мавҷудаи ҳаёти иҷтимоӣ ба вуҷуд ояд, то одамони бештар андешаманд ва аз ҷиҳати зебошинохтӣ пеш рафта ба дараҷае расанд, ки табиатро дар алоқамандӣ бо норозигиии умумии худ дарк ва онро ифода карда тавонанд» [157, 121]. Ҳамин гуна ҳолат, ҳамчунонки Г. Н. Поспелов қайд кардааст, дар қисмати урупоии дунё, дар Фаронса, асосан дар нимаи дуюми қарни XVIII ба вуҷуд омад, ки аввал боиси шакл гирифтани ҷараёни «сентиментализм», баъдан «романтизм» дар адабиёт шуд. Ва «шоирони сентиментализм ва романтизм эҷодкорони маҳз шеъри ғиноии манзара шуданд, дар ашъори худ «эҳсоси таъмимии табиат» -ро кашфу ифода карда, бо ин, шеъри ғиноӣ ва тамоми адабиёти бадеиро ғановат бахшиданд ва бо ин ҳама дар рушди зебошинохтии башарият қадами бузурге ба пеш гузоштанд» [157,121].

Аммо то қарни бист дар шеъри форсии тоҷикӣ истифодаи тасвир ҳамчун мояи шеър дарк карда нашуд, зеро барои ин заминаи зарурии иҷтимоӣ ба вуҷуд наомада буд ва савияи зебошинохтии шоирон ба дараҷае нарасида буд, ки ба воситаи тасвири манзара ва ҳолатҳои табиат хусусиятҳои хоси онро нишон дода тавонанд. Аз ин ҷост, ки тасвирҳои беҷону берӯҳ, ки аз таҷрибаи фардии шоир баҳра нагирифта, қолабӣ буданду аз шеъре ба шеъре бе мамониат кӯч мекарданд, дар саросари назму насри адабиёти форсии тоҷикӣ мушоҳида мешаванд. Адабиёти ҳамин давраро дар назар дошта, муҳаққиқи дигари эронӣ Тақии Пурномдориён дар бораи хусусияти тасвир дар он ба чунин хулоса мерасад: «Дар мадоеҳи манзум ва насрҳои маснуъи форсӣ, чи бисёр тасвирҳо мебинем, ки андак нақше дар интиқоли авотиф ба уҳда надоранд, чаро ки аз хуршеди гарму равшани таҷрибаҳои самимии рӯҳу эҳсос, гармӣ нагирифта ва фақат ба қасди ҳунарнамоӣ ва санъатгарӣ пардохта шудаанд. Мисли ин аст, ки дебои мунаққашеро бар пайкарае чӯбин ё сангин рост карда бошанд» [162, 90-91]. Ин вазъи тасвир ва

манзаранигорӣ дар шеъри форсии тоҷикӣ бо истиснои хеле кам то қарни бист давом кард.

Дар қарни бист бар асари дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ки дар Осиёи Марказӣ рух дод ва давлати мустақили Тоҷикистон арзи вуҷуд кард, дар адабиёту фарҳанг низ тағйироти назаррасе ба амал омад. Мавқеи инсон дар ҷомеа дигар шуд, савияи шуури шахсии ӯ боло рафт, ки ин бар кулли ҳунар, аз ҷумла шеъру адаб нақши худро гузошт. Ин на танҳо дар муносибати фард бо ҷомеа, балки дар муносибати вай ба табиат ҳам хусусиятҳои тоза ворид кард. Масалан, ба таври куллӣ қайд кардан мумкин аст, ки инсон дар авоили қарни бист ба табиат муносибати зӯроваронаву тасхиркунанда дошт. Ин вазъият дар дунё, аз ҷумла дар Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии собиқ, ки Тоҷикистон ҳам ҷузъи он буд, ҳукмфармо буд, ки оқибатҳои ногувори на танҳо иқтисодиву иҷтимоиву экологӣ, балки рӯҳиву маънавӣ ҳам дошт, зеро дар натиҷаи ин гуна муносибати зӯроваронаву ғоратгарона ба табиат давлатҳои абарқудрат манфиати бештаре ба даст оварда, ҳаққу ҳуқуқи дигаронро поймол мекарданд, ки дар мардуми онҳо рӯҳияи зӯроварию манфиатҷӯӣ ва дар мардуми кишварҳои ғоратшуда дилшикастагиву ноумедиро ба амал меовард. Чунин муносибати яктарафа ба табиат, ки инсон ҳатман ғолибу фармонраво ва манфиатҷӯи муваққатии он бошад, дар як кишвар ҳам оқибатҳои ногувори иҷтимоиву экологӣ ва маънавию ахлоқӣ дошт. Бинобар ин, масъалаи муносибат бо табиат танҳо масъалаи иҷтимоиву экологӣ набуда, масъалаи маънавию ахлоқӣ ҳам ҳаст, ки бо дарки ин ҷиҳати он дар нимаи дуюм ва охири қарн кам-кам роҳҳои ҳамкориву ҳамдастӣ бо табиат ҷуста мешавад, ки бегумон ба тасвиру тавсифи он дар шеър ҳам асари худро мегузорад. Аз ин бармеояд, ки шеър ҳам ин таҷрибаҳоро аз нав бояд бисанҷад, заруриву манфиатбахши онро бо ҳам пайванд диҳад, то дар тасвири табиат ба ягонагии бӯъдҳои эҳсосиву отифӣ ва моддиву маънавӣ бирасад.

Дар ин давра нигоҳи шуаро ба мақом ва хусусияти тасвир ҳам дигаргун гашта, диди тоза ба ашё ва олами табиат, ки маҳсули таҷрибаи фардии эҷодкор ва эҳсосу отифаи шоирона бошад, матлаби тасвир қарор гирифт. Ин ҳам шохае аз раванде буд, ки шеърро ба тақозои замони нав аз такрори маънӣ ва тасвирҳои

қолабӣ раҳо карда, ба он дар асоси самимияту отифат ва тасвирҳои пурмазмун рушду нумуви тоза бахшиданӣ буд.

Ба дараҷаи пешрафти ҷамъияти инсонӣ доираи ашёи нигориши манзара ҳам вусъат меёбад, зеро дастовардҳои илмиву фаннӣ, ки дар ин ё он шакл таҷассум мешаванд, низ дар намои манзара ҷой меёбанд. Масалан, имрӯз на фақат намои шаҳр, балки сохтмонҳо, роҳҳо, хиёбонҳо, фурудгоҳҳо бо тайёраҳову мошинҳояш низ дар чаҳорчӯби манзара ба тасвир меоянд. Зиндагии инсони муосир нисбат ба давраҳои пешин хеле густардатар аст ва он бисёр чизҳои тозаеро фаро мегирад, ки инсон онҳоро бояд шиносад, таҷриба ва маърифат кунад, то ин дониши нав ӯро ба такомули бештари маънавӣ бирасонад. Тасаввур ва дониши инсон на фақат дар дарозои таърих, балки дар як фосилаи на чандон тӯлонӣ ҳам метавонад тағйир хӯрад, такомул ёбад, ки ба муносибати ӯ ба олами ашё ва табиат таъсир мегузорад.

Шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ, ки бо манозири табиат ва олами ашё сари кор дорад, василаи муҳими шинохти на фақат мабҳаси тасвир, балки воситаи беҳтарини шинохти инсон ва якпорчагии ӯ бо олами атроф мебошад. Шеъри манзара ба шоир имкон медиҳад, ки муҳити атрофро таҷриба кунад ва ин таҷрибиётро ба шакли  тасвир даровarда, ба андозае, ки бо сухан тасаввур кардани он имкон дорад, қобили мушоҳида намояд. Дар ин гуна шеър шоир манзараеро ба тасвир гирифта, онро мисраъ ба мисраъ, тадриҷан ба пеши назар муҷассам месозад ва бо ин гӯё инсонро дар ҷараёни халлоқият шарик қарор дода, завқи зебошинохтии ӯро ба сӯи такомул таҳрик мекунад. Шеъри манзара, ки як навъи шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ мебошад, таҷаллиёти беҳтарини ҳунари шеър аст, ки бо писандидатарин ваҷҳ аз пайванди инсону табиат сухан мегӯяд.

Олами ҳастӣ на фақат сарчашмаи эҳсосоту таассурот, меҳру муҳаббат, раҳму шафқат, балки зебоӣ ҳам ҳаст, зебоие, ки на фақат мабҳаси зебошинохтӣ, балки зебоиҳои тамоми зуҳуроти ҳаёт – табиат, эҷодиёти инсон, ишқу алоқа ва дилбастагиро ба худи зиндагӣ, ки мояи хушбахтист, низ дар бар мегирад. Шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ василаи асосии нишон додани ҳамин гуна олами ашёву воқеият аст, ки бо чашми шоир дидаву нигориш карда мешавад. Шахсияти шеър

муносибати худро ба олами ашёву воқеият аз рӯи ҳамин меъёри ба чӣ андоза барои шодиву масаррат ва хушбахтиву озодии ӯ мувофиқат кардани он муайян менамояд.

Дар шеъри ғиноии нимаи дуюми садаи бисти тоҷик шахсияти шеър на шахсияти мунтахаби хаёлпардозона, ҳарчанд баъзан ин гуна хусусият ҳам дорад, аммо асосан шахсияти ҳамзоди воқеияте мебошад, ки ӯро фаро гирифтааст. Ин воқеият, ки олами ашё ва табиатро бо худ дорад, баъзан бо сифати пасту сифлӣ зоҳир шавад ҳам, дар маҷмӯъ ҳамоҳанг бо орзуву омол ва ормони шахсияти шеър ба назар мерасад.

Ҷойи шакке нест, ки дар аввали нимаи дуюми қарни бист, ва баъдтар ҳам, аносири олами ҳастӣ ва манзараҳои он ҳамоҳангу ҳамранги орзуву ормонҳои инсони замон ва, аз ҷумла шахсияти ғиноии шеър ҳам ҳаст. Аз ин рӯ, манзараҳои табиат ва аносири олами ашё, ки мабҳаси шеър қарор мегиранд, рангу равғани мусбати иҷтимоӣ доранд. Хубиву зебоии онҳо натиҷаи сохти ҷамъиятие нишон дода мешавад, ки дар он адолати иҷтимоӣ ҳукмфармост. Ин маъно қариб аз ҳамаи ашъори тавсифию тасвирии он давра падидор аст, ки намунаи равшанаш шеърҳои манзаравии Мирзо Турсунзода мебошад.

Тасвиру сувари хаёл, ки куҳнаю қолабӣ буд, бо тозагии ғояи шеър ҳамоҳанг набуд ва ин далели он буд, ки бо забон, тасвиру сувари хаёли кӯҳнаву ориятӣ муҳтавои тозаро намешавад баён намуд. Ин фикр дар бисёр шеърҳои то нимаи дуюми қарни бист эҷод кардаи Мирзо Турсунзода ҳам, ки аз шоирони пешрави замон маҳсуб мешуд, исбот мешавад. Масалан, шеърҳои «Мамлакати тиллоӣ» (с. 1938), «Ба кӯҳсори тоҷик» (с. 1940), «Баҳория» (с. 1948), ки гӯё мазмуни тозаи иҷтимоӣ доранд, вале бо сабку сувари хаёли забонзаду обшуста баён шуда, фоқиди таҷрибаи фардӣ ва эҳсосоту таассуроти шоиранд. Сувари хаёл дар ин шеърҳо, масалан, дар «Мамлакати тиллоӣ» аз ин қабиланд:

Тоҷикистони советӣ ҳамчу як гулдаста аст,
Қомати сабзаш дар ин боғи ленинӣ растааст.
Рангу бӯяш қимати ҳар мушкро бишкастааст,

Халқи дилшодаш ба вай меҳру муҳаббат бастааст
З-ин сабаб ҳам хизматашро аз дилу ҷон мекунад [233, 29].

Ҳамчунонки ба назар мерасад, ин мисраъҳо аз таҷрибаи фардӣ, идроки тозаи воқеият ва самимияту отифат бебаҳра буда, бо истифодаи аносири сувари хаёл, вале бо ташбеҳу истиороти шахшудаи беҷон гуфта шудаанд, ки ба дилу ҷон асаре намегузоранд. Ё шеъри «Ба кӯҳсори тоҷик» бо ин навъ тавсифу тасвир оғоз мешавад, ки ҳама забонзаду обшустаанд:

Салом, эй кӯҳсори Тоҷикистон,
Диёри пурсафои хубрӯён.
Ғазалхон омадам монанди булбул
Ба боғат парзанон бар дидани гул… [233, 43]

Дар поинтари шеър сарафрозии кӯҳсор ба сарафрозии сияҳчашмони Дарвоз шабоҳат дода мешавад, ки ҳеҷ муносибате ба ҳамдигар надоранд, зеро аз ҷониби шоир таҷриба нашуда, танҳо ба зарурати қофия сурат гирифта, хандаовар ҳам ба назар меояд:

Кунун аз ҳусни худ гаштӣ сарафроз
Ба монанди сияҳчашмони Дарвоз [233, 44].

Ин аносири сувари хаёл кӯҳнаю қолабиянд, онҳо асар аз халлоқияти фардии шоирона надошта, аз хазинаи пешини бадеӣ ба шеър ворид гаштаанд. Азбаски тасвир меҳвар надорад, аносири сувари хаёл аз ҳар ҷониб ба он дохил шудаанд, ки дар натиҷа на тасвири воқеии мукаммал, балки парешонгӯӣ бор овардаанду бас. Ин роҳи дурусти судҷӯӣ аз тасвир нест. Тасвир дар шеър на барои оростану пиростани матн, балки мояи батни он бояд бошад. Дар ин ҳолат он ақидаи содалавҳона, ки гӯё аносири сувари хаёли зебо ваҷҳи зебоии тасвир мебошад, ботил хоҳад гашт, зеро манзур аз тасвир дар шеър на зебоии маснуӣ, балки

муҳтаво, паём ва ҳақиқатест, ки он тасвир мерасонад. Шинохти мақоми тасвир аз ин дидгоҳ дар шеъри муосири тоҷик, ва ҳамчунин дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода, тадриҷан дар нимаи дувуми қарни бист сурат мегирад.

Аз ашъори ғиноии тавсифию тасвирӣ, ки Мирзо Турсунзода дар солҳои панҷоҳуми қарни бист навиштааст, «Рӯди кӯҳӣ» (с. 1959), «Дурахшон қуллаҳо» (с. 1959) ба назар ҷолибтар мерасанд, зеро дар онҳо нисбат ба дигар шеърҳо мавқеи тасвир муҳимтар аст. Дар ин шеърҳо ҳамон ғояи пирӯзии инсон бар табиат, ки барои беҳбуди ҳаёти иҷтимоии ӯ хидмат мекунад, ба тарзу тариқи гуногун тавсифу тасвир карда мешавад. Табиист, ки дар шеъри ғиноии тавсифию тасвирии аксари шоирони тоҷик тимсоли кӯҳ, рӯди кӯҳӣ, водӣ, дара ва монанди ин аносири кишвари кӯҳистон фаровон ба тасвир меоянд, зеро ба ин восита на танҳо намои муҳити зиндагии воқеии онҳо, балки хислат ва хулқу атвори миллии халқ низ таҷассум мешавад.

Дар шеъри «Рӯди кӯҳӣ» яке аз аносири табиати кӯҳистон, рӯд мавриди ангезаи ҳиссии шоир қарор гирифта, тимсоли он тадриҷан, байт ба байт, офарида шуда, ҳар байти минбаъда тарҳи тозае ба он зам менамояд. Ин шеър аз 10 байти маснавишакл иборат буда, дар панҷ байти аввали он тасвири рӯди кӯҳӣ бо ибрози ангезаи ҳиссии шоир ҳамроҳ ба қалам меояд, ки аз он се байт махсус дар сифати рӯд аст:

Сараш бар санг мезад рӯди кӯҳӣ,
Ба доман чанг мезад рӯди кӯҳӣ.
Ба мисли шири навҷӯшидае буд,
Палангу бабри хуннӯшидае буд.
Дара аз ғурриши обаш садо дод,
Насимаш рӯҳро, ҷонро ғизо дод [233, 148].

Рӯди кӯҳӣ бо таъбирҳои «сараш бар санг мезад» ва «ба доман чанг мезад» ноаён ташхис гашта, баёни матлабро гармтару самимитар месозад. Шабоҳатҳое, ки дар байни ташбеҳшаванда, рӯди кӯҳӣ ва ташбеҳкунанда, шири навдӯшида,

палангу бабри хуннӯшида дида шудааст, мувофиқи матлабанд, зеро ҳар ду қисмат аз олами маҳсус буда, ба осонӣ дарк мешаванд. Қисмати дуюми шеър, ки бо мурочиати бевоситаи шоир ба рӯди кӯҳӣ оғоз мегардад, шахсиятбахшии шеърро қавитар карда, рӯдро дар иқдомоти одами чамъияти нав, ки зиндагиро навбаҳори хуррам ва фурӯзон карданист, ҳамдаст нишон медиҳад:

Чароғи хонаи моро фурӯзӣ,
Лаби чоки биёбонро ту дӯзӣ.
Ту ваҳшӣ будию мо ром кардем,
Туро бо коммунизм инъом кардем [233, 148].

Инсон дар ҳар чое, ки зиндагӣ кунад, хоҳ дар деҳ, хоҳ дар шаҳр, ӯро муҳите фаро мегирад ва ин муҳит на танҳо зиндагии ичтимоӣ, балки ҳаёти рӯҳию маънавии ӯро низ шакл медиҳад. Фарҳанг, адабиёт ва, аз чумла шеър ҳам, шакли ба худ хоси мучассамкунандаи ҳамин ҳаёти рӯҳию маънавии халқ аст. Маънии ҳаёти халқ дар арзишҳои маънавӣ чамъбаст мешавад, ки ондар адабиёт ба воситаҳои бадеӣ , аз чумла, рамзу мачоз, ташбеҳу истиора, ташхису муболиға ва тимсолу намодҳо ифода мегардад. Ин воситаҳои бадеии тасвир аз аносири табиат ва муҳите, ки ин ё он халқро фаро гирифтааст, сохта мешаванд. Ҳамчунонки ҳар шайъ дар табиат бо шайъи дигар иртибот дорад ва ҳатто асоси пайдоиши ҳаёт ҳам дар ҳамин иртибот аст, дар адабиёт низ аносири олами ашё бо ҳамдигар робита барқарор карда, суратҳои бадеъро ба бор меоранд, ки истифодаи онҳо ба адабиёт чон мебахшад. Адабиёт бе суратҳои бадеъ чон надорад, махсусан, шеър . Аз ин рӯ, шеъри тасвири табиат ва аносири он чондортарин шеър аст, зеро мабҳасе, ки ба он рӯй меорад, худ чондор аст ва агар чондор нест, шоир онро чондор меангораду чон медиҳад.

Суратҳои бадеии шеър, ки аз муҳити зиндагии халқи тоҷик гирифта шудаанд, масалан, кӯҳ, ағба, рӯди кӯҳӣ, арча, уқоб ва монанди инҳо, ки бештар хоси кишвари кӯҳистон мебошанд, дар натичаи истифодаи дуру дарози таърихӣ, ҳам дар адабиёти мактуб ва ҳам шифоҳии мардум, ба ифодаи маъниҳои фарохтаре аз

мафҳуми аслии худ қобил гаштаанд. Баъзе аз онҳо ба намод, рамз – самбул ҳам табдил ёфтаанд.

Ҳамаи суратҳои бадеии шеър, аз ҷумла, маҷозу истиора, ташбеҳу киноя ва намодҳо ҳам вобаста бо замон, дараҷаи шуур ва маърифати зебошинохтии инсон тобишу маъно дигар карданашон мумкин аст. Дар бораи хусусияти ҳамин гунаи истифодаи намодҳо файласуфи рус А .Ф .Лосев чунин менависад: "Мо акнун осмони пурситорaро як тарзи дигар дарк мекунем, онро сад ё дусад сол қабл аз ин дигар навъ мефаҳмиданд, ду ҳазор ё се ҳазор сол қабл аз ин – боз ҳам дигаргунатар. Ҳамаи онҳо моҳияти гуногуни намодҳои фарҳанги башариянд, яъне боз ҳам намодҳо ба сифати мутарокуми муносибатҳои инсонии замон ва макони муайян мебошанд" [112, 194]. Ҳоло аз ҳамин дидгоҳ ба намоди кӯҳ, ки дар фарҳанги тоҷик истифодаи густардае дошта, дар ашъори Мирзо Турсунзода ҳам бисёр ба назар мерасад, муроҷиат карда мешавад. Дар шеъри классик ва шифоҳии мардуми тоҷик то қарни бист кӯҳ асосан намоди устуворӣ, бузургӣ, тамкин, садди роҳ ва вазнинии ғаму андӯҳ мебошад. Аммо дар шеъри "Дурахшон қуллаҳо"-и Мирзо Турсунзода он бо чашми дигар, бо чашми шаҳрванди кишвари озоду хушбахт дида шуда, ба намоди зинаҳои тоза ба тозаи дастовардҳои иҷтимоии мардум табдил гаштааст. Ин асари муносибатҳои нави иҷтимоӣ, на танҳо дар байни одамон, балки байни инсон ва табиат низ мебошад, ки дар шуури шаҳрвандии шоир инъикос шудааст. Дар ин шеър, ки ба шакли маснавӣ гуфта шудааст, намоди кӯҳ меҳвар аст, сужаи ғиноӣ дар атрофи он шакл мегирад. Шоир шеърро аз муроҷиат ба рафиқи фарзӣ оғоз карда, сифатҳои баландию ошёни ғизолону уқобон будани кӯҳро зикр мекунад ва дар байти ҳаштум онро ташхисонида, аз забони он чунин мегӯяд:

Бишнавам аз кӯҳ то акси садо,
Гӯядам, шояд, ки: "Фарзандам, биё!
Андаке мавзӯъро тағьир кун,
Ин бузургии маро тасвир кун.
Қуллаи ман то дари афлок рафт,

Пои ман бар мағз-мағзи хок рафт [233, 149].

Баъдан тозагии барфи сари он, устуворияш, ки аз тӯфонҳо ҳам парво надорад, бар сараш чун қандил шуълаборӣ кардани ахтарон, гирди сараш чарх гардидани моҳи сунъӣ, дар доманаш ҳосилхез шудани саҳроҳо ва монанди инҳо тавсиф карда мешавад, ки кам-кам ба намои суннатии кӯҳу қулла тобиши тозаи маъноӣ ворид мекунад. Ин гунаи биниш натиҷаи идроки замони нав аст, ки барои чунин хулоса гирифтан замина омода месозад:

Хостам поро ниҳам бар қуллае,
Пеш омад лек дигар қуллае.
Қуллаҳо аз ҳамдигар болотаранд,
Дар шукӯҳи хеш дигар-дигаранд [233, 150].

Ҳамин тариқ, кӯҳу қулла ба рамзи баландиҳое, ки дар роҳи пешрафт мавҷуданду фатҳи онҳо ҷомеаро ба як зинаи тараққиёт болотар мебарад, табдил мешавад. Ва дар охир шоир боз ба рафиқи фарзӣ муроҷиат ва шеърро ҳалқабандӣ карда, мегӯяд: "Пеш рафтӣ, кор осон мешавад, // Қуллаи нав ҳам намоён мешавад" [233, 150]. Дар ҳар дуи ин шеър ҳам олами табиат ҳоло ҳамчун василаи баёни ғояе, ки шоир мехоҳад, баён кунад, хидмат мекунад, яъне табиат воситаи баёни муҳтаво мебошад, на худи муҳтаво. Аммо нисбат ба шеърҳои солҳои чиҳилум дар ин шеърҳои солҳои панҷоҳуми шоир олами табиат мақоми муҳимтаре пайдо карда, як рукни олами ҳастӣ, дар айни ҳол, рӯди кӯҳию қуллаву кӯҳ дар меҳвари шеър қарор гирифта, чигунагии андешаву эҳсосоти шоирро муайян намудаанд. Вале, бо вуҷуди ин, дар ин шеърҳо ҳоло мақоми тасвири манзараи табиат ва аносири олами ашё ба он дараҷаи зарурӣ нарасидааст, ки эҳсосоти инсонро ба таҳрик оварда, ба андешаҳои амиқ водор карда тавонад, ки аз он хулосаҳои ҳикматноки фалсафӣ бароварда шавад. Иллати ин на танҳо дар худи адабиёт, балки бештар дар дараҷаи пасти инкишоф қарор доштани ҷомеаи кишвар ва шуури иҷтимоӣ буд. Аз ин рӯ, тасвири манзараҳои табиат ва аносири

олами ашё он мақомеро, ки дар адабиёти ғарб ва ҳатто рус дар ин давра дар фаро гирифтани масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ, фарҳангию маънавӣ дорад, пайдо накарда, танҳо ҳамчун яке аз василаҳои тасвиру тавсифи пирӯзигаронаи дастовардҳо арзи андом мекунад. Вале ба ҳар ҳол, дар ин вазъият ҳам, баъди солҳои шастуми қарни бист, баробари кам-кам боз шудани фазои сиёсию иҷтимоии кишвари шӯроҳо назари шуаро ба ҷомеа ва олами ҳастӣ воқеитар мешуд, ки ба нигоҳи онҳо ба табиат ва манзараҳои он ҳам таъсир мегузошт. Андаке тағйир хӯрдани назари Мирзо Турсунзода дар ин солҳо дар тасвири манзараҳои табиат дар шеърҳои “Чӯпон” (с.1967), “Силсилаи кӯҳи Ҳисор” (с. 1969), “Дараи арӯсон” (с. 1973) мушоҳида мешавад. Сарчашмаи ин шеърҳо ҳам олами воқеият аст, фикри шоир аз дарки ҳодиса ва манзараву ҳолати ҳамин олам ба таҳрик меояд ва ба тасвири бадеии он мепардозад. Аз ин шеърҳо, махсусан, “Чӯпон” бо истиқлоли тасвир, ки ба он ифодаи ғояе қаблан ҳамл карда нашуда, он аз худи маводи тасвир бармеояд, қобили мулоҳиза аст.

Шеъри “Чӯпон” дар навъи ғазал гуфта шуда, таъбири “рама дорад” радифи он мебошад, ки барои ба вуҷуд овардани тасвир мадад мекунад, зеро дар ҳолати чунин радиф доштани ғазал шоир водор мешавад, ки аз доираи мабҳаси тасвир дур нарафта, байтҳои минбаъдаро ҳатман бо он радиф тамом кунад. Дар ин шеър, ба ҷуз дар байти охир, ҳузури шоир, ки бо ин ё он воситаи забонӣ баён шуда бошад, вуҷуд надорад, вале ҳолати рӯҳии ӯ бо манзараи тасвир омехта, аз он набзи дил, кайфияти аҳволи ӯ ҳис карда мешавад, ки моҳияти шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ ҳам дар ҳамин аст. Манзара дар шеъри ғиноии асили тавсифию тасвирӣ ҳамин тавр, бе дахолат ва ё таъкиди рӯирости муаллиф моҳияти таъмимӣ пайдо мекунад. Аз фазои ин тасвир маълум мешавад, ки дар ин ҷо оромишу осоиш ҳукмфармо буда, чӯпону рама ба рамзи бадеии он табдил ёфтаанд.

Чӯпон ба сари кӯҳу чаридан рама дорад,
Аз санг ба харсанг ҷаҳидан рама дорад.
Бӯи гули кӯҳию алафзори чарогоҳ

Дар панҷаи бод асту давидан рама дорад.
Чун абри сафеде, ки гирифтаст фазоро,
Чодар ба сари сабза кашидан рама дорад [238, 131].

Манзараи табиат ва ё аносири олами ашё дар шеъри тавсифию тасвирӣ мутобиқи рӯҳияи шахсияти шеър нигориш шуда, на фақат фаҳмишу тасаввури инсонро аз онҳо амиқтар месозад, балки барои шинохти беҳтари худи шахсият низ хидмат мекунад. Дар ин шеър ҳам ҳамин тавр аст, ҷондору зинда тасвир шудани чарогоҳи кӯҳӣ бо гулу алафзору чашмаҳояш, ки аносири беҷони табиат ҳастанд, аз рӯҳияи зиндагипарвари шоир дарак медиҳад, вагарна чӯпону рама ҳам, ки ҷон доранд, беҷону берӯҳ ба қалам меомаданд.

Сарчашма занад ҷӯш, аз он барра кунад нӯш,
Аз ҷӯи сафобахш паридан рама дорад.
Дар дасти шубон чӯб – хитобест ба душман,
Гургон ба ҳаросанду рамидан рама дорад.
Чӯпон нигарад бо назари меҳр ба поён,
Аз қуллаи кӯҳсор хамидан рама дорад.
Ишқу ҳаваси дидани ин манзари зебо
Ман дораму ту дориву дидан ҳама дорад [238, 131].

Байти мақтаъ андаке содагароёна анҷом шуда, аз назари ифода нуқс ҳам дорад, ки бе зарурат ду бор такрор омадани масдари “дидан” мебошад, аммо дар маҷмӯъ ин шеър нисбат ба дигар ашъори тавсифию тасвирии Мирзо Турсунзода, ки манзури шоирро бо нигориши пурраи манзара ва рӯҳ бахшидани он баён мекунад, мақоми арзишмандеро дорост. Аз ин ҷиҳат шеъри “Силсилаи кӯҳи Ҳисор” ҳам ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Аз унвони шеър ҳам пайдост, ки шоир аз аввал доманаи тасвирро фарох гирифта, ба худ имконеро муҳайё кардааст, ки на фақат тарҳҳоро озодона интихоб кунад, балки дар ҳар ҷо, ки зарур медонад, рангу

равғани тасвирро баланду паст карда, барои ифодаи идроки ҳиссиётмандонаи худ мувофиқ созад.

Дидаӣ манзараи силсилаи кӯҳи Ҳисор,
Нуқрагун шаршараи силсилаи кӯҳи Ҳисор,
Рӯдҳои дараи силсилаи кӯҳи Ҳисор,
Акси оҳубараи силсилаи кӯҳи Ҳисор [238, 147].

Дар ин банд аввал сухан дар бораи манзараи умумии силсилаи кӯҳи Ҳисор меравад, пас ба воситаи зикри ҷузъиёт – шаршара, рӯдҳо, акси оҳубара он мушахастар карда мешавад. Танҳо шаршара сифати нуқрагунро мегирад, ки хидмати ташбеҳ ва тасвирро ба ҷо меорад. Шоир, ки эҳсоси баланди ватандӯстӣ дорад, танҳо аз номбар кардани ҷузъиёте, ки дар манзараи силсилакӯҳи зодбумаш мебинад, лаззат мебарад ва ин зикрро то мисраи ёздаҳуми шеър давом медиҳад ва пас абрҳои онро ба уштурони обнӯшанда ташбеҳи ҷолибе карда мегӯяд:

Абрҳо мисли шутур гардани худ карда дароз,
Об нӯшанд зи рӯди чамани сабзу кабуд [238, 147].

Баъд аз ин боз зикр ва ҷо-ҷо бо тавсиф ҷузъиёти дигари силсилаи кӯҳи Ҳисор, ҳамчун бағали кӯҳу чашмаҳову қуллаҳо меоянд, ки бо зикру тавсиф ҳам, ҳиссиётмандии самимонаи шоирро ба мо мерасонанд. Дар банди панҷум, ки аз “ба замин пой фурӯ сохт” –ану “рахна ба сақфи фалак андохт”-ани кӯҳу қуллаҳо бо ташхису муболиға сухан меравад, ҳадафмандии ғоявии шоир боло мегирад ва ӯ “офтоби саҳариро” мисли байроқи зафар, машъали тобони ҳаёт мебинад, ки “кӯҳҳо «ба сар афрохтаанд”. Давоми шеър боз аз зикри ҷузъиёту тасвиру тавсифҳо иборат буда, дар банди ҳафтум кӯҳи Ҳисорро бо ташхисонидан ба пири муғони бодакаш шабоҳат медиҳад, ки зебову муносиб ба назар мерасад:

Чорзону зада дар майкада чун пири муғон,

Ҷоми саршори маи ноб диҳад кӯҳи Ҳисор [238, 148].

Мирзо Турсунзода манзараи кӯҳу кӯҳистонро, ки шаҳоматноканд, барои ифодаи ғояҳои шаҳрвандии худ, ки онҳо ҳам бузурганд, муносиб мебинад. Азбаски ӯ “дар домани ин силсила таваллуд шудааст”, пас тавсифу тасвир ва тамҷиди онҳо барои ӯ як амри табиист, ки ин шеъри манзараро хулоса карда, мегӯяд:

Чун расидам ба сари қуллаи кӯҳи ватанам,
Ҳофизи ин ватани пайрави хуршед шудам [238, 148].

Аз ин ҷост, ки ҳар мурочиати шоир барои тасвири ин ё он манзараи табиат ва ё аносири олами ашё аз рӯи ҷаҳонбинии ӯ сурат гирифта, дар зимн моҳияти мафкуравӣ дорад. Бинобар ин, манзараҳои табиат на умуман, балки бо ҷиҳатҳои хосиятноктаринашон диққати шоирро ҷалб намуда, барои ифодаи ғояи муайян ба тасвир гирифта мешаванд. Азбаски Мирзо Турсунзода асосан шоири музаффариятҳои замони шӯравист, он манзараҳои табиат барои тавсифу тасвир интихоб мешаванд, ки ба тақозои ин барномаи эҷодии ӯ мувофиқат дошта бошанд. Дар маҷмӯъ дар ашъори ғиноии тавсифию тасвирии Мирзо Турсунзода манзараҳои табиат ва аносири олами ашё бо хосиятноктарин хусусиятҳои худ, масалан, рӯд бо ҷӯшу хурӯш ва зулолии обаш, кӯҳ бо сарбаландию шаҳоматаш нигориш мешаванд, ки ҳамоҳанги ғояҳои шаҳрвандии шоир ҳастанд.

Дар ашъори ғиноии Аминҷон Шукӯҳӣ аносири олами ашё фаровон ҳузур доранд, аммо онҳо аксаран ба сифати ёрирасон омада, барои ифодаи ашёвию маҳсуси муҳтаво хидмат мекунанд. Ӯ теъдоди бисёри ашъори худро бо тасвири кӯтоҳи ин ё он манзара ва ё аносири олами ашё оғоз карда, пас ба ифодаи эҳсосоту таассуроти шахсияти шеър мепардозад. Ин давоми ҳамон истифодаи суннатии табиат ва аносири олами ашёст, ки дар шеър вуҷуд дошта, барои ифодаи ҷаҳони ботинии инсон мусоидат мекард.

Дар баробари ин Аминҷон Шукӯҳӣ, ки иштиёқ ба назми классикии рус дошта, ашъори Пушкин ва махсусан, Лермонтовро мавриди омӯзиш қарор дода буд, кам-кам аз онҳо дар атрофи як сужаи ғиноӣ ва унсури олами ашё сохтани шеърро меомӯзад ва дар эҷодиёти худ ҳам таҷриба мекунад. Дар натиҷа ӯ ба гуфтани ашъоре даст меёбад, ки дар онҳо манзара ва ё унсури олами ашё ҷузъиёти тасвир набуда, ҳамчун меҳвари ғиноӣ қарор мегиранд. Олами табиат, масалан, дар шеърҳои «Кӯли кӯҳӣ» (с. 1964), «Дарёи Талас» (с. 1964), «Ман номи туро намудаам гум» (с. 1964) ҳамин гуна истифода шуда, бо тақозои ҳолати мабҳас ва таассуроти ифодашаванда ором ва ё дар ҳаракат нигориш карда мешавад.

Дар шеъри “Кӯли кӯҳӣ” намои кӯли кӯҳӣ, ки хоси кишвари кӯҳистон аст, ба тасвир гирифта шуда, дар тимсоли кӯҳ хислати саховатмандию нисоргарии мардуми тоҷик нишон дода мешавад. Дар банди аввали шеър, ки ба навъи чаҳорпора гуфта шудааст, офтоб дар фасли гармо ҳангоми ҳароратбахшиҳои худ ба замин гӯё ташна монда, “чашм …ба як коса об” чор мекунад. Ин ҷондор ангоридани офтоб самимияти тасвирро ба бор меорад. Баъд кӯҳ низ ташхисонида мешавад, ки чунин амал мекунад:

Кӯҳи сарафрохтаи бениёз,
Кӯли мусаффо ба кафи дасти боз
Дошта, чун косаи оби зулол,
Гӯӣ(?) ба хуршед намояд дароз [370, 29].

Дар бандҳои ояндаи шеър кӯл ҳам ташхисонида мешавад, ки ба офтоб “ба дилам гӯш кун”, “оби мусаффо зи кафам нӯш кун” мегӯяд ва абр ҳам ҷондор ангорида мешавад, ки чун заминро ташна мебинад, ба сӯи он мешитобад. Аминҷон Шукӯҳӣ дар ин манзаранигорию тасвиркории худ асосан аз ду навъи воситаи тасвир ташбеҳу ташхис истифода кардааст, ки дар мақтаи шеър ҳам аз онҳо суд ҷуста, хулосаашро чунин баён медорад:

Дар раҳи хуршед, ки шамшервор
Пора кунад пардаи шабҳои тор,
Ҳар чӣ, ки дорад, ба ду дасти сахӣ,
Кишвари тоҷик намояд нисор [370, 29].

Сужаи ғиноии шеър, ки аз муносибати байниҳамдигарии офтобу кӯҳу кӯлу абру ташназамин ба ҳам меояд, дар охир маҷмӯан барои ба вуҷуд овардани мафҳуми умумии кишвари тоҷик замина омода месозад, ки онро шоир кишваре "ба ду дасти сахӣ" номида, андешаи ҷамъбастии худро изҳор мекунад. Тасвири хулқу атвори саховатмандонаи мардуми тоҷик дар ин шеър ҳамон хусусиятеро дорад, ки донишманди адабиёт Д .С .Лихачев умуман дар бораи миллияти тасвир таъкид мекунад: "Хусусиятҳои миллии халқ на дар худ ва на барои худ, балки барои дигарон вуҷуд доранд" [ 109, 61].

Дар шеърҳои "Дарёи Талас", "Ман номи туро намудаам гум" , ки ҳар ду тасвири дарёро мекашанд, сужаи ғиноӣ дар асоси ҳаракат, ҷараёни дарё шакл мегирад. Шоир ҳангоми тасвир ва ё сухан гуфтан аз ҷараён ба сурати дарё тарҳҳои тоза ба тоза афзуда, онро комилтар менамояд. Дар шеъри "Дарёи Талас"дарё аз мисраи аввал ба воситаи ташбеҳ, ки ба "йигити асптозе" монанд карда мешавад, ташхисонида шуда, баъд дар рафти тасвири ҷараён ба он тарҳҳои нав зам мегарданд:

Ба монанди йигити асптозе
Ба рӯи сангҳо бинмуда бозӣ,
Савора медавад дарёи кӯҳӣ
Аз ин водии сабзу пуршукӯҳе [370, 90].

Дар бандҳои дигар ба он сифати "шаффоф", соҳилҳои пур аз чарогоҳҳои гӯсфандон, домани пургул ва монанди инҳо илова мегарданд, ки, аз як ҷиҳат, хидмати пурратар кардани тасвирро дошта, аз ҷиҳати дигар, бар сарчашмаи зебоӣ ва файзу баракат будани дарё ишорат мекунанд. Дар бандҳои чаҳоруму

панҷум шоир ба тасвири шабу юрти қирғизӣ дар канори дарё ва ҳусну ҷамоли духтари ҳунарманди сурудхон мепардозад ва мегӯяд, ки: “Ба ман як дам, ки ин гул ҳамнафас шуд, //Дилам монанди дарёи Талас шуд” [370, 90] ва ба шеър оҳанги ошиқона медиҳад. Ин шеър баъд аз баргузории Даҳаи адабиёту санъати Тоҷикистон дар Қирғизистон, ки Аминҷон Шукӯҳӣ ҳам дар он иштирок дошт ва меҳмони таласиҳо буд, навишта шудааст ва табиист, ки дар мақтаи он ғояи баҳампайвандии халқҳо бо лаҳни ошиқона, ки болотар ба он замина гузошта шуда буд, ҳамроҳ ба гӯш мерасад:

…Агар ҳар сол дар фасли баҳорон
Талас аз шодӣ (?) меояд ба туғён,
Ба ҳар як мавҷи он, ҳар ғул-ғули он
Садои қалби ман ҳам ҳаст, ёрон! [370, 90]

Дар ашъори тавсифию тасвирӣ, ки Аминҷон Шукӯҳӣ дар солҳои ҳафтод навиштааст, манзара ва нигориши аносири олами ашё истиқлоли бештар доранд. Шеърҳои “Сабр кун, эй гули бодом” (с. 1970), “Боғбонро мепарастам” (с. 1970), “Дар кӯчабоғи ишқ” (с. 1970), “ Як зарра барф” (с. 1970), “Баргҳои тиллоӣ” (с. 1970) аз ин қабиланд, ки аз инҳо шеъри охир махсусан, қобили таваҷҷуҳи хос метавонад бошад, зеро дар он истиқлоли тасвир аз ҳама бештар буда, ғояи шеър аз худи тасвир бармеояд. Агар дар шеърҳои дигари зикршуда кам ё беш нақши шахсияти шеър дар ин ё он сурат ҷой дошта бошад, дар ин шеър ба назар намерасад, ки ин ҳам як аломати пурра тасвирӣ будани он маҳсуб мешавад .

Баргҳои тиллоӣ, яъне баргҳои зарди хазон ва умуман ранги зард, ки дар шеъри тоҷикӣ асосан рамзи тирамоҳи зиндагӣ, “... нотавонӣ, маризӣ, заифӣ ва ноқисии аҳвол» [151, 169] маҳсуб мешавад, дар ин шеър ҳамчун намоди ҷовидонии табиату ҳаёт ба тасвир омадааст, ки ин тобиши тозаи маъноӣ додан ба рамзи суннатӣ мебошад. Дар муқоиса бо зиндагии инсон, ки аввалу охир дошта, давомоташ ҳам он қадар тӯлонӣ нест, ҳар як хурдатарин унсури табиат моҳияти абадият дорад, зеро дар гардиши ботакрори худ аз нав ба зуҳур меояд. Бинобар

ҳар як ин унсур, масалан, дарахт, гул, кӯл, дарё метавонад намоди ҷовидонии бошад. Дар ин шеър баргҳои тиллоии хазон ҳамин гуна вазифаро иҷро кардаанд:

Баргҳои сабз тиллоӣ шуданд,
Сурхрӯ гӯё ки аз бой шуданд.
Лек аз сайри шамоли тирамоҳ
Зери по афтода ҳарҷоӣ шуданд,
Дар фироқи боғ савдоӣ шуданд [370, 64].

Шоир дар тасвиркории худ аз ташбеҳ, ташхис ва сифатчиниҳо истифода карда, манзараи марғуби тирамоҳро пеши чашмон муҷассам менамояд. Дар ин манзаранигорӣ ӯ аносиреро, ки барои ифодаи ғояи хостааш зарур мебошанд, интихобан истифода ва нозарури онҳоро сарфи назар мекунад, зеро онҳо барои ӯ на ҳамчун унсури дар айни ҳол вуҷуддоштаи табиат, балки ҳамчун дар пирояи бадеъ ва махсус ифодакунандаи андешаи отифии ӯ арзи андом менамоянд. Бинобар ӯ дар тасвири манзара дасти боз дошта, онро на бо монандии нусхавор, балки бо эҷодкорӣ ба сафҳа меорад. Ӯ дар тасаввуроти шоиронааш ин ё он ҷиҳати манзараро аз нав месозад, онро мувофиқи ибрози андешаву эҳсосоташ пуррангтар ва ё камрангтар ба тасвир меорад. Дар банди иқтибосшуда шоир дар байти аввал ҳолати баргҳоро дар тирамоҳ хеле пуррангу суруромез "тиллоӣ", "сурхрӯ" мебинад. Маълум аст, ки "сурх рамзи тароват, ҷавонӣ, тозагӣ ва латофат аст" [11, 539]. Вале баъди вазидани "шамоли тирамоҳ" онҳоро бисёр ҳузновар "зери по афтода ҳарҷоӣ" –ву "дар фироқи боғ савдоӣ" нигориш менамояд. Ӯ ҳатто барои он ки ҳолати ҳузноварии баргҳои хазон шадидан таъкид шавад, ба навъи чаҳорпораи шеър як мисраи дигар илова мекунад, вагарна бо мисраи "Зери по афтода ҳарҷоӣ шуданд", навъи шеър шакл гирифта, мақсад ҳам асосан баён шуда буд. Аммо шоир инро кифоят надониста, барои боз ҳам афзудани таъсири ҳиссии ҳолати баргҳои зарди хазон онҳоро "дар фироқи боғ савдоӣ шуданд" ҳам мегӯяд ва навъи шеър аз чаҳорпора ба банди панҷмисраӣ табдил ёфта, таъсири бештари

ҳузновари ҳиссӣ пайдо мекунад. Банди дуюми шеър ҳам ба ҳамин минвол сохта шуда, дар байти аввал эҳсоси ҳузн вуҷуд надорад, зеро:

Меваҳоро чида чун дурдонаҳо,
Мардумон бурданд сӯи хонаҳо [370, 64].

ҳиссиёти қаноатмандӣ ташвиқ мекунад, боз махсусан, ки меваҳо ба дурдонаҳо ташбеҳ карда шудаанд ва онҳоро чида ба хона бурдан, аломати хушҳолист. Вале қисмати дуюми банд, ки аз мисраи сеюм оғоз мешавад, тасвирро боз бо ҳузн меомезад ва баргҳоро чун болу паре, ки баъди аз лона кӯчидани мурғон зору низор мондаанд, нишон медиҳад:

Баргҳо монданд чун болу паре
Баъди кӯчи булбулон аз лонаҳо
Дур аз сарманзили ҷононаҳо [370, 64].

Унсури олами ашё ва ё табиат дар шеър бе тасвири муҳите, ки онро фаро гирифтааст, комил нахоҳад буд ва ё шояд ягон маъноро илқо ҳам нахоҳад кард, аз ин рӯ, “баргҳои тиллоӣ ҳам” дар ин ҷо дар муҳити тирамоҳ ва чизҳои дигаре, ки дар он муҳит вуҷуд доранд, ба қалам кашида мешаванд. Дар натиҷа, баргҳои хазон, ки то ин вақт танҳо ҳамчун баргҳои хазон дарк мешуданд, пас аз ин байтҳо ҳамчун як замони сурхрӯию боӣ, чидани меваҳои дурдонавор, аз лонаҳо кӯч бастани парандагон низ ба тасаввур меоянд. Ин далели он аст, аносири олами ашё ва ё табиат, ҳангоме ки бо муҳити атрофаш ба тасвир меояд, воқеан тасвири бадеӣ шуда, қобили ифодаи эҳсосоту андешаи отифӣ мешавад.

“Баргҳои тиллоӣ” агарчи шеъри манзараи тирамоҳ аст, ки ду банди мулоҳизашуда далели он буд, аммо танҳо шеъри манзара набуда, маънои фалсафии зиндагиро, ки аз риштаи ногусастанӣ будани он иборат аст, низ ифода мекунад. Бинобар шоир дар банди сеюм бошуурона ба тасвири баргҳо дар фасли баҳор мепардозад, ки айёми “гаҳвораҷунбонӣ”-и модари табиат аст, то ҳаёти

тозае парвариш ёбад. Дар айни ҳол аз сифатҳои бисёри баҳор танҳо ҳамонҳое интихоб ва тавсиф мешаванд, ки барои ифодаи хубтару беҳтари маънои фалсафаи силсилапайвандии зиндагӣ мувофиқ бошанд:

Боз фардо чун расад фасли баҳор,
Баргҳои тоза андар шохсор
Боз ҳам гаҳворачунбонӣ кунанд,
Дар сари гулҳо қатор андар қатор
То шавад ҳар як ниҳоле сербор [370, 64].

Баъд аз он ки баргҳои ташхисгашта ба модароне, ки гаҳворачунбонӣ мекунанд, шабоҳат дода шуда, манзараи зебое пеши назар омад, маъно ва зебоии ду фасле, ки дар ҳаёти табиату инсон фаслҳои муҳимтарин ҳастанд ва маънои кулли зиндагиро фаро мегиранд, мукаммалтар идрок мешавад. Бар сари гулҳо гаҳворачунбонӣ кардани баргҳо (ҳарчанд аксари дарахтон аввал гул мекунанд, баъд барг мебароранд – А .Ҳ.) ишора ба он дорад, ки манзур аз ин манзаранигорӣ танҳо ба тасвир овардани як намои зебои табиат набуда, ба ин восита нишон додани ҷараёни ҳалқавори ҳаёти инсонист. Ба ин ҳусну тароват тасвир кардани фаслҳои сол чунин маънӣ пайдо мекунад, ки манзараҳои дилписанди табиат барои зеботар сохтани зиндагӣ ва бад ин васила инсонтар кардани инсонҳо хидмати арзандаеро ба ҷо меорад. Дар банди мақтаъ боғҳое, ки меваҳояшон расидааст, дар саховатмандӣ ба Ҳотами Той нисбат дода мешаванд ва баргҳое, ки гаҳвораи онҳоро ҷунбонидаанд, яъне дар расидани онҳо саҳм доштаанд, аз ғуруру ифтихор худписанду маст мегарданду боз ба дасти боди хазон меафтанд:

Боғҳо чун Ҳотами тоӣ шаванд,
Меваҳои сабз тиллоӣ шаванд,
Дида онро баргҳо боз аз ғурур
Худписнду маст аз боӣ шаванд.
Боз ҳам рӯзарду ҳарҷоӣ шаванд [370, 64].

Дар “рӯзарду ҳарҷой” шудани баргҳо яъсу маҳзуние нест, зеро ин давоми мантиқӣ ва табиии ҳаёт аст, ки оғози тоза дорад. Ҳамин тариқ, дар ин шеър хусусияти хоси ҷаҳони ҳастӣ, ки аз тарҳу намоҳои фаслҳои гуногуни он – баҳору тобистону тирамоҳ ба ҳам меояд, бо рангҳову садоҳо ва ҳиссиёту амалҳо ба тасвир омада, дар маҷмӯъ андешаи фалсафии абадияти зиндагиро ифода кардаанд. Ин шеър намунаи хуби ба ҳам даромехтани шеъру фалсафа мебошад, ки дар ин бора донишманди варзида М. Н. Эпштейн, ки шеърро ҳамчун навъи эҷоде, ки моҳияти фалсафӣ дорад, мешиносад, комилан дуруст гуфтааст: «Шеър, маълум аст, ки ҳамчун илми фалсафа дар бораи табиат дар низоми мафҳумҳои меъёрӣ фалсафасозӣ намекунад... Табиат бо бевоситагии ҳиссиётии худ тақозо дорад, ки забони пуршукӯҳи муҷаррадот ба ниҳонхонаи он роҳ ёфта, мутеъ шавад, хусусияти забони бадеъ пайдо кунад, ки решаҳои луғавии он сарватманд буда, бо мафҳумҳои аввалияи худ ба олами табиат пайванд мегирад. «Осмон», «оташ», «об», «нур», «ҳаво» – ҳамаи ин тасаввуроти аёнию дақиқ ва дар айни ҳол умумӣ, мафҳумҳои том, ки ҳам шеъру ҳам фалсафа аз он истифода мекунанд, бо ин роҳ ба воситаи табиат ба ҳам «хешовандӣ» пайдо мекунанд. Шеъре, ки моҳияти ҳодисоти табииро дарёфтааст, фалсафӣ ва фалсафае, ки зуҳури моҳиятҳои табииро дарёфтааст, шоирона мешавад» [375, 304]. Тирамоҳи ин шеър тирамоҳи умри инсон ва баҳораш баҳори он аст, ки агарчи барои як шахс аввалу охир дорад, аммо барои табиат ва инсоният силсилапайванди беохир аст .

“Баргҳои тиллоӣ” аз назари навъ ҳам ҷолиби диққат аст, бандҳои он аз панҷ мисраъ иборат буда, ба тарзи **аабаа** қофиябандӣ мешаванд, ки вуҷуд доштани чаҳор қофия дар панҷ мисраъ онҳоро хеле хушоҳанг месозад. Вазни шеър ҳам, ки рамали мусаддаси мақсур ё маҳзуф буда, аз рукнҳои **фоилотун фоилотун фоилон** ба ҳам меояд, ба хушоҳангӣ ва зуд дар ёд нишастани он мусоидат мекунад. Ин аз намунаҳои беҳтарини шеъри ғиноии тавсифию тасвирии Аминҷон Шукӯҳист.

Тавсифу тасвир ва манзаранигорӣ бо мароми эҷодии ҳар шоир пайванди ногусастанӣ дорад. Агар дар мароми эҷодии шоир ифодаи маъниҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, маънавӣ, зебошинохтӣ бартарӣ дошта бошанд, онҳо ҳам барои барҷаста ва маҳсусу тасввуршаванда ифода кардани онҳо ба кор мераванд.

Ғаффор Мирзо ҳам, ба монанди дигар ҳамқаламони замонаш, шефтаи дастовардҳои бузурги ҷомеаи шӯравӣ ва шояд аз дигарон ҳам бештар ба он арзиш қоил буд. Ба ин зиндагии шахсии ӯ, ки ятимиро аз сар гузаронида, дар хонаи бачагони бепарастор ба камол расида буд, таъсири бузург дошт. Бинобар дар ашъори давраҳои нахусти эҷодиёташ, ки ба солҳои панҷоҳум рост меоянд, тавсифу тасвир ва манзаранигорӣ ҳамчун васила асосан барои ифодаи муҳтавои иҷтимоӣ истифода мешаванд, ки бештар тамҷиди дастовардҳои замонро фаро гирифта буданд. Табиист, ки дар ин навъ ашъор истиқлоли тавсифу тасвир камтар ва нақлу гуфтор бештар ба назар мерасид. Аммо дар ин байн шеърҳоеро низ ҳамчун "Офтоби дилҳо" (с. 1954), "Баҳори дили ман" (с. 1954), "Маҷнунбед" (с. 1956), "Афсонаҳои сангӣ" (с. 1956), "Шаршараи Восеъ" (с. 1956), "Ду ҳайкал" метавон номбар кард, ки дар онҳо мақоми тавсифу тасвир нисбат ба ҳарфу гуфтор афзалият дошта, саҳнаҳои ҷолиби табиатро бадеӣ нигориш намудаанд.

Аз ин шеърҳо сетои аввал муҳтавои ошиқона ва сетои баъдӣ муҳтавои иҷтимоӣ доранд, ки ба воситаи тавсифу тасвир ифода шудаанд. Аз шеърҳои сетои аввал "Офтоби дилҳо" бештар ҳарфию гуфторӣ, вале "Баҳори дили ман"-у "Маҷнунбед" бештар тасвирию тавсифиянд. Дар "Офтоби дилҳо" шоир ба офтоб муроҷиат карда, аз сифатҳои зӯриву некиродагӣ, навозишгарӣ, абрсӯзиву ҷаҳонафрӯзӣ ва амалҳои ҳаётбахшии он сухан гуфта, дар охир қудрати онро, ки аз мулки дил гузар карда наметавонад, аз офтоби муҳаббат камтар медонад, ки ба ин кор қодир аст ва офтоби ишқро хоҳари он дониста, мегӯяд: "Мон, ки дар дил шарарфишонӣ (?) кунад // Ишқ гӯё ба ҷои хоҳари ту!" [123, 45].

Шеъри "Баҳори дили ман" манзараи наврӯзиеро пеши назар меорад, ки пур аз ҷӯшу хурӯш, шавқу изтироб ва ишқу эҳсос аст, ки ба воситаҳои дилчаспи тасвири бадеӣ – ташбеҳу истиораву маҷозу ташхис нигориш мешаванд:

Мастона сари баҳор наврӯз,
Ошӯби дили қарор наврӯз,
Чун пардаи сабзаки маҳине
Печида ба шохсор наврӯз.

Хуршед ба барф итоб дорад
В-он то сари кухҳ шитоб дорад,
Саршӯии сабзаҳои навхез
Дар ҷои дигар саҳоб дорад [123, 46].

Дар байти аввал мафҳуми куллии наврӯз бо сифати “мастона” ташхисонида баъдан ҳамчун “сари баҳор”-у “ошӯби дили қарор” тавсиф шуда, дар байти дуюм ташбеҳи маҳсус ба наврӯз “Чун пардаи сабзаки маҳине // Печида ба шохсор...” оварда мешавад, ки онро мушаххасу тасаввуршаванда мекунад. Дар банди дуюм тасвири манзараи зебои баҳор бо ҷондор ангоридани хуршеду бо истифодаи маҷози “ба барф итоб” доштани он, ки маънии онро дар доманаҳо об карда, то сари кӯҳ бурдан дорад, мушаххастар мегардад. Байти дуюми банд бо ташбеҳу ташхису маҷози зебое боридани боронро бар сари сабзаҳо ба тасвир меорад, ки чашм аз тасаввури он меболаду димоғ аз тароваташ пур мешавад.

Дар ин шеър ҳарчанд нақши шахсияте бараллоина намудор нест, танҳо дар банди панҷум феъли хитобии муроҷиатии “истед” ва дар банди ҳаштум, ки охирин аст, феъли “гӯед” дарак аз шахси шеър медиҳад, аммо аз намои манзарае, ки тасвир мешавад, кайфияти болидарӯҳонаи ӯ эҳсос мегардад. Ин кайфияти шахси ҷавонест, ки дилаш пур аз эҳсоси муҳаббат аст ва ҷаҳони атрофаш, ки дар оғӯши баҳор аст, бо зебоиву ҷӯшу хурӯши рустанҳову шукуфтанҳо дилҳоро маст мекунаду ба ошӯб меорад:

…Бодом шукуфта дар хурӯш аст,
Чун духтараки гулобипӯш аст,
Дар гирди сараш чу ошиқонаш
Гардидани орувон ба ҷӯш аст.

Дар сояи себ ҷӯ равон аст,
Дар муғчаи себ гул ниҳон аст,

Н-осуда нафас гирифтани себ
Дар шарфаи мавҷ ҳам аён аст [123, 46].

Ин тасвир, ки пур аз ҷӯшу хурӯши ҳаёт аст, намоёнгари рӯҳия ва муносибати муаллиф на танҳо ба манзара, балки бештар ба ҳаёт аст, ки аз шароити иҷтимоӣ бармеояд. Ин тасвир бе сухани таблиғотӣ аз муҳаббати ҳаёт, дилбастагиҳои инсон ба муҳити атроф суҳбат мекунад. Бодоми шукуфтаро ба духтараки гулобипӯш ва орувони гирди сари онро ба ошиқони духтарак ташбеҳ кардан зебову тозаву зиндааст.

Бандҳои дигари шеър ҳам огандаи рангу садову бӯву ҳаракат буда, як лавҳаи зиндаи табиатро пеши назар муҷассам месозанд, ки аз он рангро тамошо кардану садоро шунидану бӯйро шамидану ҳаракатро дидан мумкин аст. Ин аст хусусияти асили шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ. Ҳолати себе, ки пеш аз шукуфтану бедорист, ба ҳолати шахсе, ки дар изтироб нафас мегирад, монанд аст ва он маҷозан хеле хубу дилчасп дар шарфаи мавҷ маҳсусу табиӣ баён карда шудааст: "Н-осуда нафас гирфтани себ // Дар шарфаи мавҷ ҳам аён аст" [123, 46]. Дар банди шашум шахс худро бо "Истед, чӣ савти дилрабо ин!" [123, 47] гуфтан, аён менамояд ва пасон маълум мешавад, ки ӯ аз байни дугонаҳое, ки ҳар яке "чу чанд наврӯз" хурраму зебоянд, хушкардае дорад:

Дар куитаи шоҳии гулобӣ
Сегӯша рӯ(?)моли сабзтобе,
Бо Рӯи сафеди нозанине,
Чашмони сиёҳи шармгине,

Мижгони дарози тобдоре,
Дил бурда хамӯш посдоре,
Камханда, табассуми накӯе, –
Ин турфа баҳори кист – гӯед! [123, 47].

Ин шеър аз нуҳ банди чаҳорпораӣ иборат аст, ки то банди панҷум тасвиру тавсифи Наврӯзро фаро гирифта, аз банди шашум ифодаи ҳиссиёт нуқтаи баландтарин оғоз мешавад, ки далелаш якбора “истед”, гӯён хитоб кардан аст, ки таваҷҷуҳро ба овози дугонаҳое, ки дар байни онҳо дилбари ӯ низ ҳаст, ҷалб менамояд. Баъд шеър дар ҳамин дараҷаи баланди ҳиссиётмандӣ давом ёфта, бо тавсифу тасвири дугонаҳо ва дилбари шахси шеър б ҳарфҳои “Ин турфа баҳори кист – гӯед!”, ба охир мерасад. Ва ӯ умед дорад, ки ба ӯ “ин баҳори туст” гуфта шавад ва азбаски ӯ бо он ҳама шавқу шӯр ва ишқу алоқаи сӯзон дар бораи зебоии наврӯзу мижгондарози хушкардааш суҳбат мекунад, ҷавоби дигаре қатъан истисно мегардад.

Дар шеърҳои тавсифию тасвирӣ ва манзаравӣ мазмунҳои амиқи иҷтимоӣ ҷойгузин шуданашон мумкин аст, ки аз зимни тасвир бармеоянд. “Шаршараи Восеъ” аз ҳамин навъи шеърҳои манзаравист. Он ҳамагӣ аз се байти ёздаҳҳиҷоӣ иборат аст:

Бар даҳони ғор, поёни дара,
Мефарояд паҳну суфта шаршара.
Пардаи обӣ табиат бофтаст,
Ҳамчу модар бар дараш партофтаст.
Ғорро то ҳифз аз чашмон кунад,
Қаҳрамон фарзандро пинҳон кунад [123, 67].

Ин навъ шеъри тавсифию тасвирӣ аз шеъри “Баҳори дили ман”, ки дар он нақши шахси шеър нонамоён бошад ҳам, рӯҳияи шод ва ошиқонаи ӯ дар саросари шеър эҳсос мешуд, тафовути назаррас дорад. Дар ин шеър шоир гӯё бо мабҳаси тасвир – манзара омехта, ҳулул кардааст, ки аз рӯҳия ва эҳсосоту андешаи ӯ асаре дида намешавад. Дар шеър ба ғайр аз тасвир чизе дигаре нест, ҳеҷ фикру андешае, ки ба ин ё он тарз маънӣ кардани шеър роҳнамоӣ мекарда бошад, вуҷуд надорад. Ҷойи баёни эҳсосоту таассуротро пурра воқеияти тасвир гирифтааст, ки ба воситаҳои бадеъ – тавсифу ташбеҳ ва ташхис ба ҷо оварда шудааст. “Паҳну

суфта” тавсифи фуромадани шаршара, “ҳамчу модар” “пардаи обӣ” бофтани табиат ташбеҳи табиат ба модар ва ташхисонидани он мебошад. Маънои шеър аз худи тасвир бармеояд. Восеъ қаҳрамони озодӣ ва адолатхоҳи мардумист. Озодӣ ва адолат мавзӯи ҷовидони адабиёт аст, ҳамчунонки табиат. Дар ин ҷо муҳтавои ҷовидон ба воситаи ҷовидон, яъне манзараи табиат нишон дода мешавад, ки барои Ватан таблиғи қаҳрамонӣ мекунад. Ватан низ ҳамчун табиат рукни ҷовидон аст барои ҳастӣ ва инсон будани инсон. Табиат ҳамчун модар, ҳамчун Ватан ба фарзанди қаҳрамонаш ғамхору меҳрубон аст ва ӯро бо пардаи “паҳну суфтаи шаршара”-аш аз чашми душманон ҳифз мекунад. Ин эҳсоси дуҷонибаи ҳамдигардӯстдорӣ – ватандӯстдории қаҳрамон ва қаҳрамондӯстдории ватан бе ҳеҷ ҳарфи муҳаббат, танҳо ба воситаи нигориши манзараи табиат нишон дода шудааст, ки намунаи хуби шеъри манзаравист. Ин айни ҳамон ҳолат аст, ки дар бораи тасвири манзара навиштаанд: “Аз манзара муҳаббати ватан оғоз гаштааст” [164, 126].

Ҳар тасвир бо воқеияти мушаххас ва воситаҳои бадеии тозаву муносиб бояд ба қалам оварда шавад. Дар шеъри тасвири “Ду ҳайкал”-и Ғаффор Мирзо гузаштаи зиндагии мардуми тоҷик, ки зери бори сангини истисмори табақоти ҳукмраво буд, дар тимсоли “санги азиме”, ки “бораш на ба кӯҳ – бар танаи чор чинор аст”, ба воситаҳои бадеии маҷозу ташбеҳу тавсифу ташхис ва муболиға ба нигориш омадааст:

Як санги азимест чу кӯҳ дар бадани кӯҳ,
Бораш на ба кӯҳ – бар танаи чор чинор аст.
Ҳар чор аз ин бори гарон қад накашида
Чун бутта пур аз гурму каҷу обиладор аст [123, 63].

“Санги азим” дар ин ҷо намоди табақоти истисморгар аст, ки бар дӯши мардуми заҳматкаш –“чор чинор” савор буданд ва аз гаронии ин бор чинорон қад накашида, яъне мардум ба рушди иҷтимоӣ нарасида, “чун бутта пур аз гурму каҷу обиладор” , яъне зиндагиашон пур аз нуқсу дарду кулфат буд. Чунин ифодаи

беадолатии иҷтимоӣ дар шеъри муосири тоҷик собиқа надорад, зеро мабҳаси тасвир тоза аст, ки ифодаи маъниро ҳам нав намудааст. Шоир дар банди дуюми шеър танҳо бо тасвир қонеъ нашуда, мазмунеро, ки мехоҳад аз он тасвир дарк шавад, баён карда мегӯяд, ки "ин санг на санг асту чинорон на чиноранд" ва рамзеро, ки дар он ниҳон аст, бо чунин суханҳо мекушояд: "Дирӯзи гаронро худи устод – табиат // Бо тоҷики дирӯза таҷассум бинамудаст" [123, 63]. Дар ду банди минбаъда, дар банди сеюм тасвири банди аввал бо каме тағйир аз нав дода шуда, дар банди чаҳорум он чор чинор ба чор бародар ташбеҳ карда мешавад, ки ба зери он бори сангин «китф ниҳод» -анд ва мунтазиранд, ки «ёри дигар ояд» ва «мадад бахшаду дар ҷар фиканандаш». Асоси ин шеъри тасвирӣ бар намоди санг, ки дар фарҳанги тоҷик мафҳуми монеаву мушкиливу тоқатфарсоиро мерасонад, гузошта шуда, аз он мазмуни тозаи иҷтимоӣ баровара шудааст.

Дар шеърҳои "Шиори зиндаи меҳнат" (с. 1960), "Сарву шамшод" (с. 1983) тавсифу тасвир ва манзаранигорӣ ба тарзҳои гуногун ба манзури ифодаи маҳсусу тасаввуршавандаи ғояе, ки шоир мехоҳад, баён намояд, ба истифода рафтаанд. Ҳоло зери истилоҳи шеъри тавсифию тасвирӣ пайкаранигорӣ (портрет) низ дар назар дошта шудааст, ки дар шеъри ғиноии муосири тоҷик тадриҷан мақоми устувор пайдо мекунад ва яке аз намунаҳои он шеъри "Шиори зиндаи меҳнат"-и Ғаффор Мирзост.

Пайкаранигорӣ яке аз шохаҳои муҳиму тановари шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ буда, тадқиқоти ҳамаҷонибаи амиқ ва ҷудогонае мехоҳад, ки дар ин ҷо маҷоли ҳамчунин коре нест. Бинобар ин, ҳангоми баррасии шеъри пайкаранигорӣ дар бораи хусусиятҳое, ки маҳз ҳамон шеър дорад, вобаста ба навъи тавсифию тасвирии он мухтасаран сухан гуфта хоҳад шуд. Ҳоло шеъри "Шиори зиндаи меҳнат" зери назар аст, ки муҳимтарин хусусияти шеъри пайкаранигориро дорост, зеро дар он шоир ба воситаи нигоштани пайкара ва чеҳраи фардии шахсияти шеъри худ тимсоли таъмимиеро меофарад, ки маҳсули андешаҳои ӯ дар бораи шахс ва рисолати ӯ дар ҷомеа мебошад. Азбаски моҳияти эҷодиёти Ғаффор Мирзо асосан бо мазмуни иҷтимоӣ хулоса мешавад, дар ин шеър ҳам ӯ симоеро меофарад, ки тасаввур ва ғояи ӯро оид ба инсони бунёдкор ба

шакли бадеӣ таҷассум менамояд. Дар чопҳои аввал ин шеър ба яке аз бунёдкорони истгоҳи барқии Норак, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Ғулом Орзиқулов бахшида шуда буд, яъне мабҳаси тасвири фардӣ ва воқеӣ дошт, аммо дар нашрҳои минбаъда шоир ин бахшоишро ҳазф кардааст, шояд барои он бошад, ки дар он махсусияти хосе, ки бунёдкори маҳз истгоҳи баркро равшан нишон диҳад, аён набуда, он бештар хусусияти таъмимӣ гирифта, тимсоли ормонии инсони бунёдкор шудааст:

Раги гардан чу арғамчин,
Ҷабин бечин, нигаҳ лочин,
Ду դасташ дасти оҳангар,
Сари сина – яли сафдар.
Дилаш андар кафи дасташ,
Ҳалиму содаву беғаш,
Китоби ботинаш – зоҳир,
Бубину хону ибрат гир[123, 176].

Ҳамчунонки ба назар мерасад, шоир шеърро якбора аз тасвир, аз ташбеҳи ғулувомез, ки раги гарданро ба арғамчин шабеҳ медонад, оғоз карда, ба ҷабин сифати “бечин” медиҳад ва нигоҳро ба нигоҳи “лочин” ва “ду даст”-ро ба “дасти оҳангар” ва “сари сина”-ро ба сари синаи “яли сафдар” монанд мекунад, ки ин ҳама ташбеҳу тавсифу ғулув дарзамон тимсоли пургунҷоиш ва маҳсусу тасаввуршавандаи инсони бунёдкори ормонии ӯро пеши назар меорад. Дар ин ҳолат яке аз қонуниятҳои асосии пайкаранигорӣ ба кор гирифта шудааст, ки таъкид дорад:“Ҷисми инсон ҳам дар портрет хомӯш намебошад” [44,51]. Банди дуюм шахсияти шеърро асосан тавсиф карда, дили ӯро “ҳалиму содаву беғаш” ва “китоби ботинаш”-ро “зоҳир” меномад ва дар ин ҳолат ҳиссиёти таблиғотии шоир боло мегирад, ки ба хонанда муроҷиат карда: “Бубину хону ибрат гир” мегӯяд. Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки дар қофия бастани “зоҳир” бо “гир” нуқс вуҷуд дорад, зеро “зоҳир” бе йот ва “гир” бо йот навишта мешавад. Ҳамин тариқ,

дар се банди минбаъда ҳам ба сурати ин пайкара тарҳ ва сифатҳои тоза зам мегардад, ба монанди “аз ӯ ояд насими чӯл”, “сафои Сир”, “бӯи ободӣ”, ки онҳо дар як замон ҳам тасвири пайкараро пурра мекунанд ва ҳам назари шоирро ба масъалаи мавқеи инсони бунёдкор дар ҷомеа ифода менамоянд. Дар ин сурат моҳияти аслии пайкаранигорӣ ба зуҳур меояд, ки он як тарзи баёни ғояи асар буда, ба воситаҳои бадеии нигориш ба амал оварда мешавад. Ин манзур, дар ҳоле, ки дар оғози шеър ҳам дарк мешуд, дар банди охир ҳам таъкид гаштааст: “Аз ин дастон, аз ин андом, //Аз ин тӯши чу истеҳком // Ба меҳнат мекунад даъват //Шиори зиндаи меҳнат” [123, 176].

Дар шеъри “Шиори зиндаи меҳнат” ҳам воситаҳои тасвири бадеӣ – ташбеҳу тавсифу ташхису истиораву муболиға ва ҳам воситаҳои наҳвӣ – таркибу ибораҳои луғавӣ ҳамчун “раги гардан чу арғамчин // ҷабин бечин, нигаҳ лочин”, ки бидуни феъланд, ҳама, барои тасвири пайкараи инсони бунёдкор ва эҷоди набзи босуръати меҳнати офаринанда хидмат мекунанд. Вазни шеър, ҳазаҷи мураббаи солим, ки аз такрори дукаратаи **мафоӣлун мафоӣлун** дар як байт ба ҳам меояд ва ҳам тарзи қофиябандии маснавӣ **аа бб** барои иҷрои ҳамин матлаб интихоб карда шудаанд. Дар банди аввал исмӣ сохтани мисраъҳо, яъне бе феъл тартиб додани онҳо, низ ба хотири ҳамин ба даст овардани набзи босуръат мебошад, ки шеър ҳамоҳанги пайкорҳои корофарин садо диҳад. Ҳамаи ин василаҳои тасвиру ифодаву баён муваффақона истифода шуда, дар маҷмӯъ шеъреро ба вуҷуд овардаанд, ки дар он ҳам пайкараи инсони меҳнат ва ҳам набзи зиндагии замон, ки оҳанги бунёдкорӣ дошт, офарида шавад.

Шеъри “Сарву шамшод” аз ашъори минётурии манзаравии Ғаффор Мирзост, ки дар сурати ин ду дарахти табиат – сарву шамшод зиндагии инсониро маънӣ мекунад. Дар ин шеър аз дарахтзори табиат, ду навъи он дафтари сабзи зиндагӣ хонда мешавад, зеро дар мақоми тимсоли ҳаёти инсон зуҳур менамояд. Онҳо дар ин шеър тимсоли абадиятанд. Вақте ки аз тимсолҳои абадияти ҳастӣ барои инъикоси даргузарии ҳаёти инсонӣ истифода мешавад, тазодҳо ниҳоят барҷаста сурат мегиранд:

Сарву шамшод навҷавон буданд,
Бетаносуб ба сели гарм ва сард,
Бивазад бод, ҳар ду мерақсид,
Шодмона сарак-сарак мекард.

Солҳои шубоб бигзаштанд,
Ҳарду гӯёи изтироби наванд,
Дар мақоми шамол меноланд,
Дар мақоми шамол мекалаванд [125, 84].

Ин шеъри комилан тасвирист, ки вазъи ду дарахтро дар фаслҳои гуногуни сол – баҳорро дар хотир ва хазонро дар воқеъ, нишон медиҳад. Ҳангоме ки ҷавон буданд, сели гарму сард барояшон фарқе надошт, "мерақсид" –анду "сарак-сарак мекард"-анд, бо ин суханҳо шоир онҳоро ташхис карда, барои ба ҳаёти инсонҳо пайвастани авзои онҳо замина омода месозад ва дар банди дуюм ин пайвандро таҳким бахшида, ба онҳо сифати "изтироб" доштан ва амалҳои "меноланд"-у "мекалаванд"-ро нисбат медиҳад, ки иртиботашон ба ҳаёти инсонӣ комил шавад. Дар натиҷа сарву шамшод намоди инсонҳо гашта, "дар мақоми шамол" нолидан ва калавидани онҳо маънои ба марҳалаи хазон расидани онҳоро ифода менамояд. Хулосаи шеър аз идроки худи хусусияти тасвир бармеояд, ки ба он фазилати бештари фалсафӣ медиҳад.

Дар шеър нишон додан – тасвир, нисбат ба зикр бештар асар аз халлоқият дорад, аз ин рӯ як шеъри муваффақи тасвирӣ ба шоир шинохт оварданаш мумкин аст. Ҳамин гуна ҳолат дар солҳои панҷоҳум бо Муъмин Қаноат рух дод. Маълум аст, ки дар он замон дар шеъри тоҷик бештар ҳарфҳои ташвиқотию таблиғотии мафкуравӣ бар тасвири саҳнаҳои шоирона тасаллут дошта, эҷодиёти Муъмин Қаноат ҳам аз он бар канор набуд. Аммо ӯ бештар аз дигарон мекӯшид, ки тафаккуроту таассуроташро дар зимни шайъе, тасвире ироа карда, суханашро аз муҷаррадӣ раҳо бикунад. Бинобар дар ашъори ӯ ҳузури шайъ, тавсифу тасвир бештар ба назар мерасид. Ин хусусият, ки заминаи тасвири пурра ва мустақилро

дар шеъри ӯ омода месохт, шоирро ба эҷоди ашъори манзаравии комил расонд, ки шеърҳои “Пири гулфурӯшон” (с.1959), “Обаки шӯх” (с. 1959) аз намунаҳои беҳтарини онҳо ҳастанд. Аз ин шеърҳо махсусан, “Пири гулфурӯшон” бо тару тозагӣ, нотакрорӣ ва халлоқияташ таваҷҷуҳро ба худ ҷалб менамояд. Дар ин шеъри мухтасар, ки ҳамагӣ аз се байти маснавӣ иборат аст, кӯҳи Варзоб, ҳамчун рамзи кӯҳистону диёри тоҷик ба сурати пири гулфурӯш зебову дилписанд ба тасвир омадааст:

Кӯҳи Варзобро чӣ даврон аст,
Гӯӣ он пири гулфурӯшон аст:
Ҷомаи беқасаб ба бар дорад,
Локии шоҳӣ (?) дар камар дорад.
Саллаи суф гирди сар дорад,
Сабади гул ба пеши бар дорад [103, 22].

Фазилати ин шеър дар ташбеҳи хуб ва ташхиси мабҳаси тасвир – кӯҳ мебошад, ки ҳатто дар унвони он ҷой дорад. “Кӯҳи Варзоб” ба “пири гулфурӯшон” ташбеҳ карда шудааст, ки амал ҳам дорад – гулфурӯшӣ, амале, ки ба инсон хос аст, яъне ташхис болои ташхис аст. Сифат ва вожаҳое, ки барои тасвири кӯҳи ташхисшуда – пири гулфурӯшон оварда мешаванд, на зеҳнӣ, ҳамчун зебо, хуррам ва монанди инҳо, ки дидану ҳис кардани онҳо душвор ё номумкин аст, балки ҳама айнӣ, ламсшаванда ва шайъӣ мебошанд, ҳамчун ҷома – беқасаб, локӣ – шоҳӣ, салла – суф, сабад – аз гул. Дар ин ҷо тасвир бар воқеият асос дорад, ки шайъиву тасаввуршаванда буда, мушаббаҳ ва мушаббаҳун биҳ – кӯҳи Варзоб ва пири гулфурӯш, ҳар ду тарафи ташбеҳ аз олами ашёанд, ки аз навъҳои беҳтарини ташбеҳ ба шумор меравад. Дар ин ҷо тасвир на танҳо сурат, балки забон ҳам дорад, гӯёст, зеро он бо забони тасвир мегӯяд, ки он тасвир маҳз кӯҳи диёри тоҷик аст, зеро ба пире ташбеҳ шудааст, ки аломатҳои миллияш равшан ба зуҳур омада, бо ҳар тарҳи тасвир, махсусан, бо “ҷомаи беқасаб”, “локии шоҳӣ”, “саллаи суф” рангу равғани миллии тоҷикии худро дурахшонтар менамояд.

“Сабади гул ба пеши бар” доштан, на танҳо тасвири зоҳирист, балки ба ботини миллият низ ишорат дорад, зеро дар фарҳанги форсии тоҷикӣ ва махсусан, дар шеъри ирфонӣ, ҳамчунонки Муҳаммад Иброҳими Заробиҳо дар асари худ “Аз давлати Ҳофиз (Тафсири ҷомеъи дувоздаҳ ғазали Ҳофиз)” қайд мекунад: “Гул намоди покӣ, латофат, маъсумият ва нур аст... Гул дар ин дунё мазҳари густардагӣ ва зебоӣ, ва дар олами охират низ мазҳари густардагӣ аст, ки рамзи ҷовидонагиро дар бар дорад. Гул дар воқеъ намоди инсон аст. Инсон дар ин дунё бо худсозӣ, имон ва аъмоли хайр, зебоияшро густарда мекунад. Аз он ҷо, ки инсон дар ин дунё пойдор нест, бо ин густардагӣ, дар охират ба ҷовидонагӣ мерасад [60, 276]. Бинобар ин, тасвир дар ин ҷо зоҳиран зебо ва ботинан пурмаъност. Ба ғайр аз ин, кӯҳ дар шеър бештар истиора ва ё намоди сарбаландӣ, пойдорӣ, гаронӣ ва монанди инҳост, аммо ҳамчунонки дида мешавад, дар ин маврид ба мафҳуми тозаи мардуми софдилу меҳмонавози тоҷик ва диёри ӯ ба кор бурда, бар имкони маънигунҷонии он афзуда шудааст. Ба замми ин кӯҳро пир номидан ҳам бори маънавии онро меафзояд, зеро вожаи пир дар фарҳанги тоҷик маънои роҳнамои маънавиро низ дорад. Дар ин шеъри хуб чанд нуқс ба назар мерасад, ки аз инҳо иборат аст: Калимаҳои “даврон” ва “гулфурӯшон” ба ҳам қофия баста намешаванд, зеро дар ин ҷо ҳар дуи он дар охири калимаҳо пасванд мебошанд, пас “давр” мемонаду “гулфурӯш”, ки ҳамқофия нестанд. Азбаски вазни шеър баҳри хафиф буда, аз афоилҳои **фоилотун мафоилун фаълун**– У – – / У – У – / – – ба ҳам меояд, ҳиҷои панҷум кӯтоҳ аст ва дар истифодаи калимаи “шоҳӣ”, ки ҳиҷои охири он “ҳӣ” дароз мебошад, сакта ҷой дорад . Дар мисраи панҷум “Саллаи суф гирди сар дорад” ибораи “гирди сар”, ки ба ҷойи “ба сар” омадааст, хилофи сабки забон аст, зеро салла ба сар дорад гуфтан дуруст аст, на гирди сар, ки шоир бо тақозои вазн ба ин нуқс роҳ додааст .Бе ин нуқсҳои фаннӣ ва сабкӣ арзиши шеър хеле болотар хоҳад буд.

Тасвир, муҳтаво ва манзури шеър зотан ба ҳам пайванди ногусастанӣ доранд. Шеър дар сайри таърихии худ барои такомули ҷаҳони маънавии инсон омода шудааст, ки ин вазифаи худро бо роҳи инсонро ҳамчун меҳвари мавзӯъ ва тасвир қарор додан ба иҷро мерасонад. Вале инсон дар ин ҷаҳон на танҳо бо ҳамҷинсони

хеш – инсонҳои дигар, балки бо ҳамаи мавҷудоте, ки ӯро иҳота мекунад, табиат ва ҳамаи чизе, ки дар он мавҷуд аст, робита пайдо мекунад. Бинобар ин, инсон, шайъ ва ё манзараи табиат, ки дар шеър инъикос мешавад, ҳаргиз ба мафҳуми шайъӣ ва табиии худ боқӣ намонда, ба муҳтавои шеър бадал мегардад. Ин қазия аз солҳои шастуми қарни бист сар карда, дар эҷодиёти Муъмин Қаноат, махсусан, аз силсилаи «Ситораҳои замин» шеърҳои «Ҳусн», «Хоҳари Куба», «Аҳсант ба одам» (с. 1962), силсилаи «Ассалом, Карпат!» шеъри «Корвони нур» (с. 1962) ва баъд татбиқи худро пайдо кардааст. Дар ин бора Аскар Ҳакимов дар тадқиқоти худ «Шеър ва замон» дар боби «Сухан ва образ» муфассал сухан рондааст [300, 92-102].

Яке аз унсурҳои олами ҳастӣ, ки дар шеъри манзаравӣ бештар тавсифу тасвир мешавад, муҳити об мебошад. Муҳити об, аз оби ҳаёт сар карда, то оби воқеии нӯшиданӣ, хоҳ наҳру кӯл бошад, хоҳ баҳру уқёнус, бо умқ ва рознокӣ ва дигар сифатҳо, ҳамчун софию зулолӣ ва ҳаётбахшии худ дар шеър аз давраҳои бостон дорои мақоми муҳим аст, ки давоми он дар шеъри муосири тоҷикӣ ҳам ҷавобгӯи ниёзҳои маънавию зебошинохтии он мебошад. Дар диёри тоҷикон, ки кишвари кӯҳистон буда, дарёву баҳрҳои вусъатнок надорад, назари шоирон асосан бар рӯду рӯдчаҳои кӯҳиву кӯлу чашмаҳост, ки на танҳо аломати ҷуғрофиёии ватан, балки муҳити бардошти маънавии онҳо ҳам ҳаст.

Дар байни ашъори тавсифию тасвирии Муъмин Қаноат шеърҳое, ки дар ин ё он шакл муҳити обро нигориш кардаанд, кам нестанд, масалан, ҳатто силсилаҳои ашъори ӯ «Мавҷҳои Днепр», бобҳои алоҳидаи «Достони Норак» ба ин мавзӯъ бахшида шудаанд, аммо дар айни ҳол манзур шеъри ғиноии манзаравӣ мебошад, ки дар он тасвир воситаи ёрирасон набуда, комилан мустақил аст. Аз ин навъи шеърҳо «Обаки шӯх» (с. 1959), «Ташнаи тӯфон» (с. 1959), «Чашмаи сабоҳӣ» (с. 1965), «Зоиндаруд» (с. 1971), «Хумбов» (с.1981)-ро метавон номбар кард, ки дар давраҳои гуногуни эҷодиёти шоир навишта шуда, далели дар ҳар давра дар маърази таваҷҷуҳи ӯ қарор доштани ин мавзӯъ мебошад. «Обаки шӯх» аз шеърҳои давраи аввали эҷодиёти Муъмин Қаноат буда, манзараи ба рӯди Панҷ ҳамроҳ шудани обаки шӯхеро, ба монанди ба канори модар даромадани тифли

беқароре тасвир мекунад, ки ба воситаҳои бадеи баён – ташбеҳу тавсифу ташхис ба ҷо оварда шудааст:

Обаки шӯхе чу тифли беқарор
Мешитобад аз миёни кӯҳсор.
Аз баландӣ меравад ғулғулкунон,
Ӯ ба мисли кӯдаки ширинзабон.
Бо раҳи пурсанг поён меравад,
Беибо, ғалтону хезон медавад;
Гӯӣ аз чизе гурезон мешавад,
Дар канори Панҷ пинҳон мешавад.
Ҳамчу тифле, меҳр тобад бар сараш,
Медарояд дар канори модараш [103, 28].

Дар аввал бояд қайд кард, ки ин нусхаи шеър аз нусхаҳои пешин хеле таҳрир хӯрда, баъзе нуқсҳо бартараф шудаанд, вале бо вуҷуди ин, ҳоло ҳам комилан бенуқс нест, ки поинтар аз онҳо сухан гуфта хоҳад шуд. Ба маънои куллии он меандешем ва мебинем, ки шоир дар байти аввал обакро шӯх ва тифлакро беқарор тавсиф карда, обакро ба тифл ташбеҳ мекунад, ки он дар айни ҳол ташхис ҳам мешавад, зеро мушаббаҳун биҳ инсон аст. Ин самимияте дар дил эҷод мекунад, зеро инсон ба тифл ва умуман ба бачаи ҳар ҷонзоде бо меҳру шафқат менигарад. Дар байти дуюм шабоҳати обаки шӯх бо тифл бо овардани сифатҳои «ғулғулкунон»-у «ширинзабон» боз ҳам амиқтар карда мешавад, аммо дар мисраи чаҳорум «Ӯ ба мисли кӯдаки ширинзабон» «ӯ ба мисли кӯдаки» ҳамчун ҳашв ба назар мерасад, зеро дар мисраи аввал ин монандкунӣ «чу тифли беқарор» ҷой дошт. Дар байти сеюм ба ҷорӣ шудани обак тарҳи дигар «беибо, ғалтону хезон» афзуда мешавад, ки ҳолатро ба асли табиияш наздиктар нишон диҳад. Дар байти чаҳорум ибрози маънӣ бо мисраи «Дар канори Панҷ пинҳон мешавад» ба мақтаъ мерасад, аммо шоир мехоҳад, ки маҳз ба канори модар даромадани онро таъкид кунад ва суханро давом медиҳад, ки боз ҳам ҳашв мешавад. Байти панҷум «Ҳамчу

тифле, меҳр тобад бар сараш, // Медарояд дар канори модараш» нуқси сабкӣ дошта, баъд аз «ҳамчу тифле» омадани «меҳр тобад бар сараш» ҷо наафтодааст.

Дар «Обаки шӯх» нақши шахси шеър ба назар намерасид, вале «Чашмаи сабоҳӣ» аз навъи шеъри манзаравист, ки дар он нақши ӯ бараллоина ҳувайдо буда, шеър бо мурочиати ӯ оғоз мешавад. «Чашмаи сабоҳӣ» аз ҳашт байти маснавӣ иборат буда, дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф **мафоӣлун мафоӣлун фаӯлун** У– – – У– – – У– – гуфта шудааст. Дар ин шеър дар баробари тасвири манзараи чашма изҳори андешаҳои отифии шахсияти шоир низ ҷой дорад, ки ба он гармии бештар медиҳад, зеро шоир онро ҳамчун «ёри ҷавонӣ» бо муҳаббат ёд мекунад. Ин меҳр аз оғози шеър, аз ташбеҳу тавсифе, ки шоир дар тасвири чашма ба кор мебарад, хуб эҳсос мешавад. «Аз ҳотаи гул…равону соф чун овози булбул» мебарой ва дар «нарми»-ю «беғуборӣ» «чу шарми духтарони кӯҳсорӣ» гуфтани шоир ба чашма далели меҳру муҳаббати ӯ бар «ёри ҷавони»-яш мебошад, ки воқеан содаву самимона аст:

Барой субҳидам аз ҳотаи гул,
Равону соф чун овози булбул.
Аҷаб нармӣ, аҷоиб беғуборӣ,
Чу шарми духтарони кӯҳсорӣ.
Дамиданҳои чун субҳи сафоят
Кунад аз равшанӣ бо ман ҳикоят.
Ту хомӯшию сад оҳанг дорӣ,
Зи гулҳо бӯй дорӣ, ранг дорӣ.
Чу нози духтарони шӯхи Дарвоз
Чӣ ширинӣ, аё сарчашмаи ноз! [103, 60]

Аз иҳотаи гул ҳамчун овози булбул баромадани чашма тасвир ва ташбеҳи зебо ва тару тозаест, ки зодаи хоси қареҳаи шоиронаи Муъмин Қаноат аст. Ҳамин тариқ, ташбеҳу тавсифот, ки дар ду байти давоми шеър меоянд, ҳама тароватноку пурмуҳаббатанд. Ва дар охир “Туро, ёри ҷавонӣ, ёд кардам, // Ба ёдат мазрае обод

кардам" [103, 60] гӯён шоир шеърро ҷамъбаст мекунад, ки нақши андешаҳои отифии шоирро мушаххастар менамояд. Аз ашъори ғиноии тавсифию тасвирии Муъмин Қаноат, ки ба манзараҳои гуногуни муҳити об – чашмаву кӯлу рӯду дарё бахшида шудаанд, шеъри «Хумбов» аз ҳама асилу рехтаву маҳкам аст. Аносири олами ашё, ки заминаи тасвирро асос мегузоранд ва ибрози эҳсосот, ки ғинояти андешаҳои отифиро таъмин менамоянд, дар ҳар шеър таносуби гуногун доштанашон мумкин аст. Ҳоло ба он таваҷҷуҳ мешавад, ки аз як ҷониб, тасвиру тавсифи манзараи мушаххас бо тарҳҳои табиии худ чӣ гуна рух менамояд ва аз ҷониби дигар, андешаҳои отифии шахси шоир аз онҳо бо чӣ воситаҳои бадеӣ асилу амиқу муассир ифода карда мешаванд. Дар ин шеър ҳеҷ унсури муҳити рӯд ба шахси шоир беалоқа нест, шояд аз ин сабаб ки ин рӯди зодгоҳи шоир аст ва дар тамоми марҳалаҳои ҳаёт бо ӯ пайванди ногусастанӣ доштааст. Шеър аз мурочиати саволии шоир ба рӯд ибтидо мегирад, ки дар айни ҳол онро ташбеҳи зебое ба ранги осмон ва ташхис ҳам мекунад:

Ту, эй рӯди кабуди осмонӣ, чӣ гуҳар дорӣ?
Чу сетори Шарифи Ҷӯра саҳроят садафкорӣ.
Ва се пулат маро се пардаи саҳрои сетор аст,
Маро сарчашмаат чашми кабуди масту хуммор аст [103, 93].

Дар мисраи аввал, ки шоир як тарҳи тасвири муносиби маҳсусе аз рӯд медиҳад, бо таркиби суолии «чӣ гуҳар дорӣ» дарзамон ба олами ботин низ ишорат мекунад. Гуҳар – гавҳар вожаи пургунҷоишест, ба маъноҳои бисёре, аз ҷумла, асл, зот, сиришт, марворид, санги қиматбаҳо, инсони гиронмоя, сухани мавзуну олӣ... меояд, ки дар ин ҷо тобиши пурмаъноии худро нигоҳ дошта, баробари марворид мафҳуми сириштu пурбаҳоиро низ фаро гирифтааст. Сатҳи рӯдро ба саҳрои садафкории сетор ташбеҳ кардан тозаву тар ва муқбил аст, зеро ин ташбеҳ на фақат ба зоҳири ин ду тарафи ташбеҳ – рӯду сетор, балки ба замири онҳо низ ишорат дорад, ки аз ҳар ду ҳам наво мехезад. Хумбов рӯди кӯҳист, ки ҳам аз ҷиҳати навохезӣ ба сетор шабоҳат дораду ҳам ба шакл, чун сеторро

навозанда ба даст мегирад, сари он боло меравад ва ба рӯди кӯҳӣ, ки аз баландӣ сарозер мешавад, шабоҳат пайдо мекунад. Пулҳои рӯдро ба пардаҳои сетор ташбеҳ кардан тоза мебошад ва ин тозагӣ аз он сар мезанад, ки худи рӯдро ба сетор ташбеҳ намудан тоза аст, аз ин рӯ, ҷузвҳои ҳар ду қисмати ташбеҳ – рӯд ва сетор, ки ба ҳам монанд карда мешаванд, низ тозаанд. Дар байтҳои минбаъда ҳам шоир ҳарфҳое мезанад, ки аз назари савту наво ба ҳам пайванд доштани рӯду сетору сеторзанро бисёр баҷову нозукона гӯшрас мекунанд:

Чу фарзандат фалакро баст дар саҳрои сетораш,
Рабуда Рокро то пардадор аз пардаи тораш.
Ба рангу нанг чун фарзанди хурди ҳафт дарёӣ,
Зи чашми осмон ё аз дили Дарвоз меоӣ? [103, 93]

Фалак дар саҳрои сетор бастан, ба ду маънӣ ишорат мекунад, яке мақоми фалакро, ки навъи мусиқист, навохтан ва дигаре намои осмонро дар саҳрои сетор дидан, ки садафкорӣ буда, шабеҳи ранги осмон аст. Рок ҳам аз навъҳои мусиқии классикии тоҷикист, ки баромади номаш аз Ҳинд мебошад. Чунонки дида мешавад, дар ин байтҳо тасвир бо рангу садову маънӣ бо ҳам меояд, ки онро зиндаву пурра менамояд. Рӯди Хумбоврро аз ҷиҳати рангу нанг фарзанди хурди «ҳафт дарё»– [54] дарёҳои Ахзар, Уммон, Аҳмар, Барбар, Уқёнус, Рум, Сиёҳ – хондан, ки талмеҳ аст, бар ягонагии табиию фарҳангии кишварҳо ва халқҳо таъкид дорад, ки на танҳо тасвирсозӣ, балки маъниофаринӣ ҳам ҳаст. Дар байтҳои минбаъда шоир он ҳамбастагии худро бо рӯд, ки ишоратан баён мекард, ҳамчун «ва се пулат маро се пардаи саҳрои сетор аст», акнун рӯирост ба забон оварда, саҳми моҳиятии онро дар тақдири инсонии худ таъкид менамояд. Он саҳм ҳам берунӣ, ки ба тан ва ҳам дарунӣ, ки ба равон тааллуқ дорад, мебошад. Саҳме, ки ба қисмати берунӣ тааллуқ мегирад, ба монанди ба шахси шоир «варзиш» ва «тоби офтобӣ» додани оби рӯд тарҳҳои иловагӣ ба тасвир афзуда, қисмати дарунӣ, ки ба монанди «ба роҳи ростӣ тамкин, ба тундиҳо шитобе» додан

мебошад, тавсияи хулқу атвори ӯро, ки намои олами ботин аст, комилтар менамояд, яъне тасвир дар як вақт ҳам зоҳирию ҳам ботинӣ офарида мешавад:

Маро оби ту варзиш дод, тоби офтобӣ дод,
Ба роҳи ростӣ тамкин, ба тундиҳо шитобе дод.
Кучо тамкини сангинат, ки ҷӯшону хурӯшонӣ,
Ту гулмоҳии гул ҳоло наҳанги тездандонӣ.
Ва худ дармекашию мефитонӣ хонаи обат,
Аҷаб дарё, ки вайрон менамоӣ хонаи хобат [103, 93].

Дар ин пора дар мисраи «Ту гулмоҳии гул ҳоло наҳанги тездандонӣ» агар ба ҷойи таъбири на чандон равони «ту гулмоҳии гул» «гули гулмоҳиҳо» меомад, ҷоафтодатар садо медод. Шоир ин ҷо рӯдро дар айёми оромиҳояш, ҳарчанд оромии рӯд нисбист, ба гулмоҳӣ ва ҳангоми дамиданҳояш ба наҳанги тездандон шабоҳат медиҳад, ки ташбеҳҳои тоза ва муносибе буда, сурати рӯдро дар ҳолатҳои мухталиф мушаххастар менамоянд. «Хонаи об»-ро даркашидану афтондан ва «хонаи хоб»-ро вайрон кардан низ аз ҷумлаи ҳамин гуна тасвирҳои мушаххаскунандаи рӯданд, ки паҳлуҳои дигари намои онро нишон медиҳанд. Ҳамаи ин ҳарфҳо маҷозианд, вагарна рӯд, ки «хонаи хоб» надорад, хоби ӯ дар ҷодаи худ равонист. Бо ин тасвиру ифодаи ҳолатҳои гуногуни рӯди кӯҳии Хумбов, ки ҳам намои зоҳири он ва ҳам авзои ботини шахси шоирро дар бар мегирад, шеър бо ин байтҳо ба анҷом мерасад:

Ба умре офаридӣ боғу гулзори каноратро,
Чи алмоси зимистону чи ёқути баҳоратро.
Магар фарзандҳоят рафтаю рафтаст тамкинат,
Биёсо як даме, ки мерасад имрӯз таскинат [103, 93].

Дар ин ҷо шоир барои муассиртар баён намудани саҳми рӯд – об, ки яке аз чаҳор унсури ҳастӣ дар ҳаёти табиат ва инсон аст, боз аз воситаҳои бадеи тасвиру

ифода, ҳамчун маҷозу истиора, суд меҷӯяд ва рӯдро офаринандаи боғу гулзор номида, яхҳои канори онро дар зимистон алмос ва гулҳои баҳорашро ёқут истиора мекунад.

Шеъри асили тасвирӣ ҳаргиз тасвири айнани як манзара нест, зеро дар он ҳолат на асари бадеӣ, балки сурати ҳамон манзара мегардад, ки таъсири рӯҳӣ нахоҳад дошт, вале ҳангоме ки шоир ба тасвири дақиқ накӯшида, муҳимтарин аломатҳои онро ба тасвир мегирад, ки онро зиндаву нотакрор намоён месозад, ба эҷоди асари бадеӣ ноил мешавад, ки намунааш ҳамин шеъри «Хумбов» мебошад. Вале чунин ба назар мерасад, ки ин шеъри тасвирию андешавии хуб нисбат ба он байте, ки онро хотима бахшидааст, байти мақтаи амиқ, рангин ва пурмаънитаре мехоҳад.

Ашъори нисбатан пухтаи тавсифию тасвирӣ ва манзаравӣ дар эҷодиёти Қутбӣ Киром аз маҷмӯаи дуюми ӯ «Илҳом» (с.1968) ба назар мерасад, ки шеърҳои «Хӯшаҳо», «Анҷоми зимистон», «Шаби домодӣ» аз ҷумлаи онҳоянд. Дар маҷмӯаҳои баъдинаи ӯ «Рези кӯҳсор» (с. 1970) ва «Остони баланд» (с. 1972), ки аввали солҳои ҳафтод ба нашр расидаанд, низ шеърҳои тасвирии манзаравӣ, ба монанди «Моҷарои баҳор», «Дар назар» дар маҷмӯаи аввал ва «Шаби Шамтуч» дар маҷмӯаи дуюм ҷой доранд, ки бо эҳтимоли қавӣ дар солҳои шастум эҷод шудаанд. Ин ашъори тавсифию тасвирӣ нишон медиҳанд, ки Қутбӣ Киром ба нигориши фаслҳои сол, махсусан, баҳори табиат бештар майл дорад ва мекӯшад, ки онро бо ҳамон ғалаёни ҳиссиёт, ки инсонро дар баҳор фаро мегирад, ба қалам орад. Ғалаёни ҳиссиёт дар ҳар навъи шеъри тавсифию тасвирии Қутбӣ Киром, шеър хоҳ бо ширкати шахсияти ғиноӣ ва ё хоҳ бидуни он бошад, эҳсос карда мешавад, зеро он дар сиришти шоир вуҷуд дорад, ки дар ҳама ҳолат берун мезанад. Ғалаёни ҳиссиёт дар шеъри тавсифию тасвирӣ бо роҳҳои гуногун ифода шуданаш мумкин аст. Он ба воситаи тасвири ҳаракат дар ҳолати тасвиршаванда ва ё ба воситаҳои забониву баёнӣ, яъне истифодаи ташбеҳу истиораву сифатҳое, ки пуррангу равған ва табу тобдор ҳастанд, ба даст оварда мешавад. Зуҳури ин сифат дар шеъри «Анҷоми зимистон», ки яке аз нахустин шеърҳои тавсифию тасвирии Қутбӣ Киром аст, ба мушоҳида мерасад:

Кӯҳҳо имрӯз домоданд бар сарҳо лачак,
Сабз гашту панҷа зад хори ғурур.
Мурғҳо озод гаштанд аз кушо-пӯши катак,
Шуд зи хилватгоҳи худ берун суғур.

… Корвони мӯрҳои гушна аз зери замин
Сар бароварду ба саҳро рӯ ниҳод.
Боғ аз баҳри харидорони ҳусни бебадал
Санду(?)қи аттории худро кушод [86, 56].

Дар ин ду банд тавсифу тасвир бо ҳаракат ва баёни эҳсосот ҳамроҳ меояд, сабз гаштану панҷа задани хор, озод шудани мурғон, кушо-пӯши катак, аз хилватгоҳи худ берун рафтани суғур, аз зери замин ба саҳро рӯ ниҳодани корвони мӯрчаҳо, ҳама ҳаракатанд, ки тасвир гашта, аз ғалаёни эҳсосот ҳам асар доранд. Вале ин ғалаёни эҳсосот ба воситаҳои бадеъу баёнӣ, аз ҷумла, дар ташбеҳи кӯҳ ба домоди ба сар лачак баста, таъбирҳои хори ғурур, мӯрҳои гушна, харидорони ҳусни бебадал, сандуқи атторӣ бештар ифода шудаанд. Баҳор дар ашъори тавсифию тасвирии Қутбӣ Киром на танҳо оғози соли нав, рафтани зимистону об шудани барфҳою дамидани сабзаҳо, балки ҳаммаънои ҷавонию ишқу муҳаббат ҳам ҳаст:

Офтоб аз хонаи худ пештар омад бурун,
Рафт сӯи арчазорони Сиём.
Гуфт оё ҳарфи ҷонсӯзе ба барфи солгашт,
К-об шуд он ҳамчу қӯр(?)ғошими хом.

Духтари ҳамсояи мо ин саҳар бори нахуст
Тукмаи чоки гиребон боз кард.
Печ хӯрда, тоб хӯрда аз дили нав-ошиқе

Байтҳои аввалин парвоз кард [86, 56].

Дар ашъори тавсифию тасвирии баҳорӣ тавачҷуҳи Қутбӣ Киром бештар ба субҳу шом аст. Ин ҳар ду ҳангом ҳам барои ӯ ҳангоми зуҳури эҳсосоти ошиқона аст. Агар дар ин шеър «саҳар бори нахуст» «духтари ҳамсоя» «тукмаи чоки гиребон» боз кунад, ки маҳалли дилдодагии ошиқон аст ва «аз дили нав-ошиқе» «байтҳои аввалин» ҳам ба «парвоз» оянд, дар шеъри дигари ӯ ёр «бӯи гулу бӯи саҳар мекунад», ки далели ҳаммаъноии баҳору ёру ишқ дар шеърҳои манзаравии баҳории Қутбӣ Киром аст. Ҳамчунин шаб, ки бештар розноку хаёлангез ва пардадори асрори ошиқон аст, аз ин дидгоҳ ба тасвир меояд. Бад-ин ваҷҳ дар шеъри «Бӯи бунафша мекунад» чунин мегӯяд:

Шаб буду мурғи шаб буду маҳтобу кӯҳсор,
Ман будаму хаёли туву савти обшор.
…Бо ёди ту ниҳода лабам бар лаби суман,
Себарга дар барам буду болишт настаран [86, 133].

Қутбӣ Киром дар тавсифу тасвири манзараҳои баҳори табиат шеърҳое дорад, ки ҳар пораи онҳо нигориши як ҳолати мушаххас буда, дар маҷмӯъ манзараи умумии баҳорро пеши назар меоранд. Аз ин ҷиҳат шеъри «Моҷарои баҳор» ҷолиби диққат аст, зеро ҳар қисмати он як лаҳза ва манзараи баҳорро таҷассум мекунад, ки дар он эҳсосот ва таассуроти отифӣ аввалу охир дошта, сужаи ғиноӣ ҳам вобаста ба ифодаи онҳо сурат мегирад.  Ҳар пора барои гузариш ба тасвири ҳолати нав замина гузошта, онро пурратар менамояд ва ҳама дар якҷоягӣ шеъри яклухтеро ташкил медиҳанд. Дар охири ҳар пора шоир аз он хулосаи зарурӣ мегирад. Аз кулли шеър манзарае пеши назар ҷилвагар мегардад, ки вусъату гунҷоиши зарурӣ барои нишон додани намои умумии баҳор дошта, эҳсосоту таассуротеро, ки як манзараи комили баҳор дар дили инсон бедор мекунад, ифода менамояд:

Барқе ба пайкари само
Теғе заду гурехт,
Аз дидаҳои осмон
Ашки сафед рехт,
Аз ашки осмон
Рӯ шуста марғзор,
Хандида хокдон,
Шуд ғарқаи баҳор.
Ман дидам аввали баду
Хубии сониро [43, 111].

Ин пораи нахусти шеър аст, ки дар он шоир аз воситаҳои сувари хаёл ҳамчун ташхиси барқу само, ташбеҳи борон ба ашки сафед, тибоқи аввалу сонӣ ва хубу бад истифода карда, як манзараи пурҳаракати баҳорро тасвир менамояд ва дар охир аз он «Ман дидам аввали баду // Хубии сониро» гӯён, андешаи хулосавии худро баён мекунад. Ин шеър аз ҳамин гуна панҷ манзараи гуногуни баҳор ба ҳам омадааст, ки дар ҳар пораи он воқеияти ашёвии гуногуни олами ҳастӣ ба тасвир омада, муҳтавои ягонаи ғиноӣ дорад. Дар он барои нигориши фасли баҳор ташбеҳу тавсифҳои тару тозае истифода шудаанд, ки зодаи идроки бадеии шоир маҳз аз ҳамон муҳитанд. Масалан, ғунчаи раъноро, ки кушода мешавад, ба чашми боз монанд кардан ва ба нахли навбар додани сифати арғуштравӣ ва ба бед парешонмӯӣ, ки дар айни ҳол онҳоро ташхис ҳам мекунад, аз тозакориҳои шоиронаанд:

Чашмони бози ғунчаи
Раънои тозарӯй,
Арғушти нахли навбару
Беди парешмӯй [43, 111].

Қутбӣ Кcallером дар ин шеър мекӯшад, ки ба воситаҳои бадеии тасвир эҳсосоти худро, ки аз вуруди баҳор ба олами табиат дар ӯ ғалаён мекунад, бо шӯру шааф ва табу тоби баланд баён намояд. Дар баробари ин барои амалӣ кардани ин манзур шоир аз воситаҳои фаннии шеър, масалан, аз шикастани мисраъҳо низ суд меҷӯяд, ки дар баъзе ҳолатҳо дуруст, вале дар баъзе ҳолатҳои дигар нодуруст анҷом дода шуда, шеърро аз назари вазн нуқсондор мекунанд. Ҳамин ҳолат дар банди хотимавии шеър, ки тасвиру тавсифҳои тоза дошта, аз хулосаи фалсафӣ ҳам баҳравар аст, низ рух додааст: «Бо печу тоби бехудӣ (?) // Ҷӯбори худсиришт // Дар тоза сафҳаи замин(?) // Ашъори нав навишт, // Он мисраъҳои ихчаму // Он байти обдор // Як дахр маънии навин(?) // Бар дӯш карда бор. // Ман хондаам мисраи(?) // «Зеҳ, эй ҷавонӣ (?) - ро» [43, 113]. Дар ин ҷо ҷорӣ шудани ҷӯбори худбаамаломадаро дар сафҳаи замин ашъори нав менависад номидан нигоҳи тозаест ба ин манзара, ки дар натиҷаи истифодаи маҷоз ва ташбеҳу тавсифи нав сохтан ба даст омадааст. Ҳамчунин «Он мисраъҳои ихчаму // Он байти обдор //…Ман хондаам мисраи // «Зеҳ, эй ҷавонӣ» -ро» борвари андешаест, ки маънои фалсафаи зиндагӣ – бо ҳар баҳори нав тоза шудани на танҳо табиат, балки инсонро ҳам, ки як ҷузъи зотии он мебошад, дар бар дорад. Аммо ин дастовардҳоро, ҳамчунонки дар пораҳои дигар ҳам ҳаст, нуқсони вазн лаккадор мекунад. Ин шеър дар асоси вазни музореи мусаммани ахрабу макфуфу мақсур (маҳзуф) – **мафъӯлу фоилоту мафоӣлу фоилон**, ки нақшааш чунин аст: – – У / – У – У / У – –У / – У ~навишта шудааст, аммо ҳиҷои ҳаштум, ки кӯтоҳ аст, дар мисраъҳое, ки дар матни боло аломати суол гузошта шудааст, дароз омада, сактадор аст ва зиёда аз ин дар сатри “Ман хондаам мисраи…”вазн тамоман вайрон аст, зеро дар ҳиҷои панҷум ба ҷои ҳиҷои кӯтоҳ дароз ва дар ҳиҷои шашум ба ҷои ҳиҷои дароз кӯтоҳ ва …оварда шудааст. Агар, фарзан, ба ҷои «ман хондаам» «мо хондаем» гуфта мешуд, ин нуқсҳо аз байн мерафт.

«Моҷарои баҳор» шеъре буд, ки ҳолати тасвираш пур аз шӯру шааф, раъду садо, ҳаракату амал буда, дар рӯзи баҳор сурат мегирифт ва ифодааш ҳам муносиби он иғроқу ғулувҳо дошт. Шеъри «Шаби Шамтуч», ки низ манзаравист, баръакс шаби ороми баҳорро ба тасвир гирифта, хусусияти дигари тасвиркории

шоирро аён менамояд. Аммо дар ин ҷо ҳам сабки сухани шоир Қутбӣ Киром, ки бо бардошту муболиғанок аст, равшан ба мушоҳида меояд. Ин шеър дар навъи чаҳорпора гуфта шуда, ҳар қисми он як пораи шабро ба тасвир мегирад. Инак, ду қисмати аввали он:

Ранги рӯз омехт бо хуни шафақ,
Сӯхт дар оташ уфу(?)қи дурдаст.
Шом печида ба тори қуллаҳо,
Дар ба рӯи дидаи офоқ баст.
Аз лаби гардун табассум дур шуд,
Мурд гӯё рӯз дар пеши назар.
Назди тобуташ сияҳ пӯшидаанд
Кӯҳҳо хомӯшу сокит сар ба сар [86, 145].

Боризтарин хусусияти шеъри тавсифию тасвирии Қутбӣ Киром то ҳадди имкон ба ашёи олами ҳастӣ наздик будани он аст, зеро шоир мекӯшад, ки ба тасвири мабҳас содиқ монда, ҷузъиёти онро ҳам ба айният мувофиқ нигориш кунад. Ӯ манзарaро дар тасаввури худ намесозад, балки наздик ба ҳолати воқеии он нигошта, таассуроти худро аз он иброз медорад. Ин таассурот бештар аз будаш зиёд, бо иғроқу ғулув баён мешавад, аммо заминааш дар воқеияти мабҳаси тасвир аст. Масалан, дар ҳамон байти аввал «Ранги рӯз омехт бо хуни шафақ, // Сӯхт дар оташ уфу(?)қи дурдаст» тасвири хуби бо иғроқ баёншудааст, ҳарчанд ин байти машҳури классикиро ба хотир мерасонад, ки дар он ҳам аз домани пурхуни шафақ, яъне аз хуни шафақ ёд шудааст:

Шафақро лолагун дидам намози шом дар гардун,
Магар хуршедро кушта, ки дорад домани пурхун.

«Сӯхт дар оташ уфу(?)қи дурдаст» ҳам маҷози муносибест, ки ба воситаи он намои уфуқ бо ранги алвонияш дарк карда мешавад. Ҳарф сода, вале рангин аст.

Дар байти «Назди тобуташ сияҳ пӯшидаанд // Кӯҳҳо хомӯшу сокит сар ба сар», ки аз ташбеҳу ташхис истифода карда, шомро тобути рӯз хондааст, низ ишорае нуҳуфтааст, ки ин тасвирҳо танҳо ба хотири тасвир набуда, мафҳуми дигаре ҳам доранд, ки ба таассуроти шоир пайванд мегиранд. Вақте ки шоир:

Чуғз – он маддоҳи шаб карнай зада,
Васф мекард (?), васф ин шоми сияҳ [86, 145].

– мегӯяд, дарк мешавад, ки шоир ба ин шаби сиёҳ таваҷҷуҳу иртибот надорад, вагарна аз чуғз, ки рамзи вайронию харобист, ёд намеовард ва садои онро бо муболиға карнай задан намегуфт. Аз ин бармеояд, ҳар ҳолати шаб, ки тасвир мешавад, аёну ноаён ба рӯҳу равони шоир таъсир мегузорад. Бинобар ин ӯ аз мавқеияти манфии он сахт дар изтиробу озурда ва аз ҳолати мусбати он пурдилу шод мешавад. Ва чун бар муқобили «шоми сияҳ» ахтарон зуҳур мекунанд, ӯ бо бардошту табу тоб чунин мегӯяд:

Бар хилофи шаб сипоҳи ахтарон,
Гӯӣ аз ҳар мӯрӣ (?) мегаштӣ падид.
Чир-чирак доду малах мезад манаҳ,
Кирмаки шабтоб ханҷар мекашид [86, 145].

Вагарна чир-чирак дод мезаду «кирмаки шабтоб ханҷар мекашид» гуфтан барои тасвири шаби торе, ки бо рух намудани ахтарон аз сиёҳиашон мекоҳад, хеле бештар ва шадидтар аз он аст, ки дар айни ҳол меъёри сухан тақозо дорад. Сабаби ин дар ду чиз аст, аввалан, ҳолат бо рӯҳия ва таассуроте, ки шоир мехоҳад баён кунад, сахт бастагӣ дорад ва, сониян, ин яке аз мухтассоти сабки пуртабу тоб ва бардоштдори Қутбӣ Киром аст, ки дар ҳама ҳолат зуҳур мекунад. Аммо бо вуҷуди ин дар шеър аз шахсияти шоир қатъи назар карда шудааст, ӯ гӯё дар бораи таассуроти шахсии худ чизе нагуфта, танҳо ба тасвири олами шаб, ҷузъиёти он ва лаҳза ба лаҳза дигар шудани намои он мепардозад, ки то бандҳои охир воқеан

ҳамин тавр аст. Аз ҷумла, дар банди пеш аз мақтаъ ҳам ҳарф аз пора шудани «пироҳани шаб», хокистар шудани «абрҳои тира» ва «аз миёни кӯҳҳои сарбаланд» «рӯи пуранвори худ»-ро кушодани моҳ мебошад, ки аз осори зеҳният барӣ буда, танҳо кӯшиши айнияти тасвирро бо худ доранд. Шоир мехоҳад, ба моҳияти аслии шайъ ва ҳолате, ки ба тасвир гирифтааст, андар равад, бинобар он аз ибрози эҳсосоти шахсияш худдорӣ мекунад. Ин ҳолат то мисраи хотимавии шеър давом меёбад. Баъд аз он ки моҳ рух менамояду сиёҳии шабро мезудояд, ин байтҳо меоянд:

Куртаи суф(?) кардӣ (?) дар бар боғҳо,
Тофт рӯи қуллаҳо тарзи дигар.
Шаб зи тахти салтанат афтид, рафт…
Шоиро, бархез шуд вақти сафар [86, 145].

Ва ҳамин мисраи мақтаъ «Шоиро, бархез шуд вақти сафар» нишон медиҳад, ки бо вуҷуди ба айнияти ҳолати тасвир риоят кардан таъсири эҳсосот ва таассуроти зеҳнӣ дар он ҷой дошт. Он дар ташбеҳу тавсифҳои сахт ташдиднок, ки осори ошуфтагию изтироб доштанду барои тасвири шаб истифода мешуданд ва ҳамчунин аз ҳарфҳои болидарӯҳонаи муаллиф пас аз рух намудани моҳ, ки сиёҳии шабро зудуд, ҳис мешуд. Пас, аз кулли шеър чунин маъно бармеояд, ки сиёҳии шаб рамзи монеа ва садде ба сафари рӯҳонии шоир ба олами нур – шеър буда, анвори моҳ сиёҳиро аз байн бурд ва роҳро ба сӯи нур кушод, яъне аз роҳи зулмат ба равшаноӣ намешавад расид. Ин аст фалсафае, ки дар зимни ин шеъри тавсифию тасвирӣ нуҳуфтааст.

Дигар аз навъҳои роиҷи шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ шеъре мебошад, ки ба тасвиру тавсифи зан, маҳбуба бахшида шудааст, зеро, ҳамчунонки табиат сарчашмаи ҳамаи зебоиҳои табиист, зан ва махсусан, маҳбуба, на танҳо фавқи ҳамаи ин ҳусну назокат, балки сарчашмаи ба вуҷудорандаи эҳсосоти наҷиби ошиқона ҳам мебошад, ки аз улвитарин ҳиссиётҳо буда, мабҳаси муҳаббатро дар чашми дилдода ба ноёбтарину муқоисанашавандатарин зебоиҳо, ки ҳатто

фariштаву малак дорои онҳо нестанд, табдил медиҳад. Ва ҳеҷ мумкин набуд, шоире ҳамчун Қутбӣ Киром, ки фаввораи ҳиссиёт аст, дар ин бора шеър нагуфта бошад. Ҳарчанд дар ин ҳолат дар назар бояд дошт, ки эҳсосоти ҷӯшон шоирро бештар ба ситоиши маҳбуба ва ибрози ҳиссиёти ошиқона вомедорад, то имкони тасвири айнии зан ва ё маҳбубаро бидиҳад, ва аз ин рӯ, ин навъ шеър дар эҷодиёти шоир бештар ба назар мерасад. Аммо ҳоло манзур шеъри ғиноии тавсифию тасвириест, ки дар он айнияти тасвир бар ибрози зеҳнияти эҳсосот бартарӣ дошта, уфуқи хаёлоти мусаввирона ва қудрати қаломи тасвиркории шоирро нишон дода тавонад. Аз ин ҷиҳат шеъри «Духтари яғнобӣ» аз силсилаи «Дафтари Яғноб» (с. 1975) ҷолиби таваҷҷуҳ аст, зеро дар он ҳам баёни ғалаёни эҳсосот ва ҳам тасвиру тавсифи айнӣ мавҷуд аст, ки дуюмӣ бар якумӣ бартарӣ дошта, шеърро тавсифию тасвирӣ мекунад.

Шеъри «Духтари яғнобӣ» бо ҳамон шӯру ғалаёне, ки хоси сабки Қутбӣ Киром аст, бо муроҷиати фармонравоёна ба рассоми оламшумули итолиёвӣ Рафоэл, ки бештар расми Марями Модархудо ва Исои Масеҳро мекашид, оғоз мешавад, ки ӯро аз кашидани тимсоли Марям боз  дошта, ба тасвири духтари яғнобӣ бурданист:

Ист як дам, Рафаэло, боз ист,
Нақши Марям зи дидагонат гир…
Як дам аз шарри римиён бигрез,
Бар Вағанзо биё, ба мо омез.
Бинишин зери сояи мижгон,
Нақши ин суғдидухтар аз дил рез… [86, 198-99]

Ин шеър аз 14 банди чаҳорпораӣ иборат аст, ки ба ҷуз банди аввалу охир – руҷӯу ҷамъбаст, дигар ҳама дар тавсиф ва тасвири духтари яғнобист, ки бо шефтагии тамом ва суварнигории ҳиссиётангез ба ҷо оварда шудааст, ки аз лиҳози гармию ҳарорат дар шеъри муосири тоҷик камтар назир дорад. Аммо ин гармию ҳарорат на ба воситаи ҳиссиёти шахсии шоир ифода гаштааст, балки дар

зимни тавсифу тасвири бадеъ ҷой гирифтааст. Зеҳният дар ин шеър дар интихоби воситаҳои ба обутоби тавсифу тасвир мақом дорад.

Ҳар банд, аз дувоздаҳбанди боқӣ, ба тарҳи пешинаи тимсоли суғдидухтар тарҳи тозае зам карда, симои ӯро комилу дурахшон ва зинда ба назар намоён месозад. Дар он воситаҳои тасвир рамзу маҷоз ва ташбеҳу истиороти фаровон, ки бештар аз олами шайъӣ гирифта шудаанд, ба кор рафта, заминаи тасвирро пурбору махсус кардаанд. Аз ҷумла, «Тарҳи рӯяш баҳор ангезад, // Шӯъла аз ҳар канор бархезад», «Лаби ӯ ҳамчу пушти гулмоҳӣ», «Абрувонаш чу хӯшаи гандум», «Мавҷи рӯд аст кокули чинаш», «шафақи субҳдам…рухсораш» ташбеҳу тавсифҳое ҳастанд, ки дар мисраи аввали ҳар банд барои муҷассам сохтани сурату андоми ин суғдидухтар меоянд ва дар мисраъҳои баъдина бо ташреҳ мукаммалтар карда мешаванд. Аз ин тавсифу ташбеҳҳо, махсусан, ташбеҳи ин банд, ки ҳар ду тарафаш – ташбеҳкунандаю ташбеҳшаванда, яъне мушаббаҳ бо мушаббаҳун биҳ аз олами шайъиянд, муносибу хотирмонанд:

Абрувонаш чу хӯшаи гандум
Гушнагонро умед мебахшад.
Нусхаашро ниҳон каш аз мардум,
То фалак доси худ бар ӯназанад [86, 199].

Ин банд, агар нуқси қофия, ки дар нораво қофия бастани «мебахшад» бо «назанад» мавҷуд аст, аз назар соқит шавад, тасвири тозае дорад, ки абрувони суғдидухтаронро, ки аксаран зарринмӯй ҳастанд, ба хӯшаи гандум ташбеҳи зебое карда, дар зимн ба шеъри Ҳофиз ҳам ба тариқи талмеҳ ишора менамояд:

Мазраъи сабзи фалак дидаму доси маҳи нав,
Ёдам аз киштаи хеш омаду ҳангоми дарав [306, 238].

Ва Қутбӣ дар сабки худ набуд, агар дар чунин мавриди мувофиқ – тавсифи ҳусни суғдидухтар, ки ӯро ҳамчун решаи нажодии худ ба сад дил дӯст медораду ситоишу суварнигорӣ мекунад, ба ташбеҳу ғулуви ҳайратангезе рӯй наорад:

Пайкари оташи сафедашро
Дар дили мавҷаи Зарафшон каш.
Қуллаҳои баланду саркашро
Пеши пояш фитода яксон каш! [86, 200].

Дар мақтаъ даъвати дар оғози шеър кардаи шоир, ки Рафоэлро аз кашидани нақши Марям боздошта, ба тасвири суғдидухтар хонда буд, такрор гашта, дар байти охир ба ӯ чунин тавсия мешавад, ки «Аз қади суғдидухтарон имрӯз // Орзую умеди худ меҷӯ» [86, 201]. Ин хулоса чандмаъно ба назар мерасад, ки асилтаринаш ин аст: суғдидухтар на танҳо дар ҳусну малоҳат, балки дар иффату покизагӣ ва бегуноҳӣ ҳам беназиру беҳамто буда, аз Марями аз рӯҳ Исои пайғамбар оварда камтар нест… Ибрози ҳиссиёту таассурот дар ин шеър аз лиҳози сабк хусусияти воқеӣ, айнӣ, яъне ҷудоӣ аз зеҳниятро дорад, ки воқеияти онро бештар ва таъсирашро амиқтар месозад, ҳарчанд хонанда ҳис мекунад, ки ҳамаи он таассурот ба шахси шоир тааллуқ мегирад. Аммо дар ҳеҷ ҷои шеър шоир аз худ бо ҷонишини «ман» ном намебарад, танҳо дар ду мисраъ – дар яке «То туро (Рафоэлро – А. Ҳ.) бар канори чашма барам» дар феъли «барам» бо бандакҷонишини «ам» ва дар мисраи «Бар Вағанзо биё, ба мо омез» бо ҷонишини «мо» аз ширкати худ дар он саҳнаи тасвиркорӣ ва ифшои розу ниёз ишора мекунад.

Дар ду шеъри дигаре, ки дар солҳои навади қарни гузашта навишта шудааст, «Зан» ва «Оғози ишқ», низ тавсифу тасвир ва ситоиши зан, ки моҳияти ҳастии ӯро ба таври айнӣ нишон медиҳад, ҷой дорад. Шеъри «Зан», ки дар оғоз тавсифию тасвирист, дар охир андешавию ифодавӣ мешавад, вале дар қисмати аввал ҳам, бо вуҷуди тавсифию тасвирӣ буданаш, ки бештар ҳарфи оромона ва ботаанниро тақозо дорад, сабки сухани шоир бобардошту муболиғанок аст. Ӯ барои дар

назар мучассам сохтани намои ба назди чашма омадани зан аз воситаҳои сувари хаёл суд ҷуста, занро тимсоли зеботарини зебоиҳо месозад :

Бар лаби чашма нур меояд,
Як зани мисли ҳур меояд.
Тоҷи давлат магар ба сар дорад?
Ин қадар боғурур меояд?

Бод сармасти атри гесӯяш,
Мезанад хешро ба паҳлуяш.
Чашма лабрез з-акси оразн ӯ,
Кӯҳдоман муаттар аз бӯяш [86, 56].

Ҳамчунонки қайд шуда буд, бо ҳиссиёти баланду бардоштҳо сухан гуфтан яке аз махсусиятҳои сабки Қутбӣ Кором аст, аммо ҳар ҷое, ки сухан аз зан меравад, ин бардоштҳо ба қуллаи олияш расида, ба таассуроти ҷӯшон бадал мегардад. Як худи зуҳури зан дар ӯ тӯфони ишқу иштиёқро барангехта, шӯру ҳаяҷони беқиёсро бедор мекунад, ва баробари ҳар қадар ҳиссиётманд будани ин ишқ эътибори мавриди парастиш қарор гирифтани зан баландтар мешавад. Аз ин бармеояд, ишқи зан, ки онро Қутбӣ Киром табиию ошкоро бо ҳиссиёмандию таассуроти сӯзон ба қалам меорад, на танҳо маҳсули эҳсосоти ошиқона, балки мавқеи муайяни бошууронаи ӯро низ оид ба ин мавзӯъ ифода мекунад. Ин қазияро он чиз ҳам собит мекунад, ки дар ягон шеъри ба зан ё маҳбуба бахшидаи шоир гуноҳи ишқ ба гардани маҳбуба бор карда нашуда, шоир аз номуносибиии рафтори маҳбуба шиквае ба забон намеорад, зеро зан аз нигоҳи ӯ ҳамеша ҳақ ва болотар аз сарзанишу шикоят аст. Дар ин шеъри тасвирӣ ҳам ин маъно ифодаи мақбули худро ёфтааст. Зан, ки меояд, тамоми атрофро пур аз зебоиву латофат карда меояд ва шоир аз воситаҳои бадеии тасвир, аз ҷумла, аз маҷозу ташбеҳу истиора ва муболиғаву ташхис истифода карда, атрофро аз омадани ӯ пурнур, бодро сармасти атри гесӯ, чашмаро лабрези акс ва кӯҳдоманро аз бӯи ӯ муаттар

ба қалам медиҳад, ки эҳсосоти саршори ошиқонаи ӯро низ ба мо мерасонанд. Мавқеи санҷидашудаи шоир оид ба мақоми зан дар ду банди охири шеър хеле хуб инъинкос ёфтааст, ки дар ҳама ҳолат зан ва маҳбубаро болотар аз он медонад, ки бар ӯ нукта гирифтаву гуноҳе баста шавад:

Масту мағрури навҷавонию ҳусн,
Рӯди пурҷӯш назди ӯ ҷӯе…
Заррае ҳам нигаҳ наандозад
Ҷониби шоири дуогӯе.

Ҳар чӣ созад, варо наранҷонед,
Ҳар чӣ хоҳад, зи раҳ нагардонед.
В-арна ӯ рафта, мебарад бо худ
Чашмаву кӯҳро, намедонед?! [86, 57]

Дар шеъри тавсифию тасвирии Қутбӣ Кором зан ва маҳбуба дар намоҳои гуногун ба қалам оварда мешаванд, ки эҳсосоти мухталифи шодии висол ва ранҷи фироқ, нозу адои меҳрубононаву беэътиноии назарбаландонаро ифода менамоянд, аммо ҳама дар ниҳоят ноаён то ба қуллаи баланди муҳаббату дӯстдорӣ ва ситоишу парастиш мерасанд. Дар ҳамин ду банди иқтибосшуда ҳам дида мешавад, ки шоир аз беэътиноии зан заррае намеранҷад, балки даъват мекунад, имкон диҳед, ҳар чӣ хоҳад бикунад, вагарна ӯ ранҷида биравад, «чашмаву кӯҳро», яъне сарчашмаву пойдории ҳастиро низ бо худ мебарад. Дар ин шеър, ҳарчанд воқеа – омадани зан ва дигар аносири олами табиат – боду чашмаву кӯҳдоман, ки бо он иртибот мегиранд, дар замони ҳозира тасвир карда шуда, эҳсосоту таассурот бо шайъ ва ҳодисаи мушаххас тааллуқ доранд, аммо онҳо дар маҷмӯъ барои гирифтани хулосаи умумӣ, ки барои ҳамаи замонҳост, замина муҳайё мекунанд. Ин хулосаи фалсафӣ аз моҳияти муҳаббат ва мақоми зан аст, ки шоир онҳоро сарчашмаи ҳастӣ ва зиндагии башарият медонад.

Дар шеъри «Оғози ишқ» тамоми матлаби ошиқона ба воситаи сувари хаёл, тавсифу тасвир баён гашта, оғози ишқ бо беҳтарин ва зеботарин зуҳуроти табиат муродиф಼ дониста мешавад. Ин шеър, ки аз оғози лаҳзаи дилдодагии «ман»-и шоир суҳбат мекунад, нисбат ба шеъри “Зан” сабки сухани орому батаанниитар дошта, ҳиссиёту таассуротро бештар дар зимни тасвир ифода менамояд. Ашёи тасвир ҳама аз олами зебо ва тару тозаи табиатанд, ки гесӯи мушкини райҳон, шабнам, сад забони савсан, бунафша, чашми масти наргис аз ҷумлаи онҳо буда, бо ҳолати ошиқонаи шоир ҳамоҳанганд. Ин ба навъе низ таъкиди он аст, ки табиат бо тамоми ҳастии худ бо ҳаёти рӯҳии инсон пайванди решагӣ дорад. Бинобар ин «Чу райҳон шабнам аз гесӯи мушкин рехт» ва нигоҳи ошиқ «бо нигоҳи духтари ҳамсоя омехт» … савсану бунафша ташхис ва ба чунин амалҳо қодир мешаванд:

Кушода сад забони хешро савсан,
Маро табрик мегуфту басе аҳсан:
Баҳори ошиқон имдодгар омад.

Намуда кори гулҳои дигар тазмин,
Бунафша ғарқ мешуд дар табассумҳои ширин,
Насими шӯх аз боғи дигар омад [86, 120].

Дар ин шеър олами воқеъ бо рӯҳӣ, табиат бо инсон ба хотири оғози ишқ ба ҳам мепайванданд ва эҳсосоти ошиқона замон ва тамоми муҳити атрофро фаро мегирад. Ҳамин тариқ, дар ашъори ғиноии тавсифию тасвирӣ ва манзаравии Қутбӣ Киром, ки агар дар зимн мавзӯи зан, маҳбуба ва ишқи ӯ қарор гирифта бошад, онҳо меҳвари ҷаҳони ҳастӣ шинохта шуда, на танҳо шахсияти шеър, балки тамоми аносири табиат ҳам ба онҳо ӯ эҳсоси муҳаббату парастиш мепарваранд.

Рамзи ҷовидонии табиат дар чаҳор фасли он – баҳору тобистону тирамоҳу зимистон ифода шуданаш мумкин аст. Дар шеъри тавсифию тасвирии ҳар халқ вобаста ба муҳити табиияш ин ё он фасли сол бештар мавриди нигориш қарор

мегирад. Дар ин ҳолат завқу таваҷҷуҳи шахсии ҳар шоир ҳам беаҳамият нест, ки ба чӣ фасле бештар дилбастагӣ дорад ва ё тасвири чӣ фасле манзури эҷодии ӯро хубтар ифода карда метавонад. Ин чиз на танҳо ба чигунагии хосияти ин ё он фасли табиат, балки ба чигунагии авзои ҷамъият низ вобаста мебошад, ки шоир онро дар намои фаслҳои табиат ба забони тасвир бозгӯ мекунад. Дар анвои дигари эҷодиёти шоир, агар аносири як фасли табиат, ҳамчун маводи ёридиҳандаи тасвир, бештар ба кор рафта бошад, дар шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ фасли дигари сол мақоми бештаре доштанаш мумкин аст. Ин на танҳо далели ба он фасл бисёртар таваҷҷуҳ доштани шоир, балки аломати домани тасвирро фарох нигоҳ доштани ӯ ҳам ҳаст, ки аз ин сарчашмаи беинтиҳои тасвир пурмаҳсул истифода мекунад. Айни ҳамин ҳолат дар эҷодиёти Лоиқ ба мушоҳида мерасад. Дар бисёр шеърҳои андешаҳои отифии тавсифию тассвириаш ӯ аз аносири олами табиат дар фаслҳои гуногуни сол, масалан, бештар аз баҳор истифода кардааст. Аммо дар баробари ин, аз фаслҳои дигари сол, хазону зимистон низ фурӯгузор накарда, дар бораи онҳо ашъори алоҳидаи тавсифию тасвирӣ ҳам гуфтааст. Тирамоҳ аз фаслҳоест, ки Лоиқ ба тасвири он дар давраҳои аввали эҷодиёташ шеъри ҷудогона бахшидааст. Дар се шеъри ғиноии тавсифию тасвирии ӯ «Тирамоҳ» (с. 1965), «Даштҳо пурсукуту холианд» (с. 1970) ва «Борони тирамоҳ» (с. 1975) манзараи тирамоҳ маводи мустақил буда, манзури андешавии шоир дар зимни онҳо нуҳуфтааст. Дар шеъри «Тирамоҳ» тасвири манзараи ин фасл дар пайвастагӣ бо фаъолияти инсон офарида мешавад.

Осмони тозарӯ шуд тирарӯ,  
Токҳоро гӯр карданд.  
Пояҳои хушки пахта бегулу бебарг монданд,  
Рафт з-онон қадру қимат – он гули симинашон,  
Сӯяшон сар хам намесозанд дигар пахтачинон [357, 363].

Табиат дар ин ҷо ҳамдасти инсон аст. Шоир нисбат ба осмон сифатҳои тозарӯӣ ва тирарӯӣ, нисбат ба токҳо феъли гӯр карданро ба кор бурда, якеро ба

воситаи сифат ва дигареро ба воситаи феъл ташхисонида, фазоро пур аз ҳаракат кардааст. Давоми шеър ҳам, ҳарчанд на тасвирист, аммо аз нақли амал сурат баста, беҳаракат нест. Баъд ба пуштаҳо сифатҳои «бефарёду танҳою карахту пурсукут» дода, онҳоро ҳам ҷондор меангорад. Дар банди чаҳорум замини киштзор ба гурд ташбеҳ карда мешавад, ки дар назари аввал ғайричашмдошт ва аз ҷиҳати шабоҳат ҳам хеле дур менамояд, вале чун ваҷҳи ташбеҳ «...зи баъди корзор // Ояду паҳлу занад бо сарбаландию виқор» баён мешавад, мақбул менамояд:

Баъди ташвишу тараддудҳо мисоли модарон
Худ ба худ паҳлу зада хобад кунун Модар-замин.
Киштзорон мисли гурде, ки зи баъди корзор
Ояду паҳлу занад бо сарбаландию виқор,
Хешро омода созад бар набарде, бар баҳори дигаре [357, 363].

Ҳамдилию ҳамдастии табиат бо инсон, ки дар ашъори манзаравии шуарои тоҷик дар нимаи дуюми қарни бист ба мушоҳида меояд, сифати тозаест, ки дар шеъри то қарни бист қариб ба назар намерасад. Ин сифат дар замони нави таърихӣ, ки инсонро ҳамчун соҳиби обу замин, бунёдкори ҳаёти нав мешиносад, ба вуҷуд омада, на танҳо инсонро «табиитар» месозад, балки табиатро ҳам «инсонитар» менамояд. Онҳо розу ниёзи ҳамдигарро хуб мефаҳманд, ба ғаму шодии ҳамдигар шарику анбоз мешаванд. Дар давоми ин шеър ҳам инсон ғами «лонаи бесоҳиби паррандагон» ва чӯчаҳои онҳоро мехӯрад, табиат «неъмати худро…тӯёна орад баҳри халқ» ва махсусан, таъбири охирин ҳамдастии табиатро бо инсони рӯзиофарин бараллоина ифода менамояд. Ҳамин тариқ, ба пуштаву киштзорону лонаву парандагон, яъне ба аҷзо ва кулли табиат рӯҳи инсонӣ дамида, дар инсон нисбат ба онҳо меҳру муҳаббат ва ғамхорӣ талқин мешавад.

Лонаи бесоҳиби паррандагон
Дар миёни шохсорон зору ҳайрон мондаанд.

Ҷӯҷаҳое, ки калон карданд, ҳоло дар куҷоянд,
Дар куҷои ин фазои бекарон пар мекушоянд?

Неъмати худро замин тӯёна орад баҳри халқ,
Лек худ нӯшад яхоб.
Ҳар куҷо тӯясту шодӣ, нағмаи чангу рубоб,
Фахр месозад замин дар зери по.
Дида неъматҳои худро дар сари хон беҳисоб [357, 363].

Шеъри дигари манзаравии тирамоҳ «Даштҳо пурсукуту холианд» (с. 1970), ки панҷ сол баъдтар аз шеъри «Тирамоҳ» навишта шуда, нисбат ба шеъри аввала хеле рехтаву маҳкам ва мусаввиронаву бадеътар аст, низ ҳамин андешаи ҳамбастагии офаринандаи инсону табиатро ифода кардааст. Дар шеъри «Тирамоҳ» маънии ҳамдастии табиат бо инсон як андоза дар сатҳ баён шудааст, яъне бештар рӯёрӯю ҳарфист, то дар зимни худи шеъру тасвир ҷой гирифта бошад. Дар шеъри «Даштҳо пурсукуту холианд» он, то банди панҷуми шеър, аз зимни тасвир бармеояд. Ба назар чунин мерасад, ки агар шеър дар ҳамон банд ба анҷом расонида мешуд, дар яклухтӣ ва афшурдагӣ бурд мекард, зеро се банди охир, ки дар он аз ин ҳамдастӣ ҳарфӣ ва гӯё фалсафиомез сухан гуфта мешавад, ба он кам чизе меафзояд. Аммо чун шеър дар ҳамин шакл вуҷуд дорад, дар ҳамин шакл мавриди баррасӣ қарор мегирад:

Даштҳо пурсукуту холианд,
Рӯдҳо бехурӯшу камобанд.
Монда урён дарахтҳои сабз,
Аз хазон рангзарду нотобанд [357, 272].

Ин тасвири фарзии тирамоҳ аст, то тасвири як манзараи он аз як дидгоҳи мушаххас, зеро дар як ҳолат ҳам даштҳо, ҳам рӯдҳоро, ки дар шакли ҷамъанд, аз як назаргоҳ дидан имкон надорад, магар ин ки аз тайёра, аммо дар он ҳолат

урёниву рангзардиву нотобии дарахтон ба назар намеояд. Пас, ин сурат аз рӯи тасаввур, фарзи шоир офарида мешавад, ки муҳимтарин ҷузъиёти онро барои ифодаи андешаи зарурӣ мунтахаб мекунад. Аз мисраи аввал табиат ҷондор ангорида, даштҳо сифати пурсукутӣ, рӯдҳо бехурӯшӣ, дарахтон урёниву нотобӣ мегиранд, ки ба инсон нисбат доранд ва ба ин васила онҳо ташхис гашта, бо гармию самимият фаро гирифта мешаванд. Ин ҳолати даштҳову рӯдҳову дарахтон манзараи ҳузнангези тирамоҳро тасвир менамояд, аммо ин ҳузн ба ҳиссиёт нуфуз намекунад, зеро дар баробари он шодиву хандаи мардум ҷой дорад, ки аз ҳамдастиву ҳамдилии табиат бо инсон ҳосил шудааст. Ифодаи ин мазмун аз банди дуюм оғоз мешавад:

Ғаллазорон тиҳӣ шуданд аз файз,
Ҳамчунон хонаҳои баъд аз тӯй.
Ҳар куҷо осиёст, гардон аст,
Мардумон чашмсеру хандонрӯй.

Дар сукути муқаддаси саҳро,
Базми неъмат, ҳамосаи серист.
Дар хамӯшии форами паяҳо
Достони ҷавонию пирист [357, 272].

Дар зимни ин тасвирҳо, аз ҷумла ғалазорони тиҳигашта ҳамчун хонаҳои баъд аз тӯй, осиёҳои гардон, хамӯшии форами паяҳо ва ҳатто сукути муқаддаси саҳро, ҳама ҷо, вуҷуди инсони ҳамдасти табиат эҳсос гашта, дар ин ҳамбастагӣ муносибати диалектикии инқирозу инкишоф, ҳаёту мамот ва низому бенизомӣ, ки ҳамеша мавриди суратнигориҳои бадеии шеъри фалсафаи табиат ҳастанд, дарк мешавад. Ҳар қадар ҷомеа ва шахсияти шоир ба сӯи такомул роҳ мепаймояд, ҳамон қадар ин ҳамдастию ҳамбастагӣ амиқу табиӣ ва фарогиртар шуда, мавзӯи табиатро дар шеър ҳамчун мисоли равшани инкишофи тамаддуни башарӣ муқаррар мекунад.

Ин хусусиятро дар ашъори солҳои гуногуни Лоиқ ҳам метавон ба мушоҳида гирифт. Қаблан бояд ба ёд овард, ки дар адабиёти солҳои нимаи аввали садаи бист ва баъди он ҳам муносибати инсон бо табиат бештар зӯроваронаю таслимкорона буд, ки дар ашъори Лоиқ ҳам ҷой дорад. Ин мазмун дар асоси силсилаи шеърҳои «Користони Норак» низ нуҳуфтааст. Албатта, дар назар бояд дошт, ки дар ин гуна мавзӯъҳо қудрати инсони бунёдкор ба қувваи аҷзои табиат, масалан, кӯҳу рӯд ва монанди инҳо муқобил гузошта шуданаш амри табиист, аммо ба ҳар ҳол, бо кадом ҳиссиёт ба ҳам рӯ ба рӯ шудани онҳо низ беаҳамият нест, зеро мақсудро бо ҳар ду роҳ – ҳамдастӣ ва ё зӯроварӣ ба даст овардан мумкин аст. Дар ин силсила мақсуд бештар бо роҳи ҷангу зӯроварӣ бо табиат ҳосил мешавад. Масалан, дар шеъри «Бунёдгоҳи кохи нур» (с. 1971) мегӯяд:

Созанд то ба ёдгор (?) аз хок Кохи нур
Ҷанганд бо табиати мағрур рӯ ба рӯ [357, 490].

Ё дар шеъри «Балладаи офтоби Норак» (с. 1979):

Дар ин ҷо наъраи Белаз намояд
Ғиреви Рустам андар ҷанги аждар [357, 501].

Дар мисоли аввал ҷангидан бо табиат таъкид шудааст, дар мисоли дуюм наъраи Белазро бо ғиреви Рустам дар ҷанги аждар монанд кардан муносибати шоирро ба қувваи табиат, ки ба аждар шабоҳат дода шудааст, муайян менамояд. Як нуктаи ҷолиб ин аст, дар шеърҳои давраи аввали эҷодиёти Лоиқ, ки худи шоир ҷавон буду дар роҳи шеър қадамҳои аввалин мегузошт, муносибати ӯ бо табиат оҳанги дӯстиву меҳрубонӣ ва мададхоҳӣ дошт, масалан, дар шеъри «Зарафшон» (с. 1960), ӯ, аз ҷумла, мегӯяд:

Ман умри азизу самари ишқу умедам
Бе обу насими ту тасаввур нанамоям.

Саҳмест зи оби ту ба таркиби вуҷудам,

Кайфест аҷаб атри насими ту бароям [357, 32].

Ин оҳанги аз табиат мададхоҳии шоир дар тарҷумаи русии шеър ҳам ба хубӣ садо додааст [131, 85-86]. Дар айни ҳол мақсаду мароми ҳар шеърро аз эътибор набояд соқит кард, ки яке барои нишон додани қудрати инсон дар бунёдкорӣ гуфта шудаасту дигаре дар бароварда кардани орзуҳои ҷавонии шоир, вале ба ҳар ҳол, агар кулли эҷодиёти ӯ дар назар гирифта шавад, дар давраи баркамолии ӯ оҳанги ҳамдастию ҳамдилӣ бо табиат нисбат ба муборизаю таслими он бештар аст. Ин ба ғояҳои замон ва муҳити иҷтимоӣ ҳам вобастагӣ дорад, дар давраи ҷавонии шоир, яъне солҳои шасту ҳаштоди қарни бист, дар муносибати инсон бо табиат ҳамин гуна рӯҳияи ғолибият бар он, то ҳамкорию ҳамдастӣ тасаллут дошт, ки бар ҷаҳонбинии ӯ ҳам таъсир мегузошт. Дар охирҳои қарн ин тарзи муносибат бо табиат тағйир хӯрда, ҷои онро кам-кам ҷараёни тозаи рӯй овардан ба табиат ҳамчун ба маҳалли оромишу осоиш аз задухӯрдҳову тундравиҳои айём ишғол мекунад. Ин ҷараён барои кашфиётҳои бадеӣ, махсусан, дар иктишофи муносибатҳои рӯҳу равонии инсон бо табиат мусоид омад, ки дар ашъори Лоиқ ҳам намунаҳои асили онро метавон пайдо намуд. Чизи дигарро ҳам дар ҳамин ҷо бояд қайд кард, ки дар эҷодиёти Лоиқ ҳар ду навъи муносибат дар як вақт ҳам ба назар мерасад ва ин бештар бо тақозои манзури шеър рух медиҳад, агар манзур нишон додани қудрати инсон аст, табиат маҳалли зӯроварии ӯ ва агар манзур нишон додани таассуроти ботинии инсон аст, табиат маҳалли мафтунӣ, дилбастагӣ, ҳамёрии ӯ қарор мегирад.

Шеъри «Даштҳо пурсукуту холианд» мисоли навъи дуюми муносибат бо табиат буд, ки аз тирамоҳ суҳбат мекард ва тирамоҳ дар табиат, агар фасли бардоштани бор бошад, дар нисбати умри инсон бештар рамзи анҷоми умр аст ва аз ин рӯ, бо баҳор дар тазод меояд. Ҳамин гуна муқобилгузорӣ дар шеъри «Борони тирамоҳ» (с. 1975) дида мешавад. Тасвиркории ин шеър тозаву тар аст, ки дар шаш банди чаҳормисраӣ намои борони тирамохро дар ҷилваҳои гуногун

нишон медиҳад, ки ҳар яке аз ин намоҳо дар дили кас таассуроти ҳамонанди худро бедор мекунад. Масалан, банди севуму чаҳорум чунинанд:

Рехт борон... Гесувони обияш
Бӯи дашту бӯи коҳу беда дошт.
Дошт бӯи сабзаҳои сӯхта,
Бӯи мағшуши гули хушкида дошт.

Рехт борон аз сари шаб то саҳар,
Аз дили ман ҳузни ширин сар кашид.
Аз таровишҳои эҳсоси баланд
Хотирам болиду шӯриду дамид [357, 597].

Ташбеҳи изофии гесувони обӣ дар айни ҳол ташхис ҳам буда, боронро ба духтари деҳотӣ, ки гесувонаш «бӯи дашту коҳу беда», «сабзаҳои сӯхта», «бӯи мағшуши гули хушкида» дорад, монанд менамояд, ки хоси муҳити деҳ аст. Ин тасвиру таъбирот касро ба як ҷаҳоне ворид месозад, ки ҷудо аз инсон вуҷуд дорад, аммо бо рангу бӯи нарму димоғпарвараш дили касро ба сӯяш мекашад, зеро дар зимни он чизе асрорангези шоирона нуҳуфтааст, ки ҳамоҳанги таассуроти қалбии инсон шинохта мешавад. Бо ин гуна тасвирот аз эҳсосоти нозуки ботинӣ сухан нагуфта, онро гуфта мешавад, яъне дар шеър ногуфта гуфтан ҳамин аст. Банди минбаъдаи шеър ҳамон ногуфта гуфтаро гуфтааст, шояд шоир гумон кардааст, ки на ҳар кас ба он пай хоҳад бурд. Дар банди мақтаъ сухан аз моҳияти борони баҳору тирамоҳ меравад, ки бо тазод гуфта шуда, ба маънои пӯшидае ишора мекунад:

Рехт борон... гар ғубор аз рӯи гул
Бистурад бо лутф борони баҳор,
Бо ҳазор афсӯс борон тирамоҳ
Аз рухи барги хазон шӯяд ғубор [357, 597].

Гул дар ин ҷо намоди покӣ, тару тозагӣ, ҷавонист, ки бороне баҳор гарди рӯзгорро аз рухи он бо меҳрубонӣ мешӯяд, то он ба айёми худ давом диҳад, аммо бороне тирамоҳ бо афсӯс аз рухи барги хазон ғубор мешӯяд, ки давоми он расидан ба марҳалаи хайрбоди ҳастист. Ҳамин тариқ, дар ин шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ ҷузъиёти олами табиат ва айёми он ҳамчун гул ва барги хазон, баҳор ва тирамоҳ ба ҳам тазод дошта, намод аз даврони ҷавониву хазони умри инсон гаштаанд, ки худи намод нав набошад ҳам, зеро баҳор ҳамчун намоди ҷавонӣ ва хазон, ҳамчун охири умр, дар шеър хеле собиқадор аст, вале бо ҷузъиёти тоза, ки омадаанд, аз кӯҳнагии он мезудоянд.

Шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ, ки дар асоси маводи олами ашё офарида мешавад, амри табиист, ки аз намодҳо фаровон истифода мекунад. Намодҳоро мешавад ба ду гурӯҳи куллӣ тақсим кард: намодҳои аслӣ ва ғайри аслӣ. Ба намодҳои дастаи аслӣ онҳое дохил мешаванд, ки ғайри ихтиёри башар, дар дарозои зиндагии ӯ аз калима ва ё таркибҳои забоние ба вуҷуд омадаанд, ки ифодакунандаи шайъ ё мафҳуме буда, дар асл маънои ба намодии хеш наздике доштаанд ва ин маънои аслии онҳо тадриҷан маънои намодӣ ҳам гирифтааст [69, 245-62]. Аз ҷумла баҳору тирамоҳ ё хазон низ ҳамин гуна намоди аслӣ ба ҳисоб мераванд, ки баробари нигоҳ доштани мафҳуми аслии худ, боз мафҳуми намодӣ пайдо кардаанд. Бинобар дар шеър ҳолатҳое рух доданаш мумкин аст, ки ин намодҳо дар як вақт ба ҳар ду маънои худ ишорат намоянд, масалан, дар шеъри «Тирамоҳ асту барг мерезад» (с. 1975)-и Лоиқ истифодаи тирамоҳу баҳор ҳамин гуна маъно дорад, ҳам ба маънои тирамоҳу баҳори воқеӣ ҳастанд, ҳам ба мафҳуми намодӣ, ки ишорат ба айёми умри инсон мекунанд. Ин шеър аз шаш банди чаҳормисраӣ иборат буда, як банд аз тирамоҳ сухан гӯяд, банди дигар дар тазод бо он аз баҳор ҳарф мезанад.

Тирамоҳ асту барг мерезад  
Дар лабонаш таронаи падруд.  
Нигаҳи офтоб ҳам кунд аст,  
Меравад хастаҷон ба хонаи буд.

Ёд орам зи чашми бодомат,
Накҳати навбаҳор меояд.
Ёд орам чу хандаҳоятро,
Қаҳ-қаҳи обшор меояд [357, 600].

Барг аз байти аввал ҷондор ангорида мешавад, дар лаб таронаи падруд доштан, ки хосияти инсон аст, ба он нисбат гирифта, ташхис мекунад, ҳамин тариқ офтоб ҳам қобилияти нигаҳ кардан ва хастаҷон ба хонаи буд рафтан пайдо карда, ташхис мегардад. Ба инсон монанду ташхис кардани баргу офтоб ба мафҳуми аслии онҳо маънои намодӣ меафзояд ва он бо хондани банди дуюм возеҳтар мешавад, зеро ин ҷо сухан аз маҳбубаи ҷавонест, ки аз ёди чашми бодомаш «накҳати навбаҳор меояд»-у аз ёди хандаҳояш «қаҳ-қаҳи обшор», яъне ҷавониву баҳор, ки намоди замони ишқу ошиқист, бо баргу тирамоҳи табиат, ки ишорае ба намоди хазони умри инсон ҳам ҳаст, дар тазод қарор мегирад. Дар ин шеър як банд агар ғуссаи тирамоҳу хазони умрро ифода кунад, банди дигар саршори шодии навбаҳору шукуфоии ишқ аст, ҳамин тариқ кайфияти гуногун аз айёми табиату умри инсон ҳамдигарро паи ҳам иваз мекунанд. Махсусан, бандҳои севуму чаҳорум дар тасвири тирамоҳу баҳор ва таассуроти аз онҳо бардошташаванда тару тозаву пурборанд. Ҷузъиёти ашёвӣ, ки барои тасвири тирамоҳ интихоб шудаанд, рӯди хушкида, соҳилҳои хушклаб, зоғҳои фориғбол, ҳама дар маҷмӯъ нишондиҳандаи муҳити воқеии тирамоҳанд, ки дар айни ҳол дар хонанда эҳсоси мағшуши ғамангез бедор мекунанд, ки дарзамон дар банди оянда бо тасвири навбаҳори дилу талотуми дарёву болафшонии парастуҳо, ки намои баҳору ҷӯшу хурӯши ишқанд, аз байн бурда мешавад. Ҷое, ки ишқ аст, ҳатто парфишонии баргҳои хазон болафшонии парастуҳо мешавад.

Тирамоҳ асту рӯд хушкида,
Хушклаб мондаанд соҳилҳо.
Зоғҳо мепаранд фориғбол

Доғсон дар фазои манзилҳо.

Баҳри мо лек навбаҳори дил аст,
Дар дили мо талотуми дарёст.
Парфишонии баргҳои хазон
Болафшонии парастуҳост [357, 600].

Яке аз хусусиятҳои муҳимтарини ашъори Лоиқ шояд дар ҳамин бошад, ки дар онҳо ишқ дар ҳамаи фаслу замонҳои сол ҳузур дорад, агар он ашъор шахсият доранд, онҳо дар ҳамаи фаслҳо ошиқанд ва агар он ашъор бе шахсият ҳам бошанд, зимни тасвирҳо кайфияти ошиқона мавҷ мезанад. Масалан, дар шеъри «Муҳаббати аввал» (с. 1964) оид ба маҳбуба «Зи пушти тӯри барфи симгун метофт симояш» [357, 546] ва «Диламро гармие медод» мегӯяд, дар шеъри «Қарз» (с. 1971) шахсияти шеър дар зимистон арзи муҳаббат мекунад, ки «Зи рӯи барфи навборида пешат омадам аз дур» [357, 138] ва ё дар шеъри «Боз омад тирамаҳ бо баргҳои зарди хеш» (с. 1986) «Дар хазонрезони танги тирамаҳ дидам туро» [357, 686] гӯён аз ишқи деррасидааш менолад, яъне барои ӯ, агар зимистону тирамаҳ замони ишқ ҳастанд, пас аз фаслҳои дигар чӣ ҷои сухан, ки онҳо худ айёми ишқанд.

Дар шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ нисбат ба анвои дигари шеъри ғиноӣ бештар ҷой доштани мавзӯи табиат амри табиист, зеро бунмояи ин навъ шеър аз аҷзои табиат – тавсифу тасвири муҳити атроф – замин, сабза, дарахт, рӯд, кӯҳ, осмон, абр, ситора, моҳу хуршед ва ғайраву ва ғайра ба ҳам меояд. Агар дар ин навъ шеър шахси ғиноӣ ба ҳар сурате – шахси шоир, шахсияти ғиноӣ, ровӣ, муаллиф ...ҳузур дошта бошад, олами ботинӣ, эҳсосоту таассурот, кайфияти ҳолаш ашёвӣ, тасаввуршавандаву таъсиргузор ба қалам кашида мешавад, зеро олами рӯҳӣ, ки ғайримоддист, ба олами табиӣ рӯ ба рӯ омада, аз он иқтибоси сифат мекунад. Бинобар ин, дар аксари ташбеҳоту истиорот мушаббаҳ (ташбеҳшаванда) агар аз олами рӯҳист, мушаббаҳун биҳ (ташбеҳкунанда) аз олами моддист, ки онро муҷассам намояду тасаввуршавандаву таъсиргузор созад.

Дар шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ мақоми тасвири муҳит, ашё, табиат нисбат ба ифодаи эҳсосоту таассуроти ботинии шахс афзалият дорад, бинобар аксари ин навъ ашъор бешахс ҳастанд, вале шахсноки онҳо ҳам истисно нестанд. Дар эҷодиёти Лоиқ ҳам ҳар ду навъи он ба назар мерасад. Аммо дар ашъоре, ки саропо аз тавсифу тасвири табиат, аносир ва ё ашёи он иборат аст, андешаву эҳсосоти шоир ноаён дар маводи тасвир ҷой мегирад, бо он меомезад. Аммо дар ашъори тавсифию тасвирии Лоиқ қариб ҳамеша кайфияти шоир ҳис карда мешавад, ин шояд аз он сабаб аст, ки ӯ шоири сирф ғиноӣ буда, худро аз мабҳаси тасвир тамоман ҷудо намегирад. Ӯ муҳит, манзара, ашёеро мавриди тасвир интихоб мекунад, ки ба онҳо алоқаи амиқи мусбат дорад, бинобар тасвираш бо гармии дил фаро гирифта мешавад. Ин хусусият аз давраҳои аввали эҷодиёти Лоиқ равшан ба чашм мерасад, ки шеъри «Баҳори кӯҳистон» (с. 1966) намунаи дурахшони он аст ва он бесабаб ҳам нест. Лоиқ худ фарзанди деҳи кӯҳистон аст, бешубҳа, дар байни шуарои қарни бисти тоҷик шоироне, ки зодаи деҳи кӯҳистонанд, кам нестанд, аммо ӯ ин сифати худро ҳамешагӣ, фарогир, амиқ эҳсос мекунад ва боиси шоириаш медонад ва аз ин рӯ, агар мабҳаси тасвир муҳити кӯҳу деҳа бошад, дар ашъори ӯ муҳаббат мавҷ мезанад. Масалан, ин сифат дар ду банди аввали ҳамин шеър ҳам пайдост:

Лола – раққосаи машъалдоре,
Бойчечак – шафақи субҳона.
Сабзаҳо – кокули нобофтае,
Мезанад бод ба нармӣ шона.

Кӯҳ монанди манор аст баланд,
Ҳама дам сокиту пурасрорест.
Обшор аз бари ӯ пош шуда,
Ҷониби дашту биёбон ҷорист [357, 41].

Лоиқ дар бораи ҳар чизе, ки нависад, шоири зодгоҳи хеш аст, пас он ҷо, ки сухан аз деҳу кӯҳистон аст, ин сифат ба маротиб муассиртар зуҳур мекунад. Дар ин ҷо таъкиди он нукта баҷост, ки шоири асил дар ҳама ҳолат ба худии худ мемонад, ба худии худ мондани Лоиқ дар ҳамин муҳаббати ҳамешагии амиқаш ба ватани аҷдодӣ, ба деҳу кӯҳистони тоҷик аст, ки махсусияти ҳастии ӯро ташкил додааст ва ҳар қадар он комилтар ифода мешавад, ҳамон қадар далели равшани аҳамият ва нотакрории қареҳаи шоирии ӯст. Муҳаббати сӯзони ӯ на фақат дар изҳори рӯёрӯй ба зодгоҳу ватани аҷдодӣ, балки дар зимни ҳамаи ашъораш ва махсусан, дар шеърҳои ғиноии тавсифиву тасвириаш, ки бевосита ба нигориши онҳо бахшида шудаанд, бе сухан ҳам эҳсос мешавад. Дар ҳамин банди иқтибосшуда лола ба раққосаи машъалдор нисбат дода шудааст, ки худ зебост, аммо на фақат зебост, балки дар зимн гармии муҳаббат ҳам дорад, зеро Лоиқ шеърҳое дорад, ки дар онҳо маҳбубаи дилаш раққоса аст, масалан, дар шеъри «Дар базм» (с. 1964):

Ҳамчу шамшод аз вазиданҳои боди шӯхшанг,
Печу тобе хӯрда ӯ арғушт мерафт.
Бо садои қарс-қарси панҷаҳои нозукаш
Ҷони ман ҳам аз сари ангушт мерафт [357, 549].

Ва ё дар шеъри «Рақси ту» (с. 1984) боз мегӯяд:

Мезанӣ бо панҷаҳоят савти бишкан-бишкане.
Метаровад аз дили ман оҳу воҳу шеване [357, 666].

Таваҷҷуҳ бояд кард, ки дар байни ин шеърҳо фосила бист сол аст, яъне ин муҳаббат решадору деринасол аст. Дар ҳамин банд сабзаҳоро ба кокули нобофта ташбеҳ кардан ҳам, ба замми тоза буданаш, боз паёмрасони муҳаббат ҳам ҳаст, ки ба маҳбуба нисбат мегирад. Дар шеъри “Ошиқат будаму ишқам дар дил” (с.1986) мехонем:

Кокулони ту ба дастам н-омад,
Монд чун мисраи нобофтае [357, 681].

Кокули нобофтаи шеъри аввал, ки сабза ба он ташбеҳ шуда буд, баъди бист сол дар шеъри ошиқона ба такрор меояд, ки далели дар умқи дил ҷой шудани он аст, яъне шоир дар ҳама ҳолат, ки аз зодгоҳу ватани аҷдодӣ суҳбат мекунад, окандаи меҳру муҳаббат мешавад ва он нохудогоҳ дар интихоби ашёву зимни тасвир қарор мегирад. Ин ҳамон ҳолатест, ки дар шеъри ғиноӣ шахси шеър ҳузур надошта бошад ҳам, кайфияти ӯ аз ашё ва муҳити тасвир баралоина эҳсос мешавад, ки дар ин бора муҳаққиқи ашъори ғиноӣ Л. Гинзбург чунин менависад: «Фарди ғиноӣ метавонад дар зимни манзара, шайъ, дигар шахсон, лаҳза, гуфтугӯ, саҳна, андеша, ки бо қисми хусусии зиндагӣ пайвастааст, пинҳон бошад. Муаллиф ҳузур дорад, вале ӯ ҳамчун муносибати ғиноӣ ба ашё ҳузур дорад» [48, 54]. Дар аксари ашъори ғиноии тавсифиву тавирии Лоиқ ҳам ашё ва муҳити тасвир бо кайфият ва муносибати фарди ғиноӣ фаро гирифта шудааст, махсусан, ашъоре, ки дар онҳо деҳу кӯҳистон, ватан ва ватани аҷдодӣ мавриди тасвир қарор гирифта бошад. Ин далели он аст, ки агар истеъдод ғиноист, сифати ғиноӣ, дар ҳама ҳолат, ҳам дар ҳоли тасвири субъективӣ ва ҳам дар ҳоли тасвири объективӣ, танҳо бо фарқияти дараҷа, зуҳур хоҳад кард.

Шеъри тавсифиву тасвирии «Баҳори кӯҳистон», ки мавриди баррасист, аз даҳ банди чаҳормисраӣ иборат буда, қариб ҳар банд аз саноеи бадеъ, аз ҷумла, ташхис, ташбеҳу истиораҳои тозаву дилчасп баҳра бардоштааст:

Даштҳо ҷомаи атлас пӯшанд,
Духтарон махзани дил боз кунанд.
Остин барзада то соидгоҳ
Паи сӯзондани мо ноз кунанд.

Теппаҳо гунбази зангор шаванд,

Чашм ҳайрон шаваду дил вола.
Шавад ороста ин хоки қадим
Ҳамчу як духтари ҳаждаҳсола [357, 41].

Дар ин мисраъҳо тарҳи баҳори кӯҳистон бо тарҳи чеҳраи зебои духтарони он ба ҳам меомезад, аз тарҳи баҳори кӯҳистон тарҳи чеҳраи зебои духтарон ва аз тарҳи чеҳраи духтарон тарҳи баҳори кӯҳистон ба назар меояд, онҳо ҳамдигарро пурра менамоянду ифшогари муҳаббати шоир мешаванд. Ин далели он аст, ки табиат яке аз намудҳои зуҳури ватан дар шеъри Лоиқ мебошад.

Лоиқ дар шеъри қарни бисти тоҷик шоирест, ки дар сурудани ашъори ғиноии тавсифию тасвирӣ шояд дар мақоми аввал бошад, зеро табиат на фақат дар ашъори сирф манзаранигорӣ, балки дар саросари ашъораш бо ҷилваҳои гуногун зоҳир шуда, окандаи меҳру муҳаббат аст. Аз ҷумла, банди ҳаштуми ҳамин шеър чунин аст:

Ағбаву рахнаю водию дара
Чун арӯсе, ки ба сур омодаст,
Пойандоз ба раҳ густарда,
Мунтазир бар қадами домод аст [357, 41].

Мабҳасҳое, ки дар ин ҷо зикр шудаанд – ағба, водӣ, дара агар дар мисраъҳои баъдӣ ба эҳсосоти гарми шоир фаро гирифта, ба арӯси мунтазири домод шабоҳат дода намешуданд (тасаввур шавад, ки дар ин лаҳзаи интизор чӣ қадар иштиёқу изтироб аст, ҳиссиётмандии мисраъҳо як бар чанд меафзояд), танҳо ҳамчун мабҳасҳо боқӣ мемонданд, вале онҳоро чашмони ошиқи ватан бо муҳаббати гарм ҳамсони арӯс зиндаву ҷондору сурхоҳ диду моли шеър гардонид. Ба назар чунин мерасад, ки шеър бо ҳамин тасвири зебо хотима меёфт, беҳтар буд, зеро ду банди охир, ки бештар ҳарфиву хитобист, ба шеър чизе наафзуда, баръакс онро нисбат ба худи шеър, ки пурбору нозукадост, як андоза ҷамъбасти содагароёна мекунад, ки аз он бӯи шиорзаниҳои солҳои шаст ба димоғ меояд.

Мон, ки дар ин гӯшаи зебои замин
Тӯи инсону табиат бошад.
Мон, ки поянда чу кӯҳи тоҷик
Шодию бахту саодат бошад.

Ҳар куҷое биравам чун фарзанд,
Барам аз хоки диёрам пайғом.
Зиндагии ман аз ин ҷо сар шуд,
Ҳеҷ гаҳ кош наёбад анҷом! [357, 41].

Шеъри «Баҳори кӯҳистон» манзараи як деҳи кӯҳистонро дар баҳорон бо рангомезиҳои диловезу шодиву сурури самимонааш пеши назар меовард, ки шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ буд ва ҳоло ба шеъри дигаре «Деҳи кӯчида» (с. 1975) муроҷиат мешавад, ки тақрибан баъди даҳ соли он эҷод шуда, аз ҳамон навъи шеър аст, вале саршори эҳсосоти тамоман мутазод – ғаму андӯҳ мебошад. Ҳар дуи ин шеър дар як вазн **фоилотун фаилотун фаилун** ё **фаилон** ва ба як шакли қофиябандии чаҳорпора, ки мисраъҳои дувуму чаҳорум қофия баста мешавад, гуфта шудааст, аммо мундариҷаи таассуроте, ки мерасонад, комилан мухолифи ҳамдигар аст. Дар таърихи қарни бисти тоҷик чанд дафъа кӯчонидани мардуми кӯҳистон ба водиҳо ҷой дошт, ки амри зарурат буд ва ин ҳодиса новобаста аз меъёри суду зиёни он дар дили эҷодкор эҳсосоти мухталифро бедор мекунад, ки ҳар гунае бошад, хоҳ шоду сурурангез, хоҳ яъсу ғамомез, дар заминаи воқеият зуҳур кардааст. Эҳсосоте, ки дар ин шеър ифода шудааст, низ ҳамин гуна аст, ҳатто дар он кӯшида шудааст, ки ҳар ду навъи он – ҳам ғаму ғусса ва ҳам шодию сурур ба ҳам биёянд, зеро сиёсати замон ҳаминро талаб дошт ва шоир ҳам худогоҳ ва ё нохудогоҳ тақозои сонсурро, ки дар замири ҳар эҷодкор нишаста буд, ба ҷо овардааст. Шеър аз ҳашт банд иборат асту чунин оғоз мешавад:

Бодхӯрда сари ҳар деворе,

Бомҳо рехтаву чӯкида.

Тарҳи деҳ гарчи ба ҷо монда, вале

Зиндагӣ ҷои дигар кӯчида [357, 63].

Ин шеър саропо тасвирӣ буда, дар он манзараи деҳи кӯчидаи кӯҳистон бисёр дақиқ, бо девори бодхӯрдаву бомҳои рехтаву чӯкида, сандаливу оташдон, хурмаи равғану кадуи дар ҳаччаи шохаш, хеле воқеъбинона нигориш шудааст, ки хусусияти замонӣ, миллӣ ва ҷуғрофии маҳалро низ ифода менамояд. Фикр ва эҳсосоти шоир баён намешавад ва дар назари аввал чунин аст, ки ӯ гӯё танҳо бо нишон додани ин манзара иктифо мекунаду таассуроти худро баён намесозад, аммо он аз интихоби ашё ва манзарасозӣ дарк мегардад. Банди аввал тасвири воқеӣ ва бетарафона аст. Вале шоир аз банди дувум гурезе мекунад, ки он ду бандро фаро  гирифта, дар он аз паҳнову шаҳри озодон ва аз байн рафтани ҷанҷолҳо дар сари об, ки дар деҳи кӯҳистон ҷой дошт, сухан меравад, ва бо ин ҳиссиёти шодонаву қаноатмандӣ ифода мешавад, ки ҳузни банди аввалро камтаъсир созад, яъне сонсури дохили шоир ба кор медарояд, аммо ба мантиқи инкишофи ҳиссиёти аввала, ки ба ҳар ҳол ҳузн дошт, мухолифат мекунад. Бинобар бо сарфи назар кардани банди дувуму севум ин шеър аз беҳтарин шеърҳое мешавад, ки дар бораи ин воқеият гуфта шуда, мантиқи ривоҷ ва шиддат гирифтани ҳиссиёт ҳам бехалал мегардад. Барои оҳанги мусбат додан ба амали кӯч бастани мардум ҳамин як мисраъ, ки дар банди ҳафтум аз даҳони кадуи ҳаччаи шох бурун меояд, кофист:

Хурмаи равғанӣ пурхок шуда,

Як каду ғамзада дар ҳаччаи шох.

Даҳани тангу тиҳияш гӯяд:

Одамирост чӣ хуш ризқи фарох... [357, 63]

Саропои ин шеър аз мушоҳидаи манзараи деҳи кӯчида ба ҳам меояд, ки гӯё бе баёни таассуроти шоир объективӣ, бетарафона сурат мегирад. Шаклан ҳамин

тавр аст, аммо моҳиятан ин тавр нест, зеро дар тасвири ҷузъиёт ва ё ашёе, ки дар деҳи кӯчида боқӣ мондааст, сифатҳое истифода мешаванд, ки ҳиссиёти ботинии шоирро ифода мекунанд. Масалан, ташбеҳ шудани лолахасак ба вопасин шуълаи оташ дар кӯҳистон, ки ҳарфи "вопасин" бечуну чаро ифодаи ғамгинист, беравуо кӯр шудани роҳҳо, набудани чашми чоре ба раҳи ёре, ба ҳасрат нолидани чордевор, ки саре дар буни деворе нест, ҳотаи бекас, хурмаи равғании пурхок, кадуи ғамзада – ин ҳама окандаи ҳузну таассуфанд, махсусан, каду, ки худ намоди беҳиссию бефаҳмист, агар он ҳам ғамзада бошад, пас чӣ ҷои сухан аз инсон аст. Банди мақтаи шеър бо тасвири тозаву тар, ки токро ташхис карда, аз бекасиву тарс бар шохи чинор часпидааст ва чашмаро ҳам шахсият бахшида, аз ғами танҳоӣ гирякунон хушкидааст, мегӯяд, дар ифодаи ҳузн, ки дар бораи сухан нагуфта, онро ифода кунад, дар ҳадди камол аст .

Ток аз бекасӣ(?) бар шохи чинор
Гӯӣ(?) тарсидаву дарпечида.
Чашмаи деҳ зи ғами танҳоӣ
Рӯзу шаб гирякунон хушкида [357, 63]...

Як силсила ашъори дигари ғиноии тавсифию тасвирии Лоиқ, аз ҷумла «Варзоб. Шаби маҳтоб» (с. 1975), «Димоғи хеш тар карда ба барфу тармаи Анзоб» (с. 1977), «Ин кӯҳ чу шоири хаёлӣ» (с. 1977), «Суруди мавҷдори рӯди Варзоб» (с. 1979), «Он шом зи пушти боғи кӯҳӣ» (с. 1982), «Само буғзе ба дил дорад, ҳаво абрист, меборад» (с. 1986), «Аз ситеғи куллаҳо зардӣ парид» (с. 1988), ки манзараҳои гуногуни табиатро нигориш карда, баъзе бо ҳузури шахсияти шеър ва баъзе бо ғайбати он сурат гирифтаанд, аз беҳтарин шеърҳои тавсифиву тасвирии нимаи дуюми қарни бисти тоҷик ба шумор меравaнд. Онҳо далели равшани дар маҳорату тасвир баландтар рафтани шеъри муосири тоҷик мебошанд.

Ҳамчунонки қайд шуда буд, тасвири пора-пораи табиат ва ё ба сифати намо омадани он дар анвои дигари шеъри Лоиқ фаровон мавҷуд аст, ки ба гӯшаҳои гуногуни табиати кишвар мутаалликанд, аммо бо вуҷуди ин, чунин ба назар мерасад, ки тасвири табиати дараи Варзоб бар тамоми онҳо бартарӣ дорад. Ҳоло танҳо се шеър, ки саропо аз тавсифу тасвири манзараҳои Варзоб иборат аст, «Варзоб. Шаби маҳтоб», «Димоғи хеш тар карда ба барфу тармаи Анзоб», «Суруди мавҷдори рӯди Варзоб»-ро ном бурда мешавад, ки дар онҳо, махсусан, дар «Варзоб. Шаби маҳтоб» маҳорати қалами тасвиргарии Лоиқ ба хубии хубӣ рух намудааст.

Рӯд чун хотири болидаи Варзобдара,
Моҳ чун қоши тилоист ба пешонаи кӯҳ.
Ваҳ чӣ оҳанги илоҳист, ки ояд аз рӯд,
Бесухан арза кунад қиссаю афсонаи кӯҳ [357, 65].

Ин шеъри зебо аз панҷ банд иборат аст, ки дар се банди аввали он тарҳҳои тоза ба тоза ба тасвири шаби Варзоб афзуда шуда, ду банди охир бештар таассуроти шоирро аз ин шаби дилпазир боз мегӯяд ва хотимаи шеър хулосаеро ба мо илқо мекунад, ки оғӯши шаби Варзоб маҳалли оғӯши муҳаббат аст ва ин яке аз оҳангҳои асосии эҷодиёти Лоиқ аст, ки табиату муҳаббат ҳамеша бо ҳам меоянд, ишқ дар оғӯши табиат асту табиат дар оғӯши ишқ. Рози табиӣ будани тасвири ишқ, бо тамоми зуҳуроти гуногунаш ва ошиқона гарму ҷондор будани тасвири табиат, ки яке аз сифатҳои баргузидаи ашъори Лоиқ мебошад, бештар дар ҳамин зоҳир мешавад.

Мавзӯи шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ бо нигориши манзараи табиат, андому сурати инсон ва ё шайъу мавҷудоти дигар маҳдуд намонда, вобаста ба ривоҷу равнақи ҳаёти иҷтимоӣ ва баландрафти сатҳу хусусияти зиндагӣ фарохтар мешавад. Тоҷикистон то нимаҳои қарни бист асосан кишвари кишоварзӣ буд ва азбаски кишоварзӣ бо замину деҳ иртибот дорад, зиндагии мардум ҳам хусусияти деҳотӣ дошт, ҳарчанд дар гузашта мардуми ин сарзамин шаҳрнишини қадимӣ

буданд ва суннати шаҳрнишинӣ доштанду шаҳрҳояшон, ҳамчун Бухорову Самарқанду Хуҷанду Панҷакату Кӯлоб аз шаҳрҳои бостонии башарият маҳсуб мешуданд. Вале бинобар беадолатиҳои сиёсӣ бисёре аз онҳо аз марзи имрӯзаи кишвари тоҷик берун монданд ва як қисми мардуми тоҷик акнун дар шаҳрҳои тозаэҷоди худ шурӯъ ба зиндагии шаҳрӣ мекунад, ки дар қиёс бо зиндагии гузаштаи шаҳрнишиниаш ва имрӯзаи деҳотиаш камвусъату камсобиқа мебошад. Аз ин рӯ, дар шеъри Лоиқ ҳам, мақоми бештар пайдо кардани тасвири манзараи табиат ва деҳот як амри табиист. Вале бо кам-кам саноатӣ шудани кишвар теъдоди шаҳрҳо ва мардуми шаҳрнишин афзуда, зиндагии як қисми ҷомеа хусусияти шаҳрнишинӣ касб мекунад. Бинобар он дар шеър на фақат хусусияти зиндагии шаҳрӣ, ки дар симо ва ҷаҳони ботинии шаҳрнишин инъикос мешавад, балки худи намои шаҳр ҳам ҳамчун мавзӯи тасвир барои худ ҷой ҷудо мекунад. Аммо он дар баробари шеъри кишварҳое, ки мардумаш зиндагии шаҳрнишинии бособиқае доранд, масалан, кишварҳои урупоӣ ва ҳатто Русия, ин навъ шеъри тоҷик, монанди худи зиндагии шаҳринишиниаш, ҳоло дар зинаи ибтидоист. Аз ин рӯ, ашъоре, ки саропо аз тавсифу тасвири намои шаҳр иборат буда, дар зимни онҳо маънои шоиронае ҷой гирифта бошад, қариб вуҷуд надошта, дар аксари онҳое, ки сухан аз шаҳр меравад, ҷои асосиро баёни ҳиссиёту таассуроти шоир мегирад, ки оҳанги ситоиш ва ё накӯҳиш дорад.

Дар як гурӯҳ ашъори Лоиқ сухан аз шаҳрҳои бостонии тоҷик Самарқанду Бухоро меравад, масалан, «Рангҳо» (с. 1975), «Тиллои Бухоро» (с. 1989), «Дар Бухорою Самарқанд» (с.1989), аммо дар онҳо мавзӯъ таърихӣ, иҷтимоӣ ва авзои имрӯзаи маънавию фарҳангӣ буда, тасвири намои шаҳр мавқеъ надорад. Дар шеъри «Рангҳо» рангҳои гунагуни манору сардара, гунбазу кунгураҳои Самарқанд тавсиф гашта, сабаби ҷовидонию дурахшонии онҳо чунон шарҳ дода мешавад, ки онҳо аз «иттиҳоди хуну ашки халқҳои Осиё» таркиб ёфта, «ё румузи гарданафрозӣ», «ё фаввораи ашк» [357, 64]-анду хунанд. Шеъри «Дар Самарқанду Бухоро» таассуроти таассуфомези шоирро аз қисмати ин ду шаҳри тоҷикӣ, ки онҳоро зӯран аз решаҳои таърихиашон барканда, тадриҷан аз забону

фарҳанг ва маънавияташон маҳрум сохта, миллияти онҳоро барбод медиҳанд, доманадор баён намуда, аз ҷумла мегӯяд:

Ду абаршаҳри Аҷам зери табар шуд,
Ду қадамгоҳи бузургон доми дам шуд.
Баъд аз он гарданфарозиҳои фарҳангиву сарҳангӣ
Гардани тоҷик хам шуд [357, 126].

Тақдири ин шаҳрҳои бостонии тоҷик, ки бар асари табартақсими шӯравӣ аз марзу буми кишвари худ ҷудо карда, ба дасти кишвари дигар дода шуд, фоҷиабор сурат гирифт, ки дар шеъри бисёр шоирони тоҷик мавриди баёни андешаҳои пурсӯзу гудоз ва норизоӣ аз сиёсати собиқ давлати шӯравӣ гаштааст. Бинобар он, дар шеъри муосири тоҷик ҳар ҷо, ки аз ин ду шаҳр ва шаҳрҳои дигаре, ки аз зодкишвари худ берун мондаанд, сухан меравад, оканда аз таассуроти фоҷиавии қисмати онҳост ва ин ҳолат барои тасвири намои онҳо камтар имкон дода, суханро ба ҷиҳати ифодаи ҳаёти ботинӣ ва дарду ғами онҳо мекашонад.

Як силсила ашъори Лоиқ, аз ҷумла «Душанбе» (с. 1973), «Шукронае барои Душанбе» (с. 1974), «Пойтахти бахти ман» (с. 1982), «Фардои Душанбе» (с. 1986) ба ситоиши шаҳри Душанбе, пойтахти наву ҷавони тоҷикон бахшида шудааст, ки дар онҳо ҳам изҳори ҳиссиёту таассуроти пурмуҳаббат ва самимонаи шоир бар тасвир афзалият дошта, ҷузъиёти намои шаҳр ҷо-ҷо зикр ва ё ба тарзи тарҳ мунъакис мешавад. Баъзан дар ҳамин гуна ашъор ҳам шоир ба ёди ҳасратомези шаҳрҳои бостонии худ Самарқанду Бухоро меафтад, ки масалан, дар шеъри «Душанбе» ба он руҷӯъ карда чунин мегӯяд:

Туро бетахту маснад офариданд,
Ки бошӣ пойтахти Тоҷикистон.
Агарчанде замоне дошт тоҷик
Ба номе пойтахти илму ирфон [357, 51].

Дар баъзе мисраъҳои ин шеър зикри ҷузъиёти намои шаҳр, ба монанди «Чароғистон шудӣ аз меҳри дилҳо...// Туро дар рӯзи ид озин бубастанд // Ба парчамҳои сурхи инқилобӣ...// Зи балкон духтарони рӯкушодат // Чу маҷнунбедҳо кокул фишонанд» [357, 51-52] зикр ё тасвир карда мешаванд . Аз ин шеърҳо «Фардои Душанбе» (хурдаҳои нимҷиддиву нимшӯхӣ) зикри ҷузъиёти шаҳрро бештар дорад, ки мисолашон дар ин мисраъҳо дида мешавад: «Набошад дуди ин симонзаводаш... // Ба шарте қасрҳои шарқӣ(?) созанд // Ба ҷои ин катакҳои битонӣ... // Агар аз офтоби майнасӯзаш // Зи беобӣ ҳама гулҳо нахушканд... // Вале дар барфу борон кӯчаҳояш // Намояд дар назар тӯфони Нӯҳам» [357,72-73]. Албатта, муроди шоирро аз ин шеърҳо дар назар бояд дошт, ки тасвири на намои шаҳр, балки изҳори муҳаббат будааст.

Дар шеъри муосири тоҷик, махсусан, аз солҳои шасти қарни бист шоирони ғиноӣ барои ифодаи ҳиссиёти гуногуни худ аз намо, ашё ва ҳолатҳои табиат мадад меҷустанд, табиатро ҳамчун манбаи эҳсосоту таассуроте қарор медоданд, ки ба кайфиятҳои онҳо ҷавобгӯ мебошад. Яқин аст, ки ин ба сатҳи шуури иҷтимоии ҷомеа ҳам сахт вобаста буд. Дар нимаи дуюми қарн дар натиҷаи бозтар шудани фазои сиёсии мамлакат ва боло рафтани шуури иҷтимоии мардум, шеър ҳам сифатҳои тоза пайдо мекард, ки яке аз онҳо ҳамин барои ифодаи кайфиятҳои гуногуни худ ба ҷаҳони табиат ва ашё бештар рӯй овардани шоирон аст. Дар эҷодиёти шоирони солманд ин хусусият кам-кам барои худ ҷой боз мекарда бошад, баъзе шоирони ҷавоне, ки дар ин давра ба адабиёт ворид мешуданд, аз аввал ин хусусиятро доштанд. Бозор Собир аз ҷумлаи ҳамин шоирон буд, ҳарчанд ҳангоми нашри маҷмӯаи нахустинаш «Пайванд» (с. 1971) ӯ бештар аз сӣ сол дошт, аммо дар олами шеър чеҳраи ҷавону тоза ба шумор меомад ва боризтарин сифати шеъраш ҳамин пайванди решагии он бо табиат маҳсуб мешуд. Дар ин маҷмӯа «Ёди ту мекунам», «Тирамоҳ», «Парвози рӯзгор» шеърҳои ғиноии тасвирию тавсифианд, шеъри «Бозгашт» шеърест, ки дар он тавсифу тасвир бо ибрози андешаву эҳсосоти отифии шахси шоир мувозӣ омадааст. Онҳо ҳама маҳсули солҳои шастум мебошанд. Аз ҳамин ҳам пайдост, ки Бозор Собир вақте нахустин маҷмӯаи ашъори худро ба чоп расонид, нисбат ба дигар шуарое, ки ин

корро мекарданд, дар ҳунари шоирӣ баркамолтар буд, зеро шеъри манзаравии табиатро гуфтан малака, таҷрибаи бештари шоирӣ мехоҳад, ки он дар давоми як замони муайяни кор ба даст меояд.

Ҳарчанд ин шеърҳо сабуку бештар хаёлпардозонаанд, махсусан, «Ёди ту мекунам» ва «Парвози рӯзгор» то воқеиву пурбору заминӣ, вале ба ҳар ҳол , кӯшише ҳастанд дар роҳи нигориши табиат. Дар ин марҳала шоир ба табиат ва ашёи он бештар сифатҳои инсонӣ медиҳад, масалан, чун дар шеъри «Ёди ту мекунам»:

Танҳою пурсукут,
Ҳамчун базеб дилбаре(?) бе ёру беҳабиб
Баҳри суроғи ҳамдаму ҳамроҳи меҳрубон,
Оҳиста меравад,
Маҳ з-авҷи осмон [197, 21].

Дар ин мисраъҳо «танҳою пурсукут», «бе ёру беҳабиб» сифатҳои ҳаёти инсонианд, ки бевосита ба хусусияти моҳ тааллуқ надоранд, вале эҳсосоти ғиноии шоир, ки табиатро фаро мегирад, онро мутобиқи кайфияти худ дорои сифатҳои башарӣ мегардонад ва ҳамин кайфияти шоир аст, ки ин навъи хусусиятбахширо қобили қабули хонанда месозад.

Баъзеи он ашъорро, ки дар боло зикр шуданд, Бозор Собир дар маҷмӯаҳои минбаъдааш дохил накардааст, ки шеърҳои мақбулашро маъмулан дохил мекунад, баъзеи дигар, масалан, «Тирамоҳ»-ро на танҳо таҳрир, балки дар шаклу вазни тоза аз сари нав навишта, дар маҷмӯаи «Гули хор» (с. 1978) ҷой додааст, яъне худ ҳам ҳис кардааст, ки онҳо дар шакли пешина ба андозаи зарурӣ пурбору маҳкам ва аз ҷиҳати фанни шеър бенуқс нестанд. Бозор Собир то охири қарни бист се шеър бо номи тирамоҳ дорад, ки дилбастагии шоирро ба ин фасл нишон медиҳад. Дар ашъори насли пешин, масалан, Мирзо Турсунзодаву Аминҷон Шукӯҳӣ фасли тирамоҳ ҳиссиёту таассуроти асосан қаноатмандиву шодиоварро ифода намояд, дар шеъри Бозор Собир бо эҳсоси мағшуши ҳасрату маҳзунӣ

окандааст. Шеъри «Тирамоҳ» ба сабки тавсифию тасвирӣ эҷод шуда, дар он нақши фард ба назар намеояд. Дар шакли аввалааш он дар асоси баҳри рамал буда, мисраъҳо озодона дарозу кӯтоҳ, пораҳо ҳам аз ҷиҳати камияти мисраъҳо каму беш ва қофияҳо ҳам номураттаб оварда мешуданд, вале дар нусхаи аз нав навишта, он дар шакли чаҳорпора ва бо қофиябандии **абвб**, дар вазни рамали мураббаъ мебошад. Масалан, ҳамон эҳсоси қаноатмандӣ аз тирамоҳ ҳамчун аз фасли бардоштани ҳосили боғҳо, ки дар аксари ашъори шоирони насли пешин вуҷуд дошт, дар ин шеър, баръакс ин гуна ҳиссиёти ҳузнангезро бедор мекунад, ки дар бандҳои чаҳоруму панҷумаш ҳаст:

Чун сабатҳо монда дар боғ
Каппаҳои боғбонҳо.
Ҷӯяҳо монанди гӯранд,
Хӯсаҳо ҳамчун чалипо.

То миён барчида деҳқон
Гӯшаҳои доманашро.
Мекашад бо хор ҷорӯб
Резҳои хирманашро [199, 106-07].

Дар ин шеъри тавсифию тасвирӣ на як манзараи мушаххаси тирамоҳ, балки намои умумии он аз рӯи тасаввури шоир офарида мешавад. Бинобар он як тараф «...абри озар...// Селаи гунҷишкҳоро // Мезанад бо тири борон», дигар тараф «...деҳқон // Мекашад бо хор ҷорӯб // Резҳои хирманашро» ва боз дигар тараф «Подабонҳо мефароянд // Аз адирҳо кӯч бар дӯш...» [199, 106-07] барин манзараҳо тасвир карда мешаванд, ки аз хаёлоти шоир рӯи коғаз меоянд. Дуруст аст, ки ҳамаи онҳо хоси тирамоҳанд, аммо аз ҳар манзара ва вақти гуногун ҷамъ оварда шудаанд, бинобар ин агарчи дар ин шеър аз таассуроти шахси шоир ҳарфе нест, вале дар ҳамин интихобу ҷамъоварии ҷузъиёти тасвир эҳсосоти ӯ аён мешавад, ки маҳзунона аст. Ба замми ин ташбеҳоти шеър ҳам инро равшан нишон медиҳанд,

масалан, «Аз алафҳо мечакад об, // Мисли ашк аз нӯги мижгон» ва ё «Ҷӯяҳо монанди гӯранд» [199, 106-07] гуфтани шоир далели рӯҳияи яъсу ғамангез доштани ӯст. Ҳамаи ҷузъиёти тасвир, ки интихоб шудаанд, барои ифодаи эҳсосоти ғамангез тобеъ карда шудаанд. Шеъри «Тирамоҳ», ки дар маҷмӯаи «Мижгони шаб» (с. 1981) ҷой дода шудааст, низ ҳамин гуна рӯҳияи ғамангез дорад. Дар он расидани тирамоҳ бо чунин саҳнаҳо тасвир мешавад:

Мурғҳоро аз ҳаво дар тӯри боронҳо гирифта,
Ҷомаи гарми дарахтонро дарида,
Подаҳои бодҳояш сабзаву гулро чарида,
Тирамоҳи тира бар кӯям расида [200,51].

Дар ин банд тирамоҳ ба қуввае ё инсоне шабоҳат дода мешавад, ки мурғҳоро бо тӯр сайд мекунад, ташбеҳи изофии тӯри борон барои ҳамин сохта шудааст, ҷомаи гарми дарахтонро медарад, дар ин ҷо ташбеҳи пӯшидааст, ки ташбеҳшавандааш барги дарахтон аст, ки ба ҷомаи гарм шабоҳат дода шудааст ва боди тирамоҳро ба пода монанд кардан, ки сабзаҳоро мечарад, тоза ва муаассир аст. Ба замми ин вожаҳои пода ва бод ҳамовоӣ ҳам доранд. Дар ин шеър ҳам шоир таассуроти худро аз ин фасли сол ба воситаи интихоби ҷузъиёту ҳолату тасвир нишон медиҳад. Ин чиз бо он собит мешавад, ки ӯ мегӯяд: қатраҳое, ки аз шишаи хонаам метаровад, чашми гирёни модари пирам ва лонаҳои холии шохи дарахтон кулбаҳои холии падарро ба ёдам меоранд. Дар охир шеърро чунин хулоса мекунад:

Ин пагоҳӣ ман худамро
Бо парастуҳо ба он сӯи уфуқҳо мефиристам,
Сӯ ба сӯ аз пушти гармо мефиристам,
То баҳорон, эй азизон!
То баҳорон нестам ман,
То баҳорон нестам [200,52].

Ин ҳам як шеъри хаёлангез аст, ки дар доираи эҳсосоти шахсӣ давр мезанад ва аз тирамоҳ чӣ гуна бардошт доштани шоирро баён менамояд ва ҳатто мегӯяд, ки «То баҳорон нестам ман», яъне тирамоҳро бо нестии худ баробар месозад. Бозор Собир ин шеърро ҳам сахт таҳрир карда, дар китоби «Аз «Гули хор» то «Симхор» (с. 2003) шакли навашро овардааст, ки аз 38 мисраъ ба 18 мисраъ мухтасар карда шудааст. Дар ин шакл инсиҷоми шеър қавитар буда, баъзе нуқсҳои он аз байн рафтааст. Масалан, мисраи аввали шеър «Мурғҳоро аз ҳаво дар тӯри боронҳо гирифта» ба ин шакл «Селаи барги хазон дар тӯри борон мезанад пар» таҳрир шуда, ки беҳтар ва ба воқеият наздиктар буда, мисраи дувоздаҳуми шеър шудааст. Дар мисраи дуюм «Ҷомаи гарми дарахтонро дарида» калимаи «гарм» ба «зард» иваз шудааст, ки муносибтар аст, зеро, аввалан, ба ранги барги хазон мутобиқ аст, сониян, тобиши кӯҳнагию фарсудагӣ ҳам дорад. Ҳоло барои пурратар тасаввур кардани фарқи нусхаҳои шеър банди аввали он оварда мешавад:

Рӯзҳои барфу боронӣ расида:
Ҷомаи зарди дарахтонро дарида,
Сабзаву гулро чарида,
Меваҳои пухтааш чида,
Меваи нопухтааш дар шоха ларзида,
Ранги хуршедаш парида,
Мурғи шеърам парбурида [204,50].

Ҳамчунонки дида мешавад, хулосаи нусхаи аввал «То баҳорон нестам ман», яъне ҳамчун шоир нестам, дар нусхаи дуюм дар банди нахустин бо ташбеҳ шоиронатар «Мурғи шеърам парбурида» гуфта шудааст. Мақтаи шеър ҳам дар нусхаи дуюм нисбат ба нусхаи якум бадеътар бо истифодаи ташбеҳ ва ҳамовоию ҳамвазнии калимаҳо омада, пурбору пухтатар аст:

Мушти ёдам мезанад бар сар,
Мушти бодам мезанад бар дар...[204,50]

Ин ҳусни мақтаъ аст, зеро пурмаъност, вақте ки ёд ҳамчун мушт бар сар мекӯбад, дарди зиндагиву замон дорад, ки аз сари одам гузаштааст ва вақте ки бод бар дар мушт мезанад, ки бикшо, ин ҳам дард дорад, зеро бод, ки худ пучу холист, ҳеҷ умеду навиде нахоҳад дошт. Ин ҳама ба тирамоҳи умр нисбат мегирад, ки шоир мехоҳад баён намояд.

Дар шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ на фақат манзараҳои табиат, балки ҳама гуна намоҳои дигар низ ҷой дошта метавонанд, аз ҷумла яке аз навъҳои он нигориши чеҳра ва андоми инсон мебошад. Чеҳранигорӣ дар навъҳои дигари шеъри ғиноӣ ҳам мавҷуд аст, аммо дар онҳо сар то пои шеърро фаро нагирифта, тарҳ-тарҳ меояд, вале дар ин ҷо шеър комилан аз нигориш иборат мешавад. Чеҳра ва ё андомнигорӣ дар шеър махсусият ва душвориҳои худро дорад, ки камтар аз рассомӣ нест, зеро дар ин ҷо ҳам ҳар тарҳ ҳиссиётеро бояд инъикос намояд. Кадом ҷиҳати хулқу атвори инсон, ки мавриди тасвир қарор гирад, тарҳҳо ҳам мутобиқи он интихоб карда мешаванд, дар ин ҷо ҳам қонунияти интихоб амал мекунад.

Аз ашъори ғиноии тавсифию тасвирии Бозор Собир чанде ба ҳамин навъи шеъри чеҳра ва ё андомнигорӣ тааллуқ мегиранд, ки «Шабеҳа», «Шаб», «Шири бурида», «Тасвир» (Аз «Гули хор» то «Симхор», с. 2003) аз ҷумлаи онҳо буда, дар солҳои гуногун навишта шудаанд, вале азбаски қариб ҳамаи онҳо дар чопҳои минбаъда сахт таҳрир хӯрдаанд, дар ин ҷо нусхаи чопи охирашон баррасӣ мешавад. Аз ин шеърҳо «Шабеҳа», ки аз номаш ҳам пайдост, тасвири худи шоир аст, ки асосан аз чеҳрааш бардошта шудааст, ба замми панҷаи дасташ. Чеҳраи инсон дорои узв, ҷузъиёти бисёрест, аз ҷумла чашм, абрӯ, пешонӣ, шақиқа, гӯш, даҳон, бинӣ, рухсора, мӯй ва монанди инҳо, ки метавонанд бо рангҳо ва шаклҳои гуногун бошанд. Шоир аз ин ҳама онҳоеро интихоб ва тасвир мекунад, ки беш аз ҳама намоёнгари ҷаҳони ботинӣ буда, шахсияти ӯро бе муфассалгӯии барзиёдӣ ва ҷузъиётнигарии дилбазан пурбору барҷастатар нишон диҳад. Ӯ барои тасвири

чеҳра ва ифодаи замири худ аз нигориши панҷаи даст, чини байни абрӯ, чини рӯ, чашми сиёҳ, мӯи сар, мӯи лаб мадад ҷуста, ҳар якеро ба манзури худ ба чизе ташбеҳ мекунад, ки он ҳиссиёту таассуроти ӯро аз зиндагӣ ифода менамояд. Шеър аз тасвири субҳ аз хоб баланд шуда дар рӯ ба рӯи оина нишастани шоир оғоз гашта, оина ба чашмаи об ташбеҳ карда мешавад, ки шоир бо оби он гӯё рӯяшро мешӯяд ва шабеҳаи худро мебинад. Нигориши сурати худ аз банди дуюм оғоз мешавад:

Дар оби оинаи пок ман чӣ медидам?
Хушида панҷаи дасте чу барги зарди хазон,
Касе ба рӯи ман аз маҳбасе нигаҳ мекард,
Ки чорчӯбаи оина буд даричаи он [204,73].

Дар ин ҷо бояд қайд кард, шоир дар баробари тасвири ягон узви худ, дар айни ҳол панҷаи даст, ки хушидаву чу барги хазон зард аст, барои муаассир ва амиқтар шудани таъсири тасвир таассуроти худро низ баён менамояд. Дар ин банд мисраъҳои севуму чаҳорум ҳамингунаанд, махсусан, оинаро маҳбасе дидан, ки дар он шоир маҳбус аст, бозгӯи таассуроти мағшушест. Дар баъзе бандҳои дигар ҳам, ки тасвир ҷой дорад, таассурот низ ҳамроҳ оварда мешавад, ки ин ҳар ду барои дарки комилтари ҳамдигар мадад мерасонанд. Ду навъи сухан, тасвириву ифодавӣ ба ҳам омехта, тасвиритару муаассиртар мешаванд ва дар як вақт ба тасаввуру эҳсосот коргар меоянд.

Шикасти қабзаи чини миёни абрӯяш
Хароши панҷаи қисмат намуд дар назарам,
Чунон, ки дида будам ин хароши қисматро
Замоне(?) дар кафи пои кафидаи падарам... [204,73]

Дар ин ҷо чини миёни абрӯ, ки аз олами маҳсус ва мушаббаҳ аст, ба хароши панҷаи қисмат, ки аз олами номаҳсус ва мушаббаҳун биҳ мебошад, ташбеҳ карда шуда, дар мисраъҳои баъдӣ ин мушаббаҳун биҳи номаҳсус ба ташбеҳи маҳсус,

пои кафидаи падар шабоҳат дода мешавад, ки дар айни ҳол ифодакунандаи таассуроти шоир ҳам ҳаст. Банди чаҳорум рӯй ва чашми шоирро тасвир менамояд, ки дар ин ҷо ҳам таассуроти шоир ба воситаи истифодаи сифатҳои «дурушту дарҳаму барҳам», «шӯрида», «пирӣ», «хамӯш» ифода мешаванд. Дар як худи рӯй ва ё чашм чизҳои дигаре низ ҳастанд, масалан, дар рӯй ранг, шакли он, дароз, борик, ғафс, тунук ва дар чашм ҳам, ки ба тасвир омаданашон мумкин аст, аммо манзури шеъри чеҳранигорӣ тасвири ҳамаи онҳо набуда, тасвири он тарҳ аст, ки ба воситаи он аз ҳама бештар хусусияти ҳаёти ботинии инсон ифодаи худро пайдо намояд. Бинобар ин, шоир ба рӯю чашм бисёртар эътибор додааст, ки дар онҳо замири инсон возеҳтар ҳувайдо мешавад, махсусан, дар чашм, ки онро оинаи дил мегӯянд.

Дурушту дарҳаму барҳам танида дар рӯяш
Ҳазор риштаи шӯрида ғундаи пирӣ.
Ба ҷои чашми сиёҳаш нишаста буд хамӯш
Даруни лонаи чашмаш парандаи пирӣ [204,73].

Дар ин банд ташбеҳҳои изофии ғундаи пирӣ, парандаи пирӣ, лонаи чашм ва махсусан, дутои аввал, бисёр муаассиранд. Чини рӯи инсонро вобаста ба ғунда, ҳашароте, ки газиданаш марговар аст, дидан, бар асари дарду ранҷи бисёр сахт ба вуҷуд омадани ҳар чини рӯйро таъкид менамояд. Хамӯш нишастани парандаи пирӣ даруни лонаи чашм манзараи гӯёест аз ҳузнангезии ин фасли ҳаёт, ки суварнигорона баён шудааст. Мӯи сафеди сар ба песабарфи пуштаҳо, мӯи лаб ба хасу хори хушк дар лаби ҷӯ ташбеҳ карда мешавад, ки онҳо дар баробари суварнигорона буданашон, боз ба маҳалли баромади шоир, ки деҳ мебошад, ишора менамоянд. Дар банди шашум шоир ба тасвири худ дар оина суол мекунад, ки «Баҳори рӯ ту ку?» ва таассуфашро аз серӣ надидани баҳори рӯи хеш изҳор дошта, ба банди мақтаъ мерасад:

Дамид гирди даҳонаш яке ба маззаи заҳр

Гиёҳи печаки зарди табассуми афсӯс,
Миёни хандааш аз дида об сар дода
Дар оби чашми оина ғарқ шуд маҳбус [204,74].

Ин мақтаи ҳунарист, ки шоир дар ин ҷо баробари истифода аз ташбеҳ, табассуми афсӯсро ба гиёҳи печаки зард, ки худ береша асту ба гиёҳҳо печида онҳоро мехушконад, аз тазод табассум – афсӯс, ханда – оби дида, аз ҳамовоии ҳуруфу калимаҳо, мазза – захр – зард моҳирона суд меҷӯяд ва матлабро, ки баёни тазоди шадиди таассурот аз бебозгашт гузаштани умр аст, ба иҷро мерасонад. Дар ин пора табассум афсӯс дораду ханда талхӣ, ки аз дида об меборонад ва инсонро, ки маҳбуси умр асту ҷои гурезе надорад, дар худ ғарқ мекунад. Дар ин шабеҳа ҳам Бозор Собир аз тирамоҳ, ҳамчун аз қонунияти табиии зиндагӣ, ки дар он баҳору хазон бо ҳам меоянд ва онҳоро ҳамчунонки ҳаст, бо шодии камтару ҳузни бештарашон бояд пазируфт, ба забони ашёву тасвир ва таассурот сухан мегӯяд.

Дар байни ашъори ғиноии тавсифию тасвирии Бозор Собир, ки асосан чеҳраву андоми занро нигориш менамоянд, шеърҳои «Гиреҳи санг», «Шири бурида», «Тасвир» (Аз «Гули хор» то «Симхор», с. 2003) хеле ҷолиб ба назар мерасанд, зеро дар онҳо дар зимни тасвир таассуроти шоир низ ифодаи суварнигоронаи худро меёбад. Муаллиф дар шеърҳои «Гиреҳи санг» ва «Шири бурида» андоми занро тасвир намуда, дар зимни он, дар шеъри аввал, таассуфи худро аз фирефта шуда дил супурдани зан ва дар шеъри дуюм, сарзаниши тамасхуромезашро аз он ки зан ҳусни худро ба савдо гузошта, оқибат ба шири бурида шабоҳат пайдо кардааст, бо василаҳои муаассири тасвир баён мекунад. Шеъри «Гиреҳи санг» аз чаҳор банди чаҳорпора иборат аст, ки бо қофиябандии абвб ва дар вазни музореи мусаммани ахрабу макфуфу мақсур, афоилаш: мафъӯлу фоилоту мафоӣлу фоилон суруда шудааст:

Ҳайфи таронаҳои пур аз ашки обшор
Боре нашуд таронаи ӯ нӯши гӯши санг,

Сад ҳайфи панҷаҳои булӯрии мавҷҳош
Беҳуда мехазад ба тани хаззапӯши санг.

Нохун ба санг мезанаду мезанад абас,
Резад сафед шаршараи хуни обшор,
Ҳамчун гиреҳи мушти хасис(?) во намешавад
Мушти гиреҳи санг бо(?)[2] ноху(?)ни обшор [204,91].

Дар ин шеър зан ба обшор, ки таронаҳои пур аз ашк ва панҷаҳои булӯрӣ дорад ва мард ба санг, ки ҳамчун мушти хасис во намешавад, шабеҳ карда шудааст ва дар он ки ин таронаҳоро гӯши санг намешунаваду панҷаҳои булӯрии мавҷ «Беҳуда мехазад ба тани хаззапӯши санг» таассуроти таассуфангези шоир ифода ёфтааст. Ин таассуфро шоир дар ду банди минбаъда ба воситаи суол боз ҳам аёнтар ду бор такроран баён менамояд, ки далели сахт мутаассир будани ӯст: «Эй зан, чаро ба сангдиле дил супурдаӣ? // Охир ба мисли об дилат мекунад ҳубоб» [204,91]. Аммо, чунин ба назар мерасад, ки агар яке аз ин такрорҳоро гирифта, ба ҷояш байти тозае гуфта мешуд, шеър пурбортар меомад. Ба ҳар ҳол, маълум аст, ки ҳамаи таваҷҷуҳи шоир ба ҷониби зан аст, ки дили худро ба дасти марди сангдиле супурдааст ва тазод дар байни хулқу атвори зану мард ба воситаҳои тасвири бадеӣ – маҷоз, ташхис, ташбеҳу истиора ифода карда шудааст. «Ҳайфи таронаҳои пур аз ашки обшор» ин ҳарфҳо маҷозианд, ки дар зимн ташхис – тарона хондан хоси инсон аст, ки ба обшор нисбат дода шудааст, таронаҳо дар айни ҳол истиораи садои резиши обшор ҳам ҳастанд, ашки обшор ташбеҳи изофист, ки обшорро ба ашк монанд кардааст ва ҳамин тариқа аносири бадеъ саросар дар таркиби шеър ҷой гирифта, намунаи як шеъри ғиноии тавсифию тасвириро ба вуҷуд овардаанд.

---

[2] Дар ин ҷо ба ҷои «бо» аз рӯи тақозои вазн бояд «ба» бошад, вале дар ин маҷмӯае, ки иқтибос шуд ва ҳам дар «Шоиру шеъре агар ҳаст...» (с. 97) «бо» омадааст, ки шояд хатои чоп аст. Аммо дар калимаи «хасис», ки бо йот ва «нохун», ки бе вов навишта мешавад, хатои шоир аст, ки ба сакта ва имола роҳ додааст.

Шеъри дигаре аз ин қабил, ки бо тасвиркориҳои бадеъ сохта шудааст, “Шири бурида” мебошад. Он ҳиссиёти мухолифи аввала, яъне на таассуфу дилсӯзӣ ба тақдири зан, балки сарзанишу тамасхурро ифода намуда, дар шакли озоди қофиябандӣ, дар асоси вазни баҳри рамал: фоилотун, фоилотун... , ки бо тақозои мазмун дарозу кӯтоҳ карда мешавад, гуфта шуда, аз шаш пора: порай аввал 9 мисраъ, порай дуюм 6 мисраъ, порай сеюм 4 мисраъ ва ба ҳамин тариқ аз пораҳои гуногунҳаҷм таркиб ёфтааст. Дар порай аввал асосан узвҳои чеҳра – чашм, пешонӣ, рухсор, абрӯ ба воситаи ташбеҳу истиораву ҷондорангорӣ нигориш карда шуда, намои чеҳраи дилнописандеро тарҳрезӣ менамоянд, аммо чигунагии муносибати шоир ба мабҳаси тасвир ҳоло равшан аён нест:

Шири андомаш бурида
Бурда-бурда,
Тухми чашмаш
Хом нӯшида.
Коғази пешониаш зард,
Холи рухсораш,
Чун магас дар косаи шир,
Ҳар ду абрӯ
Паршикаста чун парасту [204,94].

Ҳамаи ҷузъиёти тасвир дар ин пора наванд, шири бурида (андом), тухми хом (чашм), коғази зард (пешонӣ), магас дар косаи шир (холи рухсор), паршикаста чун парасту (абрӯ), ки мушаббаҳун биҳ буда, барои мушаббаҳ пайдо карда шудаанд, ба ин тарзи истифода дар шеъри қарни бисти тоҷик дида нашудаанд ва онҳо моли ибтикороти хаёлангези бадеии шоир Бозор Собиранд. Аз ин гуна тасвир шудани андоми зан касро ҳиссиёти таассуф фаро мегирад, аммо чӣ омиле боиси ба ин ҳол омадани ҳусни зан аст, ҳанӯз ошкор нест. Дар порай дуюм ҳам нигориши барбод рафтани ҳусни зан давом мекунад, махсусан, дасту бозуи занро ба «Моҳии дар ҷӯйбори остин мурда» ташбеҳ кардан, ҳарчанд ташбеҳи дасту

бозуи зан ба моҳӣ собиқа дорад, аммо ба ин тарз паҳлугардон кардани он, ки шакли моҳии мурда дар ҷӯйбори остинро гирифта, барои ифодаи сифати тамоман мухолифи суннатии маъмул, яъне на зебоию тароват, балки безебиву пажурдагӣ омадааст, табу тоби ҳиссиёти таассуфангезро ба маротиб шадидтар менамояд:

Обу тоб аз дасту бозӯяш парида,
Дасту бозӯяш
Моҳии дар ҷӯйбори остин мурда.
Ҷоми лабҳояш
Аз шароби бӯсаҳо холӣ,
Лаб ба лаб аз заҳри талхи ғуссаҳо пур [204,94].

Баъд аз ин ду пораи дигар меояд, ки дар аввалӣ бо суол аз куҷо шудани ҷузъиёти андоми зебои пешин, чун сӯзани мижгону рангу бори чашму рӯ ва монанди инҳо сухан рафта, дар пораи чаҳорум боиси чунин футур рафтани ҳусн, ки худфурӯшии зан будааст, баён мешавад. Ҳоло бо мулоҳиза ба ҳар дуи ин пора дарёфта мешавад, ки пораи севум нисбат бо пораҳои пешин аз ҷиҳати тасвири шадиди эҳсосот хеле заиф аст, зеро суол дораду ҳолати ҳиссиёт надорад, пораи чаҳорум танҳо ахборӣ асту каммояву дурушт, на фақат бо "синаларзонӣ"-ю "думбаҷунбонӣ"-аш, балки бо фазои умумиаш, ҳарчанд муаллиф меваҳову шеваҳоро ҳамвазну ҳамнаво оварда, мекӯшад, ки пораро аз назари ҳунар писандида ҷилвагар созад. Бинобар ин, агар ҳар дуи ин пора ихтисор шавад, шеър аз ҷиҳати инсиҷом, тасвир ва ифодаи амудии таассурот бурд хоҳад кард.

Сӯзани мижгони тезаш ку?
Рангубори чашму рӯяш ку?
Печутоби химчаи банди миёнаш ку?
Ку анористони Дашнободи пистонаш?

Меваҳои синаларзонӣ фурӯх(?)таст,

Шеваҳои думбачунбонӣ фурӯх(?)таст,
Хандаҳои паҳни дандонҳои тиллоӣ фурӯх(?)таст,
Хандаҳои зарнигориро ба арзонӣ фурӯх(?)таст [204,94-95].

Маъное, ки шоир мехоҳад, ҳамчун ҷамъбасти шеър баён намояд, яъне ҳамаи нодилфиребии аҳволи кунунии зан аз боиси худфурӯшии ӯст, дар зимни пораҳои панҷуму шашум дарк мешавад. Бо ихтисори пораҳои болоӣ шеър ҷозибтар ба назар меояд, зеро манзурро бо ишораҳо ва пардапӯштар баён намуда, хонандаро водор месозад, ки хаёлоташро фаъолтар карда, худ ба хулосаи зарурӣ бирасад. Ин гуна имконро аз хонанда набояд гирифт. Дар пораҳои охири шеър ғарази шоир комилан даркшавандааст:

Ҳар чӣ буд дар косаи чашмаш
Аз адову сеҳру афсун,
Хӯрдаю нӯшидаю лесидаанд акнун
Косалесони муҳаббат.

Зоғи ишрат хӯрда себи ғабғабашро,
Хирси ишрат хӯрдааст(?) шаҳди лабашро,
Занги ишрат хӯрдааст теғи нигоҳаш,
Хок хӯрдаст(?), хок
Тири мижгонаш [204,95].

Дар ин ду пора, дар пораи панҷум мисраъҳои «Хӯрдаю нӯшидаю лесидаанд акнун // Косалесони муҳаббат» ва ҳамаи пораи шашум, ки мақтаи шеър аст, маънои фурӯхта шудани ҳусни зан бараллоина ифодаи худро ёфтааст. Ин бори дигар собит менамояд, ки он пораҳои севуму чаҳорум зиёдӣ, ҳашв ҳастанд. Ба замми он, дар ин ҷо бояд қайд кард, ки беэътиборӣ ба вазн дар ҳама ҷо, махсусан, боз дар мақтаъ, ҳаргиз далели маъниофаринӣ, устодӣ ва покизакорӣ нест, ин айб

аст ва айби каме ҳам нест. Дар ягон шоири муътабари ҳамзабони мо дар Эрону Афғонистон чунин нуқс ба чашм намехӯрад.

Аммо аз ҷиҳати маҳорати тасвирсозӣ бояд таъкид сохт, ки дар ин шеър ҳар қадар ҷузъиёти андому чеҳра тозаву тар нигориш шудаанд, ҳамон қадар барои ифодаи маънои куллӣ ва амиқу муассиртар дарк шудани он хидмат кардаанд, ки ин далели тасаллути комили шоир бар шеваи баёни тасвиркоронаи маънову муҳтавост.

Бозор Собир дар дигар шеърҳо, махсусан, дар ошиқонаҳое, ки ба навъи шеъри ғиноии эҳсосоту андешаҳои отифии тасвирӣ тааллуқ мегиранд, тарҳҳои зебое аз маҳбуба мекашад ва баъзан зебои зебо, ки як андоза аз ҳад ҳам мегузарад ва саропо атрогину заррин мешавад. Мафтунӣ аз зебоӣ кайфияте дорад, вале зебоӣ ҳар қадар дар мавҷудияти табиияш кашф шавад, ҳамон қадар муассиртар хоҳад буд. Шеъри “Тасвир” дар байни ин ҳар ду қарор мегирад. Дар он сурати зебои зане ба тасвир меояд, то як маҳбубаи мушаххас дар як ҳолати мушаххас, бинобар, он намоде аз зебоии зан мегардад, ки дар натиҷаи парвози хаёлоти шоир офарида мешавад. Сувари хаёле, ки дар тасвири бадеӣ ба кор меравад, аз ҷумла ташбеҳу истиораву маҷоз, ҳарчанд на ҳама тозаанд, масалан, лолаи лаб, мижгони санавбар, чашми алмос, бӯйи ту атри гул ...на фақат дар шеъри муосири тоҷик, балки дар ашъори худи Бозор Собир ҳам собиқа доранд, вале бо вуҷуди ин, сахт пеши по уфтода ҳам нестанд, зеро ба онҳо амалу сифатҳое нисбат дода мешавад, ки онҳоро тозатар ҷилва медиҳанд. Масалан, дар мисраи «Абрӯйи туву боли парастую паридан» ба ташбеҳи абрӯ – боли парасту ҳамроҳ шудани амали паридан ба он тозагӣ мебахшад. Дар баробари ин, дар ин шеър сувари тозаи хаёл ҳам вуҷуд дорад, ки офаридаи зеҳни худи шоир мебошад. Ба монанди:

Оғӯши туву синаи хезобу талотум,

ҳам: Гесӯи туву валвалаи хирмани оташ,

ҳам: Соқи ту сафедори тарошидаи наҷҷор [204,115].

Ин ташбеҳот баробари тозагии худ, бисёр дурахшону барҷаста ҳастанд.

Дар эҷодиёти Бозор Собир фаровон мавҷуд будани навъҳои гуногуни тасвир як амри табиист, зеро ӯ аз аввалин қадамҳои шоириаш рӯй бар олами деҳ, табиат ва ашё дошт, ки ин ҳама заминаи шеъри тавсифию тасвирии ӯро мураттаб сохтаанд. Ӯ дар ин ҷода аз ашъори ғиноии тавсифию тасвирии хаёлангез ба сӯи воқеиятнигорӣ ҳаракат карда, ин навъи шеърро барои тасвири манзараву ашёи табиат, ки ба сари худ ҳам қимати зебошинохтӣ хоҳанд дошт ва ҳам барои дар зимни он баён доштани эҳсосоту таассуроти худ, ки аҳамияти ботиншинохтӣ дорад, устодона ба кор бурдааст.

Олами табиат ва ашё барои ҳама дар як намуд вуҷуд дорад, масалан, дарахт – унсури табиат, барои ҳама дарахт ва теша, ки сохтаи дасти инсон аст, барои ҳама теша аст. Аммо ин чиз танҳо ба мафҳуми табиӣ ва шайъии онҳо тааллуқ дорад, вақте ки онҳо ба хидмати шеър меоянд, ба замми мафҳуми табииву шайъии худ боз мафҳуми бадеии намодӣ пайдо менамоянд. Таносуби ин ду навъи мафҳум – табииву шайъӣ ва бадеиву намодӣ дар ҳар шеър ба ҳар навъ буданаш мумкин аст, ин ба манзури шоир дар ҳар шеър ва дараҷаи истеъдоди бадеии ӯ вобаста аст, ки то чӣ андоза метавонад аз ҳодисаҳои табиат ва ашё намоди бадеӣ бисозад. Дар ин маврид биниш ва тахайюлоти бадеӣ мақоми аввалдараҷа доранд. Бинобар ин, ҳарчанд табиат ҳамон табиат асту ашё ҳамон ашё, аммо дар шеър инъкоси онҳо ба тарзи хоса ва дигар-дигар аст, зеро бо чашми дигар дида ва бо тахайюлоти дигар бозофаринӣ мешаванд. Табиат ва ашё бо зуҳури ҳар шоири асил намуд ва мафҳуми тозае дар олами ҳунар пайдо менамоянд. Образ, сурат ва ё сувари хаёл, ба ҳар тарзе, ки номида шаванд, онҳо “мукаммалоти бадеӣ” («художественная целостность») [46, 3] мебошанд, ки метавонанд дар саросари асар ва ё дар як маҷозу истиора ҳам зоҳир шаванд, зеро онҳо дар тахайюлоти шоир бозофаринӣ шуда, ба мабҳаси зебошинохтӣ мубаддал мегарданд. Бинобар ин табиат ва ашёе, ки дар шеъри шоир дорои сифат, хусусият, қобилиятҳои тоза мешаванд, баъзан дар назари аввал ғайриодӣ намоянд ҳам, бад-он ҷиҳат пазируфта мешаванд, ки онҳо ба назари тоза дида шуда, аҳамияти зебошинохтӣ касб кардаанд. Ва ё

баръакс, одитарин чизе, ки ҳазорҳо маротиба дида шуда, ё ҳатто ба сабаби одӣ ва маъмулӣ буданаш, ба он эътиборе дода намешуд, бо нигоҳи тозаи шоир моли шеър мегардаду эътибори зебошинохтӣ пайдо мекунад. Ин ду навъи муносибати зебошинохтӣ бар табиат ва аносири олами ашё дар шеъри ғиноии тавсифию тасвирии Фарзона мавқеи густардае дорад. Баъзан чунин ҳам шуданаш мумкин аст, ки ҳар дуи ин хусусият дар як шеър ҷой дошта бошад, ки намунааш шеъри олиҷаноби «Дарвеш» (Шабохуни барқ, с. 1989) мебошад. Ин шеърро ба маънои хубаш муаммои тасвирӣ мешавад гуфт, агар дар муаммо муносибати шоир ба шайъи нигориш ифода мешуд, ки дар ин шеър дар сифатҳое, ки ба он нисбат медиҳад, равшан аён аст. Ин муносибат бисёр ҳам самимона аст. Ҷо дорад, ки ин шеър пурра оварда шавад:

Аз канори кӯчаи мо
Дафзанону шонаҷунбону ғазалхон
Меравад дарвеши танҳои ҷунунманде.
Хирқаи нилобияшро васлаҳое аз ҳубоб аст.
Чашмҳои рӯшанаш ҷои нузули офтоб аст.
Балки танҳо ҳурии хуршед мехонад
хати райҳонии лабҳои ӯро,
Нарм-нармак сила месозад сари танҳои ӯро.
Мардумон сангаш бияндозанду ӯ парво надорад,
Бо раҳи худ меравад, бар раҳзанон даъво надорад.
Раҳрави бетӯшаи мо бехабар аз хурду хоб аст.
Эй, ки то ҳоло варо нашнохтӣ, инак, шинос:
Ин мусофир ҷӯи об аст [249, 158].

Дар назари аввал чунин аст, ки сифатҳои дафзанону шонаҷунбону ғазалхон, танҳои ҷунунманд аз ҷӯи об хеле дуранд ва дар айни ҳол хирқаи нилобиву ҷои нузули офтоб будани ҷӯи обро ҳар кас садҳо бор дидааст, аммо он сон ки шоир дидааст, надидааст, зеро нигоҳи ӯ муқаррарӣ, нигоҳи шоир тозаву шоирона

будааст. Дар ин шеър тасвири ҳолат ва ҳаракат ба ҳам дар омезиш, тасвир дар ҳаракат ва ҳаракат дар тасвир меоянд, ки дар ҳар ду ҳолат ҳам бар динамикаи шеър меафзоянд. Таъбир, тасвиру тавсифҳо, ташбеҳу истиорот, ба маъное, ки дар ин шеър истифода шудаанд, ҳама тару тозаанд, зеро ба ин мабҳас нисбат дода шуданашон нав аст. Масалан, сифатҳои дафзанону шоначунбону ғазалхон, ки ба дарвеш ва дар зимни он ба ҷӯи об нисбат мегиранд, махсусан, дуи аввал, дар шеъри муосир бесобиқа ба назар меоянд. Ҳамчунин таъбир, ташбеҳу истиороте, аз қабили хирқаи нилобӣ, васлаҳои ҳубоб, ҳурии хуршед, хати райҳонии лабҳо ҳам худ ва ҳам мавриди корбурдашон тоза аст. Шоир ба ҷӯи об на фақат бо нигоҳи воқеъбини суратнигоронаи зебошинохтӣ, балки чун онро ба дарвеш шабоҳат медиҳад, бо назари маънавӣ ҳам менигарад. Ин хусусияти нигоҳ дар мисраъҳои «Мардумон сангаш бияндозанду ӯ парво надорад, // Бо раҳи худ меравад, бар раҳзанон даъво надорад», равшан падидор аст, ки ҳатто он дарвешро аз фирқаи маломатияи тасаввуф мешавад донист, ки ба он мушобеҳ дидани ҷӯи об бисёр муносиб омадааст. Бо ин сифат доманаи маънои таҳтонии шеър амиқу фарох мегардад.

Дар давраи аввали эҷодиёти Фарзона, ки ба солҳои 80 қарни гузашта рост меояд, дар шеъри ғиноии тавсифию тасвирии ӯ нигориши табиат ва ҳолату аносири он дар фасли баҳор аз ҳама бештар аст. Шеърҳои «Баҳороғӯш», «Дар паноҳи ниҳоли бодом», «Пайкараи сабз» (Шабохуни барқ, с. 1989), аз ҳамон гуна ашъори шоиранд, ки дар онҳо дар байни ашё ва сифатҳое, ки ба онҳо нисбат дода мешаванд, дараҷаҳои гуногуни муносибат мавҷуданд. Маълум аст, агар ду шайъ, ки аз онҳо сифатҳои ба ҳамназдиккунанда пайдо карда мешаванд, аз ҳамдигар ҳар қадар дуртар бошанд, ё дар шайъ ва ё ҳолати бисёр ошно, ки чашм ба он одат кардаасту муқаррарӣ мебинад, чизи тозае кашф карда шавад, сувари хаёл ҳамон қадар тозаву муассиртар аз кор дармеояд. Масалан, дар шеъри «Баҳороғӯш» мушобеҳатҳои ашё ва ҳолатҳои тасвир дар асоси ҳамин гуна муносибатҳо сохта шудаанд. Ин шеър чаҳорпора ва аз шаш банд иборат буда, бо қофиябандии абвб гуфта шудааст. Дар он тамоми аносири табиат, ки мавриди назари шоиранд, дар

оғӯши баҳор тасвир мешаванд. Дар ду банди аввал шахси шеър ҳузур надорад ва онҳо сирф нигориши манзара ҳастанд:

Ғунчаҳои қафасӣ бо дами рӯҳонии бод
Ҷон гирифтанду таманнои кушоиш карданд.
Бом сабзина шуду кафтаракони ошиқ
Дар сари мавҷрабо машқи сароиш карданд.
Субҳ мехост шакарнам хурад аз косаи гул,
Мӯҳри зарринаи хуршед даҳонашро баст.
Абри кофар чу даҳонбастагии ғунча бидид,
Дар лабаш об заду рӯзаи ӯро бишикаст [249, 159].

Шоир дар сохтани ин манзара аз аносири сувари хаёл, аз ҷумла аз маҷоз, ташбеҳ, ташхису ҷондорангорӣ суд ҷуста, онро зиндаву тару тоза ба қалам овардааст. «Ғунчаҳои қафасӣ», «дами рӯҳонии бод», сабзина шудани бом, «мӯҳри зарринаи хуршед», «абри кофар» ҳама аз олами табиат мебошанд, ки бар асари расидани баҳор ҷондору пур аз ҳаракат нигошта шудаанд. Ҳатто сифати сабз шудан, ки аз бом хеле дур аст, дар ин ҷо муносиб омадааст, зеро ба боми гилӣ, ки ба табиат бештар наздик аст, ишорат мекунад. Дар банди севум шоир ҳузури худро ошкор менамояд ва ба «килки нигоранда, ки аз эъҷозаш... вараҷи рӯз зи тасвири баҳорон» мешукуфад, офарин мехонад ва боз ду чизи аз ҳам дур «ҳавз» ва «ҷома»-ро бо ҳам иртибот дода, яъне инъикоси осмони нилиро дар оби ҳавз ба ҷомаи нилӣ ташбеҳ карда, «Ҳавзи урён ба танаш ҷомаи нилӣ пӯшид» мегӯяд, ки далели ҷӯяндагии хаёлоти бадеист.

Маҷозу ташбеҳу ташхису истиорот, ки дар асоси нигориши шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ қарор мегиранд, ба воситаи алоқаи инсон бо табиат ва табиат бо инсон, ки дар натиҷа бо ҳам ивази сифату ҳолатҳо мекунанд, сохта мешаванд. Бинобар он, агар рукнҳои алоқа аз ҳамдигар ҳар қадар дур бошанд, ташбеҳу истиорот ҳамон қадар ғайричашмдошт ва тозаву хотирмону муаассир хоҳанд буд,

ки Фарзона ҳам воситаҳои сувари хаёли худро ҳамин гуна месозад. Ин хусусияти нигоҳи бадеии шоирро дар банди чаҳоруми ҳамин шеър метавон мушоҳида кард:

Ҳеҷ бишнидаӣ, эй шабрави хуршедсуроғ,
Ин ки девор ҳам эҳсоси муҳаббат карда.
Субҳ бо оби тило дар бари девори гилӣ
Байти нуронии хуршед китобат карда [249, 159].

Девор ва муҳаббат мафҳумҳое ҳастанд, ки аз ҳамдигар хеле дур воқеанд, ҳарчанд ҳар ду ҳам бо инсон робита доранд, девор маҳсули даст ва муҳаббат ҳосили ҳиссиёти инсон аст. Аммо ин дурафтодагӣ ва аз ҷиҳати хосият зидди ҳамдигар будани онҳо, зеро девор як шайъи беҳису шахшудаест, беҳуда нест, ки мардум вақте гапнофаҳмии касеро таъкид карданӣ шаванд, оё ман ин гапҳоро ба девор гуфтам, мегӯянд ва эҳсоси муҳаббат, ки аз нозуктарин ҳиссиётҳои инсонист, монеъ намешавад, ки шоир онро маҷозан ва бо тазод ба девор нисбат диҳад ва ба ин восита қудрати эҳёгарӣ ва муҳаббатофарии баҳорро таъкид кунад. Дар ин ҷо девор аз инсон ҷудо, ҳамчун як шайъ, ки вазифаи намодиро иҷро мекунад, дарк мешавад ва бинобар ин ба он нисбат додани эҳсоси муҳаббат, ки сифати инсонист, онро бо тазод воситаи бадеӣ месозад. Ҳамин гуна тазоди зебо дар таъбири «шабрави хуршедсуроғ», касе, ки дар шаб хуршед меҷӯяд, яъне ба кори муҳолу номумкин машғул аст, низ ҷой дорад, ки матлабро хеле муҷазу муаассир баён намудааст. Дар байти дуюми ин банд ба субҳ, ки замон ва ё ҳолати табиат аст, низ сифати инсонӣ дода, бо истиораи оби тило, ки манзур нури хуршед аст, «...дар бари девори гилӣ // Байти нуронии хуршед китобат карда» [249, 159] мегӯяд, ки тасвире аз саҳнаи зебои субҳи баҳор аст. Ҳамаи ҷузъиёт, тарҳ, амалу ҳолатҳое, ки дар ин шеър матраҳанд, ҳама бар шукуфтану сурудану шодобу нуронӣ шудан, ки гӯшаҳое аз баҳору ошиқӣ ҳастанд, ташвиқ мекунанд. Вале шахси шоир, ки аз нимаҳои шеър ҳузури худро ошкор карда буд, дар мақтаъ чунин мегӯяд:

Боз гулбонги сабӯҳӣ бизан, эй булбули ринд,

Ки пурам, боз пурам аз ҳаваси бишкуфтан.

Дӯст медорамат, афсӯс, насиби ман нест

Лаззати ин суханонро зи касе бишнуфтан [249, 159].

Дар шаш банди ин шеър, то ҳамин «афсӯс», ки пеш аз он ба тамоми муҳаббат ошкоро «дӯст медорамат» гуфта шуд, ҳамаи аносири табиат ва инсон бо тасвиру рамзу маҷоз, пардапӯшона ин ҳарфро мегуфтанд, вале дар охир шахси шоир дигар ба ниҳонгӯӣ тоқат наовард ва розро фошофош баён кард, аммо чӣ фарҷоми талхе насиби ӯст, ки дар мисраи мақтаъ ифода шудааст: мутаассифона, аз забони дигаре шунидани «дӯст медорамат», насиби ман нест, ки тамоми лаззати онро бичашам. Ин хулоса бе заминагузории қаблӣ, бадоҳатан баён шудааст ва ин таъсири онро бештар месозад, зеро шахси шоир пешакӣ тарҳи мақтаъ насохта, дар давоми тасвири ҳолу ифодаи ҳиссиёт, ноогоҳона, аз рӯи ангезаи бевоситаи лаҳзагӣ, ба ин натиҷа расид, ки далели асолати ҳолати ӯ мебошад. Ин муҳимтарин сифати шеъри ғиноист, ки асолати ҳолатро дар худи ҳолат ифода созад, яъне шоир пешакӣ барои худ равиши мантиқии андешидашуда тарҳрезӣ нанамояд ва худро дар муҳит озодона раҳо кунад. Дар ҳамин ҳолати озодист, ки ба забони шоир ташбеҳи изофии олиҷаноби «булбули ринд» меравад, ки дар гунаи ҳамон ташбеҳҳое мебошад, ки мушаббаҳ аз мушаббаҳун биҳ хеле дур қарор дорад, вале дарёфти сифати мушобеҳ онро фавқулодаву тозаву тар ҷилва медиҳад.

Дар шеъри ғиноӣ қариб муродиф омадани мафҳуми баҳору ишқ як амри табиист, зеро ҳамчунонки баҳор барои табиат фасли бедорист, ишқ ҳам барои инсон расидани ҳамин гуна айём аст. Бинобар ин, муносибати баҳор ва ишқ дар шеъри ғиноӣ муносибати ду бедорӣ дар ҷодаи ҷовидонагист. Гул кардани дарахти бодом намоди бедории табиат, оғози баҳор аст, ишқ намоди бедории инсон. Дар шеърҳои «Дар паноҳи ниҳоли бодом», «Пайкараи сабз» ва «Дар остони баҳор» (Ояти ишқ, с. 1994) ин ду намод ба ҳамдигар меомезанд, бодом ошиқ мешаваду

инсон бо умеди ишқ мисли бодом мешукуфад. Ин саҳна дар шеъри «Пайкараи сабз» қисман чунин нигошта шудааст:

Тифли фардо
Рӯзгоре пеши чашмат нахли бодоме хиромад
Ғарқи гул андар баҳоре.
... Ҳеҷ медонӣ, ки дӯш ин нахли танҳо
Духтаре буд ишқбози ҳусни дунё [249, 189].

Инкишофи сужа дар ин шеър, аз як тараф, ба тасвири бодом ва ,аз тарафи дигар, ба андешаи эҳсосоти шахсияти ғиноӣ вобастааст, бинобар он дар ин алоқамандӣ онҳо бе мамониат бо ҳам табдили сифат мекунанд, духтар «Ғарқи гул андар баҳоре»мешаваду сифати бодомро мегирад ва бодом духтар мешаваду «дар рагаш хуни баҳорон»-у «Аз вуҷуди нозанинаш ашки борон метаровад» [249, 189]. Дар ин ҳолат ҷузъиёти манзара вазифаи ифрози андешаву эҳсосотро, ки ба воситаҳои баён бояд ифода мешуд, ба ҷо оварда, онро тасвирӣ месозад. Ҳамин тариқ, ба воситаи манзараҳои табиат мазмунҳои таҳтонӣ, ки шоир дар шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ баён кардан мехоҳад, ифодаи суварнигоронаи худро пайдо мекунанд.

«Пайкараи сабз» аз ҷумлаи шеъри ғиноии тасвирию тавсифие буд, ки дар он шахсияти ғиноӣ ҳузур дошт, аммо «Дар паноҳи ниҳоли бодом» бе иштироки ӯ гуфта шудааст. Дар ин шеър саҳнаи зебое нигориш мешавад, ки меҳвари он ниҳоли бодоми «ғарқи гул» аст, ҷузъиёти тасвир, ки «абри симин»-у «таҳрики густохонаи бод»-у «аз мавҷи гул» пур шудани «домони ҳавлӣ» аз ҷумлаи онҳо мебошанд, онро пурратар таҷассум менамоянд. Интихоби навъи шеър – мусаллас, ки ҳар порааш аз се мисраъ иборат буда, ба тарзи нав – озод қофиябандӣ шудааст ва вазн – рамали мусаллас, ки аз се бор такрори **фоилотун** дар як мисраъ ба ҳам меояд, барои тасвири орому ботаннӣ хеле мувофиқ омадааст:

Рӯи ҳавлӣ ғарқи гул истода бодом –

Нозанини навраси симинаандом,
Бо тане нурофарин чун нукраи хом [249, 189].

Ин шеър аз шаш банд иборат буда, ба ғайр аз бандҳои якуму шашум, ки дар онҳо ҳар се мисраъ ба ҳам қофия баста шудаанд, дар бандҳои дигар мисраи якум озод асту мисраъҳои дувуму севум ҳамқофия омадаанд. Ҳамчунонки дида мешавад, аз худи банди нахуст шоир ниҳоли бодомро ба «нозанини навраси симинаандом» ташбеҳ ва дар як замон ташхис ва тавсиф карда, дар бандҳои баъдӣ ҳам онро давом медиҳад ва дар баробари он ҳолатҳои гуногуни онро дар рӯзи навбаҳор бо назокату дилписандӣ ба қалам мекашад. Дар банди чаҳорум, ки инкишофи сужаи ғиноӣ ба нуқтаи болоии худ мерасад ва «аз таҳрики густохонаи бод» «аз мавҷи гул домони ҳавлӣ» пур мегардад ва аз ҳама хосиятноктараш, «Субҳгоҳон бод чун дарро бикӯбад» гуфта мешавад ва баъд ин мисраъ меояд, ки // Духтаре берун шавад, то гул бирӯбад» [249, 189], яъне духтар на бо даъвати инсон, балки бо дар кӯфтани боди субҳ, унсури табиат берун меояд, ки гул бирӯбад, эҳсоси ягонагии шоирро бо аҷзо ва авзои табиат хеле шоирона бозгӯ мекунад. Бинобар ин духтар худи шоир ангошта мешавад, зеро дар шеъри «Пайкараи сабз» ӯ худро дар тимсоли нахли бодом муаррифӣ карда буд. Аз ин рӯ, банди мақтаъ ҳам ба худи шоир тааллуқ мегирад, ки мегӯяд:

Ғарқи гул, ғарқи таманноҳои ширин
Духтарак ҷӯяд паноҳи нахли симин
Дар баҳори рӯшани ишқи нахустин [249, 189].

Ба замми ин эҳсосот ва тарзи баёни бисёр ҳам нозук, боиффат, роздорона ва ботаҳаммул, ки дар ин шеър ҷой дорад, хоси шахсияти инсонӣ ва шоирии худи Фарзона аст, ки дар ҳар лаҳзаи зиндагии воқеӣ ва саропои эҷодиёташ шинохташавандааст. Ҳамин тариқ, ӯ дар шеъри «Дар остони баҳор» ҳам аз «бодоми сармохӯрда» дар зимистон, ки баҳор «Дар тани ӯ муғчаҳоро сабз мекард...» сухан ронда, дар байти мақтаъ:

Орзуе дар дилам мехест аз хоби зимистон,
Ишқи сабзе растухез оғоз мекард [249, 330].

– мегӯяд, ки ҷо додани худ дар андоми яке аз унсурҳои табиат, бодом аст, ки пеш аз ҳама мешукуфаду пайғоми баҳор меорад, вале баъзан дастхуши сармои ғайричашмдошт ҳам мешавад.

Дар давраи аввали эҷодиёти Фарзона, ки солҳои ҳаштоди қарни бист мебошад, фаслҳои табиат бо зуҳуроти гуногунаш, чи дар тасвирҳои мухтасар ва чи муфассал, ҳамеша ҳузур дорад, аммо аз ҳама бештар дилбастаи баҳор аст. Ин сифат дар ашъори солҳои навадаш боз ҳам густардагӣ пайдо намуда, онро пур аз рангу бӯву тароват ва зебоиҳои дилнишини баҳорӣ мегардонад ва яке аз воситаҳои асосии баёни авотифи инсонӣ мешавад. Маълум аст, ки муассирии шеър вобаста ба авотиф аст ва ҳангоме ки он дар заминаи таассурот аз табиат, ки маҳсусу ламсшавандааст, ҳосил мешавад, бештар асаргузор хоҳад буд. Дар шеърҳои «Дар водии баҳор», «Узви навбаҳорон», «Таронаи сабз» (Ояти ишқ, с. 1994), «Шаби бедории гулҳо» (Фасли ғуруби орзу, с. 1996), «Субҳи марҷон бастани олучаҳо», «Баҳор мемонад» (То бекаронаҳо, с. 1998) саҳнаҳои гуногуни баҳори табиат бо авотифи самимонаи инсонӣ нигориш шуда, хонандаро шадидан зери таъсири худ мегирад. Дар ин шеърҳо авотифи инсонӣ ва зебоиҳои табиат ҳамдигарро муассиру дурахшонтар месозанд, авотиф барои бо тамоми самимияту латофат фаро гирифтани муҳити табиат ва зебоиҳои табиат барои ифодаи суварнигорона ва хушрангу бӯи авотиф хидмат мекунанд.

Аносири табиат, новобаста аз он ки хурд аст ё бузург, масалан, дарахт аст ё як барг, баҳр аст ё қатра, мӯр аст ё осмон, ҳама дар худ нақши абадиятро доранд, бинобар ин шоир ҳангоми ба воситаи онҳо баён намудани ҳиссиёти худ дар баробари аносири абадият қарор мегирад ва эҳсосоту суханаш ҳам пурбортар мешавад. Ин хусусиятро дар шеъри «Дар водии баҳор» метавон ба хубӣ ба мушоҳида гирифт. Оғози ин шеъри сафед субҳи баҳор аст, ки дар чаҳор мисраи аввалаш чанд унсури табиат – саҳар, дарахтҳо, баргҳо, насим, хуршед бо ташбеҳ,

сифат ва амалу ҳолатҳои ба худ хос ҳузур дошта, бо отифаву самимият тасвир гаштаанд:

Саҳари солеҳон буду дарахтҳо
Баргҳои беғубори парниёниро
ба навозишҳои насими ҳайдарӣ медоданд.
Ва сурае дар лаб
дар обшори тилоии хуршед
ғусл мекарданд [249, 319].

Дар ин банд, ки тасвирҳо аз таркибҳои изофӣ – ташбеҳ ва истиора сохта шуда, аносири табиат ҳар ду сӯи тасвирро ташкил додаанд, баргҳо – парниён, обшори тилоӣ – нури хуршед, ки дар айни замон ташхис ҳам гаштаанд. Отифати шеър на фақат дар интихоби калимоти зебову дилнишин, ҳамчун саҳар, барг, парниён, насим, сура, лаб, балки бо амали навозиш, ки хоси муносибати пурмуҳаббати инсон буда, ба насим нисбат дода шудааст, баёни бевоситаи худро пайдо намудааст. Истифодаи онҳо ҳамчун мавод дар шеъри дирӯзу имрӯз собиқаи фаровоне дорад, аммо дар ин ҷо онҳо тоза ва бадеъ дарк мегарданд, сабабаш ин аст, ки онҳо на фақат танҳо ҳамчун мавод, балки ҳамчун аносири сурати ҳоли шахси шоир, ки онҳоро бо самимият ва отифа таҷриба кардааст, пазируфта мешаванд. Ҳамчунонки дида мешавад, ҳолат на ба воситаҳои баён, балки ба воситаи ашё ва тасвир нишон дода шуда, дар айни ҳол оканда бо отифат аст. Бинобар ин, хонанда ба он беалоқа намонда, онро дар ҳамон шароите, ки шоир аз сар гузаронида буд, низ таҷриба мекунад. Ҳамаи ин аносири табиат дар зебоӣ ва нишоти худ ғарқанд ва аз фардои худ хабаре ҳам надоранд. Ҳамин гуна ҳолат ҳангоми тасвири саҳнае, ки фардо аҷузаботи хазон баргу бори дарахтонро ба яғмо бурда, онҳоро он гуна бараҳна мекунад, ки дигар ҷӣ сон пӯшонидани «қабурғаҳои лоғарро» намедонанд, низ рӯй медиҳад, ки далели боз ҳам аз ҷониби шоир таҷриба шудани лаҳза аст, ки бо аввалӣ тазод дошта, бо таассуфи амиқ ифодаи ашёвӣ меёбад.

Бехабар аз он ки рӯзе

Аҷузабоди хазон баргу бори ононро

ба яғмо хоҳад бурд.

Ва нахлҳо зи ҳаё ноилоҷ хоҳанд монд,

Ки он бараҳнагии хешро чӣ гуна бипӯшанд,

Қабурғаҳои лоғарро чӣ сон бипаноҳанд [249, 319].

Дар ин пора боз нигоҳи тозаи шоир ба ашё ҳувайдост, зеро бе он ки мисраъҳо ташбеҳу истиорот дошта бошанд, бо тавсифи табиии худ ҳам пеши назар тасвирҳоеро меоранд, ки дар шеъри имрӯзу собиқ ҳам камтар ва ё умуман назир надоранд. Масалан, аҷузабод, бараҳнагии нахлҳо ва қабурғаҳои лоғар аз ҷумлаи ин гуна тавсифҳо ҳастанд.

Дар байни тазоди ҳолати аносири табиат ягона унсуре, ки фардоро дарк мекунад, инсон, ҳамон «духти хаёлие»-ст, ки ба сарнавишти онҳо меандешад ва ғусса мехӯрад. Инсон бо ғуссахӯриаш зебосту табиат бо бепарвоиаш, зеро фардо аносири он боз аз нав ба ҳаёт хоҳад омад, вале даври ҳар инсон, ки як бор аст, баҳои онро мешиносаду ғусса мехӯрад ва ҳамин чиз ӯро аз аносири дигари табиат мумтоз мегардонад. Ба марги гулҳо ва қатраҳо сӯхтани духти хаёлӣ ҳам аз ҳамин бобат аст. Аммо:

Қатраҳо огоҳ набуданд,

Ки маргашон зебост.

Оре, зебост чароғаке будан ва оқибат

ба чароғи бузург пайвастан! [249, 320].

Инҳо қатраҳое ҳастанд, ки духтаре субҳ ба рӯи гулҳо фишонда буд, онҳо ташбеҳонида чароғ ва ташхисонида ҷондор ангорида шуданд, зеро мемиранд, яъне бухор мешаванду ба чароғи бузург, ки истиора аз офтоб аст, мепайванданд, бинобар маргашон зебост. Фалсафаи марги зебои аносири табиат дар ҳамин аст,

ки офаринандаашон бо мирондани онҳо боз ҳаёти тоза меофаринад. Инсон наметавонад маргро зебо бипазирад, зеро риштаҳои бисёри алоқаи меҳру муҳаббат бо ҳамҷинсони худ дорад, ки барои ҳар ду тараф азизанд, бо марг канда хоҳанд шуд, бинобар ин, ҳарчанд бо марги як инсон насли инсоният қатъ намешавад, марги инсон дард дорад, зеро бо марги ӯ шуураш, ки дар он ин дӯстдорӣ ва ҳамаи хазинаи андешаву дониш ва ёддоштҳои дигараш зинда буд, хоҳанд мурд ва онҳоро намешавад боз офарид. Қисмати инсон чунин аст, ки ин дарёфти талхро бояд бипазирад. Бинобар ин:

... баҳор давидан дошт
Ва духтарак зи паи ӯ ночор медавид.
Ин гуна рӯз мехост аспи заррини офтобро
боздорад,
То маргро як лаҳза дертар бипазирад.
Лек офтоб тунд давидан дошт бар манзили ғуруб.
Ва рӯз аз қафои ӯ ночор медавид,
медавид... [249, 320].

Дар ин шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ дар сурати «духти хаёлӣ» рӯ овардани шахси шоир ба олами табиат ва аносири гуногуни он тобишҳои рамзию маҷозӣ пайдо мекунад, бинобар он ҳиссиёт, андеша ва таассуроти инсонӣ ба осонӣ ба онҳо нисбат мегиранд ва онҳоро дар доираи таъсири худ қарор медиҳанд. Мантиқи инкишофи сужаи ғиноии шеър ҳам дар таносуби ин ҳар ду сурат мегирад, аз як тараф, ҳолати тағийрхӯрандаи рӯҳии инсон ва, аз тарафи дигар, манзараи табиат, ки ҳамчун замина ба он созгорӣ мекунад. Мазмунҳое, ки дар зимни сужаи ғиноӣ инкишоф меёбанд, бо имкони баёни тасвирҳо иртиботи ногусастанӣ доранд, ки ҳар ду ба ҳам омехта, андешаву эҳсосотро бештару амиқтар месозанд. Ин нақши маъникашии тасвирро дар шеър пураҳмияттар мекунад.

Дар ашъори Фарзона манзараи ҳамаи фаслҳои сол вуҷуд дорад, аммо намоҳои баҳорӣ аз ҳама бештаранд ва бесабаб ҳам нест, ки дар шеъри «Узви навбаҳорон» ӯ «Як саҳаргаҳ // Ман, ки аъзои басе шӯрову ҳизбу ширкатам, // Аз ҳама ҳама ҳангома озоду сабукҷон мешавам, // Узви ҳизби навбаҳорон мешавам» [249, 376] мегӯяд ва дар шеъри дигар «Пайғоми аввалин» «дар анбӯҳи барфистон»-и зимистон мебинад, ки «Гуле наврусга меҷунбад // Нахустин бор чун набзи баҳори дур» [249, 301]. Ҳоҷат ба таъкид нест, ки манзараҳои баҳор бисёртар барои ифодаи эҳсосоти шодиовари мусбат ба кор меравад, аммо барои ифодаи мусаввари ғаму андӯҳи шахсӣ ва ё осори манфии иҷтимоӣ ҳам истифода шуданаш истисно намебошад. Ин пеш аз ҳама ба рӯҳияи шахсии шоир ва авзои иҷтимоӣ бастагӣ дорад. Бинобар он, дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, ки на танҳо дар шоирон, балки дар тамоми ҷомеа рӯҳияи яъсу ноумедӣ доман густарда буд, ҳатто манзараи баҳор дар дили шоире саропо ҳиссиёт, ҳамчун Фарзона, на шодию сурур, балки ғаму андӯҳ бор оварданаш, як амри табиист. Дар шеъри «Баҳори сиёҳ» (Меъроҷи шабнам, с. 2000) намои баҳор бо ҳама ашёву аҷзояш ғарқи хун ва нолаву шеван аст:

Ин баҳор...
...Абр, абри бетараҳҳум
Дар ҳисори пайязорон
Тифлакони гушнаи жӯлидаро бо дарраи борон мезад...
...Дарё
Ҷомаашро рӯзу шаб мешуст, аммо
доғи хун аз ӯ намерафт [249, 226].

Дар ин пора ашёе, ки зикр мешаванд ва ё ташбеҳҳое, ки сохта мешаванд, бо сифатҳое меоянд, ки ба табиати аслии онҳо хос нест, аммо ҳолати тасвиршаванда шоирро водор мекунад, ки ба онҳо маҳз ҳамин сифатҳоро мансуб донад ва ин азбаски тақозои ҳолат аст, комилан табиӣ ба назар меояд. Масалан, абре, ки маъмулан борони раҳмат меборад, дар ин ҷо сифати бетараҳҳумӣ дорад, бороне,

ки баҳорон навозишгари рӯҳу ҷон аст, бо дарра шабоҳат мегирад, ки тифлаконро мезанад, дарё, яъне оби бузурге, ки шӯяндаи ҳамаи доғҳост, наметавонад доғи хунро аз андоми худ бишӯяд. Азбаски ҷанг муқобили мантиқи зиндагист, шоир ҳам барои амиқу пуртаъсир ва тамоман бемаъноии онро нишон додан, ба аносири табиат сифатҳоеро медиҳад, ки бо хосияти аслии онҳо дар тазоди шадид қарор мегиранд. Дар ин ҳолат муаассирии сухани шоир як бар чанд меафзояд, зеро чигунагии намои тасвир комилан ба манзури эҷодии шоир ва ҳолати ӯ вобастааст, ки ташдиди эҳсосоту таассуроташ бар ҳолати табиии ашё ғолиб омада, онҳоро мувофиқи худ нишон медиҳад. Дар ин ҷо дарки хусусияти ҳиссиёту таассурот бар нигориши манзараи табиат афзалият дорад.

Дар шеъри «Шикастабанд» (Меъроҷи шабнам), ки дар асоси нигориши манзараи фасли зимистон эҷод шудааст, низ ҳамин гуна таассуроти шоир бар нишон додани сифатҳои аслии ашё боло мегирад, вале ин хусусият дар пазируфтани онҳо халале ворид накарда, баръакс манзараро пуррангу фоҷиавияти онро шадидтар намудор месозад:

Анбӯҳи дарахтҳои лоғар ларзанд,
Ларзанд чу устухони шоми даймоҳ.
Дарёи ҳазорсолаи дилмурда
Чашмест, валек чашми холӣ зи нигоҳ [249, 268].

Дар ин пора дарахтон сифати лоғар гирифта, ташхис гаштаанд, зеро лоғар ба инсон мансуб аст ва ин шайъи олами маҳсус ба устухони шоми даймоҳ, ки номаҳсус аст ва дарёи дилмурдаи ташхисгашта ба чашми холӣ зи нигоҳ ташбеҳ шудааст, ки ҳар ду ҳам эҷоди хаёлоти суварнигорона, ва бештар аз он, ифодагари таассуроти мағшушу фоҷиаомези шоиранд. Азбаски шоир дар ин манзара дар атрофи худ касеро намебинад, ки бо ӯ ҳамдилу ҳамдард бошад ва барои бартараф кардани ин ҳол чорае биандешад, балки баръакс ба ӯ ҳамчун шайтон бо «хирахандӣ» менигаранд, ӯ ёди меҳрубони дуре карда, «Уммеди маро шикастабандӣ бикунад» [249,  268], мегӯяд ва уммедро, ки аз олами маъқул аст, бо

шикастабандӣ, ки амале вобаста ба олами маҳсус аст, пайванд медиҳад ва фоҷиаи худро маҳсустару муассиртар баён менамояд.

Манзараҳои табиат, махсусан, намоҳои баҳор, дар ашъори ғиноии тавсифию тасвирии Фарзона барои ифодаи кайфият, эҳсосоти ошиқона ва зебошинохтӣ ҳам истифода шудаанд, ки шеърҳои «Субҳи марҷон бастани олучаҳо», «Баҳор мемонад» (То бекаронаҳо, с. 1998) аз беҳтаринҳои онҳо мебошанд. Ин ду шеър на фақат аз лиҳози муҳтаво, балки аз ҷиҳати шакл ҳам наву ҷолибанд. Шеъри «Субҳи марҷон бастани олучаҳо» аз 25 мисраъ иборат буда, 12 мисраи аввали он тасвирию тавсифист ва баъд аз он тавсифу тасвир ва баёни эҳсосот бо ҳам омехта меоянд. Мисраи оғоз, ки ба сифати унвони шеър ҳам пазируфта шудааст, бисёр зебову бадеъ ва далели якбора шоирона оғоз шудани он ҳам ҳаст, ки ин гуна шеърҳо маъмулан аз ҷониби муаллифон бо мисраи аввал унвон карда мешаванд. Субҳи марҷон бастани олучаҳо, ранг овардани онҳо, ба марҷон бастани духтарон ташбеҳ карда шудааст, ки бо сабаби ба инсон нисбат доштани марҷон бастан, мушаббаҳун биҳ, ташхис ҳам гаштааст.

Субҳи марҷон бастани олучаҳост,
Субҳи ноз.
Қутби ховар густарад рӯи алаф
Ҷонамоз [251, 27].

Хубии ин шакли шеър боз дар он зоҳир мешавад, ки мисраи аввал ба вазни рамали мусаддаси мақсур фоилотун фоилотун фоилон аст, вале мисраи дуюм танҳо аз зиҳоф фоилон иборат буда, оҳанги ҳамвору равони мисраи аввалро якбора қатъ мекунад, гӯё инсонро таконе медиҳаду ба дарки муассиртари худ водор менамояд. Ин пораро ба замми қофия субҳи ноз – ҷонамоз, боз ҳамвазнии калимаҳои субҳи-қутби, марҷон-ховар, бастани-густарад хушсадо сохтааст. Пораи сеюм ҳам хубиҳое дорад, ки ба онҳо ишора бояд кард. Себи афтодаро ба дил ташбеҳ кардан ва онро бардоштам, гуфтан, ки ба ду маъност, ҳам ба маънои

аз замин бардоштан ва ҳам тасаллӣ додану меҳрубонӣ кардан, ба ҳусни пора ҳусн афзудааст:

Хам шудам, бардоштам як себро
Аз замин.
Ин дили кист, ин дили чун офтоб
Нозанин [251, 27].

Навъи ин шеър чаҳорпора аст бо қофиябандии абвб, вале он дар банди чаҳорум риоя нашудааст, ки халале бар танзими мусиқоии он ворид месозад. Вақте ки шоир як навъи мушаххасро интихоб мекунад ва онро дар ду-се банд давом медиҳад, беҳтар аст, он то охир риоя шавад, ҳарчанд шоирон ҳоло дар муносибат бо навъ хеле озодона рафтор мекунанд, аммо дар ҳар маврид зебоии шаклро низ ба эътибор бояд гирифт, махсусан дар ин шеър, ки умуман сохти дилписанде дорад. Аз ҳамин банди чаҳорум ишқе, ки дар зимни мисраъҳо эҳсос мешуд, ба забон меояд ва минбаъд ҳамроҳ бо тасвирҳо ҷараён мегирад. Дар банди шашум сухан аз мафҳуми ишқ аст, ки ба ҳарфи маҳрам ё бонги раъд ташбеҳ карда мешавад, вале чун хулоса дақиқ нест, дарки он ба баъд вогузор мегардад, ки байти дуюм ва алалхусус «Баъд, баъд» хеле хуб ҷо афтодааст. Аммо мисраи аввали банд он қадар расову шево нест, «ё»-и аввал ҳам зиёдӣ ба назар мерасад:

Ишқ ё ҳарфест маҳрам ё ба акс
Бонги раъд.
Баъд мефаҳмӣ, ки ин асрор чист,
Баъд, баъд [251, 27].

Дар охири шеър мисраи аввал ҳамчун мақтаъ омадааст, ки касро боз ба домони зебои «Субҳи марҷон бастани олучаҳо» мекашад ва шеърро ҳалқабандӣ мекунад. Шеъри «Баҳор мемонад» низ аз ҳамин гуна шеъри зебои тасвирию тавсифист, ки эҳсоси беғаши муҳаббатро бо саҳнаҳои зебои баҳор тавъамон ба

нигориш мегирад. Он бо тозакориҳое дар навъи мусаммати мухаммаси таркиббанд гуфта шуда, хушоҳангу покизаву ботаровват ва аз назари шакл ҳам бисёр комил аст. Он ҳамчун ҷавобия ба шеъри пешинаи шоир «Баҳор мегузарад» (Фарзона. Қатрае аз Мӯлиён, ч. 1, с. 182) гуфта шудааст, ки нисбат ба он аз назари тавсифу тасвир ва тозагии сухан дар сатҳи баланде қарор дорад. Маълум аст, шоир дар фосилаи тақрибан даҳ соле, ки дар байни эҷоди ин ду шеър гузаштааст, на танҳо дар фасоҳату балоғат, балки дар пайванд додани олами ашё ва тавсифу тасвир бо баёни ҳиссиётҳои рӯҳу равонӣ хеле касби камол кардааст. Аз ин рӯ, заминаи ашёвӣ ва тавсифию тасвирии шеъри дуюм пурбор аст. Ҳамчунонки аз номи ин ду шеър «Баҳор мегузарад» ва «Баҳор мемонад» ҳам пайдост, онҳо ду навъи таассуротро аз баҳору ишқ, аввалӣ таассуроти таассуфангезро аз гузаштани баҳору замони ишқ ва дуюмӣ эҳсосоти мондагории баҳору муҳаббатро тасвиру ифода менамоянд. Шеъри аввал бештар ҳарфиву ифодавист, дуюм тасвириву тавсифист, бинобар он ҳам дар боби шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ҳоло банди аввали он, ки рӯҳияи тамоми шеър дар он акс андохтааст, иқтибос мешавад:

Чароғи себ, ки дар шохсор мемонад,
Ҳадиси об, ки дар ҷӯйбор мемонад,
Дили туро дили ман интизор мемонад,
Баҳор мегузарад ё баҳор мемонад?
Баҳор мемонад [251, 176].

Ин шеър аз чаҳор банди ҳамингуна иборат аст, танҳо дар банди дуюм дар қисмати таркиббанд як мисраъ илова шудааст, ки бо сабаби ҳамқофия буданаш бар он халале ворида накарда, баръакс бар хушоҳангии шеър меафзояд.

Дар банди боло ташбеҳи изофии чароғи себ, ки тозаву бисёр зебост, аз оғоз шеърро бар ҷодаи тасвир равона месозад ва дар шохсор мондани он ишора ба мондагории ҳиссиёт ҳам мекунад, ки шоир пас аз баёни ҳадиси об, ки низ дар ҷӯйбор хоҳад монд, сухан аз ҳоли дили худ ба забон оварда, «Дили туро дили ман

интизор мемонад» мегӯяд, ки ҳолати мутаносиберо бо авзои табиат ба вуҷуд меоварад. Мисраи чаҳорумро дар шакли суолӣ овардан розе дорад, ки манзур аз он ба розгӯии ғиноии худ кашидани хонанда аст, зеро ҳангоме ки суол матраҳ мешавад, хонанда ҳам ба ҷавоб омода мешавад ва дар заминаи ҳиссиёти дар мисраъҳои болоӣ баён гашта, ӯ ҳам беихтиёр «баҳор мемонад» мегӯяд ва ба ин васила бо шоир ҳамдил мегардад. Баҳор мемонад, ба он маъност, ки агарчи баҳори табиат мегузарад, ки ин як амри табиист, вале баҳори дил, ки зодаи муҳаббат аст, мемонад.

Салом, эй хати сабзат давоми сабзи баҳор,
Мабанд панҷараро бар саломи сабзи баҳор,
Зи чашми худ биситон интиқоми сабзи баҳор.
Агар ки аз хати сабзат ғубор мемонад,
Баҳор мемонад! [251, 176].

Ҳангоме ки ҷаҳони ботин бо ҷаҳони зоҳир ҳамоҳанг аст, ҳиссиёти самимона ва зебое, ки дар замир ҳаст, ба ҷаҳони хориҷ ҷорӣ шуда, онро фаро мегирад ва ҳар ҷузъи онро баёнгари эҳсосот месозад. Инсон давоми табиат мешавад, зебоиҳои фасли баҳор ва инъикоси муҳаббати инсон ҳамдигарро пурра карда, як ҷаҳони комили муҳаббатро ба пеши назар меоранд. Бинобар ин, аз банди сеюм шоир дигар дар бораи гузаштани баҳор суол намегузорад, зеро ҳиссиёти пурмуҳаббати инсон ба аҷзо ва айёми табиат интиқол ёфт ва акнун танҳо дар бораи мондагории он сухан бояд гуфт, ки ҳамин тавр ҳам мешавад. Дар банди мақтаъ, ки се мисраи банди аввал ба такрор меояд, як мисраи тоза ҳамроҳ карда мешавад, ки хулосаи шоирро аз ин ҳамоҳангии авзои табиату инсони ошиқ баён менамояд:

Ба эҳтироми ману ту баҳор мемонад.
Баҳор мемонад! [251, 176].

Баҳор акнун дар ин ҷо танҳо айёми табиату баҳор нест, балки ба ишқ низ табдил ёфтааст, ки хосияти мондагорӣ дорад. Чунин аст ба ҳам даромехтани инсону табиат дар шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ, ки маҳсулаш суратҳои ашёвӣ ва ифодаи ботаровати таассуроти инсонист.

Дар эҷодиёти Фарзона бар асари пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ ва дар зиндагии ҷомеа мавқеи муҳимтар пайдо кардани шаҳрҳо шеъри манзараи шаҳр кам-кам барои худ ҷой ҷудо мекунад. Фарзона шоирест зода ва муқими шаҳри Хуҷанд, бинобар ин дар ашъораш шаҳрӣ будани шоир ва ҳузури шаҳр, бо масоили гуногунаш, нисбат ба ашъори шоирони дигар, ки зода ва ба камолрасидаи деҳот мебошанд, хеле назаррастар аст. Аммо дар давраи аввали эҷодиёти Фарзона ҳам шаҳр ҳамчун мабҳаси тасвир кам дучор омада, ҷо-ҷо, дар зимни мавзӯъҳои дигар вуҷуд дошт. Шеъри «Дили шаҳр» (Шабохуни барқ, с. 1989) аз ҷумлаи онҳост, ки дар он мабҳаси асосии тасвиру таассурот рӯди Сир ва покиза нигоҳ доштани муҳити он буда, вобаста ба он ки рӯд аз байни шаҳр мегузараду онро шоир дили шаҳр меномад, мавзӯи шаҳр вориди шеър мешавад. Дар ин шеър рӯди Сир – рукни табиат, мавриди муҳаббат ва ситоиш, шаҳр, ки эҷоди дасти инсон аст ва офаридаи «ҷаннатии» табиат – рӯдро меолояду мехушконад, мавриди накӯҳиш қарор мегирад. Ин маънӣ дар банди севуми шеър чунин ифода шудааст:

Рехтанд обҳои олуда
Бар сарат, эй муқаддасоти даҳр.
Гар бихушкӣ ту, занг хоҳад баст
Пайкари сарду оҳанини шаҳр [249, 127].

Дар байти мақтаъ ҳам ин маънӣ дигаргунатар ба такрор баён мешавад:

Оҳ, Сайҳун, дили наҷибу гарм
Дар тани шаҳри оҳанину сард [249,127].

Мавриди накӯҳиш қарор гирифтани шаҳри Хуҷанд тақозои мавзӯи шеър аст, зеро нигоҳи шоир ба он ҳар дафъа вобаста ба манзури шеър тағйир хӯрда, гоҳ меҳрубононаву мусбат аст ва гоҳ озурдахотиронаву манфист. Шеърҳое, ки то ин ва пас аз он ҳам эҷод шудаанд, ҳамин гуна хусусият доранд. Назари шоир дар шеъри «Дили шаҳр» накӯҳишомез аст, аммо дар шеърҳои дигаре, ки дар ҳудуди ҳамин давра эҷод шудаанд, чун манзури шоир дигар аст, он тобиши ифтихору нозиш пайдо кардааст. Масалан, дар шеъри «Ёдбуди Камол» «Хуҷанди ман! // Ало, эй маснади баланди бахти баланди ман!» [249, 105], шеъри «Туву шаҳри ман» «Шаҳри ман чун ҳури симин метапад андар канорат» [249,57], шеъри «Шаҳри биҳиштоғӯши ман» «Бо чеҳраи шодоби ӯ дилташнагӣ хоҳам шикаст» [249, 16] ва шеъри «Ёде зи гулбоғи Душанбе» «Пиндоштам, давоми Хуҷанд аст ин чаман» [249,191] мегӯяд, ки ибрози барои шоир маҳбубияту мақбулият доштани шаҳр аст. Ин нуктаро ҳам таъкид бояд кард, ки ин шеърҳои суруру ифтихоромез дар бораи шаҳр маҳсули солҳои ҳаштодуманд, замони осоишта ва даврони сохти иҷтимоии дигар, аммо ҷанги шаҳрвандӣ, ки дар ҷомеа оқибатҳои фоҷиабор боқӣ гузошт, дар мавзӯи шаҳр ҳам оҳангҳои яъсу ноумедӣ ва интиқод ворид кард. Ба замми ин, сохти нав, ки дар ҷомеа шакл мегирад, ба зудӣ масъалаҳои иҷтимоӣ ва моддию маишии мардумро ҳал карда наметавонад. Дар натиҷа мушкилоти ин ҳар ду – оқибати фоҷиабори ҷанги шаҳрвандӣ ва мушкилоти сохти нави иҷтимоӣ водор менамояд, ки шоир аз муҳити мавҷудаи шаҳр бо лаҳни андӯҳу интиқод сухан гӯяд ва ба шаҳр ҳатто сифати ваҳшӣ диҳад, ки дар номи шеър ҷой гирифтааст. Дар шеъри «Шаҳри ваҳшӣ», аз ҷумла мегӯяд:

Хуфта байни тумани ашбоҳ аст
Шаҳри жӯлидаву ваҳшиву хароб.
Мегурезад зи саволи нигаҳам
Чашми беморaш оҷиз зи ҷавоб [250, 262].

Дар ин пора аз ҳоли шаҳр ҳам интиқод ҷой дораду ҳам андӯҳу таассуф, «хуфта байни туман ашбоҳ» ва «жӯлидаву ваҳшиву хароб» интиқод аст, «чашми

бемораш оҷиз зи ҷавоб» ифодаи таассуфу ҳасрат. Дар шеърҳое, ки мавзӯашон мақоми Хуҷанд дар таърихи фарҳангии халқу мамлакат бошад, сухан ситоишомез аст, аммо дар мавриде, ки аз решаи таърихии худ канда шудани он аст, масалан, шеъри «Дар хилвати хаёл» ё ҳиҷрати Камоли Хуҷандӣ, шеърҳои «Камол», «Видоъи Камол бо Хуҷанд» калом боз оҳанги норизоиву накӯҳиш мегирад: «Ту ба ғайр меҳрубонӣ, набувад ба ӯ ниёзат, // Ту ба гӯш пунба дорӣ, ба кӣ ӯ сухан сарояд?!» [250, 351] ва ё: «Ту шаҳри бесарони кулаҳпӯш будаӣ, // Мо побараҳнаему нағунҷем дар барат» [250, 257]. Ин гуна хусусият гирифтани нигоҳ ба мабҳаси шаҳр натиҷаи он аст, ки шоир намои шаҳрро, на бетарафона, барои нишон додани арзиши худии он, балки вобаста ба ифодаи манзури ғоявиаш истифода мекунад.

Ин тарзи корбурд аз манзараи шаҳр на танҳо дар шеъри тоҷик, балки дар шеъри аҳди шӯравии рус ҳам бештар таҷриба доштааст, ки дар ин бора Г. Н. Поспелов ба чунин хулоса омадааст: «Дар шеъри ғиноии шӯравии рус тасвири манзараҳои шаҳр кам вомехӯрад. Дар ҷаҳоншиносии мафкуравии худ шуарои даврони мо ба моҳияти мухолифатҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ғоявӣ дар зиндагии кишвари худ ва тамоми ҷаҳон бештару қавитар ҷавоб медиҳанд, то бар зуҳуроти зоҳирии онҳо» [157, 147]. Айни ҳамин ҳолат дар шеърҳое, ки Фарзона дар онҳо аз ин ё он ҷиҳати зиндагии шаҳр сухан мегӯяд ва ё намои онро ба тасвир гирифтанӣ мешавад, ба мушоҳида мерасад. Масалан, шеърҳои «Ман ҳам шумо шудам», «Охирин шодии Худо», «Фаромӯши замон», «Пешин», «Касе зи ноҳияи Офтоб» (То бекаронаҳо, с. 1998) аз ҳамин қабиланд, ки дар онҳо мавзӯи зиндагии шаҳрӣ бештар мавриди баёни андешаҳои ғиноӣ буда, манзараи шаҳр дар зимни андеша дарк гашта, ҷо-ҷо тарҳи тасвир ҳам дида мешавад.

Рӯҳияи инсон, шоир ва махсусан, шоири ғиноӣ зуд-зуд тағйирпазир аст, ҳузн ба ҷои шодӣ меояду шодӣ ба ҷои ҳузн. Ин хусусият дар шеъри тавсифию тасвирӣ ҳам ба мушоҳида мерасад, ҳангоми шодмонии рӯҳия, таассуроте, ки аз намои шаҳр бардошта мешавад, сурурангез аст ва агар сурурангез набошад ҳам, ғамовар нест, ҳамчунонки дар шеъри «Пешин» ҳаст. Ин шеъри озод аз 28 мисраъ иборат аст, дар 12 мисраи аввали он сухан аз ҷузъиётест, ки намои шаҳрро

ташкил медиҳанд ва онҳо ҳам бештар зикр мешаванд, то тасвир, вале азбаски он бо ифодаи ҳаракат ҳамроҳ аст, динамикист. Дар қисмати аввал садои поки азон ғубори гӯши шаҳр мешӯяд, касе ба рӯи миёнбанди кӯҳнааш намоз мехонад, касе кабӯтарони мазори Шайх Маслиҳатдинро шодбош мегӯяд, марде дар кӯлбораш себҳои заминӣ ва бонуе дар вуҷудаш як чаман ноз мебарад, мӯсафеде ба дурдасти уфуқ менигарад, туршрӯе дар қади роҳ шакарфурӯшӣ мекунад ва монанди ин ҷузъиёт, ки бо амал ва тавсифҳои тозаи муносиб тарҳрезӣ мешаванд, маҷмӯан як ҳолати бисёр хоси зиндагии шаҳрро пеши назар муҷассам менамоянд. «Гунҷишкакони бераҳм // бар чеҳраи шодоби ангурҳо // беибо нӯл мезананд» [250, 82] гуфтани шоир ҳам воқеият, зеро шаҳрҳои мо аз шаҳрҳои бузурги дунё, ки дар онҳо токҳои ангур ҷой надоранд, бо он фарқ мекунанд, ки ҳанӯз бо деҳ ҳам пайванд дорад. Ин мухтасари ҷузъиёт ҳам, ки оварда шуд, ҳамчун ғубори гӯши шаҳрро шустани садои поки азон, дар вуҷудаш як чаман ноз бурдани бону, чеҳраи шодоби ангурҳо бар кас талқини рӯҳияи шодмонӣ мекунанд. Бинобар ин, бо мисраи «Ёр, оё ту низ медонӣ, ки рӯз пешин шуд» [250, 83] қисмати дуюми шеър ва ҳамчунин бозгӯи ҳиссиёту таассуроти ботинии шахсияти ғиноӣ оғоз мешавад, ки ӯ бар маҳбуб бо лаҳни сабуки шикоят нукта мегирад, ки чаро ту дар баробари ин ҳама авзои рӯҳпарвари ошиқона «...даҳонатро ба гуфтани калимаи «ИШҚ» ширин намекунӣ, // Чаро ба гӯши ман овози маҳрамона намерезӣ, // Чунонки шабҳо борон бо хиёбонҳои шаҳр ишқ меварзад» [250, 83]. Таъбири маҷозии шабҳо бо хиёбонҳои шаҳр ишқ варзидани борон дар ҳадди камол зебову дарунмоядор асту тоза, ки шоир ишқ, мафҳуми маъқулро, ба боридани борон бар хиёбон, мафҳуми маҳсус, ташбеҳ карда, ба суварнигории устодонае даст ёфтааст.

Мавзӯъ ва ё намои шаҳр дар ашъори ғиноии тавсифию тасвирии Фарзона бештар бори ифодаи афкори ахлоқӣ, маънавӣ ва ё иҷтимоии шоирро доранд. Ба воситаи намои шаҳр гоҳо таассуроти мусбат ва гоҳо таассуроти манфӣ баён карда мешаванд, ки ин ҳам далели ба манзури эҷодии шоир мувофиқ истифода шудани он аст, то тасвири он танҳо ҳамчун манзара. Ин қазия дар ду шеъре, ки дар як маҷмӯа омадаасту дар онҳо мавзӯъ ва намои шаҳр дар маркази шеър қарор гирифтааст, ба хубӣ исбот мешавад. Инҳо шеърҳои «Ман ҳам шумо шудам» ва

«Касе аз ноҳияи Офтоб» мебошанд, ки дар аввалӣ шаҳр бо нигоҳи интиқодию ноумедӣ ва дар дуюмӣ дар аввал бо интиқод, вале дар охир бо умед дида шудааст. «Ман ҳам шумо шудам» шеъри озоди аз 23 мисраъ иборат аст. Дар панҷ мисраи аввали он намои шаҳр тарҳрезӣ мешавад, ки баёнгари ҳолат ва ҳиссиёту таассуроти шахсияти ғиноӣ ҳам ҳаст:

Оқибат берун омадам
ва аз ҷабини кӯча бӯсидам.
Тутҳо соқаҳои лоғари худро
дар оинаи ҷӯйбор медиданд.
Об овоз намедод.
Офтоби обон аз сари субҳ
доманашро ҷамъ мекард.
Шаҳр дар сояи беҳавсалагӣ пинҳон буд [250, 60].

Вожаи «оқибат» маъниеро мерасонад, ки шахсияти ғиноӣ дуру дароз дар инзиво будааст, худро бо чӣ сабабе аз иҷтимоъ дур гирифтааст ва чун берун омадааст, «аз ҷабини кӯча» бӯсидааст. Ҷабини кӯча ташбеҳи изофист, кӯча ба ҷабин ташбеҳ ва азбаски ҷабин ба инсон нисбат дорад, дар айни ҳол ташхис ҳам карда шудааст. «Соқаҳои лоғар» низ ташбеҳи пӯшидааст, ки манзур танаи тутҳо буда, сифати «лоғар» таассуроти шахсияти ғиноиро аз манзара ифода менамояд. Дар шаҳр ҷой доштани дарахти тут ҳам як аломати нимшаҳру нимдеҳ будани шаҳрҳои мост, ки дар шаҳрҳои бузурги дунё истисност. «Оинаи ҷӯйбор» ҳам ташбеҳи изофист ва дар он соқаҳои лоғари худро дидани тутҳо, ба воситаи амали хоси инсон ташхис кардани онҳост. Овоз надодани об ишора ба беалоқагӣ ба ҳама чизе, ки дар атроф мегузарад ва ин маънӣ дар мисраи баъд ба воситаи ташбеҳу ташхиси домани офтоб, ки манзур нури он аст, бадеу густардатар нигориш мешавад. Мисраи панҷум манзури ҳамаи ин тасвирҳои маҷозӣ ва бадеъро боз бо як маҷози дигар, «сояи беҳавсалагӣ», ки қисмати дуюми он «беҳавсалагӣ» ифодакунандаи кайфият аст, баён ва ҷамъбаст менамояд, то ин

маъниро бирасонад: шаҳр ба ҳамаи чизе, ки дар он мегузарад, беалоқа аст. Баъд аз ин шахсияти ғиноӣ аз амал, ҳиссиёту таассуроти худ сухан мегӯяд, ки паҳлуҳову оқибатҳои гуногуни ҳамин беалоқагиро ифода мекунанд:

Дар фазои шаҳр
Кулоҳҳои тиҳӣ сайр мекунанд [250, 60].

Кулоҳҳои тиҳӣ истиораи муассиру хотирмонест аз мардуми бемағзу беҳиссу ҳаяҷон, ки фазои шаҳрро пур кардаанду ҷое барои «нафас кашидани ишқ...хуршед... зебоӣ» намондаанд. Дар ин ҷо бар ин хусусияти тасвири шаҳр дар ашъори Фарзона бояд таваҷҷуҳ кард, ки он ҳамеша бо ҳузури мардум аст, чигунагии намои шахр бар чигунагии авзои мардум ва чигунагии авзои мардум бар чигунагии намои шаҳр бастагӣ дорад. Дар ин шеър аввал намои шаҳр матраҳ шуд, ки вазъи беалоқагӣ дошт, пас авзои мардум ҳам , ки шабеҳи он аст ва ин ҳар ду бар эҳсосоти шахсияти ғиноӣ таъсир гузошта, ӯро низ мисли худ намудан мехоҳанд: «Нафаре меояд. Бар ҳамаи равзанаҳои шаҳр ангушт мезанад, ки «Касе ҳаст? Овоз диҳед?» // Аммо касе ҷавоб нахоҳад дод» [250, 61]. Дар ин муҳити дуҷонибаи беалоқагӣ чӣ бояд кард, шахсияти ғиноӣ, ки аз инзиво берун омада буд, ин ҳамаро дид ва ҳатто «...ман аз зебоӣ... офтоб... ишқ мегурезам», яъне ман ҳам шабеҳи шумоям гуфт. Аммо ин дар зоҳир аст, зеро касе, ки чунин беалоқаву беҳиссу ҳаяҷон будани худро медонад, чунин нахоҳад монд. Аз ин рӯ он чӣ шахсияти ғиноӣ дар мақтаи шеър мегӯяд:

Касе ба равзанаи ман ҳам агар панҷа занад,
Хамӯш хоҳам монд.
Зеро, ки ман ҳам, эй мардум, кунун шумо шудаам [250, 61] -

ҳаргиз ин тавр нест, зеро ҳар мисраи шеър фарёд мезанад, ки ин тавр набояд шуд ва охирин умед аз касест, ки ин ҳолро мефаҳмад ва фарёд мезанаду мардуми ғофилро бедор мекунад. Инчунин кас, ҳамин шахсияти ғиноист, пас ӯ

наметавонад, онҳо шуда бошад, балки баръакс, ӯ онҳоро худ бояд бикунад. Ҳамин тариқ, аз намо ва зиндагии шаҳр маънии амиқи ахлоқию иҷтимоӣ баровларда мешавад. Унвони шеър ҳам «Ман ҳам шумо шудам», на ба он маъност, ки мегӯяд, балки ба он маъност, ки шумо ман бишавед. Дар шеъри дигаре, аз ҳамин қабил, «Касе зи ноҳияи Офтоб», ифодаи ин маънӣ равшан аст. Дар ин шеър намо ва зиндагии шаҳр дар охири обон тасвир мешавад, ки ҷузъиёту рангҳои тира бештар дошта, таассуроти гаронбор боқӣ мегузорад, зеро дар муҳите, ки «Эй мардум! Барои лабатон // чӣ қадар осон аст // гуфтани ҳарфи ҳақорат. // Барои гӯшатон низ чунин осон аст // шуниданаш» [250, 277] гуфта мешавад, барои шодиву осудахотирӣ ҷой намемонад. Ин аҳволи хароби ахлоқӣ натиҷаи харобии аҳволи иҷтимоист, ки шоир онро бо хуни ҷигар тасвир мекунад ва мегӯяд:

Як субҳ ба фарроши ин маҳалла,
ки васлаҳои пираҳанаш
дили ҳарири моро пора мекунад,
як даста гули мехак хоҳам дод
ва ба кӯдакчааш, ки дар аробаи кӯҳна
мусиқии ҷорӯб заданҳои кӯчарӯбонро мешунавад
ва аз ғубор ба дунболи субҳ менигарад,
китобаки худро
бо номи «То бекаронаҳо» ҳадя мебахшам [250, 278].

Дар солҳои 90 қарни бист, солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва баъди он, ки сатҳи зиндагии мардуми шаҳр хеле поин рафт, дар шеъри манзараи шаҳр ва зиндагии сокинони он оҳангҳои ғаму дард ва бечорагии шаҳриён боло гирифт, ки дар эҷодиёти Фарзона, зода ва маскуни шаҳр, наметавонист, бештар аз ҳама акс наандозад, ки ҳамин тавр ҳам шуд. Бинобар ин, дар аксари ашъори намо ва зиндагии шаҳрии ӯ ҷузъиёт ва тарҳҳое ҳастанд, ки намоёнгари ҳамин ҳолати ногувори сокинони он аст. Дар ҳамин пора ҳам ҷузъиёти «васлаҳои пираҳан»-и фаррош ва махсусан, саҳнаи дар аробаи кӯҳна хуфта ё нишаста «мусиқии ҷорӯб

заданҳои кӯчарӯбонро» шунидани кӯдакчаи ӯ риққатангез аст, зеро аз ин бармеояд, ки ин зан аст ва дар хона касе надорад, ки на кӯдак, балки кӯдакчаашро, ки таъкид бар хурдии хурд дорад, ба ӯ гузорад ва худ маҷбур аст, барои таъмини маош субҳ ба фаррошӣ бароядy кӯдакашро ҳамроҳ гирад ва дар аробаи партовбарӣ нишонад ё хобонад. Оре, ин воқеияти талх аст, ки ба шеъри воқеъбинона ва манзаравии шаҳр роҳ меёбад ва онро ҳатто «мусиқии ҷорӯб заданҳои кӯчарӯбон» наметавонад ширин кунад. Аммо дар ҳамин ҳол ҳам шахси шоирро умед тарк намекунад, ки мегӯяд, ин кӯдак «аз ғубор ба дунболи субҳ менигарад». Ғубор – намоди нақси ҳаёти имрӯзи шаҳр, субҳ – намоди ҳусни фардо ва шеър ҳам бо умед ба фардо анҷом меёбад:

Охири обон аст.
Шаҳр хамёза мекашад.
Зи пилки панҷараҳо бӯи хоб меояд.
Ҷонам, нигоҳ кун, пардаро як сӯ каш,
Касе зи ноҳияи Офтоб меояд... [250, 278].

Аз ин воқеияти мавҷуд, ки бо сабки вуқӯъгароёна ҳикоят мешуд, ба олами орзу рафтани шоир ва бо лаҳни хаёлпардозона «Касе зи ноҳияи Офтоб меояд...» гӯён, хотима бахшидани сухан, тазодеро дар байни аввалу охири шеър эҷод кардааст, ки мақтаъро дурахшонтар ҷилва додааст.

Доманаи шеъри намои шаҳр метавонад хеле фарох бошад ва мабҳасҳои гуногунеро, ки дар он ҷой дорад, фаро гирад. Масалан, намои иншоот, корхона ва хонаи истиқоматии сокини шаҳр, ки ҳар яки онҳо низ гӯшае аз хусусияти зиндагӣ ва шахсияти инсонро инъикос менамоянд, зеро инсон на дар муҳити беашёву холӣ, балки дар байни ашё умр ба сар мебарад ва ҳар яки онҳо низ маълумоте дар бораи ӯ мерасонанд. Аз намои хона ва ашёе, ки дар он ҳаст, на фақат тасаввуроти умумӣ дар бораи замон, суннатҳои миллӣ, тааллуқоти табақавии соҳиби он, балки оид ба тарзи зиндагӣ, хулқу атвор ва дилбастагиҳои шахс маълумот пайдо кардан мумкин аст. Аммо, бо вуҷуди ин, дар шеъри нимаи

дуюми қарни бисти тоҷик ин мавзӯъ кам ба назар мерасад, дар ашъори Фарзона ҳам, вале ба ҳар ҳол зуҳур мекунад, он ҳам на ба он вусъат, ки саропои шеърро фаро гирифта бошад, балки ҷо – ҷо, дар шакли ҷузъиёт ва ё тарҳи тасвир. Ин шояд аз он сабаб бошад, суннати шеъри классикии тоҷик, ки дар он мақоми хаёлпардозӣ қавист, то имрӯз бо тобишҳои тоза давом дорад ва он бештар гироиш бар тасвири куллиёту улвият дорад, то майл бар воқеиятҳои одию маишии рӯзгор.

Дар мақтаи шеъри «Касе зи ноҳияи Офтоб» сухан аз панҷараву парда буд: «Зи пилки панҷараҳо бӯи хоб меояд // Ҷонам, нигоҳ кун, пардаро як сӯ каш», ки мансуби хона мебошанд. Дар ин ҷо панҷараву парда ба замми мафҳуми ашёвии худ як андоза тобиши намодӣ ҳам гирифтаанд, ки бар имкони маъникашии онҳо афзудааст. Дар шеъри дигар, «Оғози раҳоӣ» (Меърочи шабнам, с. 2000), парда бо ашёи дигари хона қолин, рустанӣ, зарф, қандил ҳамроҳ омада, онҳо дар якҷоягӣ на танҳо намои даруни хонаро нишон медиҳанд, балки чигунагии шахсияти шеърро ҳам ифода менамоянд.

Ин шеър аз ҷиҳати сохтор аз ду қисм иборат аст, қисми аввал тасвири намои даруни хона буда, барои қисмати дуюм, ки баёни ҳиссиёту таассурот аст, замина ҳозир мекунад. Қисмати аввал:

Пардаҳоро бардор.
Пардаҳо душмани хуршеданд.
Бигузор
Ранги қолин биканад.
Тани пиронаи девор ҳаловат барад аз бӯсаи нур.
Рустаниҳои ҳарам чеҳра фурӯзанд ба шодии
қудуми хуршед.
Зарфҳо тоза ҷилое ёбанд.
Ломпи қандил дар ин рӯшании чашмрабо
Мижа бикшояду бинад, ки бари домонаш
Сияҳӣ мезанад аз хомушакони мурда [250, 253].

Дар ин пора тасвири намои даруни хона танҳо ба хотири тасвир нест, балки ҳар як ҷузъиёт ҷаҳони ботинии шахси шеърро низ нишон медиҳад. «Пардаҳо душмани хуршеданд», на фақат ҷондор ангоридани парда аст, балки тарҳе аз шахси шеър ва муносибати ӯро ба пардаҳо низ аён менамояд. Шахсе, ки пардаро душмани хуршед мегӯяд, шахсест дӯстдори рӯшноӣ ва муносибаташ бо парда, ки пеши рӯшноиро мегирад, манфист. Ва парда на фақат шайъ аст, балки мафҳуми душмани рӯшноӣ гирифта, намод ҳам мешавад. Вақте «Бигузор // Ранги қолин биканад» - ро ба забон меорад, маълум мешавад, ки ин шахсест на пойбанди молу маноли дунё, балки дилбастаи маънавияту зебоиву равшаноӣ. Дар мисраъҳои баъдинаи шеър сухан аз он аст, ки тани пиронаи девор хоҳони бӯсаи нур аст, рустаниҳои ҳарам ба шодии қудуми хуршед чеҳра барафрӯхтан мехоҳанд, ки амалҳои фараҳфизоянд ва аз онҳо замири шахс ҳам пурратар намоён гашта, ин фикрро тақвият медиҳанд, ки тасвири намои шаҳру хона ва ифодаи ботини шахс дар аксари ашъори Фарзона бо ҳам меоянд.

Аз баррасии шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ чунин натиҷа метавон гирифт, ки дар он мақоми олами ашё дар зуҳуроти гуногуни худ болост, он дигар воситаи ёрирасони ифодаи маъно нест, балки истиқлол пайдо карда, маъноро дар худ муҷассам менамояд. Ин дараҷаи болои истифодаи тасвир мебошад, ки шеър ба он дар зинаҳои баланди рушду такомули ҷомеа даст меёбад. Аз ин рӯ, дар ашъори насли калонсоли ин давра М. Турсунзода, А. Шукӯҳӣ ва дигарон ин навъи шеър дар марҳалаҳои охири эҷодиёташон, замоне ки ҷомеаи кишвар ба сатҳи баландтари инкишоф расида буд, пайдо шуд. Навъи маъмултарини шеъри тавсифию тасвирӣ шеъри манзара – пейзаж мебошад, ки он на танҳо зуҳурот ва ҳодисаҳои алоҳидаи табиат, балки тамоми манзари он – замину осмон, абру борон, набототу ҳайвонот, мурғу моҳӣ, фаслҳои сол – баҳору тирамоҳу тобистону зимистон, хуллас, ҳама чизеро ки ба назар меояд, фаро гирифтанаш мумкин аст. Ба замми ин, намои эҷоди дасти инсон – биноҳо, пайкараҳо, роҳҳою хиёбонҳо, фурудгоҳу тайёраҳо низ мавриди тасвир муқаррар мешаванд, ба шарте ки ба

моҳияти матн – муҳтавои шеър табдил шаванд. Дар ин навъ шеър ғоя ва маъно аз худи тасвир бармеояд.

Шеъри манзара, ки маводи худро бештар аз табиат мегирад, ифодагари маъноҳои фалсафӣ ва абадият мешавад, ки ин сифат дар ашъори Ғ.Мирзо, М. Қаноат, Қ. Киром равшан ба назар мерасад. Аносири олами ашё дар он вобаста ба мабҳаси тасвир, манзури эҷодии шоир ва таассуроти ифодашаванда дар ҳолати сокин, ҳаракат, хомӯш, пурсадо ва авзои дигар нигориш шуданаш мумкин аст. Шоир ҳангоми тасвири манзара аносири онро, ки ғояи матлуби ӯро хубтар ифода мекунанд, меҳвар қарор дода, онҳоро барҷастатар ва камаҳамияти онҳоро берангтар нишон медиҳад, зеро онҳо дар ин ҳолат на ҳамчун аносири олами ашё, балки ҳамчун воситаи ифодакунандаи андешаҳои отифӣ зуҳур мекунанд. Интихоби ин ё он манзара ва унсури олами ҳастӣ бо равияи эҷодии шоир пайванди ногусастанӣ дошта, инъикоскунандаи ғоя ва ҷаҳоншиносии ӯ мебошад.

Дар шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ шоир аксаран дар мабҳаси тасвир ҳулул мекунад, кайфият ва таассуроти отифии ӯ ба забон оварда нашуда, дар зимни тасвир ҷой мегирад. Дар шеъри ҳар кишвар, вобаста ба шароити табиияш, ин ё он фасли сол бештар мавриди тасвир қарор мегирад, аммо бо вуҷуди ин, дар интихоби тасвири фаслҳо майлу рағбати шахсии шоир ҳам аҳамияти муҳимм дорад. Ин хусусият дар ашъори ғиноии тавсифию тасвирии Лоиқ, Бозор Собир, Фарзона равшантар ба мушоҳида мерасад, ки ба тасвири фаслҳои гуногуни сол дилбастагӣ нишон додаанд. Дар ин навъ ашъори Лоиқ ва Фарзона гармии дил бештар эҳсос мешавад, ки аз сиришти инсониашон бармеояд. Чеҳранигорӣ ҳам, ки аз навъи ин шеър аст, дар ашъори Бозор Собир бештар мақом дорад, ки тасбити маҳорати бадеии ӯ мебошад. Тасвири намои шаҳр ҳам кам-кам дар ин навъи шеър пайдо мешавад, ки зуҳуроти тоза буда, ба шаҳритар шудани ҳаёти ҷомеа далолат мекунад.

## БОБИ 4.
## ШЕЪРИ ҒИНОИИ ШАХСИЯТӢ

Ба анвои мухталиф ҷудо шудани шеъри ғиноӣ ба чигунагии мақоми андеша, эҳсосоту таассуроти отифӣ, тасвиру тавсифу ташреҳ, нақлу ривоят дар он вобаста мебошад. Як навъе, ки каму беш дорои ин сифатҳо буда, ба замми онҳо боз хусусияти шохистари дигаре дорад, ба истилоҳ шеъри ғиноии персонажӣ унвон мешавад. Вожаи персонаж – personnaqe фаронсавӣ буда аз лотинии persona меояд, ки маънояш шахсият, шахс, иштироккунанда, иҷрокунандаи нақш, қаҳрамони асари бадеист. Персонажҳо маъмулан дар асарҳои ҳамосиву драмавӣ офарида шуда, барои ба амал баровардани сужаи онҳо хидмат мекунанд. Дар ин ҳолат «онҳо ҳамеша дар худ ин ё он махсусияти ҳастии иҷтимоиро таҷассум менамоянд ва бинобар он дорои аломатҳои муайяни фардӣ буда, номҳои шахсӣ доранд ва бо фаъолияти худ, ки дар шароити ин ё он макон ва замон ҷараён мегирад, сужаи ин гуна асарҳоро ташаккул медиҳанд» [157, 151].

Азбаски мафҳуми истилоҳи персонажи асари бадеӣ ин хусусиятҳоро дар бар мегирад, баъзе аз назариётчиёни адабӣ, аз ҷумла Г. Н. Поспелов оид ба фарди шеъри ғиноӣ истифодаи истилоҳи қаҳрамонро ҷоиз надониста, дар мавриди персонаж ҳам талаботи худро доранд [157, 151]. Баҳс дар атрофи мафҳуми персонаж ва навъҳои он, ҳамчун персонажи асосӣ, персонажи дуюмдараҷа, персонажи эпизодӣ дуру дароз аст, ки ба он ворид шудан муқтазои ин рисола нест, зеро манзур дар ин ҷо персонажи ашъори ғиноист, ки бо махсусиятҳои худ аз персонажи асарҳои ҳамосиву драмавӣ тафовути зотӣ дорад. Дар бораи чигунагии персонажи ашъори ғиноӣ ҳам назарҳо гуногунанд, ки дар адабиётшиносии русӣ баён шудаанд. Масалан, И. Н. Исакова дар тадқиқоти худ «Таснифи номҳои персонажи адабӣ: дар мисоли маводи асарҳои Ф. М. Достоевский, Л. Н. Толстой, А. А. Фет, Н. А. Некрасов» чунин менависад: «Сохтори асарҳои ғиноӣ як андоза дигаргунатар аст: дар ин ҷо ҳамеша фарди ғиноӣ ҳузур дорад – ифодакунандаи нуқтаи назари муайян, усули арзишҳо (он ба хонанда бевосита ва бавосита, масалан, ба воситаи тасвири табиат дода мешавад), вале на ҳамеша ашхоси дигар (персонажҳо) мабҳаси таассуроти ӯ қарор мегиранд. Ба ҳар ҳол, бисёр ашъори ғиноиро, ба истилоҳ, ба шеърҳои ғиноии персонажӣ дохил кардан мумкин аст. Ин ҳам ашъори ошиқона, ки дар он на

фақат «ман»-и ғиноӣ, балки «ту»-и ғиноӣ ҳам мавҷуданд, дар он «ӯ», «ӯ-и зан, она», «онҳо» низ пайдо шуданашон мумкин аст; ва номаҳои дӯстона; эпиграмма (ҳаҷвия) ва мадригалҳо (мадҳия) ва ғайраҳо. Ҳамин тариқ, мафҳуми персонаж ба асарҳои ҳамаи анвои адабиёт татбиқ шуда метавонад» [66]. Аз ин ақида як қисмати он, ки «мафҳуми персонаж ба асарҳои ҳамаи анвои адабиёт татбиқ шуда метавонад», қобили қабул аст, вале он қисматро, ки танҳо бо мавҷуд будани «ман»-у «ту», «ӯ»-ву «онҳо» он шеърҳоро ба анвои ашъори ғиноии персонажӣ дохил мекунад, намешавад пазируфт. Зеро дар ин ҳолат муҳимтарин аносири зотии ашъор, ки аз чигунагии андешаву эҳсосоти ғиноӣ, мавқеи тавсифу тасвир ва нақлу ривоят иборат буда, иллати асосии ба чӣ навъ гуфта шудани он мегардад, ба эътибор гирифта намешавад ва тамоми ашъори ғиноӣ танҳо аз ашъори персонажӣ иборат мегардад. Ин ба ниҳояти содагароӣ талаққӣ кардани масъалаи гуногунҷиҳат ва мураккаб мерасонад.

Истилоҳи лирикаи персонажӣ дар адабиётшиносии русӣ барои ифодаи мафҳуми шеъре ба истифода меравад, ки дар он шахсе, шахсияте, мавҷуде, ҳодисае, ки ба он шахсият бахшида мешавад, мавриди андешаву эҳсосоти отифии шоир қарор гирифта, баъзан бо тарҳҳои умумӣ ва баъзан мушахаскунандаи фардӣ зуҳур карда, дар худ махсусияти ҳастии иҷтимоиро ифода менамояд [157, 150-156]. Фаъолияти ин шахсият бинобар махсусияти шеъри ғиноӣ аз фаъолияти шахсиятҳои асарҳои навъи ҳамосӣ ва драмавӣ фарқи куллӣ дорад, ки ниҳоят афшурда буда, бештар аз таассуроти шоир вобастааст, то аз ҷараёни инкишофи ин ё он ҳодиса, ки бо он шахсият воқеъ мешаваду сужаи асарро ташкил медиҳад. Дар натиҷа, ин гуна ашъор аз ҷиҳати ҳаҷм бештар хурд буда, хусусияти ибрози андешаву эҳсосот ва тасвир ҳам доранд, ки ба навъи ашъори лирикии персонажӣ дохил мешаванд.

Азбаски дар адабиётшиносии муосири тоҷик то алҳол дар бораи таснифи анвои шеъри ғиноӣ ҳеҷ тадқиқоти илмӣ сурат нагирифтааст (тадқиқотҳое, ки ҳастанд асосан мавзӯиву шакливу жанрӣ мебошанд, на навъӣ), бинобар дар онҳо дар бораи ин навъи шеъри ғиноӣ, ки персонажӣ ном гирифтааст, ҳарфе нест. Ҳоло худи истилоҳи лирикаи персонажӣ мавриди мулоҳиза қарор мегирад, ки муодили

тоҷикии он пайдо карда шавад, зеро калимаи персона ба тоҷикӣ 1. шахс, симо; фард; зот; 2. кас, нафар, одам ва калимаи персонаж персонаж, қаҳрамон тарҷума карда шуда, дар «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ» персонаж – яке аз иштироккунандагони воқиаҳои асари бадеӣ, ки аҳамияти чорумдараҷа дорад ва ба рафти воқиаҳо таъсире намерасонад [253], таъриф карда шудааст, ки дар мақоми худ комилан дурустанд. Аммо агар дар истилоҳи лирикаи персонажӣ персонаж бо яке аз ин калимаҳо тарҷума карда шавад, манзури ин рисола ба пуррагӣ ифодаи худро нахоҳад ёфт, зеро дар лирикаи персонажӣ персонаж шахси чорумдараҷа, балки дуюм сеюмдараҷа ҳам набуда, шахсияти якумдараҷа аст. Бинобар ин, дар ин ҳолат персонажро шахсият ва лирикаи персонажиро шеъри ғиноии шахсиятӣ гуфтан ба мақсад мувофиқтар аст, зеро анвои ин шеър, агарчи гуногун аст, аммо дар аксари онҳо шахсияте мавҷуд аст, хоҳ ба маънои мусбаташ, ки дар бештари шеърҳо чунин аст ва хоҳ ба маънои манфияш, ки дар шеъри муосири тоҷик хеле кам дучор меояд. Ашхосе, ки дар ин навъ ашъор ҳузур доранд, дар бисёр маврид дар ҳақиқат ба ҳар ду мафҳум – ҳам мусбату ҳам манфӣ – шахсиятанд, ва агар ин тавр набошанд, шоир онҳоро дар тасаввуроти худ бозофаринӣ карда, агар хостааст, шахсияти мусбат пешниҳод кунад, бар мусбатиашон афзудааст, ва агар манзураш шахсияти манфӣ нишон додан будааст, бар хислатҳои манфии онҳо зам кардааст, яъне дар ҳар ду ҳолат ҳам кӯшидааст, сурати шахсро ба тимсоли шахсият бирасонад. Аз ин ҳарфҳо бояд маълум бошад, ки тимсоли шахсият бар шахс бартар аст, зеро дар он бозофаринии шоир бештар буда, хулқу атвори инсон амиқу гуногунҷиҳат, ҷаҳони ботину зоҳири он фароху фарогиртар тасвиру ифода карда мешавад. Дар байни ин навъ ашъор шеърҳое ҳам ҳастанд, ки дар онҳо танҳо ишорае ба ин ё он ҷиҳати хулқу атвори шахс вуҷуд дораду бас ва онҳоро наметавон тимсоли шахсият номид, вале ин чизро ҳам дар назар бояд дошт, ки ҳеҷ қоидае бе истисно нест. Бо назардошти ҳамин истисно истилоҳи шеъри ғиноии шахсиятиро қабул кардан мумкин аст.

Шеъри ғиноии шахсиятӣ яке аз анвои хеле қадим аст, зеро дар осоре, ки аз даврони бостони таърихи башарият боқӣ мондааст, масалан, дар ашъори шуарои

Юнону Руми қадим эпиграммаҳо (ҳаҷвия) мансуби ҳамин навъанд. Вожаи «эпиграмма» дар аввал дар Юнони қадим маънои фарохе дошта, оид ба ҳамаи ашъори ҳаҷман хурд, ки дар мавзӯъҳои гуногун гуфта мешуд, ба истифода мерафт. Маънои луғавии ин вожа катиба аст, ки аз ҷузъҳои лотинии qrafo – менависам ва – **epi** – дар иборат буда, мафҳуми шеъреро фаро мегирифт, ки дар ашёи мухталиф – дару дарвоза, девору пештоқ, кӯзаву гулдонҳо навишта шуда, маънохои панду андарз ва ҳикматнокеро ифода менамуд. Баъдан мафҳуми он фарохтар гашта, онро барои унвони ашъоре, ки оид ба шахсият ва ҳолатҳои мухталифи зиндагӣ ва авзои рӯҳу равонии инсон гуфта мешуданд, истифода мекарданд. Дар ин ҷараён мафҳуми шеъре, ки мазмуни шӯхӣ ва ҳаҷву мутоиба дошт, ба он бештар нисбат гирифт, ки ҳоло ҳам бисёртар ба ҳамин маъно истифода мешавад. Ин навъ шеър дар адабиёти тоҷик, аз аҳди сомонӣ то имрӯз, мавқеи густарда дорад.

Ҳоло агар бо ҳамин меъёр ба таҷрибаи шеъри классикии тоҷик муроҷиат шавад, мисолҳои бисёре аз қолаби (жанри) нома, қитъа, ғазал, рубоӣ, маснавии кӯтоҳ ва қасидаҳои маҳдуд ва ё муқтазаб пайдо кардан мумкин аст, ки ба ин ё он шахсият бахшида шуда, ба ҳамин навъи шеъри ғиноии шахсиятӣ тааллуқ мегиранд. Ҳамон ғазали машҳури устод Рӯдакӣ «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме» намунаи дурахшони шеъри ғиноии шахсиятист, ки ба тавсифи Амир Нӯҳи Сомонӣ бахшида шудааст. Ва ё «Дар марсияи Абулҳасани Муродӣ» (Мурд Муродӣ на ҳамоно ки мурд, // Марги чунин хоҷа на корест хурд...) [177, 86] «Дар марсияи Шаҳиди Балхӣ»(Корвони Шаҳид рафт аз пеш, // В-они мо рафта гиру меандеш...) [177, 87] низ аз ҳамин навъ аст. Ва ё ин рубоие, ки дар накӯҳиши касе гуфта шудааст, ки имрӯз кӣ буданаш ба мо маълум нест, вале дар замонаш ба хонандагон маълум буд:

Он харпадарат ба дашт хошок задӣ,  
Момот дафу дурӯя чолок задӣ.  
Он бар сари гӯрҳо таборак хондӣ  
В-ин бар дари хонаҳо табурок задӣ [178, 103].

Шеъри ғиноии шахсиятӣ дар қолабҳои гуногун, қитъа, моддаи таърих ва махсусан, ғазал, дар девони Ҳофиз ҳам фаровон аст. Дар ин ҷо танҳо ба ашъоре, ки шоир ба яке аз сарпарастони худ Ҳоҷӣ Қавом – Қавомиддин Ҳасани Тамғочӣ вазири молиёти Шоҳ Шайх Абӯисҳоқи Инҷу бахшидааст, мухтасаран муроҷиат кардан кофист, ки мақоми ин навъ шеър дар эҷодиёти Ҳофиз тасаввур шавад. Ҳофиз дар ғазали «Соқӣ ба нури бода барафрӯз ҷоми мо» асосан шахсияти Ҳоҷӣ Қавомро мавриди андешаву эҳсосоти отифӣ ва тавсифи худ қарор додааст, ки, аз ҷумла мегӯяд:

Дарёи ахзари фалаку киштии ҳилол
Ҳастанд ғарқи неъмати Ҳоҷӣ Қавоми мо [306, 10].

Ва ё дар ғазале бо ин матлаъ: “Он, ки рухсори туро ранги гулу насрин дод, // Сабру ором тавонад ба мани мискин дод...», мегӯяд: «Дар кафи ғуссаи даврон дили Ҳофиз хун шуд, // Аз фироқи рухат, эй хоҷа Кавомиддин, дод» [306, 67]. Ва ё дар ғазали дигаре бо ин матлаъ: «Ишқбозиву ҷавониву шароби лаълфом // Маҷлиси унсу ҳарифи ҳамдаму шурби мудом...», мегӯяд: «Нуктадоне базлагӯ чун Ҳофизи ширинсухан, // Бахшишомӯзе ҷаҳонафрӯз чун Ҳоҷӣ Қавом» [306, 184]. Ва ё боз дар ғазале бо ин матлаъ: «Моро аҳдест бо ҷонон, ки то ҷон дар бадан дорам, // Ҳаводорони кӯяшро чу ҷони хештан дорам...», мегӯяд: «Ба риндӣ шӯҳра шуд Ҳофиз миёни ҳамдамон, лекин // Чӣ ғам дорам, ки дар олам Қавомиддин Ҳасан дорам» [306, 195]. Ва ниҳоят дар ин қитъа мегӯяд:

Ба аҳди салтанати Шоҳ Шайх Абӯисҳоқ
Ба панҷ шахс аҷаб мулки Форс буд обод...
Дигар карим чу Ҳоҷӣ Қавоми дарёдил,
Ки номи нек бибурд аз ҷаҳон ба бахшишу дод [306, 323].

Ҳамин тариқ, Ҳофиз ба ашхоси дигар, ҳам бо мазмуни ситоиш ва ҳам бо мазмуни накӯҳиш, шеърҳо гуфтааст, ки онҳо аз рӯи маводу муҳтаво, андешаву эҳсосот ва баёну нигориш ба ин навъ – шеъри ғиноии шахсиятӣ мансуб мешаванд.

Дар мавриди қасидаҳо, махсусан, мадҳияҳо, ки ба ин ё он шахсияти воломақом бахшида шудаанд, бояд қайд кард, ки агар онҳо бе ташбибу насиб, яъне қасидаи маҳдуд ва ё муқтазаб бошанду шахсияти дар онҳо васф гашта, бо иғроқҳои боварнашуданӣ аз меъёри инсонӣ фаро бурда нашавад, ба ин навъ мансуб шуданашон мумкин аст. Қасидаҳо маъмулан ба навъи шеъри ғиноии андешаву эҳсososoти тасвирӣ нисбат мегиранд. Дар ашъори ғиноии нимаи дуюми қарни бист ва эҷодиёти шуарое, ки дар ин ҷо мавриди баррасист, қасида дар ниҳояти нудрат мебошад. Аммо ашъоре, ки мазмуни мадҳу ситоиш дошта, дар қолабҳои дигар, на қасида, гуфта шудаанду ба шеъри ғиноии шахсиятӣ мансубанд, фаровонанд, махсусан, дар нимаи аввали қарни бист. Ин шеърҳо аксаран дар ситоиши сарварони Ҳизби Коммунист, Давлати Шӯроҳо, симоҳои барҷастаи сиёсии дохиливу хориҷӣ, санаҳои таърихӣ, ҳодисаву воқеаҳои муҳимми давлатӣ, ашхоси фарҳангӣ ва монанди инҳо мебошанд, ки бештар ба навъи шеъри ғиноии шахсиятии бесужа тааллуқ гирифта, бо табу тоби баланди ҳиссӣ эҷод шудаанд.

Шеъри ғиноии шахсиятӣ дар осори яке аз дурахшонтарин чеҳраҳои адабии нимаи аввал ва нимаи дуюми қарни бист Мирзо Турсунзода, ки ба шахсиятҳои барҷастаи сиёсиву давлатӣ, фарҳангӣ, қаҳрамонҳои ҷанг, аз ҷумла, ба Ленин («Ба В. И. Ленин», с. 1940), Сталин («Бахти нав», с. 1939, «Ба номи Сталин», с. 1940, «Ба раҳбар», с. 1949), Долорес Ибаррури («Ба духтари Астурия»,с. 1938), капитан Гастелло («Хотираи капитан», с. 1941), Тешабой Одилов («Баҳодури тоҷик», с. 1943), Манолис Глезос («Ҳазар кун», с. 1959), Пушкин («Ба А. С. Пушкин», с. 1949), Садриддин Айнӣ («Эй табъи оташбор», с. 1939) бахшида шудаанд, мавқеи муайяне дошта, асосан ғояҳои сиёсиву иҷтимоии замони навро ташвиқу тарғиб мекарданд. Ҳоло агар ба ҳамин навъ ашъори дар нимаи дуюми садаи бист навиштаи Мирзо Турсунзода назар афканда шавад, масалан, ба шеърҳои бахшида ба Маяковский («Ба муосири бузург», с. 1953), ба Зулфия, шоираи ӯзбек

(«Марҳабо», с. 1958), Ғафур Ғулом («Барно йигит», с. 1963), Расул Ҳамзатов («Ба Расул Ҳамзатов», с. 1966) мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар нимаи дуюми қарни бист таваҷҷуҳи шоир бештар ба шахсиятҳои фарҳангӣ буда, ҷанбаи эҳсосоти инсонӣ ва самимонаи шеъраш қавитар гаштааст. Аз ин шеърҳо, «Марҳабо» ва «Ба Расул Ҳамзатов», бо ибрози ҳиссиёти самимонаи фардӣ ва дар айни ҳол, иҷтимоӣ, махсусан, шеъри аввал бар дигар ашъори ғиноии шахсиятии Мирзо Турсунзода руҷҳон доранд. Аз рӯи муҳтаво ва ишораҳое, ки дар шеъри «Марҳабо» ҳаст, он ба шоираи ӯзбек Зулфия бахшида шудааст. Мирзо Турсунзода ҳамчун Раиси Кумитаи якдилии халқҳои Осиё ва Африқо дар Шӯравии собиқ, ки шоираи ӯзбек Зулфия ҳам яке аз аъзои он буд, ба бисёр кишварҳои Шарқ сафарҳои хидматӣ дошт. Мавзӯи шеър аз ҳамсафариҳои Турсунзода бо Зулфия ба ин мамлакатҳо ба ҳам омада, дар баробари изҳори муҳаббати самимонаи Турсунзода ба Зулфия, ҳамчунин ифтихори ӯро аз шахсияти Зулфия, ки беҳтарин хислатҳои зани озоди Шарқро дар худ таҷассум намудааст, дар бар гирифтааст.

Шеъри «Марҳабо» аз 36 байти маснавӣ иборат буда, дар вазни рамали мусаддаси маҳзуф (мақсур), бо сабки ҳикоятӣ навишта шудааст. Ҳарчанд бо сабаби сабки ҳикоятӣ доштан ва бо тарзи уфуқӣ сурат гирифтани сужаи ғиноӣ шеър ба дарозо кашидааст, аммо самимияташ намегузорад, ки дилгиркунанда бошад. Азбаски шеър ғиноист, таассуроти шоир аз воқеа нисбат баривоҷи худи воқеа муҳиммтар аст, бинобар он воқеъаҳо танҳо зикр гашта, таассурот муфассалу муассир баён мешавад. Шеър аз мурочиати хоҳишмандонаи шоир ба шахсияти шеър оғоз мегирад:

Духтари ӯзбек, моро гӯш кун!
Дигаронро андаке хомӯш кун.
Гӯш кун! Гапҳои мо беҳуда нест,
Ин садоҳои дили осуда нест.
Шавқи ту моро ба илҳон оварад,
Рӯ ба сӯи Ӯзбакистон оварад.

То сухан чун қоматат мавзун шавад,

Дар сари ҳар мисрае дил хун шавад [233, 262].

Аз ин муроҷиат маълум аст, ки ин «духтари ӯзбек» мухлисони бисёре дорад, зеро шоир «Дигаронро андаке хомӯш кун» мегӯяд, то рози дили пурмуҳаббат ва мафтунии худро чун қомати ӯ мавзун карда тавонад ва шеъре дар баробари ҳусну ҷамоли ӯ бигӯяд. Аммо шиква мекунад, ки «рӯдакиқудрат» забон надорад, тои ин манзури худро бароварда созад, зеро ин «духтари ӯзбек» на танҳо ҳусну малоҳати шахсӣ дорад, балки тамоми зебоиву саодатмандии ватанаш – Ӯзбекистонро дар худ таҷассум намуда, ҳатто бо як нигоҳ тамоми Шарқро пурсафо кардааст. Як муроҷиатро бо ин қадар ҳиссиёту таассурот тавъам баён кардани шоир далели дар ин шеър бар воқиа афзалият доштани эҳсосоту таассурот мебошад. Азбаски мавзӯи озодии зан дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода мақоми муҳимме дорад, дар ин ҷо ҳам ӯ дар сурати «духтари ӯзбек» тимсоли зани озод ва саодатманди Шарқи Шӯравиро меофарад. Аз мисраъҳои «Аз сари минбар сухангӯии ту, // Хотири аҳли адабҷӯии ту, // Сомеонатро ба ҷӯш андохтанд, // Дил ба даст овардаву дил бохтанд» [233, 262] яқин ҳосил мешавад, ки шеър дар ситоиши шоира Зулфия ва дар сурати ӯ тамҳиди заноне мебошад, ки «аз камию костӣ бегона» буда, «мамлакат дар ихтиёр» доранд. Шоир сифатҳои шахсӣ, зебоӣ ва ҳусну малоҳати шахсияти шеърро баробари фазилатҳои иҷтимоии ӯ тавсиф карда, таассуроти шахсиро моҳирона бо иҷтимоӣ пайванд медиҳад. Дар ин байт тавсифи суннатии ба моҳ шабоҳат додани чеҳраи зан паҳлугардон шудааст, ки дар натиҷа таровату тозагӣ пайдо карда, бар бадеияти шеър афзудааст:

Акси рӯятро ба об андохтӣ,

Моҳро аз Нил берун сохтӣ [233, 263].

«Духтари ӯзбек», Зулфия, шахсест, ки шеър ба унвони ӯ навишта шудааст, аммо ин ҳолат пас аз байти «Ҳаст дар ёдам, ки ҳангоми сафар, // Карда будӣ дӯстонатро хабар» [233, 263] ранги дигар гирифта, ӯ ба шахсияти ғиноии шеър

табдил меёбад ва дар симои худ хулқу атвори таъмимии иҷтимоии зани озодро таҷассум менамояд, ки соҳиби мамлакат асту мегӯяд: «Меҳмон дар Тошкенти мо шавед, // Аз тамоми Шарқ назди мо равед» [92, 211]. Ва шоир ҳам бо ӯ ҳамовоз шуда, таъкид ва тасдиқ мекунад, ки: «Мамлакат дар ихтиёри туст, туст, // Ӯзбекистон дар канори туст, туст» [233, 263]. Дар ин шеър ғояе, ки минбаъд дар осори дигари шоир ривоҷу равнақ пайдо мекунад, ғояи «ба давлат ёр» шудани зан баён мешавад, ки меҳвари ашъори ба мавзӯи зан навиштаи ӯ қарор мегирад. Боз, чунин ба назар мерасад, ки ин шеър таҷрибаи қаблие буд барои гуфтани достони ғиноии «Ҷони ширин», зеро қолабу вазн дар ҳар дуи ин асар як буда, сабки сухан ҳам ҳамонанд аст.

Шеъри «Ба Расул Ҳамзатов» беҳтарин шеъри ғиноии шахсиятии Мирзо Турсунзода аст, ки ба дӯсташ, шоири маҳбуби ҷаҳоншумул, бахшида шудааст. Ин шеър пас аз баргузории Рӯзҳои адабиёти тоҷик дар Доғистон ба қалам омада, таассуроти шоирро аз ин сарзамин бо лаҳни бисёр ҳам табиию дилнишин баён менамояд. Он дар қолаби чаҳорпора, бо қофиябандии **ааба**, дар вазни рамали мусаммани маҳзуф (мақсур) навишта шуда, аз нуҳ банд иборат мебошад, вале дар банди дуюм калимаҳои «ҷавонон, хубон, шамшербозон» ба сифати қофия оварда шудаанд, ки ба ҳам қофия баста намешаванд, зеро асоси онҳо ҷавон, хуб, шамшербоз буда, «он» дар ин калимаҳо пасванд аст ва хидмати қофияро ба ҷо оварда наметавонад.

Аз ҷиҳати муҳтаво ин шеър бисёр инсонӣ буда, суннати зиндагӣ ва хислатҳои ҳамидаи мардумро тавсиф мекунад, ки ҷо-ҷо лаҳни шӯхию зарофат ҳам дорад. Масалан, дар ин банд:

Гар ба китфи ман набошад бурка, ханҷар дар миён,
Бо чӣ фахрам пеши доғистонии абрӯкамон?
Тӯпии худро агар сад бор дар ҷои папах
Сӯяш андозам, ба ман сад бор баргаронад он [239, 137].

Дар ин ҷо ҳам шахсе, ки шеър ба унвони ӯст, дар банди ҳафтум ба шахси ғиноӣ табдил меёбад, зеро муаллиф ба бозгӯи суханони ӯ мепардозад. Шахси ғиноӣ дар ин ҳарфҳои худ аз аҷдоди шуҳратёри тоҷикон, ҳаким Хайём, ҳамчун аз шоире ёд меорад, ки беҳтарин вассофи майи ҳаётбахши зиндагист, мае, ки дилҳоро шоду аз кину ғубор пок месозад ва мардумро бо риштаи ҳамқадаҳӣ мепайвандад, то дар ғаму шодии ҳамдигар шарик бошанд:

Тоҷикон авлоди Хайёманд, гуфтӣ, дӯстам,
Шод фарзандони айёманд, гуфтӣ, дӯстам.
Ҳамқадаҳ ҳастанд бо Хайём доғистониён,
Бо шумо ҳамкасбу ҳамноманд, гуфтӣ, дӯстам [239, 138].

Ва дар ин шеър ҳам маҳаки санҷиши инсон, чун дар ҳамаи ашъори Мирзо Турсунзода, ошиқпешагии ӯст, ки мегӯяд: «Дӯстам, бигзор, бошад кӯза лабрези шароб, // Гӯши мо, бигзор, бошад банд бо чангу рубоб. // Ёри мо, бигзор, бошад бо ду шоир ҳамнафас, // Ҳардуро санҷида, бинмояд якеро интихоб» [239, 138]. Дар ин банд оҳанги зарофат ҳам ба гӯш мерасад. Дар давраҳои охир дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода мазмуни ташвиқотию таблиғотии сиёсӣ камрангтар шуда, назари шоир ба зиндагӣ бештар рангу равғани ошиқонаву ҳакимона пайдо менамояд.

Дар эҷодиёти Ғаффор Мирзо ашъори бисёре, ки ба пешвоёни ҳизби коммунист, санаҳои таърихии давлати шӯравӣ, халқи рус, шаҳрҳои он бахшида шудаанд, набояд аҷобате дошта бошад, зеро шоири дар бачагӣ ятимонда на танҳо ҳамаи дастоварди зиндагӣ, балки ҳастии худро аз онҳо вобаста медонист. Бинобар ин, шеърҳои «Меҳри бузург» (с. 1951, ба Ленин), «Ба 250-солагии Ленинград» (1957), «Лашкари ленинирода» (с. 1959, ба анҷумани ҳизби коммунист), «Ленин» (с. 1968), «Ба Москва» (с. 1974), «Достони миннатдорӣ» (Аз номи халқи азизам) (с. 1975), «Расми Ленин» (с. 1980) дар ҳар қолабу шакл тамҳиди онҳоро мекунанд, ки костагии бадеӣ доранд.

«Санъати ҷонбозию ҳусни нисор» (Ба хотираи Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Тӯйчӣ Эрийгитов) (с. 1964), «Рӯҳи Восеъ» (с. 1967) низ аз шеърҳои ғиноии шахсиятӣ мебошанд, ки ба хотираи ду қаҳрамони ҷонфидо бахшида шудаанд. «Санъати ҷонбозию ҳусни нисор», ки тасвире аз ҷонбозии Қаҳрамони Ҷанги Бузурги Ватаниро пеши назар мекашад, хеле бо тааccуроту эҳтиросоти сӯзон гуфта шудааст. Шеър якбора аз саҳнаи ба сӯрохии ДЗОТ-и тирбор худро партофтани қаҳрамон, ки онро бо ҷисми худ пӯшонад, то ҳамяроқонаш имкони пешрафт пайдо карда тавонанд, оғоз мешавад: «Сина бар фаввораи марг ӯ фиканд, // Маргро дам дар гулӯ гардид банд» [123, 216]. Пас, шоир дар панҷ мисраъ лаҳзаҳои охирини ҳаёти ӯро воқеиву шайъӣ ба қалам дода, баъдан руҷӯи худи қаҳрамонро меорад, ки хеле муассир аст. Аз ин руҷӯъ ҷаҳони ботинии қаҳрамон дарк мешавад, ки то чӣ андоза инсони меҳрубону ҷонфидои халқу Ватан аст. Ӯ дар ин руҷӯъ бо дӯстон, давлату мулки ҳуснобод, модару дилбар ва тифли худ видоъ карда, аз ҷумла, мегӯяд: «Аз чӣ, эй модар, худои муътабар, // Худ надодӣ боз як ҷони дигар, // То ба ин дастур(?) бимирам боз ман, // То бимирам боз чун сарбоз ман. // Алвидоъ, эй дӯстон ҷон медиҳам, // Ҷон барои Тоҷикистон медиҳам» [123, 216-17]. Дар охир шоир боз ба тасвири аввал – лаҳзаҳои охирини ҷон додани қаҳрамон баргашта, ду байти қаблиро бо як байти иловаи дигар меорад ва шеърро ҳалқабандӣ карда, ба мақтаъ мерасонад, ки бисёр хуб ҷо афтодааст. Махсусан, байти хулоса ҳусни мақтаъ аст, ки матлабро хеле шоиронаву муҷаз баён намудааст:

Қатра-қатра метаровад хуни дил,
Хуни дил не, гармии гулгуни дил.
Қатра-қатра меравад, ҷон аз бадан
Дар вафои халқу паймони Ватан.
Бар сари ин сина мегирад қарор
Санъати ҷонбозию ҳусни нисор [123, 217].

Як силсилаи дигари шеъри ғиноии шахсиятии Ғаффор Мирзо, аз ҷумла, «Ба назми рус» (с. 1960), «Дил» (Ба Артисти Халқии СССР Муҳаммадҷон Қосимов) (с. 1964), «Морро неш бояд канд» (ба Солженитсин, нависандаи рус, с. 1973), «Ба хотираи устод Мирзо Турсунзода» (Силсилаи шеърҳо) (с. 1977), «Мерано. 1. Корчной. 2. Карпов» (с. 1981), «Ба ҳастии ту хотирҷамъ ҳастам» (Ба хотираи фарзанди меҳнатӣ ва ходими барҷастаи халқи тоҷик ...Ҷаббор Расулов... с. 1982), «Галилей» (с. 1996) ба шахсият, унсур ва воқеаҳои фарҳангӣ бахшида шудаанд, ки назари шоир ба баъзеи онҳо мусбат ва ба баъзеи дигар манфист.

Ғаффор Мирзо дар шеърҳои «Корчной» ва «Карпов» ба воситаи тасвири мусобиқаи ду шоҳмотбоз барои соҳиб шудан ба унвони ҷаҳонқаҳрамонӣ шахсияти онҳоро офариданӣ мешавад, ки бинобар ғолибии афкори сиёсии қаблӣ бар ин шахсиятҳо, ки яке ҳамчун мардуди таркиватанкарда ва дигаре маҳбуби ҳамватан, арзёбӣ мешавад, дар дараҷаи ҳарфҳои публисистӣ мемонад. Тимсоли шахсиятеро, ки шоир дар шеъри «Морро неш бояд канд» аз нависандаи рус Солженитсин, ки баъд барандаи Ҷоизаи Нобел шуд, дар асоси ақидаи бебунёди сиёсӣ офарида буд, худи вақт аз эътибор соқит кард. Аммо шеъри дигари ғиноии шахсиятии ӯ «Ду олам обрӯ» (с. 1974), ки ба Мӯъсин Яъқубов, додарзанаш, ки раёсати Дорухонаҳоро ба уҳда дошт, бахшидааст, бағоят самимисту як саҳнаи ғамангез, вале хотирмонеро пеши назар муҷассам менамояд, ки аз он хулқу атвори ҳамидаи ин инсони некхоҳ ба хубӣ дарк мешавад. Ҳангоме ки ҳоҷатмандон, баъди бароварда шудани ҳоҷаташон ба шахсияти шеър аз ҳад зиёд миннатпазирӣ карданӣ мешуданд, ӯ ба ҳазл мегуфт:

–Агар бисёр миннатдор бошед,
Бимирам,
рӯзи дафнам гул биёред... [125, 69].

Ин некмард ҷавон дармегузарад ва рӯзи маргаш, на фақат тобут, балки ҳама атроф аз гулдастаи хайрбодомадагон саросар гулпӯш мегардад.

Ҳазорон марду зан,

пиру ҷавонро

Ҳамон як ҳазли гуфта бо тағофул

Ба пои тобути(?) он мард овард,

Ба дасти ҳар кадоме – дастаи гул [125, 69].

Дар мисоли ашъори ғинoии шахсиятии Ғаффор Мирзо ҳам дида мешавад, ки ҳангоми аз чаҳорчӯбаи мафкураи маъмулии иҷтимоию сиёсӣ берун рафта, ба ҳақиқати зиндагӣ бо чашми воқеъбин нигаристани шоир, шеъри ӯ на танҳо бори бештари маънӣ пайдо мекунад, балки тароватноку бадеътар ҳам сурат мегирад.

Ғаффор Мирзо дар баъзе шеърҳои худ, ки дар замони истиқлол эҷод шудаанд, ба таърих ва дастовардҳои фарҳангии халқамон рӯй оварда, онҳоро бо назари нав диданӣ мешавад. Шеърҳои «Шоҳнома» (с. 1997), «Баҳри Аҷам» (с. 1997), ки дар тамҷиди Фирдавсӣ ва асари безаволи гуфта шудаанд, аз ҳамин ҷумлаанд. Дар ин ду шеър ҷои сувари хаёлро бетар зикри андешаҳои муҷаррад гирифтааст, маълум мешавад, ки бо ин усул ҳам, агар ифодаи онҳо пуртабу тоб бошад, ҳамчунонки дар ин шеър ҳаст, шеърро то охир дар доираи таваҷҷуҳи хонанда нигоҳ доштан мумкин аст. Шеъри «Шоҳнома» аз бист байт иборат мебошад, ки аз оғоз, бе ҳеҷ исте, яъне бе ҳеҷ нуқтае ба охир мерасад. Он нуқтае, ки дар байт сездаҳум гузошта шудааст, дуруст нест, зеро амал давом дошта, шеър бо ҳамон суръат ва табу тоб ҷараён дорад:

Чу афтод Эрон ба пои араб,

Чу қоим бигашт иртиҷои араб,

Чу рӯҳу равони наҷиби каён

Бишуд истилои биёбониён... [126, 158].

Ҳамин тариқ, дар шаш байт аздастдодаҳои Эрону эрониён, ҳамчун аз миён рафтани афкори зардуштӣ, ғулому саиси аҷнабӣ шудани амиру вазиру раис, ба тақдир тан додани марду зани Эрон ва дастбурди истилогаронаи араб паи ҳам

зикр мешавад, ки он бар табу тоби сухан меафзояд. Аз байти ҳафтум, беист, дар давоми амалҳои пешин, ба майдони разм баромадани «қаламдасти тӯсӣ» оғоз мегирад:

Қаламдасти тӯсӣ баромад ба ҷанг,
Ба ҷанги ҳақирони рангобаранг,
Ба ҷанги фурӯмоягони ватан,
Ба ҷанги фаромушгарони куҳан,
Ба ҷанги хушомадчиёни араб,
Ба ҷанги лаъинони мансабталаб...
Баромад ба ҷанги чи кӯру чи кар,
Арабпарварони аҷамбехабар... [126, 158].

Ин зикр ҳам ҳафт байтро ташкил додааст, ки дар ниҳояти сӯзу гудоз аст ва пас аз он, боз ҳам беист, сифати силоҳе, ки қаламдасти тӯсӣ тарошид, яъне сифати «Шоҳнома» ибтидо мегирад, ки то ҷамъбасти шеър меравад:

Силоҳе тарошид озодавор
Зи рӯҳи мубориз, дами ифтихор,
Зи пӯлоди номусу алмоси нанг,
Зи бонги қиёму ҷарангоси ҳанг... [126, 158].

Шоир барои он ки суръати шеър ва табу тоби онро ҳамеша дар нуқтаи авҷ нигоҳ дорад, ташбеҳҳоро изофӣ, бе адот, «пӯлоди номус», «алмоси нанг», «бонги қиём», «ҷарангоси ҳанг» меорад ва ин сабк то анҷом давом мекунад ва дар ниҳоят хулоса гирифта мешавад: қаламдасти тӯсӣ аз нав «Қасри Аҷам» барпо кард, ки дасти парчамаш хома ва матояш «Шоҳнома»-и ӯст.

Бино гашт аз сар чу Қасри Аҷам,
Ба фарқаш парафшон бигашт ин алам,

Ки чӯби баландаш ҳамон хома аст,

Матоъи дурахшон-ш «Шаҳнома» аст [126, 159].

Ҳамин тариқ, мавзӯи шеъри ғиноии шахсиятии Ғаффор Мирзо гуногун буда, он шахсиятҳо ва воқеоти муҳимми таърихиву фарҳангии бостону муосирро дар бар гирифта, аксаран бо сабки вуқӯъгароёна ба қалам омадаанд. Дар онҳо табу тоби публисистӣ бар андешаву тасвир бештар афзалият доранд.

Шеъри ғиноии шахсиятӣ дар эҷодиёти Муъмин Қаноат аз давраҳои аввал мақом ва мухтассоте дошт, ки онро аз ашъори дигарон мутамойиз мекард. Пеш аз ҳама, шеъри ғиноии шахсиятии ӯ меҳвар дорад ва ин меҳвар танҳо номи шахс нест, чунонки дар бисёр ин навъ шеърҳо ҳаст, балки воқеаи ғиноие мебошад, ки эҳсосоту таассурот аз он сарчашма мегирад ва як ҳолу ҳавои муайянеро дорост. Ин хусусият қариб дар ҳамаи ашъори ғиноии шахсиятияш, аз ҷумла, дар ашъори ба ашхоси сиёсӣ, таърихӣ, саромади ҳизби коммунист – Ленин бахшидааш ҳам ба хубӣ мушоҳида мешавад. Новобаста аз он ки ин шеърҳо, масалан, «Ленин аз мост» (с. 1957), «Нури Ленин» (с. 1962), «Дасти пир» (с. 1962), «Дар паноҳи шохсорон» (с. 1965) чӣ ғоя ва мафкураеро ташвиқу тарғиб мекунанд, аммо аз ҷиҳати меҳвар, мавзӯи муайян, тасвири шайъӣ, ҳолу ҳаво, маҳал ва эҳсосоту таассуроти мушаххас доштанашон таҷрибаи беҳтаре дар гуфтани шеъри ғиноии шахсиятӣ ба шумор мераванд.

Муъмин Қаноат аз аввал ба чеҳраҳои илмиву фарҳангии таърихӣ ва муосир таваҷҷуҳ дошт, ки ӯро дар баробари эҷоди ашъоре дар ин мавзӯъ, баъдтар ба навиштани достон ҳам водошт. Шеърҳои ғиноии шахсиятии «Дар сафҳаи офоқ» (ба Рӯдакӣ, с. 1958), «Эй шоири Сомон» (ба Фирдавсӣ, с. 1959) аз ҳамин қабиланд. Баъдтар ӯ доир ба шахсиятҳои муосир ҳам шеърҳо гуфт, ки «Дӯстам!» (Барои Пӯлод Толис, с. 1962), «Барои ҳурмати мӯи сафедаш» (Барои Мирзо Турсунзода, с. 1963), «Шеъри қазоқ» (Барои Олжас Сулаймонов, с. 1963), «Дар сӯгвории устод Осимӣ» (с. 1995), “Олам ғазаломез шуд” (с. 1995), «Барои Лоиқ Шералӣ» (с. 2000)

аз ҷумлаи онҳо буда, ҳар яке махсусияти мавзуӣ ва бадеие доранд, ки онҳоро хотирмон мекунанд.

Дар шеъри «Дар сафҳаи офоқ» аз мондагории таърихии устод Рӯдакӣ, фазилати шоирӣ, шеър ва шахси ӯ сухан меравад. Ҳарчанд дар ин шеър номи Рӯдакӣ нест, аммо аз матн ба Рӯдакӣ бахшида шудани он, масалан, аз ду байти аввал дарк мешавад: «Ҳар оҳ, ки сар кашид аз синаи ту, // Аз он дили чок-чоки бекинаи ту, // Шуд шеъру ҷаҳони назмро гарм бисохт, // Бо нолаи рӯд дар ҷаҳон шӯр андохт» [103, 44]. Дар ин ҷо «Ҳар оҳ, ки сар кашид аз синаи ту» ба «Қасидаи шикоят аз пирӣ»:

Маро бисуду фурӯ рехт ҳар чӣ дандон буд,
Набуд дандон, ло бал чароғи тобон буд... [177, 55]. –

ва «Бо нолаи рӯд дар ҷаҳон шӯр андохт» ба рӯднавозии Рӯдакӣ ишорат дорад. Дар ин шеър дар байти «Ҳар сафҳаи ӯ гарм кунад оҳи туро, // Тасвир кунад чу зинда арвоҳи туро» [103, 44] ду нуқс мавҷуд аст, қофия бастани калимаи оҳ, ки бо «ҳо»-и ҳавваз ва арвоҳ, ки бо «ҳо»-и ҳуттӣ навишта мешавад, мебошад, ва дар ин ҳолат худ истифодаи калимаи арвоҳ дуруст нест, зеро он ҷамъи рӯҳ аст, ҳол он ки сухан аз як рӯҳ, рӯҳи Рӯдакист.

Шеърҳои «Барои ҳурмати мӯи сафедаш» (Барои Мирзо Турсунзода), «Шеъри қазоқ» (Барои Олжас Сулаймонов) ва «Давоми нек роҳатро» (Ба Владимир Луговской), ки ба шахсиятҳои зикршуда бахшида шудаанд, ба се тарз симои инсонию эҷодии онҳоро тарҳрезӣ менамоянд. Дар шеъри «Барои ҳурмати мӯи сафедаш» шахсияти Мирзо Турсунзода, ки ҳангоми навишта шудани ин шеър дар авҷи мақому эътибори шоирияш буд, ба воситаи аз ҷониби як шоири ҷавон, Муъмин Қаноат, баён шудани ҳисси эҳтирому икром офарида мешавад. Дар банди аввал шоир эҳтироми худро ба «мӯи сафед»-у «дили оинавор»-и ин шоири «мардумошно» ва баланд «чун чархи барин» баён ва баъдан иқрор мекунад, ки шеъри ӯро «ба роҳи хеш болу пар намуд»-а, шеъри худро ҳам аз он сар намудааст.

Дар банди севуми шеър таҳаммулнокии ӯ ба пуртаҳаммулии замин ташбеҳ карда шудааст, ки тозаву муносиб аст:

Барои ҳиммату номи баландаш,
Баландиҳои чун чархи баринаш,
Барои хоксориҳои покаш,
Таҳаммулнокии ҳамчун заминаш,
Қасам бар ҷону виҷдони ҷавонам:
Агар дар шеър қутби нав кушоям,
Аз он ҳар субҳ чун ахтар бароям,
Ба пеши пои ӯ таъзим(?) намоям! [103, 44].

Ин тарҳи маънавию ахлоқӣ аз шахсияти Мирзо Турсунзода аст, зеро «ҳиммату номи баланд», «хоксориҳои пок», «таҳаммулнокии ҳамчун замин», ҳама сифатҳое ҳастанд, ки ба олами маънавии зиндагии инсон тааллуқ мегиранд. Ин шеър дар қолаби чаҳорпора ва вазни ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (мақсур) гуфта шуда, изҳори таассурот оромраву таҳаммулнок аст, ки ҳамонанди хислати шахсияти шеър мебошад. Дар баробари он «Шеъри қазоқ», ки ба Олжас Сулаймонов бахшида шудааст, хеле суръатнок (динамик) сурат гирифтааст. Сабаби ин фарқият дар муҳтавои шеър аст. Шеъри аввал, ҳамчунонки қайд шуд, изҳори эҳтироми шоири ҷавон ба шоири маъруф аст, ки сабки сухани орому батааннӣ ва шеъри дуюм тасвири манзараи амали пурҳаракат аст, ки сабки сухани суръатнокро талаб мекунад. Аз ин рӯ, вазни шеър ҳам, ки аз баҳри хафиф асту аз афоилҳои **фоилотун мафоилун фаилун (фаълон)** ба ҳам меояд, барои ифодаи суръати тунд созгор аст, вале аз ин ҳам бештар дар ин ҷо сабки сухан мақом дорад, зеро сабк ба вазни орому оҳистарав ҳам метавонад, суръат бидиҳад. «Шеъри қазоқ» аз ҷиҳати қофия маснавист, ки **аа бб** қофия баста мешавад, вале аз ҷиҳати банду баст, чаҳор мисраи аввали он бо қофияи маснавӣ, аммо дар қолаби чаҳорпора аст, ки танҳо дар мисраи чаҳорум феъл дорад. Ин ҳама сужаи ғиноии шеърро суръатнок мекунад, ки муҳтаво талаб дорад, зеро ин шеър дашту дави

бодвори аспро, ки тимсоли шеъри Олжас Сулаймонов мешавад, бояд таҷассум бинамояд:

Аспу дашту савори човандоз,
Сабзаи навбаҳор – пойандоз,
Аз карон то карона зери назар,
Медавад асп –
Мевазад сар-сар [103, 45].

Ин шеър ба воситаи тасвири манзара – навбаҳори дашт; ашё – асп, дашт, сабза, савор; амал – дави асп, вазиши бод ва ҳама дар якҷоягӣ ҳолати шадиди пурҳаракатро пеши назар меоранд, ки вазифаи муайян намудани сифати шеърро дошта, аз чигунагии шахсияти шоири он ҳам дарак медиҳанд, зеро шеър чӣ гуна, шоираш ҳам ҳамон гуна аст. Дар байти оянда ҳам, ки аз иборатҳои канда-канда сохта шудааст, ташдиди оҳанги сухан нигоҳ дошта мешавад: «Рӯз дар ханда, // бод менолад, // Дил баровардa бол, // меболад» [103, 45]. Ин ҳама як манзараи зиндаву ҷондорест, ки дар зимн ба шеъри Олжас Сулаймонов шабоҳат мегирад. Дар байти «Шарфаи пои асп дар саҳро // Менавозад нағораи раҳпо» [103, 45] ташбеҳи пӯшидаи зебое ҷой дорад, ки, дар айни ҳол, шарфаи пои аспро ташхис ҳам кардааст, зеро навохтани нақора ба инсон хос аст. Дар ду байти оянда на ба тариқи тасдиқи рӯирост, балки аввал бо суол матраҳ шудани манзур ва баъд хулоса гирифтан, бар бадеияти шеър меафзояд:

Ин магар набз дар биёбон аст,
Ё ки оҳанги шеъри ҳассон аст?
Балки аз шеър ҳам зиёд аст ин;
Шеър не, дӯстон, ҳаёт аст ин! [103, 45].

Ҳамин тариқ, ба воситаи тасвири манзара, ашё, амал ва ҳолат тимсоли ғиноии шеър офарида шуд, ки ба шахсияти шоири он тааллуқ гирифт. Танҳо

нуқсе, ки ин шеър дорад, дар қофияи байти охир аст, ки аз рӯи талаботи қофияи суннатӣ «зиёд»-ро бо «ҳаёт» қофия бастан раво нест, вале умуман он аз беҳтарин шеърҳои ғиноии шахсиятии Муъмин Қаноат мебошад.

Шеърҳои «Ёд» (Барои акои Анвар, с. 1973), «Раис» (Барои Эначон Бойматова, с. 1973) низ ба навъи шеърҳои ғиноии шахсиятӣ мутааллиқанд, ки шахсияти онҳоро бо корномаи ҷангию меҳнатиашон муҷассам менамоянд.

Ғазале, ки Муъмин Қаноат «Дар сӯгвории устод Осимӣ» ва ҳафт рубоие, ки «Барои Лоиқ Шералӣ» ҳамчун марсия гуфтааст, шеърҳои ғиноии шахсиятиянд, ки аз ҷиҳати сувари хаёл ва балоғату фасоҳат, ба истиснои баъзе нуқсони ҷузъӣ, бар ашъори дигари ин навъ бартар мебошанд. Махсусан, «Дар сӯгвории устод Осимӣ» матлаи бадеъу пурмуҳтавое дорад:

Расид субҳу дамидӣ, дамон-дамон рафтӣ,
Чӣ рафтан аст, худоро, ба ҷовидон рафтӣ.
Фарози қомати ту моили камонӣ дошт(?)[3],
Магар ки тир шудӣ, аз хами камон рафтӣ [103, 119].

Дар мисраи аввал марги фоҷиабори устод Осимии беш аз ҳафтодсола, ки аз ҷониби душманони бехирадаш дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ сурат гирифта буд, бо ташбеҳи оличаноби пӯшида ва тазоди ғайричашмдошти фавқуллода муносиб, ки рафтани ӯро баробар бо дамидани субҳ, ки гӯё дамон-дамон меравад, ҳол он ки субҳ дамон-дамон меояд, монанд мекунад, ҳолати тазоднокеро пеши назар ҷилва медиҳад, ки рафтани ӯ омадани субҳ тасаввур карда шавад. Воқеан, ба ҷовидон рафтан ҳамин тавр бояд сурат бигирад, ки шоир ҳам дар мисраи баъдӣ мегӯяд: «Чӣ рафтан аст, худоро, ба ҷовидон рафтӣ».

Муъмин Қаноат аз давраҳои аввали эҷодиёташ дар мавзӯъҳои хориҷӣ шеърҳо мегуфт, ки дар байни онҳо шеърҳои ғиноии шахсиятӣ ҳам буданд, масалан, шеъри

[3] Таъбири «моили камонӣ дошт» услубан дуруст нест, ё «моили камонӣ буд», ё «майл бар камонӣ дошт» бояд гуфта мешуд. (А. Ҳ.)

«Ба Манолис Глезос» (с. 1961), ки ба роҳбари ҳаракати озодихоҳии мардуми Юнон бахшида шудааст, аз ин қабил аст. Минбаъд, дар давраи баркамолияш ҳам аз ин навъ шеърҳо гуфтааст, ки бештари онҳо дар бораи мавзӯъ ва шахсиятҳои кишварҳои Шарқ, аз ҷумла, Афғонистон мебошанд. Дуруст аст, ки ӯ ба мавзӯъ ва шахсиятҳои Афғонистон, на ба чун мавзӯъ ва шахсиятҳои хориҷӣ, балки ҳамчун ба мавзӯи худӣ ва бародарони худ бархӯрд мекунад. Аз ин рӯ, ҳиссиёту таассуроташ дар ин шеърҳо баланду муаассир аст. «Биё» (Эҳдо ба Бурҳониддин Раббонӣ, с. 1992), «Ки Масъуд зодаст чархи баринаш» (с. 1995), «Тарҳи Зобул» (с. 1995) шеърҳое ҳастанд, ки бо истифодаи шаклҳои гуногуни бадеӣ шахсият, хислату хӯ ва корномаи зиндагии онҳоро мавриди тасвиру ифода қарор додаанд. Ҳар се ин шеър дар қолаби ғазал гуфта шудааст. Ғазали «Биё», ки ба собиқ Раиси Ҷумҳури Афғонистон Бурҳониддин Раббонӣ, фарди рӯҳонӣ бахшида шудааст, бештар оҳанги маънавӣ дорад, ки аз оғозаш ҳам пайдост:

Ба сӯи колбади хонаҳо салом биё,
Ба остони садомурда чун калом биё.
Деворҳо, ба сӯи само лоба мекунанд,
Ки эй фariштаи раҳмат, ба пардабом биё [103, 110].

Ва дар ин ғазал мисраъҳое, ба монанди, «Зи баҳри дон бигузар, аз фарози дом биё... // Нишон чӣ металабӣ, дар суроғи ном биё... // Ба поси рӯҳ биё, ишқро давом биё» [103, 110] далели он гуфтаҳои боло ҳастанд, ки ҷилваҳое аз маъниҳои орифона медиҳанд. Аммо мисраи сеюми иқтибосшуда «Деворҳо, ба сӯи само лоба мекунанд» [103,110], ки ҳеҷ иртиботе ба вазни ин ғазал (**мафоилун фаилотун мафоилун фаълун** У – У – / УУ – – / У – У – / – – ) надорад, боиси таҳайюр мешавад, ки шоир бо чӣ далел ин корро мекунад?! Ҳеҷ ҷавоби мантиқие ба он пайдо нест.

Ду ғазали дигар «Ки Масъуд зодаст чархи баринаш» ва «Тарҳи Зобул», ки мавзӯашон ифодаи шахсият ва корномаи Аҳмадшоҳи Масъуд аст, чеҳра ва олами ботинии ӯро рӯҳониву ҷанговарона муҷассам менамоянд. Ғазали аввал аз нуҳ

байт иборат аст, ки дар вазни мутақoриби мусаммани солим – **фаӯлун фаӯлун фаӯлун фаӯлун** навишта шудааст. Азбаски вазни мутақориб бештар дар эҷоди ҷангномаҳо истифода мешавад, шоир барои он ки ба эҳсосоти ғиноии худ оҳанги ҳамосӣ диҳад, аз ин вазн истифода мекунад. Ғазал жанри ғиноист, онро дар вазни ҳамосӣ гуфтан далели он аст, ки шоир мехоҳад ин ду навъи эҳсосотро ба ҳам даромезад, то симои қаҳрамонашро аз ду ҷиҳат – ботиниву зоҳирӣ ба қалам оварда тавонад. Ғазал чунин оғоз мешавад:

Чӣ шак дар набарди замону заминаш,
Ки Масъуд зодаст чархи бaринаш.
Ҷиҳоди варо ҳар касе кам бубинад,
Ки дар бурҷи симурғ бошад каминаш [103, 114].

Манзури шоир дар ин ду байт таъкиди он аст, ки тамоми замину замони Масъуд, ҳама, дар набарди ватанхоҳӣ ва озодиталабӣ мегузарад ва ҷиҳоди варо ҳеҷ касе кам дида наметавонад, чунки он дар баробари бурҷи симурғ мебошад, ки дар улвияти рӯҳонӣ қарор дорад. Вале ин маънӣ ифодаи дурусти худро наёфтааст, зеро дар мисраи севум ҳарфе ба монанди чун, чӣ гуна, чӣ сон намерасад, то ин маъно саҳеҳ баён шавад. Агар, масалан, мисраъ ин тавр сохта шавад: Ҷиҳоди варо кас чӣ сон кам бубинад, // Ки дар бурҷи симурғ бошад каминаш, дар ин ҳолат маънои манзур дуруст ифода мегардад. Дар байти оянда шоир назари маънавии худро ба шахсияти Масъуд бо чунин суханҳо изҳор менамояд: «Аҷаб хирасарҳо, аҷаб бебасарҳо, // Надиданд нури набӣ дар ҷабинаш» [103, 114]. Иборaи нури набӣ, ки маъмулан ба пайғамбар, расул, фиристодаи Худо нисбат мегирад, ба шахси Масъуд итлоқ гашта, ба он ҷилваи маънавӣ медиҳад. Ҳамин тариқ, сифатҳои маънавию ҷанговарона барои тасвири чеҳра ва ифодаи ботини қаҳрамон бо ҳам меоянд. Масалан, дар ин байт бо муроҷиат ба Худо шоир мегӯяд:

Агар Рустами дигаре офаридӣ,

Накардӣ савора ба Рахшу ба зинаш [103, 114].

Ин тарҳе ба симои ҷанговаронаи ӯст ва дар байти минбаъда ба он меафзояд: «Магар Рахши ӯ меравад з-осмонҳо, // Ки ояд гаҳе шиҳаҳои маҳинаш» [103, 114], ки таъбири маҷозии аз осмон омадани шиҳаҳои Рахш онро боз ба олами боло, маънавӣ мепайвандад. Байти мақтаъ ҳам ба ду муҳит – моддиву маънавӣ мутааллиқ будани ҷиҳоди Масъуд ва шахсияти ӯ таъкид мекунад:

Ватан буд умре шиори ҷиҳодаш
Ки бодо бақодор дунёву динаш [103, 114].

Дар ғазали дуюм ҳам шахсияти Масъуд ба ҳамин ду тарз офарида мешавад, ки масалан, мисраи «Аз фазои шуми истеъмор боло сар кашид» бар ҷиҳоди иҷтимоӣ ва «Он ки аз доираи(?) имони худ берун нарафт» бар ҷиҳоди маънавии ӯ далолат мекунанд. Дар ин ғазал сифатҳои инсонии Масъуд дар байтҳои «Он ки дар мардиву номардӣ баландовоза шуд, // Хешро аз хок паст, аз кӯҳ болотар кашид...// Он ки хоки хоксорӣ тӯтиёи чашм кард, // Пой дар сангар ниҳоду даст аз минбар кашид» [103,115], хеле муносиб, бо истифодаи сувари хаёл, ташбеҳу тазоду муқобила, бадеъу хотирмон ифода шудааст.

Муъмин Қаноат дар тасвиру тамҷиди шахсият ва корномаи Аҳмадшоҳи Масъуд, қаҳрамони миллии мардуми Афғонистон, на фақат ин ашъори ҷудогона, балки бо номи «Масъуднома» (с. 2006) ҳафт шеър навишта, худ дар оғози он чунин мегӯяд: «Ин ҳамоса ҳафт номаи сарбамӯҳр, розҳои ботинии Аҳмадшоҳи Масъудро ба хонанда мерасонад... Ӯ қаҳрамони марказии достон, симои бадеӣ ва ормонӣ аст» [103, 360]. Азбаски мавриди таҳқиқи ин рисола ашъори ҷудогонаи ғиноист, бинобар он дар ин ҷо танҳо бо зикри он ки симо ва шахсияту корномаи Аҳмадшоҳи Масъуд дар эҷодиёти Муъмин Қаноат муддати дарозе дар мадди назар будааст, иктифо карда мешавад. Вале, дар айни ҳол, як нуктаро қайд кардан зарур ба назар мерасад, ки дар иқтибоси боло вожаи «ҳамоса»-ро ба маънои луғавияш: диловарӣ, далерӣ ва шуҷоат бояд фаҳмид, на ба мафҳуми

истилоҳияш ҳамчун навъи адабӣ, яъне эпос, зеро ин ашъор, агар дар якҷоягӣ достонро ташкил диҳанд ҳам, он ғиноиву ҳамосист, балки мухтассоти ғиноияш бештар аст, ки худ муаллиф ҳам сифати асосии онро чунин изҳор медорад: «...розҳои ботинии Аҳмадшоҳи Масъудро ба хонанда мерасонад». Расонидани розҳои ботинӣ аслитарин сифати навъи ғиноист, ҳикоят аз воқеоти олами хориҷ мансуби навъи ҳамосӣ мебошад. Вале куллан бояд гуфт, ки «Масъуднома» зинаи баландтаре дар тасвиру тавсиф, ифодаи шахсият ва корномаи ин қаҳрамон аст.

Пешгӯӣ дар адабиёт на ҳамеша дуруст воқеъ мешавад, зеро ҳар чизе, ки дар он ба вуқӯъ меояд, дар замири эҷодкор рушд мекунад ва ҳеҷ кас наметавонад аз замири каси дигар огоҳ бошад, то замоне, ки он нафар худ дар он бора сухан нагӯяд. Вале ҳангоме ки он чиз ба вуҷуд омад, яъне асар навишта шуд (дар айни ҳол сухан дар бораи эҷодкор ва асари асил меравад), он дар муҳите, ки ба вуҷуд омадааст, бегонагӣ намекунад, зеро эҷодкор ниёзи таҳтонии ҷомеаро, на танҳо амалан, балки шуҳудан ҳам ҳис мекунад ва ба он ҷавоб мегӯяд. Ашъор ва достони Муъмин Қаноат дар бораи Аҳмадшоҳи Масъуд ҳам, на танҳо талаботи ботинии худи шоир, балки иқтизои ҷомеаи тоҷик ҳам буд, зеро ҷомеаи тоҷик, ки давлати навини худро месохт, ниёз бар ситоиши қаҳрамонии ҷонфидоёна барои Ватан ва ташвиқу тарғиби арзишҳои миллӣ дошт, ки онро Муъмин Қаноат дар симои Аҳмадшоҳи Масъуд дид ва ифода кард. Бинобар, он ашъор дархӯрди ҳар ду ҷомеаи мардуми тоҷик – Тоҷикистон ва Афғонистон ба қалам омад.

Дар шеъри нимаи дуюми садаи бист паи ҳам ба вуҷуд омадани як силсила ашъори ғиноии шахсиятии Қутбӣ Киромро, ки баъдан дар шакли як маҷмӯаи «Дили бародар» (с. 1985) нашр гардид, низ ҳамин тавр метавон маънидод кард. Ин шеърҳо асосан дар солҳои 60-80 қарни бист навишта шудаанд, солҳое, ки Тоҷикистон ҳам дар соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва ҳам сиёсиву фарҳангӣ дастовардҳои назаррас дошт, ки дар он саҳми шахсиятҳои барҷастаи ин соҳаҳо муҳимм буд. Ба замми ин, дар он давра иртиботи фарҳангии кишвар бо дигар ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ ва кишварҳои ҷаҳон густардатар мегашт, ки бинои шиносоии бештари дуҷонибаро фароҳам меовард. Бинобар он, аз ҷониби шоире, ҳамчун Қутбӣ Киром, ки муҳтавои асосии эҷодиёташ иҷтимоист, аз ҳама бештар

навишта шудани ашъори ғиноии шахсиятӣ, ки ба пешгомони ин соҳаҳо, ҳам дар дохил ва ҳам берун аз кишвар, бахшида шудаанд, як амри табиӣ ба назар меояд.

Дар тафовут аз дигар шуарои ҳамзамонаш, дар байни ашъори ғиноии шахсиятии Қутбӣ Кором, шеърҳое, ки ашхоси сиёсии баландмартаба, аз ҷумла, Ленину Сталин ва монанди онҳоро тавсифу тасвир кунанд, қариб дучор намеоянд, ба ҷуз достони «Посбони мақбара» (Сангпул, с. 1980), ки дар тавсифи Ленин ва сарбози тоҷик – Даврон, ки посбонии мақбараи ӯро мекунад, навишта шудааст. Шеърҳои ғиноии шахсиятии ӯ, агар чеҳраи ҳизбиёни коммунистро тасвир карданӣ бошанд, асосан коммунистон – роҳбарони ноҳияҳо, хоҷагиҳо ва ё коммунистони қаториро, ки дар бунёдкориҳои кишвар бевосита иштирок доштанд, мавриди нигориш қарор додаанд. Як хусусияти дигари баъзеи ин шеърҳо дар он аст, ки дар онҳо шахсиятҳои тавсифшаванда, бе зикр ва ё таъкиди маҳз коммунист будани онҳо, балки ҳамчун роҳбар ва ё шахси заҳматкаш, тавсиф карда мешаванд. Масалан, шеъри «Роҳи дил» (Илҳом, с. 1968), агар хонанда худ надонад, ки Сиддиқ Зарифов роҳбари ҳизбии ноҳия буд, ки шеър ба ӯ бахшида шудааст, дар ҳеҷ мисраъ ба ин маънӣ ишора нест. Вале дар шеърҳои «Коммунист Салимов», «Коммунист Абдураҳмон Иноятов» (Чашми дил, с. 1976) коммунистии ашхоси тасвир ҳатто дар унвони шеърҳо ҷой гирифтааст. Ин нуктаро ҳам бояд қайд кард, ки дар маҷмӯаи «Дили бародар» (с. 1985) ин шеърҳо бо ҳамин унвон, «Нафаси озод», ки соли 1992 нашр шудааст, ҳар дуи ин шеър дар дохили «Дафтари Яғноб», шеъри аввал бе калимаи коммунист ва шеъри дуюм умуман бе ном чоп шудааст. Дар мунтахаби ашъори «Минбари виҷдон», ки мураттибаш Гулназар мебошад, шеъри аввал ҷо наёфта, шеъри дуюм бо номи нахустинаш омадааст. Аммо муҳим он аст, ки чеҳраи ин шахсиятҳо дар заҳмати ҳаррӯзаи бунёдкориашон табиӣ ва дилчаспу бадеъ тасвиру ифода гаштааст. Масалан, дар шеъри «Коммунист Абдураҳмон Иноятов», дар тавсифи шахсияти ғиноӣ, ки дар обшор кардани даштҳои Мирзочӯл саҳми сутуданӣ дорад, аз ҷумла, чунин мегӯяд:

Ончунон бо дили пур гом занад дар дили чӯл,

Гӯӣ(?) дунёгару дунёвару дунёдор аст.
Тифли ҳафтоду ду миллат писарони падараш,
Ғаму шодии ҷаҳонро дили ӯ бозор аст [86, 205-06].

Ӯ маънои ҳастии худро дар меҳнат мебинад, ки дар суҳбати худ бо шоир ҳам ин манзурро ба забон меорад: «Гуфтамаш: – Хеш чӣ мехоҳӣ(?) ба дӯст? // Гуфт: – Эҳсоси баланду меҳнатрӯзӣ!» [86, 207] Дар ашъори ғиноии шахсиятии Қутбӣ Киром офаридани чеҳраи инсони заҳмат – ботинию зоҳирӣ дар мақоми аввал аст. Дар ҳамон ашъори «Дафтари Яғноб» шеъри «Деҳқони яғнобӣ» барои Нурулло Нуров, деқони одӣ, навишта шудааст, ки, аз ҷумла, мегӯяд: «Субҳ ояд, рӯ ба саҳро мекунам, // Чун шафақ таъмири дунё мекунам. // Саҷда меорам ба даргоҳи замин, // Бахти худ аз хок пайдо мекунам» [86, 208]. Танҳо зикри нопурраи номи шеърҳои шахсиятии шоир кофист, ки дар эҷодиёти ӯ то чӣ андоза мақоми бартар бар дигарон доштаи инсони заҳматкаш аён шавад: «Ёди дӯст» (Рези кӯҳсор, 1970, с. 62-64) ба хотираи Регезови лвовӣ, ки ба дашти қазоқ барои парвариши гандум омадааст, «Шеъри оламгир» Ба Устомиршарифи урметанӣ, ки бинокор будааст (Остони баланд, 1972, с. 102), «Минбар» Ба Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, сардори бригадаи пахтакории колхози ба номи Томини райони Восеъ Ҳасан Қурбонов (Ҷонфидо, 1978, с.76), «Деҳқони пир» Ба аввалин муҳоҷироне, ки водии Вахшро кони «тиллои сафед» кардаанд (Ҷонфидо, с.78-79), «Ба Шоҳмуҳаммад Шоҳмуродов» (Ҷонфидо, с. 90), «Барои устои санги мармартароши Ленинобод Муртазохон Ибодуллоев» (Сангпул, 1980, с.45-46), «Барои Абдуғафур Самадов» (Ду карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ) (Дили databaseдар, 1985, с. 22), «Марди Дилварзин» Барои Мирзо Азизов (Нишот, 1986, с. 142). Шоир манзури худро аз инсони меҳнатӣ дар шеъри «Ба Шоҳмуҳаммад Шоҳмуродов» умуман чунин баён менамояд, ки дар ашъори дигараш мушаххасан тасвиру ифодаи бадеии худро меёбад:

То ҷустуҷӯст хислати мардони меҳнатӣ,
Оинарӯст қисмати мардони меҳнатӣ.

Аз шаш ҷиҳат ба олами пуркору сахтгир
Номи накӯст давлати мардони меҳнатӣ [80, 90].

Як зумра ашъори дигари ӯ ба шахсиятҳое бахшида шудаанд, ки шоир бо онҳо дӯстӣ доштааст ва ё хуб мешинохтааст. Дар ин навъ шеърҳо ӯ бештар аз ҳамон фазилатҳои онҳо сухан мегӯяд, ки хоси мардуми маҳал ва ё тамоми миллат буда, дар баробари мушаххас намудани чеҳраи онон, симои таъмимии мардуми маҳал ва ё миллатро низ тарҳрезӣ мекунад. Дар шеърҳои «Меҳмонхона» (Барои А. Насимов), «Фалғар» (Барои Ёрмурод), «Уротеппа» (Барои Ҳабибулло Саидмуродов), «Дӯсти мастчоҳӣ» (Барои Наврӯз Раҷабов) ҳамин тарзи офариниши чеҳраи шахсиятҳо ба кор гирифта шудааст. Масалан, дар шеъри «Меҳмонхона», ки барои А. Насимов навишта шудааст, сухан аз яке суннатҳои мардуми тоҷик аст, ки ҳангоми хонасозӣ ҳатман барои меҳмон меҳмонхона месозанд, ки иззати ӯро нигоҳ дошта тавонанд. Ин маъно чунин адо карда мешавад:

–Ё, раб, зи рӯи меҳмон, пурнур кун ин кӯю дар,
Бикшо дари дилҳои мо бар рӯи меҳмон чун саҳар.
Мо бар умеди лутфи ту, парвардигоро, лутф кун!
–Лутфи худо – меҳмон, бувад як умр бар тоҷикписар [83, 24].

Дар шеъри «Фалғар», ки Барои Ёрмурод эҷод гаштааст, низ барои рехтани тарҳи шахсияти шеър аз фазилатҳои мардуми маҳал, аз ҷумла, аз мӯйсафедоне ёд карда мешавад, ки «Печида дар хоне ду нон ду чашм сӯи меҳмон...» [83, 26] як умр дар қади роҳ нишастаанд. Дар шеъри «Ӯротеппа», ки барои олим Ҳабибулло Саидмуродов аст, низ чеҳраи шахсияти шеър ба ҳамин услуб офарида шуда, дар зимн аз ҳунари мардуми ин маҳал, ки овоза ёфтааст, аз кордҳои хуб сохтани онҳо сухан меравад: «Тез чун хуни ватандорию номусу шараф, // Кордсозони ту теғ аз гули оҳан карданд» [83, 34]. Дар ҳар шеър чӣ гуна тарҳрезӣ шудани шахсияти шеър ба касбу кор, хулқу атвор ва рафтору кирдори фард ва манзури эҷодии

шоир вобаста аст, ки кадом ҷиҳати шахсиятро мавриди намуна қарор доданист. Бинобар ин, шахсиятҳо баъзе ҷиддиву усулӣ ва баъзеи дигар шӯху ҳазлкаш ба қалам дода мешаванд, ки, аз як ҷиҳат, воқеияти ҳастии онҳо бошад, аз ҷиҳати дигар, далели ҳунари зарофат доштани шоир аст. Ин хусусият дар ашъори «Пазмонӣ» (Барои тағои Шароф), «Ба пахтакори райони Москва Абдул Кенҷаев», «Ба пахтакори машҳур Кулӯх Бодомов», ки чеҳраи ин шахсиятҳоро бо сифатҳои ҳазлкашиву шӯхиашон тарҳрезӣ менамояд, ба назар мерасад. Шахсияти тағои Шароф, дар шеъри «Пазмонӣ», аз ҳамин гуна дидгоҳ мавриди назар қарор гирифта, дар бораи ӯ, ки «дар нимароҳи зиндагӣ» аст, аз забони худи ӯ, аз ҷумла, чунин суханҳое гуфта мешавад, ки агар замоне ҳақиқат дошта бошанд ҳам, дар ин синну сол аз онҳо танҳо ба оҳанги зарофат сухан гуфтан мумкин аст: «Бар мӯи пушти духтарон, // Ҳарфи дурушти духтарон, // Бар зарби мушти духтарон, // Пазмон шудам, // Пазмон шудам» [83, 8]. Зиндагӣ ва шахсиятҳои он ҳар қадар бо паҳлуҳои гуногун ба қалам оварда шаванд, эҷодиёти шоир ҳамон қадар ҷолиби таваҷҷуҳ хоҳад буд, зеро зиндагӣ ва мардум, на танҳо дар адабиёт, балки дар воқеият ҳам, бо ҳаррангии худ арзиш пайдо мекунанд.

Дар эҷодиёти Қутбӣ Кином шеърҳои ғиноии шахсиятӣ, ки чеҳраи адибону ҳунармандону фарҳангиёни тоҷик, собиқ халқҳои шӯравӣ ва хориҷиро нигориш мекунанд, на камтар аз намояндагони соҳаи заҳмат ва мардуми одӣ мақом доранд. Ӯ дар тасвиру тавсифи шоирон, адибону олимон Нақибхон Туғрал, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Муҳаммад Осимӣ, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Раҳим Ҷалил, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ашӯр Сафар, Муъмин Қаноат ҳунармандон Тӯҳфа Фозилова, Барно Исҳоқова, Ҷӯрабек Муродов, адибони халқҳои бародар Сергей Есенин, Олҷаз Сулаймонов, Қайсин Қулиев, Александр Вампилов, Виктор Боков ва шоирони кишварҳои хориҷӣ Пабло Неруда, Файз Аҳмад Файз, Муин Бсису ва дигарон бо рангу оҳангҳои гуногун шеърҳо гуфтааст, ки ҳар яке ин ё он ҷиҳати шахсият ва ё эҷодиёти онҳоро таҷассум менамояд.

Дар ин шеърҳо муаллиф аз масъулияти шоир, қадру қимат, азобу изтироби ӯ сухан ронда, ӯро гоҳ ҳамчун шахси заминӣ, ба сабки тасвири вуқӯъгароёна ва гоҳ ҳамчун фарди бартар аз воқеият, ба сабки нигориши хаёлпардозона падидор

месозад. Агар онҳо ҳамчун нома ва пайғом ба шоири барҳаёт навишта шуда бошанд, сухани Қутбӣ Киром рангу равғани хаёлпардозона дошта, қудрати шахсияти шеър ва ё муаллиф – шоир бартар аз воқеият аст, вале агар онҳо баъди даргузашти шоир, ҳамчун марсия навишта шуда бошанд, сабки сухан вуқӯъгароёна, ба олами ҳастӣ ва зисту зиндагонӣ наздиктар аст. Масалан, ин нуктаро дар ду шеъре, ки Қутбӣ Киром ба Мирзо Турсунзода навиштааст, ки яке «Пайғом ба Мирзо Турсунзода» ва дигаре «Ба ёди Мирзо Турсунзода» аст, метавон мушоҳида кард. Шеъри аввал, ки шахсияти шеър – Мирзо Турсунзода ва худи шоир – Қутбӣ Киромро ҳамчун шикананадаи гунбади гардун, роҳбанди тундару тӯфон, обкунандаи завлона ва монанди ин қудратмандиҳо намудор месозад, бо иғроқу муболиғаҳо эҷод шуда, сабки олӣ ва диди хаёлпардозона дорад:

Мо шоирони гунбади гардун шикастаем,
Бо шеър роҳи тундару тӯфон бубастаем.
Расми худотарошиҳо(?) бекор кардаем,
Аз мазҳаби паямбарон(?) бебок растаем [83, 96].

Шеъри дуюмро, ки сӯгномаи даргузашти шоир аст, мавзӯъ ва ашёи тасвир заминӣ, сабк воқеанигорона буда, дар он аз ноларезии чӯпони ҳисорӣ, ашки чашми деҳқон, саволи ногаҳонии фарзандон сухан меравад. Дар шеъри аввал, агар ҳисси ифтихор аз шахсияти шеър ва худ – шоир, ҷӯш занад, дар шеъри дуюм дарду алам аз даргузашти шахсияти шеър, ки шоир асту имдодгари мардум мебошад, касро дилхун мекунад. Ҳисси қудрату ифтихор шоирро ба осмон – ба фазои хаёлпардозонаи тасвир мебарад, дарду ғами марг ва ҷудоӣ ӯро ба замин – ба маҳалли нигориши вуқӯъгароёна меорад, ки ӯ ҳатто ба сабки гуфтугӯ мегузарад:

–Бобӣ,(?) Турсунзода чун аст?
Кай расад ӯ аз сафар?

Ман чӣ мегӯям, агар пурсанд фарзандони ман? [83, 93].

Дар шеъри якум, ки дарё барои шукуфонидани чӯл ба он восил гашта буд, дар шеъри дуюм «нола дигар мекунад» ва муаллифи шеър низ аз даргузашти шоире, ки барои бедории қитъаи Осиё хидмат карда, ҳоло ба хоби абад рафтааст, ба нола медарояд:

Осиё бедортар шуд, ту чаро хуфтӣ, падар?
З-ин алам аз баҳри чӣ бар мо намегуфтӣ, падар?
Обаки Варзоб имшаб нола дигар мекунад,
Ту магар кухро ба оҳанги дилат суфтӣ, падар? [83, 93].

Нолаи обаки Варзоб нолаи ӯст, таваҷҷуҳ шавад, ҳатто об не, обаки Варзоб, ки чандин тобиши маъноӣ пайдо мекунад. Обак, яъне аз ғам кам шудан, хушк шудани Варзоб, оби Варзоб ҳам ғамзадаи марги шоираш аст, ки муаллиф барои самимият ва ҳамдардияшро изҳор кардан ба он – обаки Варзоб, мегӯяд, яъне азизи ман астӣ, ман ҳамдарди туам, ту ҳам ҳамдарди ман астӣ.

Шеърҳои ғиноии шахсиятии «Пабло Неруда» – марсияи вафоти шоир, «Файз Аҳмад Файз», «Муин Бсису» аз шеърҳое ҳастанд, ки дар онҳо мақоми иҷтимоии шоир дар мадди аввал буда, тарҳи шахсияти онҳо аз рӯи саҳми гузоштаашон дар озодиву ободии иҷтимои башар ба назар намудор мегардад. Масалан, шахсияти Пабло Неруда, шоири озодихоҳ ва ҷаҳоншумули Чили, маҳз бо ҳамин гуна тарҳҳо офарида мешавад, ки ӯро парчамбардори бахту саодати миллаташ нишон медиҳад. Сифати иҷтимоӣ дар ин ҷо ба фазилати шахсӣ мубаддал мешавад:

Баҳр буду валек ӯ ташна,
Ташнаи бахти халқу исмату нанг.
Парчами дасти миллаташро ӯ
Дод бо хуни синаи худ ранг [83, 97].

Аммо дар баробари ин яке аз беҳтарин шеърҳои ғиноии шахсиятии Қутбӣ Киром «Ба Сергей Есенин», ки ба ин шоири маъруфи рус бахшида шудааст, тарҳи чеҳраи инсониву эҷодии ӯро аз рӯи ашъори худи Сергей Есенин меофарад, ки бисёр дилчаспу марғуб аст, зеро ашъори ин шоир худ ҳамин гуна дилфиребу дилнишин аст. Шеъри ӯ чеҳраи шоиронаи кишвари рус, кишвари «Шаби маҳтобу наҳри мӯи тилло», «дилпарастони гуландом», «ҷангалу анҳору саҳро», бешаҳои «монанди Одам тавозӯъпешаю дилҷӯю соҳир» мебошад, ки шоир, Қутбӣ Киром, ворисн шеъри Рӯдакӣ, «ҳар буттагул, ҳар санг, ҳар барг»-и онро ҳамчун шеъри Рӯдакӣ ба хотир мегирад ва аз ҳамаи ин манзараҳо «ҳароратнокии шеъри» ӯро ба ҷон ҳис менамояд. Сиришти инсонӣ ва эҷодии ин ду шоир, Сергей Есенин ва Қутбӣ Киром, ба ҳам шабоҳатҳое доранд, агар Сергей Есенин пеш аз ҳама шоири марғзорони паҳноварн зодгоҳаш – Рязан бошад, Қутбӣ Киром шоири водии Зарафшону кӯҳистони Фалғар аст, агар Есенин ошиқи наҳри мӯи тилло бошад, Қутбӣ дилдодаи ёрест, ки «бӯи гулу бӯи саҳар мекунад» ва ҳар ду ҳам хидматгузори ҷоми шаробанд, ки занги дилҳоро тоза мекунад. Шояд ҳамин сабаби хешовандии сириштҳост, ки ин шеър ниҳоят самимӣ, зебо, тару тоза буда, баробари тарҳрезии шахсияти Есенин дар як замон шахсияти Қутбиро низ намудор месозад. Дар шеър ба санадҳои зиндагии Есенин, масалан, сафари Эрон хостан ва силсилаи шеърҳои «Савтҳои Шероз»-ро навиштан, қартабозиҳои ӯ, ишораҳои нозуке ҳастанд, ки онҳоро розноку шоирона ҷилвагар менамоянд. Ду банди охир ин маъниҳоро шакли бадеъии хубе дода, он нуктаро ҳам гӯшзад менамояд, ки сармастиҳои шоирона аксаран аз ҳушёриҳо, аз дарки масъалаҳои мағшуши замон ҳастанд, ки онҳоро нодида набояд гирифт:

Биё, шоир, ту май дар соғар андоз,
Ба мастӣ хуш бувад бикшодани роз.
Сари суҳбат кушо, то бар ту хонам,
Зи шеъри пухтаи риндони Шероз.
Биё, нӯшем, то дигар нагӯянд,
Ҷаҳон чун қартаву шоир қиморӣ,

Замон худ нағз медонад, ки моро
Ҳама мастӣ бувад аз ҳушёрӣ! [83, 106].

Ғазалҳои «Чун қулла баландам» (Ба Ҷӯрабек Муродов), «Барои Барно Исҳоқова» аз ашъори шахсиятии аз ҷиҳати шаклу мазмун комиле ҳастанд, ки дар ин қолаб гуфта шуда, моҳияти шахсият ва эҷодиёти ин сарояндагони мумтозро ҳунармандона нишон медиҳанд. Дар ғазали «Чун қулла баландам» шахсияти шеър Ҷӯрабек Муродов аст, ки дар чаҳор байти аввал худ дар бораи худ сухан мегӯяд, ки бештар ҳикояти ҳампайвандии ӯ бо муҳите мебошад, ки аз он ҷо бархостааст. Шоир дар ин ҷо меъёр нигоҳ медорад ва шахсияти ғиноӣ на худ ва ҳунари худ, балки тавсифи кӯҳу рӯду чашмаву кабку шоҳин – ҷузъиёти табиати ватанашро карда, бо ҳамин усул ба онҳо сипосгузории худро баён менамояд, ки сарчашмаи ҳунари ӯ буда, ба сурудаш бол додаанд. Шоир ҳамчун шахс ба ғазал аз байтҳои панҷуму шашум ворид шуда, тавсифи ҳунармандро мекунад, ки бо муболиғаву иғроқ хуб ҷо афтодааст:

Аз созу наво об шудам, ҷӯш задам ман,
З-ин об магар оби Зарафшон нафузудаст?
Овози ту бардошта чун қулла баландам,
Ин шева, магар шеваи ёрони Куруд аст? [83, 101].

Дар ғазали «Барои Барно Исҳоқова» шоир аз аввал суханро аз забони худ «ман» гӯён оғоз карда, ба тавсифи ҳунари сароянда мепардозад, ки бо шунидани садои ӯ дигар дар дунё намегунҷад: «Ман дар ин дунё, намегунҷам ба дунёи дигар, // Ҷуз ту Барно нест дар ман завқи барнои дигар» [83, 102]. Ин ғазал, ки аз дувоздаҳ байт иборат аст, чеҳраи эҷодии сарояндаро ба воситаи тавсифу таҳсин ва ёдоварӣ аз савту мақомҳое, ки мехонад, тарҳрезӣ менамояд. Ба ҳамин манзур аз сурудҳои «Шашмақом» «Ироқ»-у «Сегоҳ» ва ашъори Рӯдакию Ҳофизу Ҷомӣ, ки Барно Исҳоқова, сарояндаи мумтоз, онҳоро мехонд, ном бурда мешавад, ки ҳар яке дар дилу ҷони шоир олами ҳиссиёту таассуротро бедор менамояд. Зиёда

аз ин, шоир бо таъкиди мафтуниву шефтагии худ қаноат намекунад ва қудсиёни шеъри Ҳофизу худи ҳазрати Ҷомиро ҳам бештар аз худ шайдои овозу ҳунари сароянда нишон медиҳад. Ба монанди ин байт, ки мегӯяд: «Қудсиёни шеъри Ҳофиз ашк борон мекунанд, // Чун ту мехонӣ «Ироқ»-еро ба овои дигар» [83, 102]. Ва дар охир худро ҳам фаромуш намекунад ва азбаски дар байти пеш аз мақтаъ гуфта буд, ки «ҳамчу Турсунзода акнун нест Мирзои дигар» дар байти охир дар бораи худ ҳақдор мешуморад, ки чунин гӯяд:

Сайри дилҳо орзу дорӣ, ба Қутби мо биё,
Мисли ман шоир намеёбӣ ту дар ҷои дигар! [83, 102].

Ҳамин тариқ, ба воситаи таъкиди мартабаи шоирии худ ҳам мехоҳад, бар эътибори ҳунари шахсияти сароянда чизе биафзояд.

Аз ашъори ғиноии шахсиятӣ ба кадом масъалаҳо бештар таваҷҷуҳ доштани шоир зуд муайян мешавад, зеро аксаран зимни тасвири шахсият мубрамтарин масълаҳои замон мавриди андеша қарор мегиранд. Ин гуна шахсият, на танҳо ҳамзамони шоир, балки ҳар фарде буда метавонад, ки манзури эҷодии шоирро ифода карда тавонад. Дар ин ҳолат шоир аз тасвир ва ифодаи хулқу атвори дақиқи шахсӣ фаротар рафта, бештар аз тарҳҳое истифода мекунад, ки ӯро ҳамчун ҳомили ақидаҳое, ки дорад ва мехоҳад ба воситаи симои ӯ баён намояд, нишон медиҳад.

Дар нимаи дуюми садаи бист, махсусан, пас аз солҳои панҷоҳ, масъалаи худшиносии миллӣ, рӯирост набошад ҳам, зимни масъалаҳои омӯзиши таъриху фарҳанги гузашта, кам-кам дар адабиёт ба худ ҷой боз кардан мегирад. Ин рӯҳияи замонро бештар аз ҳама ҷавонон зуд дарк карданд, ки Лоиқ яке аз пешгомони онҳо буд. Ҳамин рӯҳияи худшиносии миллӣ дар эҷодиёти ӯ дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла, дар шеъри ғиноии шахсиятӣ ифодаи худро пайдо мекард. Ашъоре, ки ӯ дар бораи шахсияти Борбад, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абуали ибни Сино, Абулқосими Фирдавсӣ, Умари Хайём, Аҳмади Дониш ва дигарон навиштааст, асосан ҳомили ҳамин рӯҳияи худшиносии миллист. Шеъри «Роҳи

дилҳо» (с. 1964) ба бузургдошти Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва гузошта шудани ҳайкали ӯ дар пойтахт бахшида шуда, бо таассуроте аз воқеаҳои фоҷиабори зиндагии устод, ки кӯр карда, аз дарбор ронда шуданашро дар бар мегирад, симои маънавии ӯро пеши назар меорад. Ин симоест, ки ормонҳои миллатро таҷассум намуда, дар роҳи ҳифозати онҳо «ҷароҳатҳову марҳамҳо, шикастанҳову бастанҳо...гаҳе якпоя истодан сари мӯе ба уммеде» [357, 84] ва монанди ин маҳрумияту машаққатҳоро таҳаммул кардааст ва мардум ҳам ба ин худфидоии ватанпарваронаи ӯ беалоқа набудаанд, ки шоир мегӯяд:

Ҳама бар рағми майлу кинаи бегонапарварҳо
Нишони Рӯдакӣ бо риштаи тақдири худ метофт.
Зи қаъри асрҳои тира бо роҳи дили мардум
Нигаҳҳои дили устод мулки рӯҳбон мекофт [357, 84].

Дар ин банд ишора ба он аст, ки афкори худшинохтии бузургон аз тақдири миллат ҷудо набуд, балки миллат тақдири худро бо он мепайваст ва аз бегонапарварҳо эҳтироз дошт. Кӣ буданд он бегонаҳо ва бегонапарварҳо? Лоиқ дар бисёр шеърҳояш аз онҳо ёд ва лаъну накӯҳиш мекунад. Бегонаҳо онҳое ҳастанд, ки сарзамини ориёиро ғасб карданду фарҳангашро ба оташ кашиданд, бегонапарварҳо онҳое ҳастанд, ки аз ин сарзамин буданд, вале ба хотири молу ҳоли дунё ба бегонаҳо ҳамдастӣ карданд. Бинобар он, яке аз рукнҳои худшиносии миллӣ дар фаро гирифтани фарҳанги тоисломӣ, масалан, «Авасто» ва мероси бостони ориёӣ шинохта мешуд. Аз ин рӯ, тасвири чеҳраҳои фарҳанги ориёӣ, ҳамчун Борбад, барои баёни ақидаҳои худшиносии миллӣ, на танҳо дар дарозои таърих, балки дар замони муосир ҳам аҳамияти бузург пайдо мекунад. Лоиқ дар шеъри «Панҷаҳои Борбад» (с. 1986) дар эпиграф ин навиштаро аз китоби рӯзгори пешин «Китоб-ут-тоҷ» меорад, ки решаи худшиносии миллиро дар таърихи куҳан ҳам таъкид намояд: «Устоди ағонӣ ва нағамот Борбад ба созу навои хеш Эронзаминро бар халифаҳои аъроб шӯр ангезонид, чун ин қасдаш натиҷа надод, панҷаҳои ҳазордастонашро бибурид ва сози барбаташро оташ зад» [357, 117].

Чеҳраи Борбад ҳам, ки тақрибан якунимҳазор сол пеш аз Рӯдакӣ мезист, бо ҳамин гуна тарҳҳои миллии ватанпарварона нигошта мешавад. Ин шеър аз забони худи шахсияти ғиноӣ мебошад, ки Борбад аст:

Ағониҳои ман суде нахоҳад дошт
То дуди фиғони халқ мепечад ба гардунҳо,
Ки гаҳвори «Авасто»-ро
Тасаллут мекунанд оворагони дашту ҳомунҳо [357, 118].

Борбад ҳамчун як фарди бедор ва ҳунарманди беназири миллат аз оғози шеър то охир шахсият ва ҳунари худро ба муқобили ин бегонагон мегузорад ва ҳамқавмони худро ҳушдор медиҳад, ки фиреби ваъдаҳои бардурӯғро нахӯранд, вале, ҳайҳот, фарёдҳои ӯ фарёдрасе пайдо намекунанд. Ҳарчанд ӯ бо сӯзу гудозу хуни дил мегӯяд: «Ватан бо чеҳраи раббонии хеш, // Ватан бо ҷазбаи кайҳонии хеш // Беҳ аз сад масҷиду меҳроби аъроб аст...» [357, 119]. Ҳамин таассуфу ҳасрат қариб дар ҳамаи ашъоре, ки Лоиқ ба шахсиятҳои бузурги гузаштаи миллат бахшида навиштааст, бо лаҳну оҳангҳои гуногун ба гӯш мерасад ва онҳоро ҳамчун қурбонии бегонапарастони миллат ба қалам медиҳад. Ҳангоме ки ӯ дар шеъри «Аҳмади Дониш» (с. 1975) «Як ҷаҳон буд кӯру ту бино, // Як ҷаҳон буд гунгу ту гӯё» [357, 99] мегӯяд, решаи ин бадбахтиро дар ҳамон бегонапарстии чандасра мебинад, ки кишварро ба ин ҳол овардааст.

Аксари чеҳраҳои адабию таърихӣ, аз ҷумла, Борбаду Рӯдакӣ, Фирдавсию Дониш ҳам дар ашъори ғиноии шахсиятии Лоиқ хулқу атвор ва андешаҳои иҷтимоии таъмимӣ доранд, ки бори муайяни мафкуравиро мекашанд. Шоир дар бораи онҳо, ба ҳар тарзе ки бошад, хоҳ аз забони худ ва ё хоҳ аз забони шахсиятҳои ғиноӣ, на танҳо ҳамчун ромишгар, шоир ва ё донишманд, балки ҳамчун шахсияте ҳам сухан меронад, ки беҳтарин орзую омоли мардумро дар роҳи расидан ба маърифат, шинохтан ва азиз доштани ватану фарҳанги миллат, озодию ободӣ дар худ таҷассум намудаанд. Бинобар ҳамин аст, Борбад дар бораи

масъулият ва рисолати ҳунар чунин мегӯяд, ки ифодаи шуури иҷтимоии таъмимист:

Агар шеъру тарона дар ҷаҳони бекарона
Паи ободию озодии абнои кишвар нест,
Гузаштам аз чунин санъат,
Ки лаънат бар чунин санъат...[357, 119].

Ва ё дар шеъри «Роҳи дилҳо» муаллифи шеър дар бораи Рӯдакӣ мегӯяд, ки: «Зи қаъри асрҳои тира бо роҳи дили мардум // Нигаҳҳои дили устод мулки рӯҳбон мекофт» [357, 84] ва ин рӯҳ ҳамон аст, ки оҳанги миллӣ дорад ва шеъре эҷод мекунад, ки «дар сабкаш дили тоҷик» [357, 84] мерақсад. Ин рӯҳ асрҳои аср саркӯб мешуд ва дар ҷомеаи кишвар интишори ҳамаҷониба намеёфт. Вале буданд бузургоне, ки бар алайҳи ҳамаи ин саркӯбиҳо ҳамчун қуллаҳои осмонхарош сар мекашиданд ва ормонҳои миллатро дар асарҳои безаволи худ бо дурахши аслии ватанпарваронааш ҷилва медоданд. Худовандгори сухан Абулқосими Фирдавсӣ фарде буд, ки дар ягонагии хеш тимсоли ҷамеи онҳо буд ва «Шоҳнома»-ву қаҳрамонҳои он муҷассамаи ҷовидонаи ормонҳои миллӣ. Бинобар он, аз ҷониби Лоиқ, ки яке аз оҳангҳои асосии эҷодиёташ таблиғу ташвиқи ормонҳои миллист, навишта шудани силсилаи «Илҳом аз Шоҳнома», ки аз чанд шеъри шахсиятии ғиноӣ ба ҳам омада, ба ин мавзӯъ бахшида шудааст, як амри табиӣ буд. Дар шеърҳои ин силсила бо тарзҳои гуногун аз Коваи оҳангар («Писари ҳаждаҳуми Кова», «Гиряи Кова бар ҳабдаҳ писараш»), Рустам («Ғурури Рустам», «Охирин ҷанги Рустам»), Таҳмина («Навҳаи Таҳмина бар Сӯҳроб»), Фирдавсӣ («Васияти Фирдавсӣ», «Корези Фирдавсӣ») ва дигарон тарҳҳое рехта мешавад, ки шахсияти онҳоро аз ҷиҳати ҷолибтаринашон намудор месозад. Масалан, Рустам, ки рамзи подории сарзамини Эронвиҷ ва суннати ниёкони ориёии бостонаш аст, бо шукӯҳу шаҳомати беқиёси паҳлавонию мардонагиаш сухан мегӯяд:

Ман гардани адовати шайтон шикастаам,

Ман мӯҳраи сиёсати шоҳон шикастаам.

Бо гурзи тобдори худ(?) фирӯз будаам,

Бо мушти обдори худ(?) сандон шикастаам [357, 525].

Нуктаи ҷолиб дар он аст, ки Рустам, ҳамчун Антей аз асотири Юнон, ҳамаи ин қудрат ва рӯҳи бешикасти худро дар пайвандаш бо «хоки Ватан» мебинад ва мегӯяд: «Хоки Ватан набуд агар(?) пушту паноҳи ман, // Кай ифтихор кардаме танҳо ба зӯри хеш?!» Ватан барои Рустам, на фақат марзу бум ва обу хоки Эронвиҷ, балки тамоми фарҳанги ғанӣ ва деринасоли он мебошад, ки нигоҳдорандаи оини адолат, сарбаландӣ ва мардонагию мардумпарварист. Ин ҳама, на фақат тарҳҳое бар шахсияти Рустаманд, балки намоёнгари шуури таъмимии иҷтимоии мардум ҳам ҳастанд. Бинобар он, вақте Рустам ба Ковус, ҳангоме ки барои зинда нигоҳ доштани Сӯҳроб аз ӯ нӯшдору талаб мекунаду ӯ намедиҳад, чунин мегӯяд: «Пирӯзӣ аз ман асту зи Эрони зиндадил, // Нафрини ман ба ҳастии бемуттакои туст!», ин на фақат нафрини шахси Рустам аст, балки нафрини тамоми мардуми «Эрони зиндадил» аст, ки «ба ҳастии бемуттакои» ӯ фиристодааст. «Ҳастии бемуттако» ҳастиест, ки аз заминаи худ, аз фарҳанги асили мардум, ки бунёдаш бар одамият аст, канда шудааст ва бесабаб нест, ки ин гуна «ҳастии бемуттако» дар асрҳои баъдӣ бозичаи дасти саҳронишинон мешавад ва бегонапарварҳо ҳам аз қабили он мерӯянд. Бад-ин тарз, шахсияти Рустам нишондиҳандаи чигунагии шуури таъмимии иҷтимоист, ки Фирдавсӣ офаридааст ва онро Лоиқ ба хидмати имрӯз кашидааст, зеро рукнҳои бунёдии ин шуур, ҳамчун, миллатпарварию ватандӯстӣ дар замон мо ҳам коромади муҳимм дорад.

Шеъри «Навҳаи Таҳмина бар Сӯҳроб», ки муаассиртарин ва комилтарин шеъри ин силсила аст, чеҳраи ӯро бар асоси дарду ғами модарона меофарад, ки дар назари аввал танҳо моҳияти шахсӣ дорад. Аммо чун бар решаи масъала андешида мешавад, ин дарду ғам ҳам аз ҳудуди шахсӣ боло меравад, зеро кушта шудани Сӯҳроб ба дасти Рустам на ғалаба, балки мағлубияти ӯст, мағлубияти Рустам мағлубияти ҳақ бо дасти ҳиллаву найранг аст, зеро Рустам намоди ору номуси ватандорӣ буд, ки азизтарин ҳосили умрашро бо тавтеа ва фиреби

«бемуттако»-ҳо бо дасти худ нобуд кард. Бинобар он, навҳаи Таҳмина на фақат навҳаест бар марги фарзанд, балки навҳае бар марги ҳамаи ормонҳое мебошад, ки Рустаму ӯ доштанд. Ормони Рустам ватандорӣ буд:

Гуфтам, ки меёбад асар
Аз Рустами олиназар,
Бо он нишоне аз падар
Шуд бенишон аз баҳру бар...

Акнун чӣ дорад буди ман,
Фардои бемақсуди ман.
Пур гашта аз андӯҳу дард,
Ин хонаи матруди ман [357, 529].

Дар шеъри ғиноии шахсиятии Лоиқ чеҳраҳои асотирӣ, таърихӣ, фарҳангию адабӣ, қариб ҳама, таъкиди парваридани рӯҳияи худшиносии миллиро доранд, ки бо тарзҳои мухталиф зоҳир мешавад. Масалан, дар қисме аз шеърҳо, ҳамчунонки мулоҳиза шуд, ин матлаб бо гӯшзади фаро гирифтан, азизу гиромӣ доштани фарҳанги миллӣ ва дар баъзеи дигар, ки акнун мавриди назар қарор хоҳад гирифт, дар шакли мамониат ба кӯшиши аз ҷониби дигарон ғасб кардани ин фарҳанг сурат мегирад. Дар шеърҳои «Бӯалӣ – бихради некӯфарҷом», «Араб гӯянд Синоро гурӯҳе», «Боз як мушт» чеҳраи шахсияти ғиноии Сино ба воситаи нишон додани аслияти миллии ӯ, ки ба арабу туркнажодон нисбат надорад, вале арабгароёну туркгароён бар алайҳи ҳақиқати таърихӣ амал карда, ӯро ба ин нажоду фарҳангҳо нисбат медиҳанд, офарида мешавад. Масалан, дар шеъри «Боз як мушт», ки ба муносибати дар Туркия нашр шудани китобе ба унвони «Буюк турк файласуфи ва тиб устоди ибни Сино шахсияти ва асарлари ҳақида тадқиқлар» («Тадқиқот оид ба шахсият ва асарҳои файласуфи бузурги турк ва устоди тиб ибни Сино») ҳамчун эътироз навишта шудааст, чеҳраи Сино аз ин дидгоҳ тарҳрезӣ мешавад:

Бӯалӣ аз дасти туркон дар ба дар буд,

Кӯ ба кӯ буд.

Дар ҷаҳони танг ҳамчун фазлашон

Бо ҷаҳолат, бо разолат рӯ ба рӯ буд [357, 109].

Чеҳраҳои Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров дар шеърҳои «Айнӣ» ва «Таърих гувоҳ аст...» аз рӯи амал ва фаъолияти илмиву адабиашон, ки барои гирдоварӣ, омӯзиш, ташвиқу тарғиб ва гиромидошти таъриху фарҳанги миллат будааст, ба қалам оварда мешавад, ки бештар табу тоби ҳарфӣ дорад, махсусан, шеъри «Айнӣ», то тасвиру тавсиф, ки онҳоро ба ҷумлаи публисистика ворид мекунад.

Як силсила шеърҳои ғиноии шахсиятии Лоиқ ба шоиру нависандагон ва ҳунармандоне, ки бо онҳо бевосита ошноӣ доштааст, аз ҷумла, ба Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Муъмин Қаноат, Сулаймон Лоиқ, Маҳмуд Воҳид, Акашариф Ҷӯраев, Сорбон, Ғоиб Сафарзода, Муҳиддин Олимпур бахшида шудааст, ки бо такя бар чигунагии шахсият ва фаъолияти онҳо тарҳҳои симояшонро пеши назар муҷассам менамояд. Лоиқ, ҳангоми ба арсаи адабиёт ворид шуданаш, аз Мирзо Турсунзода, ки яке аз устодони шеър ва Раиси Иттифоқи нависандагони кишвар буда, шоири ҷавонро ҳамаҷониба пуштибонӣ ва аз ҳар гуна пайомадҳои нохуш муҳофизат мекард, ниҳоят сипосгузор буд. Аз ин рӯ, дар ситоиши ӯ, ба ғайр ишораҳое, ки дар шеърҳояш мекунад, боз даҳ шеъри махсус дорад, ки дар он аз шахсият, фаъолият ва мақому мартабаи Турсунзода бо ифтихор ва тамҷиду тамҳид сухан мегӯяд. Ин шеърҳо дар байни даҳ сол, аз соли 1971 то соли 1981, навишта шудаанд ва табиист, ки бо сабку баёни мухталиф эҷод шуда, далели он ҳам ҳастанд, ки шахсияту эҷодиёти Турсунзода муддати дарозе дар маъразі андешаҳои отифии Лоиқ қарор доштааст. Ҳар яки ин шеърҳо мавзӯи мушаххас дошта, ин ё он ҷиҳати шахсият ва фаъолияти Турсунзодаро ба тавсифу тасвир мегиранд. Масалан, дар «Қитъаи шеър», ки шоир ба шахси Турсунзода муроҷиат мекунад, сухан асосан дар гирди сифати дил ва шеъри шоир мечархад, ки афкору эҳсосоти шахсӣ моҳияти умумибашарӣ дорад. Бинобар он, шоир баъди изҳори он ки дар дили Турсунзода

Осиё, шӯру қиёми осиён гунҷида, «занҷирҳо бигсаста аз дасти ғуломон»-у «ишкелҳо бишкаста дар пои асирон» мебошад, сифати шахсии ашъори ӯро ҳам гӯшзад мекунад: «Варо ишқ ошён хонда, // Дар ӯ сулҳ ошён монда // Ба монанди парасту дар баҳорон...// Дар ӯ аз ганҷҳои ҷовидона // Ба ҷуз ганҷи сухан, ганҷи муҳаббат нест. // Хушоянд он қадар буда, // Ки муҳтоҷи хушомад нест...» [357, 504]. Дар ин шеър Лоиқ дар баробари зоҳир намудани фазилатҳои шахсияту ашъори Турсунзода назари худро умуман ба моҳияти шеъру шоирӣ низ баён менамояд:

Накӯ донам, ки ҳар як шоири шӯрида
бо ҳар қитъаи шеъраш
ба ҳукми қитъаи дунёст,
Ки то боқист, истиқлол мехоҳад.
Накӯ донам, ки шоир восили ҳол асту истиқбол,
Агар ҳар қитъа шеъраш бо забони ҳол фармояд,
ки истиқбол мехоҳад [357, 504].

Истиқлолу истиқбол хостан дар шеър на танҳо назар ва хоҳиши Лоиқ мебошад, балки дар зимни эҷодиёти Мирзо Турсунзода ҳам ҳаст, ки Лоиқ вобаста ба шеъри ӯ аз ин мавзӯъ сухан мегӯяд. Ба замми ин, Лоиқ масъалаи тавсеаи худшиносии миллиро, ки дар афкору андешаи шоиронааш мақоми муҳим дорад, дар осори Турсунзода ҳам мебинад ва даъват ба он мекунад, ки ворисони шеъраш ин рисолати ӯро пазиранду давом диҳанд. Дар ин бобат дар шеъри «Дар қатори қуллаҳои Тоҷикистон», аз ҷумла, чунин мегӯяд: «...Гар шумо номуси миллӣ // дар вуҷуду зоти худ доред, // Дар баландиҳои кӯҳҳо ошён мондан кам аст, // Ошёне // Дар баландии мақоми ӯ гузоред!» [357, 507]. Маълум аст, ки дар ин мисраъҳо ӯ ба шеъри машҳури Мирзо Турсунзода «Ошёни баланд» назар дорад, ки дар он шоир «Ошён гар мегузорӣ, дар баландиҳо гузор, // Дар баландиҳои кӯҳи сарбаланди мо гузор» [238, 144] гуфтааст, ва бо ин ишора Лоиқ бар чеҳраи ғиноии Турсунзода тарҳе меафзояд, ки аз осори худи ӯ баргирифтааст.

Аз он даҳ шеър, ки дар сипоси Мирзо Турсунзода аст, «Рӯзи ҷаноза» марсияи марги ӯст, ки соли 1981, баъд аз чаҳор соли даргузашти шоир навишта шудааст. Аз он пештар, дар шеъри «Дар қатори қуллаҳои Тоҷикистон» мавзӯи даргузашти Турсунзода баён гашта, аз ҷумла, дар як байт «Гар шумо дар ҷашни дафни ӯ сиришк афшондаед, // Мисрае бар ёди ӯ аз достонаш хондаед» [357, 507] гуфта шуда, вале шеъри комил баъд ба қалам омадааст. Аммо шоирони дигар, масалан, Қутбӣ Киром шеъри «Ба ёди Мирзо Турсунзода», Бозор Собир «Сафаре ба дилҳо» [199, 124-25]-и худро пас аз моҳи сентябри соли 1977, даргузашти шоир, навишта буданд, ҳарчанд муносибати дӯстонаи байни Турсунзода ва Лоиқ аз онҳо қавитар буд. Маълум мешавад, ки Лоиқ ин талафотро дуру дарозтар дар замири дил тааммул ва таҳаммул карда, худро ба гуфтани он омода сохтааст, то амиқтару муассиртар баён карда тавонад. Ва воқеан ҳам ин шеър бар шеъри шоирони дигар, ки ба он муносибат навиштаанд, аз ҷиҳати муҳтаво, маънову мазмун, ифодаи эҳсосоти фарогири талафот ва баёни бадеъ афзалтар буда, чеҳраи инсониву эҷодии Турсунзодаро бошукӯҳу мукаммалу дурахшонтар муҷассам менамояд. Он аз 16 банди чаҳорпора иборат аст, ки дар вазни рамали мусаммани мақсур (маҳзуф) ва бо қофиябандии **ааба, ввгв** гуфта шуда, қобили қайд аст, ки ин қолабу вазн, то охир, ба як навъ нигоҳ дошта мешавад, ҳарчанд Лоиқ дар ашъораш ба вазну қолаб хеле озодона рафтор мекунад. Вале дар ин маврид, азбаски муҳтаво хеле гаронбору ғамангез аст, як оҳанг аз аввал то охир давом дода мешавад, ки ҳолу ҳавои марсияро ба ҳадди зарурӣ амиқу муассир ифода карда, чеҳраи Турсунзодаро дар пардаи ғамбори марги нобаҳангом намудор месозад.

Мирзо Турсунзода барои иҷрои вазифаҳои ҷамъиятиаш ба кишварҳои бисёри дунё сафар мекард, ки ба хотири пойдории сулҳ ва дӯстии байни халқҳо буд. Ин маъно дар ин банди шеър хеле хуб адо карда шудааст:

Сайри дунё кардани ӯ сайри дилҳо кардан аст,
Раҳми дунё хӯрдан аст, аммо на дунё хӯрдан аст.
Гашт дар рӯи замин, то дид рӯи одамин,

Дил ба дунё додани ӯ дил ба даст овардан аст [357, 509].

Дар ин шеър Лоиқ дар офаридани тарҳи чеҳраи шоирии Турсунзода аз ҳарфҳое, ки худи ӯ дар шеърҳояш гуфтааст, моҳирона истифода мекунад. Масалан, мазмуни ин мисраи Лоиқ: «Аз замин нонрезаҳоро реза-реза чиду рафт» [357, 509] такя ба ин мисраи шеъри «Нонреза»-и Турсунзода дорад: «Аз замин нонрезаҳоро чида мемолам ба чашм» [238, 146]. Ин байт ҳам, ки бо маҷозҳои зебое гуфта шудааст:

Кокулони майдабофи духтаронро шеър кард,
Шеъри худ дар кокулони духтарон печиду рафт [357, 510]. –

аз ин мисраи шеъри «Кокулат»-и Турсунзода маншаъ мегирад: «Майдабофӣ кард модар шуста тори кокулат» [238, 174]. (Мутаассифона, дар ин мисраъ истифодаи калимаи «тор» ҷо наафтодааст, зеро «тор» маънои як тори мӯйро медиҳад, ки бофта намешавад, ҳадди ақал бояд се тор бошад ё торҳо. Дар асл, «кокул» дастаи мӯй аст ва дар ин ҷо ба овардани калимаи «тор» ҳоҷат нест ва умуман, таъбири тори кокулро бофтан вуҷуд надорад ва сохта шуданаш ҳам дуруст нест.) Банди 15 ҳам, ки бо мисраи «Боз аз мулки абад ҳам бингарад сӯи замин» [357, 510] оғоз мешавад, аз банди аввали шеъри «Замин»-и Турсунзода меояд, ки мегӯяд: «Дар фазо парвоз кардам гарчи аз рӯи замин...» [238, 122]. Дар баъзе бандҳои дигар, маҳал ва ашёе, ки мабҳаси шеъри Турсунзода шудаанд, вобаста ба ин ё он ҳодисаи зиндагии шоир ёд оварда мешаванд, ки низ ба чеҳраи ӯ тарҳе зам мекунанд. Масалан, дар банди шашум аз дарёи Варзоб ва дар лаби он шеърхонии Турсунзода сухан меравад, ки байти дуюм маҷоз ва ташбеҳи пӯшидаи зебое дорад, ки ба ду маъно омада, бар шаҳомати чеҳраи эҷодии шоир меафзояд:

Пеши худ то ҳол ҳайронам, ки он рӯзи саид
Ӯ ғазал мехонд бар мо ё ки дарё хонда буд?.. [357, 509].

Дар ин ҷо дарё ҳам ба маънои худи дарё, ки ташхис шудааст ва ҳам ба маънои шоир, ки ба дарё ташбеҳ гаштааст, омада, байтро бисёр ҳам зебову бадеъ ҷилва додааст. Дар ин шеър Лоиқ дар тасвири чеҳраи эҷодии Турсунзода ҳам аз назаргоҳи худ ва ҳам аз ҳарфҳое, ки Турсунзода дар шеърҳояш дар бораи худ гуфтааст, истифода карда, онро пурмаъниву серпаҳлу ба қалам меорад.

Шеърҳои ғиноии шахсиятии «Барои Маҳмуди Воҳид», «Дар ҷанозаи ҳамсолам» ва «Ҳамдарди кӯҳистон» (Ба хотираи Акашариф Ҷӯраев), ки ду шеъри аввал ба Маҳмуди Воҳид ва баъдӣ ба Акашариф Ҷӯраев бахшида шудааст, чеҳраи эҷодии онҳоро марғубу бадеъ менигорад. Шеъри «Барои Маҳмуди Воҳид», ки соли 1971, ҳангоми сисолагии ин ҳунарманди камназири театр навишта шуда буд, ишора бар он дорад, ки Маҳмуд Воҳид дар сабки ҳунармандии худ бесобиқа аст, бинобар он гӯшзад мекунад, ки: «Агар бераҳбалад бошӣ, // Равон шав қад-қади дарё, // Ба умқи наҳр рӯзе мерасӣ, эй дӯст» [357, 376]. Ин шеъри ба истилоҳ нимоӣ аз шаш банди мусаллас иборат буда, ҳунармандро талқин менамояд, ки аз роҳи худшиносиву худгудозӣ биравад, то дар ниҳоят ба ҳар куҷое, ки бихоҳад, бирасад: «Биёбӣ ҳар чӣ меҷӯӣ, // Шиносӣ ҳар чӣ нашносӣ, // Расӣ бар ҳар куҷое, ки бихоҳӣ, эй дилогоҳ!..» [357, 376]. Шеъри дуюм, ки сӯгномаи ҳалокати фоҷиавии Маҳмуди Воҳид буда, соли 1979 навишта шудааст, чеҳраи ӯро дар айни дурахшандагии ҳунармандиаш ба ёд оварда, тарсим менамояд. Дар ин ҷо симои Маҳмуди Воҳид дар алоқамандӣ бо шахсияти инсониву эҷодии шоир нигошта мешавад, зеро онҳо на танҳо ҳамчун инсон бо ҳамдигар дӯстӣ доштанд, балки ҳамчун шахсиятҳои эҷодӣ бо ҳам ҳамкорӣ ҳам мекарданд. Маҳмуди Воҳид, ки овози нотакрори марғуладор дошт, аз ашъори шуарои куҳану муосир барномаҳои дилпазири шеърхонӣ баргузор мекард, ки маъруфияту маҳбубияти ҳамагонӣ пайдо карда буд. Дар он барномаҳо шеърҳои Лоиқро ҳам мехонд, ки дар сохтанаш бо шоир маслиҳату машварат менамуд. Бинобар он Лоиқ мегӯяд, ки:

Дӯстам, дӯсти сухандонам,
Шеърро мисли ту кӣ медонад?
Баъди ту бахри ташнагони сухан

Шеъри моро дигар кӣ мехонад?

Чи ҳунарманди саҳназеб будӣ,
Дар ту фарҳанги пиру барно буд,
Саҳнаи танги санъати тоҷик
Баҳри ту гӯӣ(?) саҳни дунё буд [357, 395].

Дар шеър аз орзуҳои Маҳмуди Воҳид, ки дар саҳнаи тоҷик нақши Ҳамлети Шекспирро бозиданӣ буд, ёд карда, ба ҳунарманди ҷаҳонӣ будани ӯ ишора мешавад, ки айни воқеият буд. Дар мақтаъ шоир гила аз «филкушу мушпарвар» – ии даҳр карда, бо чунин байт бо дӯсташ видоъ мегӯяд: «Алвидоъ, дӯсти ҷавонмаргам, // Алвидоъ, эй бузургвори ҷавон!» [357, 395]. Ин ду шеъри ғиноии шахсиятӣ дар ду ҳолати мушаххас ба дӯсти шоир навишта шудаанд, яке ҳангоми роҳҷӯиҳои ҳунарманд ба олами ҳунар ва дигаре дар айёме, ки ӯ ин роҳро тай карда, ба манзили мурод расида, аз олам дармегузарад, аммо шеъри «Ҳамдарди кӯҳистон», ки ба хотираи сарояндаи мумтоз Акашариф Ҷӯраев аст, ҳолати умумиеро, ки аз ошноӣ бо ҳунари ӯ дар инсон ба вуҷуд меорад, тавсифу тасвир менамояд, ки он ба шахсияти овозхон тааллуқ мегирад. Ин шеър дар қолаби чаҳорпора, бо қофиябандии **ааба, ввгв,** дар вазни ҳазаҷи мусаммани солим гуфта шудааст, ки онро серқофиягии банд ва равонии вазн хушоҳангу дилнишин сохтааст. Ба ин васила шоир хостааст, ки дар зеҳни хонанда як бори дигар савту навоҳои дилпазири ҳофизро зинда кунад ва ба ин манзури худ хеле хуб даст ҳам ёфтааст:

Ту мехондию мешуд об ҳар як санги кӯҳистон,
Фарохо мешуду паҳно ҷаҳони танги кӯҳистон.
Ту мехондию метобид андар дидаи мардум
Ба чандин ҷилвае дунёи рангоранги кӯҳистон [357, 94].

Дар саросари ин шеър ҳиссиёти самимонае, ки аз шунидани савту наво ва овози дилошӯби Акашариф Ҷӯраев дар дили инсон пайдо мешавад, доман густардааст. Махсусан, банди сеюми он бисёр ҳам зарифу ҳунармандона ва бо тасвири нозук, ки аз захмаи торҳои танбӯр дар рӯи мавҷи об маҳин ларзидани мавҷи нурро нишон медиҳад, гуфта шуда, ташбеҳи тозаи мақбуле ҳам дорад, ки пӯпаки танбӯрро ба кокулбанди духтарони кӯҳистон монанд мекунад. Дар ҳамин ҷо муҳтавои сурудҳои ҳофиз, ки бештар ошиқона буданд, низ бо таъбироти мардумии маҷозии зебое, ҳамчун адо шудан ва гум задани дил, гӯшзади худро ёфтааст. Ба вазифаи радиф се бор такрор омадани калимаи «меларзад», ки ба торҳои танбӯр иртиботи танготанг дорад ва ҳам дар ҳар мисраъ дар вожаҳо садо додани ҳарфи «з» барои пироиши мусиқоии шеър хеле хуб хидмат кардааст. Ин ҳама дар якҷоягӣ заминаи тасаввури фазои ҳунарнамоӣ ва чеҳраи эҷодии ҳофизро омода сохта, ин шеъри ғиноии шахсиятиро дар радифи беҳтаринҳо қарор медиҳад:

Чу аз ҳар захмаи ту торҳои ҷӯр меларзид,
Маҳин дар рӯи мавҷи об мавҷи нур меларзид.
Дили ошиқ адо мешуд, дили маъшуқа гум мезад,
Чу кокулбанди духтар пӯпаки танбӯр меларзид [357, 94].

Шеърҳои ғиноии шахсиятии Лоиқ доманаи густардаи мавзуӣ доранд. Қисмате аз онҳо дар таҳсину тамҷиди шахсиятҳои бузургу баргузидаи адабию фарҳангӣ мебошанд, ки дар онҳо сухан аз забони шоир аст ва қисмате дигар ҳамчун марсия аз номи пайвандони наздиктарини даргузаштагон навишта шудаанд. Ин сабки гуфтор имкон медиҳад, ки дарду ғам ҳар чӣ сӯзонтар тасвиру ифода карда шавад, зеро сухан аз номи сӯгворест, ки наздиктарин шахсашро, масалан, падар писараш ва ё писар падарашро аз даст додааст. Шеърҳои ғиноии шахсиятии «Падарам, во падарам. Эҳдо ба равони поки тобноки Муродуллоҳи Шерализода», «Марсияи Ҷамшед» аз ҳамин навъанд. Шеъри аввал дар сӯги Муродуллоҳи Шерализода, ки сардабири рӯзномаи «Садои мардум» буда, соли 1993, бар асари муқовимати дохилӣ бегуноҳ ва ба тасодуф парронида шуд, аз

номи фарзандаш гуфта шудааст, ки дар баробари ниҳоят ба дарду пурсӯзу гудоз буданаш, шахсияти ин инсони наҷибро ҳам сурат мебахшад, ки, аз ҷумла, бо ин сифатҳо ёд мешавад: «Падари оқилу соҳибназарамро куштанд. // Падари қобилу соҳибҳунарамро куштанд. // ...Шӯълаи бому дарамро куштанд. // Нури шому саҳарамро куштанд. // ... Ҷавҳари маънии дунё падарам, // Падарам, во падарам, во падарам! // ...Шамъи ҷамъияти дилҳо буда, // Дар дили мақбара танҳо, падарам!» [357, 459]. Ҳамин тариқ, шеъри «Марсияи Ҷамшед. Дар сӯгворӣи пизишки ҷавон Ҷамшед Осимӣ, ки аз тири қотилон кушта шуд ва дар тасаллияти қиблагоҳи ӯ донишманди покнасаб Аслиддин Осимӣ...», ки ба шоир «зиёда ҳаққи бародарӣ доранд» [357, 462], соли 1994, аз забони падар гуфта шудааст. Ин шеър аз шеъри «Падарам, во падарам» ҳам пурсӯзу гудозтар аст, зеро дардаш ҷонсӯзтар аст, ки халқ ҳам мегӯяд, марги падару модар – мерос, марги фарзанд – теғи алмос. Ин шеър аз шаш банди чаҳорпора иборат буда, бо қофиябандии **аааа, бббб** ва байти восила, ки пас аз ҳар банд ба такрор омада, қофияи **аа** дорад, дар вазни раҷази мусаммани солим гуфта шудааст. Интихоби чунин қолаб, бо сершумории қофияҳо ва вазни хушоҳанг, ба шоир имкон додааст, ки сӯзу гудози падарро аз даҳшати фоҷиаи кушта шудани писар бо тамоми ҷонгудозӣ ифодаву тасвир намояд:

Куштандат, о ҷону ҷигар, эй ҷашну суру иди ман,
Куштандат, о нури басар, эй бар замон тамҳиди ман.
Эй фахри ман дар зиндагӣ аз диду аз нодиди ман,
Хоки ду олам бар сарам, бар ин сари испеди ман.

Куштандат, о Ҷамшеди ман, Ҷоми Ҷами уммеди ман,
Эй андар ин зулматсаро маҳтоби ман, хуршеди ман.
На хотире ранҷондаӣ, на бар касе бад кардаӣ,
На ҳаққи мардум хӯрдаӣ, на моли мардум бурдаӣ.

Ҳатто дили як мӯрро н-афсурдаӣ, н-озурдаӣ,

Бояд бимиранд ин сагон, боре чаро ту мурдаӣ? [357, 462].

Ин мисраъҳо аз оғози шеър буданд, дар онҳо ба ғайр аз қофияҳои маъмулӣ, боз қофияҳои дохилӣ ҳастанд, ҳамчун «ҷону ҷигар – нури басар», «Ҷамшеди ман – уммеди ман», «хӯрдаӣ – бурдаӣ», «афсурдаӣ – озурдаӣ», ки оҳанги марсияро ғамангезу муаассиртар месозанд. Ба замми ин, мисраъҳо, ки аз чаҳор тақтеъ иборатанд, ҳар яке ба ду тақтеи комил – мустафъилун мустафъилун ҷудо мешаванд, ки ин ҳам бар шадидии оҳанги нола меафзояд. Дар ҳавои ин нола, дар банди дуюм, чеҳраи инсонии ин пизишки қурбоншуда бо сифатҳои «на хотире ранҷондаӣ, на бар касе бад кардаӣ» ва монанди инҳо тарҳрезӣ карда мешавад, ки дар бандҳои севуму чаҳорум ҳам зикри фазилатҳои неки ӯ давом мекунад. Ба воситаи баёни дилхункунандаи нолаҳои падар, ки ҳам дарди худро мегӯяду ҳам сифатҳои писарашро ёд меорад, марсияе эҷод мешавад, ки дар баробари сӯги падар, сурату сирати писарро ҳам бо муаассирии тамом тасвиру ифода месозад.

Дар эҷодиёти аксари шуарои нимаи дуюми қарни бист шеърҳое, ки ба Қаҳрамонони Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 бахшида шудаанд, ба назар мерасад, ки ин аз муҳиммии ин мавзӯъ дар он солҳо дарак медиҳад. Ин навъ ашъор ҳам маъмулан ба навъи шеъри ғиноии шахсияти дохил мешаванд. Лоиқ ҳам дар ин мавзӯъ, аз ҷумла, шеърҳои «Сатрҳои нотамом» (с. 1964), ба хотираи шоири ҷанговар Ҳабиб Юсуфӣ ва «Суруди хайрбод» (с. 1965)-ро, ки ба ёди Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Исмоил Ҳамзаалиев бахшида шудааст, навиштааст. Аз ин шеърҳо шеъри дуюм пурбору бадеътар аст. Он аз забони худи қаҳрамон гуфта шудааст. Шеър лаҳзаи пешазмаргии ҳаёти қаҳрамонро муҷассам менамояд, ки дар он аз боз омадани баҳору ишқварзии навдилбохтагону ба гардунҳо печидани суруди ёр-ёр ёд оварда мешавад, ки бо онҳо қаҳрамон барои наҷоти дигарон «бар коми оташбори марг» рафта, бо азизон – модар, ояндаи нодида ва мардум хайрбод мегӯяд:

Хайр, хайр, эй изтироби савти «Наврӯзи Аҷам»,
Хайр, эй чашмони чори модарам.

Хайр, эй ду миллаи марғӯладори дилбарам,
Ҷомаи домодии манро ту пӯш, эй додарам! [357, 36]

Ифодаи таассурот дар ин шеър ба тариқи амудӣ боло рафта дар нуқтаи авҷи худ якбора қатъ мешавад, ки бисёр муаассир аст. Мисраи мақтаъ ҳам тамоми ҳаяҷону таассуроти пешазмаргии қаҳрамонро ба пуррагӣ фаро гирифта, онро бадеъу пурмаъно ҷамъбаст мекунад, ки муҳтавои густардаи инсонпарварона дорад. Ин маъно дар ҷомаи домодии худро ба додар, ба онҳое, ки зиндаанду ҳаётро давом хоҳанд дод, васият кардани ӯ ба тарзи аъло баён карда шудааст.

Ин шеър дар қолаби нимоӣ гуфта шудааст, ки дар шеъри муосири тоҷик, дар аввали аср, дар «Марши ҳуррият»-и Садриддин Айнӣ таҷриба шуда буд, аммо ривоҷаш дар солҳои шаст, дар эҷодиёти Муъмин Қаноат ва Лоиқ сурат гирифт. Муъмин Қаноат дар он солҳо бо таҷрибаҳои эҷодии худ роҳи навпардозиро дар шеър боз менамуд ва Лоиқ, ҳамчун шоире аз ӯ ҷавонтар, аз ин роҳ «пуршӯртар» дунболагирӣ мекард. Дар «Шеъри нав»-и Лоиқ, ки ба Муъмин Қаноат бахшида шудааст, ин маънӣ бори дигар тасдиқ мешавад. Ин шеър асосан аз рисолати иҷтимоии шеъру шоир сухбат мекунад, ки мазмуни эҷодиёти Муъмин Қаноат дар ҳамин хулоса мешавад. Бинобар он, чеҳраи ғиноии шоир Муъмин Қаноат дар он аз дидгоҳи рисолати иҷтимоии шоир, ки ба васила ба ёд овардани ҳолатҳо ва сифатҳои зиндагиву осори Айнӣ сурат мегирад, нигошта мешавад. Шеър акнун василаи танҳо дилхушӣ нест, асри нав тақозо дорад, ки он силоҳи озодиву ободии мардум ҳам бошад. Аз он ҷост, ки мегӯяд:

Шеър бо хуни дилу нӯки синон таҳрир шуд,
Дарди асроасраи торихро тадбир шуд [357, 371].

Дуруст аст, яке аз муҳимтарин масъалаҳое, ки дар шеъри нав матраҳ аст, ҳамин рисолати тозаи иҷтимоии шоир аст, ки ба «дарди асроасраи торих» бештар эътибор медиҳад ва то қадри имкон онро ба маърази таваҷҷуҳи ҷомеа мегузорад, ки ба давои он кӯшиш ба амал оварда шавад. Дигар чеҳраи шоир дар шеъри

ғиноии шахсиятӣ аз ҳамин ҷиҳат марғубу моҳиятноктар аст, ки Лоиқ ҳам дар тарҳрезии симои эҷодии Муъмин Қаноат ин корро мекунад.

Бозор Собир аз аввалин қадамҳои эҷодияш гуфтани шеъри навро таҷриба мекард, ки ин хусусият дар шеърҳои ғиноии шахсиятияш ҳам пайдост. Дар маҷмӯаи нахустини ӯ «Пайванд» (с. 1971) ду шеър ҳаст, ки ба шахсиятҳо бахшида шуда бошад ҳам, яке «Чароғ» (Гузаре ба оромгоҳи Ҷомӣ) ва дигаре «Ҳайкал» (Бахшида ба тасвири Пушкин), аммо дар онҳо ибрози таассуроти шоир аз мабҳаси тасвир – оромгоҳ ва ҳайкал бештар аст, то андешаҳои отифӣ аз шахсияти ин шеърҳо. Бинобар он, ин шеърҳо ба навъи шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ мансубанд, ҳарчанд таъкиди бахшида шудан бар шахсиятҳо доранд. Аммо шеъри «Зиндагӣ», ки барои бародараш навишта шудааст, шеъри ғиноии шахсиятист. Дар он, ки аз ду банди чаҳорпора иборат аст, дар банди аввал андешаи отифии шоир дар бораи зиндагӣ, ки «ағбаҳои мушкилгард» ва дар паси он боз ҳам «ағбаҳои баландтар» дорад, бо ташбеҳ ифода шуда, дар банди дуюм аз фазилати бародар сухан меравад, ки онро бо фитрати бузургаш «ба пои чӯбин ҳам» тай карданаш мумкин аст: «Метавонад ба пои чӯбин ҳам // Тай кунад роҳи хеш то охир» [197, 60].

Дар маҷмӯаи дуюми шоир «Оташбарг» (с. 1974) шеърҳои «Дарахти шеър» (Барои Муъмин Қаноат), «Пайванд» (Барои Дорои Дӯст) ҷой доранд, ки аз ин ҷиҳат қобили мулоҳиза ҳастанд. Шеъри аввал ҳам ба навъи шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ мансуб мешавад, ҳарчанд таъкиди барои Муъмин Қаноат дорад, зеро дар он андешаҳои отифии шоир Бозор Собир дар бораи умуман чигунагии шеър аз назари ӯ изҳор мешаванд, ки тозаву мароқангезанд. Ин шеър танҳо аз ҳамин ҷиҳат, чигунагии рисолати умумии шеър, ба номи Муъмин Қаноат, ки шоири тозагӯст, нисбат гирифтанаш мумкин аст. Аммо агар ин шеър ба шоири дигари асил бахшида мешуд ҳам, чизе аз қимат ва дарки он кам намешуд, яъне дар он хусусияте, ки маҳз ба шахсият ва эҷодиёти Муъмин Қаноат нисбат дошта бошад, ба назар намерасад. Вале «Пайванд», ки барои Дорои Дӯст аст, шеъри ғиноии шахсиятист, зеро дар он ҷузъиёте мавҷуданд, ки маҳз ба шахсияти шеър – Дорои Дӯст мансуб буда, симои ӯро тарҳрезӣ мекунанд. Дорои

Дӯст, рӯзноманигор, дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» бо Бозор Собир ҳамкор ва дӯст буд. Ин шеър аз ҷиҳати қолаб нимоист, ки бо ин байт оғоз мешавад:

Нанвиштаӣ ҳикояту шеъре нагуфтаӣ,
Аммо ту шоирӣ, ту нависандаӣ... [198, 45].

Ин шеър дар вазни музореи ахрабу макфуфу маҳзуф (мақсур), ки афоилаш **мафъӯлу фоилоту мафоӣлу фоилун** мебошад, навишта шуда, дар мисраи дуюм, дар охир ду ҳиҷо – **илун** ҳазф гаштааст, яъне он ба тарзи озод гуфта шудааст. Дар ҳамин байт шеъру ҳикоя нанавиштани шахсияти шеър ва дар байтҳои дигар сифатҳои ӯ, ҳамчун «лабҳои баста», «нафси шикаста», «ду чашми пурхаёл» ва монанди инҳо зикр мешаванд, ки хоси ин шахсиятанд. Ба замми он, дар бандҳои панҷуму шашум, шоир бо шукргузорӣ аз саҳме, ки ин шахсият дар шахси ӯву эҷодиёташ гузоштааст, сухан меронад, ки хоҳ муболиғаи фурӯтанона бошаду хоҳ ҳақиқат, барои комилтар нишон додани симои ӯ хидмат мекунад. Дар банди мақтаъ ин маъно бо таъбироти маҷозӣ ва ташбеҳҳо, шоирона хуб адо карда шудааст:

Аз чашмаҳо ту дар дили ман ҷӯ кашидаӣ,
Бар навбаҳор дар дили ман раҳ кушодаӣ,
То мисраъҳои ман,
Рӯзе ҳазор навдаи пурбаргу бар шаванд,
То қитъаҳои ман,
Чун қитъаҳои сабзи замин босамар шаванд [198, 45].

Дар маҷмӯаи «Мижгони шаб» (с.1981), ки пас аз ҳафт соли «Оташбарг» нашр шудааст, теъдоди шеърҳои ғиноии шахсиятӣ зиёданд, аз ҷумла «Муҷассамаи Айнӣ», «Теғи Сино», «Қисмати шоир» (Дар сӯгвории Лоҳутӣ), «Туро ҳамчун Бухоро дӯст медорам» (Шукронае барои устод Ҷалол Икромӣ), «Дар ёдбуди

Муҳаммадҷон Раҳимӣ», «Барои Раҳим Ҳошим», «Ба хотираи профессор Темур Собиров», «Барои Лоиқ», «Сафаре ба дилҳо» (Ба даргузашти Мирзо Турсунзода), ки дар қолабҳо ва сабкҳои гуногун навишта шудаанд, ки муҳтавояшон тақозо доштааст. Масалан, «Муҷассамаи Айнӣ», «Теғи Сино» дар қолаби чаҳорпора, вале «Барои Лоиқ» дар қолаби озоди нимоӣ мебошанд. Аммо онҳое ҳам ки дар як қолаби устувор ба қалам омадаанд, боз ҳам дар дохил дигаргуниҳо доранд, ки натиҷаи ба қолаб озодона рафтор кардани шоир мебошад. Дар дохили чаҳорпора тағийр хӯрдани тартиби қофияҳо («Муҷассамаи Айнӣ»), аз вазни маъмулӣ як рукн зиёд ё кам сохтани мисраъҳо («Туро ҳамчун Бухоро дӯст медорам») ва монанди ин ихтиёрдориҳои шоир мавҷуданд, ки ҳама аз ин ё он ҷиҳат ба тақозои муҳтаво сурат гирифтаанд. Чизи дигари қобили қайд ин аст, ки аксари ин шеърҳо дар солҳои минбаъда сахт таҳрир хӯрда, мухтасар гашта, баъзе ҳатто ном дигар карда, ба маҷмӯаҳои пасина дохил шудаанд, ки ҳангоми таҳлил ба онҳо ишора хоҳад шуд.

Шеъри «Муҷассамаи Айнӣ» [200, 7-8] дар аввал аз дувоздаҳ банди чаҳорпора иборат буд, вале дар Маҷмӯаи «Шоиру шеъре агар ҳаст...» (с. 2006) шакли таҳрирхӯрдаи он бо номи «Айнӣ» омадааст, ки то панҷ банд мухтасар карда шудааст. Аз ҳазфи калимаи «муҷассама» дар унвони шеър маълум аст, ки шоир дар таҳрири нав таваҷҷуҳи асосиро ба худи шахсияти Айнӣ кардааст, ки беҳтар аст, зеро шахсият муҳимтар аст ва шеърро якбора аз банди чаҳорум, ки дар он сухан бевосита аз устод Айнист, оғоз додааст:

Умри Айнӣ аз барои халқ сарфи хома шуд,
Халқи моро дафтари Айнӣ шаҳодатнома шуд.
Сарзамини мо худ аз осори ӯ сар мешавад,
Ин замин бо ӯ ба дунёе баробар мешавад [205, 28].

Дар банди дуюм ва сеюм аз заҳматҳои устод Айнӣ барои бо дарёи шодоби сухан ошно кардани мардум, яъне аз ҷустуҷуву пайдо ва нашр кардани осори бузургон, ки ҳастии миллатро дар дарозои таърих собит менамуданд, сухан

меравад. Ин ду банд аз шеъри пешин омадааст, вале дар байти дуюми банди севум шоир таҳрири муҳиме мекунад, байти «Дар Фаранг аз аҳди Сомон гар асар мекофтанд, // Дар Бухоро тӯдае duздона зар мекофтанд» [200,7] шакли «Дар Бухоро бохабар буд мардум аз дунё агар, // Аз Алӣ буд бохабар, аз Бӯалӣ буд бехабар» [200,28] мегирад, ки хеле ҷолиб аст, зеро, аз як тараф, суханро ба мавзӯъ наздиктар меорад ва, аз тарафи дигар, дигар шудани назари шоирро ба мавзӯи Шарқу Ғарб нишон медиҳад. Ақидаи Бозор Собир, баъди ҳиҷраташ ба Амрико, дар бораи нақши Ғарб дар тақдири Шарқ бисёр манфӣ шуд, ки дар як қатор шеърҳои ин даврааш баён намудааст. Аз ин рӯ, ӯ байти фавқуззикр ва махсусан, мисраи «Дар Фаранг аз аҳди Сомон гар асар мекофтанд»-ро бо сабаби оҳанги мусбат доштанаш оид фаъолияти Ғарб дар Шарқ, тамоман дигар карда, дар мисраи дуюм ҳам афсӯси худро аз он ки мардум аз мубаллиғи мазҳаб хабар доштанду аз мубаллиғи дониш не, бо дард изҳор кардааст. Ҳамин тариқ, банди нуҳуми шеър банди чаҳорум ва банди ҳаштум банди панҷум қарор мегирад, ки банди мақтаъ мешавад. Дар ин бандҳо ҳам хидмати устод Айнӣ дар дарёфтану шиносондани бузургони миллат, ба мисли Рӯдакиву Сино, ба ҷаҳониён таъкид шуда, дар охир ҳар як тоҷик ҳамчун нишоне аз осори ӯ хонда мешавад, ки сипосу қадршиносии заҳматҳои ӯст:

Тоҷикистон гар на, ҳар як тоҷике осори ӯст,
Хотири бедори мардум хотири бедори ӯст [200, 28].

Аз ашхоси таърихии адабиву фарҳангии бостон, Борбад ва Сино, дар ду шеъри шахсиятии Бозор Собир мавриди андешаҳои отифӣ қарор гирифтаанд, ки шеъри «Борбад» (Маҷмӯаи «Бо чамидан, бо чашидан» с. 1987) баъд аз «Теғи Сино» эҷод шудааст. Шеъри «Теғи Сино» дар нашрҳои якуму дуюм, ки дар маҷмӯаҳои «Мижгони шаб» (с.1981) ва «Бо чамидан, бо чашидан» омадааст, бетағийр, аз даҳ банди чаҳорпора иборат мебошад, аммо дар китоби «Шоиру шеъре агар ҳаст...» (с. 2006) то ҳашт банд мухтасар шудааст, ки аз шеъри аввал танҳо ҳафт мисраъ дар шакли пешин боқӣ монда, дигар ҳама каму беш ва ё

тамоман аз нав таҳрир хӯрдаанд. Чунин мулоҳиза мешавад, ки шоир аз шеъри пешин аз банду мисраъҳои иттилоотӣ сарфи назар карда, мисраъҳоеро гирифтааст, ки пурмуҳтавову бадеъанд ва таҳрирро ҳам бо манзури фишурда ва бадеътар сохтани шеър ба ҷо овардааст. Азбаски муқоисаи ин таҳрирҳо манзури ин рисола нест, дар ин ҷо нусхаи охирин баррасӣ карда мешавад. Аммо як нуктаро бояд қайд кард, ки дар солҳои ба сиёсат гаравидан ва дар натиҷа ба Амрико ҳиҷрат кардани шоир, назари ӯ ба ҳукумат манфӣ гашта буд ва ин ақида дар эпиграфи тозае, ки ба ин шеър дохил кардааст, равшан намудор аст: «Ҳама қонунҳо ҳукуматианд, ғайри «Қонун»-и Бӯалӣ Сино» [200, 22]. Ин қонунҳоро ба ин тарз ба ҳам муҳобил гузоштан, як тазоди сабуки зоҳирӣ сохтан аст. Вале дар маҷмӯъ моҳияти ин шеър дар нишон додани шахсият ва илму адаби Абӯалӣ ибни Сино ҳамчун зода ва парваридаи марзу бум ва фарҳанги тоҷик аст, ки бар алайҳи ин воқеияти таърихию фарҳангӣ асрҳост, ки аз ҷониби турку тозӣ даъвоҳои беасоси соҳибият карда мешавад. Баёни ин маъно аз оғоз ба гӯш мерасад:

Турку тозӣ ҳар куҷо даъвои Сино мекунад,
То ба боми шуҳрати ӯ нардбон пайдо кунад,
Лек Сино нардбонашро ба бомаш бурдааст,
Турку тозӣ барҳадар ин турктозиҳо кунад [200, 22].

Дар ин банд, ки маънои бузургии Сино ва ба соҳибияти ӯ даъво доштани турку тозиро бо маҷозҳо, аз ҷумла, боми шухрат, нардбон, бом шоирона хуб ифода намудааст, дар мисраи «Турку тозӣ барҳадар ин турктозиҳо кунад» дар як мисраъ омадани таъбири турку тозӣ ва турктозиҳо ҷиноси хуберо ба вуҷуд овардааст, ки манзурро муҷазу хотирмон пироиш додааст. Дар банди дуюм ба миллати тоҷик тааллуқ доштани Сино низ ба воситаҳои бадеъ хуб баён шудааст, ки мисраи «Бӯйи Сино мекунад ин халқ аз даври қадим» [200, 22] аз ҷумлаи онҳост:

Аз азал доруи тоҷик решаи хор асту лек

Бӯйи Сино мекунад ин халқ аз даври қадим,
Метавонӣ аз забони пиру кампираш шунид:
«Дасти ман не, дасти ман не, дасти Луқмони ҳаким!» [200, 22].

Дар мисраи чаҳорум нақли таъбире аз табибони халқ, ки ҳангоми табобат ба забон меоранд, қобили таваҷҷуҳ аст: «Дасти ман не, дасти ман не, дасти Луқмони ҳаким». Шоир номи ин чеҳраи афсонаиро, ки аз замони ҷоҳилияти араб аст, вобаста ба номи Сино оварданаш шояд аз он сабаб бошад, ки то қидмати алоқаи мардуми тоҷикро бо илми табобат нишон диҳад, ки он аломати бостонии фарҳанги ӯст ва ҳам номи Луқмон дар осори фарҳангии мардуми тоҷик ниҳоят фаровон ёд мешавад. Ин халқ на танҳо бӯйи Сино мекунад, балки барои баровардани ниёзи таърихии худ, ки ғайри «дарди бедаво нақди дигар» надошту «Интизори нӯшдору буд Сӯҳробаш ҳанӯз // Дар сари дасти падар, хуншор аз дасти падар», «Бӯалиро... ба даҳр овардааст» [200, 22], ки далели доимо дар оби зояндагӣ сабз будани решаи ӯст. Ҳар тарҳе ки шоир бар симои халқ меафзояд, ба чеҳраи Сино нисбат мегирад ва ҳар нақше ки бар симои Сино илова мекунад, бар чеҳраи халқ зам мешавад, зеро ҳар дуи онҳо ба ҳам тавъаманд. Бинобар, ин банди бадеъ ва пурмуҳтаво, на фақат ба халқи тоҷик, балки ба ҳар ду – халқ ва фарзанди ӯ, Сино, тааллуқ мегирад:

Қиссаи мурғи самандар пеши ман афсона нест,
Саргузашти мардуми печидафарёди ман аст,–
Он ки месӯзад, вале аз тӯдаи хокистараш
Мекунад парвоз чун паррандаи оташпараст [200, 22].

Дар дарозои таърих Сино ва халқ ба мадади ҳамдигар мерасиданд, бинобар ҳамин ҳам, баъд аз даврони Абӯалӣ ибни Сино, вақте ки Чингизи муғул «девори Бухороро» шикаст, бар муқобили тиру теғи ӯ «Халқи тоҷик теғи дармонбахши Синоро гирифт, // Теғи дармонбахши Сино рӯи дунёро гирифт» [200, 23], мегӯяд шоир, ки ин ҳақиқатро собит намояд.

«Борбад» шеъри ғиноии шахсиятии муфассалест, ки аз ёздаҳ банди асосан чаҳорпора иборат буда, дар дохил мисраъҳо каму беш оварда мешаванд. Он дар вазни ҳазаҷи мусаммани солим ба қалам омадааст. Дар ин шеър Борбад ҳамчун хунёгари беназир, шахсияте, ки таҷассуми фарҳанги ориёӣ ва бедории миллист, намудор мешавад. Ин мисраъҳои шеър далели ин гуфтаҳо ҳастанд:

Забонаш чун забона будааст аз оташи Зардушт,
Варо куштаст он ки оташи Зардуштро мекушт [201, 194].

Ва инҳо ҳам:

Кашида Борбад дар пардаи бам шеҳаи Шабдез,
Ба шабҳои сиёҳе карда мардумро ҳама шабхез.
Чу бо барбат алайҳи барбарият буда тадбираш,
Ба зер оварда ҳар ҷо барбариро пардаи зераш [201, 195].

Муҳтавои асосии шеъри «Борбад» пайванди ҷонии хунёгар бо фарҳанги миллӣ ва гиромидошти он мебошад, ки барои он ҳозир аст бар зидди ҳама гуна барбарият бо баҳои ҳастии хеш қиём намояд. Дар роҳи ин мубориза аз дасти хулафои араб панҷаҳояш бурида мешавад, то барбат зада натавонад, лабҳояш дӯхта мешавад, то таронакҳои хуросониашро хонда натавонад, аммо мардуми Хуросон ҳам чун аз ин барбариятҳо огоҳ мешаванд, «Халифоро ба ҳар ҷо дида, он ҷо ҳисса бинмуда», аз «қиблаи тозӣ» рӯ «Ба сӯи қиблаи Зардушту ҳурмузӣ...» меоваранд. Дар ин шеър шахси худи шоир ҳам иштирок дорад, маълум аст, ки ӯ дар аввал ҳамчун ровӣ ҳузур дошт, вале чун сухан ба ин бедодӣ ва беадолатиҳои таърих мерасад, ки бар замми ҳамаи он боз таснифҳои Борбадро номдорони замон ба номи худ мегардонанд, дигар шоир таҳаммули дар нақши ровӣ монданро намекунад ва ҳамчун шахси шоир мегӯяд:

Ба номи Борбад шеъри сафедеро, ки месозам,

Ту гӯӣ бар сари ин хаткашиҳо шир мерезам,

Ман аз болои номаш мебарам бо шир хатҳоро,

Хатоҳоро... [201, 195].

Дар ин шеър чанд шахсият мавҷуданд, ки онҳо Борбад, ровӣ ва шахси шоир буда, ҳар яке дар устухонбандии шеър ва ифодаи маъно вазифаҳои мушаххаси худро доранд.

Шеърҳои «Аҳмади Дониш» (январи с. 1990) ва «Ҳайкали Фирдавсӣ» (тирамоҳи 1992), ки низ ба ин ду бузургвори илму адаб бахшида шудаанд, шеърҳои ғиноии шахсиятианд. Бозор Собир пеш аз ин ҳам ба шахсияти Фирдавсӣ рӯй оварда, шеъре бо номи «Фирдавсӣ» (Маҷмӯаи «Бо чамидан, бо чашидан... с. 1987) гуфта буд, аммо ҳангоми навиштани шеъри дуюм назари ӯ ба воқеоти таърихӣ хеле тағийр хӯрдааст, ки дар шеъри дуюм ҳувайдост. Мавзӯи ин ду шеър ба ҳам мутафовитанд, шеъри аввал асосан аз заковат ва мақоми олии шоирии Фирдавсӣ ва таассуроти шахси шоир, Бозор Собир, сурат гирифтааст, ки хеле муфассал буда, ҳафтоду нуҳ мисраъ дорад, ки дар вазни музореъи ахрабу макфуфу маҳзуф (мақсур) (иборат аз14 ҳиҷо) гуфта шудааст. Агар шоир бо ҳамон меъёре, ки дар вақтҳои охир шеърҳои дигарашро аз нав таҳрир мекунад, ба ин шеър биандешад, онро шояд боз ҳам мухтасар кунад, зеро шохчабандиҳое дорад, ки аз онҳо сарфи назар кардан инсиҷоми шеърро қавитар хоҳад кард. Масалан, дар ҳамон шакли мавҷудааш ихтисори бандҳои ду, се, даҳ танҳо бар манфиати якпорчагии шеър хоҳад буд, ҳарчанд дар вақти таҳрир шеър метавонад тамоман ба сурати дигар сохта шавад. Ин ба ихтиёри шоир аст, вале истеҳкоми зарурӣ надоштани онро қайд кардан шарт аст. Нуқсони вазн – сактаҳоро, ки ҳаштост, бартараф кардан низ айби онро камтар хоҳад кард. Шоир ба ин шеър аз ин талабот ҳам сахттар муносибат карда, аз он танҳо як байти матлаъро гирифта, бо номи «Мехи ситоракӯб» дар маҷмӯаи «Шоиру шеъре агар ҳаст...» (с. 2006) дохил кардааст:

Хуршед рафту аз паси хуршед баста шуд

Мехи ситоракӯби дари чармпӯши шаб [205, 74].

Шеъри «Ҳайкали Фирдавсӣ» дар замони ба ҳаракат ва ҳизби ба ном «демократӣ» пайвастани Бозор Собир навишта шуда, ақидаҳои онвақтаи ӯро ифода кардааст, ки шояд ҳоло ӯ ин шеърро аз эътибори худ соқит карда бошад, аммо азбаски он дар китобаш вуҷуд дорад, мавриди сухан қарор мегирад. Мавзӯи он дар маркази пойтахт ба ҷои ҳайкали Ленин гузоштани ҳайкали Фирдавсӣ буда, таассуроти шоир дар атрофи ҳамин воқиа баён мешавад, ки аз он чигунагии чеҳраи шахсиву эҷодӣ, мақому мартабаи шоириву ватанпарастии Фирдавсӣ аён мегардад. Ҷолибтарин банди шеър ин аст, ки дар мақоми Фирдавсӣ мегӯяд:

Осмонро мехарошад номи Фирдавсӣ,
Чун ливои ковиёнӣ,
Чун шиори ориёнӣ.
Номи ӯ фоте(?)ҳаи майдон,
Номи ӯ омину бисмиллоҳи користон,
Номи ӯ номи худои паҳлавию паҳлавонӣ [203, 7].

Азбаски ҳайкали Фирдавсӣ ба ҷои ҳайкали Ленин гузошта мешуд, табиист, ки шоир муносибати худро ба ҳар ду ин шахсият баён менамояд, ки чунин аст:

Эй зиҳӣ, Мақсуди Икром,
Шаҳрдори соҳибикром,
Ҷои Ленинро ба Фирдавсӣ ту додӣ,
Ончуноне маснади Заҳҳоки моронро
Пири тӯсӣ бар Фаридун дод... [203, 8].

Дар ин шеър оид ба мақоми Фирдавсӣ ҷои баҳс нест, он метавонад баландтар бошад, ки пасттар не, вале баҳс оид ба мақоми Ленин аст, ки он ҳам баҳси худи шоир аст, зеро дар як муддати кӯтоҳ, ин шеър дар китоби «Симхор», ки соли

нашраш 1999 мебошад, омадааст, вале дар китоби «Хуни қалам», ки соли 2010 ба чоп расидааст, чанд шеър ҳаст, ки ситоиши Ленину Сталину низоми коммунистиро мекунад. Яке аз онҳо «Дар Душанбе ҷои ҳайкали Ленин холист» ном дорад, ки дар таърихи 09.02.2005 навишта шудааст, яъне фосилаи вақт панҷ-шаш сол аст, фикре баён мешавад, ки сад дар сад муқобили аввала аст. Дар шеъри нахуст шоир Ленинро ба Заҳҳоки морон монанд мекунад, вале дар шеъри дуюм ӯро на танҳо аз Фирдавсӣ, балки аз тамоми фиръавну хоқону Дорову Кисрову Сосониву Сомониву Искандари Румӣ болотар мегузорад ва ҳатто мегӯяд:

Худо ҳам ҷои Ленинро намегирад,
Худо ҳам бо ҳама пайғамбари мӯъҷи(?)запардозаш [206, 12].

Дар ин ҷо на ақидаи Заҳҳоки морон будани Ленин ва на ҷои ӯро гирифта натавонистани Худо бо ҳама пайғамбарони муъҷизапардозаш мавриди баҳс аст, зеро шоир дар дигар кардани ақидааш озод аст, ҳарчанд ин на ҳамеша аломати камолоти шахсият аст. Таҳқиқи одилона ва оқилонаи он ба дасти таърих хоҳад буд, вале он нукта қобили қабул нест, ки мақоми Ленин аз ҳисоби тамасхур ба Фирдавсӣ бардошта шавад, ки дар ин шеър ҷой дорад, зеро мақоми Фирдавсӣ дар тӯли ҳазор сол аз имтиҳони таърих гузаштааст, ки он ҳоло Ленинро, аввалан, дар пеш аст ва, сониян, ин мақомҳо дигар-дигаранду қобили муқоиса нестанд, чунки яке мақоми шоир асту дигаре мақоми давлатдор.

Ба ҷойи ҳайкали Ленин
Шитобон ҳайкали Фирдавсӣ(?) барпо шуд,
Фашаш як қабза гул дар тарки дастораш,
Чароғи мил-милак дар даст савғоташ.

Вале Ленин нашуд Фирдавсии шоир,
Чунон ҳам тирборон шуд, ки Маҳмудаш агар медид,
Механдид.

Ва чун майдонғарибон як шаби торик
Шикофи тирҳо дар синааш бигрехт [206, 11].

Шеър, маълум аст, ки моли мантиқ нест, аммо ҳарф ин ҷост, ки бемантиқ ҳам нест, бинобар он вақте ки Бозор Собир аз Фирдавсии шоир Ленин шуданро талаб мекунад, ба ҳамин минвол аз Ленини давлатдор Фирдавсӣ шуданро талаб кардан комилан равост, ки дар он ҳолат Ленин ҳам ҳеҷ мешавад, яъне бунёди муқоиса, ки аз шоир кори давлатдорро талаб мекунад, хароб аст. Ҳарчанд ҳар кас мефаҳмад, ки сухан ин ҷо маҷозӣ буда, шоир хидматеро, ки барои хушбахт кардани халқ карда мешавад, дар назар дорад, вале бо вуҷуди ин ҳам, ин тарзи муқоиса дуруст нест. Ба замми он, дар бораи Фирдавсӣ бо чунин таъбирҳо «чароғи мил-милак дар даст савғоташ», чароғи мил-милак, яъне «Шоҳнома» ва «чун майдонғарибон...бигрехт» сухан рондан аз фарти беадабӣ ва қадрношиносист, ки аз ҷониби шоире чун Бозор Собир, ки худ дар тамҳиду тамҷиди Фирдавсӣ шеърҳо гуфтааст, воқеъ шудани он боиси таассуф ва тааҷҷуб аст. Боз ба замми он ки худи шоир Бозор Собир бар зидди ҳамин гуна беэътиборӣ ба бузургони пешин ва хештанношиносист, ки, масалан, дар шеъри «Аҳмад Дониш» аз он бо афсӯсу надомат сухан мегӯяд. Ин шеър пас аз чопаш дар Маҷмӯаи «Чашми сафедор» (с. 1991) дар китоби «Шоиру шеъре агар ҳаст...» (с. 2006) омада, дар тафовут аз шеърҳои дигар, ки онҳоро муаллиф сахт таҳрир карда ва ё ҳатто аз нав навиштааст, дар шакли аввала, танҳо бо таҳрир дар як байти банди охир ва бо илова кардани ин эпиграф аз худи Аҳмади Дониш – «Аз қабри ту фаромӯш карда бошанд ва надонанд, ки мақбараи ту куҷост», ба чоп расидааст. Он дар қолаби чаҳорпора, бо қофиябандии озод гуфта шудааст.

«Аҳмади Дониш» шеърест, ки дар он муаллиф барои офаридани чеҳраи ғиноии шахсиятии ӯ аз воситаҳои сюрреалистӣ истифода кардааст. Муҳтавои он аз масъалаи беэътибории мардум ба бузургон ба ҳам меояд, ки он ҳам натиҷаи дар зинаи пасти инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавию фарҳангӣ қарор доштани ҷомеа мебошад, ки аз хештаншиносӣ фаромӯш кардааст. Мавзӯи шеър асосан дар гирди аз ҷониби мардум ба гарди фаромӯшӣ дода шудани хона ва

қабри бузурге, ҳамчун Аҳмади Дониш мечархад, ки барои худҷӯию худёбӣ ва равшан кардани онон ранҷу риёзат бурдааст, вале ҳосил он аст, ки ононаш аз ёд бурдаанд. Сужаи ғиноии шеър аз он иборат аст, ки шабе Аллома Аҳмади Дониш дар мазори хеш паҳлу мегардаду бармехезад ва барои лавҳу қалам ба сӯи хонаи худ раҳсипор мешавад, вале хонаи худро наёфта, пас бармегардад, ки марқадашро ҳам пайдо намекунад. Ин маъно дар даҳ банди чаҳорпора хеле хуб инъикоси бадеӣ ёфтааст. Чеҳраи Аллома ҳамчун донишманде, ки ҳамеша дар фикри илму амал будааст, нигошта мешавад, ӯ ҳатто «дар қаламрави авҳом» ҳам хуфта бошад, дар андешаи «қаламу лавҳу ҷадвалаш» аст: «Ҳарчанд дар қаламрави авҳом хуфта буд, // Лавҳу қалам зи хотири аълам нарафта буд» [205, 26]. Дар банди севум ба сӯи хонааш раҳсипор шудани Аллома бо сувари хаёл ва тасвири зебои шаб чунин сурат гирифтааст:

Бархест аз замини Бухорош чун бухор,
Рафт аз барои лавҳу қалам сӯи хонааш.
Маҳ дар фазо чу косае(?) дар байни об буд,
Паҳлу ба паҳлу шаҳри наву куҳна хоб буд [205, 27].

Дар ин сафари фантастики худ Аллома ҳайкале мебинад, ки «Чарминапӯш, кепии чарминааш баланд» асту бо ӯ ношиносу ба бухорой ҳам ҳеҷ хос нест, яъне ҳайкали Ленин, ва шаҳраш пур аз хонаҳои сафед асту дар байни онҳо кулбаи урфии ӯ ба назар намерасад ва чун бармегардад ӯро маҳрумияти дигари ғамборе пеш меояд, ки «марқади хораш» пайдо нест: «Дар бора низ марқади хораш наменамуд, // Он гӯри бе катибаи зораш наменамуд» [205, 28]. Дар банди мақтаъ, ки ин сафар ва таассуроти ғамангези он ҷамъбаст мешавад, субҳ мерасад ва «дар он гӯшаи хароб» бо ашки шабнам мегиряд, зеро «Аз махдуми муҳандису аз аълами нуҷум // Монд оқибат бухории гумгӯру хонагум» [205, 28]. (Мутаассифона, нуҷум бо гум қофия намешавад, зеро нуҷум «вов» дораду гум на). Ин шеър дар баробари ғамномаи қисмати Алломаи Аҳмади Дониш буданаш, ҳушдорест ба

пасиниён, ки ба қадри пешиниёни бузургвори худ расидан қарзи худро дар назди онҳо адо кардан аст.

Як силсила шеърҳои Бозор Собир ба ашхоси гуногуни муосир ва ҳамқаламонаш, ба замми онҳое ки дар болотар зикр шуданд, аз ҷумла, ба устод Сотим Улуғзода («Ба устод Сотим Улуғзода»), Муҳаммадҷон Шукуров («Соядасте барои Муҳамаддҷон Шукуров»), Шарифҷон Ҳусейнзода («Сипос» Ба устод Шарифҷон Ҳусейнзода), Аслиддин Осимӣ («Барои Аслиддин Осимӣ») (Маҷмӯаи «Бо чамидан, бо чашидан...» с. 1987), Акбар Турсун («Барои Акбар Турсун»), (Маҷмӯаи «Чашми сафедор», с. 1991), Раҳими Мусулмониён («Ту бисмиллои раҳмону раҳимӣ», с. 1999) бахшида навишта шудаанд, ки баъзеи онҳо дар чопҳои минбаъда каму беш, баъзеи дигар сахт таҳрир хӯрда ва ё аз нав навишта шуда, дар баъзе номҳои бахшидашудагон сарфи гашта, ба чоп расидаанд. Таҳрирҳо бештар ба ҷиҳати боз ҳам мухтасару комилтар шудани шеърҳо ба амал омада, сарфи назар кардани номҳои бахшидашудагон ба дигар шудани муносибати шоир ба ашхоси шеър, ки сабабҳои ақидавӣ ва ё муносибати инсонӣ доранд, сурат гирифтааст.

Шеъри «Барои Раҳим Ҳошим» дар чопи аввал аз нуҳ банди чаҳорпора иборат аст, вале дар маҷмӯаи «Шоиру шеъре агар ҳаст...» танҳо банди мақтаъ гузошта шуда, дигар бандҳо ихтисор карда шудаанд. Дуруст аст, ки ин банд манзури шоирро беш аз ҳама бадеъ ва муҷаз ифода карда, ҳусни мақтаъ аст:

То бувад фарҳанги тоҷик,
Номи ӯ монад муқаррар,
На дар аввал, на дар охир,
Чун гуле дар байни дафтар [205,72].

Ин хулосаи шеър аст, аммо дар ҳашт банди боло, ки бандҳои хубу бадеъ ҳам доштанд, масалан, бандҳои 1, 2, 4, 8, заминаи ба чунин хулоса расидан баён шуда буд, ки барои тасаввури мукаммалтари чеҳраи инсониву эҷодии шахсияти ғиноии шеър, Раҳим Ҳошим, мавод медод, бинобар, онҳоро бо каме таҳрир ва ё дар

ҳамон шакл нигоҳ доштан беманфиат набуд. Аммо ихтисор ва таҳрире, ки шоир дар шеъри «Ту бисмиллои раҳмону раҳимӣ» кардааст, мақбул ба назар меояд, зеро манзури ӯро ҳамон банди сеюм, ки бо таҳрир аз нав сохта шудааст, комилан ифода намудааст. Ин шеър дар нашри аввал аз панҷ банди мухаммас иборат буд, ки қофиябандиҳои гуногун дошт, вале дар нашри охир аз се байти маснавӣ ба ҳам омада, чанд баробар мухтасар шудааст. Ҳамин тариқ, шеъри «Сафаре ба дилҳо», ки ба ёди Мирзо Турсунзода бахшида шуда буд, дар ду нашри аввал дар шакли пешин, иборат аз нуҳ банди чаҳорпора бошад, дар чопи охир бо номи «Сафари шоир», аз чаҳор мисраи маснавишакл иборат аст, ки аз шеъри пешин танҳо як байт мондааст:

Ин сафар наздик буд раҳ, то лаби Варзоб буд,
Лек чун Варзоб дар чашмони мардум об буд [205, 72].

Як дастаи дигари ашъори ғиноии шахсиятии Бозор Собир ба даргузашти дӯстон, наздикону пайвандони ӯ гуфта шудаанд. Шеърҳои «Ба хотираи бародарам профессор Темур Собиров», «Доғнома» (Ба ёди Назира Қаҳҳорова), «Ёдкарди Ҷумъа Одина», «Ёдат ба хайр, Муаззама» аз ин ҷумлаанд, ки дар онҳо ифодаи дарду ғами шоир сахт муассиранд, махсусан, агар шеър ба пайвандони ӯ, ҳамчун бародараш, Темур Собиров, бахшида шуда бошад. Дар онҳо аз фазилатҳои касбии онҳо, агар олим бошанд, аз олимӣ ва агар шоиру нависанда бошанд, аз хусусияти эҷодии онҳо сифатҳое оварда мешаванд, ки тарҳи чеҳраи инсонӣ ва илмиву эҷодии онҳоро комилтар менамоянд. Барои исботи ин қазия ба ду шеъри ғиноии шахсиятӣ, ки яке ба хотираи бародараш, олими риёзӣ ва дигаре ба нависандаи ҷавонмарг, Муаззама, навишта шудааст, мулоҳиза карда мешавад. Шеъри «Ба хотираи профессор Темур Собиров» аввал дар маҷмӯаи «Мижгони шаб» (с. 1981) ва баъдан дар китоби «Шоиру шеъре агар ҳаст...» (с. 2006) дар унвон бо иловаи калимаи «бародарам» ва чанд таҳрир дар дохили шеър ба нашр расидааст. Ин шеър дар қолаби чаҳорпора, иборат аз 11 банд, дар вазни рамали мусаммани садру ибтидо солиму махбуни маҳзуф (мақсур) ва қофиябандии озод

дар дохили банд, навишта шуда, бештар дарду алами ҷонсӯзи шоирро аз даргузашти бародар ифода намудааст, то чеҳранигории бародарро, ки табиист, зеро дар ин ҳолат инсонро фаварони ғаму ғусса фаро гирифта, баёни дарзамонӣ мехоҳад, ки шоир ҳам ҳамин корро кардааст. Аз ҷумла, дар бандҳои севу чаҳор ин андӯҳи ҷоншикор ба воситаҳои бадеъ ин тавр ба забон оварда мешавад:

Боғ рафтам, ки ман аз дору дарахташ пурсам,
Боғи зарде, ки чу ман табзада буд бечора,
Боғ нашнида маро, барги хазон афшонид,
Кард пироҳани зардӯзии худ садпора.

Нигарон сӯи ҳаво аз қафаси маҷнунбед,
Ҳайф хӯрдам, ки ғами хеш нахӯрдам барвақт.
Нигарон сӯи ҳаво аз қафаси маҷнунбед,
Ҳайф хӯрдам, ки барои чӣ намурдам барвақт [205, 37].

Шоир, то рафтан ба боғ, суроғи додарашро аз роҳи хаёлу аз раҳи бод ҷуста, пайдо накард ва ба боғ омаду ин манзараи дардоварро дид. Шоир аввал боғро бо пурсиши худ ташхис кард, то ба ҳиссиёташ наздиктар шавад, онро ҳамчун худ табзада дида, ташбеҳ сохт, пас боғро боз ташхису баргҳои хазони онро ба пироҳани зардӯзӣ мушобеҳ дарёфта, аз қафаси маҷнунбед, ки низ ташбеҳи зулфони давродаври ин дарахт аст, ба осмон нигариста, аз фарти сӯзу гудоз ҳасрати барвақттар намурданашро ба забон овард. Ҳасрат мекунад, чаро барвақттар намурд, ки аз ёди бародар обу адо нашавад ва бо доғи бародар ба тадриҷ намирад ва пасон ба ҳаво менигараду манзареро мебинад, ки тарҳе бар чеҳраи бародар меафзояд. Дар он манзара, дар байни «абри гузар тӯдаи дафтар», «болишу бистар» мебинад, ки ба аҳли илму дониш, китобу дафтар ва як муддат бар асари беморӣ бистарӣ будани додар ишорат дорад. Дар бандҳои минбаъда шоир аз таассурот ва тасаввуроти худ аз даргузашти додар сухан ронда, аз абр – “аз олами абрӣ” хабар мепурсад, ки оё дар «паси талҳои булӯрии ҳаво ҷои»

додари ӯ нест. Аз ин пурсиши ӯ малак бар фалак ончунон сахт мехурӯшад, ки «аз ашки равон» замину замон тар мешавад ва шоир бар мақтаи шеър мерасад:

Нигарон сӯи ҳаво будаму хобам бурдаст,
Шудам аз чак-чаки борони дарахтон бедор,
Задам оҳе, ки чаро то абадам хоб набурд?
Оҳ, безорам аз ин дидани дунё, безор! [205, 38].

Дар ин ҷо овардани мақтаи пешинаи шеър ва муқоиса бо таҳрири охир бе манфиат нест, зеро аз он як нуктаи муҳим равшан мешавад. Бозор Собир ҷонибдори шеъри мусаввар аст ва баъзан дар ин азми худ ифрот мекунад, ки дар натиҷа таассурот дар паси тасвири зиёд монда, аз муассирии худ мекоҳад, зеро дарки хонанда аз рафтан ба умқи эҳсосот ба олами беруни тасвирот кашида мешавад. Ҳамин гуна ҳолат пас аз хондани нусхаи пешинаи ду банди охири шеър ба вуҷуд меомад, ки шояд шоир онро ҳис карда, ба шакли тоза ба таҳрир даровардааст. Чунин аст нусхаи аввалаи ин ду банд:

Нигарон сӯи ҳаво будаму хобам бурдаст,
Шудам аз чак-чаки борони дарахтон бедор.
Нигарам, кӯҳ паси сар задааст аз рӯяш
Шаби гирёни ғамомии маро чодарвор.

Дили ман обу вале аз шафақи албонӣ
Ҳамчу табхола лаби гарми уфуқ гул баста.
Задам оҳе, ки шафақ нест, замин мебандад,
Саҳар аз доғи дили гумшудаҳо гулдаста [200,60].

Аз ин мисраъҳо чунин ба назар мерасад, ки шоир ба тасвир дода шуда, ҳатто фаромӯш мекунад, ки табиат бо ӯ ҳамдил буду хун мегирист, вале дар ин ҷо «...аз шафақи албонӣ ҳамчу табхола лаби гарми уфуқ гул» мебандаду «замин ... саҳар аз

доғи дили гумшудаҳо гулдаста» мегӯяд, ки ин тасвиру ин ҳарфҳо, аввалан, хонандаро аз олами ҳиссиёти дарунӣ ба ҷаҳони беруни тасвир оварда, ба иллати зиёдӣ, ба худ бештар аз меъёри зарурӣ машғул дошта, таъсири таассуротро камтар кунанд, сониян, хоҳу нохоҳ, ба оҳанги ғамангези пешин латма зада, эҳсосотро ба ғайри раъйи шоир ба тарафи муқобил мебаранд. Ҳарчанд намешавад гуфт, ки таҳрири тоза аз пешина хубтар аст, зеро манзурро хеле рӯёрӯй мегӯяд, аммо ба ҳар навъ нуқси мавҷуда аз байн рафтааст.

Шеъри «Ёдат ба хайр, Муаззама» низ дар нашри нав дар чанд ҷо таҳрир дида, бо номи «Дар ёдбуди Муаззама» омадааст. Он ҳам дар қолаби чаҳорпора, дар вазни музореъи ахрабу макфуфу маҳзуф (мақсур) ва бо қофиябандии **абвб, гдед** навишта шуда, тарҳҳое аз симои шахсияти инсониву эҷодии ин нависандадухтари ҷавонреҳлаткарда дорад:

Рафтӣ ҷавону сӯхт барои ту сад ҷавон,
Ошиқ ҷудову ҳамқаламу ҳамқадам ҷудо.
«Аспи сафед»-и ишқи ту, эй духтари адаб,
Дар синаҳои аҳли қалам мекунад чаро [200,75].

Дар бандҳои минбаъдаи шеър, бар ин тарҳҳои инсонӣ – ҷавонӣ ва мабҳаси муҳаббат будан, тарҳе аз симои эҷодӣ – дар синаҳои аҳли қалам ҷой доштани «Аспи сафед» – асарҳои Муаззама, боз тарҳҳои дигар, ба монанди, рукни ҷумларо ҳамчун усто тарошидан, рангобаранг кардани матои баён, аз замини сухан чидани санги сакта, ки бо ифодаҳои маҷозӣ сифати истеъдоди нависандагии Муаззамаро мекунанд, зам шуда, чеҳраи инсонӣ ва эҷодии шахсияти ғиноии шеърро муҷассам менамоянд.

Ашъори ғиноии шахсиятии Фарзона асосан ба шахсиятҳои фарҳангӣ – олимон, шоирон ва ҳунармандон бахшида шудааст, ки баъзеи онҳо шахсиятҳои фарҳангии таърихӣ ва баъзеи дигар ҳамзамонони шоиранд. Дар давраҳои аввали эҷодиёти шоир, ки ба солҳои ҳаштоди қарни бист рост меояд, шеърҳои «Руҷӯи халқ ба рӯҳи Аҳмад Зоҳир», «Гуфтугӯ бо Маҳастӣ», «Гули озар» (Ба устод

Гулрухсор) навишта шудаанд, ки дар маҷмӯаи «Шабохуни барқ» (с. 1989) ҷой доранд. Аз ин шеърҳо ду шеър ба ҳамзамонони шоир – сарояндаи афғон Аҳмад Зоҳир ва шоири тоҷик Гулрухсор ва як шеър ба шахсияти фарҳангии таърихӣ – шоир Маҳастӣ бахшида шудааст. Аз ин се шахсият, Фарзона, бо Гулрухсор шиносоии шахсӣ дошта, бо дигарон аз рӯи эҷодиёташон ошно будааст. Хонандаи афғон Аҳмад Зоҳир дар байни шунавандагони тоҷик маҳбубияти хосае дошту дорад ва шояд, бинобар он, шоир ҳам шеърашро ба рӯҳи ӯ аз номи халқ сурудааст. Фарзона суруди ҳофизро «пайғоми ҳаёт», «суруди як дили бедор дар дунёи хоболуд» номида, таассуф мехӯрад, ки «худованди суруд» акнун «сукути ҷовидон» дораду аз лабҳои гиландуди ӯ дигар навое барнамехезад, зеро қотиле бо дили сангин ба хуни ӯ теғ зад, ки ҳаргиз шуста нахоҳад шуд. Шоир дар ин шеър ба сабаби кушта шудани сарояндаи маҳбуби халқ, Аҳмад Зоҳир, ишораҳои нозуке мекунад, ки дар он даст доштани ҳукумати вақти он мамлакат дарк карда мешавад:

Намедонам, вале гоҳе, ки овози ту меояд,
Фурӯ хоҳад шуд он золим зи авҷи нағмаҳои ту.
Ту якто будиву хуни ҳазорон қотилат ҳаргиз
Баробар нест, эй доди худо, бо хунбаҳои ту [249, 75].

Дар ин ҷо «золим» ишора ба ҳокими замон дошта, шоир хуни ҳазорон монанди ӯ ҳокимонро ба хунбаҳои ҳунарманде ҳамчун Аҳмад Зоҳир баробар намедонад, ки ҳукми одилона аст ба ин гуна ноҷавонмардиҳою ноҷавонмардон. Зеро суруди ҳунарманд «бо танин»-аш дардҳоро даво, нуқсро расо ва сукутро наво карда, ҳаргиз нахоҳад мурд ва сарояндааш дар дилҳо «ҳамчу пайғоми саодатҳо» ҳар рӯз тоза ба тоза зода хоҳад гашт.

Шеъре, ки Фарзона ба шоира Гулрухсор бахшидааст, «Гули озар», ғазали хаёлпардозонаи зебоест, ки далели сириштан шоири нозукадо будани муаллиф аст, зеро дар давраҳои нахустини эҷодиёташ гуфта шудааст, ки ҳоло касби камол

кардани ӯ дар пеш буд, вале ин шеър дар нозукадоӣ баркамол аст. Он дар вазни рамали мусаддаси маҳзуф (мақсур) буда, қофияҳои зебояш гӯшро менавозад:

Эй чароғи раҳнавардон ахтарат,
Рӯҳи Митро посбони пайкарат.
Эй паранди нури хуршед абраат,
Парниёни субҳгоҳон астарат [249, 169].

Азбаски ин вазни гӯшнавоз дар шеъри классик ва имрӯз ниҳоят бисёр истифода шудаасту мешавад, дар он сухани тоза гуфтан ва онро оҳанги тоза додан сахт муҳол аст, аммо ин ғазали Фарзона ҳам мазмунан бикр асту ҳам шаклан тозаоҳанг, ки манзури шоир – нозукию хашмбории шахсият ва эҷодиёти шоири ҳамзамони худро, бисёр воқеӣ ва дилнишин ба қалам овардааст: «Қаҳри Баҳром асту нози Зӯҳра ҳам // Андар он чашмони нилӯпарварат. // Хашм ҳам борӣ, ҳамоно нозукӣ, // Ғайри барги гул набошад сангарат» [249, 169]. Хашми шоир ва назокаташ ҳам, албатта, вобаста ба авзои иҷтимоист, ки онро муаллиф низ гӯшзад менамояд.

Дар солҳои навад дар эҷодиёти Фарзона шеърҳои ғиноии шахсиятӣ бештар мақом пайдо мекунанд, ки дар маҷмӯаи «Ояти ишқ» (с. 1994)-и ӯ ҷамъ оварда шудаанд. Инҳо шеърҳои «Чун ашк рехтӣ» (Ба ёди Муаззамаи Аҳмад), «Турнаи сафед» (Барои Ширин Каримзода) ва силсилаи «Паёми ниёгон» мебошанд, ки ба 12 бузургвори илму адаб, аз Рӯдакӣ то Иқбол, бахшида шудаанд.

Муаззамаи Аҳмад, нависандаи хушсалиқа буд, ки бо Фарзона дар як давра ба адабиёт дохил шуда, бо ӯ риштаи дӯстӣ дошт. Марги нобаҳангоми дӯст дар вуҷуди шоир як олам эҳсоси дарду ҳасрат ва бебақоии ҳаётро бедор мекунад, ки бо оҳанги бардавоми ғамангез ба забон оварда мешавад. Ин шеър аз шеъри «Гули озар» батамом фарқ мекунад, на фақат бо он ки эҳсосоти мухталифро бозгӯ мекунад, ки табиист, зеро шеъри якум ба дӯсти барҳаёт (хушбахтона) ва дуюм ба дӯсти даргузашта гуфта шудасту оҳанги яъсу марсияро ифода менамояд, балки бо он ҳам ки шеъри аввал аз шоир сухан мегӯяду шеъри дуюм аз нависанда, ки наср

менависад. Шоир савқан ҳис мекунад, ки оҳанги ин шеър бояд дигаргуна бошад ва вазнеро интихоб менамояд, ки бештар ритм, зарбу оҳанги оҳистарави насрро дорад:

Аз байни хокиёни гунаҳолуд
Танҳотарин фаришта, куҷо рафтӣ.
Эй охирин фурӯғи мубаррой,
Бо ҷурми тираақлии мо рафтӣ [249, 266].

Ин вазн, ки аз афоилҳои **мафъӯлу фоилоту мафоӣлун** ба ҳам меояд, ба зарбу оҳанги ороми наср қаробат дошта, табиати эҷодиёт – насрнависии шахсияти ғиноии шеърро бе таъкиди махсус ҳам ифода менамояд. Шоир дар шеър муҳимтарин ҷиҳати андеша ва эҳсосоти дӯсташро, ки муҳаббати сӯзони ӯ ба таърихи халқаш буд, таъкид карда мегӯяд: «Сомон бимурду баъди ҳазорон сол, // Медоштӣ дар андӯҳи ӯ мотам» [249, 266]. Дар ин шеър ба ҳамсар наёфтани мутаваффо низ ишора мешавад, ки ғами дигаре бар ғами дӯстони ӯ меафзояд. Шоир аз ёддоштҳои хеш як шаби барфии зимистонро дар хотираш зинда мекунад, ки аз сиришти зебо ва шоиронаи ин ҳар ду дарак медиҳад:

Оҳ, он шабони нур, ки мекардам
Мавҷи садои рехтаатро гӯш.
Дар кӯча барф мезаду мо будем
Масти хаёли сабзу баҳороғӯш [249, 266].

Ин саҳна ва бардошт аз он ба ҳар дуи ин эҷодкори нотакрори хаёлпардоз мансуб аст, ки яке аз онҳо имкони ифодаи онро пайдо карда, хотираи дигареро зинда доштааст.

Шеъри «Турнаи сафед» аз олами дигарест, аммо он ҳам навои маҳзунона дорад. Он аз мазмуни тарона ва зиндагии шахсияти шеър – Ширин Каримзода, шоираи бемори фалаҷи дасту по бармеояд, ки баъдан ҷавон даргузашт. Ин шеър

дар замони барҳаёт будани ӯ навишта шудааст, ки қиссаи дардноки зиндагии ӯро бисёр ҳам шоирона бо умеде бозгӯ мекунад, то заррае ҳам бошад фоҷиаи ин навгули баргаштабахтро сабуктар созад. Шеър дар қолаби нимоист, тарҳи шахсият ва зиндагии ин шоираи ғӯрамарг асосан дар пораи дуюм рехта шудааст:

Таронаҳои ту
Фиғони пуралами турнаи зи села ҷудост,
Ки тир хӯрдаву болаш фурӯ ҳамепечад.
Ва мегуселонад
Нигоҳи ҳасрати ӯ паркашида ёронро.
Ғамин мабош, аё турнаи сафеди ман,
Туро сиҳат бикунад офаридагору боз
Ба ранги асл бубахшад идомаи парвоз [249, 331].

Силсилаи «Паёми ниёгон» аз ашъори ғиноии шахсиятие фароҳам омадааст, ки тарҳи чеҳраи инсонӣ ва эҷодии Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Носири Хисрав, Хайём, Мавлавӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Ҷомӣ, Бедил, Иқболро шоирона нигориш менамояд. Ин гуна ашъор дар масири омӯзиши осори ин бузургон сурат гирифта, чеҳраи онҳо дар асоси бардоште, ки Фарзона аз эҷодиёти онҳо мекунад, ба тасвир гирифта мешавад. Аз ин рӯ, аксари ин ашъор гироиш ба сӯи маънавият мекунанд, зеро зиндагӣ ва осори ин бузургон маводи фаровоне барои андешаҳои маънавӣ медиҳад ва тафаккури шоиронаи худи Фарзона ҳам, ки огандаи маънавият аст, бештар мутаваҷҷеҳи ҳамонандиҳо мегардад. Азбаски ин силсила дар замони ноустувор ва нооромиҳои иҷтимоиву сиёсӣ навишта шудааст, ки дар ҷомеа рӯҳияи дарду дареғ нуфуз мекард, қариб дар ҳар шеъри он оҳанги яъсу ноумедӣ ба гӯш мерасад, ки, аз як ҷиҳат, аз худи рӯзгор ва осори бузургони бостон маншаъ гирад, аз ҷиҳати дигар, таъсири аҳволу авзои замон бар дилу ҷони муаллиф аст. Ин маъно дар шеъри оғозин, «Паёми ниёгон», чунин матраҳ шудааст, ки гӯё «рӯзе паямбарони Аҷам... алломагони Шеър» дар рӯъёи муаллиф рӯнамо мешаванду «охирин васияти худ»-ро мекунанд:

То бишнаванд оҳи Аҷамрову бо дареғ

Бар ҳоли ворисони фурӯмонда бингаранд [249, 338].

Ин байт на фақат нишондиҳандаи андешаи гузаштагони бузургвор дар бораи ворисони худ, балки ақидаи шоири имрӯз дар бораи ҳамзамононаш низ ҳаст. Боз ба замми он ки муаллиф дар банди минбаъдаи шеър ин ворисонро «пунба ба гӯш» меномад, яъне дар дарозои ҳазор сол ворисон он пандҳоро нашуниданд, оё акнун мешунида бошанд?!

Тарҳи шахсияти ҳар кадоме аз ин бузургон бо муҳимтарин хусусият ва ҷузъиёти зиндагии шахсиву осори онҳо нигошта мешавад. Масалан, бо шунидани номи Рӯдакӣ ҳамоно номи Сомону Бухоро ба ёд мерасад, ки қисмати шоириву инсонии устод бо онҳо пайванди ҷовидона гирифтааст. Шоир ҳам дар аввалин банди шеъри «Рӯдакӣ» мегӯяд:

То Бухоро ҳамраҳи рӯди Зарафшон омадам,

Аз парешонӣ гурезон сӯи Сомон омадам.

Аз паёми гарми ман чашми Бухоро боз шуд,

Баски чун хуршед бо чашми чароғон омадам [249, 338].

Маълум аст, ки рӯй овардан ба таърих ба манзури имрӯз ва фардо сухан гуфтан мебошад, ки дар ин силсила ҳам ҳамин гуна аст. Бинобар он, Фарзона дар пайванд бо номи шоири бузурги Сомон аз Бухорои имрӯз ҳарф зада, онро «дар хамӯшӣ ғарқааст», таъбир мекунад, яъне ҳар садое, ки бо лафзи модарии ӯ баланд намешавад, хамӯшист ва ба гӯше намерасад. Фарзона дар байти мақтаи шеър аз забони Рӯдакӣ умедеро, ки аз мантиқи ҳастӣ ва осори устод бармеояд, изҳор мекунад, ки дар айни замон ормони худи ӯ ҳам ҳаст:

То кунун рӯди Зарафшон шеъри шодоби маро

То Бухоро, то Бухоро, то Бухоро мебарад... [249, 338]

ва манзур аз ин бедор кардани аҳли пунбабагӯши Бухорост.

Ҳамин маъно дар шеъри «Фирдавсӣ» ҳам дар асоси мавзӯи дигар, ҷанги байни Эрону Тӯрон, ки дар асл як марзу бум ва мардумаш ҳам аз як нажод буда, сужаи достонҳои «Шоҳнома» қарор гирифтаанд, низ садо медиҳад. Чеҳраи Фирдавсӣ маҳз ҳамчун инсони худшинос ва шоири огоҳе, ки тамоми умри азизи хешро сарфи манзури бедории ин мардум кардааст, нигошта мешавад. «Шоҳнома» худ беҳтарин далели ин матлаб ва дурахшонтарин чеҳранамои шоир аст, аммо ҳар насл мехоҳад, ки онро дар оинаи чашмон ва хирад ба тарзи худ бубинад, ки Фарзона ҳам паи он мекӯшад. Дар диди Фарзона симои Фирдавсӣ пеш аз ҳама бо ҳамин хусусиёти хеш – хештаншиносӣ зуҳур мекунад, ки аз ноогоҳии мардум аз аслу насаби худ ва ё беэътиноӣ ба он ва фирефтаву побӯси дигарон шудани онон ғаму ғусса мехӯрад:

Чун кӯҳ баландему сарафканда чароем,
Вораста зи хешему ба кас банда чароем.
Гӯем ба як лафзу нафаҳмем дили ҳам,
Пайваста ба як хуну пароканда чароем [249, 343].

Ва як амри воқеъ аст, шоире, ки ин сарафкандагиву бандагиву парокандагиро эҳсос мекунад, паи сарбаландиву озодагиву пайвастагӣ сухан гуфта, таъкид мекунад, ки «Шоҳнома»-ро маҳз барои ҳифзи нангу номуси ҳамин мардум офаридаам. Чеҳраи инсониву эҷодии Фирдавсӣ дар руҷӯи ӯ ҳамчун ситоишгари размҳои паҳлавониву азмҳои ватандорӣ ба назар меояд, ки маънои ҳамаи саҳнаҳои асари безаволаш «Шоҳнома»-ро дар худ муҷассам менамояд.

Носири Хисрав дар руҷӯи худ аз «оташу бухрони ҳодисот», ки дар замони ӯ боло гирифта буд ва аз ковишҳое, ки дар олами маънавиёт барои бурунрафт аз он карда, дар ниҳоят аз он беадолатиҳо ба ҷон расида, ба баҳс бо Худо бархоста буд, ҳарф мезанад, ки муҳимтарин масъалаи зиндагӣ ва осораш ба шумор меояд. Ин андешаҳои шоири донишманд дар ин мисраъҳояш хулоса шуда буд:

Худоё, рост гӯям фитна аз туст,
Вале аз тарс натвонам чағидан [259, 586].

Фарзона низ бо такя бар он тарҳи асосии чеҳраи Носири Хусравро чунин мебинад: «Ман бо Худо мунозира кардам, ки айби туст, // Моро бад-ин сиришт чаро офаридаӣ?!» [249, 344]. Носири Хусрав ҳам мисли Рӯдакиву Дақиқиву Фирдавсӣ ситоиши Аҷами бостон ва фарҳангу дину оини он мекунад ва нафрин ба онҳое мехонад, ки онро помолу забун кардаанд:

Ман дар муҳити аҳреманони сияҳдарун
Ҳурмуздро ситудаму ойини ишқро [249, 344].

Ситези Хайём бо тамоми низоми мавҷуда, ҳам сиёсиву иҷтимоӣ ва ҳам маънавиву ахлоқии замонаш, намунаи дурахшонтарин ситезҳои инсонист бо ҳукуматҳои истибдодӣ дар ҷомеаи башарӣ. Аз ин рӯ, вай аз аввалин суханҳояш, бар алайҳи ҳамаи таълимоти зоҳидона, ҳақиқати илмро парчами омӯзаи худ мекунад, ки бояд дар хидмати саодати офаридагони Худованд бошад. Ӯ дар ин роҳ пардаи тамоми зуҳду тақво ва дурӯягиҳоро медарад ва бо як лоуболӣ ва беэътиноии бемонанд ба зимомдорони давру замон эълом медорад:

Зоҳидо, лаб бикушодиву итобе кардӣ,
Кофарам хондаву худ бӯи шаробе кардӣ.
Мани кофар сипари оҳи заифон гаштам,
Туи муъмин чӣ амалҳои савобе кардӣ [249, 346].

Дар силсилаи «Паёми ниёгон» ҳамаи бузургон бо руҷӯи худ рух намуда, аз номи шахсияти худ сухан мегӯянд ва Фарзона ҳам кӯшидааст, ки то ҳадди имкон бо лаҳни сухани онҳо суҳбат кунад. Аз ин рӯ, ӯ дар шеъри «Мавлавӣ» аз баҳри раҷаз вазни мусаммани солимро интихоб мекунад, ки бештар оҳанги тарабноки

нағмаву бозӣ дошта, аз афоили **мустафъилун мустафъилун мустафъилун мустафъилун** ба ҳам меояд ва дар осори Мавлоно, дар «Девони Шамси Табрезӣ», хеле серистифода аст. Ин шеър дар қолаби ғазал гуфта шуда, муҳтавои маънавӣ дорад, ки аз мундариҷаи ғазалҳои Мавлоно бармеояд. Ҷусторҳои маънавии Мавлоно ҳам, дар ниҳояти худ, моҳияти иҷтимоӣ ва инсондӯстона доштанд, ки Фарзона ҳам тарҳи асосии симои ӯро ба ҳамин ранг мерезад ва аз забони худи ӯ мегӯяд:

Ман дар ҷаҳони дилпареш пайванди дилҳо ҷустаам,
Мехостам зӯрон шаванд оҳи заифонро сипар.
Ин буд умеду рои ман, эй ворисӣ фардои ман,
Ин панди ман кор оядат фардову фардои дигар [249, 348].

Шеъри «Ҳофиз» дар қолаби чаҳорпора гуфта шуда, дар ҳар банд бардоштҳое аз ғазалиёти Хоҷа дорад, ки ба тарҳрезии аслитари симои инсониву эҷодии ӯ мусоидат мекунад. Оғози шеър низ ҳамин гуна, аз байти машҳури Ҳофиз: «Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро, // Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро» [306, 6] маншаъ мегирад ва масъалаи барои шоири имрӯз дардноки «аз даст рафт»-ани Самарқанду Бухороро аз забони Ҳофиз матраҳ мекунад. Дар ҳамон банди аввал боз ба ду ғазали дигари Ҳофиз ишорате ҳаст, ки мазмуни болоро бештар қувват ва таҳким мебахшад:

Холи ҳиндуро набинмо – ҳиммати мо паст рафт,
Он Самарқанду Бухоро ҳам дигар аз даст рафт.
Об зад абрам ба рӯву ҳуши ман н-омад ба сар,
Сӯи он дунё ҳам ин бебода мастомаст рафт [249, 350].

Мисраи сеюми ин банд аз ин байт: «Бахти хоболуди мо бедор хоҳад шуд магар, // З-он, ки зад бар дида обе рӯи рахшони шумо» [306, 11] ва мисраи чаҳорум аз ин байти Ҳофиз бахра бурдааст: «Ҳофизо, рӯзи аҷал гар ба каф орӣ

ҷоме, // Яксар аз кӯи хароботи барандат ба биҳишт» [306, 50]. Ҳоло барои намуна боз чанд мисоли мухтасар оварда мешавад, ки дар ғазалиёти Ҳофиз будани сарчашмаи ин шеър равшантар гардад:

Фарзона:
Ман, ки бо лафзи дарӣ ҳамсуҳбати яздон шудам... [249, 350].

Ҳофиз:
Зи шеъри дилкаши Ҳофиз касе бувад огоҳ,
Ки лутфи табъу сухан гуфтани дарӣ донад [306, 105].

Фарзона:
Нуҳ фалак бишкофтам, то огаҳ аз кайҳон шудам [249, 350].

Ҳофиз:
Фалакро сақф бишкофему тарҳи нав дарандозем [306, 219].

Фарзона:
Инчунин оинадори тинати инсон шудам [249, 350].

Ҳофиз:
Дида оинадори талъати ӯст [306, 37].

Фарзона:
Бишнавад гулбонги қудсии маро гӯши шумо [249, 350].

Ҳофиз:
Булбул зи шохи сарв ба гулбонги паҳлавӣ [306, 290].
«Қудсиён гӯӣ, ки шеъри Ҳофиз аз бар мекунанд» [306, 119] ва ғайра.

Ин баҳрабардорӣ аз шеъри Ҳофиз далели он аст, ки чеҳраи Ҳофиз беш ва пеш аз ҳама дар осораш акс андохтааст, ва беҳтарин тасвири симои ӯ низ, бо истифода аз ҳамон тарҳҳое офарида хоҳад шуд, ки ӯ барои худ рехтааст. Ва Фарзона ҳам дуруст мекунад, ки аз ҳамон рангҳову тарҳҳо мадад меҷӯяд. Ҳамин тариқ, дар саросари ин шеър аз ғазалҳои Ҳофиз кор гирифта шудааст, ки муҳтавои осори ӯ ҳар чӣ аслитар ифода шаваду чеҳра ҳам ҳамон қадар ба шахсияти ғиноии шеър қаринтар бошад. Дар натиҷа, он чӣ, ки муаллиф мехост, симои Ҳофиз, ҳамчун шоири ринди ориф, ки шахсияти ғиноии шеъри худи Ҳофиз ҳам ҳамин гуна рух менамояд, ба назар падидор мешавад. Азбаски дар аксари ғазалҳо худи Ҳофиз шахсияти ғиноии шеъраш аст, чеҳраи ӯ бо чеҳраи шахсияти ғинояш тақрибан тавъам мебошад, аз ин рӯ, онро бо истифода аз ғазалҳои худи ӯ падидор намудан, ба ҳақиқати шахсияти ӯ наздиктар шудан аст.

Бо ҳамин минвол, камтар ё бештар такя овардан ба осори бузургони дигар, Камол, Ҷомӣ, Бедил ва Иқбол, чеҳраи ғиноии шахсияти онҳо офарида мешавад, ки қариб ҳама аз қисмати худу қисмати ватани аҷдодӣ – Аҷам, ба маънои ватани мавлудӣ ё фарҳангӣ, бо ҳасрат сухан мегӯянд. Масалан, мақтаи руҷӯи Ҷомӣ чунин аст: «Шикаст Ҷоми Ҷаму мурд офтоби Аҷам, // Дареғи шикваи Ҷомӣ, ки меравад бар бод» [249, 352]. Руҷӯи Иқбол ҳам бо ҳамин гуна суоли ҳасратомез ба поён мерасад: «Аҷам чун мешавад фардои дигар?! // АҶАМ чун мешавад?!» [249, 354]. Ин ҳасрат чунин дарк мешавад, ки барои ҳар яки онҳо шукуфоии Ватан манзури муқаддастарини умру эҷодашон будааст, ки онро ба ворисони худ низ талқин мекунанд. Фарзона ҳам онро аз аввал то охири силсила ҳамчун ғояи асосӣ мавриди ифодаву тасвир қарор дода, чеҳраи ҳар яки ин бузургонро оинадори ҳамин андеша менамояд. Ҳангоми эҷоди ин силсила Фарзона давраҳои аввали эҷодиёташро тай мекард ва табиист, ки ҳанӯз асолат ва матонати суханаш ба дараҷаи такомули зарурӣ, ки бо осори он бузургон баробарӣ кунад, нарасида буд, ки худ ҳам инро, ҳам дар оғоз ва ҳам дар анҷоми силсила, гӯшзад мекунад. Аммо манзури асосӣ, як бори дигар аз забони бузургон ба хештаншиносӣ ва гиромидошти арзишҳои миллӣ талқину тарғиб кардани ворисони онон, ба даст оварда шудааст.

Баъди эҷоди ин силсила, дар солҳои минбаъда ҳам, Фарзона ба ин ё он муносибат ба гуфтани шеърҳои ғиноии шахсиятӣ давом медиҳад, ки баъзеи онҳо бо сабаби даргузашти ашхоси азизу муътабар ва баъзеи дигар ба таҳсину тамҷид бахшида шудаанд. Дар маҷмӯаи «Фасли ғуруби орзу» ашъори «Фурӯғи савоб» (Ба устод Абдуманнони Насриддин), «Булбули фархунданафир» (Ба устод Ҷӯрабек Муродов), «Як пора ёдгор» (Ба ёди Муҳиддин Олимпур), «Нурбахши обу гил» (Ба устод Муҳаммадҷон Шакурӣ) аз ҳамин навъ мебошанд.

«Фурӯғи савоб» (Ба устод Абдуманнони Насриддин) ғазалест, дар тамҷиди ин донишманди равоншод, ки ҳолу ҳавои маънавӣ дошта, маънои эҷодиёт ва шахсияти ӯро аз муҳимтарин ҷиҳат – фазилати маънавӣ ба ситоиш мегирад. Ин донишманд, ки асосан ба матншиносии адабиёти классик машғул буд, воқеан ҳам инсони шарифу покзоде буд, ки дил аз маънавият дурахшон медошт ва дар роҳи тарғибу ташвиқи он ҷон мефарсуд. Ғазали Фарзона ҳам саршори сипосу ташаккур аз шахсияту заҳмати дилмунавваркунандаи ӯст. Ғазал аз тамҳиди ӯ оғоз мешавад, ки нахустин маҳз ҳамин сифати ӯро бо сипосу шефтагӣ ба забон меорад:

Ту, эй чароғи ҳидоят, ту эй фурӯғи савоб,
Фитодаем дар ин кӯрарах, ба мо бартоб.
Ба ҳиҷла рафтию моро дигар намебинӣ,
Ки рӯи ҳазрати ҳақ дидаӣ бидуни ҳиҷоб [250, 56].

Ин ғазали зебову дурахшони маънавӣ аз ёздаҳ байт иборат аст, ки аз замири дили шоир бурун таровидааст, зеро худи Фарзона ҳам ҳамчун шахсият ва ҳамчун шоир бештар гироиш ба олами маънавият дорад, яъне шоир дар бораи чизе сухан мегӯяд, ки барои худи ӯ ҳам маънои ҳастист. Бинобар он, ғазал саршори самимият ва гармист. Боз ба замми он ки шоир чун ба атроф менигарад, мардумеро мебинад, ки парвои маънавият надошта, дар паи молу маноли дунё афтодаанду бо мастиву шикамборагӣ рӯз ба сар мебаранд. Дар ин муҳит ягона гурезгоҳи инсони бедор инсони маънавии дигар мешавад, ки паи дар вуҷуди худ обод кардани олами сидку сафост:

Шабон нишастану бо хома ишқ варзидан
Барои туст ҳаловат, барои мост азоб.
На хомааст, калиди дари сабоҳ аст ин,
Кушой дар, ки дарояд ба ханда субҳи савоб [250, 56].

Дар ин ҷо шоир хомаи донишмандро ба калиди дари субҳ ташбеҳи зебое мекунад ва субҳеро, ки аз паи шаби заҳмати маънавӣ омада, ба ханда ба хона медарояд, башорати рӯзи пурмаънову пурсавоб мехонад. Дар байти оянда таъбири «мо дузд шудему шаб маҳтоб»-ро аз маънои аслияш берун оварда, хеле зарифона истифода мекунад, ки ҷолиби таваҷҷуҳ аст: «Бирез субҳи сафоро ба ҷони душману дӯст, // Ба ҳар кӣ дузд бувад, ҳадя кун шаби маҳтоб» [250, 56], яъне ба ҳар касе, ки дузд, яъне толиби маънавият бошад, шабашро – роҳашро, ҳам равшан кун, ки ҳар қадар метавонад, бибарад, зеро бурдани маънавият – баҳра бардоштан аз он, айбу гуноҳ ва ҷиноят нест, ки аз чашми мардум бояд пинҳон кунӣ. Фарзона дар ин ғазал барои дурахшонтар ҷилва додани шахсияти ғиноии шеър аз сувари хаёл, аз ташбеҳу истиораву тазоду муқобала фаровон истифода мекунад. Масалан, дар ин байт: «Ба он ки шабпаракӣ кард, офтобаш деҳ, // Ба он ки чанг барорад, бибор ашки саҳоб» [250, 56] ба онҳое, ки шабпарахислатанд, яъне зулматпарастанд, офтоб ва ба онҳое, ки чанг меборанд, ашки саҳоб, хуб тазоду муқобала карда шудааст. Чеҳраи шахсӣ ва эҷодии донишманд Абдуманнони Насриддин, ҳамчун шахсияти маънавӣ, дар муқобили бемаънавиятҳои давр қарор гирифта, дурахшонтар тасвиру ифода мешавад.

Фарзона шеърҳои шахсиятии худро аз замири шахсиятҳое мегирад, ки ба онҳо шеър бахшидааст ва сифатҳоеро, ки дар онҳо аслитарин буд, мавриди пазириш, таҳсину ситоиш қарор медиҳад. Дар аксари ҳолат онҳо сифатҳое ҳастанд, ки ботини худи шоир ҳам аз онҳо ба ҳам омадааст. Фарзона дар шеъри муосири тоҷикӣ ошиқтарин шоири зебоиҳои инсону табиат аст ва ҳангоме ки ӯ ба ёди ҳунарманди аккос, Муҳиддин Олимпур шеър мегӯяд, ки низ аз инсонҳову табиат ошиқона акс мебардошт, сифатҳои ин ду шахс ба ҳам меомезанд ва

шеърро дар ниҳояти камолу зебоӣ дармеоваранд. Ғазали «Як пора ёдгор», ки аз даҳ байт иборат аст, аз қабили ҳамин гуна шеърҳост:

Куҷост чашми ту, то волаи баҳор шавад,
Нигоҳи баркраваt тасмаи навор шавад.
Варақ-варақ бизанад куллиёти гулҳоро,
Ки нусхагири варақҳои зарнигор шавад.
Булӯри қатра ба каф неҳ, ки дар саҳифаи барг
Ба чашмҳои ту хоно хати ғубор шавад [250, 103].

Дар ин се байти оғоз ташбеҳҳои фаровоне ба кор рафтаанд, ки бунёди шайъии шеърро пурбор ва ҷиҳати ҳунарии онро зебо ҷилвагар менамоянд. Нигоҳи баркрав, куллиёти гулҳо, булӯри қатра, саҳифаи барг, хати ғубор аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Дар саросари байтҳои дигар низ ҳамин гуна аҷзои сувари хаёл ба шеър таровату тозагӣ бахшида, матлабро рангину хотирмон тасвиру ифода намудаанд. Дар байни ҳамаи ин зебоиҳои табиат шоир афсӯси онро мехӯрад, дигар он чашм куҷост, ки чун чашми ту дар барг висоли шабнаму гул ва оламро карашмазори зебоӣ бинад. Ва афсӯсҳои дилгудози дигар, ки риштаҳои васлу дӯстӣ гусаста шуд, муҳаббати дӯстон ғарибу хор монд ва азбаски ту рафтаӣ, умедҳо ҳам ба ҷое намерасанд:

Даруни зарфи булӯрин, ки ҳадяам кардӣ,
Вуҷуди нозуки гул худ ба худ фигор шавад.
Кунун булӯри само дар сарам шикаст, эй дӯст,
Дили булӯри ту як пора ёдгор шавад [250, 103].

Зиндагӣ чунин сурат гирифтааст, ки ба Фарзона то алҳол гуфтани чанд шеъри сӯгворона зарур омадааст, ҳарчанд ин шеърҳо сарвати ҳақиқии адабиётанд, аммо дарде, ки шоир дар гуфтани онҳо кашидааст, ҷонгудоз асту хоҳони ҳамдардист. Ду шеъри ӯ «Дар сӯги устод Лоиқ» ва «Салом, эй ҷовидона»

аз қабили ҳамин гуна ашъоре мебошад, ки дар маҷмӯаи «Қосиди субҳҳои оянда» омада, дарди ҷонгудоз дорад. Шеъри аввал ғазали ҳафт байтист. Он бо мисраи дардноке оғоз мешавад:

Хабари марги ту омад, ки ситонад ҷонам,
Пур шуд аз хотираи зиндаи ту анбонам [251, 283].

Аммо чунин ба назар мерасад, мисраи дуюм ҳарчанд тоза аст ва тазоде бо мисраи аввал хабари марг – хотираи зинда ҳам дорад, аммо шиддати дардро якбора поинтар мефурорад, агар ба ҷои он маъние гуфта мешуд, ки ташдиди дардро болотар набарад ҳам, дасти кам, дар ҳамон сатҳ нигоҳ медошт, масалан, ба монанди «ҷон чаро мондаву бурд он ба фалак афғонам» (бояд маълум бошад, ки ин мисраъ танҳо барои равшан кардани чигунагии мазмун гуфта шуда, ҳаргиз таҳрир нест – А.Ҳ), шояд беҳтар мебуд, зеро байти оянда ҳам давоми ифодаи дарди бевоситаи муаллиф аст, на аз хотира: «Рафтиву танг шуд офоқ, куҷо бигрезам, // Инак, ин ман – мани хурду ғами бепоёнам» [251, 283]. Ба ғайр аз ин, хотираи инсони азизро дар анбон ҷой додан ҳам ба зеҳн он қадар хушоянд намеояд, ҳарчанд маҷозан будани он маълум аст, аммо маънои шайъии калима – анбон, халта, хоҳу ноҳоҳ кори худро мекунад.

Дар ин ғазал, ба замми сӯг аз даргузашти устод Лоиқ, ситоиши ӯ ҳамчун шоире, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандии кишвар мардумро ба сулҳу салоҳ ва якпорчагӣ даъват мекард, ҷой дорад. Воқеан ҳам, Лоиқ шоире буд, ки бештар ва ҷонгудозтар аз ҳама фоҷиаи ҷанги шаҳрвандиро, на танҳо ҳамчун фоҷиаи шахсӣ, балки ҳамчун фоҷиаи миллати азизаш, ки аз ҷон дӯсттар медошт, ҳис карда, бо тамоми дарду аламе, ки инсон қодир аст, дар шеъру сухан ифода намудааст. Бинобар он, ҳар чӣ Фарзона дар ин бора мегӯяд, агарчи шоирона аст, аммо ҳақиқати ҳол аст. Аз ҷумла, дар ин байтҳои охири шеър:

Қофила буд парешон, ҷараси васл задӣ,
Бе ту бероҳа шавад маҳмили саргардонам.

Ҳолиё дарк насозад, ки киро бохтааст,

Меҳани ғофили худбохтаи ҳайронам.

Шери танҳои ватан тарки найистон карда,

Шеъри ӯро бикунад нола найи мижгонам [251, 283].

Байти мақтаъ дорои чанд хубии маъноӣ ва ҳунарӣ мебошад, аз ҷумла, шери танҳои ватан, ки истиора аз Лоиқ аст, ба замми он ишора ба номи хонаводагии ӯ ҳам дорад, – Шералӣ. Дар байни шер, найистон, нола ва найи мижгон таносуби хубе ҳаст, ба ғайр аз ин, дар байни шер ва шеър ҳамовоӣ ҳам вуҷуд дорад. Шеърро нола кардани найи мижгон маҷози хубест, ки аз ташхису ташбеҳ ба ҳам омадааст. Бо ин хубиҳо байт воқеан ҳусни мақтаъ мебошад.

Марсияи «Салом, эй ҷовидона» маснавиест иборат аз сиву панҷ байт дар вазни рамали мусаддаси маҳзуф (мақсур). Он аз оғоз шоирро ҳамчун ҷарас – Маҷнуни биёбон, ки садояш ба ҳеҷ ҷое ва ба ҳеҷ фарёдрасе намерасад, муаррифӣ мекунад, бо вуҷуди он ки соҳиби он овоз «як нафар нест», балки «кулли башар» аст. Ин ибтидои воқеан фоҷиавист, ривояти шеър дафъатан аз нуқтаи авҷ шурӯъ шуда, чаҳор байтро фаро мегирад, ки бардошт аз муҳтаво ва унвони китоби Лоиқ «Фарёди бефарёдрас» дорад. Дар байти чаҳорум, Фарзона, муосиронро ба ҳукми мурдагоне мебинад, ки ба фарёдҳои шоир аз пешгирии фоҷиаи миллат – ҷанги шаҳрвандӣ гӯш надоданд ва мегӯяд:

Ба дӯши хастааш тобути мо буд,

Ба дасташ қалби чун ёқути мо буд [251, 284].

Муосирон ба ҳукми мурда, дар тобут буданд, аммо мурда ҳам набуданд, зеро қалбашон чун ёқут, яъне хун буд, қалби мурда хунин намешавад, вале зинда ҳам набуданд, зеро маҷоли шунидани садои танҳои шоирро надоштанд, ки онҳоро ба фурӯгузорӣ аз кинаварзиву ҷанг ва расидан ба ҳамдилӣ даъват мекард. Ҷомеа дар як ҳолате, дар байни ҳаёту мамот қарор дошт, ки на мурда буданаш маълум буду на зинда буданаш. Пас аз ин чаҳор байт, ки эҳсосу андешаи муаллифро дар бораи

вазъи худу мардум баён медорад, шоир ба мабҳаси шеър – Лоиқ мурочиат мекунад, ки «бо ин мурдаи мо» чӣ хоҳӣ кард ва ҷавоб мегирад, ки «бояд ҷон бубахшам», «қуфли гӯши меҳанамро» кушоям, то «паёми ростин»-ро шунида тавонад. Ин пораи шеър бо ҳамин сабк, ки аз гуфтугӯи ду нафар – муаллиф ва шахсияти шеър ба ҳам меояд, низ аз чаҳор байт иборат аст. Пас аз он боз руҷӯи худи муаллиф ибтидо мегирад, ки таассуф ва дарду ҳасрати ӯро аз даргузашт ва аз даст додани «зангӯлаи бедор», «тӯмор»-и пироҳан, «ҳақиқатҷуста», башоратдиҳандаи субҳро бо нидои «куҷо рафт» дар се байт, ки дараҷаи баландтар ва пурсӯзу гудозтари ифодаи эҳсосот аст, баён мекунад. Аз байти «Чӣ фардосоз буду навнигар буд, // Касе аз субҳи фардои дигар буд» [251, 285] тавсифи бевоситаи шахсияти ғиноии шеър – Лоиқ сар мешавад, ки дар ҳафт байт давом карда, ӯро «Бурун аз ҷадвали тақвиму айём, // Баланд аз маснади Ноҳиду Баҳром» ва дорои сифатҳои баргузидаи олӣ мебинад ва бо ин байт чунин хулоса мегирад: «Вуҷудашро ҷаҳонафрӯз овард, // Чу Ҷамшед омаду Наврӯз овард» [251, 285]. Баъд аз он муаллиф ба шахсияти шеър мурочиати бевосита карда, ӯро «падарҷон» меномад ва ин даъфа дарди дилашро ба худи ӯ баён дошта, худро «ятим» ва дилашро «гӯри азим» мегӯяд, ки дардашро бо тамоми муассирӣ ифода карда тавонад. Панҷ байти минбаъдаи шеър бо руҷӯъ, суол ва нола ба Худованд гуфта мешавад:

Худовандо, Чиҳилмеҳроби ман ку,
Ба регистон садои оби ман ку [251, 285].

Дар ин ҷо Чиҳилмеҳроб – номи кӯҳи зодгоҳ, садои об истиораҳои хуб аз шоиранд. Байтҳои дигар низ бо ҳамин гуна сувари хаёли бадеъ дилнишину хотирмонанд. Баъд аз изҳори дарду алами хеш: «Чун абрам, номаи сӯги баҳорам, // Дилам хоҳад ҳаме борам, ки борам» [251, 286] муаллиф боз ба шахсияти ғиноии шеър рӯй меорад ва дар ду байт аз ҷуръати видоъ гуфтан надоштан ва тавсифи нубуғи шоирӣ сухан ронда, ба мурочиати бевосита ба шоир мегузарад: «Салом, эй рафтанат ташрифи дигар, // Салом урдубиҳишти тозаву тар» [251, 286] ва дар

ҳашт байти боқӣ бо салом ба фазилатҳои дурахшони шоириву инсонии шахсияти ғиноии шеър сано мегӯяд. Дар ин қисмат сифатҳои риндиву бутсозӣ, кофарии мусулмонсозӣ, «муҳтавои ишқу мастӣ», «ватандорӣ», «қомусу фарҳанги муҳаббат» ва монанди ин фазилатҳои шахсияти шоир зикр шуда, шеър бо таъбирҳои Шеъри Аҷам ва «марди роҳи бекарона» ва ҷовидона, ки истиора аз шахсияти ғиноии шеър – шоир Лоиқ мебошанд, ба мақтаъ расонида мешавад:

Ту, эй Шеъри Аҷам, бошӣ, ки бошӣ,
Алорағми адам бошӣ, ки бошӣ.
Салом, эй марди роҳи бекарона,
Салом, эй ҷовидона, ҷовидона! [251, 286].

Ҳамин тариқ, ин шеъри марсия на бо видоъ, балки бо салом ба ояндаи ҷовидони шоир хулоса мешавад, ки на танҳо имони муаллифи шеър, балки ҳамаи хонандагон ва мухлисони шоир – Лоикро ифода хоҳад кард, зеро воқеияти ҳол хоҳад буд.

«Субҳи тулуи меҳргиёҳ (Барои Камол Насруллоҳ)» низ шеъри ғиноии шахсиятист, ки ба шодбоди 50-солагии ӯ гуфта шуда, дар қолаби шеъри сафед аст, ки Камол Насрулло дар ин қолаб ҳам шеър мегӯяд. Оғози шеър аз тазоди хубе баҳра дорад, даймоҳро бо меҳргиёҳ рӯ ба рӯи ҳам мегузорад:

Субҳи милоди ту
        ҳарчанд дар остонаи даймоҳ аст,
Субҳи тулӯи меҳргиёҳ аст» [251, 217]

ва сипас тавсифи субҳи тулӯи меҳргиёҳро мекунад, ки ҳама ба субҳи милоди шоир нисбат мегиранд. Аз ҷумла, ин субҳ «субҳи милоди ёсуманҳо» ё «ёди ёсуманҳо», «субҳи паёми фитрати мунаввар», «милоди меҳрубонӣ» ва монанди инҳост, ки бо милоди шоир таносуби дур дошта бошанд ҳам, хеле тозаву зебоянд, зеро таносуб ҳар қадар дур бошад, ҳамон қадар тозаву зебо ба назар ҷилвагар мешавад. Дар

баъзе мисраъҳо ин шеър такя ба гуфтаҳои худи Камол Насрулло карда, дар баъзеи дигар аз он бардоштҳо дорад. Ҳангоме ки муаллиф бар шахсияти ғиноии шеър «Ту мегӯӣ, ҳамаи шоирон муродифи субҳанд» мегӯяд, бевосита такя бар ҳарфи худи шоир мекунад ва ҳангоме ки «Эй шеърҳои мумиёият // Шикастабанди марзҳои пора-пораи мо» [251, 217] мегӯяд, бардоште аз шеъри Камол Насруллоҳ дорад, ки навишта аст: «Тоҷкистонро дигар қисмат макун» [137, 7]. Ин шеър пас аз солҳои ҷангу ошӯб, дар замони ваҳдати миллӣ навишта шуда, рӯҳияи шод ва некбинонае дорад. Эҷодиёти Камол Насрулло ҳам асосан ҳамин тавр аст, бинобар он, муаллиф дар ситоиши шахсияти ғиноии шеър чунин мегӯяд:

Имрӯз ба шодбоди милодат
Аз офтоб ба номи ту нома меояд.
Пари товусии хуршед ба дастат чу хома меояд [251, 218].

Баъд муаллиф бо хитоб ба рукнҳои ҷуғрофии Тоҷикистон, ҳамчун, Зарафшону Бадахшон ва ҳастии маънавии инсон, ҳамчун, ишқ, ирфон сухан гуфта, ҳамаи онҳоро бо субҳи милоди шоир муборакбод мекунад. Ин шеъри зебо ва пур аз муҳаббат ангезае аз шеър ва шахсияти дӯсти ҳамқалами шоир буда, намунаи хубе аз шеърҳои ғиноии шахсиятӣ ба шумор меояд, ки сифатҳои эҷодӣ ва инсонии як фарди соҳибҳунарро ашёвиву бадеӣ ба нигориш гирифтааст.

Дар шеъри ғиноии шахсиятӣ инсон ва ё шайъ мабҳаси эҳсосоту таассурот ва андешаҳои отифӣ қарор гирифта, бо сифатҳои гоҳ фардӣ ва гоҳ таъмимӣ ба қалам меоянд. Дар он аз хусусияти навъҳои дигар – шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ, андешаҳои отифию тасвирӣ, тавсифию тасвирӣ ва ҳикоятӣ ҳам ҷой доштанаш мумкин аст, аммо азбаски ба шахсияти муайян вобаста будани он нисбат ба тааллуқоти дигараш бештар аст, шеъри ғиноии шахсиятӣ унвон мешавад. Дар он амалу фаъолият ниҳоят афшурда буда, инкишофи суҷаи ғиноӣ нисбат ба ривоҷи онҳо ба таассуроти шоирона, ки дар он шахс воқеъ мешавад, вобаста мебошад. Дар аввали давраи баррасишванда мабҳаси шеъри ғиноии шахсиятӣ бештар

шахсиятҳои сиёсӣ, давлативу ҳукуматӣ буда, баъдтар ҷои онҳоро афроди таърихӣ, фарҳангиву маънавӣ мегиранд. Ин хусусият дар эҷодиёти насли М. Турсунзода, Ғ. Мирзо, М. Қаноат мушоҳида мешавад. Шахсиятҳои ин навъи шеър метавонанд, ки аз давраҳои асотирӣ, қуруни дури таърихӣ ва ё ҳамзамону дӯсти шоир бошанд, ки бо ин ё он сифати худ қобили ситоиш ва ё накӯҳиш қарор гирифта, манзури бадеии муаллифро муҷассам мекунанд. Аксари шеърҳои ғиноии шахсиятии Қ. Киром, Лоиқ, Бозор Собир, Фарзона аз ҳамин қабиланд. Ашъоре, ки дар ситоиши ашхоси писандида эҷод шудаанд, фаровонанд, вале накӯҳишванда хеле ба нудратанд. Бо баланд рафтани эҳсоси худогоҳиву худшиносии миллӣ дар ҷомеа дар ин навъи шеър чеҳраҳои дурахшони таърихиву фарҳангӣ бештар мавриди тасвиру ситоиш қарор мегиранд, ки на танҳо вазифаҳои муайяни ғоявию зебошинохтиро, балки тарбияи худшиносии миллиро низ ба ҷо меоранд. Ба манзури нигориши пуртаъсири ин шахсиятҳо аз воситаҳои тасвири вуқӯъгаро, хаёлпардоз, фантастикӣ, сюрреалистӣ ва монанди инҳо истифода мешавад, ки бар ғановати тарзҳои тасвири шоирона меафзояд. Муҳтавои ин гуна ашъор аз ифтихору шукрия то таассуфу марсия мерасанд, ки ба воситаҳои сувари хаёли матлуб муҷассам мешаванд. Аз назари қолаб шеъри ғиноии шахсиятӣ ҳам дар ашколи суннатии маснавиву ғазал ва ҳам дар гуногунтарин шаклҳои шеъри нав эҷод шудаанд, ки дар ҳар ҳолат сабаби мушаххасе дошта, ба мабдаи шахсияти шеър иртибот мегиранд.

## БОБИ 5.
## ШЕЪРИ ҒИНОИИ ҲИКОЯТӢ

Дар бораи навъи шеъри ғиноии ҳикоятӣ фикру ақидаҳои гуногуне мавҷуданд, ки дар асарҳои назариявӣ, тадқиқотҳои бевоситаи анвои шеъри ғиноӣ баён шудаанд. Яке аз сабабҳои асосии ихтилофи фикрҳо дар он аст, ки шеъри ғиноӣ ифодакунандаи ҷаҳони ботинӣ, андешаву эҳсосот ва шуури шахсият аст, вале асаре, ки бо сабки ҳикоят эҷод мешавад, бунёд бар воқеаву ҳодиса дошта, дар инкишофи сужа шахсиятҳои бадеӣ амал мекунанд, то ҷӣ андоза ба шеъри ғиноӣ

нисбат дошта метавонад? Зеро инҳо аз мухтассоти навъи ҳамосии адабиётанд, на ғиноӣ. Ин масъала дар як қатор таҳқиқоти олимоне, ки ба таснифи мухтассоти навъии ашъори ғиноӣ бахшида шудаанд, аз ҷумла, дар асарҳои В. В. Виноградов [41], Б. В. Томашевский [222], В. М. Жирмунский [58], Г. Н. Поспелов [157], Т. И. Силман [190], Л. Я. Гинзбург [48], мавриди мулоҳиза ва баёни андешаҳои гуногун шудааast.

Дар ин маврид ба ду нукта бояд таваҷҷуҳи махсус кард. Аввалан, ҳамчунонки Г. Н. Поспелов қайд мекунад: «Сухани бадеӣ бо тамоми анвои гуногуни худ, ин як ҷиҳати шакли асарҳои адабист. Вале фарқияти навъии онҳо хеле амиқтар нуҳуфта, ... он яке аз паҳлуҳои муҳтаворо ифода менамояд» [157, 158]. Ин таъкиди олим комилан айни ҳақиқат аст, зеро сухани ҳикоятӣ дар таркиби ҳамаи анвои бадеӣ – ҳамосӣ, драмавӣ, ғиноӣ вуҷуд дошта метавонад ва аломати решагии муайянкунандаи онҳо набуда, танҳо «яке аз паҳлуҳои муҳтаворо ифода менамояд», бинобар, он дар таркиби асарҳои навъи ғиноӣ ҳам ба кор рафта, хусусияти ғиноии онҳоро тағйир намедиҳад. Сониян, ҳодисаву воқеа, сужа ва шахсиятҳои бадеӣ, ки дар навъи шеъри ғиноии ҳикоятӣ арзи ҳастӣ мекунанд, аз ҳамгинони худ дар асарҳои навъи ҳамосию драмавӣ фарқияти мушаххас доранд; онҳо ба он дараҷае, ки дар ин навъи асарҳо ҳастанд, инкишоф наёфта, сурати комили фардӣ пайдо намекунанд ва танҳо ҳамчун тарҳ монда, барои ибрози андешаву эҳсосоти муҳтавои асар мадад расонида, нақши ёридиҳанда доранд. Ба замми ин, дар асарҳои навъи ғиноии ҳикоятӣ бо вуҷуди ҷой доштани нақлу ҳикоят, шахсиятҳои гуногун, ҳамеша мақоми андешаву эҳсосот бештар аст, ё аз ҳодисаву воқеае, ки баён мегардад, аксаран хулосаи таъмимие гирифта мешавад, ки ба тамоми асар дурахши худро инъикос менамояд.

Навъи шеъри ғиноии ҳикоятӣ дар байни анвои дигари шеъри ғиноӣ истифодаи густардае дорад. Муҳимтарин хусусияте, ки шеъри ғиноии ҳикоятиро аз анвои дигар мутамоиз мекунад, он аст, ки дар маркази ин навъ шеър шайъу шахсияти алоҳида дар як ҳолати асосан сокин ё ҳаракати мухтасар ва дар маҳдудаи як замони муайян нишон дода нашуда, аз он фаро меравад. Дар он шайъ, шахсият, ҳодисот ва, куллан, воқеияти ғиноӣ, дар дарозои мухталифи

замон дар таҳаррук, тағйиру дигаршавӣ мабҳаси андешаву эҳсосоти отифии шахсияти шеър қарор мегирад.

Азбаски ин тағйирот дар дарозои замон сурат мепазирад, на дар як фосилаи мухтасар ва муайяни вақт, зарурати ҳикояти пурратари он пеш меояд, ки ин боиси дар шеъри ғиноӣ мавқеъ пайдо кардани сабки ҳикоят мешавад. Ҳамчунонки маълум аст, сабки ҳикоят хоси асарҳои навъи ҳамосист, ки воқеиятро тасвир мекунад, на навъи ғиноӣ, ки шуурро инъикос менамояд. Аммо ин сабки ҳикояти шеъри ғиноӣ аз сабки ҳикояти асари ҳамосӣ аз реша мутафарриқ аст, зеро дар он инкишофи бадеии воқеият, чунонки дар асарҳои ҳамосӣ ҳаст, нишон дода нашуда, бардошти умумии ҳиссии шахсияти шеър аз он воқеият ба қалам меояд, ҳол он ки ин бардошти умумии ҳиссӣ дар асарҳои ҳамосӣ аз худи воқеияти тасвиршаванда ҳосил мешавад.

Фарқияти дигари ҳикоят дар шеъри ғиноӣ аз асарҳои ҳамосӣ дар он аст, ки дар он воқеият танҳо дар мутаносибат бо ифодаи маънои ғиноии он ифода мегардад. Ҳодисаву воқеа ва фаъолияти шахсияти шеъри ғиноии ҳикоятӣ аз ҷараёни табиии давомоти худ гӯё канда гирифта мешаванд, вале дар ин ҳол ҳам онҳо мустақил ва мукаммал ба назар меоянд, зеро ҳузури шахсияти шеър дар онҳо камбуд надошта, комилан маҳсус аст. Аммо, бо вуҷуди ин, нақл дар ин навъи шеър ғиноӣ боқӣ монда, хусусияти ҳамосӣ ва ҳатто ҳамосию ғиноӣ касб намекунад, зеро мухтассоти дигари он дар мухтасариаш мебошад. Ҷойи тафсилоти нақлро дар он табу тоби баён ва дар зимн ҳамеша аз андешаву эҳсосот бархурдории он мегирад.

Комилан табиист, ки шеъри ғиноии ҳикоятӣ ҳам ба монанди анвои дигари шеъри ғиноӣ бо тасвир ва ё бетасвир буда метавонад, вале дар ҳама ҳолат дар он ҳузури ҷараёни андешаву эҳсосоти отифӣ дарк мешавад. Шубҳае нест, ки тавозуни будан ва ё набудани тасвир, андешаву эҳсосот ва ҳикоят дар ҳар шеър ба тариқи хос сурат гирифта, асоси сохтории онро ба вуҷуд меорад. Ҳамин тариқ, ҳузури шахсияти шеър ва ё ғайбати ӯ, мавҷудияти сужа ва ё набудани он вижагии зарурии ҳар шеърро ба вуҷуд меорад.

Шеъри ғиноии ҳикоятӣ дар адабиёти классикии тоҷик бештар дар қолаби қофиябандии маснавӣ, на худи маснавӣ, ки асосан асарҳои ҳамосӣ ва ё ҳамосию ғиноиро фаро мегирифт, вуҷуд дорад, зеро тарзи қофиябандии **аа, бб** барои баёни ҳикоятӣ бисёр мувофиқ аст, чунки дар пайдо кардани қофия мушкилие пеш наоварда, имкон медиҳад, ки ҳар байт бо қофияи тоза гуфта шавад. Намунаҳои беҳтарини шеъри ғиноии ҳикоятӣ дар адабиёти классикӣ дар эҷодиёти Саъдии Шерозӣ дар «Бӯстон» ва «Гулистон»-и ӯст. Аксари ҳикоятҳои «Бӯстон» ба ин навъи шеър мансуб буда, дар байни онҳо ҳам намунаҳои хурдтарин ва ҳам бузургтарин мавҷуд аст, ки бо қофиябандии маснавӣ гуфта шудааст. Барои мисол ба ин ду намуна метавон ишора кард. Дар боби аввали «Бӯстон», ки «Дар адлу рой ва тадбири ҷаҳондорӣ» мебошад, Саъдӣ шеъре мегӯяд, ки ҳамагӣ аз се байт иборат асту шеъри ғиноии ҳикоятист:

Шунидам, ки Ҷамшеди фаррухсиришт
Ба сарчашмае-бар ба санге навишт:
«Бар ин чашма чун мо басе дам заданд,
Бирафтанд, чун чашм дар ҳам заданд.
Гирифтанд олам ба мардиву зӯр,
Валекин набурданд бо худ ба гӯр [360, 172].

Баъди ҳамин шеър ҳикояте меорад, ки он ҳам ба ҳамин навъи шеъри ғиноии ҳикоятӣ мансуб буда, аз 22 байт иборат аст ва бо ин байт оғоз мешавад: «Шунидам, ки Дорои фаррухтабор, // Зи лашкар ҷудо монд рӯзи шикор» [360, 173].

Дар «Гулистон» ҳам Саъдӣ ба ин навъ шеър рӯй меорад ва онро на танҳо дар қолаби маснавӣ, балки дар қолабҳои дигар, аз ҷумла, қитъа, анвои гуногуни чаҳорпора ҳам мегӯяд. Масалан, дар боби аввали «Дар сирати подшоҳон» дар ҳикояте аз маликзодаи кӯтоҳу ҳақир, ин қитъа омадааст, ки ҳамагӣ дар ду байт асту шеъри ғиноии ҳикоятист:

Он шунидӣ, ки лоғаре доно

Гуфт боре ба аблаҳе фарбеҳ:

«Аспи тозӣ агар заиф бувад,

Ҳамчунон аз тавилае хар беҳ» [360, 51].

Дар боби панҷум «Дар ишқ ва ҷавонӣ» ҳадиси Лайлӣ ва Маҷнунро бо шеъри ғиноии ҳикоятӣ ҷамъбаст мекунад, ки аз 10 байти маснавӣ иборат аст: «Ҷавоне покбозу покрав буд, // Ки бо покизарӯе дар гарав буд...» [360, 120]. Аз ин бармеояд, ки имкони шеъри ғиноии ҳикоятӣ дар фаро гирифтани мазмуну муҳтавои мухталиф фаровон аст. Анвои гуногуни шеъри ғиноии ҳикоятӣ – вуқӯъгароёна, хаёлпардозона, рамзӣ, тамсилӣ ва ғайра дар эҷодиёти дигар шуарои классик, аз ҷумла, Ҷалолиддини Балхӣ, масалан, дар «Маснавии маънавӣ» бисёр истифода шудааст. Он дар осори шуарои мутасаввиф ва ориф ҷойгоҳи вижае дорад, зеро ба воситаи ҳикоятҳои рамзиву тамсилӣ ва воқеӣ барои баёни маъниҳои амиқи ирфониву тасаввуфӣ ва ахлоқиву маънавӣ бисёр мувофиқ аст.

Шеъри ғиноии ҳикоятӣ дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода то солҳои панҷоҳуми қарни бист бештар ба назар мерасад. Шеърҳои «Дил-дили Зайнаб» (с. 1939), «Водии Ҳисор» (с. 1940), «Хаёли хом» (с. 1940), «Хайр, модари азиз» (с. 1941), «Арӯс аз Москва» (с. 1945», «Уқоб» (с. 1946) ба мавзӯъҳои гуногун бахшида шуда, ба навъҳои мухталифи он нисбат мегиранд. Дар бораи ин шеърҳо дар ин ҷо ҳамин қадар гуфтан кофист, ки онҳо барои шоир Мирзо Турсунзода машқи эҷоди шеъри ғиноии ҳикоятӣ буданд, ки минбаъд барои навиштани силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» (с. 1947), ки аксари шеърҳояш аз ҷумлаи ашъори ғиноии ҳикоятӣ мебошанд, замина гузоштанд. Ин силсила дар замонаш ба Мирзо Турсунзода шуҳрати фарокишварӣ оварда буд. Дар солҳои панҷоҳум, аз ҷумла, шеърҳои «Қиссаи машҳур» (с. 1950), «Дар бораи одаме, ки гоҳ ҳазлро мебардорад, гоҳ намебардорад» (с. 1952), «Электрик ва оила» (с. 1952), «Муҳоҷир» (с. 1952), «Лиму» (с. 1952), «Айнак» (с. 1955) эҷод мешаванд, ки ба мавзӯъҳои ватанӣ ва хориҷӣ бахшида шуда, навъҳои гуногуни шеърҳои ғиноии ҳикоятӣ мебошанд. Ин

шеърҳоро низ ҳамчун машқе дар гуфтани шеъри вуқӯъгароёна бояд шинохт, ки минбаъд дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода бештар дар қолаби маснавиҳо рух хоҳанд намуд, вагарна онҳо аз ҷиҳати бадеияту шеърият камтар қобили таваҷҷуҳ ҳастанд. Шеърҳои «Ҳалқаи заррин» (с. 1960), «Савганд» (с. 1961), «Се нозанини Шарқ» «Ток ва замин» (с. 1967), «Дар бозори китоб» (с. 1967), ки дар солҳои шастум навишта шудаанд, нисбат ба ашъори ғиноии ҳикоятии солҳои пешини шоир аз ҷиҳати муҳиммии муҳтаво ва сувари хаёлу банду баст бартарии назаррасе доранд. Масалан, шеъри «Ҳалқаи заррин» аз саҳнаи дар дарёи кӯҳӣ оббозӣ кардани дилбар ва аз гӯши ӯ ба оби рӯд рафтани ҳалқаи заррин нақл мекунад, ки дар назари аввал воқеаи маъмулист, аммо онро ҳунари суварнигории шоир ба ҳодисаи аҷиби хотирмоне мубаддал месозад, ки рӯйдоди шоирона мешавад. Дар он шоир бо дид ва таассуроти самимона ба маҳбубаи зебо ва рӯди кӯҳӣ изҳори меҳру муҳаббат мекунад, ки ба воситаҳои бадеъ ба ҷо оварда мешавад. Сабки шеър ҳам хуросонии содаву равон, ки онро вазни хушоянди рамали мусаддаси маҳзуф (мақсур) боз ҳам дилнишинтар кардааст, ҳарчанд дар ин вазни серистифода сухани тоза гуфтан осон нест, аммо дар ин ҷо, ки воқеа тоза аст, онро аз дилбазан шудан эмин нигоҳ доштааст.

Ҳалқаи заррин ба оби рӯд рафт,
Ранги шодӣ аз рухи масъуд рафт.
Дилбари мо оббозӣ менамуд,
Дар миёни об бозӣ менамуд [235, 165].

Аз оғози шеър мушоҳида мешавад, ки шоир онро аз ҷиҳати банду баст хуб сохтааст, ҳикоят аз нуқтаи авҷ ибтидо гирифта, таваҷҷуҳи хонандаро якбора тасхир мекунад. Фарзан, агар ҷои байтҳои якуму дуюм иваз карда шавад, шеър он сифати худро аз даст хоҳад дод. Ин далел аст, ки он оғоз аз назари сохтор санҷидашудааст. Дар байти дуюм таҷниси хубе аз **оббозӣ** ва **обу бозӣ** сохта ҷой дорад. Худи воқеае, ки ҳикоят ва тасвир мешавад, дар шеъри ошиқонаи солҳои шасти тоҷикӣ нав буд, зеро то он дар шеъри муосири тоҷик дилбар ҳангоми

оббозӣ дар рӯд тасвир нашуда буд. Сабаби ин дар урфу одати миллӣ ва расму оини мазҳабист. Аммо манзур дар худи воқеа нест, он то ки шеър шавад, шеърияташро пайдо бояд кард. Шеърияти он дар тасвири бадеъи дар мавҷҳо дасту по зада, гоҳ зери об аз чашм нопадид ва гоҳ рӯи об чун ҳубоб пайдо шудани дилбар ва истифодаи устодона аз ташхису ташбеҳу тазод, ки манзараро хеле зиндаву пурҳаракат нақлу тасвир мекунад, ба даст омадааст:

Об ҳам печид дар гирди сараш,
Танг гирад дар бағал то пайкараш.
Гашт он аз ҳамлаи дарё гаранг,
Барра гӯё хӯрд бар чанги паланг.
Ҳалқа аз гӯшаш ба оби рӯд рафт,
Ранги шодӣ аз рухи масъуд рафт [235, 165].

Дар ин байтҳо об – рӯд ташхис шуда, ҳамчун ошиқ мехоҳад дилбарро «танг гирад дар бағал», дар ин афту дарафт рӯд ба паланг ва дилбар ба барра ташбеҳ гашта, чун ҳалқа аз гӯш ба оби рӯд меравад, ранги шодӣ ҳам аз рухи дилбар меравад, ки тазод бо ҳолати пешин ба вуҷуд меояд. Дар байти ҳафтум мазмуни байти аввал бо андаке тағйир бо такрор ҳамчун натиҷаи ҷараёни ҳодиса баён шуда, таваҷҷуҳи хонандаро ба оғози шеър бармегардонад. Пас аз ин байт шоири ошиқ бо лаҳни бисёр ҳам самимонаву одатии мардумӣ дилбарро таскин медиҳад:

Гуфтамаш: Эй ҷони ширин, ғам махӯр!
Садқаи сар гӯю биншин, ғам махӯр! [235, 165].

Дар ин байт ҳамаи таъбирҳо – «ҷони ширин», «ғам махӯр», «садқаи сар» аз забони зинда ва ошнои ҳаррӯзаи мардуманд, ки бо тарзи дилнишине ба ҳам пайванд гирифта, бо як хондан дар хотир менишинанд. Баъд аз ин боз ду байти дигар дар тавсифи ҳусни дилбар меояд:

Баъд аз ин ҳам шоду хандонрӯй бош,
Дар баҳорон мисли гул хушбӯй бош.
Ҳалқа гум шуд, кам нагардад ҳусни ту,
Нағз донам, дам нагардад ҳусни ту [235, 165].

Дар ин ҷо мисраи дуюми байти аввал як андоза хилофи назокат ба назар мерасад, ки дилбарро «мисли гул хушбӯй бош» мегӯяд, ҳол он ки ҳастӣ ва ё аз он хушбӯйтарастӣ бояд гуфт, дар ин ҷо феъл дар сиғаи амрӣ набояд меомад. Баъд аз ин байтҳо боз панҷ байти дигар илҳоқ мегардад, то шеър ба мақтаъ мерасад. Аммо баъзе он байтҳо оҳанги таблиғотӣ дошта, ҳамчун: «Бин чӣ сон нури фаровон медиҳанд, // Бар замин аз нур марҷон медиҳанд» [235, 166], яъне рӯдҳо, ва баъзеи дигар шеърро аз маҷрои асосӣ берун мебаранд, масалан, «Ошиқонро боз ҳам шайдо кунад, // Шӯри нав, ғавғои нав барпо кунад» [235, 166], ҳол он ки сухан дар бораи як ошиқ аст, ошиқони дигарро ин ҷо овардан ба мантиқи шеър халал ворид мекунад. Ин ҳама талаб дорад, ки онҳо сарфи назар карда шаванд. Бинобар он, агар аз ин байтҳо байти: «Чун ба дарё дидаро во мекунем, // Акси рӯятро тамошо мекунем» [235, 166] гирифта, баъди байти даҳум ба ҷои мақтаъ оварда мешуд, шеър бехалал ва комил мегашт. Вақте тарҷумаи ин шеър, ки онро шоири маъруф ва тарҷумони забардаст Семён Липкин ба ҷо овардааст, бо асли шеър муқоиса карда шуд, айни ҳамин гуна таҳрир ба нзар расид, ки он панҷ байт ихтисор гашта, аз рӯи мазмуни шеър байти мақтаъ сохта шудааст, ки чунин аст:

Теперь без кольца золотого плыви
Ко мне, к золотому безумью любви [237, 64].

Дар ин ҷо завқи шеършиносӣ ва аз таблиғот бештар озоди Семён Липкин бар манфиати шеър кор кардааст, ки онро муаллифи шеър Мирзо Турсунзода ҳам мақбул ёфтааст ва тарҷума дар замони барҳаётии шоир дар ҳамин шакл ба нашр расидааст.

«Дар бозори китоб» шеъри ғиноии ҳикоятист, ки аз забони шахси сеюм нақл гашта, он ҳам сужаи мухтасар дорад, вале бардошт аз он сужа батафсилтар буда, шеърро як андоза тӯл бахшидааст. Шеър аз понздаҳ байти маснавӣ шакл гирифта, дар вазни ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (мақсур), бо сабки содаву равони хуросонӣ навишта шудааст. Сужа аз он иборат аст, ки шоире ба бозори китоб омада мехоҳад, ки то чӣ андоза талабгор доштани шеъри худро бубинад, вале мебинад, ки касе китоби ӯро намепурсаду классикон Хайёму Пушкинро талабгоранд. Шоири ба андеша меравад, ки:

Чаро бозори шеъри ман касод аст,
Магар дар назм мардум бесавод аст.
Ман охир шоири ширинзабонам,
Ҳамовозу ҳамоҳанги замонам...
Намедонист шоир, ки ба каф ҷом
Ҳамеша гирд мегардад дар айём [235, 177].

Дар мисраи аввали байти мақтаъ аломати китобатӣ, вергул, пеш аз калимаи шоир ҳам бояд гузошта мешуд, то маънои байт дуруст дарк шавад, ки шоир «ба каф ҷом // Ҳамеша гирд мегардад дар айём», вагарна мубтадои амал номаълум мемонад. Ҳикмати шеър ин аст, ки шоири хуб ҳамеша ба каф ҷом дар айём гирд гашта, ҳамқадаҳу ҳамсуҳбати дилхоҳ пайдо мекунад, ки шоири бад аз ин бахт бенасиб аст. Дар тарҷумаи русии шеър, ки аз ҷониби Яков Козловский ба ҷо оварда шудааст [237, 101], се байти илҳоқии каммазмуни он ихтисор гаштааст, ки бар суди шеър аст.

Мирзо Турсунзода дар давраҳои охири эҷодиёташ, нисбат ба давраҳои аввал, ба шеъри ғиноии ҳикоятӣ камтар рӯй овардааст ва шояд сабабаш дар он буд, ки дар ин давра ӯ бештар достонҳо эҷод мекард, ки асоси онҳоро ҳикоят ташкил медод, вагарна дилбастагии ӯ ба шеъри ғиноии ҳикоятӣ кам набуд.

Дар ашъори ғиноии ҳикоятӣ, ҳамчунонки қайд шуда буд, нақлу ривоят махсусияти худро дорад, ки аз нақлу ривояти асарҳои ҳамосӣ фарқ мекунад. Пеш

аз ҳама, он нисбат ба асарҳои ҳамосӣ мухтасар буда, табу тоби бештар ва қариб ҳамеша сифати андешавии худро ҳам нигоҳ медорад. Дар андешае, ки ба воситаи ҳикоят баён мешавад, соҳиби андеша – шахсияти ғиноӣ ҳам эҳсос мегардад, ки дар баъзе маврид он бевосита ба назар мерасад ва бо ҷонишинҳо (ман, ту, ӯ, он) ифодаи шахсии худро меёбад, вале баъзан он бе ифодаи шахсӣ ҳам баён шуданаш мумкин аст. Муҳимтарин хусусияте, ки шеъри ғиноии ҳикоятӣ дорад, муҳит, фазо ва замони муайянро, ки дар он амал давом меёбад, нишон додан аст. Бад-ин васила шеър аксаран аз умумиву такроргӯӣ наҷот меёбад. Дар охири солҳои чиҳил ва аввали панҷоҳ, ки Аминҷон Шукӯҳӣ ба арсаи шеъри муосир ворид мешуд, дар шеър умумиву такроргӯӣ бисёр буд. Аминҷон Шукӯҳӣ худро пештар аз дигарон аз ин нуқс канор гирифт, махсусан, дар ашъори ошиқонааш. Бинобар ин, дар он солҳо нуфузи ашъори ошиқонаи ӯ дар байни хонандагон бисёр густарда буд, зеро шеърҳои ӯ амалу воқеаро бо эҳсосоти ошиқона дар муҳит, макон ва фазои муайян мушаххас баён менамуданд. Шеърҳои «Маро танҳо ту бинмудӣ фаромӯш», «Диламро бурдию манро набурдӣ», «Ситорааш гарм», «Нағз медонӣ», «Интизорӣ», «Дар лаби баҳр» (Садои дил, с. 1957) аз ҷумлаи онҳо буданд, ки дар он солҳо насими тозае ба шеъри муосири ошиқонаи тоҷик оварданд. Дар ҳамаи ин шеърҳо ҳиссиёти гарму самимонаи ошиқона дар муҳит, макон ва фазои муайян аз ҷониби шахсияти ғиноӣ баён мешавад, ки заминаи тозагӣ ва нотакрории онро мегузорад. Масалан, дар шеъри «Маро танҳо ту бинмудӣ фаромӯш» ҳиссиёти ошиқона дар маҳал ва ҳолати муайян, ки намо ва ашёи худро дорад, чунин баён мешавад:

Парешаб ман аз он роҳе, ки ҳар ду –
Ҳамерафтем як вақте, гузаштам.
Ба зери он дарахту он лаби ҷӯ
Туро бар ёд оварда нишастам…

…Ба ёдат ҳаст оё як шаб он ҷо,
Чиҳо гуфтем мо ҳар ду нишаста.

Ба рӯям мезадӣ ҳар гоҳ, ҷоно,

Ба шӯхӣ шохи райҳонро шикаста [370, 119].

Ин шеърҳои Аминҷон Шукӯҳӣ, ки дар ҳудуди солҳои панҷоҳуми асри гузашта иншо шудаанд, дар матни ашъори ғиноии ошиқонаи он солҳо ғайричашмдошт ба назар меомаданд, зеро аксари ашъори ишқии он солҳо бештар тасаввурию умумӣ буда, камтар заминаи воқеиву ашёвӣ доштанд. Ин равияи тозаи вуқӯъгароёнаи ашъори ошиқона дар натиҷаи ниёзи рӯҳию эҷодии шоир ва омӯзиши таҷрибаи шоирони рус, аз ҷумла, Александр Пушкин ва махсусан, Михаил Лермонтов ба амал омадааст, ки онро муаллифи ин тадқиқот дар чеҳраи адабии Аминҷон Шукӯҳӣ «Шохаи райҳон ва себҳои шукуфта» муфассалтар баррасӣ кардааст [257, 156]. Ҳамчунонки Н. Л. Степанов, яке аз муҳаққиқони ашъори А. Пушкин қайд мекунад: «Ашъори ғиноии Пушкин аз ҳаёт, ки тамоми ғановат ва гуногунии таассуроти онро дар бар дорад, сарчашма мегирад. Пушкин дар интихоби ашёи тасвир худро маҳдуд намекард…Вуқӯъгароии ашъори ғиноии Пушкин пеш аз ҳама дар асолати ҳиссиёт ва таассуроти муаллиф, дар кушодани ҳамаи ғановати шахсияти ӯ мебошад» [210, 41-121]. Ба А.Шукӯҳӣ, ки табъан шоири ғиноист, дар он солҳо маҳз ифодаи ҳамин гуна асолати ҳиссиёту таассурот, муносибати вуқӯъгароёна ба олами ашё намерасид, ки аз Пушкин ва Лермонтов омӯхт. Ба омӯзиши таҷрибаи ин шорион рӯй овардани А. Шукӯҳӣ комилан дуруст ва мантиқӣ буд, зеро чунонки адабиётшиноси маъруф А. С. Бушмин менависад: «Дар адабиёти дигар қабл аз ҳама он чиро меҷӯянду мегиранд, ки дар худ набошад. Чизи бегонаро мегиранд, вале чунон чизи бегонаро мегиранд, ки ба талабот ва имконоти худӣ муқобил набошад, ҳамонро мегиранд, ки пас аз они худӣ шуда тавонад» [38, 141]. Ба ҳамин тариқ, дар эҷодиёти А. Шукӯҳӣ заминаи вуқӯъгароёнаи ҳикояту тасвир ва ифодаи андешаву таассуроти шахсияти ғиноӣ фарох ва устувортар гашт, ки он минбаъд дар шеърҳои «Ҷавонӣ ва сафар», «Шаб», «Фақат як дам» (Нафаси гарм, с. 1964), «Илова бар қиссаи куҳан», «Сел», «Арғувон», «Боди сармаст» (Арзи қалам, с. 1971) корбасти ҳунармандонаи худро пайдо кард.

Анвои шеъри ғиноии ҳикоятӣ гуногунанд, онҳо сужаҳои воқеӣ, хаёлпардозона, тамсилӣ доштанашон мумкин аст, ки аз шеърҳои зикршуда, масалан, «Боди сармаст» сужаи воқеӣ, «Арғувон» сужаи хаёлпардозона ва «Сел» сужаи тамсилӣ дорад. Дар онҳо шахсиятҳои гуногун, шахсияти ғиноӣ, муаллиф мавҷуданду баъзан ҳузури онҳо мушоҳида нагашта, воқеа аз номи шахси сеюм, ровӣ ҳикоят мешавад. Дар шеъри «Сел» ҳикоят аз забони ровист, ки дар он дахолати касе нест, зеро шоир хостааст, ки ҳикмати он аз худи воқеа бароварда ояд, то бештар боварбахш бошад. Сел аз аввал дар шеър ташхисонида мешавад, ки сифатҳои дӯғ задан, сухан гуфтан, ман-маниву дабдаба кардан пайдо мекунад:

...Сел ба як ғулғула пас шуд равон
Дӯғзанон бар ҳама хурду калон.
Гуфт, ки пурзӯртарин наҳр ман...
Гуфт: дигар нест ҳарому ҳалол,
Нест дигар ҷои ҷавобу савол [367, 46].

Ба ҳамин минвол, ки сел дар роҳи худ ҳар чизу ҳар каси пеш омадаро нобуд мекард, раҳгузари олимтароше аз ӯ мехоҳад, ки ба ӯ зарар нарасонад, то варо машҳури ҷаҳон кунад. Пас ӯ «Оби даҳон бар ҳама сӯ дода пош, // Рӯди нав омад ба ҷаҳон бо талош» [367, 47], мегуфт, вале сел чун зуд ба охир расид:

Сар раваду сир наравад гуфта ӯ,
Мекунад ин ранг кунун гуфтугӯ:
Рашккунон наҳр ба ёрии ҷӯ
Бурд ҳамон сели ҷавонро фурӯ [367, 48].

Ин шеър аз ҳашт банди чаҳорпораӣ ба ҳам омада, дар вазни сареи мусаддаси матвии мақсур (мавқуф), ки ҷараёни тунду тези селро ифода карда метавонад, гуфта шудааст. Ба замми он, ҳар чаҳор мисраъро бо ҳам қофия бастани шоир

шеърро дар пуршитобии худ боз оҳангинтар кардааст, ки зуд дар хотир менишинад.

Ҳоло барои гуногуннавъии шеъри ғиноии ҳикоятиро нишон додан шеъри «Боди сармаст» ба мулоҳиза гирифта мешавад, ки ҳамагӣ аз ду банди чаҳорпора иборат буда, дар он муаллиф ба сифати нозири воқеаи ғиноӣ ширкат мекунад. Он қофиябандии **абаб вгвг** дошта, дар вазни ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (мақсур) гуфта шудааст, ки ба оҳанги ҳикояти ботаҳаммули шеър созгор буда, назокати одоби рафторро, ки ба ин шеър зарур буд, низ ифода намудааст:

Ба шӯхӣ боди сармасти пагоҳӣ
Чу бо домони кӯтаҳ бозие дошт,
Зи ду зонуи ҳамчун ширмоҳӣ
Баногаҳ пираҳан оҳиста бардошт.

Нигаҳ кардан набуд аз рӯи одоб,
Сари худ хам намудам бо тафаккур.
Ба як дам ҳар ду моҳӣ рафт дар об,
Сабо, бар шӯхиҳои ту ташаккур! [369, 177].

Ҳамчунонки мулоҳиза мешавад, воқеаи шеър одист. Боди сабо вазиду домони кӯтоҳи пироҳани занеро аз болои зонуяш бардошт. Нозири воқеа аз рӯи одоб чашм бар замин кард. Воқеа сода аст, аммо ҳикояташ шеър аст, зеро мафтуният аз зебоиро бисёр ҳам табиӣ, бе ҳеҷ сухане дар бораи он баён намудааст, ки дар зимн муҳаббат ҳам дорад. Тасвирҳо тоза, сабк нарму дилнишин, сувари хаёл тароватнок буда, маъно бо ҳикояти зариф ифода шудааст.

Сарчашмаи шеъри ғиноии ҳикоятӣ асосан худи ҳаёти воқеист, аз ин рӯ ниҳоят гуногуннавъу мавзӯъ мебошад. Бинобар, он дар эҷодиёти шоироне, ки бар воқеоти зиндагӣ такя доранд, то бар тахайюлот, бештар мақом пайдо мекунад. Маълум аст, ки ҳеҷ асари бадеӣ бе тахайюлот офарида намешавад, аммо тахайюлот ҳам ҳар навъ мешавад, ки иҷмолан метавон онро ба ду қисмат ҷудо

кард, масалан, тахайюлоти зерсохтофар, ки бунёди воқеаро меофарад ва барсохтофар, ки онро пироиш медиҳад. Мақом ва таносуби онҳо дар ҳар асар ҳар гуна буданаш мумкин аст, аз ин рӯ, онро дар ҳар асар мушаххасан бояд нишон дод. Дар мавриди кулли эҷодиёти Ғаффор Мирзо чунин ба назар мерасад, ки дар он воқеияти зиндагӣ нисбат ба тахайюлоти пироишгар мақоми густардатар дорад. Биноан, шоир аз давраҳои аввали эҷодиёташ ба шеъри ғиноии ҳикоятӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Масалан, шеърҳои «Дар ҷустуҷӯи саодат» (с. 1951), «Нишони охирин» (с. 1952), «Пири пурасрор» (с. 1953), «Камони Рустам» (с. 1955), «Сангтӯда» (с. 1955), «Ситораҳо» (с. 1956), «Кӯҳи Чилдухтарон» (с. 1956), «Қиссаи оби ҳаёт» (с. 1956), «Қиссаи Офтоб ва Моҳтоб» (с. 1956), «Нӯшдоруи муҳаббат» (с. 1957) шеърҳои ғиноии ҳикоятианд, ки ба навъҳои гуногуни он таааллуқ мегиранд. Шеъри «Ситораҳо» дар асоси ҳикояти маъруфи мардумӣ навишта шудааст. Сужаи ғиноии он метавонист аз ҳаёти худи шоир Ғаффор Мирзо бошад, зеро ӯ худ дар хонаи бачагон тарбият гирифта, аз мураббия ин гуна ҳикоятҳоро бисёр шуниданаш мумкин буд. Шабе чун мураббия ба бачагон нақл мекунад, ки ҳар одам дар осмон ситора дорад, бачагон зуд бо осмон нигариста, ситораҳои калонро «аз худ» мекунанд, аммо мураббия ба онҳо мегӯяд, ки ситораҳои калон аз онҳое ҳастанд, ки барои хушбахтии инсонҳо ҳаёти худро сарф кардаанд, вале ситораҳои шумо ҳоло монанди худи шумо хурданд, агар шумо ҳам зиндагии худро бар манфиати мардум бибахшед, аз они шумо ҳам бузург хоҳанд шуд ва шеърро бо ин банд хулоса мекунад:

Баъди ӯ монад асрҳои аср
Наҷми тобандаи калони ӯ,
Чун зи хуршед ҷовидон гирад
Нур аз номи ҷовидони ӯ [119, 17].

Ин шеър сужаи мухтасари ғиноӣ дорад, онро муаллиф – яке аз тарбиятгирандагон ҳикоят мекунад, ки аз он ҳикмати рӯзгори инсонӣ берун меояд. «Қиссаи Офтоб ва Моҳтоб» шеърест, ки мухтассоти фантастикӣ дошта,

дар он қиссаи Офтобу Моҳтоб, ки гӯё як вақт хоҳар-бародар буда, дар шеър ҳамчун шахсиятҳои ғиноӣ амал мекунанд, аз номи шахси сеюм ҳикоят карда мешавад. Офтоб ба ҳусни хоҳари худ дил медиҳад ва аз падар мехоҳад, ки барои ӯ арӯсе ҳамчун хоҳараш пайдо кунад ва чун падар ҳамчунин арӯсе пайдо карда наметавонад, Офтоб ба қасди васли Моҳтоб сӯи ӯ мешитобад ва Моҳтоб аз ин огоҳ шуда, рӯ ба гурез мениҳад, ки то имрӯз давом дорад. Хулосаи шеър чунин аст, ки ҳикматаш дар норавоии муносибати ошиқона байни маҳорим мебошад:

Моҳро Хуршед дарёбад агар,
Мешавад дунё ҳама зеру забар [119, 28].

Ғаффор Мирзо аз имконоти шеъри ғиноии ҳикоятӣ ҳамеша фаровон истифода кардааст. Ӯ дар солҳои шаст ҳам, ки айни ҷӯшу хурӯш ва камолоти эҷодиаш буд, дар мавзӯъҳои муҳимми иҷтимоиву ахлоқӣ ва ошиқона ашъори ғиноии ҳикоятии бисёр навиштааст, ки «Рӯи сурх, рӯи сиёҳ» (с. 1961), «Ҷаҳли мураккаб» (тамсил) (с. 1961), «Қиссаи деҳқон ва хоҳари ӯ баҳор» (с. 1962), «Ғижжак» (с. 1962), «Пуфак» (масал) (с. 1968) аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Шеъри «Аз ҳазл то муҳаббат» (с. 1962), ки муҳтавояш аз ҳаёти ҳаррӯза аст, дар асоси сужаи ғиноии сода, ҳазлу бозии ду наврас, ки дар охир ба оғози ишқ мубаддал мешавад, сохта шудааст. Ҳикояти ҳазломез, ки барои ифодаи муҳтавои шеър муносиб омадааст, дар хонанда эҷоди мафтунӣ карда, ӯро маҷзуб менамояд. Шеър аз тасвири духтараки ҳамсоя, ки «кокулонаш чу думи муш», «чеҳра пур аз доғаки кунҷит», «рафтани ӯ ҳалосакзанӣ», «ду яраи ду сари зонуи ӯ» даво нагаштанӣ буданд, оғоз гашта, бо ҳамин оҳанг гарави шахсияти наврасии шеърро, ки бо ин духтарак мебандад, гӯшзад мекунад:

Шарт чунин буд: дами воҳӯрӣ
Ӯ диҳад аз сидқ саломам, валек
Ман бизанам чирт ба бинии ӯ,
Ман бизанам чирт ба ҷои алек [126, 110].

Ҳамчунонки аз ҳамин мисолҳои оварда ҳам ба назар мерасад, дар ин шеър калима ва таъбирҳои ғайрисабкишоирона фаровон истифода шудаанд, ки биниш ва таассуроту эҳсосоти шахси навраси шеърро табиию ҳазломез хуб ифода намудаанд. Ин гуна калимаю таъбирҳо, ки аз олами зиндагии ҳаррӯза ва асарҳои насранд, бо воқеият ва баёни андешаву эҳсосот табиият ва тару тозагӣ бахшидаанд. Ҳикояти ғиноӣ бо ҳамин равиш аз воқеаҳои «чанд сари сол», ки идома меёфт, моро огоҳ кунонида, ба «як саҳар» мерасад, ки ба ҷои он духтараки «кокулаконаш чу думи муш» дар рӯ ба рӯи ҷавон «духтари рухсора чу садбарги тар» «Пошнаи қолиби ҷон – кафшро // Як сари мӯй бубардошта» мунтазири ба биниаш чирт хӯрдан истодааст. Аммо шахси навраси шеър аз дидани ин манзара ба ин ҳол меафтад:

Менигаристам ба хату холи нав,
Чеҳраи софи чу табоширро,
Менигаристам ба лабони ақиқ,
Гардани фавворае аз ширро…

Менигаристам… ҳаваси бӯсае
Шӯр ба ҷону танам афканда буд.
Менигаристам… Рухи айёрае
Чашм бипӯшидаву дар ханда буд [126, 111-12].

Сужаи ғиноии ин шеър тамоман нав аст, ки то он дар олами шеъри ошиқона набуд, бинобар он, эҳсосоту таассуроти шахсияти шеър ҳам, ки ҷавони тозаошиқ аст, бо ҳамаи воситаҳои тасвир ва баёну ифода тароватнок мебошад. Дар он ҳатто вожаву таъбирҳои шинос ҳам аз доираи мафҳумҳои суннатии бақолабдаромадаи худ берун рафта, тобиши тоза пайдо мекунанд. Масалан, дар мисраъҳои «Турфа гуландом саломам бидод», «Духтари рухсора чу садбарги тар», «Чеҳраи софи чу табоширро», «Гардани фавворае аз ширро» вожаву

таъбирҳои гуландом, садбарги тар, табошир, шир ҳарчанд асрҳост, ки дар истеъмоли шеъри ғиноии ошиқона ҳастанд, дар муҳити андешаву таассурот ва сабки ғайримуқарраиии ибрози ҳиссиёти ошиқона, ки бо ҳазлу шӯхӣ омехтааст, на забонзаду дилбазан, балки тару тоза қабули хотир мешаванд. Ҳарчанд дар шеъри куҳани классик таборширро ҳамчун ташбеҳкунанда бар сафедӣ истифода кардан ба чашм мерасад, аммо дар шеъри садаи бисти тоҷик ин шояд яке аз аввалин истифодаҳо бошад. Гардани духтарро ба фаввораи шир ташбеҳ кардан ҳам аз ҷумлаи тасвирсозиҳои нав аст. Дар байти «Пошнаи қолиби ҷон-кафшро // Як сараки мӯй бубардошта» аз пошнаи кафш истиораи қолиби ҷон сохтан ҳам аз мубтакироти бадеии тоза буда, шайъи одиву дурушти олами моддиро ба тимсоли шеъри ошиқона, ки баназокаттарин навъи шеърҳост, мубаддал месозад. Дар банди мақтаъ:

Менигаристам… Шавад, он чи шавад!
Сахт ба лабҳош бупардохтам,
Кунфаякун шуд ҳама шарту гарав,
Ҷаннати бешарту гарав ёфтам [126, 112]. –

баёни эҳсосоту таассурот бо бӯсаи ғайримунтазира хотима меёбад, ки ҳамаи шарту гаравро «кунфаякун» сохта, аз ифшо шудани ишқи нохудогоҳ, ки дар замири ҷавони наврас ноаён нумув мекард, хабар медиҳад. Дар ин ҷо таъбири қуръонии «кунфаякун» на бо мафҳуми аслии худ, ки мазмуни ҳамаи олами мавҷудотро ифода мекунад, балки бо маъное, ки бар хилофи мафҳуми қуръонияш дар тадовул дорад, яъне ҳамаи оламро зеру забар кардан, асоси корро дарҳам рехта, онро ба тарзи дигар даровардан мебошад, бисёр ба ҷо истифода шуда, ба шеър суръати шадиди ҷамъбаст додааст. Шоир ба тимсолҳои суннатии шеъри куҳан бо воситаи ҳикояти тозаи ошиқона тароват бахшида, ашёи олами ҳастиро, ки ба шеър ворид мешаванд, зебову бадеъ ҷилва медиҳад. Ин ба шеъри ғиноии ҳикоятӣ, ки дар он тавсифу тасвир ва шахсияти шеър мақоми муайянкунанда дорад, ба амал омада, ба он сифатҳои тоза мебахшад.

Шеърҳои «Ду одат» (с. 1980), «Сагвафои дигаре» (с. 1983)-и Ғаффор Мирзо ба ду навъи шеъри ғиноии ҳикоятӣ нисбат мегирад, ки аввалӣ сужаи маъмулӣ надошта, дар асоси таассуроти шахси шоир гуфта шудааст. Шеъри дуюм, «Сагвафои дигаре», сужаи воқеӣ дошта, қиссааш аз номи шахси сеюм ҳикоят мешавад. Ҳамин тариқ, дар эҷодиёти як шоир ҳам анвои гуногуни шеъри ғиноӣ ба назар мерасад, ки вобаста ба манзури бадеии ӯ ба истифода меравад.

Ашъори ғиноии ҳикоятӣ дар асоси сужаҳои вуқӯъгароёна, хаёлпардозона, фантастик сохта шуда, дар онҳо афроди гуногун амал карданашон мумкин аст. Онҳо дорои низоъҳо ҳам буда метавонанд, ки дар байни афроди шеър ба вуқӯъ пайваста, ба дараҷаи кам ҳам бошад, инкишоф меёбанд ва дар як замону макони муайян давом мекунанд. Баъзе аз шоирони ҳамосасаро дар давраҳои аввали эҷодиёташон ба ин навъ шеър бештар рӯй меоранд, мисли ин ки ҷанбаи ҳамосии истеъдодашон таҳрик мекунад, ки дар ин навъ таҷриба кунанд, то касби камол карда, баъдан дар қолабҳои бузургҳаҷми ҳамосӣ асар биофаранд. Ин қазия аз мулоҳиза дар осори Муъмин Қаноат бармеояд, ки аз оғози эҷодиёташ ба гуфтани ашъори ғиноии ҳикоятӣ рағбат дошта, баъдан ба сурудани манзумаҳои ғиноӣ, ғиноиву ҳамосӣ ва ҳамосаҳо машғул шудааст. Шеърҳои «Моҳи нав» (с. 1955), «Хоби модари Олмон» (с. 1955), «Дар роҳи вафо» (масал) (с. 1956), «Қиссаи чархи фалак» (с. 1957), «Тимсоли наҷотбахш» (с. 1958), «Минбари шоир» (с. 1958), аз ҷумлаи ашъори ғиноии ҳикоятӣ буда, ба давраҳои нахустини эҷодиёти Муъмин Қаноат тааллуқ доранд. Онҳо дар сужа, низоъ, мавқеи шахсиятҳо, сабки ҳикоят ва тасвир бар ҳамдигар дорои тафовутҳои шохисанд. Сужаи шеъри «Моҳи нав» асосан аз изҳори таассурот ба ҳам меояд, ки дар натиҷаи муқоисаи вазъи ду моҳ – моҳи осмонӣ ва моҳи заминӣ, ки зани озоду бахтёри тоҷик мебошад, ҳосил мешавад. Дар ин шеъри давраи ҷавонии шоир таъсири умумигӯии солҳои панҷоҳ бараллоина ҳис мешавад, ки ба он танҳо дар асоси таассурот гуфта шудани шеър ҳам боис шудааст, зеро он агар воқеае медошт, шояд як андоза мушаххастар ба қалам меомад. Шеъри дигаре, ки Муъмин Қаноат дар ҳамон соли 1955 гуфтааст, «Хоби модари Олмон», нисбат ба шеъри «Моҳи нав» пурмуҳтавотару ҳунармандонатар аст. Дар он аввал шаб тасвир гашта, модари аз марги ду писари

ҷавонаш, ки дар ҷанг кушта шуд, дар ғаму андӯҳ ва аз тақдири ояндаи тифли хурдаш дар азобу изтироб, пас ба хоб рафтану дар хоб саҳнаи мудҳиши ҳалокати ду писарро дидан ва бо фарёд аз хоб бедор шуда тифлашро дар канор дидан ва аз родиё шунидани садои Маскав, ки паёми сулҳ медод ва осоиш гирифтани ӯ ҳикоят мешавад. Дар ин шеър, ки аз 28 байти маснавии дар вазни ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (мақсур) гуфташуда иборат аст, чанд воқеаи мухтасарбаёнгаштае ҳаст, ки ҳама бо шахсияти шеър – модари олмонӣ иртибот дошта, баёнгари шуури иҷтимоии ӯ ҳастанд. Ҷолибтарин шеъри ғиноии ҳикоятии ин давраи Муъмин Қаноат «Қиссаи чархи фалак» аст, ки сужаи аҷиби фантастик дошта, дар нашрҳои аввал шоир аз он ҳикмате ҳам берун оварда буд, вале дар нашрҳои охир онро ҳазф кардааст. Ин шеър аз чаҳордаҳ байти маснавӣ, ки дар вазни рамали мусаддаси маҳзуф (мақсур) гуфта шудааст, иборат мебошад ва қиссаи марди содаеро ҳикоят мекунад, ки рӯзе дар сафар ҷойи харбандӣ наёфту хари худро ба гӯшаи чархи обӣ басту хоб рафт ва чун бедор шуд хари худро пайдо накард, зеро «ними шаб... боди сахро шӯр» карда буду харакро бардошта, ба соҳили дигари дарё партофта буд. Мард назди «кампири «доное» шитофту «арзи ҳол кард», то барои пайдо карданаш чорае биандешад. «Кампири «доно» фол гирифта:

Гуфт:– Эй марди худо, рӯзи фалон,
Дар фалон солу фалон моҳу замон
Як сари чархи фалак дар хок буд,
Ки замин он шаб чу дарё пок буд,
Ту хари худро ба он ҷо бастаӣ,
То ба иқлими малак пайвастаӣ,
Баъди чандин чарх аз чархи барин
Боз ояд маркабат сӯи замин... [103, 18].

Ҳикмате, ки дар нашрҳои пешин дар панҷ байт аз ин қисса бароварда шуда буд, содалавҳонаву илҳоқӣ буд [98, 37], бинобар шоир онро дар баркамолияш

ҳазф кардааст. Ҳоло ҳикмати шеър аз худи қисса бармеояд, ки содалавҳон, дар чораи мушкили худ ба онҳое, ки аз онҳо ҳам содалавҳтаранд, рӯй меоранд ва мунтазири осон шудани мушкил мемонанд. Ин хулоса аз пешини ҳазфшуда бадеъу пурбортар аст.

Шеърҳои ғиноии ҳикоятӣ, ки Муъмин Қаноат дар солҳои шасти қарни бист гуфтааст, аз ҷумла «Ситораҳои бурҷи Кремл» (с. 1962), «Хоби Қаҳрамон» (с. 1964), «Гули Бодом» (с. 1966), «Давоми нек роҳатро» (с. 1966), «Қатли Восеъ» (с. 1966) аз беҳтаринҳои онҳо мебошанд. Дар бораи Восеъ шеъри бисёре навишта шудааст, ки ба анвои гуногуни шеъри ғиноӣ нисбат мегиранд, аммо шеъри Муъмин Қаноат дар навъи худ ба эътибори муҷазӣ, шакли амудии инкишофи сужаи ғиноӣ, бадеият ва динамикии шеър аз беҳтаринҳост. Сабки шеър ривоятии тасвирнок аст. Дар се байти аввал саҳнаи қасри шоҳ мухтасаран тасвир мешавад, ки бе таъкид, дар зимн ба он муносибати шоирро низ ифода менамояд:

Қаср.
Ишратгоҳи тобистони шоҳ,
Ҷои қатли «осиёни» бегуноҳ...[98, 67]

«Осиёни бегуноҳ» ифодакунандаи муносибати шоир ба маҳкумшудагон мебошад ва чун дар байти севум «Дар миёна дор, // Восеъ пои дор, // Ҳамчу кӯҳи Балҷувонаш устувор» меояд, ин муносибат боз равшантар гашта, ҳам ҳусни таваҷҷуҳи шоир ва ҳам бовари ӯро бар шикастнопазирии иродаи қаҳрамон гӯшзад менамояд. Ва пасон якбора саҳнаи оличаноби фантастик тасвир карда мешавад, ки ба кас фурсати шакку шубҳа надода, талқин мекунад, ки ба он сад дар сад бовар бояд кард:

Хокро бӯсид, сарро аз замин
Кард боло, хӯрд бар чархи барин.
Кӯҳ ин фурсат ба ӯ ҳамроҳ шуд,
Дори шоҳон назди ӯ кӯтоҳ шуд... [98, 67].

Акнун маълум мешавад, ки Восеъ на танҳо мавриди ҳусни таваҷҷуҳи шоир аст, балки кӯҳ – табиат ҳам ба ӯ «ҳамроҳ» аст, зеро ӯ барои ҳаёт мубориза мекунад ва табиат модари ҳаёт аст, бинобар пуштибонии табиат аз қаҳрамон як амри табиист. Ба ин тариқ, чеҳраи ботинӣ ва зоҳирии Восеъ, ки осии бегуноҳ, парвардаи суннатҳои беҳтарини мардумӣ (пеш аз сарро ба ҳалқаи дор даровардан хокро бӯсиданаш далели ин аст), ҳамчун кӯҳ устуворияш тарҳрезӣ мешавад, ки байтҳои минбаъда ба он боз тарҳҳои тоза меафзоянд. Шоир тардиде надорад, ки саҳнаи фантастики ӯ бовар шудааст ва бинобар ин ангезаи аркону майдонро мухтасар меорад, ки «Воаҷаб!» мегӯянду бас. Сарбози савор ҳалқаи дорро бо шохи чинор мепайвандад ва аз чинор садои Гулизор, садои азизтарин азизи қаҳрамон – духтараш меояд, ки бори дигар ягонагии табиат ва ҳаётро бо қаҳрамон таъкид мекунад. Ва чун ҳалқаро ба гардани қаҳрамон меандозанду пироҳан дар бадани ӯ танг меояд, сужаи ғиноӣ дар ин байт ба авҷи амудии худ мерасад:

Кунда аз зери ду пояш дур шуд,
Шаҳчиноре бо чиноре ҷӯр шуд... [98, 67].

Ин охирин тарҳест, ки бар тимсоли Восеъ афзуда мешаваду онро дар камоли шаҳомат, озодагию ҷовидонагӣ муҷассам менамояд. Марги Восеъ марге нест, ки ӯро ба нобудӣ барад, марги ӯ пайвастан бо ҳаёти абадист, зеро бо шаҳчинор, бо яке аз аносири табиати ҷовидон ҳамсару ҳамтану ҳамқисмат мешавад. Ин ҳама далеланд, ки ин шеър яке аз муваффақтарин шеърҳост дар бораи Восеъ, қаҳрамони асили мардумӣ, ки ёдаш дар хотири мардум абадӣ боқист.

«Давоми нек роҳатро» (ба Владимир Луговской) (с. 1966), шеърест, ки манзураш муҷассам намудани тарҳи шахсияти шоири шаҳири рус Владимир Луговской буда, бо сабки ҳикоят аз фаъолияти меҳнатӣ ва эҷодии ӯ ба ҷо оварда мешавад. Муъмин Қаноат барои иҷрои ин манзур аз воқеаи тарҷумаҳолии шоир, ки дар ҷавонӣ, дар давраи ҷангҳои шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, ҳамчун роҳсоз ба

ин ҷо омада, кор кардааст, истифода мекунад ва симои ӯро аз ҷиҳатҳои инсониву шаҳрвандӣ ва эҷодиву шахсӣ тарҳ мерезад. Дар шеър воқеияти ду замон – замони кӯҳна, ки шикаст ёфтааст, вале бо охирин қувваташ мехоҳад худро нигоҳ дорад ва замони нав, ки зафар кардааст, вале ба он дараҷа пурқувват нест, ки аз душмани худ бим надошта бошад, ба воситаи сохтмони роҳ, ки дар ин ҳолат маънои рамзии пургунҷоиш пайдо карда метавонад, тасвир карда мешавад. Сохтмони роҳ танҳо васила аст барои нишон додани бунёди ҷомеаи нав, аз ин рӯ, дар шеър ба он танҳо дар ду ҳолат ишора гашта, дигар сухан аз вазъи замон, таассуроти ботинӣ ва барангезиши ҳиссиёту андеша аст. Шеър бо таассуфи шоир аз он ки «размгоҳи бешикасти Рустами Дастон» ва «базмгоҳи Ибни Сино, Рӯдакӣ, Хайём...ҷавлонгаҳи duздон... бозичаи айём» шудааст, оғоз мешавад, ки авзои ин сарзаминро дар ду давраи таърих дар тазоди шадид нишон медиҳад. Шоири рус маҳз дар чунин айём ба ин ҷо меояд:

Ба ин ҷо омадӣ пои пиёда мисли як сарбоз,
Ба қалби шоиру бо ҳуҷҷати раҳсоз.

Ту аз кӯҳу камарҳо бо машаққат роҳ мебурдӣ,
Чу шоир, ошиқи шаб хавф аз бегоҳ мебурдӣ [98, 68].

Муаллиф дар ин ду байт ба дугонагии хидмати шоири рус, на танҳо ҳамчун роҳсоз, балки ҳамчун сарбоз омаданаш ҳам дар ибораи «пои пиёда мисли як сарбоз» ишора мекунад, ки баъдан аз воқеияташ сухан меравад. Шоир ошиқи шаб аст, зеро шаб дар аксари ҳолат рамзи офариниши шеър аст, вале аз бегоҳ хавф бурдани ӯ ба вожаи бегоҳ тобиши дигар дода, онро ифодагари мафҳуми хавфу хатар месозад. Ва воқеан ҳам, ҳангоме ки шоир дар банди хаёлҳои шоиронааш «ғарқи созҳо...банди розҳо...моили парвозҳо, овозҳо буд»:

Ки ногаҳ шарфаи тири камон,
Аспи давон омад.

Кадомин бек сӯи деҳаи бе посбон омад?
Балои осмон омад [98, 69].

Ва «Ҳамин шаб ёр гаштӣ чун қалам тиру камонатро» мегӯяд шоир, ба шахсе, ки бо дили шоир, вале «бо ҳуҷҷати раҳсоз» омада, ҳоло хидмати сарбозро ба ҷо меорад. Носозгории вазъи замон боис шудааст, фарде, ки ӯро «табиат шоири мумтоз» офаридааст, аз шоирон ва таърихи бузурги сарзамини Аҷам, ки дар айни ҳол маҳалли кору пайкораш аст, ёд наоварад, ҳол он ки:

Агар дар хонаи тоҷик бисоти чиз ночиз(?) буд,
Ба ҳар гаҳвора Ҳофиз буд ё девони Ҳофиз буд [98, 70].

Ба ин васила Муъмин Қаноат, бо вуҷуди дар гирдоби бало қарор доштани ин сарзамин, пайванди ногусастании онро бо тамаддуни арзишманди башарияш таъкид менамояд, ки ин умед бар ояндаи пурбаракати он медиҳад, зеро мардуме, ки фарҳанги худро дар ёд дорад, ҳатман ба он бояд баргардад:

Агар бо номи Ҳофиз мешудӣ дар хонаи тоҷик,
Баногаҳ қаср мешуд аз карам вайронаи тоҷик [98, 70].

Ва воқеан ҳам ҳамин тавр мешавад, ки ин мисраъҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд: «Зимистон асту // Механдад ба ёди ту гули бодом, // Бубин Мирзои кӯлобӣ диҳад роҳи туро анҷом. // Давоми нек рӯҳатро, // Давоми нек роҳатро!» [98, 71] «Зимистон асту // Механдад ба ёди ту гули бодом» маънои маҷозӣ ҳам касб мекунад, ки зимистон ҳамчун рамзи мушкилоту сахтӣ ва гули бодом намоди пирӯзии ҳаёт ва шукуфоӣ дарк карда мешавад. Ин шеър дар қолаби нимоӣ гуфта шудааст, ки дар вазну қофия озодиҳое дорад, аммо бо вуҷуди ин қайд бояд кард, ки дар байти мақтаъ калимаҳои «рӯҳатро» ва «роҳатро» бо ҳам қофия намешаванд.

Шеъри “Маҷозоти* Ҷамшед” (с. 1995) дар асоси ривояти асотирии шоҳ Ҷамшед сохта шудааст. Мусаллам аст, ки шоир ба ин мавзӯъ руҷӯъ карда, воқеоти замони худ – солҳои навадуми қарни бист, давраи ҷанги шаҳрвандии тоҷикро дар назар дошта, ҳушдор доданист, ки оқибати даъвии бузургманишӣ ва яздонфаромӯшӣ (ҳақфаромӯшӣ) ба чӣ расониданаш мумкин аст. Ривоят дар ин ҷо хеле мухтасар аст, ҳам сухани ровӣ ва ҳам гуфтугӯи байни ашхоси шеър – ду Эзиду Ҷамшед тафсил надошта, ба воқеоти пешгузашта, ки Ҷамшедро ба ин ҳол – аз даст додани пошоҳӣ ва забуниву ду пора гаштан расонидаанд, ишораҳо карда мешавад. Шеър якбора аз хулосаи қиссаи Ҷамшед, ки маҳрум аз тахту бахт гаштааст, оғоз мешавад, ки суръат ва шадидии ҳолат ва ҳикоятро биафзояд. Ин яке аз мухтассоти шеъри ғиноии ҳикоятии Муъмин Қаноат аст, ки ҳикояти воқеаро аз нуқтаи авҷи он оғоз карда, бо драматизми шадид таваҷҷуҳро тасхир мекунад.

Фаромад яке даста бо найзаи офтобӣ,
Ба тан ҷомаҳои булӯрии ранги шаҳобӣ,
Ду эзид – яке рағзапӯшу яке равзадӯш,
Ва дар равзааш шаҳпари осмонӣ,
Расиданд дар пои тахти каёнӣ,
Ки Ҷамшед биншаста бе амру фармон;
Ҳамон шоҳи баргашта аз амри Яздон [103, 117].

Ин ду эзиди аз осмон фуромада, ишора ба он ҳам доранд, ки Ҷамшед ҳам “...дар оғоз рабб-ун-навъи офтоб будааст” [57, 644], баъдан подшоҳӣ ва даъвии Худоӣ карда, аз тахту тоҷ маҳрум гаштааст. Баъди ин ҳикоят шоир ноаён суханро бо вазъи

*Бояд муҷозот бошад, зеро маҷоз маънои ғайриаслӣ дорад, на ҷазо.

замони худ пайванд медиҳад ва сабаби фоҷиаи давронро дар канда шудани насл аз асл мебинад, ки дар натиҷа ҳам “кӯҳиву барзанӣ” даст ба душманӣ зада, ба парешонӣ расид. Эзиди болдор, ки рамзи дастбурду сарфарозист, ба Ҷам дастур медиҳад, ки қавмро ба ҳам орад, то “дар ин даҳр зору назор” намонад. Ҷаме, ки аз фарри подшоҳӣ бенасибу оқибат бо дасти душман бо арра дуним шуда буд, савганд ба номи Яздон мехӯрад:

Бигуфто: Ба номи Худои замона,
Ки Яздон ҳақ асту як асту ягона!
Набахшам ба қавми худӣ ман-маниро,
Набахшам ман ойини аҳриманиро,
Ки аз фарри Яздон нагардам дубора,
Ки ҳар дун набинад маро пора-пора... [103, 117].

Ин шеъри ҳикоятӣ аз 27 мисраъ иборат буда, бо қофиябандии маснавӣ дар асоси вазни мутақорибі масаммани солим, вале бо ихтиёрдории шоир, ки дар баъзе ҳолатҳо мисраъҳоро дарозу кӯтоҳ меорад, навишта шудааст. Масалан, дар ин панҷ мисраи оғоз:

Фаромад яке даста бо найзаи офтобӣ,
Ба тан ҷомаҳои булӯрии ранги шаҳобӣ,
Ду эзид – яке рағзапӯшу яке равзадӯш,
Ва дар равзааш шаҳпари осмонӣ,
Расиданд дар пои тахти каёнӣ...

Ду мисраи аввал аз даҳ тақтеъ иборат ва баробари даҳ бор **фаӯлун**, мисраъҳои чаҳоруму панҷум чаҳортақтеъӣ, вале мисраи севум, ки ҷуфт надорад, аз панҷ тақтеъу на дар шакли солим, балки мақсур – **фаӯл** омадааст. Мисраи дарозтарини ин шеър аз панҷ тақтеъ – **фаӯлун** ва кӯтоҳтаринаш аз се тақтеъ иборат мебошад, ки бо тақозои баёни муносиби андешаву эҳсосот иҷро шудааст.

Вале маъмулан чунин аст, ки дар ҳолати интихоби навъи суннатӣ, дар айни ҳол маснавӣ, талаботи он аз ҷиҳати вазну қофия аз аввал то охир риоят карда мешавад. Дар мисраи "Дарахти ҳумӣ пиру бедона гашта..." дар истифодаи вожаи "ҳумӣ", ки бо "вов"-и дароз навишта мешавад, сакта вуҷуд дорад. Бе ин нуқсон ин шеър бо забони шуставу покиза ва сабки равону бадеъ гуфта шуда, асотири куҳанро ба хидмати инъикоси мавзӯи доғи замони худ ба кор бурдааст.

Дар шеъри Қутбӣ Киром шаклҳои дарки ҳамосии олам ва рӯйдодҳои он бештар ба мушоҳида мерасанд, ки ба воситаҳои ғиноӣ баён карда мешаванд. Маълум аст, ки ҳеҷ навъи бадеӣ ба тарзи сирф холис зуҳур накарда, дар асарҳои ҳамосӣ хусусиятҳои ғиноӣ ва дар асарҳои ғиноӣ мухтассоти ҳамосӣ ва дар ҳар дуи онҳо хусусияти драмавӣ ҳам ҷой доштанаш мумкин аст. Дар байни дарки ҳамосӣ ва ғиноии ҳодисоти олам фарқ ҳаст ва ҳангоми баён, ки ба воситаҳои сабк, забон ва сувари хаёл сурат мегирад, ин дарк моҳияти решагии худро аён намуда, ба ин ё он навъи адабӣ нисбат мегирад. Худи рӯйдодҳо ҳам аз ҷиҳати моҳият ва бузургӣ, фарогирӣ дар замону макон бар ҳамдигар тафовут доранд, ки яке тасвири муфассали ҳамосӣ мехоҳаду дигаре мухтасари ғиноӣ. Ҳар эҷодкоре, ки дар асарҳои ӯ мақоми воқеаву ҳодисоти олами хориҷ бештар аст, фазилати идроки ҳамосӣ ҳам дорад, ки дар асарҳои ғиноияш зоҳир мешавад. Муҳимтарин хусусияти идроки олам ва истеъдоди шоир Қутбӣ Киром дар ҳамин аст, ки ӯ бештар ба воқеоти олами хориҷ таваҷҷуҳ дошта, олами ботинро дар алоқа бо он ва ё ҳамчун инъикосе аз он ба қалам медиҳад. Вале худи шахсияти инсонӣ ва шоирии Қутбӣ Киром ғиноист, зеро бо он беқарорию шӯру шааф ва таассуроту ҳаяҷони фарогири дарзамонӣ, ки ӯ дошт, наметавонист шоир ва шахсияти ғиноӣ набошад. Аз ин рӯ, ҳар чӣ воқеоти олами хориҷро мебинаду дарк мекунад, онро ба иқтизои ҳамин сиришти ғиноияш дарзамон ба тамоми таассуроту эҳтиросот ба қалам медиҳад. Ин хусусият аз ашъори ғиноии ҳикоятии давраҳои аввали эҷодиёташ низ равшан ба назар мерасад, ки шеърҳои «Бӯи нон» (с. 1962), «Зиндаятимон» (с. 1962), «Зеби биёбони қазоқ» (пас «Қуралай» ном гирифта) (с. 1963), «Ҳамсолони ман» (пас «Чоши гандум» ном гирифта) (с. 1964), «Ёр аз ин

кӯча гузар мекунад» (пас «Чанг занад дил ба гиребони ман» ном гирифта) (с. 1964), «Эъҷози одамӣ», «Суҳбати фарзандон» (Илҳом, с. 1968) аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Ин навъ ашъори ӯ бо ҳикоятҳои отифии гарму сӯзон, тасвирҳои пуробу ранг, баёни пурпару бол ва муболиғаву иғроқҳояш аз тамоми ашъори шоирони дигари ҳамзамонаш мутафовит буда, зуд шинохташавандааст, ки мансуби қареҳаи танҳо ҳамин шоир аст. Шеъри «Чанг занад дил ба гиребони ман» (с. 1964) ҳарчанд ҳикояти ошиқонаи шоирро бештар баёнӣ, то суварнигорона ба қалам меорад, аммо бо самимияти амиқаш ба дил менишинад:

Ёр аз ин кӯча гузар мекунад,
Бӯи гулу бӯи саҳар мекунад.
Дар раҳи ӯ чор ду чашми сарам,
Омадану рафтани ӯ бингарам.
Ёр вале сӯи мани дилшуда,
Сӯи мани ҳайкали аз гил шуда,
Аз ҳарами моҳ назар мекунад,
Чун шарари оҳ гузар мекунад [86, 83].

Шоир ҳангоми гуфтани ин шеър таҳти таъсири шеъри «Рози дили ошиқ»-и Ғаффор Мирзост. Ба ин на фақат навъ ва вазни шеър, ки ҳар ду ҳам маснавию ҳамвазн ҳастанд, балки рӯҳу оҳанги ибрози андешаву эҳсосот ва ҳатто вожаву таъбирҳои ҳамонанду яксон, ба монанди «гузар мекунад», «дилшуда», «дилак», «ҳоли маро» далел мебошанд. Шахсияти ғиноии шеъри Қутбӣ Киром ҳам ба мисли шахсияти ғиноии шеъри Ғаффор Мирзо илоҷи ишқи беилоҷи худро дар гуфтани шеър мебинад. Ин шахсият, ки дар шеъри Ғаффор Мирзо:

Чор сари сол шаб афрӯхтам,
Шоирию ошиқӣ омӯхтам [123, 114-15]. –

гуфта буд, дар шеъри Қутбӣ Киром:

Шамъ шудам, шуъла барангехтам,
Дар вараќи дафтари худ рехтам [86, 84]. –

мегӯяд. Ҷаҳоншинохтӣ ва фардияти эҷодии шоирро аз ҳамин гуна шеъре ҳам, ки дар пайравӣ, тазмин ва ё зери таъсири шоири дигаре гуфтааст, муайян кардан мумкин аст; агар шоир ба ҷаҳон назари худӣ ва сабки фардии ифода дошта бошад, онҳо дар шеъри дар пайравӣ гуфтааш ҳам рух намуда, онро аз шеъри дар назар доштааш мутамайиз хоҳанд кард. Бинобар он, ҳарчанд аз ин шеъри Қутбӣ Киром бӯи шеъри Ғаффор Мирзо мерасад, аммо андешаи отифии Қутбӣ Киром андешаи худи ӯст, такрорӣ нест, ва суханаш ҳам дар маҷмӯъ тоза, сабкаш болу пардору ғулувомез аст, ки минбаъд ин хусусиятҳо дар эҷодиёти ӯ боз ҳам пуррангтар хоҳанд шуд. Дар мисраи дуюми байти аввал, ки ёр «Бӯи гулу бӯи саҳар мекунад» гуфта мешавад, ба машом таровату тозагие мерасад, ки ба ҳар ду – ҳам ёру ҳам саҳар хос аст. Таъбири забонзадшудаи бӯи гул кардани ёр дар ҳамсоягии «бӯи саҳар» кардани ёр тару тозагӣ пайдо мекунад. Бо иғроқ сухан гуфтани Қутбӣ Киром дар мисраи «Аз ҳарами моҳ назар мекунад» рух намудааст, ки яке хусусиятҳои шохистарини сабки ӯ мешавад. Истиораи ҳарами моҳ тоза сохта шуда, дар мавридаш хеле хуб ба кор рафтааст, ки мазмуни баландии поя, мақом, остони ёрро таъкид мекунад.

Шоире, ки ҷаҳоншинохтиву сабки худро дорад, аз таъсири шоири дигар зуд бадар рафта, андешаҳои отифии худро бо ҳикоят ва чеҳраи мушаххаси худ намоён хоҳад кард. Ба ин шеъри «Ҷуфт шуд кабки дарӣ» (с. 1968)-и Қутбӣ Киром, ки пас аз чаҳор соли шеъри «Чанг занад дил ба гиребони ман» навишта шудааст, мисоли равшан аст. Дар ин шеъри ғиноии ҳикоятӣ шахси шеър худро дар аввал дар паси пардаи ҳикоят мегирад ва танҳо дар охир мушоҳиди ҳодисаи ғиноӣ буданашро бе таъкид, фақат ба тарзи хабарӣ «ман намедонам» гӯён гӯшзад мекунад. Бо вуҷуди ин, ҳамаи эҳсосот, таассурот ва изтиробе, ки дар ҳикояти ғиноӣ ҳаст, ба ӯ тааллуқ мегирад.

Дар ин шеър як воқеаи одӣ ҳикоят мешавад. Сайёде аз роҳи сайд бармегардаду «милтиқашро сарнишеб» «бо умеди тирамоҳ» меовезаду «дар ин фасли сол, тирандозӣ убол» гӯён меравад. «Мӯсафеди тӯрмони дигаре» ҳам, ки кабк сайд мекард «тӯри худ печиду бар кунҷе ниҳод»-у «ҳалқаи домаш кушод»-у рафт. Пасон тасвири сармастиву базми кабкҳо меояду дар охир ба андеша рафтани шоир, ки дар тирамоҳ ҳол чӣ гуна хоҳад шуд. Ин ҳодисаи гӯё одиро отифати андеша ва муҳаббате, ки зимни ҳар сухан ба олами табиат ҷой дошта, дар ҳикоят ва баёну тасвир эҳсос мешавад, ба моли шеър табдил медиҳад. Муҳаббату ғамхорӣ ба мавҷудоти олами табиат ба ду роҳ зоҳир мешавад, яке ба воситаи тасвири пурмуҳаббат ва шодмонаи онҳо, масалан, ба ин тарз:

Ҷуфту сармастанд ҳоло кабкҳо,
Пар кушода ҳар куҷо,
Базм барпо мекунанд,
Ханда мерезанд дар гулзорҳо,
Хона месозанд дар гулхорҳо [86, 44].

Дар ин мисраъҳо унсурҳои тасвир – ташхис, тазод, маҷоз ва унсурҳои баён, аз ҷумла тарсеъ, ки дар он калимаҳо дар як шаклу қолаб мебошанд, ба ҳам омада, муҳтаворо ҷаззобу пуртаъсир ва шаклро хушоҳангу дилпазир намудаанд. Дар ҷое, ки шоир нисбат ба кабкҳо «сармастанд», «базм барпо мекунанд», «ханда мерезанд» барин вожаву таъбирҳоро истифода мекунад, ки амалҳои инсониро ифода менамоянд, ба онҳо шахсият мебахшад. Дар натиҷа шикори онҳо ба шикори махлуқи шахсиятдошта табдил мегардад, ки пазируфтанӣ нест. Ин як воситаи отифат ва самимият бахшидан ба ҳикоятест, ки изҳор мешавад. Унсури баёнӣ – санъати тарсеъ аст, ки дар байти «Ханда мерезанд дар гулзорҳо, // Хона месозанд дар гулхорҳо» бо маҳорат истифода шуда, дар он калимаҳои ҳамвазну ҳамоҳанг ханда-хона, мерезанд-месозанд, дар гулзорҳо-дар гулхорҳо шеърро тараннумӣ сохта, ҳолу ҳавои шодмонии зиндагиро эҷод кардаанд. Санъати тарсеъ, ки унсури баёнист, барои ифодаи таъсирбахштари муҳтаво ба кор рафта,

ҳамчун василаи маънои ҳам хидмат кардааст. Меҳру муҳаббати шоир ба олами табиат ба воситаҳои гуногун ифода меёбанд. Масалан, ба вожаи сайёд афзудани сифати бераҳм – «Бар дили сайёди бераҳм(?), раҳм омад» баробари таъкиди бераҳмии сайёд, ки дар дили инсон нисбат ба ӯ ҳисси манфӣ пайдо мекунонад, дар айни ҳол ба мавриди ин бераҳмӣ, ки унсури зебои табиат – кабк мебошад, ҳисси раҳму шафқат ва муҳаббат мепарварад. Ё дар ин мисраъҳо:

Мӯсафеди тӯрмоне, ки ба рӯзи тирамоҳ
Чашмаҳоро банд карда,
Доми тазвир(?) мениҳод,
Чӯҷаҳоро зинда сар мезад
Ба оҳанги видод [86, 44]….

Ин амалҳои «мӯсафеди тӯрмон», ҳамчун «доми тазвир» ниҳодан, «чӯҷаҳоро зинда сар» задан боз «ба оҳанги видод», ки, албатта, киноя аст, ҳамчун масали душманро бо шакар куштан, ин ҳама, аз як ҷиҳат, вазифаи тавсияи хулқу атвори «мӯсафеди тӯрмон»-ро ба ҷо оварда, аз ҷиҳати дигар, боз ба қурбонии ин амалҳо, ки ҷузъи зиндаи табиат аст, ҳисси ғамхорӣ бедор мекунанд. Агарчи дар ҳеҷ ҷойи ин мисраъҳо ишорае аз шахси шоир нест, аммо дар зимни ҳамаи онҳо ҳузури ғиноии ӯ эҳсос мешавад, зеро ҳолати мавриди тасвир ғиноист.

Ин шеър аз 32 мисраи дарозу кӯтоҳ – нимоӣ иборат аст, ки дар баҳри рамал гуфта шудааст ва танҳо дар мисраи 26-ум шахси шоир ҳузури худро аён намуда, мегӯяд:

Ман намедонам ба фасли тирамоҳ,
Чун шавад анҷоми кор,
Кори кӣ гирад барор.
Шод аз онам, ки ҳоло тиру тӯр
Дур шуд, дур аз қатор,
Ҷуфт шуд кабки дарӣ,

Даррасид(?) фасли баҳор [86, 45].

Шеър бо ҳамин хотима меёбад ва умеди шоир, ки «анҷоми кор» бо пирӯзии табиат сурат бигирад, дар дили хонанда ҳам зинда боқӣ мемонад. Дар ин шеър андешаи отифӣ ба воситаи ҳикоят, тасвир ва ҷузъиёти олами шайъӣ ифода ёфтааст. Тасвир дар ин ҷо асосан ба ду навъ аст, тасвири амал ва тасвири ҳолате, ки манзараро муҷассам месозад. Шеър аз «Бар дили сайёди бераҳм раҳм омад», ки «аз раҳ» гашта, «милтиқашро сарнишеб овехт, рафт», оғоз мешавад, ки навъи тасвири амал аст ва дар порае, ки баъди мисраи «Ҷуфту сармастанд ҳоло кабкҳо» меояд, тасвири манзараи ҳолат ба кор гирифта мешавад, ки сармастиву пар кушодану базм барпо кардану ханда рехтани кабкҳо ва пурҷӯшии чашмаҳоро пеши назар меорад. Ҳар дуи ин навъи тасвир руҷӯъ ба олами шайъро хостааст. Шайъ ҳам ин ҷо ба ду навъ аст, шайъе, ки ҷузъи олами табиат, ҳамчун чашма, ҷӯҷаҳо, кабкҳо, гулзор, гулхор, кокутӣ, кӯҳ, буттаҳо, офтоб мебошад, навъи дигар шайъ маҳсули дасти инсон аст, ба монанди милтиқ, тӯр, дом, донаи тасбеҳ, тир, ки ҳама дар якҷоягӣ муҳити муносиберо ба вуҷуд овардаанд, то андешаву эҳсososти ғиноии шахси шеър ба тарзи ҳикоят шайъию муассир баён карда шавад.

Ин шеър барои Қутбӣ Киром боз аз он ҷиҳат хосиятнок аст, ки аз муҳимтарин доираи мавзӯии ашъораш – муҳит, деҳ ва фарохтар, водии Зарафшон, маншаъ гирифта, минбаъд дар эҷодиёти ӯ мақоми асосӣ пайдо мекунад. Ин аз лиҳози мавзӯъву муҳтавост. Аз лиҳози шакл хосиятнокиаш дар сабк, забон зоҳир мешавад, ки ба ифода ва оҳанги гуфтори мардумӣ қаробат дорад. Мисоли ин дар саросари шеър мавҷуд аст, танҳо дар пораи аввал:

Бар дили сайёди бераҳм(?) раҳм омад,
Гашт аз раҳ ин пагоҳ,
Милтиқашро сарнишеб овехт, рафт,
Бо умеди тирамоҳ.
Гуфт: «Дар ин фасли сол,
Тирандозӣ убол» [86, 44].

«Бар дили сайёди бераҳм(?) раҳм омад», агар дар ин мисраъ пешоянди «ба», ки бо тақозои вазни арӯз ба шакли «бар» омада, хоси забони меъёри шеъри мактуб аст, истисно шавад, дигар сабки ҳикоят мардумист. Дар мисраъҳои дигар ҳам вожаву таъбирҳои «гашт аз раҳ» – аз роҳ гаштан, «милтиқашро сарнишеб овехт, рафт», «бо умеди тирамоҳ», «тирандозӣ убол», ҳама бештар моли забони мардумист, то меъёрии китобӣ. Ҳатто ба ҷойи калимаи «вабол» ё «вубол» шакли халқӣ – гуфтугӯии он «убол» оварда шудааст. Дуруст аст, ки ин шакли калима дар ин ҷо барои шахсият бахшидани забони сайёд ҳам хидмат мекунад, вале бе ин вазифа ҳам омаданаш мумкин буд, зеро дар пора нуфузи сабку вожаҳои забони мардум бештар аст. Ин тарзи нигориш дар давраҳои баъдинаи эҷодиёти Қутбӣ Киром бо сабки шеъри классик бештар омезиш меёбад ва сол ба сол корхӯрдатару комилтар гашта, шохистарин сифати сабки ӯро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, ӯ барои ибрози ҳикоят, андешаҳои отифӣ ва ифодаи шайъию тасвирноки эҳсосоту таассуроти ғинноияш аз хазинаи забони мардум фаровон ва судманд истифода мекунад.

Шеъри ғиноии ҳикоятӣ дар саросари эҷодиёти Қутбӣ Киром мавқеи густарда дорад, ки аз беҳтарин намунаҳои ин навъанд. Онҳо мавзӯъву муҳтавои гуногун доранд, ки мавзӯъҳои иҷтимоӣ аз ҷумлаи бештарин ва муҳимтарини онҳост. Шеърҳои «Бачагонам ҷангбозӣ мекунанд», «Ёди аскар» (Рези кӯҳсор, с. 1970), «Кема», «Ёд» (Остони баланд, с. 1972), «Холиқи гулбур» (Чашми дил, с. 1976) аз қабили онҳо мебошанд, ки паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоии мардумро дар солҳои мутафовити таърихи муосираш бо ҳикоятҳои муҷазу муассир ва эҳсосоти сӯзону эҳтиросоти фарогир ифода мекунанд. Дар ҳамаи онҳо оҳанги умед танинандоз аст, ки аз вижагиҳои асосии ҷаҳоншинохтии шоир мебошад.

Дар солҳои шастуми қарни бист, замони ба адабиёт ворид шудани Лоиқ, мақоми шахсият дар ҷомеа ва адабиёт, ки намоёнгари авзои иҷтимоию фарҳангии он мебошад, хеле боло мерафт. Ин ҳолат дар ҳамаи анвои шеър, аз ҷумла навъи ғиноии ҳикоятии он ҳам асар гузошт. Дар ашъори Лоиқ мақоми шахсияти ғиноӣ, шоир, муаллиф, ровӣ хеле назаррас аст, ки далели сиришти сирф ғиноии

шахсияти шоир ва таъсири ҳамон афзудани нақши инсон дар авзои иҷтимоии ҷомеа ва аҳамият пайдо кардани ҷаҳони ботинии шахсият аст. Инсон, бо зуҳуроти шахсии гуногунаш, меҳвари эҷодиёти Лоиқ қарор гирифта, тамоми воқеот ва эҳсосоту таассурот дар атрофи ӯ мечарханд. Ҷаҳонро аз даричаи шахсият дидан махсусияти нигоҳи шоир аст. Ҳоло шеърҳое мавриди баррасӣ қарор мегиранд, ки дар онҳо шахси шоир бо чеҳраҳои мухталиф арзи вуҷуд намуда, аз пораҳои зиндагии воқеӣ ва маънавии худ ҳикоят мекунад. Инҳо, аз ҷумла, шеърҳои «Насиҳати модар» (с. 1960), «Ёде аз бачагӣ» (с. 1976), «Дар гирди хони Наврӯз» (с.1977), «Суғдиён ҳар гаҳ ба кӯи дӯст меҳмон мешуданд» (с. 1979), «Замони беғубори баччагиям» (с. 1979), «Шикастабанд» (с. 1986), «Дасти худ» (с. 1988), «Модарам, эй модари дунёнадида» (с. 1989) мебошанд, ки дар фосилаи қариб сӣ сол навишта шуда, нақши шахси шоир дар онҳо сол ба сол пуррангтар ба назар меояд. Дар шеъри «Насиҳати модар», ки ба давраи навқаламии шоир тааллуқ дошта, суханаш ҳам ҳоло шогирдона аст, аз насиҳатҳои модар, ки фарзандашро дар роҳи ростӣ тарбият кардан мехоҳад, ҳикоят мешавад. Сужаи шеърро на ҳодиса, балки ёдоварӣ аз насиҳатҳои модар, ки фарзандро талқин мекунад, ки ҳама корро бо дасти рост сар кунаду шаб ҳам ба паҳлуи рост хоб равад ва монанди инҳо ташкил медиҳад, ки моҳияти ахлоқӣ дорад. Ин шеър аз чаҳор банди чаҳорпораӣ иборат буда, дар он фарзанд ҳузур дораду аз модар ҳикоят мекунад.

«Ёде аз бачагӣ» навъи дигари шеъри ғиноии ҳикоятист, ки сужаи муфассалу мукаммали ғиноӣ дошта, метавонад воқеъӣ бошад. Шеър бо тақозои сужаи муфассал аз понздаҳ банди чаҳорпора созмон ёфтааст, ки дар вазни хафифи мусаддаси махбуни аслам – фоилотун мафоилун фаълун, бо қофиябандии абвб, гдед гуфта шудааст. Дар бандҳои аввали он ҳикояти бо чӣ «шавқу талоше» ба гӯсфандбонӣ рафтани ровӣ, ки он вақт хурдсол будааст, нақл мешавад, ки шоири оянда буданаш маълум мебошад, зеро нигоҳаш ба муҳити атроф шоирона аст ва «шавқу талош»-и ба чӯпонӣ рафтанаш ҳам ба хотири аз ёла гул чида ба модар овардан ва бо барраҳо бозӣ кардан аст, ки хеле дилчасп ба қалам омада аст:

То даме дар фарози куҳсорон
Тармаҷоро ба чашми худ бинам.
Кокули обшорро бофам,
Сари шах бо хаёл биншинам [357, 287].

Бо ин байти зебо ровӣ ба шоири оянда будани чӯпони хурдсол ишорат кунад мекунад ва ҳам ин хаёли зеборо бо ҳолати фоҷеавии минбаъда сахт муқобил мегузорад, то таъсири тазод бештар шавад, аммо, ба ҳар ҳол, ин ҳамон ҳолатест, ки «зебоии бисёр зебо» ба завқ бармехӯрад, зеро ҳолатро аз воқеият ба сӯи хаёлпардозӣ кашида, сабаби андаке коҳиши ривоҷи босуръати сужа мегардад. Пас аз ин банд тавсифи манзараҳои кӯҳистон маҳз дар ҳамон рӯзи воқеа меояд, ки пас аз борон «Дурру марҷон ба рӯи дашт бирехт» ва «Мечариданд барраҳо озод...// Мечариданд мешҳо хуррам» [357, 287] ва «Меше як сӯ ба меҳр мелесид // Барраашро, ки буд навзода» [357, 287] ҷой дорад. Дар банди ҳафтум вазъ баногоҳ тағйир мехӯрад, ки инсонро такон медиҳад ва аз ҳолати тамошои фароғатомез якбора ба фоҷиаи ҳастибарандоз меандозад:

Ногаҳ аз осмон фуруд омад
Каргасе, барраро ба чанг рабуд,
Меш як қад париду наъра кашид,
Ки магар ранҷи ман барои ту буд?! [357, 287].

Дар панҷ банди минбаъда ҳолати аз паси сояи каргаси парронраванда бо ғаму кин ва умед давидани меш, ки баррааашро наҷот диҳад ва гӯсфандбонбача, ки мешро мехоҳад аз ин давидани барабас боз дорад, ҳикоят мешавад, ки сабки суханаш ҳам муносиби вазъ шадид ва мухтасар аст. Дар ин таъқиб вартае пеш меояд ва сояи барра ба он меафтад, ки меш ҳам худро аз паси он ба варта меафканад ва:

Чашмҳо нимабоз бечора

Мебаровард аз ҷигар ово.

Аз паи баррачеки навзодаш

Ҷони ӯ мепарид сӯи само... [357, 288].

Ин аст анҷоми фоҷиаи меши бечора, ки бо тақозои меҳри беназири модарӣ ба амал омад. Ҳикмати шеър маълум аст, ки ҳеҷ хавфу хатар ва фоҷиае наметавонад монеъи зуҳури меҳри модарӣ шавад. Ровӣ аз ин фоҷиа барои худ хулосаи дигар ҳам мебарорад, ки қонунҳои ҳаёт бераҳмонаанд, зеро ҳангоме ки ӯ аз ин оқибати мудҳиш, пас аз ҳой-ҳой гиристанҳо, ба худ омад, «осмон бепарво» буд, вале ӯ «Каргас он рӯз ҳамраҳи барра // Гӯиё бурд баччагии маро...// мегӯяд, ки далели аввалин дарки бераҳмии ҳаёт ва дар мубориза бо он ба камол расидани инсон аст. Дар мақтаъ ҳикмате доштан ҳам яке аз хусусиятҳои шеъри ғиноии ҳикоятист, ки дар ин маврид бисёр баҷову пурмуҳтаво сурат гирифтааст. Ин шеъри ғиноии ҳикоятие буд, ки як сужаи ёддоштии ғиноии муфассалу мукаммал дошт, ки аз дебоча, гиреҳбанди воқиа, инкишофи воқиа, авҷи воқиа ва гиреҳкушои воқиа иборат буда, аз забони шоир ҳикоят мешуд. Акнун шеъри дигаре мавриди мулоҳиза қарор мегирад, ки низ ғиноии ҳикоятист, аммо дар он шаш сужаи мухтасар вуҷуд дорад. «Дуоҳо ва роҳҳо» (с. 1988) шеъри сафед аст, бидуни қофияи муназзам, иборат аз даҳ пораи гуногунҳаҷм, ки муфассалаш 27 ва мухтасараш панҷ мисраъ мебошад. Дар ин шеър аз шаш бархӯрде, ки шахси шоир сари фармони мошин бо мусофирони сари роҳ дорад, ҳикоят мешавад. Дар назари аввал ин гуна воқеаҳо он қадар муҳим нестанд, аммо маҳорати шоир дар он аст, ки зимни ҳикояти он хонандаро ноаён ба хулосаи муҳими панду ахлоқӣ ва фалсафимазмун мерасонад. Азбаски муҳтавои шеър бар суннатҳои ахлоқу одоби мардумӣ, ба мисли дуои нек гирифтан, азиз доштани пирон, баровардани эҳтиёҷи дармондагон такя дорад, сабку забонаш ҳам рангу равғане аз фаҳлавиёти мардум касб кардааст. Ҳикояти шахси шоир аз он аст, ки дар роҳ ӯро «дӯшизаи қашанге», «масте афтону хезон», «марди ғалчае…, ки пайкари пурсалобаташ // як хиёбонро пур мекунад // ва дуди сигораш // ҳола бар моҳ мезанад» [357, 433] хоҳиши то манзил бурдан мекунанд, аммо ӯ хоҳиши онҳоро ба ҷо намеорад. Дар поёни ҳар

хоҳиш сабаби қабул нашудани он баён шудааст, ки пандомӯзу шоирона мантиқист. Масалан, хоҳиши «дӯшизаи қашанге» барои он қабул намешавад, ки «бори малоҳаташро» «мошини» шоир «наметавонад бикашад», бо кинояи хубе гуфта шудааст, сабаби пазируфта нашудани хоҳишро пай бурдан душвор нест, на мошин, балки дили шоир, ки ҳароси ба доми ин ҳусн гирифтор шудан дорад, бори ин муҳаббатро «наметавонад бикашад». Бинобар ин, қабул нашудани хоҳиш боиси озурдагии хотир намегардад. Хоҳиши «марди ғалча» барои он рад мешавад, ки «ӯро аз дардҳои инсонӣ// дар ҷигар оҳе нест…// ва ин хулоса аз рӯйи тасвире, ки шоир аз ӯ медиҳад, гирифта мешавад. Дар ин шеър аз ҷониби шоири дар сари фармони мошин се хоҳиш рад ва се хоҳиш иҷро карда мешавад, ки иҷрои махсусан, ду хоҳиши охир, ки ба «пирзане кӯзпушт» ва «пирмарди шикастақомате» тааллуқ дорад, бисёр дилрасу хотирмон ифода шудааст. Аз ҷумла, дуо ва ҳолати пирзан аз савобҷуёна ба манзилаш расонидани «ман»-и шоир, ки ба лаҳни суннатии мардумӣ гуфта шудааст, вуқӯъгароёна ва муаассир аст:

Дастони чангакашро
бардошта сӯи само
як лаҳза
қомати заминбӯсашро
рост карда бо азоби алим
дуо мекунад:
роҳат сафед, бачам,
роҳат сафед…

Ва аз чашмони обраваш
ашкҳо мерезанд.
Ман як лаҳза шах шуда
дар назар меорам
модари пири ларзонамро [357, 434].

Дар ин шеъри ғиноии ҳикоятӣ, ки андешаи отифӣ ва тасвир ҳам дорад, ҷузъиёти олами ашё гоҳе номбар мешаванд, масалан, мошин, хиёбон, дуди сигор, занбил, пиёз, зардак, шалғам, риш, асо, ки муҳити вуқӯи ҳодисаро комилтар ба назар намудор месозанд ва гоҳи дигар бо сифат ва зарфҳо ҳамроҳ омада, тавсиф ва ҳолати шайъро, ки дар айни замон шахс аст, масалан, дӯшизаи қашанг, чашмони хуморбаста, марди ғалча, пурбадан, шикамдамида, қомати заминбӯс, чашмони обрав, модари пири ларзон ифода менамоянд. Дар ин ҷузъиёти бисёр, ки моҳияти фазосозӣ низ доранд, гуногунрангӣ, нақши онҳо дар муҳити зиндагии шахси мавриди бархӯрд ба эътибор гирифта шудааст. Дар онҳо дар ифодаи ҳолат ҳам тобишҳои мухталифи сухан, истифодаи маҳоратноки вожаҳои зарурӣ, ки дар забони мардум роиҷанд ва хулқу атвори шахсро хуб нишон медиҳанд, дурахшон ба зуҳур омадаанд. Ҳамаи ин воситаҳои тасвирию ифодаву баён маҷмӯан шеърро пурбор, маҳкам ва фахим намудаанд. Барои ин тарз сурат гирифтани шеър, шакли он, ки озод аз вазну қофияи маъмулист, низ мувофиқат кардааст.

Аммо ин ҳама танҳо ба хотири тасвир ва ифодаи муфассали муҳит, шахс ва ҳодисаи ғиноӣ набуда, ба он манзур аст, ки аз ҳамаи онҳо якҷоя, ноаёну бетаъкид, ба таври табиию мантиқӣ хулосае бароварда шавад, ки мазмуни фалсафӣ дошта бошад. Бинобар, ҳамаи ин ҷузъиёт дар алоҳидагӣ вуҷуд дошта бошанд ҳам, аз ҳам ҷудову пароканда набуда, дар маҷмӯъ заминаеро ташкил кардаанд, ки дар он дарахти зиндагии ахлоқию маънавии халқ борвар аст. Зимнан шоир ба онҳое, ки аз сарчашмаи сабздорандаи решаҳои ин дарахт – ҳикмати зиндагии халқ фаромӯш мекунанд, ҳушдор медиҳад. Ин маънӣ дар гуфтугӯи байни ӯ ва «пирмарди шикастақомат» хеле хуб баён шудааст. Ҳангоме ки пирмард бар ивази хидмати ба манзил расонидан «ҷайбашро мекобад», ки ҳаққи хидмат бидиҳад ва «савобҷӯям» гуфтани «ман» -ро мешунавад, бо ӯ ин ҳолат рух медиҳад ва ин суханҳо бар забонаш меравад: «Ӯ асояшро // аз саросемагӣ // меафтонад ба замин // ва мекушояд дасти дуо: // роҳат сафед, бачам, // сангин бирав, рангин биё! // роҳат сафед, // оҳиста рав, пайваста рав! // Агар чун ту савобҷуён // дар роҳҳои ҷаҳон // бисёр буданд, // пушти фалак // чун пушти ман // кӯз набуд // аз борҳо, сарборҳо...» [357, 435].

Дар ин пора ҳаракати пирмард, ки «асояшро // аз саросемагӣ // меафтонад ба замин // ва мекушояд дасти дуо // бо беҳтарин вазъ ҳолати рӯҳу равонии ӯро нишон медиҳад. «Асояшро // аз саросемагӣ // меафтонад ба замин» – як ҳаракати ғайриихтиёр кулли вазъияти пирмардро бесухан баён менамояд, шояд дар ҷайбаш пули ночизе дошт ё шояд умуман надошт, аммо «ман»-и шоир ҳангоми ба мо ҳикоят кардани ин воқеа ҳам одоб нигоҳ медорад ва дар ин бора ҳарфе нагуфта, ҳолатро танҳо бо як ҳаракат нишон медиҳад, ки ҳамаи ин ҳарфҳоро шеър мекунад. Ба ин маънӣ, адабиёт, шеър дар ҷузъиёт аст. Ба ин маънӣ некӣ бунёди одамгарист, новобаста аз он ки кам аст ё бисёр, хурд аст ё бузург, зеро касе, ки некии каму хурд намекунад, ба бисёру бузургаш ҳам қодир нест. Ба ин маънӣ, агар инсонҳо дасти ҳамдигар гирифта буданд, касе шикастақомату афтода набуд. Ба ин маънист, ки шоир дар охир хулоса мекунад, ки ӯро «аз манзиле ба манзил //… дуоҳои пирон, // пирони соҳибназар, соҳибдил» [357, 435] мебарад ва ин бозтобе аз фалсафаи зиндагии мардум дорад.

Дар эҷодиёти Лоиқ боз анвои дигари шеъри ғиноии ҳикоятӣ, аз ҷумла, бе иштироки шахсияти шоир, масалан, шеърҳои «Мукофот» (с.1964), «Корвони кӯҳҳо» (с. 1968), «Дидори офтоб» (с. 1976),, «Дуои борон» (с. 1981), бо сужаи рамзӣ «Ду масчоҳӣ дар овринг» (с. 1982), «Талоқи Марзич», бо сужаи воқеӣ шеъри «Ҷони масчоҳӣ» мавҷуданд, ки баррасии онҳо паҳлуҳои тозаи мухтассоти ин навъи шеърро аён хоҳанд намуд.

Ҳеҷ навъи адабӣ ба тарзи сирф холис зуҳур намекунад, дар ҳар асари бадеӣ хусусиятҳои онҳо ба андозаи гуногун ба ҳамдигар меомезанд. Ин махсусан, дар қарни бист, ки ба ҳамдигаромезии жанрҳо ва анвои бадеӣ яке аз мухтассоти адабиёти ин қарн шуд, ба шиддат суръат гирифта, густардагӣ пайдо кард. Дар шакли дохилии ҳар навъ ҳам хусусиятҳои навъҳо ба ҳамдигар омехтанд, ки онро дар ҳамин навъи шеъри ғиноии ҳикоятӣ ҳам метавон ба мушоҳида гирифт. Масалан, дар шеъри ғиноии ҳикоятӣ унсурҳои шеъри андешаҳои отифӣ низ ба назар мерасанд, дар натиҷа, дар байни шеъри ғиноии ҳикоятӣ боз шеъри ғиноии андешаҳои отифии ҳикоятӣ ҳам метавонад арзи вуҷуд кунад, ки дар он нисбат ба ҳикояти сирф ғиноӣ унсури тавсифу тасвир бештар ҷой дорад. Ин навъи шеъри

ғиноии ҳикоятӣ, ки андешаҳои отифӣ ва тавсифу тасвир дар он мақом дорад, дар эҷодиёти Бозор Собир бисёртар дучор меояд. Ин аз он сабаб аст, ки Бозор Собир шоири тасвиргарост ва ҳикояташро ҳам бо тавсифу тасвир мегӯяд, то танҳо баёнӣ. Ин сифати шеъри ғиноии ҳикоятии ӯ, ки андешаҳои отифии тавсифию тасвирӣ ҳам дорад, аз аввалин маҷмӯаи ашъораш «Пайванд» (с. 1971) равшан дида мешавад, ки шеърҳои «Бозгашт», «Чинор», «Бозгашти паранда» аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Он солҳои баъд дар шеъри ӯ қавӣ ва густардатар мешавад, ки шеърҳои «Борон» (Оташбарг, с. 1974), «Сарбоз», «Чашм бар ҳошияи сабзи уфуқ», «Субҳи баҳор» (Мижгони шаб, с. 1981), «Аз дарахти соя афтодам» (Бо чамидан, бо чашидан... с. 1987), «Юсуф», «Кулбаи модар» (Симхор, с. 1999) ҳамин гуна сифат дошта, дар онҳо ҳикоят ҳамеша бо тавсифу тасвир ва андешаҳои отифии шахсиятҳои шеър ҳамроҳ меояд.

«Бозгашт» шеърест, ки Бозор Собир охири солҳои шаст, ҳангоми аз Афғонистон баргаштанаш навиштааст. Он ҳикояти аз хидмат ба Ватан боз омадани ӯст, ки ҳамроҳ бо тавсифу тасвири кишвари ҳамсоя, манзараҳои роҳ, меҳру ифтихори Ватани худ ва андешаҳои отифии шоир баён мешавад. Аммо азбаски дар он ҳикоят бар дигар унсурҳои шеър бартарӣ дорад, ба навъи шеъри ғиноии андешаҳои отифии ҳикоятӣ тааллуқ мегирад. Ин шеър аз нуҳ банди чаҳорпора иборат буда, дар вазни хафифи мусаддаси махбуни аслам – **фоилотун мафоилун фаълон**, бо қофияи якдармиён **абвб, гдед** гуфта шуда, чунин оғоз мешавад:

Ширшири бемадори гандумзор
Орадам ёд ҳамдами дерин,
Чир-чиракҳо ба роҳи дуродур
Мекунандам тамоми шаб талқин [197, 27].

Дар ин ҷо ашёе, ки дар муҳити шаб ҳастанд, гандумзору чир-чиракҳо, на бо унсури тасвир, балки бо унсури садо, ки он ҳам як навъи тавсиф мебошад, номбар мешаванд: ширшири бемадори гандумзор (бемадор – ба таъбири халқӣ оҳиста,

камқувват) ва садои чир-чиракҳо талқиндор мебошад. Дар бандҳои дигар ҳам ҳикоят ва тавсифу тасвир ҳамроҳ ба қалам меоянд. Аз ҷумла, «роҳ торик», «даштҳо торик», «ситора чашмандоз», «теппаҳо сангистон», «Фараҳ беқарораку густох», «...навниҳолаки сарпаст, // Духтари бофароғати ҳомун» [197, 27-28], ҳамаи ин тавсифу тасвирҳо дар зимни ҳикоят ҷой доранд. Шахси ғиноии ин шеър худи шоир аст, ки баробари расиданаш ба сарҳади Ватан ба ашёи кишвари хеш муроҷиат карда мегӯяд:

Ана он... меҳри оташин бар сар,
Қуллаҳои азизи гулпӯшам.
Дар ҳаловат чу кӯдакам алъон,
Бӯи модар, хумори оғӯшам [197, 28].

Сужаи ғиноии шеър асосан аз ҳикояти бозгашт, ибрози андешаҳои отифии тавсифию тасвирӣ ва таассуроте, ки аз ашё ва намои атрофи роҳ ҳосил мешавад, шакл гирифтааст. Дар ин шеър танҳо як шахс мавҷуд аст. Шеъри «Борон», ки аввал дар маҷмӯаи «Оташбарг» (с. 1974) пас бо таҳрир дар маҷмӯаи «Мижгони шаб» (с. 1981) ба нашр расидааст, аз ҷиҳати воқеа ва шахсиятҳо нисбат ба шеъри «Бозгашт» хеле пурбортар аст. Дар ин шеър ровӣ, ки худи шоир аст, зери ширшири «резаборони гарм» ба ёди қишлоқ меравад ва аз чанд шахсияту воқеаҳо ҳикоят мекунад. Ин шеър аз сездаҳ банди чаҳорпора иборат буда, бо қофияи якдармиён, дар вазни хафифи мусаддаси махбуни аслам ба қалам омадааст. Шаш мисраи аввали он дебочаи ғиноии шеърро шакл додааст, ки дар он замина барои оғози ҳикоят гузошта шудааст:

Резаборони гарм меборид,
Шишаҳои тирезаро мешуст,
Кӯчаро аз тарона пур мекард,
Гарди болои сабзаро мешуст.
Аз замин бӯи хок меомад,

Лолаи наврасида тар мешуд [200,93].

Дар байти дуюми банди дувум шахсияти аввали ғиноии шеър, ки маҳбубаи замони бачагии шоир, духтараки ҳамсолаш мебошад, аз хаёли шоир ба шеър ворид мешавад: «Дар хаёлам ҳанӯз дар қишлоқ // Духтаре лола чида тар мешуд» [200,93]. Банди сеюм таассуроти шоирро аз ёдоварии дилбастагии бачагиаш, банди чаҳорум аз деҳаву муҳит ва мардуми он ифода мекунад. Ёдоварӣ давом меёбад, муйсафеде, ки хор мебасту ҳота мекорид, кампире, ки кулча меканду шир меполид, кӯдаке, ки аз мактаб занг мезаду кӯдаке, ки медавиду меафтод, мухтасаран мавриди андеша қарор мегиранд. Инҳо воқеиятҳои замони бачагии шоиранд, ки ёдоварии онҳо аз ҷиҳати маишӣ ва рӯҳиву равонӣ асосноканд. Дар ин ҷо воқеиятест, ки бештар ба ҳаёти шахси шеър тааллуқ дорад, ҳарчанд иштироки муйсафеду кампиру мактаббача дар бандҳои панҷуму шашум заминаро барои кам-кам ба тарафи иҷтимоъ рафтан омода месозад. Баъд аз ин дар чаҳор банд сухан аз воқеияти иҷтимоист, дар онҳо аз хаткашони деҳ Аҳмад, собиқаи ҷангии ӯ (Ҷанги Бузурги Ватанӣ) ва хидмати пасазҷангиаш ҳикоят мешавад. Бо ҳамин дар банди даҳум ҳикояти воқеаҳо ба охир мерасад ва давоми шеър боз дар се банди дигар ба сурати ибрози андешаҳост, ки бо андаке тағйир, ба такрор омадани банди аввал ҳамчун банди ёздаҳум ба шеър бештар сифати андешанокии отифӣ ворид мекунад ва дар натиҷа шеър ба навъи шеъри ғиноии ҳикоятии андешаҳои отифии тавсифию тасвирӣ тааллуқ мегирад. Мақтаи шеър ҳам чунин аст:

Ҳар нафас дур мешавад аз сар
Шодиву ранҷи рӯзгороне,
Рӯзҳои гузашта мегарданд
Нағмаҳо, нағмаҳои боронӣ [200,94].

Ин шеър аз сездаҳ банди чаҳорпора иборат буд, ки барои шеъри ғиноӣ ҳаҷми кам нест, аммо шеъри ғиноии ҳикоятӣ хеле мухтасар ҳам буда метавонад, масалан, ҳамчун «Субҳи баҳор», ки ҳамагӣ аз ду банди чаҳорпора шакл гирифта, дар вазни рамали мусаддаси маҳзуф (мақсур) **фоилотун фоилотун фоилун (фоилон)** аст.

Мурғаке аз селаи мурғон ҷудо,
Дар ҳавои беғубори кӯҳсор,
Ҳамчу коғазпорае пар мезанад,
Синаро молида бар субҳи баҳор.

Гӯиё аз ёри дурафатодае,
Нома меояд ба ёраш ин саҳар...
Аз сиришки ошиқӣ тар мекунад
Қатрае чашми маро бори дигар [200,127].

Банди аввали ин шеър ҳикояти тасвирноке аз парвози мурғаки аз села ҷудо дар субҳи баҳор аст, ки ба назари шоир ҳамчун номае аз ёри дурафтода ҷилвагар мешавад, ки метавонад ҳикоят ва тасвири воқеӣ бошад, аммо ҳамин ки шоир дар байти мақтаъ ҳолатеро, ки бо ӯ баъд аз мушоҳидаи он рух медиҳад, ба қалам меорад, ин шеър маънои рамзии ифодакунандаи вазъи шоирро пайдо мекунад, ки низ аз ёри худ дур афтодаасту танҳост. Ин шеър, бо вуҷуди мухтасар буданаш, шеъри ғиноии ҳикоятии андешаҳои отифии тасвирист. Аз ин рӯ, новобаста аз ҳаҷми шеър унсурҳои ҳикоят ва ибрози андешаҳои отифию тасвир ба ҳамдигар омехта, навъеро дар байни шеъри сирф ғиноии ҳикоятӣ ва ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ ба вуҷуд меоранд, ки онро шеъри ғиноии ҳикоятии андешаҳои отифии тасвирӣ метавон ном бурд.

Шеъри «Юсуф» (с. 1997), ки нахустин бор дар маҷмӯаи «Симхор» (с. 1999) ва баъдан дар китоби «Шоиру шеъре агар ҳаст...» бо ду таҳрири забонӣ чоп шуд, дар асоси ривоятӣ, аз қиссаи Юсуф, писари Яъқуб пайғамбар, сохта шуда, шеъри

сирф ғиноии ҳикоятист. Он аз сиву се байти маснавӣ иборат буда, дар вазни мутақориби мусаммани мақсур (маҳзуф) **фаӯлун фаӯлун фаӯлун фаӯл (фаал)** гуфта шудааст, ки қиссаи машҳурро аз «Таврот» ва «Қуръон» бо лаҳни дилнишине бозгӯ мекунад. Аммо аз ҷиҳати қимати бадеӣ он танҳо бозгӯ асту бас, ба он чизи тозае ворид нагаштаасту ҳикмати тозае ҳам аз он берун оварда нашудааст. Ин шеър аз забони ровӣ ва пурра дар заминаи ҳикоятист. Азбаски он дар асоси як қисмати машҳури қисса, ки аз муҳаббати Зулайхо ба Юсуф ва ком ҷустани ӯву таъназании занони мисрӣ, вале мафтуни ҳусни ӯ шуда, ба ҷои турунҷ ангуштони худро буридани онҳо сохта шудааст, эҳтиёҷ ба баррасиии сужаи он нест. Шояд ин навъ бозгӯ барои онҳое, ки ин қиссаро нахондаанд, аҳамияте дошта бошад, вале аз назари бадеӣ, ҳамчунонки қайд шуд, чизи тозае надорад. Дар он нуқсҳое дар вазну қофия мавҷуд аст, ки аз зебоияш мекоҳад. Масалан, суф-ро бо Юсуф қофия бастан ва суф-ро, ки он яку ним ҳиҷо мебошад, ба ҷои як ҳиҷо овардан, ҳамчунин зинда-ро бо Юсуфолуда ва болиш-ро бо хуриш қофия сохтан аз нуқсҳои фанниии ин шеър аст.

Шеъри «Юсуф» бо хусусияти сирф ҳикоятии худ дар эҷодиёти Бозор Собир истисноист, зеро қариб дар ҳамаи шеърҳои ғиноии ҳикоятии ӯ унсурҳои андешаи отифии тавсифию тасвирӣ фаровон истифода мешаванд. Ин навъи ҳикоят ба хотири маъниофаринист. Таркиби ҳикоятии шеър ҳамчун воситаи шаклдиҳандаи тасаввуроти шоир аз замону макон ба кор меравад. Шоир ҳангоми ҳикоят аз ҳар ҳодиса ва шайъе, ки мавриди нақл ва тавсифу тасвир қарор мегирад, акси худро меҷӯяд ва мебинад. Шеъри «Кулбаи модар» (с. 1998) намунаи чунин ҳикоятест, ки ҳар шайъи шеър мавриди ангезаҳои ҳиссии шоир шуда, баробари ифодаи андешаҳои отифӣ тасаввури мафкуравии ӯро аз замону макони муайян зоҳир менамояд. Ин шеър аз шаст мисраъ иборат буда, пораи хурдтарин чаҳор ва калонтарин ҳафт мисраъ дорад, ки ба тарзи озод қофия баста шудааст. Дар ду чаҳорпораи аввали он муҳити кулбаи деҳотии модар бо туту халтаи чаккаи чун халтаи маҳтобаш тасвир карда мешавад, ки тозаву хоси деҳи мардуми тоҷик аст, яъне ду банди аввал комилан тасвирист. Аз банди севум ҳикояти ёдоварӣ аз он замону макон оғоз мешавад, ки ҳосили ангезаҳои рӯҳии шоир мебошад:

Ман дар тани кӯдакӣ фурӯ рафта,
Худро таги тути пухта мебинам,
Дар ҷолаи туту тутборонаш
Як мушт ятими хуфта мебинам [203, 58].

Банди чаҳорум, ки аз ҳафт мисраъ иборат аст, ҳикояти маҳзунонаи мусаввярест аз он ки чӣ гуна модар кӯдакони ятимашро «дар тахтаи дил» -у «дар пахтаи дил» гирифта мехобад. Дар он ташбеҳоти изофии тахтаи дил ва пахтаи дил хуб сохта шудааст, ки ҳам тоза мебошаду ҳам сифати ҳамнавоӣ дорад. Дар ин банд байти «Бо чак-чаки чака мебарад хобам, // Чун равғани маска мебарад хобам» [203, 58] низ бо ташбеҳи мувофиқаш хуб аст. Аз ин банд шахсияти модар ҳам ба тарзи ёдоварии шахси шоир ба шеър ворид мешавад, ки то банди шашум давом мекунад. Дар ин банд боз шоир аз сувари хаёл, ташбеҳу ташхис, истифода карда, гардунро ба дег ва деги гардунро ба деги модараш, ки онро бо рег шуста сафед мекард, монанд менамояд ва таъбири маҷозии гови гардунро мазмуни воқеӣ дода, ба гови модараш шабеҳ мебинад, ки сапеда онро субҳ медӯшад, чунонки модар говашро. Ҳамин тариқ, дар бандҳои оянда аз ҷузъиёти кулбаи модар, ки туту тутборон дораду зери он кӯдакони ятимаш дар бағали ҳамдигар мехобанд, бо тавсифу тасвир ҳикоят карда мешавад, ки оҳанги яъсу маҳзунӣ дошта, муҳити ятимии фарзандонро тарҳрезӣ мекунад. Чун шоир кайҳо ба камол расидаасту ин ҳама аз ёди ӯ мегузаранд, дар охир ӯ мемонаду ҳасрату ғами дар дил монда. Ин шеър, ки манзураш ҳам бозгӯи ғаму ғуссаи ятимист, бо маҳзунияш дар дил менишинад ва бо ин банд ба охир мерасад:

На чак-чаки халтаҳои хобовар,
На шир-шири ширдӯшии модар,
Девори гилеву сояравшанҳо,
Девори дилеву сояравшанҳо.
Дар шохи чинор халтаи маҳтоб,

Аз халтаи сина мечакад зардоб [203, 60].

Дар ин шеър дар мисраи «Хамёза, ки мекашӣ, ба нохост» як ҳиҷо намерасад ва дар панҷ истифодаи калимаи «пагоҳӣ», ки ҳиҷои охир кӯтоҳ оварда шудааст, сакта ҷой дорад.

Ба тарзи хулоса бояд қайд кард, ки дар шеъри Бозор Собир ҳикоят ҳамеша бо тавсифу тасвир ҳамроҳ омада, онҳо аксаран вазифаи ҳамдигарро ба ҷо меоранд, ҳикоят тавсифу тасвир мекунаду тавсифу тасвир ҳикоят ва дар натиҷа ин навъ шеъри ӯ шеъри ғиноии ҳикоятии тавсифию тасвирӣ мешавад.

Дар эҷодиёти Фарзона шеъри сирф ғиноии ҳикоятӣ кам ба назар мерасад, ин навъ шеъри ӯ аксаран бо андешаҳои отифӣ, бо тавсифу тасвир омехтаанд, ки далели ғиноӣ будани хусусияти истеъдоди ӯст. Аз давраҳои аввали эҷодиёти ӯ, масалан, шеъри «Сарви Кишмар» («Шабохуни барқ», с. 1989), ки баъдан дар сеҷилдаи ашъор (ҷилди 1, с. 2003) бо хеле таҳрир омадааст, шеъри ғиноии ҳикоятист, ки ба мавзӯи устураӣ бахшида шудааст. Он аз сарве ҳикоят мекунад, ки «...Зардушт аз биҳишт овард ва дар қарияи Кашмар (Кошмар) кошт... Ин ниҳоли биҳиштӣ, ки сиришти минавӣ дорад, то он ҷо тановар шуд, ки бино бар ривоёт дар сояи он беш аз даҳ ҳазор гӯсфанд ором меёфтанд...» [57, 481]. Шоир дар атрофи ин дарахти устураӣ сужае месозад, то моҳияти оини Зардуштро ба тарзи ҳикоятиву бадеӣ бозгӯяд. Ин шеър дар вазни ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (мақсур), ки мураккаб аз ёздаҳ ҳиҷои арӯзист, гуфта шуда, аз бисту чаҳор банди чаҳормисраӣ иборат мебошад, ки бандҳо қофияи якдармиён – **абвб** доранд, яъне шеър аз назари ҳаҷм хурд нест. Шеър аз муроҷиат ба мухотабе, ки дар дилаш «сӯзи муғона» дорад, оғоз шуда, аз ӯ иҷрои чунин кореро мехоҳад: «Ба ёд овар замонеро, ки Зардушт // Ба уммеде, ки рози хок донад, // Ҳамезад бар дари афлок ангушт» [249, 122]. Дар ин мисраъҳо фикри муҳиме, ки бар таълимоти Зардушт оид мешавад, ифода шудааст, ки он ба воситаи «афлок» роҳ ёфтан ба «рози хок» мебошад, яъне ба решаи заминӣ, ҳаётии ин оин таъкид мекунад. Баъдан дар чаҳор банд Сарви Кишмарро шинондану сар кашидани он, ки ҳамоил «зи шохаш меваи наҷм» мешавад, сухан рафта, манзури Зардушт аз он дарахт, ки «Ҳар он кас бар

шавад дар шохсораш, // Бо боғи ҷаннат охир раҳ кушояд» [249, 122] баён мегардад. Аз банди шашум ҳикоят дар бораи шахсияти ғиноии шеър – Шаҳриёр шурӯъ мешавад, ки ба «... амри маъшуқи латифаш» бояд «... гул орад зи ҷаннат». Аммо Шаҳриёр ҳар қадар ки бо азобу машаққат аз дарахт боло меравад, ба ҷаннат намерасад, ки гуле барои маҳбубааш ба даст орад. Пас, ба таълимоти Зардушт шак оварда, ба нафринаш мепардозад, ки аз ғайб сурӯш дармерасад, ки «эй хокӣ, магӯ Зардуштро бад» ва нуктаҳое ҳамчун ҳамеша зинда доштани «чароғи орзу» ва:

Зи кулли неъмату зебоии даҳр
Бибояд дар замин армон шикастан.
Салоҳе нест сар печида аз нақд,
Ба ёди ҷаннати фардо нишастан [249, 124]. –

баён мешаванд, ки ба омӯзаҳои Зардушт тааллуқ мегиранд. Дар ҳашт банди минбаъда сухан аз таълимоти Зардушт, ситоиши ӯ ва Сарви Кишмар меравад, ки инсонро ба сӯи камолоти маънавӣ ва дуру муназзаҳ будан аз пастиву кибру риё мехонад. Дар давоми ин суханон шоир, ки ровии қисса буд, ба хонанда муроҷиат ва, аз ҷумла даъват мекунад, ки: «... дар боғи дили худ // Бисабзонем Сарви Кишмареро» ва «... ҳамчун ниёи хеш – Зардушт // Шарори дидаву дилҳо парастем» [249, 125-26], ки ду бандро фаро мегирад ва шеър ба хотима мерасад. Аз ин ҳикоят дида мешавад, ки дар он ҳамаи унсурҳои асосии сужа – дебоча (пролог) банди аввал, оғози воқеа (экспозиция) банди дувум то шашум, гиреҳбанди воқеа (завязка) банди шашум то чаҳордаҳум, инкишофи воқеа (развязка) банди чаҳордаҳум то бисту дуввум, хотима (финал) банди бисту дуву бисте севум мавҷуданд, албатта, дар шакли бисёр мухтасар, ҳамчунонки ба шеъри ғиноӣ хос аст. Ин гуна ҳузур доштани тамоми аносири сужа дар шеъри ғиноии ҳиоятӣ хеле кам иттифоқ меафтад, зеро маъмулан аз баъзеи он сарфи назар мешавад, ки сужа ҳар чи мухтасару пуртаҳаррук ва босуръаттар баён гардад. Дар ин шеър, ки ба давраҳои аввали эҷодиёти Фарзона тааллуқ дорад, бо вуҷуди

таҳрир хӯрда, қатъи назар шудани чаҳор банди охир, ҳоло ҳам дар пурҳарфӣ, забону сабк асари қалами шогирдона эҳсос мешавад.

Дигар аз шеъри ғиноии ҳикоятии Фарзона «Афсонаи дурдона ва хаскаш» («Меъроҷи шабнам», с.1994) аст, ки баъд аз панҷ соли чопи «Сарви Кишмар» ба нашр расидааст. Он аз назари сохти сужа нисбат ба «Сарви Кишмар» устувору рехта, пуртаҳарруку фишурда ва аз лиҳози сабку забон ҳам пухтатар аст, ки бо қофиябандии маснавӣ **аа, бб** дар вазни раҷази мураббаи мураффал (чаҳор бор **мустафъилотун** дар як байт: – – У – –) гуфта шуда, аз бист байт иборат мебошад. Ин шеър якбора аз гиреҳбанди воқеа (завязка) шурӯъ мешавад:

Дарёфт хаскаш дурдонаеро,
Бӯсиду гуфташ: «Эй дурри якто!
Ҳусни ҷаҳонро бо худ фузудӣ,
Арзандаи ман танҳо ту будӣ [249, 286]...

Дар ин шеър, ки бо сухани ровӣ оғоз мешавад, шахсияте, ки хаскаш аст, амал мекунад ва амали ӯ сужаи шеърро шакл медиҳад. Ин шахсият, амал ва таассуроти ӯ дар доираи як замону макони муайян вуҷуд доранд, ки дар асл ба сужаи асарҳои ҳамосӣ хос ҳастанд, аммо, бо вуҷуди ин, шеъри «Афсонаи хаскаш ва дурдона» ба шеъри ғиноӣ тааллуқ мегирад, зеро дар он ифодаи на махсусияти ҳастӣ, балки махсусияти мафкура дар мадди аввал аст. Ба замми ин, сужа бисёр фишурда аст, амалҳо мухтасаран анҷом мегиранд, сухани ровӣ ва шахсияти шеър – хаскаш пурҳиссиёту пуртабу тоб мебошад ва аз ҳама муҳимаш тимсолҳои шеър, дурдона ва хас, маънои рамзӣ доранд. Ин махсусиятҳо боис мешаванд, ки шеър ба навъи ғиноии ҳикоятӣ мансуб гардад. Ҳоло ин хусусиятҳо дар худи шеър баррасӣ мешаванд. Баъд аз гиреҳбанди воқеа, ки аз дурдона дарёфтани хаскаш иборат аст, руҷӯи ғиноии хаскаш оғоз мешавад, ки бо ҳиссиёти баланде ситоиши дурдонаро мекунад, ки бештар ба шоир нисбат мегирад, зеро забону сабки сухан ва таъбироте, ки истифода мешаванд, мансуб ба шоир ҳастанд, то ба як хаскаш. Масалан, «Эй поку зебо чун чашми шабнам... // Чун гавҳари чашм дар дида ҷо

шав, // Ҷоми Ҷамӣ ту, дунёнамо шав» [249, 286] ва монанди ин ибороти дигар. Ин ҳам далел ба ғиноӣ будани шеър аст, зеро зеҳният, мафкура ва эҳсосоти шахси шоир бар дигар шахсиятҳои шеър бартарӣ дорад. Инкишофи воқеа, баъд аз руҷӯи ғиноӣ меояд, ки дар он хаскаш дурдонаро дар мӯза меандозад, то аз чашми бад дур бошаду гум ҳам нагардад. Дар рӯи дарё боз хасҳо пайдо мешаванд, ки хаскаш аз рӯи одати пешин аз дурдонаи дар мӯза буда фаромӯш карда, худро боз дарё меандозад, ки хасҳоро ба соҳил бикашад. Авҷи воқеа дар ин байт сурат пайдо мекунад: «Аз роғи мӯза он дурри якто // Лағжиду афтод бар қаъри дарё» [249, 287]. Гиреҳкушои воқеаи сужа берун омадани хаскашро аз дарё, чорук кашида, дурдона ҷустани ӯро фаро мегирад ва сужа бо наёфтани хаскаш дурдонаро ва фиғон задани ӯ ба хотима мерасад. Баъд аз он эпилог – охирсухани ровӣ – шоир меояд, ки аз се байт иборат буда, дар он ҳикмати шеър баён мешавад:

Қадри гуҳарро хаскаш чӣ донад,
Гавҳар таги по ӯ хас кашонад [249, 287].

Дар ин шеър хаскаш, хас ва дурдона намод мебошанд, хаскаш намоди каси ночизест, ки ба кори ночизе – кашидани хас аз дарё машғул буда, ба ночизии худ хӯ гирифтааст, дурдона намоди чизи гаронбаҳо, ба даст овардани он намоди кори арзишманде мебошад, ки дар зеҳну тасаввури хаскаш гунҷоиш надорад. Бинобар он, вақте ки ба ӯ иттифоқан дарёфти дурдона даст медиҳад, ӯ ба қадри он расида наметавонад, зеро фитрати ночизиаш боло мегирад. Ин маънӣ, дуруст аст, ки дар шеъри классикии форсу тоҷик ба шаклҳои гуногун баён шудааст, аммо онро Фарзона дар навъи шеъри ғиноии ҳикоятӣ ба тарзи тоза бозгӯ кардааст. Дар ин шеър ду нукта шарҳи худро мехоҳад, аввалан, чаро хаскаш вақте ки дурдонаро пайдо мекунад, ин ҳарфро ба забон меорад, ки «арзандаи ман танҳо ту будӣ», яъне чаро бо вуҷуди ба кори ночизе – хаскашӣ машғул будан, ҳадди худро нашинохта, дар бораи худ ба ин арҷгузории беҳад сухан мегӯяд. Шоир бо ин ҳарф фитрати ночизеро, ки худро бузург мешуморад ва сабаби бадбахтии ӯ ҳам дар ҳамин аст, бе таъкид ва нозукона аз забони худи ӯ баён мекунад. Дигар, чаро

хаскаш чун хасҳоро ба рӯи дарё мебинад, худро бо мӯза дар об меандозад, ҳол он ки маъмулан пеш аз ин кор пойафзолро бадар мекунанд, зеро бо мӯза шино кардан сахт душвор аст. Бо ин амал ҳам шоир аз дигарон дар хавф будан, ки агар мӯзаашро кашад, шояд дигаре дурдонаи ӯро бибарад ва ҳамчунин гурусначашмии хаскашро, ки бо дидани хасҳо ҳатто кашидани мӯза ба ёдаш намерасад, нишон медиҳад. Сазои ҳамаи инҳо боз дар ҳолати пешин қашшоқу фурӯмоя мондани хаскаш мебошад.

Дар ин шеър дар ду мисраъ «Охир чӣ созад? Қисмат ин омӯхт» дар истифодаи «ин», ки бо «йот» навишта мешавад, сакта вуҷуд дорад, ҳарчанд «ин» бо калимаи баъдинаи бо ҳиҷои садонок саршавандаи «омӯхт» мепайвандад, он кӯтоҳ намешавад, зеро дар байн ҳарфи «н» вуҷуд дорад. Дар мисраи «Чун берун омад он хаскаши шод» низ дар истифодаи калимаи «берун», ки бо «вов» навишта мешавад, ҳамин гуна нуқс мавҷуд аст.

Сужаи ғиноии шеъри «Ангуштарин» (маҷмӯаи «Ояти ишқ», с. 1994)-ро воқеа ва таассуроти замони тифлии шахсияти шеър, ки худи шоир мебошад, ташкил медиҳад. Дар ин шеър аносири олами ашё ва ҳодис асосан ба ҳамон маъноe, ки доранд, истифода шудаанд, яъне онҳо ба тимсолҳои бадеӣ, истиораву маҷоз ва монанди инҳо табдил дода нашудаанд, ба ҷуз ангуштарин, ки дар охир ба намоди наврасии «рӯшану пок» бадал мешавад. Сужаи ин шеър дар асоси як ҳодиса, ки аввалу охир дорад, шакл гирифтааст. Аммо он ҳодиса танҳо воқеаи олами берун нест, зеро таассуроти дарккунанда – шахси шоир пур аз эҳсосу отифат, воқеоти олами дарун аст, ки ғиноист. Ҳодисаe, ки мегузарад, одист. Дар замони бачагии шоир аз кӯчаи онҳо аспу аробаe мегузашт, ки соҳиби он жандаҳои мардумро гирифта, бар ивазаш чизе медод. Шоир, ки навакак даҳсола шуда буд, низ шоли абгореро ба ӯ дода, ба ивазаш ангуштари филизии камбаҳоe мегирад ва тамоми орзуҳои бачагии худро бо он пайванд мезанад. Аммо чун ба дабистон меравад, устоде онро аз дасти ӯ гирифта, ба сӯе ҳаво медиҳад. Ин ҷиҳати воқеии сужаи шеър аст, аммо агар ба он ҷиҳати ғиноӣ ҳамроҳ намешуд, он на шеър, балки як ҳодисаи одӣ буд. Чизе, ки онро шеър кардааст, эҳсосоту таассуротест, ки

шахсияти шеър аз он бармедорад, яъне сужаи ғиноии шеър аст. Муносибати аносири олами ашё бо сужа ва шахсияти шеър чунин сурат мегирад:

Як замон аз кӯчаи мо
Тунду зебову мутантан мегузашт аспу ароба.
Аз танини гомҳояш кӯча пур мешуд.
Шишаҳо начвокунон овоз медоданд.
Гӯшашинон пардаҳоро мекушоданд.
Аз тамошои сурури кӯдакони побараҳна
Офтоби дур мезавқид. [249, 273].

Аз кӯча гузаштани аспу ароба ҳодисаи муқаррарист, ки оғози сужаи воқеист, аммо муносибати шоир, ки ба он сифатҳои «тунду зебову мутантан» -ро медиҳад, онро ба воқеаи ғайриодӣ табдил месозад, ки гомҳои ин аспу ароба танин доранду аз он шишаҳо начво мекунанд ва гӯшанишинон пардаҳоро мекушоянду офтоби дур аз сурури кӯдакон мезавқад. Аспу ароба, ки як шайъи муқаррарии олами ашёст, вақте ки мабҳаси шеъри ғиноӣ қарор мегирад, ҳарчанд ба мафҳуми аслии худ кор фармуда шудааст, рангу равғани ғиноӣ касб мекунад ва барои ин ё он гуна нишон додани тимсоли шахсияти шеър хидмат карда, фазои шеърро ҳам пурбор ва махсусу ашёвӣ менамояд. Дар шеъри ғиноӣ ҳеҷ вожае, таъбире, ки истифода шудааст, танҳо дар ҳудуди ҳамон мисраъ, байт ё банд маҳдуд намонда, балки ба куллияи матн таъсири муайяни ҳиссию маъноӣ мегузорад. Масалан, давоми шеъри мавриди назар чунин аст:

Жандапӯше ҳар замон аз минбари фарсудааш фарёд мезад:
«Ҳой мардум! Ҷомаҳои кӯҳнаро берун бароред!» [249, 273].

Ҳамин вожаи «жандапӯш», ки дар ин мисраъ ба кор рафтааст, на танҳо ба тамоми давоми матн асари худро мегузорад, балки ҳатто ба идроки пораи пешин ҳам таъсир карда, гузаштани аспу аробаро, ки бо чашми бачаи наврас ҳамчун

манзараи пур аз шодиву сурур дида шуда буд, ранги дигар медиҳад, ки баёнгари фақру маҳзунист. Ҳодисаи «шоли абгоре» -ро дода, аз кӯҳнафурӯш ангуштарини камбаҳо гирифтани шахсияти шеър ба тимсоли ӯ тарҳи тозае изофа менамояд, ки ифодакунандаи вазъи иҷтимоии ӯст. Ҳамин тариқ, ҳар вожа, ҳар шайъ ва ҳар амал дар шеъри ғиноии ҳикоятӣ бештар аз як вожаву як шайъу амал буда, силсилаи эҳсосоту таассуротро бо худ доштанашон мумкин аст. Бо ин ангуштари камбаҳо, ки «зишту дағал» аст, шахсияти навраси шеър «зеботарин уммедҳо» -ву «эҳсоси гарму рӯшану ноошноро» пайванд мезанад ва оҳанги хабарии сухан бо истифодаи такрории «ман бар он…» бештар оҳанги ғиноӣ гирифта, фазои ҳиссии шеърро шадидтар месозад:

Ман бар он зеботарин уммедҳоро мезадам пайванд,
Ман бар он эҳсоси гарму рӯшану ноошноро мезадам
пайванд. [249, 273].

Аносири олами ашё, ки ба шеъри ғиноии ҳикоятӣ ворид мешаванд, новобаста аз моҳияти ҳастӣ, бузургиву кӯчакӣ, арзишмандиву беарзишии худ, ҳатман бо ин ё он восита ба шахсияти шеър робита пайдо мекунанд, ҳол он ки дар ин шеър он мабҳаси андешаву таассурот қарор гирифтааст, бинобар ин як ангуштарини «камбаҳо» ба таҷассуми пурбаҳотарин орзуву эҳсосоти наврасӣ бадал гашта, бо тамоми ҷузъҳои шеър алоқаи решагӣ барқарор мекунад, зеро он на танҳо шайъ аст, балки оинаест, ки тобиши гуногуни таассуроти шахсияти шеърро инъикос менамояд. Аз ин рӯ, вақте ки онро «устод… сӯе ҳаво дод» дигар аспу ароба аз кӯча «тунду зебову мутантан» намегузарад ва «оинаҳо ширин намеларзанд» ва «ҳастии» шахси шоир «аз сурури ношиносе пур» намешавад, зеро ин ҳама ва боз як силсила амалу орзуву ҳиссиёти ширини дигар «Андар он фасли сафеду рӯшану пок // Ҳамраҳи ангуштарини сеҳрнок» [249, 273] дар ҷаҳони наврасӣ нобаргаштанӣ боқӣ монд. Ангуштарине, ки ҳамин ҳоло дар назари хонанда тимсоли шахсияти навраси орзупарварро нишон медод, бо рафтани худ он сифатҳои шахсиятро низ бо худ бурда, тимсоли шахсияти тамоман дигареро,

ки акнун «завқи дар пироҳани нав ҷилва кардан» ва монанди ин амалҳои хушгузаронии рӯзгорро надорад, таҷассум менамояд. Бинобар ин, унсури олами ашё дар шеъри ғиноии ҳикоятӣ ҳеҷ гоҳ ба шахсияти шеър беалоқа нест, зеро, аввалан, аз олами бои ашё маҳз он интихоб шуда бошад, ки далели интихобӣ ва муҳим будани он аст, сониян, бо рӯҳияву таассуроти шахсияти шеър фаро гирифта шуда, ҷаҳони ботинии ӯро низ инъикос менамояд.

Муносибати байниҳамдигарии унсури олами ашё, воқеа, сужа ва шахсият дар шеъри ғиноии ҳикоятӣ ҳар дафъа дар ҳар шеър ба тарзи тозаи махсус сурат гирифтанаш мумкин аст, ки далели имконоти беҳудуд доштани ин навъи шеър дар ифодаи воқеа, андешаву эҳсосот ва таассуроти ғиноӣ мебошад. Дар шеъри «Ангуштарин» шайъ – ангуштарин ба намоди бадеӣ табдил ёфта, дар саросари шеър ҷой дошт ва воқеае, ки дар атрофи он сурат мегирифт, боиси ба вуҷуд омадани эҳсосоту таассуроти муайяни шахсияти шеър гашта, чӣ гуна шакл гирифтани сужаи ғиноиро таъйин менамуд.

Шеърҳои «Як пора хотира» (Ба табиб Саидғанӣ Қодирии Бузургзода) ва «Дар орзуи ҳеҷ» (ё ангезае аз «Бӯстон» -и Саъдӣ) низ шеъри ғиноии ҳикоятӣ мебошанд, аммо дар сужаи онҳо воқеае бевосита ба амал наомада, аз хотираи шоир ва ровӣ нақл мешавад, ки ғиноӣ буда, бар ифодаи хотираву таассурот асос ёфтааст. Шоир дар шеъри аввал аз мушкили равонии худ, ки боиси дилмондагию афсурдагӣ аз зиндагӣ шудааст, нақл мекунад. Ҳамчунонки аз унвони шеър ҳам пайдост, дар он аз дардшиносии табиб сухан меравад, ки ба бемор сабаб ва маҳалли ранҷуриро мефаҳмонад. Ӯ ҳакимона ҳарф мезанад ва ба шоири ранҷур чунин мегӯяд:

Чу дард аз ту бошад, даво ҳам зи туст,
Ту бо худ чунон душман астӣ, ки дӯст.
Кунун гӯямат, дарди ту дард нест,
Як андӯҳи талх асту вомондагист [250, 51].

Андӯҳи талхи шоир ва вомондагии ӯро табиби равоншинос дар ғами «рафтаҳо»-ву «ояндаҳо», «ҷамъҳову парокандаҳо»-ро хӯрдани ӯ, дар «маргбор» омадани «замон», ки «Ба рӯи дили мо давад чархи ӯ» [250, 52] мебинад ва ӯро ташвиқ мекунад, ки:

Ту бо ёру ағёр дил бад магир,
Ба лаб ҳарфи шукр ин нафасро пазир.
Чунон ханда кун, то фитад гарди ту,
Ба шодӣ гарояд ҳама дарди ту [250, 52].

Бад-ин гуна суханҳо равоншинос бар рӯҳияи ранҷур асар мегузорад, ки ӯ дигар «ба шодии дӯш» «оштӣ» мешаваду зиндагии тозаи шодмона сар мекунад. Ҳамчунонки қаблан қайд шуд, сужаи ин шеър аз хотирот ва таассуроти шоир ташаккул ёфтааст, дар он хотирот ва таассурот ҳамчун ду ришта ба ҳам печидаанд, ки намешавад онҳоро аз ҳам ҷудо кард, яке боиси ба вуҷуд омадани дигаре мешавад. Масалан, агар мисраи аввал «Замоне худо бандаро сард шуд» [250, 50] ҷанбаи хотиротӣ дошта бошад, мисраи дуюм «Вуҷудам нишемангаҳи дард шуд» [250, 50] ҷанбаи таассуротӣ дорад, ҳамин тариқ аз аввал то охири шеър, хотирот ва таассурот гоҳ дар як байт ва гоҳи дигар дар чанд байт ба ҳамдигар печ мехӯранд, ки ҷиҳати ғиноии шеърро қавӣ сохта, асарашро ба дил амиқтар мекунанд.

Ин шеър дар шакли маснавӣ, вазни мутақорибы мусаммани маҳзуф (мақсур) гуфта шуда, аз 51 байт иборат мебошад, ки байтҳои бадеи хотирмон дорад, аммо аз назари фанни шеър дар он чанд нуқс мавҷуд аст. Дар мисраи «Варақномаи доруворӣ ба каф» дар истифодаи калимаи «доруворӣ» дар ҳиҷои дуюм «ру», ки «вов» дораду ҳиҷои дароз аст, сакта ҳаст. Дар байти чиҳилу сеюм калимаҳои «сабоҳ» ва «гиёҳ», ки ба хидмати қофия омадаанд, ҳамқофия нестанд, зеро аввалӣ бо ҳои ҳуттӣ навишта мешаваду дуюмӣ бо ҳои ҳавваз, агар ба ҷои «сабоҳ» муродифи тоҷикии он «пагоҳ» истифода шавад, нуқс аз байн меравад. Дар байти чиҳилу нуҳум дар мисраи «Илоҷи маро дар ман ӯ ёб кард» калимаи «ёб» ба

маънои пайдо истифода шудааст, ки саҳеҳ нест, зеро ин калима дар шакли фоилиаш маънои ёбанда дошта, масалан, комёб, роҳёб..., дар шакли мафъулиаш маънои ёфтан дорад, масалан, ноёб, камёб... . Манучеҳрии Домғонӣ онро ба маънои ёфта истифода кардааст:

Гуфт: Агар шир зи модар набувад ёб ҳаме,
Ин тавонам, ки диҳамтон шабу рӯз об ҳаме [54].

Шеъри «Дар орзуи ҳеҷ» (ё ангезае аз «Бӯстон» -и Саъдӣ) сирф ғиноии ҳикоятист, ки дар он воқеае, ки дар замону макони муайян ба вуқӯъ пайвандад, вуҷуд надорад ва дар натиҷа дар он гиреҳбандиву инкишофу авҷ барин унсурҳо бараллоина ба назар намерасад. Шеър дар асоси ҳикояти таассуроти ровӣ аз кирдори ҷавони булҳавас, ки мафтуни зебоии зоҳирии худ ва аз завҷаи «Афифу латифу иродатгузор» [250,105]-и худ дилмондаву «Нигоҳаш ба ҳар лошае дилкашол» [250, 106] аст, сохта шуда, сужааш аз таассуроти ғиноӣ ба ҳам омадааст. Дар мундариҷаи ин таассурот оҳанги панду ахлоқӣ бартарӣ дорад, ки табиист, зеро ин шеър аз ангезаи асари панду ахлоқии Саъдӣ маншаъ гирифтааст. Шоир оқибати кирдори ҷавони булҳавасро бо накӯҳиш ҷамъбасти хуби бадеӣ мекунад:

Намедонад анҷоми раҳро, ки чист,
Касе пурҳаво шуд, халои тиҳист [250, 106].

Ин шеър аз назари фан дар қофия нуқс дорад, дар байти оғоз калимаи «шаҳр» бо «баҳр» қофия намешавад, зеро шаҳр бо ҳои ҳавваз ва баҳр бо ҳои ҳуттӣ навишта мешавад.

Шиносам якеро дар ин шедшаҳр,
Ки аз қатра хурд асту афзун зи баҳр [250, 104].

.

Агар, фарзан, дар мисраи дуюм ба ҷои калимаи қатра зарра ва ба ҷои баҳр даҳр гузошта шавад, нуқс аз байн меравад ва байт ин шаклро мегирад:

Шиносам якеро дар ин шедшаҳр,
Ки аз зарра хурд асту афзун зи даҳр.

Ва боз ҳам беҳтар аст, агар ба ҷои «афзун» калимаи дигар оварда, мисраъ ин гуна сохта шавад: Ки аз зарра хурду ба даъвист даҳр, ё: Ки худ зарраеву ба даъвист даҳр, зеро ин шахс дар ботин даъвои бузургиву яктоӣ дорад. Ин ҳарфҳо ба ин маъно нестанд, ки ҳатман қабул шаванд, шоир метавонад ба чандин тарзе ки хоҳад, нуқсро ислоҳ кунад. Ин ҳамчун як намунаи бартараф кардани нуқс нишон дода шудааст.

Дар байти сездаҳум ҳам калимаи «гарданфароз» бо «ҳадшинос» қофия намешавад, ҳарчанд дар асри бист баъзе шуарои муосири тоҷик дар зери таъсири назми рус, ки қофияро дар асоси ҳамоҳангии калимаҳо ҳам месозанд, ин гуна таҷрибаро дар шеъри тоҷикӣ ҳам кардаанд, аммо қавонини арӯзу қофия, ки дар шеъри форсию тоҷикӣ дар асоси хат, алифбо сохта шудааст, ин гуна қонуниятро надорад.

«Фаромӯши замон» аз ҷумлаи шеърҳои ғиноии ҳикоятист, ки дар он ҳикоят шуури иҷтимоии шоирро баён менамояд ва ин хусусият онро ба ҳикояти ғиноӣ табдил медиҳад. Ин ҳикоят аз хотираи ровӣ, ки худи шоир аст, ба қалам меояд ва ҳамчунонки дар ҳикоятҳои ҳамосӣ ҳаст, дар замону макони муайян ҷараён нагирифта, умуман нақл мешавад, ки метавонад дар ҳар куҷову дар ҳар замон (ҳарчанд дар замону макони мо буданаш маълум аст), ҷой дошта бошад. Оғози шеър ҳам ба ҳамин далолат мекунад, зеро ба тарзи ҳикоятии замони гузаштаи дур мегӯяд «навҷавоне буд...».

Навҷавоне буд. Колои ҳақири худро
дар сари кӯчаи мо мегустурд.

Нирӯи рустамӣ аз шонаҳои солими ӯ наъра мекашид.
Чеҳрааш як асари дуре аз Юсуф дошт.
Мӯйҳояш чу машъали Зардушт фару фурӯғи бостон
мерехт [251, 47].

Ба ҳамин минвол, аз мабҳаси ҳикоят, ки навҷавони дар сари кӯчаи шаҳр колофурӯш мебошад, ҳикоят мешавад. Вазъи ӯ бештар ба воситаи зикри ашё, ки дар рӯ ба рӯяш паҳн кардааст, қандҳои бехаридори пираҳани коғазпӯш, сигорҳои арзону собунҳо ва мошинҳо, ки мераванду меоянд, нишон дода шудааст. Мухолифати шоир бо ин вазъ дар мисраи дуюми шеър «Нерӯи рустамӣ аз шонаҳои солими ӯ наъра мекашид», яъне тавоноии ӯ ба коре, ки машғул аст, ҳеҷ мувофиқат надорад, баён гаштааст. Ин нақси ҷомеа аст, ки қудрати афродашро наметавонад пурмаҳсул истифода кунад. Вақте ки фард аз назари ҷомеа меафтад, қувваи ҷисмонию рӯҳонияш ҷои корбурд пайдо намекунад, ӯ рисолати инсонии худро иҷро карда наметавонад ва дар натиҷа бар моҳияти зиндагӣ беалоқа мешавад, ки ин навҷавон ҳам чунин шудаасту бар «омадану рафтани баҳор намеандешид». Шоир бар моҳияти иҷтимоии манзара менигарад ва ҳар тарҳе ки ба он меафзояд, носолимии вазъи онро шадидтар менамояд: «Тобистон ҷавонии ӯ дар таҳи офтоб мепажмурд // ва зимистон кафани барф ҷавонии варо мепечид» [251, 47-48]. Шеър аз лаҳзае, ки тасвир мекард, фаро меравад ва солҳои зиндагии ҷавон, тобистону зимистони умрашро дар бар мегирад, ташдиди фоҷиаи ҳаёти ҷавон ба маротиб зиёд гашта, дар охир чунин хулоса гирифта мешавад:

Замонаи бераҳм
навҷавонро ба рӯи курсии кӯҳна нишонда буд
ва фаромӯш карда буд [251, 48].

Дар зимни ҳикояти мухтасар андешаву эҳсосоти ғиноии шоир ба тарзи шадиди таъсиргузор баён мешавад, ки инъикоси шуури иҷтимоии ӯст. Дар ин шеър нигаристан бар моҳияти ҳаёти шаҳрӣ, ифодаи вазъи рӯҳии шахси шеър

нисбат ба тасвири намои шаҳр афзалият дорад, зеро тарҳ, ҷузъиёте, ки оварда мешаванд, намоёнгари сифати зиндагии он мебошанд. Ин бе таъсири авзои носолими иҷтимоии замон нест, ки барои аз худи зебоиҳои намои шаҳр лаззат бурдан камтар имкон медиҳад, зеро зиндагиро аввал бояд сохт, пас аз зебоиҳояш лаззат бояд бурд.

Ин чанд шеъри ғиноии ҳикоятии Фарзона ба анвои гуногуни он нисбат мегирад, ки дар яке мақоми ҳикояти воқеӣ баландтар бошад, дар дигаре ҳикояти рамзӣ, дар яке дар зимни ҳикоят ифодаи андешаву эҳсосоти ғиноӣ бештар бошад, дар дигаре тасвири мавзеи ҳикоят бо ҷузъиёти ашёвӣ бисёртар аст. Ҳамин тариқ, таносуби роҳу равиши ҳикоят, ифодаи андешаву эҳсосот, нигориши манзара ва ҷузъиёте, ки маҳалли вуқӯи ҳодиса ва таассуроти шоир қарор мегиранд, дар ҳар ҳолати муайян тағйир хӯрда, анвои гуногуни шеъри ғиноии ҳикоятиро ба вуҷуд меоранд.

Боризтарин хусусияти шеъри ғиноии ҳикоятӣ дар он зоҳир мешавад, ки дар меҳвари он шайъ, ҳодиса ва ё шахсият қарор дошта, онҳо дар ҳолати сокин ва ё ҳаракат, дар муҳлати номаҳдуди вақт ба тасвир меоянд. Азбаски ин таҳаввулот дар замони дуру дароз ба вуқӯъ меоянд, зарурати тасвири муфассалтари онҳо ба миён меояд, ки боиси дар онҳо афзудани мақоми ҳикоят мешавад, аммо ҳамеша андеша, эҳсосоту таассурот бар ҳикоят ва ҳодиса бартар мебошанд. Суҷаи ин ҳикоятҳо ғиноӣ буда, бо мухтасарии худ аз ҳикоятҳои ҳамосӣ фарқ мекунанд. Ин суҷаҳо вуқӯъгароёна, хаёлпардозона, фантастикӣ, маҷозӣ ва дар омезиш бо ҳамдигар ҳам шакл мегиранд, ки мисоли онҳо дар ашъори М. Турсунзода, А. Шукӯҳӣ, Ғ. Мирзо ва дигарон мавҷуданд.

Дар ин навъ шеър ҳолат, муҳит ва фазову замони муайян, ки воқеа дар он рух медиҳад, бо аломатҳои муҳимми худ мухтасаран ба қалам меоянд. Дар онҳо гуногунтарин муҳтаво ва мавзӯъҳо – панду ахлоқӣ, ошиқона, фалсафавиву ҳикамӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ифода мешаванд. Онҳо дар заминаи ду навъи хаёлоти бадеӣ, ки яке дар асоси ҳодисаҳо ҷой доранд ва дигаре хаёлоте, ки

ҳодисаро пироиши бадеӣ медиҳанд, ба қалам меоянд. Таносуби ин хаёлот дар ҳар шеър вобаста ба манзури шоир гуногун мебошад. Азбаски дар ин навъ шеър ҳикоят мақом дорад, дар он низоъ ҳам мавҷуд мебошад ва дар як замону макони муайян рушд карда, ҳаллу фасл мешавад. Дар ашъори ғиноии ҳикоятии М. Қаноат, Қ. Киром ин махсусият аз ҳама равшантар ба назар мерасад. Ҳеҷ навъи бадеӣ дар шакли сирф худӣ зоҳир намешавад, дар шеъри ғиноии ҳикоятӣ ҳам аносири идроки ҳамосии воқеият ҷой дошта метавонад, вале ҳангоми баёни он ки ба воситаи забон, сабк ва сувари хаёл сурат мегирад, шакли комили ғиноӣ пайдо мекунад.

Шеъри ғиноии ҳикоятӣ бо иштироки шахси шоир, шахсияти ғиноӣ, ровӣ ва ё ашхоси дигар метавонад сурат бигирад. Ҳар қадар бештар будани шахсиятҳо дар шеър ба гуногунии сабкҳо ва мавзӯъву муҳтаво замина мегузорад. Ин қазия дар эҷодиёти махсусан Лоиқ ва Бозор Собиру Фарзона тасбит мешавад. Дар баъзе ин шеърҳо ҳикоят бо тасвир меомезад, ки бар қудрати мусаввирии шоир далолат мекунад.

## ХУЛОСА

Тадқиқи шеъри ғиноӣ аз рӯи вижагиҳои навъии он фарогиртарин равиши кор мебошад, зеро дар он дар як вақт ҳамаи анвои шеъри ғиноӣ аз рӯи хусусиятҳои бунёдӣ дар бар гирифта мешавад. Чунки мухтассоти ҳар навъ – ҳамоса, дром, шеъри ғиноиро чигунагии муҳтаво, ки бо тарзи худ ва воситаҳои бадеии муносиб рехта мешавад, муайян менамояд. Азбаски муҳтаво интихоби ин ё он навъи ифодаро таъйин мекунад, он дар тадқиқи навъ ҳам бояд нақши афзал дошта бошад.

Муҳтавои умумии шеъри ғиноӣ андешаҳои отифӣ, эҳсосот, таассуроте мебошад, ки дар замири шахси шоир ҳамчун ангеза аз ҳодисаву воқеот ва намоҳои олами хориҷ ба пайдо меояд. Пас, барои дақиқ кардани чигунагии ин шеър нахуст бояд ба чигунагии ин андешаву эҳсосоту таассурот ва дараҷаи зуҳури онҳо дар матн таваҷҷуҳ карда шавад, зеро пеш аз ҳама онҳо махсусияти

навъии шеърро мушаххас мекунанд. Ин гуна таҳқиқот ҳамон вақт моҳиятан дуруст ва пурмаҳсул хоҳад буд, ки дар заминаи шеъри асили ғиноӣ ба ҷо оварда шуда, дар он ҳеҷ гуна ақидаи қаблан муайяншудаи мафкуравӣ вуҷуд надошта, ҳамаи андеша ва ҳиссиёту таассурот аз маводи худи шеър бурун ояд, ҳарчанд дар худи интихоби мавод ҳам, он хоҳ аз олами андешаву эҳсосот ва хоҳ аз олами воқеъ бошад, мавқеи мафкуравии муаллиф ҳувайдо буданаш мумкин аст. Аммо фарқ дар ин ҷост, ки агар изҳори он мафкура бо таъкид ба дӯши шеър бор гардад, шеър моҳияти ғиноии худ – самимият ва табиияти худро аз даст медиҳад, ки меъёри асилтарини ин навъ шеър мебошад.

Ҳамчунонки дар ин рисола таҳқиқ шуд, дар қарни бист дар муҳити давлати шӯравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон ҳам, давроне, ки адабиёт ва шеъри ғиноӣ ҳам аз бори таблиғоти мафкуравӣ озодтар шавад, кам-кам аз нимаи дуюми қарн шурӯъ шуд. Ин озодии нисбӣ аз даврони ислоҳотпешагии ҳизби коммунисти шӯравӣ, ки бо танқиди шахспарастӣ оғоз гашт, имконпазир шуд. Он ҳарчанд комил ва бардавом набуд, аммо ба ҳар ҳол, таъсири худро дар адабиёт гузошт ва ҳатто дар адабиёти шӯравӣ, масалан, шеъри муосири рус, бо унвони «шестидесятники» – насли солҳои шастумро ба миён овард, ки А. Вознесенский, Е. Евтушенко, Р. Рождественский, Б. Ахмадулина намояндагони дурахшонтарини онҳо буда, андешаву эҳсосоти отифии худро нисбат ба наслҳои пешин озодтар баён менамуданд. Ин ҷараён ба адабиётҳои миллӣ, аз ҷумла, ба шеъри муосири тоҷик низ, асар кард, ки мисоли он аввал дар эҷодиёти М. Қаноат, Қутбӣ Киром ва пасонтар Лоиқ Шералӣ ва Бозор Собир мушоҳида мешавад. Аммо таъсири ин ҷараён танҳо ба насли шастум хулоса нашуда, намояндагони ҳассос ва бедори наслҳои дигарро низ фаро гирифт ва онҳо ҳам то он ҷо ки имкон доштанд, худро аз маҳдудаи мафкуравӣ раҳо намуда, барои ифодаи ҳақиқати андешаву эҳсосоти отифии худ пардохтанд. Ин қазияро бо як мисол ҳам метавон ба тасвиб расонд. Шеърҳоеро, ки пас аз эҷоди шеъри «Ба модарам» (с. 1965)-и Лоиқ ба қалам омаданд, масалан, шеъри «Модарам» (с. 1966)-и М.Турсунзода ва «То ба рӯзи боздид» (Илҳом, с. 1970)-и А.Шукӯҳӣ, ки муаллифони ин шеърҳо ба насли солҳои сиюму чиҳилум мансубанд, бо шеърҳои солҳои пеш дар мавзӯи модар навиштаи

худи онҳо муқоиса карда шавад, то чӣ андоза озод, фарох, самимона ва ҳақиқатнигоронатар шудани қалами ифодаву тасвири онон равшан ба назар мерасад. Ин воқеияти адабӣ, ба замми онҳое, ки дар ин тадқиқот баррасӣ карда шуд, боз як бори дигар имкон медиҳад, тасдиқ карда шавад, ки шеъри ғиноии муосири тоҷик асосан аз нимаи дуюми қарни бист ба сифати аслии хеш, ки ибрози самимонаи ҳақиқати андешаву эҳсосот ва таассуроти отифии шахсияти шеър мебошад, то рафт бештар даст меёбад. Ин масъала аз ҷиҳатҳои гуногун, вале аслии шеъри ғиноӣ, мавриди пажуҳиш муқаррар гашта, аз он хулосаҳои зерин гирифта шуд.

Дар адабиёти нимаи дуюми садаи бисти тоҷик дар эҷодиёти намояндагони наслҳои гуногун, аз насли солҳои сиюм, Мирзо Турсунзода сар карда, то Фарзона, ки дар солҳои ҳаштод ба адабиёт ворид шуд, анвои мухталифи шеъри ғиноӣ рӯ ба асолати хеш оварда, рушду нумув кард. Як навъи серистифодатарини он шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ буд, ки бар асари аҳамияти бештар пайдо кардани ҳаёти шахсии инсон дар баробари ҳаёти иҷтимоии ӯ аз сари нав кам – кам ба мақоми пештараи зарурие, ки дошт, бо тарзу тариқи нав, соҳиб мешуд. Зеро акнун андешаву эҳсосот ва таассуроти як шахс ҳам қобили инъикоси хусусиятҳои иҷтимоии зиндагӣ дониста мешуд. Андешаҳои отифии фарди шеър, ба ҳар симое, ки зуҳур кунад, шахси шоир, шахсияти ғиноӣ, муаллиф ва ё ровӣ, дар натиҷаи ду навъи муносибат ба олами ҳастӣ, дарунгаро ва бурунгаро, сурат мегирад, ки акнун яке бар дигаре афзалият дода намешавад. Вале, бо вуҷуди ин, дар ашъори наслҳои пешин, ҳамчун Мирзо Турсунзодаву Аминҷон Шукӯҳиву Ғаффор Мирзо, майли бурунгароӣ, нисбат ба насли пасонтар, ҳамчун Лоиқ ва Фарзона, қавитар ба назар мерасад, зеро барномаи эҷодии онҳо бештар дар асоси инъикоси инсони иҷтимоан фаъол, бунёдкор, пешбарандаи ҷомеа сурат мегирифт, ки дар амал ва чеҳраи шахсияти шеърашон инъикос мегашт. Дар ҳолати майли дарунгароии зиндагӣ инсон бештар дудил, банди тафаакуроти паёпай гашта, ҳамеша ҳар як амалу гуфтори худро мавриди таҳлилу тадқиқ қарор медиҳад, ки симои ботинии ӯро бештар мунъакис менамояд. Инсон ҳар дуи ин хусусиятро бояд дар худ ба ҳам пайванд диҳад, то худро биёбад. Шеъри ғиноии

андешаҳои отифӣ низ дар эҷодиёти шоирони ин давр бо фаро гирифтани ин ду майл рушду нумув ва густариш пайдо мекунад.

Ашъори ғиноии андешаҳои отифӣ дар эҷодиёти М. Қаноат, Қутбӣ Киром ва махсусан, Лоиқ, ривоҷи тоза гирифта, гуногунмавзӯъву пурандеша мешавад ва ҷаҳони ботинии шахс ҳам бо мураккабию ҳаррангиаш, бо ғаму шодӣ, неку бад, барору нобарориҳояш ифода мегардад. Дар натиҷа чеҳраи фарди ғиноӣ ҳам мушаххастар ба назар меояд. Ӯ ба ҳар сурате, ки рух намояд, шахсияти ғиноӣ, шахси шоир, ровӣ ва ё ҳамчун шайъи (объект, мабҳас) мавриди андеша, дар ҳама ҳолат мекӯшад, ки симои фардии худро дошта бошад. Ҷаҳони ботину хориҷ акнун аз зовияи нигоҳи ӯ дар муборизаи баҳамзидҳо дида мешавад, дили инсон ҳамчун қутбҳои мухталифи ҳастии ӯ зоҳир гашта, андешаҳои вуқӯъгароёна бо хаёлпардозона, тавсифӣ бо интиқодӣ, улвӣ бо сифлӣ ҳамдигарро истисно накарда, бо ҳам омада метавонанд. Инсон на танҳо ҳамчун як фарди иҷтимоӣ, ки даст дар бунёдкориву дигаргунсозии ҷомеа дорад, балки ҳамчун як шахсияти фардӣ ҳам, ки дар ҷаҳони ботинии худ ба сохтанҳову барандохтанҳо машғул аст, арҷ пайдо мекунад. Озодии инсон муҳимтарин арзиши ҳастии ӯ шинохта мешавад. Акнун ӯ бо ин дастовард муносибати худро бо иҷтимоъ ва олами атроф аз нав барқарор кардан мехоҳад, ки ин сифат дар андешаҳои фарди ғиноии шеъри Бозор Собир равшан зуҳур мекунад.

Фарди ғиноӣ дар шеъри андешаҳои отифии Бозор Собир худро бештар ҳамчун дилбастаи арзишҳои маънавии миллӣ, ки дар деҳ боқӣ мондаанд, нишон медиҳад. Бад-ин васила ӯ ба табиат пайванд гирифта, худро як муддат аз кашидани вазифаи сиёсӣ озод мекунад, вале баъдтар, аз охири солҳои ҳаштодум, ки ба сиёсат мепайвандад, худро комилан ба вазифашиносии сиёсӣ медиҳад. Аммо ақидаҳои сиёсии ӯ дар муддати кӯтоҳе сад дар сад муқобили ҳамдигар қарор мегиранд, аввал ҷонибдори низоми мардумсолорӣ бошад, баъдан мубаллиғи султаи коммунистӣ мешавад. Вале дар ҳама ҳолат фарди ғиноии ӯ табиат ва муҳити деҳро сарчашмаи андешаву эҳсосоти шоирии худ медонад. Шеъри андешаҳои отифии ӯ аз муҷаррадбаёнӣ барканор буда, асосан маҳсули эҳсоси панҷгонаи шахси шоир аст ва бо ҳамин сифаташ марғуб ба назар меояд.

Дар шеъри андешаҳои отифии насле, ки дар солҳои ҳаштодум ба адабиёт ворид шуд, аз ҷумла Фарзона, ки дурахшонтарин чеҳраи он аст, назари таҳқиқӣ ба қонуниятҳои ҷомеа ва мухолифатҳои он қавӣ мешавад. Аммо ин назари таҳқиқӣ, на муҷаррад, балки ҳамеша бо отифати саршор ва ашёвию маҳсус, бо аносири олами ҳастӣ баён мегардад. Фарди ғиноии ашъори ӯ ҳар қадар ба олами иҷтимоъ таваҷҷуҳ дошта бошад, на камтар аз он ба олами замир меандешад ва аз ин ҷост, ки дар андешаи ӯ ҷанбаи дарунгароӣ қавӣ буда, ба шеър сифати амиқи равонкобӣ медиҳад. Андешаҳои худтаҳлилии Фарзона бо шикастанафсии тамом изҳор мешаванд, ки дар онҳо нотавонию беқудратии зоҳирии ӯ, дар баробари тавонмандиҳои номардумонаи дигарон, маънои баръакс пайдо карда, ӯро аз қабили қавитарин ашхосе, ки одамият ва адолатро дар пуштибонии худ доранд, муаррифӣ менамояд. Дар андешаҳои отифии ӯ ҷаҳони воқеӣ бо хаёлпардозона ба ҳам омехта, як олами тозаеро месозанд, ки олами андешаҳои шоиронаи Фарзона аст. Ӯ дар ин олам бо муҳаббат ва самимияти амиқ, бо иффат ва назокат, бо хештандорию фурӯтанӣ ва ҷояш ояд, бо ҷуръату мардонагии тамом сухани дили ба инсоният садоқатпешаи худро ба забон меорад.

Дар шеъри ғиноии андешаҳои отифии ин давра фарди ғиноӣ бо чеҳраҳои мутафаррика зуҳур мекунад, ки дар ашъори наслҳои аввали аср бо ҷомеа муносибати ҳамҷӯр дошта, дар охири аср, бар асари дигар шудани авзои иҷтимоӣ, ба он аз худ мухолифатҳои чашмрасе нишон медиҳад, ки ҳатто ҳамчун нишондиҳандаи арзиши инсонӣ ва шаҳрвандии ӯ шинохта мешавад.

Навъи дигари шеъри ғиноӣ, шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ мебошад, ки дар он андеша ба воситаи тавсифу тасвир ва аносири олами ашё баён карда мешавад. Ин навъи шеър дар ҳамаи адабиётҳо, аз ҷумла тоҷикӣ ҳам, нисбат ба дигар навъ бештар ба назар мерасад, зеро он аз хусусияти олами атрофро идрок кардани инсон ба зуҳур меояд. Инсон барои ифодаи олами ботини худ аз олами хориҷ мадад меҷӯяд, ки онро ба воситаи қиёс ва монандкуниҳо аёну маҳсус баён кунад. Дар ин навъ шеър аносири сувари хаёл, ташбеҳу истиорот, ташхису муболиға ва намодҳо мавқеи бештар пайдо мекунанд, ки тасаввуроту андешаи шоирро ҳар чӣ комилтар тасвиру ифода намоянд. Андешаи муҷарраду мантиқӣ

бо отифат фаро гирифта шуда, бадеъӣ мешавад ва шайъ бо нигоҳи бадеӣ ба тимсолу намод мубаддал мегардад. Аммо тасвиру тавсиф, ҷузъиёти олами ашё ва тимсолу намодҳо, ҳама, воситаҳои ёрирасоне ҳастанд, ки барои ифодаи маҳсусу мукаммалтари андешаҳои отифӣ хидмат мекунанд.

Дар шеъри андешаҳои отифии тасвирии М. Турсунзода, А.Шукӯҳӣ, Ғ. Мирзо, М. Қаноат сол то сол дар баробари изҳори андешаҳои иҷтимоӣ андешаҳои фардӣ ҳам аҳамият пайдо мекунанд, ки ба воситаи тасвири олами ашё ва намодҳои бадеӣ сурат мегиранд. Ба ин манзур бештар аз ҳама аз ташхису ҷондорангорӣ истифода мешавад, ки шоирон ба аносири олами ашё – кӯҳу дарё, дарахту парандагон ва амсоли онҳо муроҷиат карда, ба онҳо ҷон мебахшанд, то манзури худро муассирру мусаввар ва ашёвӣ баён намоянд. Мақоми истифодаи рукнҳои табиат ва аносири олами ашё дар ҳар адабиёт вобаста ба муҳити зиндагии халқ гуногун аст, масалан, дар кишварҳои кӯҳистон аносири кӯҳистон, дар кишварҳои дарёӣ аносири дарё бештар мебошад, ки ҳамчун василаи кушодани ҷаҳони ботинии фарди шеър истифода мешавад. Аносири олами ҳастӣ ба воситаҳои гуногуни бадеӣ ва забонӣ ташхисонида мешаванд.

Дар шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ назари шоир дарунгаро ва бурунгарост, дарунгароӣ ба шеър сифати ғиноӣ диҳад, бурунгароӣ сифати ҳамосӣ медиҳад, аммо сифати дарунгароӣ бар бурунгароӣ афзалият дорад, вале вақте ки ин гуна ашъор бо ашъори сирф андешаҳои отифӣ муқоиса карда мешаванд, дар ин ҷо бештар будани хусусияти ҳамосӣ ба мушоҳида мерасад. Шеъри андешаҳои отифии тасвирии Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Қутбӣ Киром аз ҳамин гуна сифати ҳамосӣ бархурдоранд. Дар баъзеи онҳо ибрози андешаву таассуроти фарди шеър бештар мақом дошта, дар бархе дигар мақоми тасвир ва ё амал бештар аст, аммо дар ҳама ҳолат нақши фарди шеър пайдост. Дар он дар баробари тарҳи симои як шахсият тарҳи симои чанд шахсияти дигар ҳам метавонад зуҳур намояд, ки намои шахсиятофаринии шеърро фарохтар месозад. Азбаски дар шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ назари бурунгаро ҳам мақом дорад, он ба дигаргуниҳои олами хориҷ, олами иҷтимоъ бештар таваҷҷуҳ мекунад ва махсусиятҳои онро инъикос менамояд.

Омилҳои айниву зеҳнӣ барои дар меҳвари ашъори ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ қарор гирифтани инсон, ки акнун як мавҷуди «одӣ» ва ё «мурватча» набуда, дар ӯ мураккабтарин ва муҳиммтарин масъалаҳои ҳастии иҷтимоӣ ба ҳам печ мехӯрданд, созгор омаданд, ки дар эҷодиёти Лоиқ, Бозор Собир ва Фарзона ба тарзи бадеӣ инъикос гаштанд. Андешаву эҳсосоти фардиро бо иҷтимоӣ иртибот додан нуфузи онро ба ҳаёти фардию иҷтимоӣ бештар месозад, ки беҳтарин шеърҳои андешаҳои отифии тасвирии ин шоирон ҳамин гуна сифат доранд.

Андешаҳои отифӣ ба воситаҳои гуногун, ҳамроҳ бо тасвири собит ва ё сайёр, ташхису ҷондорангорӣ, муроҷиати шахс ба шайъ ва монанди инҳо баён мешаванд, ки натиҷаи назар ба олами хориҷ доштани шоир буда, имконоти фарогирии онро бештар месозад. Дар баробари ин фарогирии олами дарун, ҳаёти маънавию ахлоқӣ, дигар на ҳамчун як масъалаи шахсӣ, балки ҳамчун масъалаи муайянкунандаи ҳастии минбаъдаи халқу миллат шинохтаву тасвир карда мешавад. Он бо тарзҳои мухталиф, ҳисгароёнаву ақлгароёна, тасвириву ташреҳӣ, муроҷиат ба шайъ ва ё розу ниёз ба қалам меояд. Ин навъ шеър метавонад сужаи ғиноӣ дошта бошад, ки он бештар на ба инкишофи ҳодисаҳо, балки ба ривоҷи ҷараёни андеша, эҳсосоту таассурот такя мекунад. Сужа ва ашёеро, ки дар шеър мавҷуд аст, чигунагии муносибати шоир ба онҳо барои ифодаи ин ё он эҳсосоту таассурот мувофиқ месозад, ки аломати дар он муҳиммии нақши идроки шахсияти шоир аст.

Корбурди намодҳо дар шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ ба хотири баёни фарогир ва муассири манзури шоир бештар аст. Дар ин ҷо аз намодҳои аслӣ, ки эҷоди зиндагии инсон дар дарозои таърих аст ва ҳамчунин аз намодҳое, ки худи шоир месозад, истифода мешавад.

Ҳар шоир низ ҳамчун як нафар фарди ҷомеа дар ин ё он муҳити иҷтимоӣ ба сар мебарад ва ба воқеияте, ки ӯро фаро гирифтааст, вокуниш нишон медиҳад ва он ба ҳар тарзе сурат гирад, худогоҳ ё нохудогоҳ, ҳамеша ба ин ё он дараҷаи отифат ҳамроҳ аст. Муҳимтарин сифате, ки шеъри Фарзонаро мутамайиз менамояд, саршори отифат будани он аст. Ба василаи ӯ дар шеъри муосири тоҷик

сифати отифии шеър бештар густариш пайдо мекунад ва оламе, ки ӯ дар шеъри худ месозад, новобаста аз аносире, ки қабул дорад ва ё надорад, дар ниҳоят оламеро падидор менамояд, ки пур аз меҳрубониву отифат аст.

Дар навъи шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ мақоми аносири олами ашё, ки тавсифу тасвир гашта, мавзӯи шеър қарор мегиранд, нисбат ба мақоми андешаи фарди ғиноӣ бештар аст. Дар он олами ашё бо зуҳуроти мухталифи худ боиси дар фарди шеър пайдиши ин ё он гуна эҳсосоту таассурот шуда, ба он тобиши гуногун медиҳад. Он бе ҳузури фарди шеър ҳам метавонад сурат бигирад. Манзаранигорӣ аз шаклҳои маъмули он мебошад, ки дар шеъри классикии тоҷикӣ собиқаи ғание дорад, аммо манзаранигории имрӯзӣ бештар истиқлол дошта, на ҳамчун василаи ёрирасон барои ифодаи маъно, ҳамчунонки дар гузашта аксаран чунин буд, балки мустақилан маънои зарурииро ифода менамояд. Бо пешрафти иҷтимоии ҷомеа мафҳуми манзаранигорӣ ҳам вусъат пайдо карда, на фақат манзараҳои табиат, ҳамчун кӯҳу дарёву дарахту марғзорон, балки намои сохтмонҳо, роҳҳо, хиёбонҳо, фурудгоҳу тайёраву мошинҳо, хуллас, ҳамаи чизеро, ки дар муҳити зиндагии инсон ҳаст, фаро мегирад. Аммо, ба ҳар ҳол, шеъри манзара, шеъри беҳтарини шинохти инсон ва пайванди ӯ бо табиат буда, на танҳо завқи зебошинохтии ӯро таҳрик ба такомул мекунад, балки ҳангоми эҷоди худ шоирро дар ҷараёни халлоқият қарор медиҳад. Дар намунаҳои беҳтарини худ ин шеър дар эҷодиёти М. Турсунзода, А.Шукӯҳӣ, Ғ.Мирзо, М. Қаноат, Қутбӣ Кином ва дигарон бо суратҳои бадеъи худ ҷондортарин шеър аст, чунки табиатро ҷондор меангораду ҷондор менигорад. Суратҳои бадеъии шеър  кӯҳ, рӯд, арча, уқоб ва монанди онҳо, ки замонҳое дар шеъри мактубу шифоҳӣ истифода мешуданд, бо таъсири замон тобишҳои тоза пайдо мекунанд, баъзеи онҳо ба намодҳои пургунҷоиш мубаддал мешаванд. Истиқлоли тасвир дар шеъри манзаравӣ боло меравад ва ба он ғояе ҳамл нашуда, он бевосита аз худи тасвир ва фазои он берун меояд. Табиат, ки худ ҷовидонист, шеъраш ҳам ба андешаҳои ҷовидонӣ, фалсафӣ ташвиқ мекунад.

Шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ бо нигоштани манзараҳои дилписанд, фаслҳои сол, намои шаҳру деҳот, пайкару чеҳраи инсонҳо, макони буду боши

онҳо, хуллас, ба ҳама чиз ва намое, ки рӯй меорад ва менигорад, барои зеботар сохтани зиндагӣ ва инсонтар кардани инсонҳо мадад мерасонад. Шоирон аз имконоти тамоми мазмунҳо – фалсафӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, маънавӣ, ошиқонаро фаро гирифтани он сол то сол фаровонтар истифода мекунанд, ки онро дар ашъори Лоиқ, Бозор Собир, Фарзона ба хубӣ ба мушоҳида метавон гирифт. Табиист, ки дар ин навъ шеър аз воситаҳои сувари хаёл – маҷозу ташбеҳу истиораву ташхис фаровон истифода мешавад, зеро худи маводи шеър аз олами ашё ва маҳсус буда, ба онҳо рӯҳи инсонӣ медамад. Ҳатто дар ҳолати дар шеър вуҷуд надоштани фард кайфияти ӯ аз ашё ва муҳити тасвир эҳсос мегардад. Шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ бо беҳтарин ваҷҳ қобили инъикоси ҳама гуна таассуроти инсон – ғаму шодӣ, муҳаббату шақоват, таҳсину нафрин ва монанди инҳо мебошад, зеро он ҳамаро ашёвию маҳсус ба қалам меорад. Аносири олами ашё ва табиат, вақте ки ба хидмати шеър гирифта мешаванд, ба замми мафҳуми аслии худ мафҳуми бадеӣ касб мекунанд, истеъдоди муқтадири шоир онро ба дараҷаи вусъатнокии намод расонида метавонад, ки ин ҳолат дар шеъри Лоиқ, Бозор Собир ва махсусан, Фарзона бештар ба назар мерасад. Ба воситаи ашъори Фарзона дар шеъри муосири тоҷик тасвири намои шаҳру хонаҳои он, ки ифодаи ботини шахси муқими онро низ бо худ дорад, густариш ёфта, мақоми ин навъ шеърро дар тасвири ҷиҳатҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ баландтар мебарад.

Як навъи дигари ашъори ғиноӣ, ки хусусиятҳои шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ, отифии тасвирӣ ва тасвирию тавсифиро дошта, дар баробари он, боз мухтассоти шохистаре дорад, шеърест, ки ба шахсиятҳои сиёсиву давлатӣ, таърихӣ, адабию фарҳангӣ ва монанди инҳо бахшида шудааст. Он шеъри ғиноии шахсиятӣ номида мешавад. Ин гуна ашъор дар шаклҳои гуногун дар Юнони қадиму Рум ва дар адабиёти форсии тоҷикӣ дар аҳди Сомониён ҳам вуҷуд дошт, ки намунаҳояш дар эҷодиёти устод Рӯдакӣ ва шоирони ҳамасраш ба назар мерасад. Ашъори ғиноии шахсиятӣ дар жанрҳои гуногун гуфта шуда, дар шеъри муосири тоҷик, дар нимаи дуюми садаи бист ҳам фаровон мавҷуд аст. Он, дар аввал, бештар дар бораи шахсиятҳои сиёсиву давлатӣ, роҳбарони ҳизби коммунист эҷод мешуда бошад, баъдан, дар охиртари сада, ҷои онҳоро

шахсиятҳои илмӣ, адабиву фарҳангӣ мегиранд, ки ин худ аломати густарда шудани фазои мардумсолорӣ дар ҷомеа ва адабиёт мебошад. Масалан, ашъори бахшида ба шахсиятҳои сиёсиву давлатӣ ва ҳизбӣ дар байни ашъори ғиноии шахсиятии М. Турсунзода мақоми калон дошта бошанд, дар ашъори Лоиқ камтар ва дар Фарзона қариб тамоман ба назар намерасанд, вале шеърҳое, ки дар сутудани шахсиятҳои илмӣ, адабиву фарҳангианд, мақоми бузург доранд. Ин натиҷаи дигар шудани фазои сиёсиву иҷтимоии ҷомеа ва дар он тағйир хӯрдани нигоҳи адибон ба мақоми шахсиятҳо мебошад. Ба ҳамин муносиб арзишмандии хулқу атвор ва хислати шахсиятҳо низ дигаргун шуда, эътибори ҷиҳатҳои шахсии характер баландтар меравад ва симоҳои шеър бо самимияти бештаре ба қалам меоянд. Ин хусусият на фақат дар ашъори насли ҷавонтар, балки дар эҷодиёти М. Турсунзода ҳам, равшан ба назар мерасад, ки намунааш шеъри ба Расул Ҳамзатов бахшидаи ӯ мебошад. Доманаи фарогирии шеъри ғиноии шахсиятӣ ҳам сол ба сол фарохтар гашта, он акнун на фақат ба шахсиятҳо, балки ба мабҳасҳои дигар ҳам бахшида мешавад, ки мисолаш шеърҳои «Ба назми рус», «Шоҳнома», «Баҳори Аҷам» -и Ғаффор Мирзост. Дар ин ҳолат шеър нишондиҳандаи на як шахсият, балки як фарҳанг ва намояндагони он мегардад.

Шеъри ғиноии ҳикоятӣ бо сабкҳои гуногун вуқӯъгароёна, хаёлпардозона, драмавӣ гуфта мешавад. Ин гуна навъҳои он на танҳо дар ашъори шоирони гуногун, балки дар шеърҳои як шоир ҳам ҷой доштанаш мумкин аст, ки намунаҳои он дар эҷодиёти М. Қаноат мавҷуд аст.

Дар нимаи дуюми садаи бист шинохти байниҳамдигарии фарҳангии халқҳои дохили ИҶШС густарда гашт, ки боиси ба вуҷуд омадани силсилаи ашъори ғиноии шахсиятӣ шуд. Дар эҷодиёти Қутбӣ Киром он як китоби мукаммалеро ташкил дод, ки ашъори он асосан ба намояндагони дурахшони адабу фарҳанги ин миллатҳо бахшида шуда буд. Ба ин васила симо ва хулқу атвори маҳал ва мардуми гуногун ба тасвир омада, мундариҷаи шеъри муосири тоҷик ғанитар шуд.

Шеъри ғиноии шахсиятӣ дар эҷодиёти шоироне ҳамчун Лоиқ, Бозор Собир ва Фарзона бештар барои густардан ва амиқ бурдани худшиносии миллӣ ба кор

рафт. Бинобар он, дар ин навъ ашъори онҳо чеҳраҳои дурахшони илму адаб, ки таҷассуми беҳтарин ва ҷовидонатарин хусусиятиҳои миллии халқи тоҷик буданд, аз Зардушту Борбад то Аҳмади Донишу Мирзо Турсунзода офарида шуданд, ки фосилаи чандҳазорсолаи таърихро фаро мегиранд. Аз ашъори ба шахсиятҳои муосир бахшидаи онҳо, на фақат симои шахсиву эҷодии он шахсиятҳо, балки муҳимтарин хусусиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии замон низ дарк карда мешавад. Аз ин рӯ, шеъри ғиноии шахсиятӣ на фақат василаи шинохти чеҳраҳои дурахшони шахсиятҳои таъриxиву замонӣ, балки омили муҳими дарёфти хосиятноктарин ҷиҳатҳои ҳаёти иҷтимоӣ ҳам ба шумор меояд.

Шеъри ғиноии ҳикоятӣ аносири дигар анвои шеъри ғиноиро низ каму беш дошта метавонад, вале хусусияти асосии онро воқеаву ҳодисоте, ки на дар як замони муайян ва мухтасари вақт сурат гирифта, аз ҷониби фарди шеър ҳикоят мешавад, ташкил медиҳад. Вале фарқияти муҳимми ин навъи ҳикоят аз ҳикояти ҳамосӣ дар он аст, ки он мухтасару муҷаз буда, бардошти умумии ҳиссии фарди шеърро бозмегӯяд. Ин навъ шеър вобаста ба сужаи ғиноие, ки дорад, аз назари ҳаҷм мухтасар ва ё муфассал шуданаш мумкин аст. Заминаи ҳикоятӣ боис мешавад, ки он бештар хусусияти вуқӯъгароёна дошта бошад. Дар баробари ин, шеъри ғиноии ҳикоятӣ бо сужаҳои хаёлпардозона, рамзӣ, тамсилӣ ва фантастик ҳам офарида мешавад. Мавзӯъву муҳтавои шеъри ғиноии ҳикоятӣ ниҳоят фарох буда, иҷтимоиву фалсафӣ, маънавиву ахлоқӣ, ишқиву ҳикамиро фаро мегирад. Фарди он бештар ҳамчун ровӣ ба зуҳур меояд, аммо дар он ҳузури шахси шоир, шахсияти ғиноӣ низ истисно нест. Аз ин рӯ, он аз ҷиҳати сохтор навъҳои гуногун дорад. Дар он аносири тасвир ва ҳикоят ба меъёри гуногун истифода мешавад, дар як навъ агар тасвир афзалият дошта бошад, дар навъи дигар ҳикоят, вале умуман аносири ҳикоят бартар аст. Шеъри ғиноии ҳикоятӣ, дар баробари аз дастовардҳои шеъри классикии мактуб истифода карданаш, бо фаҳлавиёти мардум робитаи гуногунҷиҳати танготанг дорад. Ин робита на танҳо мавзӯъву муҳтаво, балки ҷиҳатҳои шаклӣ ва сабкиву забонии онро низ дар бар мегирад. Азбаски шеъри ғиноии ҳикоятӣ дар асоси ҳодисаву воқеаи ғиноии муаяйн сохта

мешавад, он дар аввалҳои нимаи дуюми садаи бист воситае барои халос шудани шеъри замон аз умумигӯиву бемеҳварӣ низ будааст.

Чунин ба назар мерасад, ки дар эҷодиёти баъзе шоирон шеъри ғиноии ҳикоятӣ ҳамчун таҷрибае барои минбаъд эҷод кардани асарҳои ҳамосӣ, анвои гуногуни достонҳо ҳам хидмат кардааст. Ин қазия дар эҷодиёти М.Турсунзода, А.Шукӯҳӣ, Ғ. Мирзо, М. Қаноат, Қутбӣ Киром ва дигарон тасдиқ мешавад.

Баробари афзудани мақоми шахсият дар ҷомеа нақши фарди шеъри ғиноии ҳикоятӣ ҳам боло рафта, инсон дар маркази он қарор мегирад. Олам дигар аз даричаи шахсияти инсон дида мешавад, ки мисоли он шеъри ғиноии ҳикоятии Лоиқ мебошад. Ҳикматнокӣ ҳам яке аз мухтассоти ин навъи шеър аст. Шеъри ғиноии ҳикоятӣ имкон дорад, ки дар асоси як ва ё якчанд сужаи ғиноӣ сохта шавад. Ҷузъиёти олами ашё ҳам дар он мавқеи муҳим доранд, зеро онҳо аломати замони воқеаро ифода менамоянд ва воқеияти муҳити шеърро фароҳам меоранд. Тасвир, аз кор фармудани ҷузъиёт, аносири олами ашё ба зуҳур меояд, ки дар ин навъ шеъри Бозор Собир  фаровон истифода дорад. Дар тасвир на фақат унсури сурати ашё, ранг, намуд, ҳаҷм, балки садо ҳам ҳаст, ки онро боз ҳам зиндатар менамояд, зеро садо унсури асосии ҷондории ашёст. Дар натиҷаи ба ҳам омехтани аносири шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ ва ҳикоятӣ навъи тозае ба зуҳур меояд, ки онро метавон шеъри ғиноии ҳикоятии тасвирӣ ном бурд. Аз ин рӯ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки сарҳади байни анвои шеъри ғиноӣ сахт устувор набуда, онҳо ба ҳамдигар омехта, анвои тозаеро ба вуҷуд меоранд, ки дар байни анвои мавҷуда қарор мегиранд. Мавзӯъву муҳтавои шеъри ғиноии ҳикоятӣ аз гуногунтарин ҳодисаҳои ҳаётӣ ба ҳам меояд, аммо, чунин ба назар мерасад, ки дар он маводи тарҷумаиҳолӣ, воқеаҳое, ки худи шахсияти шеър аз сар гузаринидааст, бештар аст. Ва агар ин тавр ҳам нест, шахсияти шеър онро чунон бозгӯ мекунад, ки худ таҷриба карда бошад. Ин яке аз сифатҳои асосии шеъри ғиноии ҳикоятии Фарзона аст. Шахсияти шоирии Фарзона, пеш аз он ки воқеаро ба қалам орад, онро дар рӯҳу равони худ чунон ҳал ва таҷриба мекунад, ки маҳз моли ӯ мешавад ва ҳангоми бозгӯ самимияти баён ҳам ба он мадад мерасонад. Дар шеъри ғиноии ҳикоятӣ сужаи ғиноӣ, шахсияти ғиноӣ ва ашё бо ҳам робитаи

танготанг ва гуногун дошта, дар ҳар шеър ба тарзи тоза зоҳир шуданашон мумкин аст, ки ин тасдиқи имкони фарох доштани он барои дар бар гирифтани мавзӯъву муҳтавои мухталиф мебошад.

Анвои шеъри ғиноӣ бо ҳамин навъҳое, ки таҳқиқ шуд, маҳдуд намешавад, онро боз ба навъҳои дигар ҷудо кардан мумкин аст. Ашъори ғиноии ҳамосӣ яке аз ҷумлаи онҳост. Ин навъ шеърҳо маъмулан аз шеърҳои мухтасари ғиноӣ аз ҷиҳати ҳаҷм фарқ дошта, муфассаланд ва дар адабиётшиносӣ ба онҳо бештар номи манзума ва ё достони ғиноию ҳамосӣ дода мешавад. Азбаски мавзӯи тадқиқоти мазкур танҳо шеъри ғиноӣ буд, имкони баррасии манзумаву достони ғиноиву ҳамосиро надошт, ҳол он ки он ҳам намунаҳои фаровон дорад ва таҳқиқи он дар шинохти анвои шеъри ғиноӣ моҳиятан муҳимм хоҳад буд.

## РӮИХАТИ АДАБИЁТ


1. Абдураҳмон. Пиндорҳо ва ингорҳо / Абдураҳмон Абдуманнон. – Душанбе: Адиб, 2006. –216 с.
2. Абдуманнон Абдуманнон Абдураҳмон. Фурӯғи чеҳраҳо / Абдураҳмон Абдуманнон. – Душанбе: Адиб, 2015. –212 с.
3. Абдуманнон Абдураҳмон. Ламҳае ба роҳи рӯзгор / Абдураҳмон Абдуманнон. – Душанбе: Адиб, 2019. –178 с.
4. Абрамович Г. Л. Введение в литературоведение / Г. Л. Абрамович. – М.: Учпедгиз, 1953. – 318 с.
5. Авеста в русских переводах (1861-1996), составитель, общая редакция, примечания, справочный раздел И. В. Рака. Издание 2-е, исправленное / Авеста в русских переводах. – СПБ.: Журнал «Нева», «Летний сад», 1998.– 480 с.

6. Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ. Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. / Авесто. – Душанбе: Қонуният, 2001. – 792 с.

7. Авфӣ Муҳаммад Бухороӣ Садидаддин. Лубоб-ул-албоб. Аз рӯи чопи Урупо, ки ки профессур Эдуард Браун ва аллома Қазвинӣ тасҳеҳ кардаанд. Бо тасҳеҳи ҷадид ва ҳавошиву таълиқоти комил ба кӯшиши Саъид Нафисӣ. / Муҳаммад Авфии Бухороӣ Садидаддин. – Теҳрон: Китобфурӯшии Ибни Сино, 1335. – 872 с.

8. Аҷамӣ Муҳаммадалӣ. Хиттаи муатттари шеър. Баррасии ашъори устод Мумин Қаноат, Лоиқ Шералӣ ва Салмони Ҳиротӣ / Муҳаммадалии Аҷамӣ. – Душанбе: Пайванд, 2002. – 63 с.

9. Аҷамӣ Муҳаммадалӣ. Тафаккур ва ҳис дар шеър. Таҳқиқ ва накди шеъри муосири тоҷик. / Муҳаммадалии Аҷамӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. - 280 с.

10. Акбаров Юсуф. Қисмати инсон ва қисмати шеър. Баъзе масъалаҳои лирикаи муосири тоҷик / Акбаров Юсуф. – Душанбе: Дониш, 1980. – 195 с.

11. Амонов Р. Лирикаи халқии тоҷик / Р. Амонов. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 595 с.

12. Амонов Р. Баёзи фолклори тоҷик. Иборат аз 6 ҷилд. Ҷ. 1. Рубоиёт, дубайтиҳо. / Тартибдиҳандагон Р. Амонов, Ш. Умарова, Н. Азимов, Т. Исроилова. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 288 с.

13. Аристотель. Поэтика / Аристотель. – М.: Художественная литература, 1967. – 184 с.

14. Асмус В. Ф. Избранные философские труды. Т. 1 / В. Ф. Асмус. – М.: МГУ, 1969. – 412 с.

15. Афанасьев А. Н. Живая вода и вещее слово / А. Н. Афанасьев. – М.: Советская Россия, 1988. – 512 с.
16. Бароҳанӣ Ризо. Тило дар мис. Дар 3 ҷилд. Ҷилди 1 / Ризо Бароҳанӣ. – Теҳрон: 1371. – 624 с.
17. Бароҳанӣ Ризо. Тило дар мис. Дар 3 ҷилд. Ҷилди 2 / Ризо Бароҳанӣ. – Теҳрон: 1371. – 627 – 1435 с.
18. Бароҳанӣ Ризо. Тило дар мис. Дар 3 ҷилд. Ҷилди 3 / Ризо Бароҳанӣ. – Теҳрон: 1371. – 1435–2109 с.
19. Бахтин М. М. Эстетика словесного творчества / М. М. Бахтин. – М.: Искусство, 1986. – 445 с.
20. Беленький М. С. О мифологии и философии Библии / М. С. Беленький – Москва: Наука, 1977. – 166 с.
21. Белинский В. Г. Собрание сочинений. В 3 т. Т. 2 / В. Г. Белинский. – М.: ОГИЗ, 1948. – 928 с.
22. Белинский В. Г. Полное собрание сочинений. В 13 т. Т. II / В. Г. Белинский. – М.: АН СССР, 1953. – 766 с.
23. 12Белинский В. Г. Полное собрание сочинений. В 13 т. Т.IV / В. Г. Белинский. – М.: АН СССР, 1953. – 673 с.
24. Белинский В. Г. Полное собрание сочинений. В 13 т. Т. V / В. Г. Белинский. – М.: АН СССР, 1954. – 862 с.
25. Белинский В. Г. Полное собрание сочинений. В 13 т. Т. VIII / В. Г. Белинский. – М.: АН СССР, 1955. –727 с.
26. Белый Андрей. Пепел / Андрей Белый. –М.: Никитские ворота, 1929. – 189 с.
27. Берггольц Ольга. Разговор о лирике» / Ольга Берггольц. //Литературная газета. – 1953. – № 44; Против ликвидации лирики. //Литературная газета. – 1954. – №129.
28. Бертельс Е. Э. Избранные труды. История персидско-таджикской литературы / Е. Э. Бертельс. – М.: Восточная литература, 1960. – 557 с.

29. Библия.
30. Бобоев Ю. Вступление к литературоведению / Ю. Бобоев. – Душанбе: Ирфон,1974. – 240 с.
31. Бонди С. М. О ритме / С. М. Бонди // Контекст 1976. Литературно-критические исследования. – М.: Наука, 1977. – С. 100-129.

32. Борев Ю. Эстетика / Юрий Борев. – М.: Полит. лит., 1969. – 350 с.

33. Брагинский И. С. Таркиби ғарбӣ-шарқӣ дар лирикаи Гёте ва Пушкин / И.С. Брагинский. // Шарқи Сурх, - 1963. -№7. – 160 с.

34. Брагинский И. С. Из истории таджикской и персидской литературы / И. С. Брагинский. – М.: Наука, 1972. – 524 с.
35. Брагинский И. 12 миниатюр. От Рудаки до Джами / И. Брагинский. – М.: Художественная литература, 1976. – 304 с.
36. Буало. Поэтическое искусство / Буало. – М.: Худ. лит., 1957. – 232 с.
37. Бухштаб Б. Я. А. А. Фет. Очерк жизни и творчества / Б. Я. Бухштаб. –Л.: Наука, 1974. – 136 с.

38. Бушмин А. Преемственность в развитии литературы / А. Бушмин. – Л.: Худ. лит., 1978. – 224 с.

39. Ватвот Рашидаддин. Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър маъа девон. Бо муқаддима муқобила ва тасҳеҳи Саъид Нафисӣ / Рашидаддин Ватвот. – Теҳрон: Китобхонаи Боронӣ, 1339. – 737 с.

40. Виноградов В. В. О теории художественной речи / В. В. Виноградов. – М.: Наука, 1971. – 240 с.
41. Виноградов В.В. Поэтика русской литературы. Избранные труды / В. В. Виноградов. -М.: Наука, 1976. – 511 с.
42. Выготский Л. С. Психология искусства / Л. С. Выготский. –

М.: Искусство, 1986. – 572 с.
43. Гаевский В. Дивертисмент. Судьбы классического балета / В. Гаевский. – М.: Искусство, 1981. – 383 с.
44. Галанов Б. Живопись словом / Б. Галанов. – М.: Советский писатель, 1974.–344 с.
45. Гачев Г. Д. Содержательность художественных форм. Эпос. Лирика. Театр / Г. Д. Гачев. – М.: Искусство, 1968. – 304 с.
46. Гачев Г. Д. Жизнь художественного сознания. Очерки по истории образа. Часть 1 / Г. Д. Гачев. – М.: Искусство, 1972. – 200 с.
47. Гегель. Эстетика. В 4-х томах. Т. 3 / Гегель. – М.: Искусство, 1971. – 620 с.
48. Гинзбург Лидия. О лирике. Издание второе, дополненное / Лидия Гинзбург. – Л.: Советский писатель, 1974. – 408 с.
49. Гиромӣ Баҳром. Гулу гиёҳ дар ҳазор соли шеъри форсӣ (ташбеҳот ва истиорот) / Баҳром Гиромӣ. – Теҳрон: Сухан, 1386. – 526 с.
50. Головенченко Ф. М. Введение в литературоведение. / Ф. М. Головенченко. – М.: Высшая школа, 1964. – 317 с.
51. Гринберг И. Л. Пути советской поэзии / И. Л. Гринберг. – М.: Художественная литература. – 382 с.
52. Гулназар. Қутбии кутби сухан / Гулназар. –Душанбе: Деваштич, 2007. – 74с.
53. Гусев В. И. В середине века / В. И. Гусев. – М.: Советский писатель. – 1967. – 300 с.
54. Деҳхудо Алиакбар. Луғатномаи Деҳхудо. Ривояти дувум. (Маҷмӯаи электронӣ). 1 диски оптикии электронӣ (CD-ROM) Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон.
55. Ермилова Е. В. Метафоризация мира в поэзии XX века / Е. В. Ермилова // Контекст 1976. Литературно-критические исследования. – М.: Наука, 1977. – С. 160-177.

56. Ёҳакӣ Муҳаммадҷаъфар. Чу сабӯи ташна. Адабиёти муосири форсӣ / Муҳаммадҷаъфар Ёҳакӣ. – Теҳрон: Ҷомӣ, 1374. – 384 с.
57. Ёҳаққӣ Муҳаммадҷаъфар. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ. Таҳия бо шарҳу тавзеҳот ва таълиқот Рустами Ваҳҳоб / Муҳаммадҷаъфари Ёҳаққӣ. -Душанбе: Бухоро, 2014. – 748 с.

58. Жирмунский В. Творчество Анны Ахматовой / В. Жирмунский. – Л.: Наука, 1973. – 184 с.
59. Жирмунский В. Теория стиха / В. Жирмунский. – Л.: Советский писатель, 1975. – 664 с.
60. Заробиҳо Муҳаммадиброҳим. Аз давлати Ҳофиз (Тафсири ҷомеъи дувоздаҳғазали Ҳофиз). / Муҳаммадиброҳим Заробиҳо. Теҳрон: Кадевар, 1389. -640 с.
61. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Нақди адабӣ. / Абдулҳусайн Зарринкӯб. –Теҳрон: Сухан, 1374. – 508 с.

62. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Шеъри бе дурӯғ, шеъри бе ниқоб / Абдулҳусайн Зарринкӯб. – Теҳрон: Илм, 1379. – 352 с.
63. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. – 304 с.
64. Ибни Сино. Фанни шеър / Ибни Сино. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 192 с.

65. Ибодиён Маҳмуд. Пешдаромаде ба сабкшиносии адабиёт / Маҳмуд Ибодиён. – Теҳрон: Овои нур, 1372. – 146 с.
66. **Исакова И. Н. Система номинаций литературного персонажа [Электронный** ресурс]. Zzz.dissercat.com
67. Каган М. Морфология искусства. Историко-теоретическое исследование внутреннего строения мира искусств. Часть 1, 11, 111 / М. Каган. –Л.: Искусство, 1972. – 440 с.

68. Кадканӣ Муҳаммадризо Шафеъӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ. / Муҳаммадризо Шафеъии Кадканӣ. – Теҳрон: Интишороти вазорати иттилоот ва култури ҶИЭ, 1368. – 588 с.
69. Каззозӣ Мирҷалолиддин. Парниёни пиндор. / Мирҷалолиддини Каззозӣ. - Теҳрон: Рӯзбеҳ, 1376. -330 с.
70. Кайковус Унсурмаолӣ ибни Искандар. Мунтахаби Қобуснома. Ба эҳтимоми Саид Нафисӣ. / Унсурмаолии Кайковус. – Теҳрон: Чопхонаи Сипеҳр, 1320. – 361с.
71. Карочӣ Рӯҳангез. Фурӯғ, ёғии мағмум / Рӯҳангези Карочӣ. – Эроншаҳр: ҶИЭ, 1376. – 171 с.
72. Кессиди Ф. Х. От мифа к логосу (Становление греческой философии) / Ф. Х. Кессиди. – М.: Мысль, 1972. – 312 с.
73. Кином Қутбӣ. Парвози меҳр / Қутбӣ Киром. – Душанбе: НДТ, 1963. – 108 с.
74. Киром Қутбӣ. Бӯи нон / Қутбӣ Киром. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 84 с.
75. Киром Қутбӣ. Илҳом / Қутбӣ Киром. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 40 с.
76. Киром Қутбӣ. Рези кӯҳсор / Қутбӣ Киром. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 163 с.
77. Киром Қутбӣ. Остони баланд / Қутбӣ Киром. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 175 с.
78. Киром Қутбӣ. Хоки пайвандӣ / Қутбӣ Киром. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 80 с.
79. Киром Қутбӣ. Чашми дил / Қутбӣ Киром. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 192 с.
80. Киром Қутбӣ. Ҷонфидо / Қутбӣ Киром. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 208 с.

81. Кином Қутбӣ. Сангпул / Қутбӣ Киром. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 160 с.
82. Киром Қутбӣ. Сари баланд / Қутбӣ Киром. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 452 с.
83. Киром Қутбӣ. Дили бародар / Қутбӣ Киром. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 224 с.
84. Киром Қутбӣ. ...Ёр меояд / Қутбӣ Киром. – Душанбе: Адиб, 2002. – 128 с.
85. Киром Қутбӣ. Нома аз роҳи дур / Қутбӣ Киром. – Хуҷанд, 2002. – 108 с.
86. Киром Қутбӣ. Минбари виҷдон / Қутбӣ Киром. – Душанбе: Адиб, 2012. – 312 с.
87. Китоби муқаддас.
88. Китобхонаи электроники шеъри форсӣ. «Дурҷи 3» (Маҷмӯаи электронӣ). 3 диски оптикии электронӣ (CD-ROM). – Техрон. 2007.
89. Кляшторина В. Б. Современная персидская поэзия / В. Б. Кляшторина. – М.: Наука,1962. – 148 с.
90. Кляшторина В. Б. Новая поэзия в Иране / В. Б. Кляшторина. – М.: Наука,1975. – 256 с.
91. Контекст 1973. Литературно-теоретические исследования / Под. ред. А. С. Мясникова, П. В. Палиевского, Я. Е. Эльсберга. – М.: Наука, 1974. – 416 с.
92. Корман Б.О. Изучение текста художественного произведения / Б. О. Корман. – М.: Просвещение, 1972. – 110 с.
93. Косидовский Зенон. Библейские сказания / Зенон Косидовский. – Москва: Политическая литература, 1966. – 456 с.
94. Комёр Тақии Ваҳидиён. Фунун ва саноеъи адабӣ. Муаллифони сарсухану тавзеҳотя Урватуллои Тоир ва

Саидмуроди Саидалӣ / Тақии Ваҳидиёни Комёр. – Душанбе: 1993. –52 с.
95. Костин В. Что такое художественный образ / В. Костин. – М.: Советский художник, 1962. –135 с.
96. Қаноат Мумин. Корвони нур / Мумин Қаноат – Душанбе: Ирфон, 1970. – 144 с.
97. Қаноат Мумин. Сарчӯи сабз. Достонҳо ва шеърҳо / Мумин Қаноат. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 176 с.
98. Қаноат Мумин. Осори мунтахаб.Дар ду муҷаллад. Ҷилди якум. Шеърҳо. / Мӯъмин Қаноат. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 208 с.
99. Қаноат Мумин. Осори мунтахаб.Дар ду муҷаллад. Ҷилди дуюм. Достонҳо / Мумин Қаноат. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 208 с.
100. Қаноат Мумин. Шеърҳо ва достонҳо / Мумин Қаноат. – Душанбе: Адиб, 1993. – 176 с.
101. Қаноат Мумин. Ҷонофарин / Мумин Қаноат. – Душанбе: Сарпараст, 2002. – 141 с.
102. Қаноат Мумин. Ойинаи беғубори ман / Мумин Қаноат. – Душанбе: Хазинаи адабии Тоҷикистон, 2002. – 240 с.
103. Қаноат Мумин. Меҳри сипеҳр. Баргузидаи ашъор / Мумин Қаноат. – Душанбе: Адиб, 2007. – 376 с.
104. Лангрудӣ Шамс. Таърихи таҳлилии шеъри нав. Ҷилди аввал / Шамс Лангрудӣ. – Теҳрон: Марказ, 1370. – 652 с.
105. Лангрудӣ Шамс. Таърихи таҳлилии шеъри нав. Ҷилди дувум / Шамс Лангрудӣ. – Теҳрон: Марказ, 1370. – 705 с.
106. Лангрудӣ Шамс. Таърихи таҳлилии шеъри нав. Ҷилди савум / Шамс Лангрудӣ. – Теҳрон: Марказ, 1370. – 785 с.
107. Лангрудӣ Шамс. Таърихи таҳлилии шеъри нав. Ҷилди чорум / Шамс Лангрудӣ. – Теҳрон: Марказ, 1370. – 671 с.

108. Лессинг Г.Э. Лаокоон, или о границах живописи и поэзии / Г. Э. Лессинг.– М.: Художественная литература, 1957. – 519с
109. Лихачев Д. С. Родная земля / Д. С. Лихачев. – М.: Просвещение, 1983. –256 с.
110. Лихачев Д. С. Избранные работы. Т. 1 / Д. С. Лихачев. – М.: Художественная литература, 1987. –656 с.
111. Лихачев Д. С. Избранные работы. Т. 3 / Д. С. Лихачев. – М.: Художественная литература, 1987. –520 с.
112. Лосев А. Ф. Проблема символа и реалистическое искусство / А. Ф. Лосев. – М.: Искусство, 1976. – 368 с.
113. Лосев А. Ф. Знак. Символ. Миф / А. Ф. Лосев. – М.: МГУ, 1982. – 479с.
114. Лотман Ю. М. Анализ поэтического текста / Ю. М. Лотман. – М.: Просвещение, 1972. – 272 с.
115. Маймин Б. А. Русская философская поэзия / Б. А. Маймин. – М.: Наука, 1976. – 190 с.
116. Мандельштам О. Слово и культура / О. Мандельштам. – М.: Советский писатель, 1987. – 320 с.
117. Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. Тартибдиҳанда Ю. Бобоев. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 416 с. / М. Шукуров. Сухан аз лирика ва мазмуни ҳаётии он.
118. Мелетинский Е. М. Поэтика мифа / Е. М. Мелетинский. – М.: Наука, 1976. – 408 с.
119. Мирзо Ғаффор. Асрор. / Ғаффор Мирзо. – Сталинобод: НДТ, 1957. – 156 с.
120. Мирзо Ғаффор. Сесаду шасту шаш паҳлу. Китоби дувум. / Ғаффор Мирзо. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 172 с.
121. Мирзо Ғаффор. Сесаду шасту шаш паҳлу. Китоби севум. / Ғаффор Мирзо. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 148 с.

122. Мирзо Ғаффор. Нору Нур. Шеърҳо ва достонҳо / Ғаффор Мирзо. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 176 с.
123. Мирзо Ғаффор. Ашъори мунтахаб. Китоби аввал. / Ғаффор Мирзо. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 352 с.
124. Мирзо Ғаффор. Ашъори мунтахаб. Китоби дувум. / Ғаффор Мирзо. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 296 с.
125. Мирзо Ғаффор. Ҳангомаи дидор. (Шеърҳо). / Ғаффор Мирзо. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 144 с.
126. Мирзо Ғаффор. Бо изтироби фарзандӣ. / Ғаффор Мирзо. – Душанбе: Адиб, 1999. – 192 с.

127. Михайлов Ал. Лирика сердца и разума / Ал. Михайлов. – М.: Советский писатель, 1965. – 396 с.
128. Мирзоюнус Матлуба. Адабиёти миллӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо. Маҷмӯаи мақолаҳо / Матлубаи Мирзоюнус. – Хуҷанд: Ношир, 2016. – 515 с.
129. Мусулмонқулов Раҳим. Асрори сухан / Раҳим Мусулмонқулов. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 152 с.
130. Мусулмонқулов Раҳим. Фурӯғи шеъри ҷонпарвар / Раҳим Мусулмонқулов. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 223 с.
131. Мусулманкулов Р. Персидско-таджикская классическая поэтика Х-ХУ вв. / Рахим Мусулманкулов. – М.: Наука, 1989. – 240 с.
132. Мусулмониён Раҳим. Лузуми посухи шоирона ба ниёзҳои маънавии мардум дар Тоҷикистон / Раҳим Мусулмониён. Номаи порсӣ. Шумораи севум. 1375. – 320 с.

133. Мухаммедходжаев А. Гносеология суфизма / А. Мухаммеджоджаев. – Душанбе: Дониш, 1990. – 114 с.

134. Мысливченко А. Г. Человек как предмет философского познания / А. Г. Мысливченко. – Москва: Мысль, 1972. – 189 с.

135. Набиев Абдухолиқ. Эҷоди бадеӣ, инсон ва замон / Абдухолиқ Набиев. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 144 с.

136. Навоӣ Абдул Ҳусайн. Риҷоли китоби Ҳабибуссияр. Аз ҳамлаи муғул то марги Шоҳ Исмоили Аввал. / Абдул Ҳусайни Навоӣ. - Теҳрон: Анҷумани осор ва мафохири фарҳангӣ, 1379. – 343 с.

137. Насрулло Камол. Тоҷикистонро дигар қисмат макун. / Камол Насрулло. Душанбе: Адиб, 1996. – 192 с.

138. Нафисӣ Саид. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ. / Саид Нафиси. – Душанбе: Нодир, 2008. – 934с.

139. Небольсин С. К вопросу о классических традициях / С. Небольсин // Контекст 1979. Литературно-критические исследования. – М.: Наука, 1980. – С. 178-209.

140. Нодирпур Нодир. Маҷмӯаи ашъор. / Нодир Нодирпур. - Теҳрон: Нигоҳ, 1381. – 998 с.

141. Нуъмонӣ Шиблӣ. Шеър-ул-Аҷам. Таърихи шуаро ва адабиёти Эрон. Ҷ. 1-2. Тарҷумаи Сайид Муҳаммад Тақии Фахри Доии Гелонӣ / Шиблии Нуъмонӣ. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1368. –Ҷ. 1 –300 с. Ҷ. 2– 367 с.

142. Нуъмонӣ Шиблӣ. Шеър-ул-Аҷам. Таърихи шуаро ва адабиёти Эрон. Ҷ. 3-5. Тарҷумаи Сайид Муҳаммад Тақии Фахри Доии Гелонӣ / Шиблии Нуъмонӣ. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1368. –Ҷ. 3 –204 с. Ҷ. 4– 267 с. –Ҷ. 5 – 204 с.

143. Нуралиев Ю. Луқмони Ҳаким / Ю. Нуралиев. –Душанбе: Ирфон, 1991. – 95с.

144. Нуров Нуралӣ. Авесто ва мероси фарҳангии тоҷикон / Нуралӣ Нуров. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2001. – 162с.
145. Образное слово Блока / Под ред. А. Н. Кожина. – М.:Наука,1980. – 216 с.
146. Овешан А. Шоире дар бурҷи оҷ / А. Овешан. – Истокҳолм: Асри ҷадид, 1368. – 211 с.
147. Османов М. Н. Стиль персидско-таджикской поэзии 1Х-Х вв. / М. Н. Османов. – М.: Наука,1974. – 267 с.
148. Отаханова Х. Пайванди фикр ва эҳсос / Х. Отаханова. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 244 с.
149. Отахонова Х. Раҳим Ҷалил ва эҷодиёти ӯ. Таҳаввули жанри достон дар назми муосири тоҷик. –Душанбе: АИ ҶТ, 2015. – 615 с.
150. Оташӣ Манучеҳр. Маҷмӯаи ашъор. Ҷилди аввал / Манучеҳр Оташӣ. – Теҳрон: Нигоҳ, 1386. –1000 с.
151. Охонниёзов В. Мафҳум ва рамзи рангҳо дар назми классикии форсии тоҷикӣ / В. Охонниёзов. – Душанбе: АИ ҶТ, 2010. – 243 с.
152. Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик. Қисми 2 / Муҳаррирон: Брагинский И. С., Шукуров М., Эдельман А., Хусейнзода Ш. – Сталинобод: НДТ, 1957. – 423 с.
153. Очерк истории таджикской советской литературы / Ред. З. Г. Османова и М. Ш. Шукуров. – М.: Академия наук СССР, 1964. – 480 с.
154. Первин Лоренс А. Равоншиносии шахсият (назария ва таҳқиқ) Тарҷимаи дуктур Муҳаммад Ҷаъфар Ҷаводӣ, дуктур Парвин Кадевар. Чопи дуввум / Лоренс А. Первин. – Теҳрон: Рисо, 1373. – 488 с.
155. Поспелов Г. Н. Проблемы литературного стиля / Г. Н. Поспелов. – М: МГУ, 1970. – 331 с.

156. Поспелов Г. Н. Проблемы исторического развития литературы / Г. Н. Поспелов. – М: Просвещение, 1972. – 272 с.
157. Поспелов Г. Н. Лирика среди литературных родов / Г. Н. Поспелов. – М: МГУ, 1976. – 208 с.
158. Поспелов Г. Н. Теория литературы / Г. Н. Поспелов. – М.: Высшая школа, 1978. – 352 с.
159. Пригарина Н. И. Поэзия Мухаммада Икбала / Н. И. Пригарина. – М.: Наука, 1972. – 196 с.
160. Проблемы романтизма. Т. 2 – М.: Наука, 1971. – 303 с. / Н. Я. Берковский. О романтизме и его первоосновах.
161. Проблемы теории литературы и эстетики в странах Востока. – М.: Наука, 1964. – 340с. / И. С. Брагинский. Изучение вклада народов Востока в мировую эстетическую мысль.
162. Пурномдориён Тақӣ. Тааммуле дар шеъри Аҳмади Шомлу. Чопи аввал. / Тақӣ Пурномдориён. – Теҳрон: Обон, 1357. – 477 с.
163. Пурномдориён Тақӣ. Сафар дар меҳ / Тақӣ Пурномдориён. – Теҳрон: Сухан, 1390. – 592 с.
164. Ракитин В. И. Искусство видеть / В. И. Ракитин. – М.: Знание, 1973. – 126 с.
165. Раҳмонов Ш. Байт ва муносибати он дар шеър / Шоҳзамон Раҳмонов. – Душанбе: Дониш, 1980. – 66 с.
166. Раҳмонов Ш. Мусаммат, таҳаввул ва ташаккули он / Шоҳзамон Раҳмонов. – Душанбе: Дониш, 1987. – 172 с.
167. Раҳмонов Ш. Таҳаввули воҳидҳои лирикӣ / Шоҳзамон Раҳмонов. – Душанбе: Адиб, 1988. – 144 с.
168. Раҳмонов Ш. Шеър ва Айнӣ / Шоҳзамон Раҳмонов. – Душанбе: Маориф, 1994. – 189 с.

169. Раҳмонов Ш. Мулоҳизаҳо аз лирикаи форсӣ-тоҷикӣ / Шоҳзамон Раҳмонов. – Душанбе: Шарқи озод, 1998. – 134 с.
170. Раҳмон Шоҳзамон. Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои лирикӣ дар назми форсу тоҷик / Шоҳзамон Раҳмон. – Душанбе: Пайванд, 2010. – 310 с.
171. Редекер Хорст. Отражение и действие. Диалектика реализма в художественном творчестве / Хорст Редекер. – М.: Прогресс, 1971. – 168 с.
172. Рейснер М. Х. Эволюция классической газели на форси (Х-ХУ века) / М. Х. Рейснер. – М.: Наука, 1989. – 224 с.
173. Риҷоӣ Бухороӣ. Фарҳанги ашъори Ҳофиз / Аҳмад Алии Риҷоии Бухороӣ. – Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1370. – 724 с.
174. Ритм, пространство и время в литературе и искусстве / Под ред., Б. Ф. Егорова, Б. С. Мейлаха, М. А. Сапарова. – Л.: Наука, 1974. – 230 с.
175. Родуёнӣ Муҳаммад бинни Умар. Тарҷумон-ул-балоға. Бо тасҳеҳ ва эҳтимоми профессор Аҳмад Оташ ва интиқоди устод Маликушшуаро Баҳор / Муҳаммад бинни Умари Родуёнӣ. – Теҳрон: Асотир, 1362 ҳ.ш.– 263 с.
176. Розӣ Шамсиддини Муҳаммад ибни Қайс. Алмуъҷам фӣ маойири ашъорил Аҷам. Бо тасҳеҳи аллома Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоби Қазвинӣ ва тасҳеҳи муҷаддади Мударриси Разавӣ ва тасҳеҳи муҷаддади дуктур Сируси Шамисо / Шамсиддини Муҳаммад ибни Қайси Розӣ. – Теҳрон: Илм, 1388. – 640 с.
177. Рӯдакӣ. Шеърҳо / Рӯдакӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 224 с.
178. Рӯдакӣ. Девони одамушшуаро Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ / Рудакӣ . –Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ – тоҷикӣ, 2000. – 190 с.

179. Саидзода Ҷамолиддин. Дунёи шеъри Лоиқ / Ҷамолиддин Саидзода. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 139 с.

180. Сайфуллоев А. Мирзо Турсунзода / А. Сайфуллоев. - Душанбе: Ирфон, 1983. – 464 с.

181. Салимов Ю. Ёдгори умр. Ҷ. 1 / Юсуфҷон Салимов. – Хуҷанд: Нури марифат, 2003. – 564 с.

182. Салимов Ю. Ёдгори умр. Ҷ. 2 / Юсуфҷон Салимов. – Хуҷанд: Нури марифат, 2003. – 488 с.

183. Самарқандӣ Давлатшоҳ. Тазкират-уш-шуаро. Ба ҳиммати Муҳаммади Рамазонӣ / Давлатшоҳи Самарқандӣ. – Теҳрон: Нодир, 1338. – 431 с.

184. Самарқандӣ Низомии Арӯзӣ. Чаҳор мақола / Низомии Арӯзии Самарқандӣ. –Душанбе: Ирфон, 1986. – 180 с.

185. Сатторзода Абдунабӣ. Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ / Абдунабӣ Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2001. – 144 с.

186. Сатторзода Абдунаби. Аристотель и таджикско-персидская мысль (IX – XVвв.) / Абдунаби Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2002. –260 с.

187. Сатторзода Абдунабӣ. Такмилаи бадеъи форсии тоҷикӣ / Абдунабӣ Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2011. –380 с.

188. Сафар Умар. Зистан бо шеър / Умар Сафар. – Душанбе: Андалеб-Р,2015. – 180 с.

189. Сафо Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷ. 5 / Забеҳулло Сафо. – Теҳрон: Фирдавс, 1371. – 636 с.

190. Силман Т. Заметки о лирике / Т. Силман. – М.: Советский писатель, 1977. – 223 с.

191. Сирус Б. Қофия дар назми тоҷик / Баҳром Сирус. – Душанбе: НДТ, 1956. –186 с.

192. Сирус Б. Арӯзи тоҷикӣ / Баҳром Сирус. – Душанбе: НДТ, 1963. –288 с.
193. Сирус Б. Назарияи нави қофиябандӣ дар назми тоҷик / Б. Сирус. – Душанбе: Ирфон, 1972. –48 с.
194. Сквозников В. Д. Реализм лирической поэзии / В. Д. Сквозников. – М.: Наука, 1975. – 368 с.
195. Словарь литературоведческих терминов / Редакторы Л. И. Тимофеев, С. В. Тураев. – М.: Просвещение, 1974.– 509 с.
196. Смена литературных стилей. На материале русской литературы Х1Х-ХХ веков / В. В. Кожинов, С. Г. Бочаров, Е. В. Ермилова, Г. А. Белая и др. – М.: Наука, 1974. – 388 с.
197. Собир Бозор. Пайванд / Бозор Собир. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 68 с.
198. Собир Бозор. Оташбарг / Бозор Собир. – Душанбе: Ирфон, 1974.– 48 с.
199. Собир Бозор. Гули хор / Бозор Собир. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 128 с.
200. Собир Бозор. Мижгони шаб / Бозор Собир. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 181с.
201. Собир Бозор. Бо чамидан, бо чашидан… / Бозор Собир. – Душанбе: Адиб, 1987. – 208 с.
202. Собир Бозор. Чашми сафедор / Бозор Собир. – Душанбе: Адолат, 1991. – 120 с.
203. Собир Бозор. Симхор. Дафтари шеър / Бозор Собир. – Москва: Трансдорнаука, 1999. – 79 с.
204. Собир Бозор. Аз «Гули хор» то «Симхор». (Гулчини шеър) / Бозор Собир. – М.: Интрансдорнаука, 2003. – 255 с.
205. Собир Бозор. Шоиру шеъре агар ҳаст... / Бозор Собир. – Душанбе: Адиб, 2006. – 328 с.

206. Собир Бозор. Хуни қалам. (Гулчини шеър) / Бозор Собир. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 132 с.
207. Соколов Э. В. Культура и личность / Э. В. Соколов. – Л.: Наука, 1972. – 228 с.
208. Солоухин Владимир. Времена года. Картины русской природы / Владимир Солоухин. – М.: Советская Россия, 1964.– 190 с.
209. Стейс В. Т. Ирфон ва фалсафа. Тарҷумаи Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ / В. Т. Стейс. – Теҳрон: Суруш, 1375. – 384 с.
210. Степанов Н. Л. Лирика Пушкина. Очерки и этюды / Н. Л. Степанов. – Москва: Советский писатель, 1959. – 412 с.
211. Степанянц М. Т. Философские аспекты суфизма / М. Т. Степанянц. – Москва: Наука, 1987. – 191 с.
212. Табарӣ. Тарҷумаи тафсири Табарӣ. Ҷамъе аз уламои Мовароуннаҳр. / Табарӣ. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 822 с.
213. Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм / С. Табаров. –Душанбе: Ирфон, 1966. – 324 с.
214. Табаров С. Пайрав Сулаймонӣ / С. Табаров. – Душанбе: Дониш, 2012. – 539 с.
215. Табибӣ Абдулҳаким. Сайри тасаввуф дар Афғонистон / Абдулҳаким Табиӣ. – Кобул: Байҳақӣ, 1356. – 236 с.
216. Тамимдорӣ Аҳмад. Китоби Эрон. Таърихи адаби порсӣ: мактабҳо, давраҳо, сабкҳо ва анвои адабӣ / Аҳмад Тамимдорӣ.– Теҳрон: Алҳудо, 1379 – 289 с.
217. Тейлор Э. Первобытная культура / Э. Тейлор. – М.: ГСЭИ, 1939. – 600 с.
218. Теория литературы. Основные проблемы в историческом освещении. Роды и жанры литературы – М.: Наука, 1964. – 487 с. / В. Д. Сквозников. Лирика.

219. Тимофеев Л. И. Основы теории литературы / Л. И. Тимофеев. – М.: Просвещение, 1966. – 480 с.
220. Томашевский Б. В. Стих и язык / Б. В. Томашевский. – М.:-Л.: Художественная литература, 1968.– 472 с.
221. Томашевский Б. Стилистика и стихосложение / Б. Томашевский. – Л.: Мин. просв. СССР, 1969.– 536 с.
222. Томашевский Б. В. Теория литературы. Поэтика / Б. В. Томашевский. – М.: Аспект Пресс, 2001. – 334 с.
223. Турсунзода М. Асарҳои мунтахаб /М. Турсунзода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ., 1955. – 412 с.
224. Турсунзода Мирзо. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди якӯм / Мирзо Турсунзода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1962. – 268 с.
225. Турсунзода Мирзо. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди дувум / Мирзо Турсунзода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1962. – 284 с.
226. Турсунзода Мирзо. Шеърҳо / Мирзо Турсунзода. Сталинобод: “Шарқи Сурх”, 1962, №5, с. 86-88.
227. Турсунзода Мирзо. Шеърҳо / Мирзо Турсунзода. Сталинобод: “Шарқи Сурх”, 1962, 7, с. 31-33.
228. Турсунзода Мирзо. Шеърҳо / Мирзо Турсунзода. Сталинобод: “Шарқи Сурх”, 1962, №9, с. 3-6.
229. Турсунзода Мирзо. Шеърҳо / Мирзо Турсунзода. Сталинобод: “Шарқи Сурх”, 1963, №5, с. 89-90.
230. Турсунзода Мирзо. Шеърҳо / Мирзо Турсунзода. Сталинобод: “Шарқи Сурх”, 1963, №11, с. 3-4.
231.Турсунзода Мирзо. Ҷони ширин / МирзоТурсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1965. – 98 с.
232.Турсунзода Мирзо. Се нозанини Шарқ / МирзоТурсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 216 с.

233.Турсунзода Мирзо. Куллиёт. Иборат аз 6 ҷид. Ҷ. 1 / МирзоТурсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 328 с.
234.Турсунзода Мирзо. Куллиёт. Иборат аз 6 ҷид. Ҷ. 2 / МирзоТурсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 336 с.
235. Турсунзода Мирзо. Асри ман / МирзоТурсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 352 с.
236.Турсунзода Мирзо. Шеърҳо ва достонҳо / МирзоТурсунзода. – Душанбе: Адиб, 1991. – 320 с.
237.Турсун-заде Мирзо. Пусть всегда будет женщина / МирзоТурсун-заде.– М.: Стилистика, 2001. – 152 с.
238.Турсунзода Мирзо. Ҳамеша бо Ватан / Мирзо Турсунзода. – Душанбе: Адиб, 2004. – 409 с.
239.Турсунзода Мирзо. Гулчини ашъор / Мирзо Турсунзода. – Душанбе: Адиб, 2011. – 430 с.
240. Турсунов Акбар. Эҳёи Аҷам / Акбар Турсунов. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 208 с.
241. Тӯсӣ Хоҷа Насируддин. Асос-ал-иқтибос, бо тасҳеҳи Мударрис Разавӣ / Хоҷа Насируддини Тӯсӣ. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1326. – 634 с.
242.Тӯсӣ Хоҷа Насируддин. Меъёр-ул-ашъор. Мураттибон: Урватуллои Тоир, Мирзо Абдуллоев, Раҳмуддини Ҷалол / Хоҷа Насируддини Тӯсӣ. – Душанбе: Ориёно, 1992.– 152 с.
243.Тынянов Ю. Архаисты и новаторы / Ю. Тынянов. – Л.: Прибой, 1929. – 595 с.
244.Фалакӣ Маҳмуд. Мусиқӣ дар шеъри сапеди форсӣ / Маҳмуд Фалакӣ. – Ҳамбург: Навид, 1989. – 171 с.
245.Фараби Ал. Логические трактаты / Ал – Фараби. – Алма-Ата: Наука, 1975. – 675 с.
246.Фарзона. Шабохуни барқ / Фарзона. – Душанбе: Адиб, 1989. – 128 с.

247.Фарзона. Ояти ишқ / Фарзона. – Душанбе: Адиб, 1994. – 176 с.

248.Фарзона. То бекаронаҳо / Фарзона. – Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 1998. – 220 с.

249. Фарзона. Қатрае аз Мӯлиён. Мунтахаби ашъор дар се муҷаллад. Ҷилди якум / Фарзона. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 510 с.

250. Фарзона. Қатрае аз Мӯлиён. Мунтахаби ашъор дар се муҷаллад. Ҷилди дуюм / Фарзона. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 471 с.

251. Фарзона. Қатрае аз Мӯлиён. Мунтахаби ашъор дар се муҷаллад. Ҷилди сеюм / Фарзона. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 378 с.

252. Фаривар Ҳусайн. Таърихи адабиёти Эрон ва таърихи шуаро / Ҳусайн Фаривар. – Теҳрон: Амири Кабир, 1350. – 369 с.

253. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ / Р. Ҳодизода, М. Шукуров, Т. Абдуҷабборов. – Душанбе: Ирфон, 1976.– 188 с.

254. Фолклори Кӯлоб. Қисми 1 / Тартибдиҳандагон Салоҳиддин Фатҳуллоев, Файзалӣ Муродов.– Душанбе: Деваштиҷ, 2007. – 540 с.

255.Фридлендер Г. М. Поэтика русского реализма. Очерки о русской литературе Х1Х века / Г. М. Фридлендер. – Л.: Наука, 1971. – 295 с.

256. Фурӯғ Холида. Қиёми Митро ва чанд руъёе дер. Чопи дуввум / Холида Фурӯғ. – Кобул: Анҷумани қалами Афғонистон, 1391. –101 с.

257.Хакимов Аскар. Творцы созвучий. Мотивы восточной поэзии. Перевод с таджикского Станислава Золотцева / Аскар Хакимов. – М.: Советский писатель, 1988.– 256 с.

258.Хакимов Аскар. Испытание поэзией. Поэзия Востока: классика и современность. Перевод с таджикского Станислава Золотцева / Аскар Хакимов. – Душанбе: Адиб, 1992. – 240 с.

259. Хусрав Носир. Куллиёт. Девони ашъор / Носири Хусрав. – Душанбе: Эр – граф, 2003. – 956 с.

300. Ҳакимов Аскар. Шеър ва замон / Аскар Ҳакимов. –Душанбе: Ирфон, 1978. – 256 с.

301. Ҳакимов Аскар. Дар қаламрави сухан / Аскар Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 224 с.
302.Ҳаким Аскар. Маҷмӯаи осор. Иборат аз 7 ҷилд. Ҷ.3. Вижагиҳои анвои шеъри ғиноӣ ( дар мисоли шеъри ғиноии тоҷикии нимаи дувуми садаи XX) / Аскар Ҳаким. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 512 с.
303.Ҳаким Аскар. Маҷмӯаи осор. Иборат аз 7 ҷилд. Ҷ.4. Тадқиқоти илмӣ, нақди адабӣ, мақолаҳо / Аскар Ҳаким. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 564 с.
304. Ҳаким Аскар. Маҷмӯаи осор. Иборат аз 7 ҷилд. Ҷ.5. Мақолаҳо, чеҳраҳои адабӣ, мусоҳибаҳо / Аскар Ҳаким. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 652 с.
305.Ҳамроев Ҷ. Таърихи адабиёти навини тоҷик / Ҷумъақул Ҳамроев. – Тошканд: Тамаддун, 2015. – 544 с.
306.Ҳофиз Шамсиддин Муҳаммад. Куллиёт / Шамсиддин Муҳаммади Ҳофизи Шерозӣ. –Теҳрон: Замон, 1379/2001, – 360 с.

307.Ҳодизода Расул. Аз гузашта ва ҳозираи адабиёти тоҷик ( Маҷмӯаи мақолаҳо) / Расул Ҳодизода. –Душанбе: Ирфон, 1974. – 143 с.
308.Ҳодизода Расул. Тасаввуф дар адабиёти форс-тоҷик / Расул Ҳодизода –Душанбе: Адиб, 1999. – 187 с.
309. Ҳусайнӣ Атоулло Маҳмуд. Бадоеъ-ус-саноеъ. Бо сарсухан, тавзеҳот ва таҳрири Раҳим Мусулмонқулов. / Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ. –Душанбе: Ирфон, 1974. –224 с.
310.Ҳусайнӣ Ҳасан. Бедил, Сипеҳрӣ ва сабки ҳиндӣ / Ҳасан Ҳусайнӣ. – Теҳрон: Суруш, 1367. – 152 с.
311. Ҳусейнзода Ш. Баҳс ва андеша / Ш. Ҳусейнзода –Душанбе: Ирфон, 1964.

312. Ҳусейнзода Ш., Шарифов Х. Мақоми Ибни Сино дар таърихи адабиёти тоҷик / Ш. Ҳусейнзода, Х. Шарифов –Душанбе: Маориф, 1985. – 118 с.

313. Ҳусейнзода Ш. Гуфтор аз ганҷи сухан / Ш. Ҳусейнзода – Душанбе: Ирфон, 1985.

314. Ҳусейнзода Ш. Ҳабдаҳ мақола. / Ш. Ҳусейнзода –Душанбе: Ҳумо, 2007. – 347 с.

315.Чадвик Чарлз. Самболизм. Тарҷумаи Маҳдӣ Саҳобӣ. / Чарлз Чадвик. – Теҳрон: Марказ, 1375. – 88 с.

316.Чичерин А. В. Идеи и стиль. О природе поэтического слова / А. В. Чичерин. – М.: Советский писатель, 1968. – 374 с.

317.Чичерин А. В. Стиль лирики Тютчева / А. В. Чичерин // Контекст 1974. Литературно-критические исследования. – М.: Наука, 1975. – С. 275– 294.

318.Чичерин А. В. Ритм образа. Стилистические проблемы / А. В. Чичерин. – М.: Советский писатель, 1978. – 279 с.

319.Чичерин А. В. Очерки по истории русского литературного стиля / А. В. Чичерин. – М.: Художественная литература, 1985. – 447 с.

320.Шаъбонӣ Ризо. Одоб ва русуми Наврӯз / Ризо Шаъбонӣ. – Душанбе: Пайванд, 2011. –259 с.

321. Шакурӣ Муҳаммаҷон. Хуросон аст ҷо. Маънавиёт, забон ва эҳёи миллии тоҷикон / Муҳаммаҷон Шакурӣ. – Душанбе: Фарҳанги ниёкон, 1996. – 326 с.

322. Шакурӣ Муҳаммадҷони Бухороӣ. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. / Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ, 2006. – 456 с.

323. Шамисо Сирус. Сайри ғазал дар шеъри форсӣ / Сирус Шамисо. – Теҳрон: Фирдавс, 1369 – 312 с.

324.Шамисо Сирус. Куллиёти сабкшиносӣ / Сируси Шамисо.– Теҳрон: Фирдавс, 1373. – 330 с.

325.Шамисо Сирус. Сабкшиносии шеър / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Фирдавс, 1376 – 432 с.

326.Шамисо Сирус. Нигоҳе тоза ба бадеъ / Сируси Шамисо.– Теҳрон: Фирдавс, 1381. – 214 с.

327.Шамисо Сирус. Ошноӣ бо арӯзу қофия / Сируси Шамисо.– Тегеран: Фирдавс, 1381. – 150 с.

328.Шамисо Сирус. Баён / Сируси Шамисо.– Теҳрон: Фирдавс, 1381. – 328 с.

329.Шамисо Сирус. Нигоҳе ба Сипеҳрӣ / Сируси Шамисо.– Теҳрон: Садои муосир, 1382 – 409 с.

330.Шамисо Сирус. Анвои адабӣ / Сируси Шамисо.– Теҳрон: Фирдавс, 1383. – 374 с.

331. Шарифзода Худоӣ. Маънавият ва ҷаҳони зоҳирӣ / Худои Шарифзода. –Душанбе: Адиб, 2012. – 351с.

332. Шарифзода Худоӣ. Сездаҳ мақола / Худоӣ Шарифзода. – Душанбе: 2013. – 271с.

333.Шарифов Худоӣ. Услуб ва камолоти сухан / Худоӣ Шарифов. –Душанбе: Ирфон, 1985. – 176 с.

334.Шарифов Худоӣ. Каломи бадеъ / Худоӣ Шарифов. –Душанбе: Маориф, 1991. – 160 с.

335.Шарифов Худоӣ. Озурдагон ва умедворон / Худоӣ Шарифов. – Душанбе: Сино, 2001. – 195 с.

336.Шарифов Худоӣ. Савти Аҷам / Худоӣ Шарифов. –Душанбе: 2002. – 208 с.

337.Шарифов Худоӣ. Назарияи наср / Х. Шарифов. –Душанбе: Пайванд, 2004. – 319 с.

338.Шарифов Худоӣ. Рози ҷаҳон / Худоӣ Шарифов. –Душанбе: Нодир, 2004. – 353 с.

339. Шарифов Х. Сухан аз адабиёти миллӣ. (маҷмӯаи мақолаҳо). / Х. Шарифов. –Душанбе: Пайванд, 2009. – 476 с.

340. Шералӣ Лоиқ. Сари сабз / Лоиқ. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 80 с.

341. Шералӣ Лоиқ. Илҳом / Лоиқ. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 48 с.

342. Шерали Лоик. Улыбка зари. Перевод с таджикского / Лоик Шерали. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 88 с.

343. Шералӣ Лоиқ. Нӯшбод / Лоиқ. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 128 с.

344. Шералӣ Лоиқ. Соҳилҳо / Лоиқ. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 80 с.

345.Шералӣ Лоиқ. Хоки ватан / Лоиқ Шералӣ. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 160 с.

346.Шералӣ Лоиқ. Резаборон / Лоиқ. – Душанбе: Маориф, 1976. – 48 с.

347.Шералӣ Лоиқ. Марди роҳ / Лоиқ. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 232 с.

348.Шералӣ Лоиқ. Вараќи санг / Лоиқ. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 272 с.

349.Шералӣ Лоиқ. Хонаи чашм / Лоиқ. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 384 с.

350. Шерали Лоик. Встречаю солнце. Стихи. Перевод с таджикского / Лоик Шерали. – М.: Художественная литература, 1983. – 224 с.

351.Шералӣ Лоиқ. Хонаи дил / Лоиқ. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 464 с.

352.Шералӣ Лоиқ. Офтобборон / Лоиқ Шералӣ. –Душанбе: Адиб, 1988. – 526 с.

353. Шералӣ Лоиқ. Ману дарё. Ашъори барчида / Лоиқ. – Душанбе: Адиб, 1991. – 304 с.

354.Шералӣ Лоиқ. Ҷоми саршор  / Лоиқ. – Душанбе: КМ ПКТ, 1991. – 192 с.
355.Шералӣ Лоиқ. Фарёди бефарёдрас / Лоиқ. – Душанбе: Адиб, 1997. – 240 с.
356. Шералӣ Лоиқ. Ангорҳо. Гулчини ашъор / Лоиқ. – Душанбе: Адиб, 2001. – 112 с.
357. Шералӣ Лоиқ. Куллиёт. (Иборат аз ду ҷилд). Ҷилди 1 (Китоби якум) / Лоиқ Шералӣ. –Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 2001. – 724с.
358. Шералӣ Лоиқ. Куллиёт. (Иборат аз ду ҷилд). Ҷилди 1 (Китоби дувум) / Лоиқ Шералӣ. –Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 2001. – 712 с.
359. Шералӣ Лоиқ. Девони дил / Лоиқ. – Душанбе: Адиб, 2006. – 492 с.
360. Шерозӣ Саъдӣ. Мунтахаби куллиёт / Саъдии Шерозӣ. – Сталинобод: НДТ, 1956.– 435 с.
361. Шеърдӯст Алиасғар. Шеъри мусири Эрон / Алиасғар Шеърдӯст. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ. – 2012. – 476 с.
362. Шидфар Б. Я. Образная система арабской классической литературы (Х1-Х11вв) / Б.Я. Шидфар. – М.: Наука, 1974. – 286 с.
363. Шукуров М. Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ / Муҳаммадҷон Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 160 с.
364. Шукуров М. Паҳлуҳои тадқиқи бадеӣ / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 273 с.
365. Шукӯҳӣ Аминҷон. Садои дил / Аминҷон Шукӯҳӣ. – Душанбе: НДТ, 1957. – 227 с.
366. Шукӯҳӣ Аминҷон. Кӯчабоғи ошиқон / Аминҷон Шукӯҳӣ. – Душанбе: НДТ, 1962. – 71 с.

367. Шукӯҳӣ Аминҷон. Нафаси гарм / Аминҷон Шукӯҳӣ. – Душанбе: НДТ, 1964. – 192 с.
368. Шукӯҳӣ Аминҷон. Илҳом / Аминҷон Шукӯҳӣ. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 40 с.
369. Шукӯҳӣ Аминҷон. Арзи қалам / Аминҷон Шукӯҳӣ. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 232 с.
370. Шукӯҳӣ Аминҷон. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди I / Аминҷон Шукӯҳӣ. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 400 с.
371. Шукӯҳӣ Аминҷон. Шохаи райҳон / Аминҷон Шукӯҳӣ. – Душанбе: Адиб, 2003. – 128 с.
372. Эглетон Терри. Пешдаромаде ба назарияи адабиёт. Тарҷумаи Аббос Мухбир / Терри Эглетон. – Теҳрон: Марказ, 1368. – 322 с.
373. Эйхенбаум Б. Михаил Юрьевич Лермонтов. 1814–1841. Жизнь и творчество. М.: комитет по делам искусств при Совете Министров РСФСР, 1947. – 18 с.
374. Эйхенбаум Б. О поэзии / Б. Эйхенбаум. – Л.: Советский писатель, 1969. – 552 с.
375. Эпштейн М. Н. Природа, мир, тайник вселенной. Система пейзажных образов в русской поэзии / М. Н. Эпштейн. – М.: Высшая школа, 1990. – 304 с.
376. Юшиҷ Нимо. Ҳарфҳои ҳамсоя / Нимо Юшиҷ. – Порис: Ховарон, 1328. – 164 с.
377. Юшиҷ Нимо. Арзиши эҳсосот ва панҷ мақола дар шеъру намоиш / Нимо Юшиҷ. – Теҳрон: Гутенберг, 1351. – 134 с.

## МУНДАРИҶА

Муқаддима....................................................................
Боби 1. Шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ.......................
Боби 2. Шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ........
Боби 3. Шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ.....................
Боби 4. Шеъри ғиноии шахсиятӣ...................................
Боби 5. Шеъри ғиноии ҳикоятӣ.....................................
Хулоса..........................................................................
Рӯихати адабиёт..............................................................

**АСКАР ҲАКИМ**

**Вижагиҳои анвои шеъри ғиноӣ (дар мисоли шеъри ғиноии тоҷикии нимаи дувуми садаи XX)**

Муҳаррир:
Муҳаррири техникӣ:
Мусаҳҳеҳ:

Ба матбаа санаи ........ супорида шуд. Ба чопаш .......
имзо шуд. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи шартии чопӣ ......
Андозаи ..... Гарнитураи ҳуруф «Times New Roman Tj».
Супориши..... Теъдод .... нусха.
Нархаш шартномавӣ.

Матбааи ....
..... Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш....., кӯчаи .....
Тел.:
......

Аннотацияи

монографияи “Вежагиҳои анвои шеъри ғиноӣ (дар мисоли шеъри ғиноии тоҷикии нимаи дувуми садаи ХХ) Аскар Ҳаким, ходими калони илмии ИЗА ба номи Рӯдакии АУ ҶТ

Монографияи Аскар Ҳаким “Вежагиҳои анвои шеъри ғиноӣ” (дар мисоли шеъри тоҷикии ғиноии нимаи дуюми садаи ХХ) рисолае мебошад, ки

шеъри замони мазкурро аз нигоҳи тамоман нав, ки дар адабиётшиносии тоҷикӣ собиқа надорад, ба риштаи тадқиқу баррасӣ гирифтааст. Он шеъри ин давраро аз ҷиҳати бунёдиаш – мақоми андешаву эҳсосот, тавсифу тасвир, шахсият ва воқеаву ҳикоят тадқиқ менамояд, ки махсусиятҳои навъии онро кашф кунад. Он аз панҷ боби муфассал иборат буда, дар асоси дастовардҳои навтарини илми адабиётшиносии тоҷик, рус ва халқҳои дигар навишта шудааст. Дар муқаддимаи рисола мухтасар дар бораи пайдоиши шеър ва ба анвои гуногун ҷудо шудани он, мавқеи шахс, шоир ва ашё, ки ба мундариҷаи шеър ворид мешаванд, сухан меравад. Баъдан дар бобҳои алоҳидаи рисола – “Шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ”, “Шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ”, “Шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ”, “Шеъри ғиноии шахсиятӣ” ва “Шеъри ғиноии ҳикоятӣ” мавзӯъҳои зикршуда муфассал баррасӣ мегарданд. Онҳо дар мисоли шеъри тоҷикии ғиноии нимаи дуюми садаи бист – эҷодиёти дурахшонтарин намояндагони он Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Мӯъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Фарзона аз ҷиҳати таърихӣ давра ба давра ба тадқиқи омада, муҳимтарин махсусиятҳои он нишон дода шуда, дар ин асос хулосаҳои илмиву назарӣ бароварда мешавад, ки барои таҳлилу тадқиқи минбаъдаи шеър ҳамчун замина ба истифода рафтанаш мумкин аст. Монография асоси муътамади назариву илмӣ дошта, қазияҳои худро дар асоси таҳлилҳои амиқ ва ҳамаҷонибаи ашъори ин давра ба исбот мерасонад. Ин тадқиқот барои донишмандон, устодони донишгоҳҳо, донишҷӯён ва муҳаққиқони шеър воситаи хуби таълиму тадқиқ ва омӯзиш қарор гирифтанаш мумкин аст.

**Тақриз**

**ба монографияи Аскар Ҳаким “Вижагиҳои анвои шеъри ғиноӣ” (дар мисоли шеъри ғиноии тоҷикии нимаи дувуми садаи XX). – с.**

“Вежагиҳои анвои шеъри ғиноӣ” (дар мисоли шеъри тоҷикии нимаи дуюми садаи XX) таҳқиқоте мебошад, ки масъалаи мазкурро ҳам аз ҷиҳати назария ва ҳам амалия дар шеъри муосири тоҷик баррасӣ менамояд. Ин масъалаест, ки дар илми адабиётшиносӣ ва накду тадқиқи шеър аввалин бор мавриди омӯзиш қарор гирифта, оид ба он ҳам аз ҷиҳати назария ва ҳам амалия ақидаҳои муҳими илмӣ баён карда мешаванд, ки махсусияти анвои шеъри ғиноиро инъикос менамоянд. Ҳамчунонки маълум аст, тадқиқи махсусиятҳои шеъри ғиноӣ басо мураккаб буда, омодагии фаровони илмӣ ва назариро талаб дорад, ки дар ин соҳа фикри муҳиме баён карда шавад. Муаллифи рисола шеъри ғиноии давраи мазкурро аз рӯи муҳимтарин махсусиятҳояш ба панҷ навъи асосӣ тақсим ва таҳлил мекунад, ки онҳо шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ, шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ, шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ, шеъри ғиноии шахсиятӣ ва шеъри ғиноии ҳикоятӣ унвон шудаанд. Аз худи ба чунин анвоъ ҷудо кардани ашъори муосир ҳам ба назар мерасад, ки он дар илми адабиётшиносии тоҷик аввалин бор ба ҷо оварда шудааст. Муаллиф дар натиҷаи аз рӯи муҳимтарин махсусиятҳо омӯхтани таркиби шеър ба чунин тақсимбандӣ расидааст. Дар асар қайд карда мешавад, ки ба анвои гуногун ҷудо шудани шеър ба асоситарин ашёи он – ба чигунагии андеша, эҳсосот, тасвир, шахсияти шоир ва шахсиятҳои дигару ҳикояте, ки дар он ҷой мегирад, вобаста мебошад. Маҳз ҳаминҳо ҳастанд, ки бунёди ба чӣ навъ сурат гирифтани шеърро таъмин мекунанд ва аз ин рӯ агар шеър аз ҳамин дидгоҳ ба таҳқиқ гирифта шавад, махусияти бунёдии он кашф хоҳад шуд.

Дар ин асари таҳқиқотӣ шеъри тоҷикии нимаи дуюми садаи XX, ки дар ҳақиқат даврони пурмаҳсули шеъри муосир мебошад, дар мисоли дурахшонтарин

намояндагони он, ки ба наслҳои гуногуни шоирон тааллуқ дошта, аз устод М. Турсунзода то Фарзонаро дар бар мегирад, ба тадқиқ гирифта шудааст. Дар ҳар боби ин асар эҷодиёти шоирони мумтози ин давра – Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Мӯъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Фарзона аз ҷиҳати таърихӣ давра ба давра таҳлилу баррасӣ гашта, муҳимтарин махсусиятҳои он нишон дода, дар ин асос хулосаҳои илмиву назарӣ бароварда мешавад, ки барои таҳлилу тадқиқи минбаъдаи шеър маводи зарурӣ дода метавонад. Ин гуна равиш ва хулосаҳои илмӣ барои тадқиқи шеър дар оянда дастури муҳиме мешаванд ва барои нишон додани ҷиҳатҳои боз ҳам тозаи он мадад мерасонанд.

Дар боби аввали таҳқиқот "Шеъри андешаҳои отифӣ" ашъори шоирони зикршуда аз ҷиҳати инъикоси андешаҳои отифӣ, ки аз ҷониби шахсияти шеър баён мешавад, ба таҳқиқи гирифта шуда, махсусияти андешаҳои отифии ҳар шоир аз Мирзо Турсунзода сар карда то Фарзона муайян карда мешавад. Дар баробари ин мавқеи шахсият дар шеър, ки дар тимсоли шахси шоир, "ман"-и ғиноӣ, муаллиф ё дигар ашхос зуҳур мекунанд, нишон дода шуда, мақоми онҳо дар эҷодиёти ҳар шоир баррасӣ мегардад. Ҳамин тариқ, дар бобҳои дигар низ – "Шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ", "Шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ", "Шеъри ғиноии шахсиятӣ" ва "Шеъри ғиноии ҳикоятӣ" бо таҳлили муфассали онҳо дар эҷодиёти ҳар шоири зикршуда ва махсусияти ҳар яки онҳо дақиқан ба тадқиқ меояд.

Азбаски ин асари таҳқиқотӣ хусусияти таърихӣ низ дорад, эҷодиёти шоирони номбаршуда аз ҷиҳати мавзӯи тадқиқ аз аввали даҳсолаи нимаи дуюми садаи бист давра ба давра аз назар гузаронида шуда, махсусияти эҷодии онҳо дар он низ муайян карда мешавад. Шоироне, ки эҷодиёташон дар ин ҷо таҳлил мегардад, равияи асосии шеъри муосири тоҷикро нишон медиҳанд, аз ин рӯ ин тадқиқот дар оянда барои эҷод кардани таърихи таҳаввули шеъри муосир, ки як қисмати муҳимтарини адабиёти муосири тоҷикро ташкил медиҳад, фаровон ба истифода рафтанаш мумкин аст. Ба ғайр аз ин, тадқиқоти мазкур барои эҷоди асарҳои таҳлилии дигар оид ба шеъри муосири тоҷик заминаи хубе шуда, барои

кашфи махсусиятҳои муҳими шеъри замон мадад мерасонад. Асари мазкур на танҳо ба олимони соҳаи адабиёт, балки барои донишҷӯён, мухлисони шеър барои дарёфтани ҳунари шеър, махсусиятҳо ва зебоиҳои ҳунариву забониву сабкии он хидмати босазоеро ба ҷо меорад. Аз ин рӯ, нашри тадқиқоти мазкур ниҳоят зарур ва барои илми адабиётшиносии тоҷик дастоварди назаррас маҳсуб мегардад.

Доктори ими филология, профессор Умар Сафар

Тақриз

ба монографияи Аскар Ҳаким "Вижагиҳои анвои шеъри ғиноӣ" (дар мисоли шеъри ғиноии тоҷикии нимаи дувуми садаи XX). – саҳ.

Ин асари таҳқиқотии Аскар Ҳаким ба масъалаи бисёр ҷолиб ва зарурии илми шеър бахшида шуда, аз ҷиҳати назарӣ, тадқиқи амалии ҳамаҷониба ва муназзами анвои шеъри ғиноӣ дар мисоли шеъри ғиноии тоҷикии нимаи дувуми садаи XX дар навъи худ ягона мебошад, зеро то ҳол шеъри муосири тоҷик аз ин ҷиҳатҳо ба таҳлили илмӣ гирифта нашудааст. Дар ин асар шеъри муосири тоҷик аз назари муҳтаво, хусусияти андешаву эҳсосоти отифӣ, тавсифу тасвир, ҳикоят, сабку забон ба тадқиқ омадааст. Монография аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва рӯихати адабиёт иборат мебошад. Хулосаҳои назариву илмии он хеле муътамад буда, дар дараҷаи баланд қарор доранд.

Ин тадқиқот аз он ҷиҳат бисёр муҳим аст, ки шеъри ғиноии ин марҳаларо дар мисоли эҷодиёти дурахшонтарин чеҳраҳои он – Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва Фарзона баррасӣ карда, вежагиҳои навъии онро нишон медиҳад.

Ҳар боби ин рисола ба масъалаҳое, ки дар илми адабиётшиноии тоҷик тамоман нав аст, бахшида шуда, онро аз ҷиҳати назариву амалӣ ба тадқиқ мерасонад. Ҳамин тариқ, дар илми адабиётшиносии тоҷик аввалин бор шеър ба анвои шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ, андешаҳои отифии тасвирӣ, тавсифиву тасвирӣ, шахсиятӣ ва ҳикоятӣ тақсимбандӣ ва баррасӣ карда мешавад. Дастовардҳое, ки шеъри ин давра дорад, намунаи беҳтарини шеъри муосири тоҷик ба ҳисоб меоянд, ки бо эҳсосоти баланд ва андешаҳои акмиқ гуфта шудаанд. Таҳлилу тадқиқи онҳо барои мустаҳкам кардани равандҳои инкишофи он мадад мерасонанд.

Дар муқаддимаи монография аҳамияти илмиву назарӣ ва амалии тадқиқот асоснок карда шуда, маълумоти фаровоне дар бораи ақоиди шеършиносӣ, ки дар илми пешини классикии тоҷик вуҷуд дошт, ба таҳлил гирифта шуда, дастовард ва дар айни ҳол камбуди он нишон дода мешавад. Боби аввал “Шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ” унвон шудааст, ки мушаххасоташ дар мақоми аввал доштани андешаву эҳсосоти отифӣ буда, бештар ба ҷаҳони ботинии инсон ва шахсияти шеър тааллуқ мегирад. Аз ҳамин дидгоҳ шеъри ғиноии андешаҳои отифии шуарои мазкур, ки номашон дар боло зикр шуд, тадқиқ гашта, ғановат ва гуногунпаҳлуии ҷаҳони ботинии шахсияти шеъри онҳо нишон дода мешавад. Муаллиф дар рисола ба андешае мерасад, ки дар охири садаи бист ҷаҳони инсон дар ашъори ғиноӣ бештар ҷолиб, гуногунпаҳлу ба тасвир омадааст, ки маҳсули худҷӯиву худшиносӣ ва худтаҳлилии шахсияти шеъри муосир мебошад. Дар боби дувум, ки “Шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ” номида шудааст, навъи шеъре, ки дар он дар баробари андешаву эҳсосоти отифӣ аносири олами ашё ҳамчун воситаи тасвир иштирок мекунанд, таҳлил карда мешавад. Дар ин ҷо тасвир мақоми ёрирасон дошта, барои маҳсусу малмус ифода кардани муҳтаво

хидмат мекунад. “Шеъри ғиноии тавсифиву тасвирӣ” номгузорӣ шудааст боби севуми рисола, ки дар он тавсифу тасвир дигар вазифаи ёрирасонӣ надошта, муҳтавои шеърро бевосита дар худ мегунҷонад. Ин навъи шеър, ки дар ҷомеаи пешрафта мақом пайдо мекунад, далели он аст, ки дар ҷомеаи нимаи дувуми садаи бисти тоҷик ҳам пешрафтҳои на танҳо иҷтимоӣ, балки адабиву бадеӣ низ мавҷуд мебошанд. Дар боби чаҳоруми рисола “Шеъри ғиноии шахсиятӣ” ашъоре мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд, ки онҳо ба шахсиятҳои дурахшони таърихиву давлатӣ, адабиву фарҳангиву маънавӣ бахшида шуда, симо ва мақоми онҳоро дар ҷомеаи дирӯзу имрӯз ба равшанӣ нишон медиҳад. Боби чаҳоруми рисола “Шеъри ғиноии ҳикоятӣ” унвон шуда, дар он ашъоре, ки дар асоси ҳикоят сохта мешавад, таҳлил ва анвои гунгоуни он баррасӣ мегардад. Таъкид мешавад, ки дар он аз тарзи диди вуқӯъгаро, хаёлпарастона, фантастикӣ, маҷозӣ истифода шуданаш мумкин аст, ки онро ба ҳаррангӣ ва густардагии домони ҳикоят мерасонад. Дар хулосаи тадқиқот муаллиф ақидаҳои худро ҷамъбаст карда,  ба андешае мерасад, ки шуарои давраи баррасишаванда намунаҳои беҳтарини шеъри ғиноиро ба вуҷуд овардаанд, ки онҳо хазинаи бадеии адабиёти муосирро пурбор гардонида, роҳҳои рушду нумувви ояндаи онро равшан намудаанд.

Дар бораи ин тадқиқот дар маҷмӯъ бояд қайд кард, ки он дастоварди муҳими илми адабиётшиносии тоҷик мебошад ва дар навъи худ ягона тадқиқотест, ки як давраи бузурги адабиро бо таҳлили эҷодиёти дурахшонтарин чеҳраҳои он ба иҷро расонидааст. Ин тадқиқот барои ба вуҷуд омадани асарҳои дигар, ки ба баррасии шеъри муосир бахшида мешаванд, заминаи назариву илмӣ муҳайё кардааст. Аз ин рӯ, нашри он барои донишмандон, устодони донишгоҳҳо, донишҷӯён ва тамоми дилбастагони шеъру таҳқиқи он ниҳоят зарур аст ва ҳамаҷониба истифода хоҳад шуд.

Шамсиддин Муҳаммадиев, номзади илмҳои филологӣ